Дар суханронии хеш дар конфронси байналмилалӣ оид ба ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намуд: «Яке аз мушкилоти рушди соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ норасоии техникаву технологияи муосир буда, дар ин ҷода зарурати рушди фаъолияти лизингӣ ба миён омадааст. Бинобар ин, ба Вазоратҳои молия, адлия, кишоварзӣ, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ҷиҳати фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқии воридот ва истифодаи техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ тавассути лизинг чораҳои муассири иловагӣ андешанд. Инчунин бояд механизми фаъолияти лизингӣ (муҳлат, пешпардохти қисми арзиш, фоизҳои маблағ) бо дарназардошти фароҳам овардани сабукӣ ба кишоварзон такмил дода шавад» [5].

Бе мавҷудияти ин фишангҳо васеъ намоии содирот ба ҷоришавии захираҳо, исрофкории захираҳо ва маблағҳо оварда мерасонад.

**АДАБИЁТ**


1. Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан / Под общей редакцией Л.Х. Саидмурадова. –Душанбе: Ирфон, 2006.
2. Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015// Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2003.
3. Барномаи рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2006 №299 тасдиқ шудааст.
4. Социализм: Назария ва амалия. 1999. -№3-4.
5. Газетаи Ҷумҳурият. 19 апрели соли 2011. -№54-55.


**ОЦЕНКА ЭКПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА И ПУТИ ЕГО ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ**


Экспортный потенциал республики зависит от состояния национальной экономики и от влияния экспорта в сфере национального производства. Поэтому, Правительство Республики Таджикистана применяет необходимые меры во всех отраслях национальной экономики, в том числе и в сфере экспорта. Без применения данных рычагов увеличение экспорта приведет к истоку запасов, расточительство запасов и средств.



**Ключевые слова:** экспортный потенциал, экспортный сектор, национальная экономика, внешненеэкономическая деятельность, заинтересованность экспортного сектора.


**ASSESST OF EXPORT POTENTIAL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE WAYS OF ITS EFFECTIVE USE**


The export potential of republic depends on national economy condition and export influence in national industry sector. Therefore, the Government of the Republic of Tajikistan applies necessary measures in all sectors of national economy, including in export sector. Without application of the given levers the export increase will lead to a source of stocks, waste of sources and means.



**Key words:** export potential, export sector, national economy, external economy activity, stimulation of the export, export sector interest.



**Сведения об авторе:** ***Х.О. Худоиев*** – аспирант кафедры международных экономических отношений Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 935-93-23-30**


## ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД


***А.С. Насриддинов***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Маълум аст, ки Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар радифи Маҳсулоти умуми дохилӣ (МУД) на танҳо нишондиҳандаҳои муҳимтарини иқтисодии мамлакат ба

ҳисоб меравад, балки тавсифкунандаи рушди иқтисодии минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти иқтисодӣ бисёр таърифҳои мафҳуми Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мавҷуданд, ки ҳамаи онҳо на танҳо ба ҳамдигар алоқаманд, балки пуркунандаи ҳамдигар низ мебошанд ва гузашта аз ин, дар аксари маврид ба ҳам хеле наздиканд.

Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ин тавсифкунандаи натиҷаи истеҳсоли молу хизматҳо дар алоқамандӣ бо методологияи умумии Системаи ҳисобҳои миллӣ (СҲМ) [1] мебошад. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар сатҳи минтақавӣ ҳамчун фарқи истеҳсолот ва истеъмоли мобайнӣ ҳисоб карда мешавад. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ аз рӯйи мазмуни иқтисодӣ ба нишондиҳандаи маҳсулоти умумии дохилӣ комилан мувофиқ аст, яъне дар худ арзиши ниҳоии молҳо ва хизматҳо, воҳидҳои иқтисодӣ, ки намояндаи минтақаи мазкур мебошанд, инъикос менамоянд.

Дар асоси методологияи СҲМ нишондиҳандаи ҳамбастагии рушди иқтисодиёти минтақа – Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ҳисобу китоб карда мешавад.

Унсурҳои ҷудогонаи Маҳсулоти умумии дохилиро дар айни замон дар сатҳи минтақавӣ ҳисобу китоб кардан ғайриимкон аст, бинобар ин, онҳо дар ҳисоб танҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, ҳамроҳ карда мешаванд.

Ислоҳоти иқтисодии дар сатҳи ҷумҳурӣ амалишуда ба он боис гардид, ки дар баробари дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар вилояти Суғд низ суръати рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ назаррас шуданд. Таносуби муносибати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ самарабахшии сиёсати иқтисодиро нишон медиҳанд. Фаъолгардонии сиёсати рушди босуботи иқтисодиёт дар вилоят имкон медиҳад, ки соҳаҳои иҷтимоӣ – иқтисодии вилоят ба дастовардҳои назаррасе ноил гарданд.

Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд дар соли 2012 аз рӯйи маълумотҳои оморӣ 8749,8 млн сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2011 бо нархҳои муқоисавӣ 108,1% ва бо нархҳои доимӣ соли 2012 нисбати соли 2005 165,2% ташкил медиҳад. Ҳиссаи истеҳсоли молҳо дар сохтори Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилоят дар соли 2012 57,3% (5013,7 млн сомонӣ) ҳиссаи хизматрасонӣ 40,0% (3499,9 млн сомонӣ) ва андоз аз маҳсулот 2,7% (236,2 млн сомонӣ)-ро ташкил медиҳад, ки сохтори он дар диаграммаи зерин нишон дода шудааст.

**Ҳиссаи соҳаҳои иқтисодиёт дар Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд дар соли 2012**




Диаграммаи № 1. Маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз сабаби оне ки Тоҷикистон ҷумҳурии аграрӣ мебошад, аз ин рӯ, ҳиссаи бештарро дар сохтори Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилоят соҳаи кишоварзӣ ишғол мекунад (26,5%). Истеҳсоли Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилоят дар солҳои 2005 ва 2012 дар гистограммаи зерин нишондода шудааст:



*Гистограммаи № 1. Ҳаҷми истеҳсоли ММM вилояти Суғд дар солҳои 2005-2012*

Зиёдшавии Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии номиналии вилояти Суғд дар соли 2012 нисбат ба соли 2005 асосан аз ҳисоби соҳаҳои саноат 6,8%, кишоварзӣ 6%, сохтмон 7,2%, нақлиёт ва алоқа 5,3% ташкил медиҳад ва соҳаи савдо бошад, нисбат ба соли 2005 9,1% кам шудааст.

Нерӯи воқеии иқтисодиёти вилояти Суғд аз ҳисоби зиёд гардидани захираҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани сифати онҳо ва такмил додани механизмҳои татбиқи захираҳои мазкур торафт афзоиш меёбад. Дар айни ҳол омили муҳимтарини рушди иқтисодии ин вилоят сармоягузориҳое мебошанд, ки метавонанд иқтисоди рақобатпазирро ташаккул дода, талаботи дохилӣ ва беруниро пурра қонеъ гардонанд**.**

Барои рушди иқтисодиёти вилоят дар соли 2005 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба маблағи 120213,3 ҳазор сомонӣ (аз ҳисоби маблағгузории хориҷӣ 25980,3 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби маблағгузории дохилӣ 94233 ҳазор сомонӣ) маблағгузорӣ карда шудааст, ки муқоиса Дар соли 2012 ҳамагӣ 1047624,1 ҳазор сомонӣ (хориҷӣ 563286,2 млн сомонӣ, дохилӣ 484337,9 млн сомонӣ) маблағгузори карда шудааст. Агар дар соли 2005 ҳаҷми сармоягузорӣ 6,8% Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилоятро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2012 12,0% ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории вилоят дар солҳои 2005-2010 дар гистограммаи зерин нишон дода шудааст.



Гистограммаи № 2. Ҳаҷми маблағгузорӣ дар солҳои 2005-2012 дар вилояти Суғд

Гуфтан мумкин аст, ки дар рафти такмил додани сохторҳои иктисодёти вилоят тамоми самтҳо он карда истодааст. Дар ин соҳаҳо самтҳои зиёде вуҷуд доранд, ки фаъолгардонии онҳо ба рушди ояндаи иқтисодиёти вилоят мусоидат хоҳад кард. Илова бар ин, маҳз дар солҳои охир равандҳои танзими макроиқтисодӣ тақвият дода шудааст, ки он ба боздеҳи воқеии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти вилоят мусоидат хоҳад кард.

Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар вилоят дар соли 2005 ба ҳар нафар аҳолӣ 877,5[2] сомонӣ (281,5 доллар)-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар соли 2012 ба ҳар нафар аҳолӣ 3806,2 сомонӣ (805,9 доллар)-ро ташкил медиҳад. Ин

[2] Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои оморӣ

нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи зиндаги аҳолӣ сол ба сол дар ин минтақа рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст.

Ҳиссаи вилояти Суғд дар истеҳсоли Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ дар соли 2012 дар харитаи зерин нишон дода шудааст




Эзоҳ: Маҳсулоти умумии дохилӣ дар ҷумҳурӣ нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ зиёд аст, чунки ба худ арзиши изофаи соҳаҳои алоҳидаи танҳо ба ҷумҳурӣ тааллуқ дошта ва дар сатҳи минтақаҳо тақсимнашаванда (хизмати идораи давлатӣ, хизмати нақлиёти роҳи оҳан ва ғайра)-ро дар бар мегирад.

Афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилоят бо нархҳои соли 2012[3] нисбат ба соли 2005 дар соли 2012 ҳиссаи соҳаи саноат 28,1 маротиба, кишоварзӣ 64,4 маротиба ва сохтмон 15,3 маротиба зиёд шудааст, ки бо суръати баланди рушди иқтисодӣ, вилоят метавонад дар солҳои наздик ба дастовардҳои зиёде ноил гардад.

**Ҷадвали 1. Сохтори Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд дар солҳои 2005-2012**

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Истеҳсолӣ молҳо | 37,4 | 45,9 | 48,8 | 50,0 | 42,9 | 40,9 | 53,6 | 57,3 |
| Хизматрасонӣ | 51,4 | 46,4 | 45,3 | 45,5 | 53,8 | 55,5 | 43,7 | 40 |
| Андоз аз маҳсулот | 11,2 | 7,7 | 6,0 | 4,5 | 3,3 | 3,6 | 2,7 | 2,7 |

Аз ҷадвали дар боло овардашуда маълум мешавад, ки дар сохтори Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ афзоишёбии ҳиссаи истеҳсоли молҳо ба амал омадааст. Агар ин нишондиҳанда дар соли 2005 ҳамагӣ 37,4% бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2012 57,3% ташкил медиҳад, ки афзоиши он 19,9% ташкил медиҳад.

Сол ба сол кӯмак ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафт ва тараққиёти вилоят бештар гардида, ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят рушд карда истодааст.

**АДАБИЁТ**

1. [Электронный ресурс]. Система_национальных_счетов http://www.allbest.ru/.
2. Методологические положения по статистике / Агентство Республики Казахстан по статистике. – Алматы: ТОО Казстатинформ, 2005.
3. Маҷмӯаи оморӣ. Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012. -С. 57.
4. Минтақаҳои Ҷумҳурии Точикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012.
5. Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2013 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012.

[3] Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои оморӣ

**РАЗВИТИЕ МАКРОЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОКАЗАТЕЛЯ В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ**

Рассматривается развитие ВРП как основного макроэкономического показателя в Согдийской области его значение в формировании ВВП Республики Таджикистан, динамика, структуры отрасли экономики, участие в формировании ВРП Согдийской области.

**Ключевые слова:** региональный валовый продукт, экономические показатели развития экономики.

**DIVILOPMENT MACROECONOMIC AN INDICATOR IN SOGD REGION**

Gross regional product development as basic macroeconomic GDP indicator in Sogd region its value in formation of gross national product to Republic Tajikistan, dynamics, structure of branches of economy for the formation of gross regional product of Sogd region.

**Key words:** Gross regional product (GRP) Economic Indicator, Economic Development.

**Сведения об авторе:** ***А.С. Насриддинов*** - аспирант учетно-экономического факультета ТНУ.
Телефон: **919-32-10-23**

# МАВҚЕИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ҶАҲОНӢ

***М.А. Саидмуродова***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир дар қатори масъалаҳои дигари умумибашарии хоҷагии ҷаҳонӣ таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти хоса пайдо намудааст. Тамоми кишварҳои ҷаҳон барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва пеш аз ҳама, дастрас намудани маводи ниёзи аввалаи истеъмолӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Ҳама гуна таҳдидҳое, ки аз тарафи як кишвар ба кишвари дигар ва таҳдиди як минтақа ба минтақаи дигар мушоҳида мешаванд, дар шакли сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, фарҳангӣ, техникӣ ва ғайра ба амнияти озуқавории кишвари дигар таъсири манфӣ мерасонанд.

Аввалин маротиба истилоҳи «амнияти озуқаворӣ» соли 1974 дар Конфронси умумиҷаҳонии Рим оид ба масъалаҳои озуқаворӣ, ки аз ҷониби Созмони байналмилалӣ оид ба озуқаворӣ ва кишоварзӣ (ФАО) ташкил шуда буд, дар амалия ҷорӣ гардид. Сабаби баргузории ин конфронс якбора баланд шудани нархи ҷаҳонӣ ба маводи ғалладона буд. Аммо мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» ба таври васеъ танҳо баъд аз 20 соли ин маросим, дар Эъломияи Рим оид ба амнияти озуқавории умумиҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Шартҳои асосии таъмини пурраи амнияти озуқаворӣ чунин нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад:

•дастрасии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ ва оби нӯшокӣ;

•таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ ба таври кофӣ ва зарур;

•мавҷудияти интихоби аҳолӣ дар таъмини талаботҳо;

•ҳудуди кифоягӣ ва зарурӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ – имконияти инкишофи бемамонияти ҷисмониву иҷтимоии шахсият;

•имконияти беҳдошти саломатӣ ва барқарор намудани он;

•ҳуқуқи идомаи насл ва ғайра.

Тавре ки иаълум гашт, аввалин ташаббускори масъалаи озуқаворӣ дар ҷаҳон Созмони байналмилалӣ оид ба озуқаворӣ ва кишоварзӣ (ФАО) мебошад, ки ҳамчун созмони махсусгардонидашудаи СММ баҳри рушди истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҷаҳон фаъолият менамояд. Ин ташкилот ба давлатҳои рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта дар маъсалаи таҷдид ва инкишофи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, ҷангал ва моҳипарварӣ кӯмак мерасонад. Барномаҳои махсуси Созмони байналмилалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба давлатҳо барои пешгирӣ ва аз байн бурдани ҳолатҳои буҳрони озуқаворӣ мусоидат менамояд. Лоиҳаҳои аз ҷониби Созмони байналмилалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ амалишаванда ҳамасола зиёда аз 2 млрд. долл. ИМА кӯмакпулиҳоро ба мақомотҳову давлатҳое, ки ба рушди хоҷагии қишлоқ ҳавасманданд, равона менамояд.

Яке аз самтҳои фаъолияти Созмони байналмилалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ, паҳн намудани маълумотҳо вобаста ба ҳолати озуқаворӣ дар ҷаҳон

мебошад. Вобаста ба амнияти озуқаворӣ институтҳои дигари байналмилалӣ низ нишондиҳандаҳои худро пешниҳод намудаанд. Аз ҷумлаи чунин институтҳо Кумитаи байналмилалӣ вобаста ба амнияти умумии озуқаворӣ дар ҷаҳон мебошад.

Мувофиқи нишондоди ин кумита амнияти озуқаворӣ дар ҳамон вақт таъминшуда эътироф карда мешавад ки, агар барои ҳамаи одамон дастрасии доимии ҷисмонӣ ва иқтисодӣ ба миқдори кофии маводи озуқаи бехатар, ки имкони қонеъ намудани талаботҳои озуқавориро барои бурдани тарзи хаёти солим муҳайё намуда бошад.

Ин кумита чор нишондиҳандаи асосии амнияти озуқавориро ҷудо намудааст, ки инҳо мавҷудият, дастрасӣ, истифодабарӣ ва устуворӣ мебошанд.

Амнияти озуқавории ҷаҳонӣ онро дар назар дорад, ки дар маҷмӯъ хоҷагии ҷаҳонӣ он миқдор озуқаро истеҳсол менамояд,ки барои қонеъ гардонидани талаботи ҳамеша тағйирёбандаи аҳолии ҷаҳон зарур аст ва ин ба низоми таъминкунии нишондиҳандаҳои зерин такя мекунад:

- мавҷуд будани маҳсулотҳои озуқаворӣ дар миқдори кифоя ва ба тартиб андохтани гуногунии онҳо аз рӯйии меъёрҳои тиббӣ барои ташкил кардани «Сабади истеъмолӣ»;

- дараҷаи музди меҳнат, андозаи нафақа ва ёрдампулиҳои тамоми категорияҳои аҳолӣ барои таъмину дастрас намудани маҳсулоти ғизоӣ;

- истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ дар он дараҷа бошад, ки таъминкунӣ мутаносибан аз содирот нисбат ба воридот 80 : 20-ро ташкил намояд.

Институтҳои байналмилалӣ вобаста ба амнияти озуқаворӣ (Созмони байналмилалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ, Кумитаи Умумиҷаҳонӣ оид ба амнияти озуқаворӣ) маҷмӯи нишондиҳандаҳоеро, ки тавассути онҳо ҷабҳаҳои гуногуни амнияти озуқаворӣ баҳо дода мешавад, муайян намудаанд. Барои тавсифи нишондиҳандаҳои баррасишаванда ин ташкилотҳо маҷмӯи онҳоро ба 3-гурӯҳ тақсим намудаанд:

**Гурӯҳи якум** нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки омилҳои муайянкунанда ё ин ки детерминантҳои амнияти озуқавориро баҳо медиҳанд. Масъалаҳои асосие,ки ин гурӯҳи нишондиҳандаҳо бо он сару кор доранд, ба шароитҳои сохтории амнияти озуқаворӣ, аз ҷумла пасткунии хатари озуқаворӣ дар ҳолати мавҷуд набудани дахолати сиёсӣ, алалхусус кӯмаки беруна равона карда шудааст.

**Гурӯҳи дуюм** нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи татбиқи сиёсати амнияти озуқаворӣ ба вуҷуд меояд. Ба ин гуна нишондиҳандаҳо миқёси гуруснагӣ, ҳиссаи хароҷоти камбизоатон ба озуқаворӣ, миқёси танқисии ғизо ва ғайра дохил мешаванд.

**Гурӯҳи сеюми** нишондиҳандаҳо маводҳоро оид ба мавқеъҳои ҳассоси хатари озуқаворӣ гирд меоранд. Ба ин гурӯҳ чандирияти индекси нархҳои дохилии озуқа ба сари аҳолӣ, устувории сиёсӣ ва мавҷуд набудани фишор ва ғайра дохил мешаванд.

Ба таври мухтасар ҳолати амнияти озуқавории ҷаҳонӣ тавассути нишондиҳандаҳои зерин баҳо дода мешавад:

- “ҳаҷми захираҳои ғалла дар ҷаҳон, ки то ҳосилғундории оянда боқӣ мондааст;
- сатҳи истеҳсоли ғалла бо баҳисобгирӣ ба ҳар сари аҳолӣ;
- индекси нархҳои озуқаворӣ;
- масоҳати заминҳои корам ва ғайра» [1].

Нишондиҳандаи якум сатҳи устувории ҳолати озуқавориро дар ҷаҳон тавсиф медиҳад, инчунин сатҳи кафолатро ҳангоми ҳолатҳои фавқулода муайян менамояд. Ҳолате аз нигоҳи озуқаворӣ бехатар ҳисобида мешавад ки, агар ин гуна захираи ғалладона истеъмоли 60 рӯзаи ҷаҳониро, ё ин ки тақрибан 17% истеъмоли солонаи ҷаҳониро таъмин намояд.

Сатҳи истеҳсоли ғалладона ба ҳар сари аҳолӣ нисбатан нишондиҳандаи умумии амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, зеро сатҳи муътадилии амнияти озуқаворӣ дар он вақт таъмин мегардад ки, агар ҳолати бозори ғалладона, ки ғизои асосии аҳолии ҷаҳон ба ҳисоб меравад, устувор бошад. Бозори ғалладона дар навбати худ як қатор

бозорҳои дигарро дар бар мегирад, ки бозори ҷаҳонии гандум, биринҷ ва ҷуворимакка аз ҷумлаи онҳоянд.

Ин нишондиҳанда ҳамчун таносуби ҳаҷми умумии истеҳсоли ғалладона ба миқдори умумии аҳолии ҷаҳон ҳисоб карда мешавад. Нишондиҳандаи мазкур ҳамасола аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни милливу байналхалқӣ ҳисоб карда мешавад. Масъалаи ҳолати бозори ҷаҳонии ғалладонаро Созмони байналмилалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ дар солҳои 2008-2012 чунин баҳогузорӣ менамояд (ниг.ба ҷадвал).

**Ҷадвали 1. Ҳолати бозори ҷаҳонии ғалла дар давраи солҳои 2008-2012 (ба ҳисоби млн. тонна)** [2]

| | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсол (млн.тонна) | 2288.9 | 2266.3 | 2259.6 | 2349.2 | 2281.7 |
| Пешниҳод | 2698.8 | 2754.5 | 2775.6 | 2841.6 | 2801.2 |
| Истеъмол | 2191.1 | 2237.6 | 2276.7 | 2324.8 | 2313.7 |
| Тиҷорат | 284.8 | 277.2 | 285.0 | 316.6 | 295.6 |
| Захира дар охири давра (млн.тонна) | 488.1 | 515.1 | 492.4 | 511.5 | 494.7 |

Мувофиқи нишондоди Созмони байналмилалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ, ки дар *ҷадвал* оварда шудааст, дар соли 2012 истеҳсоли ғалла нисбат ба соли гузашта зиёдтар баҳогузорӣ шудааст. Пешгӯйиҳои ин ташкилот вобаста ба солҳои 2013 ва 2014 низ зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли ғалларо, аз ҷумла истеҳсоли гандум ва ҷуворимаккаро нишон медиҳанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои зарууртарине, ки барои баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ истифода мешавад, талаботи аҳолӣ ба миқдори зарурии калориянокӣ мебошад. Мувофиқи ин нишондиҳанда одамоне,ки имконияти истеъмоли миқдори зарурии калорияро надоранд,ҳамчун "гуруснагони доимӣ" баҳо дода мешаванд. Аз охирҳои солҳои 80-ум сар карда, дар давлатҳои мутараққӣ талаботи ғизоии зарурӣ барои як нафар, ки бо роҳи истеъмол таъмин карда мешавад, 3400-3500 килокалорияро ташкил медиҳад. Аз рӯйи нишондоди Созмони байналмилалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ "ҳудуди нимгуруснагӣ 1761-1836 килокалорияро вобаста аз минтақа дар як рӯз ташкил медиҳад" [3].

Моддаҳои асосие, ки дар ғизо мавҷуд аст, барои инкишофу рушди организми ҳар фарди солим зарур буда, ин моддаҳо метавонанд дар дохили маҳсулотҳои мухталифи ғизонок вуҷуд дошта бошанд. Чуноне таҳлили гурӯҳи маҳсулотҳо нишон медиҳад, маҳсулоти аз ҳама муҳиму ивазнашаванда – маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, нонӣ, картошка, равған ва инчунин шакар мебошанд. "Барои қобилиятнокии ҳаёти инсон асосан ин гурӯҳи маҳсулотҳои номбаршуда (тақрибан 90%) калориянокиро таъмин месозанд" [4].

Чуноне ки маълум аст, барои зисту зиндагонии фаъол ва солимии ҳар як фард ғизои ба қадри кофӣ ва ба меъёрҳои физиологӣ ҷавобгӯ лозим аст. Дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон синну сол, ихтисос, ҷойи зист ва асосан, анъанаро ба назар мегиранд. Дар хақиқат, қобилияти ҳаётии зисту зиндагонии ҳар фард метавонад аз омилҳои номбурда вобаста бошад:

- калориянокии маҳсулоти ғизоӣ;
- ба қадри кофӣ истеъмол кардани моддаҳои асосии ғизоӣ, монанди сафедаҳо, равғаннокӣ, карбогидратҳо (углеводы) моддаҳои минералӣ ва витаминҳо;
- сатҳи истеъмоли маҳсулоти хавфнок, ки дар худ моддаҳои зарарнок доранд;
- ҳолати психологии ҷамъият;
- номусоидии обу ҳаво ва экологие, ки бевосита ба саломатии одамон ва маҳсулнокии хоҷагии қишлоқи кишвар таъсирбахш аст;
- истеъмоли моддаҳои машруботӣ, нашъамандӣ ва ғайра.

Бинобар ин, вазифаи минбаъдаи Созмони байналмилалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ ва Кумитаи умумиҷаҳонӣ оид ба амнияти озуқаворӣ дар он аст, ки ҳар чӣ бештар диққатро ба маблағгузории лоиҳаҳои ба таъмини амнияти озуқаворӣ

равонашаванда ҷалб сохта, бо назардошти иқлим, дараҷаи синну сол, сатҳи инкишофи иқтисодиёт ва анъанаҳои миллӣ, ин маблағҳоро дар миёни кишварҳои рӯ ба инкишофу дар давраи гузариш қарордошта ба таври самаранок тақсим намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Документ о реформе Комитета по всемирной продовольственной безопасности. Глобальный стратегический механизм в области продовольственной безопасности и питания / Документы 39-ой сессии КВПБ, 2012. -С.97-102.
2. Доклад ФАО. Положение дел в области продовольствия и сельского хозяйства, 2012. -С.40-46.
3. [Захираи электронӣ]. http://www.fao.org/fileadmin/templates.
4. [Захираи электронӣ]. www.faostat.org, / Food-Security-Statistics@FAO.org.


**РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ МИРОВОЙ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ**


В статье рассматривается роль международных организаций в обеспечении мировой продовольственной безопасности и приведены её основные показатели. Результаты анализа проведенного автором, обоснованные статистическими данными, показывают современное состояние обеспечения продовольствия в мире.



**Ключевые слова:** продовольственный кризис, сельское хозяйство, продовольственная безопасность, продовольственная доступность, физиологические нормы, постоянный голод.


**THE ROLE OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS IN WORLD FOOD SECURITY**


The article considers the importance of food security and its place for the world given the state of the threat and the threshold values of this parameter. The results of this analysis are reflected in several tables, which provide modern circumstances the food security of the world.



**Key words:** food crises, agriculture, food security, crop consumer, physiological norms, constant hungry.



**Сведения об авторе:** ***М.А. Саидмуродова*** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой международных экономических отношений ТНУ. Телефон: **918-62-68-95; 227-97-61**


# ОМИЛҲОИ МУАССИР БАР ТАРКИ ХИДМАТИ САРМОЯҲОИ ФИКРӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ПЕТРОХИМӢ


***Иброҳим Ализода***
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**


Созмонҳо барои ҷазби коркунони нухба ва саёл бо ҳамдигар дар рақобатанд ва коркунони саёл ҳам ба дунболи муҳити кори муносибтар ва ҷаззобтар мебошанд. Далелҳои бешуморе барои тарғиби мондагории коркунон дар созмон вуҷуд дорад, вале таъкиди созмонҳо дар асри дониш ба мондагории коркунони донишмадор мебошад. Коркунони донишмадор ва нухба ба коркуноне гуфта мешавад. ки илова бар доро будани мадракҳои таҳсилии боло ва гузаронидани давраҳои омӯзишӣ зимни хизмат ва собиқаи кори муртабит дорои қобилият ва тахассуси хос мебошанд ки мушориктаи онҳо дар созмон метавонад дар арзишофаринӣ ва эҷоди мазияти рақобатӣ муассир бошад. Аз он ҷо ки коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи мавриди мутолиа ба лиҳози дониш, таҷриба ва тахассус аз ҷумлаи коркунони донишмадор ва саёл маҳсуб мешаванд, ба тавре ки созмонҳо ва ширкатҳои бисёре дар дохил ва хориҷ аз кишвар ба дунболи ҷазби ин коркунони тавонманд ва мутахассис ҳастанд, хуруҷи ин коркунон илова бар аз даст додани тавонмандӣ ва қобилиятҳои ин коркунон барои ширкатҳо ва интиқоли онҳо ба ширкатҳои рақиб таъсири манфии зиёде низ бар раванди фаъолият ва боздеҳии коркунони шоғил ба ҷой мегузорад ва онон низ ба фикр вомедорад, ки созмонро тарк намоянд. Аз ин рӯ, анҷоми таҳқиқе бо мавзӯи ёдшуда ҷиҳати шиносоии омилҳои муассир бар тарки хизмати коркунони ин минтақа зарурат дорад.

Яке аз мушкилоти асосӣ, ки ширкатҳои петрохимии воқеъ дар минтақаи хоси иқтисодии Моҳшахр бо он рӯ ба рӯ ҳастанд, тарки хизмати коркунон, бахусус коркунони мутахассис, донишманд ва ботаҷриба мебошанд. Тавре ки дар давраи сеюнимсолаи таҳқиқ теъдоди 265 нафар аз коркунони ширкатҳои ин минтақа тарки хизмат намуданд. Ин коркунони саёл дар ҳаракат мебошанд ва созмонҳоу ширкатҳои бисёре дар дохил ва хориҷи кишвар ба дунболи ҷазби ин коркунони тавонманд ва мутахассис ҳастанд. Хуруҷи коркунони мутахассис аз ин ширкатҳо илова бар аз даст додани тавонмандӣ ва қобилиятҳои ин коркунон ва интиқоли онҳо ба ширкатҳои рақиб таъсири манфии зиёде низ бар раванди фаъолият ва боздеҳии

коркунони шоғил ба ҷой мегузоранд ва ононро низ ба фикр вомедоранд, ки созмонро тарк намоянд. Бинобар ин, мо дар ин таҳқиқ ба дунболи посух ба ин суол ҳастем, ки омилҳои муассир бар тарки хизмати коркунон дар ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр кадоманд.

**Ҳадафҳои таҳқиқ.** Ин таҳқиқ дар ҷустуҷӯйи шиносоӣ робитаи порае аз мушкилот ва норасоиҳои мавҷуд дар маҳалли кор ва сукунати коркунони ширкатҳои петрохимии минатқаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр ва асари он дар тарки хизмати коркунони донишмадор мебошад. Ҳадафҳои онро ба шарҳи зер метавон баршумурд:

1. Шиносоии омилҳои муассир бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр.

2. Нигоҳдошти нерӯи инсонии мутахассис дар ин минтақа ҷиҳати баҳрагирии ширкатҳо аз тавонмандиҳо ва дониши коркунон.

Суолҳои таҳқиқ.

1. Оё тааҳҳуди созмонӣ бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад?

2. Оё омилҳои муҳитӣ (хориҷӣ) бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад?

3. Оё омилҳои нигоҳдорандаи беҳдоштӣ бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад?

4. Оё омилҳои ангезишӣ бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад?

5. Оё адолати созмонӣ бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад?

6. Оё хост ва тамоюли хонаводаи коркунон бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад?

7. Омилҳои муассир бар тарки хизмати коркунон ба тартиби авлавият кадоманд?

**Фарзияҳои таҳқиқ. Фарзияи аслии аввал.** Тааҳҳуди созмонӣ бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад.

**Фарзияи аслии дуюм.** Адолати созмонӣ бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад.

**Фарзияи аслии сеюм.** Омилҳои нигоҳдорандаи беҳдоштӣ бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад.

**Фарзияи аслии чаҳорум.** Омилҳои ангезишӣ бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад.

**Фарзияи аслии панҷум.** Омилҳои муҳитӣ (хориҷӣ) бар тарки хизмати коркунони ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр асар дорад.

**Қаламрави таҳқиқ.** Таҳқиқи ҳозир бо унвони шиносоии омилҳои муассир бар тарки хизмати коркунони донишмадор ва саёл бар ҳаракати ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодии Моҳшаҳр мебошад ва кулли коркунони, расмӣ, паймонӣ ва қарордодӣ, ки бар асоси қонунҳо ва муқаррароти нефт дар ширкатҳои петрохимии ин минтақа (ширкатҳои Хузистон, Фаҷр, Тундгӯён, Бӯалӣ Сино, Фановарон ва Морун) истихдом ва ибтидои соли 1385 то поёни шаҳривармоҳи 1388 ба сурати ихтиёрӣ аз ин минтақа тарки хизмат намудаанд, шомил мешаванд.




Расми 1. Модели мутағаийрҳои таҳқиқ

**Адабиёти назарии таҳқиқ. Фароянди мудирияти манобеи инсонӣ.** Чархаи фароянддҳои мудирияти манобеи инсонӣ мароҳили ҷазб, омӯзиш, иртиқоъ, эҷоди ангезиш, истифодаи муассир ва нигоҳдории коркунонро шомил мешавад. Агар созмонҳо ва ширкатҳо барои ҳар кадом аз мароҳили ин чарха ҳазинаҳои бисёреро сарф ва иқдомоти коршиносӣ ва мудириятии муносиб анҷом дода бошанд, аммо натавонанд коркунони худро нигоҳдорӣ кунанд, ҳамаи ҳазинаҳои анҷомшуда дар хусуси соири марҳилаҳои қаблӣ ба ҳадар рафтааст ва мазиятеро ба вуҷуд намеоварад. Мизони саёл будани коркунон тобеи мизони тавонмандӣ, маҳорат ва таҷрибаҳои онҳо мебошад. Ба ибораи дигар, мизони ҷо ба ҷойии ҳар як аз коркунон бар асоси қобилияти истихдомпазирии онҳо мутағайир мебошад, яъне бо таваҷҷуҳ ба тавонмандӣ, инъитофпазирӣ ва имкони бакоргирии қобилияти ҳар як аз коркунон дар созмонҳо ва машоғили мухталиф, шароити кори муносиб дар хориҷ аз созмон барои онҳо муҳайё мегардад.

**Анвои тарки хизмат**. Аз таркиби анвои тарки хизматӣ матрисаии 4-ваҷҳӣ метавон ташкил дод.

**Ҷадвали 1. Тақсимбандии анвои тарки хизмат**

| Оё таҳти назорати шоғил аст → не (ғайриихтиёрӣ) → | бале (ихтиёрӣ) | Бале (ғайриичборӣ) |
|---|---|---|
| Бознишастагии иҷбории инфисоли муваққат ва доимӣ, ихроҷ, таъдили нерӯи инсонӣ | Пардохти бештар дар ҷойи дигар Созмони муносибтар, таорӯз ва таниш бо мудир ё ҳамкорон | ↑<br>Оё таҳти назорати созмон аст |
| Азкорафтодагии бемории тӯлонӣ, авориzи ҷисмонӣ ё равонии ҳол, марг (фавт) | Тағйири маҳалли хизмат, тағйири масири шуғлӣ ва ҳирфаӣ, дархости ҳамсар ва ниёз ба мондан дар хона | ↑<br>Не (иҷборӣ) |

Тарки хизмат аз ин назар ки таҳти назорати созмон ва шоғил аст, ё не, метавон ба 4 қисмат тақсим намуд. Он навъ аз тарки хизмат, ки ҳам таҳти назорати шоғил ва ҳам таҳти назорати созмон аст, монанди пардохти бештар дар ҷойи дигар, созмони муносибтар, таоруз ва таниш бо мудир ё ҳамкорон; он навъ аз тарки хизмат, ки таҳти назорати шоғил буда, дар назорати созмон нест, монанди тағйири маҳалли хизмат, тағйири масири шуғлӣ ва ҳирфаӣ, дархости ҳамсар ва ниёз ба мондан дар хона. Он навъ аз тарки хизмат, ки таҳти назорати шоғил набуда, вале барои созмон қобили назорат аст, монанди бознишастагии иҷбории инфисоли муваққат ва доимӣ, ихроҷ, таъдили нерӯи инсонӣ ва он навъ аз тарки хизмат, ки на таҳти назорати созмон ва на таҳти назорати шоғил аст, мавридҳое монанди азкорафтодагии бемории тӯлонӣ, авориzи ҷисмонӣ ё равонии ҳол, марг (фавт)-ро шомил мешавад. Камолӣ тарки хизматро ба анвои ихтиёрӣ, ғайриихтиёрӣ ва пинҳон тақсим намудааст.

**Ҳазинаҳои тарки шуғл**. Ҳазинаҳои тарки хизмати коркунон ба шарҳи зер мебошад:

1. Ҳазинаҳои марбут ба пости билоҳасадӣ.
2. Ҳазинаҳои истихдоми коркунони ҷадид.
3. Ҳазинаҳои омӯзиш.
4. Ҳазинаҳои коҳиши баҳраварӣ.
5. Агарчи муҳаққиқ эътиқод дорад, ки омили панҷум бо номи ҳазинаи дониши зимни аз даст рафтаи коркунон барои созмонро камтар дар муҳосиботи ҳазинаҳои тарки коркунон мавриди муҳосиба қарор мегирад, мебоист ба мавридҳои қаблӣ изофа намуд.

**Дониши сареъ ва дониши зимнӣ**. Дониши сареъ донише аст, ки дар як василаи механикӣ ё технологӣ, аз қабили аснод ё пойгоҳҳои иттилоотӣ захира мешавад. Ин навъ дониш ба шарти он ки битавонад мавриди иштирок қарор гирад ва дар миёни ҷомеае, ки бо ҳам кор мекунанд, мавриди истифода қарор гирад ва дар ҳар замону макон ба василаи фановарии мушорикатӣ ба кор гирифта шавад, муфидтар хоҳад буд.

Дониши зимнӣ донише аст, ки ба василаи фароянддҳои фардӣ ва дохилӣ ба даст меояд ва дар вуҷуди худи шахс захира мешавад. Баъзан чунин донишро бо унвонҳое монанди таҷриба, бозтоби истеъдоди фардӣ ё дарунгароӣ таъриф мекунанд.

**Таахҳуди созмонӣ**. Таахҳуди созмонӣ монанди мафҳумҳои дигари рафтори созмонӣ ба шеваҳои мутафовит таъриф шудааает. Маъмултарин шеваи бархӯрд бо таахҳуди созмонӣ он аст, ки таахҳуди созмониро навъи вобастагии отифӣ ба созмон

дар назар мегиранд. Бар асоси ин шева фарде, ки ба шиддат мутааҳҳид аст, ҳуввияти худро аз созмон мегирад, дар созмон мушорикат дорад ва бо он дармеомезад ва аз узвият дар он лаззат мебарад.

**Ангезиш.** Сеюмин вазифаи мудир ҳидоят аст. Мудироне, ки ба хубӣ аз уҳдаи вазифаи барномарезӣ бармеоянд ва аз намунаҳои муносиб ва шеваҳои дуруст барои созмондиҳии умур баҳра мегиранд, агар надонанд чӣ гуна афродро ҳидоят кунанд ва натавонанд нақши омили инсониро дар дастёбӣ ба натиҷаҳои мавриди интизор дарк кунанд, вазифаҳои мудириятии худро наметавонанд ба дурустӣ иҷро кунанд. Вазифаи роҳбарӣ шомили ангезиш, роҳбарӣ ва иртибот аст.

**Муҳоҷирати нухбагон.** Нерӯи инсонӣ, бахусус нерӯи мутахассис, дар тавсеаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар ҷомеа нақши асосӣ ифо мекунад. Дар тақсимбандии Бонки ҷаҳонӣ низ яке аз манобеи сарвати кишварҳо манобеи инсонӣ, бахусус мутахассисини ҳар кишвар зикр шудааст. Сармояи инсонӣ аз абзорҳои муҳимми тавсеа аст ва тавсеа низ манут ба ҳифзи сармояи инсонӣ аст. Имрӯз нерӯи зеҳнӣ, мағзӣ, тафаккур ва мудирияти ҷомеа як сарват маҳсуб мешавад ва муҳоҷирати андешамандон ва равшанфикрон метавонад мувозинати илмии як сарзаминро бо чолиши ҷиддӣ мувоҷеҳ кунад.

**Ҷомеаи оморӣ**. Ҷомеаи оморӣ ин пажӯҳишро кулли коркунони расмӣ, паймонӣ ва қарордодӣ ташкил медиҳад, ки бар асоси қонунҳо ва муқаррароти ширкати миллии нефт дар ширкатҳои петрохимии минтақаи хоси иқтисодӣ истихдом ва аз ибтидои соли 1385 то поёни шаҳривари соли 1388 265 нафар ширкатҳои минтақаи мавриди мутолиаро тарк намудаанд.

**Намунаи оморӣ**. Дар пажӯҳиши ҳозир бо таваҷҷуҳ ба ин ки додаҳо кайфӣ мебошанд, барои муҳосибаи ҳаҷми намуна аз формулаҳое, ки барои додаҳои кайфӣ муносиб аст, истифода мешавад. Ба ин тартиб андозаи намунаро таҳти таъсири нисбати муваффақият P таъриф менамоем ва аз он ҷо ки мехоҳем ҳаҷми намуна ҳадди аксар шавад P-ро муодили 50% дар назар гирифтем, ки бар ин асос ҳаҷми намуна 71 нафар таъйин шуд. Аз он ҷо ки муҳаққиқ пешбинии кам шудани озмуданиҳо ба мизони 20%-ро намуда буд, бинобар ин, ҳаҷми намуна бар 86 нафар афзоиш ёфт. Интихоби афроди намуна ба равиши тасодуфии табақавӣ анҷом гардидааст. Дар ниҳоят аз байни пурсишномаҳои тавзеъшуда, теъдоди 70 пурсишнома ҷамъоварӣ шуд.

$$n = \frac{N Z^2_{\frac{\alpha}{2}} P(1-P)}{\varepsilon^2 (N-1) + Z^2_{\frac{\alpha}{2}} P(1-P)}$$

**Ҷадвали 2. Муодил, парокандагӣ, ҳадди ақал ва ҳадди аксари мадраки таҳсилӣ, собиқа, пояи шахсӣ ва пояи созмонии коркунони тарки хитзматнамудаи ихтиёрӣ дар давраи таҳқиқ**

| Унвон | Муодил | Инҳирофи меъёр | Ҳадди ақал | Ҳадди аксар |
|---|---|---|---|---|
| Син | 34,59 | 6,80 | 21 | 56 |
| Мадраки таҳсилӣ | 15,48 | 1,37 | 12 | 18 |
| Собиқа | 8,89 | 6,42 | 1 | 32 |
| Пояи шахсӣ | 12,51 | 2,61 | 7 | 20 |
| Пояи созмонӣ | 14,38 | 2,36 | 7 | 20 |

Масъалаи тарки хизмати нерӯҳои мутахассис ва мудирон, бахусус дар созмонҳое, ки умдаи дониши онҳо ба сурати зимнӣ (ширкатҳои мавриди мутолиа низ аз ин даста ҳастанд) буда, ҳосили таҷрибаҳои илмии солҳои хизмат аст, ки дар вуҷуди афрод анбошта шудааст, аз мушкилоти пеши рӯйи бисёре аз созмонҳост, ба наҳве ки ин омил илова бар вуҷуди монеаи бузург бар сари роҳи созмонҳо дар таҳаққуқи ҳадафҳо, муҷиби интиқоли дониши зимнии ин даста аз коркунон ба созмонҳои рақиб мешавад. Ба тавре фикр мекунем, ки ин созмонҳо бо ҳазинаи худ барои созмонҳои рақиб нерӯи инсонии мутахассис тарбият мекунанд. Бинобар ин, шиносоии омилҳои асаргузор бар тарки коркунон ва анҷоми иқдомоти илмӣ мутаносиб бо омилҳои асаргузор аз муҳимтарин вазифаҳои мудирон дар ҳамаи сатҳҳои созмонӣ аст.

**АДАБИЁТ**

1. Baranham Leigh. Seven reasons employees leave, the journal of the American management association / Baranham Leigh, 2005. -vol 3. -No 4.
2. Certo Samuel E. Modern Management. Diversity, ethies. And the global environment / E. Certo Samuel, 1994. -374.
3. Greenberge J. Behavior In Organizational / J. Greenberge, R.A. Baron. Printic-Hall, INC, 20007.
4. Gautam T. Organizational Commitment In Nepalese Setting / T. Gautam, Van Dick, U. Warner // Asia Gournal Of Social Psychology, 2001. -4.
5. Panayotopoulou L. HER adoption and the role of HRM: evidence from Greece / L. Panayotopoulou, M. Vakola, E. Galanaki // Personnel Review, 2007.
6. Richard Hall. Managing Knowledge for innovation / Richard Hall, Pierpaolo Andriani // Long Rang Planning, 2002. -35. –P.219-225.

**ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА УТЕЧКУ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО КАПИТАЛА В НЕФТЕХИМИЧЕСКИХ КОМПАНИЯХ**

Исследование направлено на выявление факторов, влияющих на утечку интеллектуального капитала в нефтехимических компаниях Исламской Республики Иран.

**Ключевые слова:** организационная приверженность, организационное право, здравоохранение, мотивирующие факторы, факторы внешней среды.

**FACTORS AFFECTING CIRCUIT DESERTION OF INTELLECTUAL CAPITAL IN PETROCHEMICAL COMPANIES**

***Ebrahim Alizadeh***

The study aims at identifying factors affecting the leakage of intellectual capital in the petrochemical companies of the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** organizational commitment, organizational justice, health factors (preservative), motivating factors, environmental factors (external).

**Сведения об авторе:** ***Иброхим Ализода*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ.
E-mail: **ebrahim10140@yahoo.com**

# КОРБУРДИ НИСБАТҲОИ НАҚДИНАГӢ ВА ҶАРАЁНИ НАҚДИИ АМАЛИЁТӢ ВА ҲИСОБДОРИИ ТААҲҲУДӢ ВА ПЕШБИНИИ ҶАРАЁНИ НАҚДИИ АМАЛИЁТИИ ОЯНДА ДАР ШИРКАТҲОИ БУРСИ ЭРОН

***Муҳаммад Рамазон Аҳмадӣ, Фарида Маҳдипур, Комбиз Аҳмади Анголӣ***
**Донишгоҳи озоди исломии Маркази омӯзишҳои байналмилалии Халиҷи Форс, Эрон**

Ҳадафи ин таҳқиқ корбурди нисбатҳои нақдинагӣ, ҷараёни нақдии амалиётӣ ва ҳисобдории тааҳҳудӣ дар пешбинии ҷараёни нақдии амалиётии отии ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон аст. Яке аз коркардҳои муҳимми системаи ҳисобдорӣ ироаи иттилооти судманд барои сармоягузорон ҷиҳати таъйини ҷараёнҳои нақдии отӣ ва арзиши авроқи баҳодор ва кӯмак ба тасмимоти огоҳонаи сармоягузорӣ аст.

Аз байни иттилооти ҳисобдорӣ суди ҳисобдорӣ ва ҷараёни нақдӣ ба унвони муҳимтарин манобеи иттилоотӣ барои арзёбии тавони судоварӣ ва ҷараёнҳои нақдии отӣ маҳсуб мешаванд. Додаҳои таҳқиқ бо истифода аз ҷомеаи оморӣ шомили 146 ширкати пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон, ки бо намунагирӣ анҷом шуда, ба 63 ширкат расид.

Барои давраи замонии 1383-1388 ба равиши талфиқи кулли додаҳо ва регрессияи ҳадди аққали мураббаоти маъмулӣ мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Таҳқиқ шомили панҷ фарзия буда, ба баррасии робитаи байни се мутағайирҳои таърихӣ ба унвони мутағайирҳои мустақил ва ҷараёнҳои нақдии амалиётии отӣ ба унвони мутағайири вобаста пардохтаанд. Натоиҷи таҳқиқ нишон дод, ки ҷараёни нақдии амалиётӣ, суди ҳисобдорӣ ва нисбатҳои нақдинагӣ дар ширкатҳои мавриди мутолиа бо ҷараёнҳои нақдии амалиётии отӣ (дар сатҳи хатои 5%) робитаи маънодоре дошта, тавони пешбинии ҷараёнҳои нақдии таърихии беш аз суд аст.

Яке аз коркардҳое, ки барои ҳисобдорӣ таъриф шудааст, ироаи иттилооти муфид ва судманд барои сармоягузорон ҷиҳати таъйини арзиши авроқи баҳодор ва кӯмак ба тасмимоти огоҳонаи сармоягузорӣ аст. Аз байни ҳама иттилооти ҳисобдорӣ суди ҳисобдорӣ ба унвони муҳимтарин манбаи иттилоотӣ дар бораи арзёбии тавони судоварӣ ва ҷараёнҳои нақдии отӣ маҳсуб мешавад. Сармоягузорон

алоқамандона ба бароварди арзиши сармоягузории худ ҳастанд, ки бастагӣ ба арзиши саҳҳоми ширкат дорад. Арзиши зотии саҳҳом бар мабнои арзиши феълии ҷараёнҳои накдии мавриди интизор муҳосиба мешавад.

Поя ва асоси истифода аз системаи ҳисобдории тааҳҳудӣ ин аст, ки ба мудирон ин имконро медиҳад, то битавонад вуҷуҳи накдро ба манзури беҳтар нишон додани амалкард ва вазъияти бунгоҳи иқтисодӣ таъдил кунанд. Аз ин рӯ, ҳангоме ки мудирон бо истифода аз ақломи тааҳҳудӣ даст ба мудирияти суд мезананд, рақами суди ҳисобдорӣ наметавонад шохиси қобили иттикое барои арзёбии амалкарди ширкат ба ҳисоб ояд. Қобилияти эътимод ба суди ҳисобдорӣ бо вуҷуди падидаи мудирияти суд бо шакку шубҳа рӯбарӯ аст.

Замоне ки мудир иқдом ба мудирияти суд мекунад, ин рақам наметавонад ба дурустӣ мунакискунандаи амалкарди ширкат бошад ва бинобар ин, эътибори он коста мешавад. Суд аз ду ҷузъи накдӣ ва тааҳҳудӣ ташкил мешавад.

Ақломи тааҳҳудиро метавон ба ду даста: ақломии тааҳҳудии ихтиёрӣ ва ақломии тааҳҳудии ғайриихтиёрӣ тафкик кард. Ақломии тааҳҳудии ғайриихтиёрӣ то ҳудуде хориҷ аз салоҳдиди мудирият аст ва камтар аз ин ақлом барои мудирияти суд истифода мешавад, дар ҳоле ки ақломи тааҳҳудии ихтиёрӣ ба мудирон ин фурсатро медиҳад, то битавонанд судро мудирият кунанд.

Дар пажӯҳиши ҳозир бо истифода аз иттилооти ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон мизони марбут будани ҷараёни накдии амалиётӣ, суди холис, ақломи тааҳҳудӣ ва нисбатҳои ҷорӣ ва отии таърихӣ ва тавони пешбиникунандагии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Пешинаи таҳқиқ. Таҳқиқҳои зиёде ба баррасии муҳтавои иттилоотии суд ва тавоноии суди тааҳҳудӣ дар пешбинии ҷараёнҳои накдии отӣ пардохтаанд.

Мубс дар таҳқиқи худ натоиҷи таҳқиқҳои гузаштаро, ки ҷараёнҳои накдӣ ва судҳои пешбиникунандаи муфиде барои ҷараёнҳои накдии отӣ ҳастанд, рад кард. Ҳамчунин, Кром ва Ниелсон ҷараёни накдӣ ва додаҳои ҳисобдории тааҳҳудиро мадди назар қарор доданд ва аз модели сареи замонӣ барои озмуни иртибот байни аҷзои тааҳҳудии суд ва ҷараёнҳои накдии отӣ истифода карданд ва дарёфтанд, ки ҳар як аз аҷзои тааҳҳудӣ иттилооти мутафовите дар робита бо ҷараёнҳои накдии отӣ ироа менамояд.

Чанг аз тағйироти суд барои баррасии таъсири суботи суд бар муҳтавои иттилоотии ҷараёнҳои накдӣ истифода намуд. Ёфтаҳо нишон дод, ки коҳиш дар суботи суд боиси коҳиши марбут будани суд ва афзоиши марбут будани ҷараёнҳои накдӣ мешавад ва бозор ба ҷараёнҳои накдӣ ба унвони як манбаи ҷойгузин аз иттилоот таваҷҷуҳ мекунад.

Дичу марбут будани мутағайирҳои ҳисобдорӣ ва мизони тавони пешбиникунандагии суд ва ҷараёни накдиро мавриди баррасӣ қарор дод. Вай меъёри марбут будани як мутағайир бо арзиши ширкатро ғайриқобили пешбинӣ будани тағйироти он мутағайир баён мекунад. Аз ин рӯ, ҳар чи тағйироти як мутағайир ғайриқобилипешбинӣ бошад, он мутағайир бо арзиши ширкат марбуттар хоҳад буд ва меъёри беҳтар барои марбут будан талаққӣ мешавад. Ӯ натиҷа гирифт, ки ҷараёни накдии амалиёт меъёри муносибтаре барои пешбинии судҳо ва ҷараёнҳои вурудӣ ба воҳиди тиҷорӣ аст.

Борт ва ҳамкорон ба баррасии ин мавзуъ пардохтанд, ки таҷзияи суди ҳисобдорӣ то чи андоза ба пешбинии суди ғайриодӣ кӯмак мекунад ва тағйироти арзиши бозори саҳҳоми одиро тавзеҳ медиҳад. Натоиҷи таҳқиқ далолат бар он дорад, ки таҷзияи суд ба ду бахш: тааҳҳудӣ ва накдӣ боиси коҳиши хатои пешбинии арзиши бозори саҳҳом мегардад.

Франсис ва Чен дар таҳқиқи худ унвон мекунанд, ки кайфияти ақломи тааҳҳудӣ меъёри ташхиси ибҳоми мавҷуд дар мавриди гардиши ваҷҳи накди отии ширкат мебошад. Кайфияти ақломи тааҳҳудӣ аз назари сармоягузорон ба маънии наздикии суди ҳисобдорӣ ба ваҷҳи накд мебошад. Дар ин мутолиа нишон дода шудааст, ки ширкатҳое, ки аз кайфияти ақломи тааҳҳудии муносибе бархурдоранд, ҳазинаи сармояи камтаре доранд. Ба ибораи дигар, байни ҳазинаи сармояи ширкатҳое, ки ақломи тааҳҳудии онҳо аз кайфияти поёне бархурдор аст ва ширкатҳое, ки ақломи тааҳҳудии онҳо аз кайфияти болоӣ бархурдор аст, ихтилофи маънидоре вуҷуд дорад. Чукокити ба баррасии корбурди нисбатҳои накдинагӣ, ҷараёни накдӣ ва ҳисобдории тааҳҳудӣ дар пешбинии ҷараёни накдии амалиётии отӣ дар ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Тайланд пардохт. Натоиҷи ин пажӯҳиш

нишон дод, ки суд, ҷараёни накдӣ ва аҷзои тааҳҳудии суд метавонанд ҷиҳати пешбинии ҷараёни накдии отӣ дар ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Тайланд истифода шаванд ва ҷараёни накдӣ тавони пешбинии беҳтар нисбат ба судҳои гузашта дорад.

Арабмозори Яздӣ муҳтавои иттилоотии ҷараёнҳои накдӣ ва тааҳҳудӣ дар бозори сармояи Эронро мавриди баррасӣ қарор доданд. Ёфтаҳои таҳқиқ бар вуҷуди муҳтавои афзояндаи иттилоотии суд нисбат ба ҷараёнҳои амалиётӣ далолат дорад. Ҳамчунин, ақломи тааҳҳудӣ нисбат ба ҷараёнҳои накдии амалиётӣ дорои муҳтавои афзояндаи иттилоотӣ аст.

Рӯднишин ва Курдистонӣ ба баррасии мизони марбут будани аҷзои накдӣ ва тааҳҳудии суди ҳисобдорӣ ба арзиши бозори ширкат пардохтанд. Ёфтаҳои таҳқиқ нишон медиҳад, аҷзои накдии суди ҳисобдорӣ тавони пешбинӣ ва қудрати тавзеҳии арзиши бозори ширкатро доранд, вале ҷузъи тааҳҳудии суди ҳисобдорӣ, яъне тағйироти ҳисобдории дарёфтанӣ, тағйироти мавҷуди коло ва тағйироти ҳисобҳои пардохтанӣ тавони пешбинӣ ва тавзеҳи арзиши бозори ширкатро надоранд.

Мутағайирҳои таҳқиқ. Мутағайирҳои вобастаи таҳқиқ ҷараёнҳои накдии амалиётии отӣ аст, ки манзур аз отӣ дар ин таҳқиқ соли оянда буда ва манзур аз ҳар гуна иттилооти таърихӣ иттилооти соли ҷорӣ мебошад, зеро таҳлилгарони молӣ ва сармоягузорон аз иттилооти ҳар сол барои пешбинии иттилооти солҳои баъд истифода мекунанд. Ҷараёни накди амалиётӣ аз сурати гардиши вуҷӯҳи накди ширкатҳои мавриди баррасии қобили истихроҷ аст.

Таҳқиқи ҳозир аз панҷ мутағайири мустақил ташкил шуда, ки тавони пешбинии ин мутағайирҳо дар тӯли таҳқиқ баррасӣ мешавад. Ин мутағайирҳои мустақил шомили суди холис, ҷараёни накдии амалиётӣ, ақломи тааҳҳудии суд  нисбати ҷорӣ ва нисбати отӣ аст.

Фарзияҳои таҳқиқ

Фарзияи аввал. Судҳои таърихӣ тавони пешбинии ҷараёни накдии амалиёти отиро доранд.

Фарзияи дувум. Ҷараёнҳои накдии амалиётии таърихӣ тавони пешбинии ҷараёни накдии амалиётии отиро доранд.

Фарзияи савум. Ақломи тааҳҳудии суди таърихӣ тавони пешбинии ҷараёни накдии амалиёти отиро доранд.

Фарзияи чаҳорум. Тавони пешбинӣ байни се модели пешбиникунандаи суд, ҷараёни накдӣ ва ақломи тааҳҳудии суд мутафовит аст.

Фарзияи панҷум. Нисбатҳои накдинагии таърихӣ (нисбати ҷорӣ ва отӣ) тавони пешбинии ҷараёни накдии амалиётӣ отиро доранд.

Ҷомеа ва намунаи оморӣ. Ҷомеаи омории ин таҳқиқ ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон аз соли 1383 то поёни соли 1388 ба муддати шаш сол мебошад. Ҳамчунин, ҷомеаи оморӣ бо истифода аз шароити зер ва равиши ҳазфи системаи таъдилшуда аст:

1) намуна шомили ширкатҳои аз навъи таъминкунандаи молӣ, сармоягузорӣ ва бимаӣ набошад;

2) ширкатҳои намуна дорои соли молии мунтаҳӣ ба 29 исфандмоҳ бошанд;

3) додаҳои мавриди ниёзи таҳқиқ барои ширкатҳои мавриди назар қобили дастрас бошад.

Пас аз аъмоли ин маҳдудиятҳо теъдоди ширкатҳое, ки ҷузъи ҷомеаи оморӣ қарор гирифтанд, 146 ширкат мебошад. Барои таъйини ҳаҷми намуна бо таваҷҷуҳ ба ҷомеаи омории таҳқиқ аз робитаи тавзеи меъёри стандартӣ истифода шудааст. Бо дар назар гирифтани мусоҳиботи анҷомшуда теъдоди ширкатҳои намунаи омории 63 ширкат мебошад. Ба ин тартиб, ки ин теъдоди ширкат бар асоси нисбати ҳар санъат ба кулли ҷомеа интихоб шуда ва сипас, аз ҳар санъат бар асоси намунагирии тасодуфии сода намунае интихоб мешавад.

Бароварди модел ва озмуни фарзияҳо. Дар ин таҳқиқ, бо таваҷҷуҳ ба навъи додаҳо ва равишҳои таҷзия ва таҳлили омории мавҷуд аз равиши иқтисодсанҷии додаҳои мақтаӣ (сол ба сол) ва сипас, додаҳои таркибӣ (кулли давраи таҳқиқ) барои бароварди моделҳои таҳқиқ ва баррасии озмуни фарзияҳо истифода шудааст. Дар ин таҳқиқ арзиши каммии мутағайирҳои мустақил ва вобаста аз як сӯ, марбут ба 63 ширкати мухталиф буда, аз сӯйи дигар, давраи замонии 1383-1388-ро дарбар мегирад.

Моделҳои регрессияи таҳқиқ барои баррасии иртибот байни мутағайирҳои мустақил ва вобаста дар фарзияҳои таҳқиқ истифода шудаанд. Моделҳои шумора

батартиб барои озмуни фарзияҳои аввал, дуюм, сеюм ва панҷум ба кор меравaнд. Дар сурати маънидор будани моделҳои мазбур натиҷа гирифта мешавад, ки мутағайирҳои мустақил дорои қудрати пешбинии ҷараёнҳои нақдии отӣ ҳастанд.

Таҷзия ва таҳлили фарзияҳо бо истифода аз додаҳои таркибӣ. Дар ин таҳқиқ теъдоди мушоҳидаҳои ҳар мақта 63 мушоҳида (теъдоди ширкатҳои намуна) ва шомили давраи замонии 6 сол аст. Ба баёни дигар, робитаи мутағайирҳои мустақил ва вобастаи таҳқиқ аз як сӯ, дар миёни 63 ширкати мухталиф ва аз сӯйи дигар, дар давраи замонии 1383-1388 озмун мешаванд. Натоиҷи бароварди моделҳои таҳқиқ ба василаи модели регрессия ҳадди ақҷали мураббаоти маъмулӣ дар ҷадвали 1 ва 2 ироа шудааст.

Натоиҷи озмуни фарзияҳои таҳқиқ баёнгари таъйиди фарзияҳои аввал, дуюм ва сеюм аст. Дар баррасии натоиҷи марбут ба озмуни фарзияи аввал омораи t- озмуни модел дар сатҳи хатои 5% дар кулли маънидор ва навъи робитаи мустақим аст.

Бинобар ин, натоиҷи таҳқиқ ба равиши таҳлили додаҳои талфиқшуда баёнгари ин аст, ки судҳои таърихӣ дар ширкатҳои мавриди баррасӣ бо ҷараёнҳои нақдии амалиёти отӣ иртибот дошта ва мунҷар ба афзоиши он мешавад. Лизо, ҷараёнҳои нақдии амалиёти отӣ тавассути судҳои холиси таърихӣ қобилияти пешбинӣ доранд. Натоиҷи ёфтаҳои марбут ба ин фарзия бо натоиҷи таҳқиқҳои Кром ва Ниелсон ва Чанг ҳамхонӣ доранд, вале бо натоиҷи таҳқиқи Мобс ҳамоҳангӣ надорад.

**Ҷадвали 1. Натоиҷи озмуни фарзияҳои аввал то сеюм бо истифода аз равиши додаҳои талфиқшуда (pooled data)**

| Сол | Фарзия | -2 R | Теъдоди мушоҳидот | Омораи t (prob) | Зариб | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|
| -88 1383 | Фарзияи аввал, модели 1 | 0/ 49 | 378 | 10/ 26 (0/ 000) | 0/ 79 | Таъйиди фарзияи аввал |
| -88 1383 | Фарзияи дуюм, модели 2 | 0/ 68 | 378 | 11/ 23 (0/ 000) | 0/ 92 | Таъйиди фарзияи дуюм |
| -88 1383 | Фарзияи сеюм, модели 3 | 0/ 44 | 378 | 9/ 38 (0/ 021) | 0/ 64 | Таъйиди фарзияи сеюм |

Омораи t- озмуни модели марбут ба фарзияи дуюм низ дар сатҳи хатои 5% дар кул маънидор аст. Бинобар ин, натоиҷи таҳқиқ ба равиши талфиқи кулли додаҳо баёнгари таъйиди фарзияи дуюм аст. Ба баёни дигар, ҷараёнҳои нақдии амалиёти таърихӣ тавони пешбиникунандагии ҷараёнҳои нақдии амалиётии отиро доранд. Натоиҷи ёфтаҳои марбут ба ин фарзия бо натоиҷи таҳқиқҳои Кром ва Нилсон ҳамхонӣ дошта, бо натоиҷи таҳқиқи Курдистонӣ ва Мубс яксон набудааст.

Дар баррасии натоиҷи марбут ба озмуни фарзияи сеюм, омораи t- озмуни модел дар сатҳи хатои 5% дар кул маънидор аст. Бинобар ин, ақломи тааҳҳуди таърихӣ тавони пешбиникунандагии ҷараёнҳои нақдии амалиётии отиро доранд. Натоиҷи ёфтаҳои марбут ба ин фарзия бо натоиҷи таҳқиқҳои Бивр ва ҳамкорон ва Чукокити ҳамхонӣ дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба иттилооти ҷадвали 1 ва муқоисаи зариби таъйини R се модели мухталифи суд, ҷараёни нақдӣ ва ақломи тааҳҳудӣ натиҷа мешавад, ки тавони пешбиникунандагии се модел мутафовит аст. Лизо, фарзияи чаҳорум низ таъйид мешавад. Бештарин тавони пешбинии ҷараёнҳои нақдии амалиёти отӣ марбут ба модели дувум, яъне ҷараёнҳои нақдии амалиёти таърихӣ мебошад. Рутбаҳои баъдии тавони пешбинӣ батартиб мутааллиқ ба судҳо ва ақломи тааҳҳудии суд аст. Натоиҷи ёфтаҳои марбут ба ин фарзия бо натоиҷи таҳқиқҳои Дичу ва Чукокити ҳамхонӣ дорад.

**Ҷадвали 2. Натоиҷи озмуни фарзияи панҷум бо истифода аз равиши додаҳои талфиқшуда (pooled data)**

| Сол | Мутағайир | Теъдоди мушоҳидот | Омораи t (prob) | Зариб |
|---|---|---|---|---|
| -88 1383 | Нисбати ҷорӣ | 378 | 10 / 33 (0 / 000) | 0 / 48 |
| -88 1383 | Нисбати отӣ | 378 | 9 / 48 (0 / 000) | 0 / 56 |
| Натиҷа | Таъйиди фарзия | 0 / 52= R таъдилшуда | | |

Дар баррасии натоиҷи марбут ба озмуни фарзияи панҷум, нисбати ҷорӣ ва нисбати отии тавони пешбиникунандагии ҷараёнҳои нақдии амалиётии отиро доранд. Ҷараёнҳои нақдии амалиётии отӣ ба нисбати отӣ вобастагии бештаре дорад.

**Натиҷагирӣ ва пешниҳодҳо.** Сармоягузорони билқувва ва билфеъл барои таъйини арзиши саҳҳом ва сармоягузории худ ва ҳамчунин, тасмимгирӣ дар мавриди замони харид ё фурӯши он ниёз ба пешбинии ҷараёнҳои нақдии амалиёти отии ширкат доранд. Барои ин кор аз яксарии иттилоотии таърихӣ истифода мекунанд. Дар ин таҳқиқ тавони пешбиникунандагии иттилооти таърихӣ ба сурати таҷрибӣ мавриди озмун қарор гирифт.

Ин иттилооти таърихӣ шомили суди холис, ҷараёнҳои нақдии амалиётӣ, ақломии тааҳҳудии суд ва нисбатҳои ҷорӣ ва отӣ будааст. Фарзияҳои таҳқиқ бо бакоргирии намунаи шомили 63 ширкати пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодор барои давраи 1383-1388 ба равиши таҳлили додаҳои солона ва таркибӣ баррасӣ ва озмун шуд.

Натоиҷи таҳлили додаҳои таркибии таҳқиқ дар сатҳи хатои 5% баёнгари таъйиди фарзияҳои аввал то панҷум будааст.

Ба баёни дигар, натоиҷ ҳокӣ аз ин аст, ки суди таърихӣ, ҷараёнҳои нақдии таърихӣ ва ақломи тааҳҳудии таърихӣ тавони пешбинии ҷараёнҳои нақдии амалиётии отиро доранд. Аммо мизони қудрати пешбинии онҳо мутафовит аст. Ҷараёнҳои нақди амалиётӣ нисбат ба соири иттилооти таърихии дорои тавон пешбиникунандагии бештаре дорад. Дичу, Чукокити ва Чанг низ дар таҳқиқҳои худ ба ин натиҷа расиданд.

Бо анҷоми ҳар таҳқиқ роҳ ба сӯйи масире ҷадид боз мешавад ва идомаи роҳ мусталзими анҷоми таҳқиқҳои дигаре аст. Лизо, анҷоми таҳқиқҳо ба шарҳи зер пешниҳод мешавад:

а) баррасии тавони пешбиникунандагии соири иттилоот ва нисбатҳои молӣ ва баррасии робитаи ин нисбатҳо бо ҷараёни нақди амалиёти отӣ;

б) анҷоми пажӯҳиш бо ҳамин мавзӯъ, аммо барои афзоиши қобилияти эътимоди натоиҷи таҳқиқ теъдоди мушоҳидоти ҳар мақтаъ (теъдоди ширкатҳо) ва давраҳои замонӣ афзоиш ёбад.

### АДАБИЁТ


1. Ашрафзода Меҳргон. Иқтисодсанҷии Понл Дито / Ашрафзода Меҳргон // Муассисаи таҳқиқоти таовун. - Теҳрон: Донишгоҳ, 1387.
2. Бузургасл. Ҳисобдории миёна / Бузургасл // Созмони ҳисобрасӣ. - Теҳрон: Нашрия, 1384. -Ҷ.1.
3. Билкуӣ Аҳмад Риёҳӣ. Теориҳои ҳисобдорӣ / Билкуӣ Аҳмад Риёҳӣ, Порсоиён Алӣ. - Теҳрон: Саморанг, 1381.
4. Озар, Одил ва Муъминӣ, Мансур. Омор ва корбурди он дар мудирият (таҳлили оморӣ).- Теҳрон: Самт, 1381. - Ҷ. 2.
5. Роналд Ий. Эҳтимолот ва омори корбурдӣ / Роналд Ий, Ул Пӣ; тарҷимаи Қулӣ Ориёнажод, Мирбаҳодур ва Заҳабиюн Муҳаммад.- Теҳрон: Илм ва Санъат, 1375. -Ч.9.
6. Ҷаҳонхонӣ Алӣ. Бурси авроқи баҳодор / Ҷаҳонхонӣ, Алӣ, Порсоиён Алӣ. - Теҳрон, 1385. –ч.1.
7. Ҷиймз. Мудирияти молӣ / Ҷиймз, Сӣ Ван Ҳурн; тарҷумаи Дастгир Муҳсин.- Теҳрон: Улуми донишгоҳӣ, 1371.
8. Ҳофизниё Ризо. Омор ва эҳтимолот / Ҳофизниё Ризо. -Теҳрон: Навин, 1385.


### ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ФИНАНСОВЫХ СВЯЗЕЙ В ПРОЦЕССЕ ПРОВЕДЕНИЯ ФИНАНСОВЫХ ОПЕРАЦИЙ С НАЛИЧНОСТЬЮ, ФИНАНСОВЫЕ ОБЯЗАТЕЛЬСТВА И ПРОГНОЗ ФИНАНСОВЫХ ОПЕРАЦИЙ С НАЛИЧНОСТЬЮ В ФОНДОВЫХ БИРЖАХ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН


В данной статье аторами рассмотрены использование финансовых связей в процессе проведения финансовых операций с наличностью, финансовые обязательства и прогноз финансовых операций с наличностью в фондовых биржах Исламской Республики Иран.



**Ключевые слова:** фондовая биржа, деятельность фондовых бирж, операции с наличностью, финансовые обязательства, финансовый прогноз.


### THE USE OF FINANCIAL BONDS IN THE PROCESS OF CARRYING OUT FINANCIAL OPERATIONS WITH CASH, FINANCIAL LIABILITIES AND FORECAST FINANCIAL CASH TRANSACTIONS IN STOCK EXCHANGES OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


In this article forumi considered the use of financial bonds in the process of carrying out financial operations with cash, financial liabilities and forecast financial cash transactions in stock exchanges of the Islamic Republic of Iran.



**Key words:** stock exchange, the activity of stock exchanges cash transactions, a financial liability, a financial forecast.



**Сведения об авторах:** ***Мухаммад Рамазон Ахмади*** **–** доцент Университета Шахид Чамран, Иран

***Фарида Махдипур -*** сотрудник Международного учебного центра Персидского Залива, Иран
***Комбиз Ахмади Анголи*** – сотрудник Международного учебного центра Персидского Залива, Иран

# ИЗДИВОҶ ДАР ЭРОН

***Маҳдии Накӯии Деҳчинорӣ***
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Масъалаи заношӯйӣ ва интихоби ҳамсар аз масоили бисёр муҳимми зиндагист ва бояд ба он таваҷҷуҳи бисёр шавад. Ҳарчи одамӣ ба масири такомули худ наздиктар мешавад, доманаи хостаҳояш бештар мегардад ва аз зиндагии содаи ҳайвонӣ ба зиндагии муфассалтару муфид қадам мегузорад, аз ин рӯ, аҳамияти диққат дар ин масъала зиёдтар мешавад. Ҳар қадар башар ба марҳалаи такомули тамаддун бирасад ҳам, оҳанги равонии заношӯйӣ мушкилтар мешавад. Дар ҳоли ҳозир барои кишвари мо, агар масъалаи заношӯӣ аз муҳимтарини мушкилот набошад, камтар аз соири мавонеъ ва мушкилоти дигар нест ва барои ҷавонон таваҷҷуҳ ба ин мавзӯъ зарурӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ин мавзӯъро яке аз боаҳамияттарин марҳалаҳои зиндагӣ муаррифӣ мекунем. Ба ҳамин далел бо мурури бар гузаштаи Эрони пеш ва баъд аз ислом ва омилҳои муассир бар издивоҷ ва назариёти донишмандон дар мавриди хонавода ва хешовандӣ ва издивоҷ пардохтаем. Дар ниҳоят, ба натиҷагирӣ аз таҳқиқ мепардозем.

Издивоҷ иттиҳоди шинохташудаи иҷтимоӣ, байни ду нафар ё бештар аст. Дар саросари ҷаҳон ин падида равиши муассире дар танзими (тартиб) робитаҳои ҷинсии ду ҷинси мухолиф будааст.

Издивоҷ ҳамчунин дар созмони иҷтимоӣ боиси эҷод ва робитаҳои мутақобили иҷтимоӣ мешавад, ки асоси хонаводаҳост. Издивоҷ дар аксари ҷомеаҳо абзори муҳиме барои эҷоди арзишҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ба амал омадани пайванд байни хонаводаҳо мебошад.

Мавзӯи издивоҷ ва ташкили конуни хонаводагӣ дар дараҷаи аввал ҳам оҳангии равонии зан ва мард мебошад ва адами таваҷҷуҳ ба ин муқаррарот ва қонунҳо ва ҳамчунин беҳдошти равонии он дар насли ҳозир барои иддаи зиёде нороҳатӣ ва малоли хотирро ба вуҷуд овардааст ва бисёре аз қонунҳои хонаводагӣ дар ҳоли сукут аст, ё сукут кардааст, зеро пояи он аз рӯйи ишқ ва тазоҳуроти ғаризаи ҷинсӣ бунёдгузорӣ шудааст.

Барои таъмини беҳдошти рӯҳии издивоҷ бояд дар дараҷаи аввал ба ду асли муҳим таваҷҷуҳ дошт:

1. **Қабл аз издивоҷ.** Риояти асли таносуб хеле муҳим мебошад, яъне ду нафар ки мехоҳанд бо ҳам издивоҷ кунанд, бояд аз ҷиҳатҳои бисёре мутаносиби якдигар бошанд, ки иборат аст аз ҷиҳоти рӯҳӣ, иҷтимоӣ, омузиш ва иқтисодӣ. Пас, агар зану мард аз ҷиҳатҳои дар боло зикршуда дорои ихтилофи шадиде бошанд, хушбахт нахоҳанд шуд. Масалан, яке аз тарафайн дорои рӯҳи солим ва олӣ ва дигарӣ рӯҳи пасту заиф аст. Равшан аст, ки дар асари ихтилофоти зикршуда дар кашмакашу нороҳатӣ хоҳанд буд.

2. **Баъд аз издивоҷ** риояти асл ва тавофуқ хеле зарур аст. Зану марде, ки дорои таносуб бошанд, метавонанд худро ба майли якдигар мувофиқ намоянд ва тавофуқ ба вуҷуд оваранд. Пас, асли дуюм дар асли аввал нуҳуфтааст, аммо дар баъзе аз мавқеъҳо бо вуҷуди таносуби тавофуқи ахлоқӣ ва руҳӣ байни онҳо таъмин намешавад ва ин мавзӯъ мусталзами пешбиниҳои зиёд аст. Масалан, ду дипломат аз лиҳози таносуб бо ҳам мувофиқанд, вале мумкин аст аз лиҳози тавофуқи ахлоқӣ мухолифи якдигар бошанд.

Аз ҳазрати Содиқ (а) ривоят шудааст: «Дар ҳангоми издивоҷ бубинед худро куҷо қарор медиҳед ва чӣ касеро шарики зиндагии худ мекунед ва беҳтарини занон ононеанд, ки мансуб ба аслу насаби шоиста мебошанд ва махсусан аз назари равонӣ, ки бояд хушахлоқ бошанд ва бидон, ки занон мухталифанд баъзе аз онҳо ғаниматанд ва баъзеашон ғаромат».

Яке аз донишмандон мегӯяд, ки қабл аз издивоҷ шинохтан ва ташхиси сифоти хоссаи ҳамсар ва ошноӣ ба тамоми хусусиёти ӯ, ҳатто, барои касе ки бино ва доно бошад, бисёр мушкил ва дар бисёре аз мавридҳо муҳол аст.

Дигар аз нуктаҳои лозими риоят ахлоқ волидайн аст, ки асари он дар фарзанд ба хубӣ ошкор мешавад. Сармояи воқеии наҷобати зотӣ ва шарофати инсонист, ки бояд дар назар гирифта шавад.

Издивоҷ ниҳоди иҷтимоии бисёр фарогирест. Бо вуҷуди ин монанди соири ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоӣ тафовутҳои зиёде дар улгуҳои хонавода ва издивоҷ дар миёни фарҳангҳои гуногун вуҷуд дорад. Ин ки чӣ чизе хонавода маҳсуб мешавад, иртиботаш бо хешовандони дигар, бо чӣ касоне метавон издивоҷ кард, зану шавҳар чӣ гуна интихоб мешаванд, иртибот миёни издивоҷ ва тамоюлоти ҷинсӣ – ҳамаи инҳо дар фарҳангҳои гуногун бисёр мутафовитанд.

Нахуст бояд мафоҳими асосии хонавода, хешовандӣ ва издивоҷро муаррифӣ кунем.

Хонавода гурӯҳе аз афродест, ки бо иртиботи хешовандӣ мустақиман пайванд ёфтаанд ва аъзои бузургсоли он масъулияти муроқибат аз кӯдаконро ба уҳда доранд.

Пайвандҳои хешовандӣ иртибот миёни мардум аст, ки ё аз роҳи издивоҷ барқарор гардидаанд, ё аз тариқи табор, ки хешовандони хунӣ (модарон, падарон, фарзандони дигар, падарбузургҳо ва ғайраро бо якдигар иртибот медиҳад. Издивоҷ метавонад ба унвони пайванди ҷинсӣ аз назари иҷтимоӣ ба расмият шинохта шуда, ва писандида байни ду шахси бузургсол таъриф шавад, аммо пайванди издивоҷ шумори зиёдтаре аз хешовандонро низ бо ҳамдигар иртибот медиҳад, яъне волидайн, бародарон, хоҳарон ва соири хешовандони хунӣ, хешованди шарики издивоҷ мешаванд.

Дар ин ҷо суоле, ки барои муҳаққиқ пеш меояд, ки кадом омилҳо дар беҳбуди издивоҷ муассир мебошад ва чӣ тағйироти бунёдӣ дар асли хонавода ва издивоҷ дар даврони кунунӣ низ рух додааст.

**Чорчӯбаи назарӣ: Назарияи Леви Страус, Клавд (Strauss Claude).** Леви Стравс издивоҷро падидаи аслӣ дар ташкили сохтҳои хешовандӣ медонад. Издивоҷ фароянди хешовандии насабӣ, номгузорӣ, ирсбарӣ ва рафторҳоро мушаххас карда, роҳро бар тавлиди мисли (таваллуд кардани насл) машрӯъ даруни гурӯҳе ва хонаводагӣ мекушояд.

**Назарияи Ҷон Макленнан (Mc Lennan John).** Қозии исландӣ, ки мутолиоти ҳуқуқи муқоисавии ӯ саҳми босазо дар тавсеаи мардумшиносӣ дошт, хусусан ба таҳқиқ дар бораи модарсолорӣ ва модартаборӣ ва шаклҳои гуногуни издивоҷ (чандзанӣ, чандшавҳарӣ, издивоҷ бо беваи бародар) ва ҳараҷу мараҷи ибтидоӣ пардохт.

**Вестер Марк Эдвард (Wester Marck Edward), ф**айласуф ва мардумшиноси финландӣ, устоди донишгоҳҳои Лондон буд. Назарияҳои вай дар бораи маншаи издивоҷ ва таҳрими (ҳаром будани) маҳорим (ҳаромҳо) ва муқаддам будани модартаборӣ дар силсиламаротиби таҳаввули инсон маъруф аст.

**Морган Левис (Morgan Lewish)** мардумшиноси амрикоист, ки бар хилофи донишмандони муосири худ, аввалин бор ва таҳқиқи маҳаллӣ дар миёни қабилаҳои эрокез (iroquois) пардохт. Ин таҳқиқи маҳаллӣ, гарчи ба шиддат мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор гирифт, мазиятеро нисбат ба равиши ҳамкорони дигар дар бар дошт.

Назарияҳои Морган, ки аз назарияи такомули қарни XIX илҳом гирифта буд, бахусус дар миқёси ҷаҳонӣ ба шинохту таҳлили таърихчаи ҳаёт ва таҳаввули хонавода, издивоҷ, моликият ва давлат дар тайи қарнҳо пардохт.

Назарияи марҳалаҳои сегонаи ӯ марҳалаи таваҳҳуш, марҳалаи бартарият ва марҳалаи тамаддун, босуръат оламгир шуд. Вай барои исботи назарҳои худ аз манобеи атиқии юнонӣ гирифта, то мушоҳидоташ дар назди бумиёни австралиягӣ истифода кард.

Аҳдофи таҳқиқ шиносоии фарҳанг ва тағйироти бавуҷудомада дар фароянди издивоҷ ва ҳамсаргузинӣ, пеш аз ислом ва баъд аз ислом дар Эрон мебошад.

Равиши таҳқиқ майдонӣ, аснодӣ ва то ҳудуде китобхонаӣ будааст.

**Заношӯӣ аз назари мазҳабҳо.** Дар мазҳаби яҳуд издивоҷ бо маҳорим (маҳорим шомили модар, хола, амма, хоҳар ва ғ. мешавад) манъ шуда (дар «Таврот»), аммо на ба таври комил ва маҳорими муаррифишуда иборатанд аз: духтар – модар – зан – падар – хоҳар – нава – хоҳаринотанӣ – амма – бародарзода – холаи зан – аму нисбат ба бародарзода, арӯс нисбат ба бародари шавҳар, зани бародар нисбат ба бародари шавҳар – чуноне ки мулоҳиза мефармоед мавзӯи ҳурмат (ҳаром будан) бо модар ва хоҳари разоӣ (нотанӣ) ва низ ҳурмати доӣ (тағойӣ) ва бо хоҳарзодаи худ, ё аму бо бародарзодаи худ, дар матни сареҳи «Таврот» вуҷуд надорад ва яҳудиён ба ҳамин

муносибат ба худ иҷозат медиҳанд. Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки бемориҳои ирсӣ дар миёни яҳудиён шоеътар аст ва далели дигаре низ дорад, ки яҳудиён бо ғайри яҳуд издивоҷ намекунанд.

**Дар мазҳаби ҳазрати Масеҳ (а).** Дар «Инҷил» дастури равшане вуҷуд надорад ва католикҳо ва протестантҳо пайрави «Таврот» мебошанд бо ин фарқ, ки аз издивоҷ бо духтари хоҳар ва духтари бародар ҳам мепарҳезанд. Аммо масеҳиёни ортодоксалӣ тарҷеҳ медиҳанд, ки издивоҷ то ҳафт нисбати падарӣ ва модарӣ анҷом нагирад ва муттакӣ бар яке аз ототи «Таврот» мебошад, вале масеҳиён дар нукоти мухталифи дунё бар ҳасби одот, бахусус тарҳи издивоҷашон, мутафовитанд.

**Ҳурмати издивоҷ бо маҳорим аз назари ислом.** Ҳурмати (ҳаром будан) издивоҷ бо маҳоримро кофист, ки аз Қуръони Карим ояи 27 сураи «Нисо» мутазаккир (ёдовар) шавем, ки дар он ҷо ҳамхунӣ ва беҳдошти насл ба таври куллӣ риоят шудааст:

«Ҳаром шуд бар шумо издивоҷ бо модарон, духтарон, аммаҳо ва холаҳо, духтарони бародар ва духтарони хоҳаратон ва модарони разоӣ (ғайри танӣ, угай) ва хоҳарони разоӣ ва модарон ва духтарони зан, ки дар домани шумо тарбият шудаанд, агар бо зан муошират карда бошед ва агар духул (хобухез, ҳамбистарӣ) бо зан накарда талоқ диҳед, боке нест, ки бо духтари ӯ издивоҷ кунед».

**Сабабҳои манъ кардани издивоҷ байни хешовандон.** Издивоҷ байни хешовандони наздик монанди: писари амак, духтари амак ё писари амма ва духтари тағоӣ ё писари хола ва духтари хола ва ғайра, агар саломатии тарафайн то чандин насл хуб бошад ва сифати бемории зотӣ дар байни онҳо набошад албатта боиси тақвияти (қави кардан) сифатҳои хонаводагӣ хоҳад шуд, аммо, агар як беморӣ дар яке аз онҳо ба таври ошкор ё пинҳон вуҷуд дошта бошад ва издивоҷе байни онҳо анҷом гирад, муҷиби ташдид ва ошкор шудани он беморӣ хоҳад шуд.

**Заношӯии нописанд қабл аз ислом:**

**1.Заношӯӣ ҷиҳати бордор шудан.** Ин навъи никоҳ аз шармовартарин заношӯиҳо ба ҳисоб мерафт ва он чунин буд ки, агар марде моил ба доштани фарзанди рашид, ҷангҷӯ ва қавӣ, ё андом ва шакли хосе бошад, зани худро барои муддате дар ихтиёри он соҳиби андом ё фалон ҷангҷӯ мегузошт, то аз ӯ барояш фарзанде бизояд.

2.**Заношӯии дастаҷамъӣ.** Иддае, масалан даҳ нафар як занро мегиранд ва бо ӯ ҳамбастар мешуданд ва харҷи ӯро бо ҳамдигар пардохт мекарданд ва агар он зан фарзанде ҳомила мешуд, ихтиёр дошт, ки ҳар як аз мардони даҳнафариро соҳиби он фарзанд бихонад ва ҳар кадомро ки бештар дӯст медошт, ба ӯ хитоб мекард, ки фарзанд аз туст ва ин дар сурате буд, ки навзод писар бошад ва агар духтар буд, он зан ҷуръати инро надошт, ки яке аз онҳоро падар бихонад ва аз тарафе онҳо ҳам моил ба қабули духтар набуданд.

3.**Заношӯии таъвизӣ (иваз кардан).** Яке дигар аз сифоти нописанди он замон ин буд, ки занони худро иваз мекарданд. Масалан, як нафар зани худро бо зани рафиқаш иваз мекард, барои чанд рӯз. Дар ин муомила зан ҳаққи эътироз надошт ва тамоми ихтиёрот дар султаи мард буд.

4.**Заношӯӣ бо хашму зӯр.** Агар шахсе вафот мекард, занаш монанди амволаш ба писараш ё ба ақвомаш (қавмаш) мерасид, агар он зан номодарӣ буд, писар метавонист ӯро бигирад ва ё ба дигарӣ вогузор кунад.

5.**Заношӯии ҳамагонӣ.** Дар ҳақиқат ба манзалаи фоҳишахонаҳои кунунӣ буд ва тамоми он занон аз як мард буданд, ки аз онҳо ба сурати таҷоруб истифодаи молӣ мекард.

6.**Заношӯии дӯстона**, яъне маъшуқа гирифтан ва нишондан.

7.**Заношӯии мубодилӣ,** яъне мардон хоҳар ё занони худро ба ҷойи маҳрия медоданд.

**Омилҳое, ки дар беҳбуди издивоҷ муассир аст иборатанд аз:**

1. Муоинаи тарафайн қабл аз издивоҷ аз назари бемориҳои вогирдор ҷиҳати издиёд ва солим будани насл.
2. Ҷудо кардан ва нигаҳдории муҷримин, маҷонин (девонагон) ва ноқисулхилқаҳо (маълулҳо) барои аз байн рафтани осори онҳо.
3. Манъи издивоҷ байни хешовандони наздик ва вазъи муқаррароти муносиб барои издивоҷ ҷиҳати пешгирӣ аз бемориҳои ирсӣ.
4. Эҷоди қонунҳои муносиб ҷиҳати муҳоҷират ва муҳоҷирин.
5. Мубориза бо бемориҳои таносулӣ.

6. Мубориза бо машруботи алкоголӣ ва маводи мухаддир, барои беҳбуди насл ва риояти назм ва тартибу қонунҳои зиндагӣ.

7. Тарбияти ахлоқӣ ва баданӣ, ки самарааш фарзандони солеҳу солим аст.

8. Риояти тартиби син.

**Таърифи истилоҳот:** Издивоҷи такҳамсарӣ (monoigamy).

Издивоҷ байни як марду як зан иҷозат аст.

Издивоҷи чандҳамсарӣ: (polygamy) ба ду шакл-чандзанӣ ва чандшавҳарӣ вуҷуд дорад.

Чандзанӣ (polygamy). Мард метавонад ҳамзамон бо беш аз як зан издивоҷ кунад.

Чандзани маҳдуд (limited polygamy). Намунаи ин издивоҷ дар байни кишварҳои мусалмон мутадовил аст, ки тибқи он улгу, ҳар марди мусалмон метавонад ҳамзамон 4 зани ақдӣ бо пайравӣ аз қонунҳои вуҷуддоштаи шаръӣ дошта бошад.

Чандзании номаҳдуд (un limited polygamy). Ба шакли издивоҷи муваққат, сиға байни мусулмонони шиа иҷозат аст.

Левирот: (levirate). Ҳар зане пас аз фавти шавҳараш бояд бо бародари шавҳари худ издивоҷ намояд.

Сарарат (sororate). Як мард дар як гурӯҳи фарҳангии хос бояд бо хоҳари зани фавтшудаи худ издивоҷ кунад.

**Хонаводаи эронии пеш аз ислом.** Дар бисёре аз манобеъ ба хонавода аз бӯъди мазҳабӣ таваҷҷуҳ шудааст. Дар хонаводаи эронӣ хешовандӣ пайванди табиии қарордодӣ, аммо ҳамеша муқаддас аст, ки мояи васлати яке бо дигарӣ мешавад.

Хешовандӣ ба чашми эронӣ ниҳоди муқаддас аст. Ҷомеаи мазҳабӣ барои тасҷил ва тақдиси никоҳ ва фарзанди хонаводагӣ пой ба миён мениҳад, ва ифои бархе аз таклифҳои мазҳабӣ, чун омӯзиш ё парастиши ниёконро бар гардани касоне мегузорад, ки ба василаи хуни хонаводагӣ ба ҳам пайванд ёфтаанд. Ойини маздо ба хешону вобастагон супориш мекунад, ки усул ва қоидаҳоеро, ки бар шафқату вафо ва ихлос аст, дар ҳаққи ҳамдигар ба ҷо оваранд.

Ҷанбаи тақаддуси хонавода ва амри издивоҷ дар матнҳои таърихӣ ва мазҳабии пеш аз ислом, мушоҳида мешавад, бинобар ин, хешовандӣ ва издивоҷ дар даврони Сосониён, амре муқаддас буд, ки аз дастуроти ойини маздоӣ сарчашма мегирифт. Аз ин издивоҷ беш аз ҳар чиз, аҳамияти мазҳабӣ дошт. Зиндагии заноШӯӣ бар ҳар касе лозим аст, зеро ки ягона роҳи растагорист. Аз ин рӯ, издивоҷ роҳу расму тариқаи Худоист ва лозиму воҷиб аст.

Ойини Зартушт ойини азобҳоро (касоне, ки издивоҷ накардаанд) аз оғӯши худ меронад ва заношӯии беақду никоҳ ва зиндагии сабуксаронаро низ, мояи даҳшат медонад. Варосати ростин ва бачаҳои ҳалолзода, танҳо самараҳои издивоҷи шаръӣ ҳастанд, ҳаромзодаҳо аз ҳар гуна варосате бебаҳраанд.

Дар ин давра издивоҷ дар қолаби улгуҳои иҷборӣ қарор дошт, пеш аз ихтиёр ва ҳаққи интихоби шахсӣ ва дахолати волидайн, бавижа падар, дар ҷомеаи қонунӣ вуҷуд дошт, ки ҳаққи интихоби ҷавононро маҳдуд менамуд аз муҳимтарин қонунҳо, манъ будани издивоҷ бо кофирон буд.

Интихоби ҳамсар бояд дар чорчӯбаи табақаи иҷтимоӣ «пешг» сурат гирад «пешг» табақае вобаста ба касе нест, балки бо гурӯҳи ҳирфаӣ (моҳир) ва бо навъи синф (гурӯҳ) мутобиқат дорад. Бинобар ин, издивоҷ даруни «пешг» ва васлат бо инсони «пешг» қоида ва қонун буд.

Ҳамчунин, зани порсои якдилу якзабон ва якрӯро, ки аз ҳайси таълиму тарбияти некӯяш шоистаи эҳтиром бошад, фармонбардори шавҳар буда, иффату исмат (покдоманӣ) дошта бошад, бузург ва гиромӣ медоштанд.

Хулосаи калом, дӯшизагони Эрон бояд бо авсояи хубу ва шоистаашон, василаи зинати манзили заношӯиро фароҳам оваранд.

Хонаводаи Сосониён, хонаводае муқтадир ва падарсолор, падартабор ва падармакон буд. Издивоҷ барои як духтар ба манзалаи вуруд ба хонаводаи падари шавҳари худ ва узви он хонавода шудан маҳсуб мешавад. Дар издивоҷ духтар бояд ба зери султаи падари шавҳари хеш бошад.

Уилл Дюрант мегӯяд: «Дар замони Зартушт занон ҳамон гуна ки одати пешиниён буд, манзалати олӣ доштанд. Бо камоли озодӣ ва бо рӯйи кушода дар миёни мардум омадурафт мекарданд ва соҳиби мулк ва замин буданд ва дар он тасарруфоти моликона доштанд ва метавонистанд монанди аксари замони рӯзгори

ҳозир ба номи шавҳар ё ба ваколат аз тарафи ӯ ба корҳои марбут ба ӯ расидагӣ кунанд».

Уилл Дюрант қайд намудааст: «Таъкид бар покдомании занон бисёр мавриди таваҷҷуҳ будааст, бинобар ин, хиёнати зан ва барқарории робитаи номашрӯъ, ҳамвора бузургтарин гуноҳҳо ва бештарин муҷозотро доштааст». Бар асоси таҳқиқоти анҷомшуда чунин истинбот мешавад, ки дар даврони Сосониён қонунҳои маданӣ бар асоси аҳкоми «Занд» ва «Авесто» таъйин мешуд, тааддуди завҷот (зиёдии зан) дар асри Сосониён монанди асри Ҳахоманишӣ вуҷуд дошта, тааддуди завҷот маншаи мизони сарват ва дороии афрод маҳсуб мешуд.

Мазоҳирӣ дар таҷзияву таҳлилҳои таърихӣ перомуни хонавода ва издивоҷ дар даврони бостон чунин ишора мекунад: «Зан дар миёни эрониён каниз нест, баръакс метавон гуфт, ки ҳамтои мард ва ҳамдаму ҳамроҳи ӯ дар ин дунё ва он дунёст. Зан дар конуни заношӯӣ накши муодили накши шавҳар ба ухда дорад ва ба ҳамон гунае ки мард сарвари хона аст, зан бонуи хона аст». «Авесто» занро кадбонуи хона ва мардро худованд ва сарвари хона мехонад.

**Хонавода ва издивоҷ пас аз ислом.** Дар Эрон пас аз ислом мамониате барои анвои заношӯии роиҷ дар асри Сосонӣ, бавижа назди табақоти мумтоз ба вуҷуд наёмад. Ба ин иллат бархе фармондеҳон ва аъён бо таваҷҷуҳ ба вуҷуди шумори зиёди занони озод дар нахустин садаҳои давраи исломӣ, маҳдудиятҳои эъмолшуда аз сӯйи исломро риоят накарданд.

Баррасии манобеи таърихӣ нишон медиҳад, ки талоқ ба осонӣ анҷом мешуд. Дар ин маврид Шпулер ба ривоҷи издивоҷи муваққат дар минтақаҳои шианишин ишора мекунад ва густариши онро ба сабаби шабоҳате, ки бо бархе аз навъҳои издивоҷ, ки дар даврони Сосонӣ доштааст, нисбат медиҳад.

Байҳақӣ дар «Таърихи Байҳақӣ» бо ишора ба чандзанӣ ва шукӯҳу ҷалоли ҳарамсароҳои дарбор мегӯяд: «Ҳарамсароҳои подшоҳон ва шоҳзодагон дар даврони Ғазнавӣ пур аз занони гуногуни ақдӣ ва ғайриақдӣ ва наҷибзода ва каниз буд. Бахше аз оидоти хазонаро ба худ ихтисос медодаанд».

Салҷуқиён монанди Ғазнавиён пур аз тазоҳур ва таассуби мазҳабӣ набуданд. Пас аз сукути Салҷуқиён ва таҷзияи қаламрави онҳо дар давраи ҳукумати Атобакон, қудрат ва шукӯҳи занон фаро мерасад. Дар ин аср, издивоҷи сиёсӣ рӯй медиҳад. Дар даврони Хоразмшоҳиён низ нуфузи занон дар дарбор фузунӣ ёфт.

Ҳамсаргузинӣ дар байни муғулҳо ба ду сурат анҷом мешуд: аз равиши хостгорӣ ё аз равиши ҷанг.

Муғулҳо низоми издивоҷи такҳамсарӣ доштанд, вале тааддуди завҷот дар миёни ашроф ва табақаи сарватманд ривоҷ доштааст.

Мусаллам аст, ки доштани занони мутааддид ниёз ба имконоти зиёди иқтисодӣ дорад.

Расми чандзанӣ ва издивоҷ аз тариқи ҷанг ва издивоҷи рабоишӣ (рабудан), доштани занони сиғаӣ ва хариди занони каниз дар бозор ва канизоне, ки бештар аз асирони ҷангӣ ва қабилаҳои факиру ниёзманд буданд, дар бозорҳои маҳаллӣ ба хариду фурӯш мерасиданд, аз ҷумлаи вижагиҳои даврони муғул аст.

Талоқ дар байни муғул расм нашуда набуд. Занон ба ду гурӯҳ- ақдӣ ва ғайриақдӣ, ки занони ғайриақдӣ ба ду сурат, ки гурӯҳи аввал занони сиғаи, ки дар мақоми поинтар аз занони ақдӣ қарор доштанд ва дар айни ҳол фарзандони онҳо қонунӣ буданд ва аз мазоёи хонаводагӣ ва сарват бархурдор мешуданд. Гурӯҳи дигар канизон буданд, ки ҳамеша каниз ва барда боқӣ мемонданд. Фарзандони онҳо, ки ҳосили робитаи канизу хон буд, номашрӯъ талаққӣ мешуданд ва ҳеҷ гуна ҳаққе надоштанд. Одоб ва русуми издивоҷи муғулҳо, пас аз он, ки ба ислом рӯ оварданд, батадриҷ тағйироти зиёде намуд.

Мавқеияти занон дар даврони Сафавӣ дастхуши тағйироти бисёре шуд. Бавижа охирҳои даврони Сафавӣ, ки муаррихин онро аз ториктарин даврахои таърихи Эрон медонанд, издивоҷ ва хешовандӣ дар даврони мухталиф пайрави низоми табақотии ҷомеа буд, ки хонаводаи густурда батадриҷ ба самти хонаводаи ба зоҳири ҳастаӣ дар ҳоли ҳаракат аст. Хонавода на ба шакли густурда дар даврони гузашта ва на ба сурати ҳастаӣ дар ҷомеаҳои модерн вуҷуд дорад.

Аз ҳадафҳои ин пажӯҳиш шинохти издивоҷ пеш аз ислом ва баъд аз он будааст. Дар ин таҳқиқ аз равиши майдонӣ, аснодӣ ва китобхонавӣ истифода гардидааст. Ҳамчунин, назароти донишмандон дар мавриди хонавода, хешовандӣ ва издивоҷ

истифода гардидааст, ва омилҳое, ки дар беҳбуди издивоҷ нақш доштаанд, баён гардида, назароти мазҳабҳо нисбат ба издивоҷ баён гардид.


**АДАБИЁТ**

1. Арлата О. Даромаде бар инсоншиносии таърихӣ / О. Арлата; тарҷумаи Яҳё Мударрисӣ. -Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1373.
2. Бартолд Шпалер. Таърихи муғул дар Эрон / Бартолд Шпалер; тарҷумаи Маҳмуд Мирофтоб. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1365.
3. Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Гирди шаҳр бо чароғ дар мабонии инсоншиносӣ / Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. – Теҳрон: Маҳдӣ, 1385.
4. Ровандӣ Муртазо. Таърихи таҳаввулоти иҷтимоӣ / Ровандӣ Муртазо. Ширкати саҳомии китобҳои ҷайбӣ, 1358.
5. Ривер Клад. Даромаде бар инсоншиносӣ / Ривер Клад; тарҷумаи Носири Факӯҳӣ. -Теҳрон: Най, 1379.
6. Сонеӣ Сафдар. Беҳдошти издивоҷ аз назари ислом / Сонеӣ Сафдар. –Теҳрон: Интишороти Гулӣ, 1364.
7. Фаррухниё Раҳим. Назарияҳои мардумшиносӣ / Фаррухниё Раҳим. –Теҳрон: Интишороти нависанда, 1383.
8. Гидენз Антоний. Ҷомеашиносӣ / Гидენз Антоний; тарҷумаи Манучеҳри Сабурӣ. -Теҳрон: Най, 1383.
9. Мақсудӣ Манижа. Инсоншиносии хонавода ва хешовандӣ / Мақсудӣ Манижа. -Теҳрон: Шероза, 1386.
10. Мазоҳирӣ Алиакбар. Хонаводаи эронӣ дар давраи пеш аз ислом / Мазоҳирӣ, Алиакбар; тарҷумаи Абдуллоҳи Таваккулӣ. –Теҳрон: Қатра, 1373.



**БРАК В ИРАНЕ**

Брак является социальным явлением и обусловливает связь между противоположными полами и законность данных отношений достигается через заключение брака. Иран является мусульманской страной, и семьи здесь строятся на той же основе. Ислам - это довольно сложная религия, в которой присутствует множество обычаев и правил. Браки в Иране заключаются временные и постоянные. Временные браки могут быть заключены в том случае, если мужчина не обладает достаточным финансовым положением. Такой брак может быть, потом продлен по взаимному согласию обоих сторон или же расторгнут также по обоюдному согласию. Статья посвящена изучению данной темы.



**Ключевые слова:** брак, значение брака, заключение брака, браки в Иране, социальная структура, мировоззрение, культура и образ жизни.



**MARRIAGE IN IRAN**

Marriage is a social phenomenon and determines the relationship between opposite sexes on the basis of long-term sexual relationships and legality of these relations is achieved through marriage. Iran is a Muslim country, and the families here are based on the same basis. Islam is quite a complex religion, in which there are many customs and rules. Marriages in Iran are both temporary and permanent. Temporary marriages may be made in the case, if a man does not have sufficient financial position. Such a marriage can be, then prolonged by mutual consent of both parties or terminated also by mutual consent. The article is devoted to the study of this topic.



**Key words:** marriage, the value of marriage, the marriage, the marriage in Iran, the social structure, ideology, culture and way of life.



**Сведения об авторе:** ***Махди Накуи Дехчинори*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ


# МУАММОҲОИ КАЛКУЛЯТСИЯИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ДӮЗАНДАГИИ ТОҶИКИСТОН


***Ҷамила Каримӣ Шод***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Хусусиятҳои ташкилӣ ва технологияи истеҳсолот, истифодаи масолеҳ, таҷҳизот, тайиноти маҳсулот ва фурӯши он ба ташкили ҳисобгирӣ ва калкулатсияи арзиши аслии маҳсулот вобастагӣ дорад. Аз ин сабаб баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот дар марказҳои ҳисобгирии хароҷот ва марказҳои ҷавобгарӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар ин маврид марказҳои баҳисобгирии хароҷот ҷараёнҳои хариду тайёркунии ашёи хом ва масолеҳ, поракунии масолеҳ, дӯзандагӣ, такмилу бастабандкунӣ интихоб карда мешаванд. Дар корхонаҳои дӯзандагие, ки маҳсулоти тайёр пас аз поракунӣ давраи шустушӯро аз сар мегузаронанд, истеҳсоли либосҳои махсус барои кормандони соҳаҳои сохтмонӣ ва истеҳсол либосҳои аз масолеҳи дурушт дӯхташаванда (ҷинс), хароҷоти ин ҷараён алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд ва дар бисёр ҳолатҳо ҳаҷми ин хароҷот ба истеҳсоли як партия нимфабрикат муайян карда мешаванд.

Барои муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти марказҳои ҷавобгарӣ усули нимфабрикатии баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот бо арзиши аслии истеҳсолӣ бурда мешавад.

Дар корхонаи дӯзандагие, ки коркарди масолеҳ, поракунӣ ва дӯхтани либос дар як ҳудуд гузаронида мешавад, усули фармоишӣ ва ё маснуотии баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсия истифода бурда мешавад. Дар ин ҳолат хароҷоти истеҳсолӣ бевосита ба намуд ва ё гурӯҳи навъ ва тарҳи маҳсулоти баровардашуда дохил карда мешаванд.

Агар корхонаҳои дӯзандагӣ, ки маҳсулотро бо номгӯйи ҳар хела (андоза, фасон, аз масолеҳи якхела ё масолеҳи якранг) истеҳсол кунанд, он гоҳ хароҷоти истеҳсолӣ бевосита ба қисмати маҳсулоти гирифташуда таносубан ба меъёри муайянкардашуда (норматив) тақсим карда мешаванд (дӯхтани либоҳои махсус барои ҳарбиён, барои фурӯш ва ё бо фармоиши кишварҳои беруна ва ғ.).

Дар ин ҳолат калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот бо усули зерин муайян карда мешавад:

**Ҷадвали 1. Калкулятсияи маҳсулоти тайёр дар сехи дӯзандагии ҶСП ”Гулистон”-и шаҳри Душанбе (истеҳсоли шимҳои мардона, бо сомонӣ)**

| Номгӯйи моддаҳои хароҷот | Гурӯҳи маҳсулот | | | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Арт 56 | Арт 58 | Арт 60 | |
| 1.Масолеҳи асосӣ (100м$^2$) | 600 | 680 | 700 | 1980 |
| 2.Масолеҳи ёрирасон | 240 | 260 | 280 | 780 |
| 3.Музди меҳнати коргарон | 300 | 360 | 380 | 1040 |
| 4.Ҳиссаҷудокунӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ (25%) | 75 | 90 | 95 | 260 |
| 5.Хароҷоти умумисехӣ | 210 | 240 | 290 | 940 |
| Арзиши аслии истеҳсолӣ | 1425 | 1630 | 1735 | 4800 |
| Арзиши аслии як воҳиди маҳсулот (аз ҳар размер 10 ҷуфтӣ) | 142,5 | 163,0 | 173,5 | х |

Дар истеҳсолотҳои дӯзандагие, ки усули одии баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулотро истифода мебаранд, танҳо хароҷоти масолеҳӣ, музди меҳнат, масолеҳи ёрирасон бевосита ба арзиши ҳар як артикули маҳсулоти дӯзандагӣ дохил мекунанд. Дигар хароҷотҳо бо чунин усул тақсим карда мешаванд: суғуртаи иҷтимоӣ таносубан ба музди меҳнати коргарони истеҳсолӣ, хароҷоти умумисехиро таносубан ба музди меҳнати коргарони истеҳсолоти асосӣ тақсим мекунанд. Дар бисёр ҳолатҳо вобаста ба артикулҳо хароҷоти умумисехӣ (умумиистеҳсолӣ) дар асоси зарибҳо, ки нисбат ба тарҳи либоси дӯхташаванда муайян карда шудааст (меҳнатталабии тарҳ) тақсим карда мешаванд.

Корхонаҳои дӯзандагие, ки усули нимфабрикатии баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулотро истифода мебаранд. Арзиши аслии як воҳиди маҳсулот дар асоси ҷамъбасткунии хароҷоти ҷараёнҳои тайёркунии масолеҳ, поракунӣ, ҷӯшондану шустушӯйкунӣ, дӯзандагӣ ва такмил аз рӯйи моддаҳои калкулятсия, ки дар давлатҳои хориҷӣ наздик истифода мебаранд, тартиб дода мешаванд (ниг.ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Русия Тоҷикистон**

| | Русия | Тоҷикистон |
|---|---|---|
| Масолеҳи асосӣ (партовҳо тарҳ карда мешаванд) | + | |
| Нимфабрикатҳои истеҳсолоти худӣ | | + |
| Масолеҳи ёрирасон | | + |
| Хароҷоти барқ | | + |
| Хароҷоти об, буғ, ҳавои фишурдашуда | | + |
| Музди меҳнати асосии коргарони истеҳсолоти асосӣ | | + |
| Музди меҳнати иловагии коргарони истеҳсолоти асосӣ | + | |
| Ҳиссаҷудокунӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ (25%) | + | – |
| Истеҳлоки воситаҳои асосии истеҳсолӣ | | + |
| Исеҳлоки асбобҳои камнарху тезхӯрдашаванда | – | + |
| Хароҷоти азхудкунии маҳсулоти нав | + | – |
| Сақатҳои истеҳсолӣ | | + |
| Дигар хароҷоти истеҳсолӣ | | + |
| Хароҷоти умумисехӣ (сохтори сехӣ вуҷуд дошта бошад); | + | |
| Хароҷоти умумихоҷагӣ | | + |

Ҷамъи арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот +
Хароҷоти тиҷоратӣ + –
Ҷамъи арзиши аслии пурраи маҳсулот + –

Қисми зиёди корхонаҳои дӯзандагии Тоҷикистон хароҷоти умумихоҷагӣ ва фурӯши маҳсулотро бевосита ба натиҷаҳои молиявии корхона хориҷ мекунанд.

Корхонаҳои дӯзандагие, ки маҳсулоти оммавии якхела ва аз як намуди масолеҳ (матоъ) истеҳсол мекунанд, дар ҳолате ки нимфабрикатҳоро бо арзиши тавлидӣ ба ҳисоб намегиранд ва ҳаракати нимфабрикатҳо аз як сех ба сехи дигар дар баҳисобгирии муҳосибӣ бо миқдорашон ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз усули маҷмӯии (котловой метод) баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот истифода бурда мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки хароҷоти истеҳсолӣ новобаста аз макони пайдоиш ва мавқеи ҷавобгарӣ бевосита дар ҳисоби калкулятсионии №20 ”Истеҳсолоти асосӣ” ба ҳисоб гирифта мешаванд (музди меҳнат, масолеҳ, хароҷоти коркард ва ғ.) ва ба арзиши аслии намудҳо ва ё қисмати истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ таносубан ба арзиши меъёрӣ (нақшавӣ) дохил карда мешаванд.

Ин усули баҳисобгирии ҳаракати нимфабрикатҳо камбудии зиёде доранд, аз ҷумла:

- баҳисобгирии миқдории нимфабрикатҳо шароити мусоид муҳайё намекунад, ки ҳиссаи ҳар як ҷараёни (сех, истеҳсолот, участка) истеҳсолотро баҳо диҳанд;
- назорат аз рӯйи ҳаракати нимфабрикатҳо паст гардида, сақатҳои истеҳсолӣ, талафотҳои истеҳсолӣ пурра ба арзиши аслии маҳсулот бе муайян гардонидани сабабҳо, гунаҳкорон дохил карда мешаванд;
- ба мақсади муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти сехҳо бо истифодаи нархҳои тронсфертӣ мусоидат намекунанд;
- саривақт ба қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии корхона мусоидат нахоҳад кард.

Яке аз омилҳои самарабахши усули баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти дӯзандагӣ дар ҶСП “Гулистон” баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи элементҳо дар ҷараёнҳои поракунӣ, ҷӯшонидан, шустушӯйкунӣ ва такмил (маҳсулоте, ки аз матои “ҷинс” истеҳсол мекунанд), дӯзандагӣ ва такмил истифода бурда мешавад.

Бартарии ин усули баҳисобгирӣ пеш аз ҳама ташкили назорати қатъӣ аз рӯйи самаранок поракунии масолеҳ ва ҳаракати нимфабрикатҳо аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар ба ифодаи арзишӣ ва ҳам миқдорӣ мебошад. Дар чунин низоми баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ, пеш аз ҳама масолеҳи асосӣ, ёрирасон ва музди меҳнат шароит муҳаё менамояд, ки талафоти масолеҳ, нимфабрикат, сарфи бесамари меҳнат муайян карда шуда, қарорҳои мушаххаси идоракунии истеҳсолот қабул карда шаванд. Вале дар бисёр ҳолатҳо хароҷоти коркард барои истеҳсоли маҳсулоти мушаххас ҷамъ оварда мешаванд, ки гузаронидани таҳлили иқтисодӣ оид ба хароҷоти коркард имконпазир мебошад. Дигар камбудии тарзи калкулятсия кардани маҳсулоти ин корхона боз ҳам дар зери моддаи “Хароҷоти коркард” ба шакли ҷамъбасти нишон додани хароҷотҳои хизматрасонии таҷҳизотҳо, мошинаҳо, истеҳлок, музди меҳнат, хароҷоти сехӣ ва фабрикавӣ мебошад. Инро дар мисоли ҶСП “Гулистон” дида мебароем (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Калкулятсияи арзиши аслии истеҳсолии як ҷуфт камзӯлҳои мардона моддаи 521 дар ҶСП “Гулистон” (бо сомонӣ, дирам)**

| Матоъ | Рамзи маснуот | Воҳиди ченак | Хароҷот | Нарх (сомонӣ) | Маблағ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Камзӯл | Ригид Деним | Миқдор М | 1,77 | 8,90 | 15,75 |
| Ҷамъи матоъ | | | | | 15,75 |
| Фарнитура | | | | | |
| Риштаи 6297/50 | б /к | калоба | 0,06 | 2,80 | 0,17 |
| Риштаи 6297/36 | б/к | калоба | 0,06 | 12,16 | 0,73 |
| Тугма | б/к | дона | 9,0 | 0,50 | 4,50 |
| Пакет | б/к | дона | 1,0 | 0,06 | 0,06 |
| Ҷамъи фарнитура | | | | | 5,46 |
| Масолеҳи ёрирасон | | | | | 0,80 |
| Ҷамъи хароҷот | | | | | 22,01 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Гулдӯзӣ | | | | | |
| Арзиши коркард | | | | | 15,00 |
| Ҷамъи хароҷот | | | | | 37,01 |
| Даромаднокӣ (20%) | | | | | 7,40 |
| Ҷамъи арзиш | | | | | 44,41 |

Чуноне ки аз ҷадвал мебинем, хароҷотҳои коркард дар мавриди калкулятсияи арзиши аслии курткаи артикули 523 (PIGID DENIM) бо нишондоди умумӣ (15,00) нишон дода нашудааст.

Дар мисоли дигар, калкулятсияи арзиши аслии истеҳсоли либоси махсусро дида мебароем (ниг. ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Калкулятсияи арзиши аслии истеҳсоли либосҳои махсуси комплектиро (шим + комбензон)-ро дар ҶСП "Гулистон"**

| Матоъ | Коди маҳсулот | Воҳиди ченак | Хароҷот | Нарх (сомонӣ) | Маблағ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Комплект (шим + комбензон) | DENIM | M | 3,75 | 8,52 | 31,95 |
| Ҷамъ: матоъ | | | | | 31,95 |
| Фарнитура | | | | | |
| Риштаҳои тамокугӣ | б/к | калоба | 0,12 | 2,80 | 0,34 |
| Риштаи 312 | б/к | калоба | 0,12 | 12,16 | 1,46 |
| Тугмаҳо | б/к | дона | 14,0 | 0,5 | 7,00 |
| Пакет | б/к | дона | | | |
| Ҷамъ: фурнитура | | | | | 8,80 |
| Масолеҳи ёрирасон | | | | | 0,80 |
| Гулдӯзӣ | | | | | |
| Арзиши коркард | | | | | 12,00 |
| Ҷамъи хароҷот | | | | | 58,90 |
| Даромаднокӣ 10% | | | | | 5,35 |
| Ҷамъи арзиш | | | | | 58,90 |

Хулоса, усули калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти охирини дӯзандагӣ либосҳои тайёргардида бо усули фишурдашуда, ки ин усули калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот дар ИМА васеъ истифода бурда мешавад, шомил аст.

Ба ақидаи мо бояд низоми калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот дар ҳолатҳои мувофиқ омадани объектҳои баҳисобгирии хароҷот ба объектҳои калкулятсия чунин усулро истифода бурдан самара медиҳад. Афсӯс дар корхонаи номбурда ин тавр нест. Аз ин лиҳоз пешниҳод менамоям, ки калкулятсияи арзиши аслӣ ҷараёни охирини истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ бояд бо назардошт ва бо дар алоҳидагӣ нишон додани хароҷоти ҳудудҳои пешина (поракунӣ, ҷӯшонидан ва шустушӯйи нимфабрикат ва дӯзандагӣ) аз рӯйи элементҳои хароҷот дар калкулятсия оварда шаванд.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ яке аз омилҳои истифодаи самараноки захираҳои моддӣ дар муассисаҳои саноати дӯзандагии Тоҷикистон, баҳисобгирии бухгалтерӣ ба шумор меравад. Имрӯзҳо масъалаи муҳимтарини низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ин ташкили назорати бухгалтерӣ оид ба хароҷоти истеҳсолӣ, сифатнокии маҳсулот, пешгирии сақату талафоти истеҳсолӣ, меҳнат ва музди он, идоракунии истеҳсолоти маҳсулот ва фурӯши он мебошад. Бо ин назардошт барои такмили баҳисобгирии харачот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти дӯзандагӣ чунин пешнҳодҳо менамоем:

Саноати дӯзандагӣ хусусиятҳои хоси худро дорад ва бе омӯзиши онҳо ҷорӣ кардани низоми ягонаи идоракунии захираҳои иқтисодӣ, самаранокии истифодаи онҳо дар ҷараёнҳои хоҷагидорӣ имконнопазир аст. Вобаста аз хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии истеҳсолот, характери маҳсулоти истеҳсолшаванда, хусусияти истифодаи масолеҳ, истеҳсоли маҳсулоти босифату бозорбардор, таъминоти моддию масолеҳии истеҳсолот, ҳолати ташкилии баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот пешниҳоду хулосаҳои зерин баровардем:

Истеҳсолоти дӯзандагӣ яке аз соҳаҳое мебошад, ки вобаста ба номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшаванда метавонад оммавӣ, инфиродӣ, фармоишӣ, оммавӣ-

меъёрӣ ва гурӯҳӣ бошад. Ин хусусиятҳо пеш аз ҳама аз тайиноти масолеҳ, миқдор ва номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшавандаи ин соҳа вобастагӣ дорад ва ба ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ таъсир мерасонад.

Ташкили баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслӣ аз хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии истеҳсолот, иқтидори корхона, номгӯй, сифат, тағйирёбии масолеҳ, нархи он, навъҳои васеъ ва доимивазшаванда, номгӯйи зиёди меъёрҳои хароҷоти мавод ва масолеҳ, омилҳои нархгузорӣ ва нархи маҳсулот вобастагӣ дорад. Бо ин назардошт дар саноати дӯзандагӣ имконпазир аст, ки аз усулҳои гуногуни баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот истифода баранд. Ба ақидаи мо новобаста аз истифодаи усулҳо, элементҳои асосии баҳисобгирии меъёриро истифода бурдан шароит муҳаё менамояд, ки назорати қатъӣ оид ба босамар истифода бурдани захираҳои моддию масолеҳӣ мусоидат кунад. Ба мақсади пурра нишон додани самаранок истифодабарии масолеҳ лозим аст, дар ҳисобгирии хароҷоти асосӣ, партовҳо, сақату талафоти ислоҳшаванда ва ё ислоҳнашаванда бо алоҳидагӣ нишон дода шавад;

Ба мақсади самаранок ва босифат поракунии масолеҳ, дар харитаҳои поракунӣ баробари хароҷоти масолеҳӣ, музди меҳнати коргарони истеҳсолоти асосиро ва вақти сарфшудаи таҷҳизотҳоро нишон додан лозим. Дар ин ҳолат масъалаҳои зеринро ҳал кардан мумкин.

- муайян кардани иҷрои меъёрии сарфи меҳнат ба як воҳиди масолеҳи поракардашуда, талафотҳои табиии истеҳсолӣ;
- сарфи меҳнат ва музди меҳнат ба як воҳиди (ҷамъи) маҳсулот;
- истифодаи самараноки таҷҳизотҳои истеҳсолӣ;
- баҳисобгирии хароҷотҳо оиди истеҳсоли нимфабрикатҳо дар сехҳои поракунӣ, ҷӯшонидану шустушӯйкунӣ ва дӯзандагӣ, хараҷотҳои умумисехӣ, ки бисёри аз онҳо характери тағйирёбанда доранд, бояд ҳам дар мавриди калкулятсияи нимфабрикатҳо ва ҳам дар мавриди тартиб додани калкулятсияи маҳсулоти тайёр нишон дода шаванд.

Тарҷиба нишон дод, ки ҷамъбасткунии хароҷоти истеҳсолӣ дар миқёси сехҳо аз рӯйи элементҳо гузаронида шуда, вале дар миқёси корхона ба ғайр аз масолеҳ ва фарнитура, дигар хароҷотро бо алоҳидагӣ нишон намедиҳанд, ки ин барои таҳлили таъсири хароҷот ва даромади корхона ва фоидаи бадастоварда мусоидат мекунад.

Ба андешаи мо истифодаи усулҳои меъёрӣ, ABC ва FD-калкулятсия беҳтар мебуд. Чунки ин усулҳои арзишмуайянкунӣ ба мақсади идоракунии хараҷот ва қабули қарорҳои идоракунии муассиса босамар мебошанд, ки хароҷоти истеҳсолӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти тайёр бо нишондоди буҷаи хароҷот (нақша, меъёр)-ро ҷамъбаст карда, арзиши аслии як воҳиди маҳсулот нишон дода шавад.

Баҳодиҳии хароҷот дар ҷараёнҳои поракунӣ, ҷӯшонидану шустушӯкунӣ ва дӯхтани нимфабрикатҳо дар мавриди истеҳсоли шимҳои "ҷинсденим" бо нархҳои трансфертӣ баҳо дода шаванд. Ин марказҳои ҷавобгарӣ оид ба хароҷоти истеҳсолиро водор менамояд, ки натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолию молиявии ҷараёнҳои истеҳсолиро таҳлил намоянд.


**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" аз 25 марти соли 2011. -№ 702. –Душанбе, 2011.
2. Методические рекомендации по применению Международных стандартов финансовой отчетности. Мин. Финансов РТ. Том 1-2. –Душанбе, 1999.
3. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидории Тоҷикистон (МСФО) Ваз. молияи ҶТ. -Душанбе, 2012.
4. Кондраков Н.П. Бухалтерский учет: учебник / Н.П. Кондраков. -М.: Инфра-М, 2008.
5. Булгакова С.В. Бухгалтерский управленческий учет / С.В. Булгакова. –Воронеж, 2007.
6. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учебник / М.А. Вахрушина. –М.: Омега-Л, 2002.
7. Дури К. Введение в управленческий и производственный учет / К.Дури. -М:. Аудит. ЮНИТИ, 1998.
8. Учет затарат, калькулирование и бюджетирование в отдельных отраслях производственой сферы / Л.В. Попов [и др.]. –М.: Дело и сервис, 2008.
9. Ураков Д.У. Учет затрат по сферам деятельности / Д.У. Ураков. –М.: Финансы и статистика, 1991.


## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ КАЛЬКУЛИРОВАНИЯ СЕБЕСТОИМОСТИ ПРОДУКЦИИ В ШВЕЙНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ТАДЖИКИСТАНА


В статье изложены особенности организации и технологии производства и их влияние на построение учета затрат и калькулирования себестоимости продукции в швейной промышленности. Рекомендованы

современные способы организации мест возникновения затрат и центр ответственности ответственности, а также методика калькулирования себестоимости процессов производста швейных изделий и пути их совершенствования.
**Ключевые слова:** швейная промышленность, учет затрат и калькулирование себестоимости, особенности организации, возникновение затрат, центр ответственности.

**SOME PROBLEMS OF CALCULATION OF PRODUCTION COSTSIN THE CLOTHING INDUSTRY OF TAJIKISTAN**

The article describes peculiarities of organization and production technologies and their influence on the building of cost accounting and calculation of production costs in the clothing industry. Recommended modern methods of organization of cost centers and the center of responsibility responsibility, and the method of Prime cost calculation of processes of production of garments and ways of their improvement.
**Key words:** clothing industry, cost accounting and cost calculation, especially the organization, the cost, responsibility center.

**Сведения об авторе:** ***Джамила Карими Шод*** – аспирантка кафедры бухгалтерского учета ТНУ.
Телефон: **917-56-29-83**

## ИЗМЕРИТЕЛЬНЫЕ МОДЕЛИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

***Ягмои Рахмон Али***
**Институт экономики и демографии АН РТ**

Согласно определения Стюца, качества актива обладают определенными характеристиками, такими как вес, длина, ширина и цвет, но в бухгалтерском учете всегда измеряются спецификации товара, а не сам товар.

Совет по разработке бухгалтерских стандартов назвал измерением процесс определения финансовых последствий любого вида экономической деятельности, проверку стоимости каждого товара в соответствии с денежной единицей, и наконец, соотношение суммы к каждому из товаров, а также компоненты бухгалтерского учета. Под проверкой или измерением подразумевается то, что для тематической характеристики, подвергаемой измерению, принимается цифра, которая в точности обозначает работу, выполняемую бухгалтерами. В бухгалтерском деле под понятием процесса проверки или измерения товаров подразумевается то, что для предмета расхода или события, относящегося к определенной бизнес-единице, определяется денежная сумма, приемлемая с количественной точки зрения (1).

Измерительным инструментом в бухгалтерии являются деньги. Каждый элемент бухгалтерских отчетов подвергается измерению и отчету соразмерно деньгам с использованием соответствующих принципов в качестве принципа проверки на основе денег. В финансовой бухгалтерии отражается лишь та информация, которая может быть объяснена деньгами. Преимущество этого действия заключается в том, что деньги предоставляют общую измерительную единицу для разнородных событий и явлений, чтобы их можно было складывать друг с другом и раскладывать (2).

Одной из главных целей бухгалтерского учета человеческого капитала является применение авторитетных и надежных методов для измерения стоимости человеческого капитала в организации. Для обобщения измерительных методов человеческого капитала следует конкретизировать стоимость услуг персонала и факторов, влияющих на эту стоимость. Все экономические теории по стоимости основаны на таком предположении, что если ресурс будет способен в будущем создавать спрос и услуги, он будет считаться фактическим капиталом, процентной и капитальной стоимостью и будущими доходами. Все, что не будет иметь в будущем ожидаемую отдачу, не будет иметь какой-либо ценности (стоимости). Следовательно, стоимость какого-либо капитала представляет собой стоимость отдачи, ожидаемой в будущем (3).

С помощью бухгалтерии человеческих ресурсов, записывается и сообщается вся информация, относящаяся к стоимости человеческих ресурсов какой-либо организации, которые будут применяться в надзоре и принятии решений менеджерами.

Одним из принципиальных критериев для выявления товаров в качестве капитала является способность измерения на основе денег, такая качественная характеристика необходима для финансовой отчетности компаний (4).

***Оценка человеческих ресурсов.*** В бизнес-единицах обученный и ответственный персонал возможно по сравнению с другими существующими товарами является более

важным капиталом. Ныне, представляется, что измерение человеческой силы согласно денежной стоимости является распространенным методом. В этой связи, нельзя рассматривать персонал в качестве экономических активов. Тем же временем, следует указать на серьезное ограничение баланса в качестве отчета финансовой ситуации (4).

Гармонсон занимался разрешением вопроса по определению стоимости человеческих активов в качестве одного из составляющих ключевых элементов, в то время как по их покупке не было выплачено никаких денежных средств (5).

В то время, как проверка и измерение доли человека для организации внешне кажутся трудными и спорными, они пользуются серьезной срочностью и необходимостью. Все находится в состоянии изменения. Следовательно, цель оценки человеческих ресурсов заключается в определении того, что соответствуют ли услуги человеческих ресурсов потребностям бизнес-единицы, а также, на этом основании, существует ли потенциальная возможность для повторного рассмотрения бизнес-единицы когда изменяются условия?

Мэри Далмахай считает, что стоимость людей не является лишь первоначальной или идейной тематики, но в действительности является стоимостью людей, способной к измерению и управлению.

Несмотря на то, что менеджеры информированы насчет воспитания и развития лиц с целью создания стоимости в долгосрочной перспективе, результаты их деятельности, и как правило, их преимущества опираются на достижение объема производства подобных или же целей прибыли, а не на воспитание ресурсов для будущего (6).

Основная цель при оценке человеческих ресурсов заключается в том, что соответствуют ли услуги человеческих ресурсов потребностям организации?

Цели оценки человеческих ресурсов заключаются в следующем:

1. Оценка производительности человеческих ресурсов – формирование мышления оптимизации эффективного применения человеческих ресурсов
2. Определение стоимости индивида в течение службы – формирование отношения производительности человеческих ресурсов.
3. Определение текущей стоимости услуги индивида – формирование отношения к тому, что работники являются самым ценным активом.
4. Определение совместимости услуг человеческих ресурсов с потребностями организации – формирование согласованного отношения (7).

Первая попытка по оценке человека в эквиваленте с деньгами была осуществлена Виллиамом Пати, который утверждал, что «работник считается капиталом и в момент вычисления капитала следует принять во внимание его роль» (8).

***Бухгалтерия и ее роль в оценке человеческих ресурсов.*** Бухгалтерия представляет собой систему создания информации, которая измеряет виды деятельности и ее результаты в организации на основе экономической стоимости, сообщает результаты деятельности организации для принятия решения пользователями.

К сожалению, в наши дни бухгалтерские системы при подготовке финансовых отчетов не представляют никакой информации в связи с человеческими ресурсами, считающимися ценным капиталом организации. Следовательно, одним из важнейших требований обычных бухгалтерских систем является отсутствие отчетности стоимости человеческих ресурсов организации в финансовых отчетах.

Представители бухгалтерии человеческих ресурсов считают, что учитывая значения измерения и проверки человеческих ресурсов организаций, бухгалтеры в качестве разработчиков финансовой информации обязаны представить методы и критерии, необходимые для количественной проверки человеческих ресурсов организаций, измерять человеческие ресурсы и показать в финансовых отчетах.

***Концепция стоимости человеческих ресурсов.*** Экономические теории стоимости определяющими факторами стоимости товара считает экономический спрос, последующие интересы и услуги, полученные от него. Другими словами, стоимость товара и предмета можно высчитать посредством вычисления текущей стоимости интересов и будущих услуг, полученных от того товара или предмета. С макроэкономической точки зрения, индивиды для организации в реальности представляют собой вид инвестиций, которая в будущем осуществляют интересы и услуги организации.

Следовательно, стоимость одного индивида для организации можно измерять посредством вычисления фактической стоимости комплекса услуг, которые в будущем будет оказывать тот индивид для организации.

***Проблемы оценки человеческих ресурсов.*** Сторонники модернистического менеджмента классифицируют капитал нации в четырех категориях: человек, материалы, оборудование и денежные средства, именуя тем самым термины «работника» и «человека» как человеческие ресурсы.

Вместе с тем, следует отметить, что человеческими ресурсами не являются лишь количество лиц, занятых в организации, но и являются чем-то более шире, нежели количество работников. Человеческими ресурсами является комплекс знаний, навыков, созидательных способностей, талантов и отношения рабочей силы организации, что фактически представляет собой комплекс врожденных способностей, приобретенные знания и навыки работников. Расходы человеческих ресурсов отражаются легко в отчетах о прибылях и убытках. Однако, стоимость человеческих ресурсов не занимает какого-либо особенного места в балансе, и основная проблема заключается в отсутствии простой формулы для ее выполнения. Сбор информации по человеческим ресурсам и отсутствие соответствующего понимания этой информации представляют собой проблему в отчетности человеческого капитала и качества ее информации (10).

Расходы человеческих ресурсов состоят из двух видов: первичных и альтернативных расходов:

1) Первичные расходы: первичные расходы человеческих ресурсов представляют собой все заработные платы, которые тратятся для обеспечения и содержания человеческой силы, и включают расходы по выбору силы и найму на работу.

2) Альтернативные расходы: представляют собой расходы, осуществляемые для замещения работников, которые заняты работой в учреждении или подразделении.

Стоимость одного индивида для организации является двойственной: 1) Стоимость, которую организация может получить от услуг индивида в течение его услуг в организации. 2) Стоимость, которая может вернуться в организацию в случае ухода индивида из организации (9).

***Не денежные измерения человеческих ресурсов.*** Решение по не денежному измерению человеческих ресурсов было принято в 1973 г. Комитетом бухгалтерского учета человеческих ресурсов КНР, который заметил потенциальное значение не денежных критериев в принятии решения. Одним из таких критериев может быть подготовка списка важных людей организации и их навыков в качестве актива. Уровень знаний, навыков, здоровья, способность по их пользованию, а также результаты профессиональной деятельности работников можно рассматривать в качестве других человеческих активов (12).

Некоторые методы измерения человеческих ресурсов выглядят следующим образом:

1. (Текущая) экономическая стоимость
2. Альтернативная стоимость
3. Коэффициент стоимости
4. Теория аукциона
5. Оценочная модель случайных вознаграждений
6. Выполненная историческая стоимость

***Теория экономической стоимости (текущая стоимость).*** Эта теория основывается на теории стоимости капитала. Согласно взгляду Эроника Фишера: «Капиталом в значении капитальной стоимости является входящая стоимость будущих доходов». Некоторые исследователи на основе этой теории считают, что цены рынка активов представляют собой входящую стоимость прибылей, получаемой от этих активов в будущем.

***Теория альтернативной стоимости.*** Альтернативная стоимость человеческих ресурсов представляет собой расходы замещения человеческих ресурсов, существующих в одной организации.

Альтернативная стоимость в этом методе включает следующие пункты:

А. Расходы по найму новых работников для новых рабочих мест

Б. Расходы на обучение новых работников

В. Расходы, связанные с переводом или освобождением занятого работника

***Теория коэффициента стоимости.*** На основе теории коэффициента, стоимость человеческих ресурсов равна стоимости всей компании

***Зарегистрированная стоимость в канцеляриях компаний.*** В этой бухгалтерии регулируются нематериальные активы, как льготные права, уровень зависимости клиентов, стоимость долгосрочных соглашений.

***Теория аукциона.*** На основе этой теории, компания подразделяется на инвестиционные центры и услуги квалифицированной рабочей человеческой силы для трудоустройства в этих инвестиционных центрах ставятся на аукцион. Менеджер, предложивший наивысшую цену за услуги рабочей человеческой силы, будет иметь ее в своем распоряжении. Соглашенная цена считается в качестве капитала инвестиционного центра. С концептуальной точки зрения, этот метод основывается на оценке деятельности менеджеров различных секторов экономической единицы, которая включает указанный инвестиционный центр (10).

***Оценочная модель случайных вознаграждений.*** Как известно, ныне большинство работников не получают лишь почасовые заработные платы и оклады, но и пользуются различными видами премий и вознаграждений. Одним из таких случаев являются системы поощрительных выплат или выплат по результатам деятельности.

Флэм Гольтз предложил принципиальную и передовую модель с очень сложным применением под названием оценочной модели случайных вознаграждений. Для применения этой модели необходимо преодолевать следующие этапы:

1. Определение комплекса оригинальных позиций, которые индивид будет занимать в организации
2. Определение стоимости каждой позиции для организации
3. Вычисление служебной жизни, ожидаемой от индивида в организации
4. Определение вероятности того, что индивид будет занимать любую возможную позицию в определенное время в будущем
5. Проценты будущей ожидаемой наличности для определения реальной стоимости (13).

***Теория выполненной исторической стоимости.*** Эта теория впервые была выдвинута в 1968 г. Компанией по трудоустройству и основывалась на традиционных бухгалтерских принципах и их применении, в связи, с чем она стала объектом внимания менеджеров. Согласно этой теории, осуществленные расходы для работников непосредственным образом способствуют повышению стоимости их услуг, подобно тому, как реконструкция производственных учреждений способствует увеличению стоимости указанных активов. Расходы, осуществленные для обучения и подготовки работников, также способствуют увеличению способности отдачи и как следствие увеличению стоимости человеческих ресурсов. В этом методе, стоимость человеческих ресурсов вычисляется посредством расчета ее выполненной исторической стоимости. Выполненная стоимость человеческих ресурсов включает расходы за наем и обучение работников, которая в индивиде состоит из двух компонентов – непосредственного и посредственного.

Выполненную историческую стоимость также можно разделить на две части: текущие и капитальные расходы. Текущие расходы, осуществляемые в свой период, рассматриваются как прибыль и убыток, а капитальные расходы, такие как расходы за наем, обучение и подготовку, а также ознакомление работников с рабочей средой, а также все первичные расходы за перевод и трудоустройство работников в различных рабочих местах, которые должны быть осуществлены в годы службы или же на уровне, установленном заранее. В случае, если по причине оставления службы или по другим обстоятельствам использование услуг человеческих ресурсов оказывается невозможным, то осуществленные расходы будут рассматриваться как периодичный период (14).

В заключении следует отметить, что бухгалтерский учет человеческих ресурсов нуждается в оценке, нежели в определении расходов. Концепция стоимости человеческих ресурсов основывается на теорию стоимости в общей экономике. Ввиду того, что человек способен на создание последующих потенциальных прибылей, то стоимость человека можно определить наподобие других ресурсов в качестве текущей стоимости последующих ожидаемых услуг. Следовательно, стоимость индивида состоит из текущей комплексной стоимости ожидаемых услуг, которые человек осуществляет в период своей службы в организации. Усилия для измерения видов деятельности, связанных с организацией человеческого капитала, нуждаются в использовании надежных инструментов и оснащений. С использованием бухгалтерского учета человеческих ресурсов можно оценить рекомендационные инвестиции в человеческие ресурсы на основе метода выявления расходов. С применением моделей выполненной исторической

стоимости или альтернативной модели можно измерять свои человеческие ресурсы и представить их пользователям финансовой отчетности для принятия решений.


**ЛИЕРАТУРА**

1. Рахнамаи Фаридун Рудпушти. Финансовые и бухгалтерские школы и теории / Рахнамаи Фаридун Рудпушти, Салехи Карамулла. –Тегеран: Изд-во Исламского университета Азад, филиал Тегерана, 2010.
2. Шабаханг. Теория бухгалтерского учета. – Т. 1. 2-ое изд. –Тегеран: Центр бухгалтерских и аудиторских исследований Аудиторской организации ИРИ, 2011.
3. Корбан Хассан Захро. Бухгалтерский учет человеческих ресурсов: методы измерения стоимости человеческих ресурсов / Корбан Хассан Захро // Журнал «Экономика», 1997. -№120. –С.11-17.
4. Корбан Хассан Захро. Логическая основа бухгалтерского учета человеческих ресурсов / Корбан Хассан Захро // Журнал «Экономика», 1996. -№113. –С.50-57.
5. Фламхольт Е.Г. Место бухгалтерского учета человеческих ресурсов и этапы их развития / Е.Г. Фламхольт; пер. Корбан Хассан Захро //Журнал «Экономика», 1995. -№111. –С.71-73.
6. Корбан Хассан Захро. Оценка человеческих ресурсов / Корбан Хассан Захро // Журнал «Тадбир», 1999. -№95. –С.54-55.
7. Солтани Ирадж. Предпосылки стратегического планирования человеческих ресурсов / Солтани Ирадж // Журнал «Менеджмент», 2000. -№27,28. –С.167-184.
8. Аудиторское учреждение финансовых услуг. Аудит человеческих ресурсов. Пер. Казема Вадизаде; 1-ое изд. –Тегеран: Санавбар-миллат, 2009.
9. Пажохи Мухаммадреза. Бухгалтерский учет человеческих ресурсов как модель для оценки человеческих ресурсов организаций / Пажохи Мухаммадреза // Журнал «Менеджмент», 1992. -№8. –С.83-94.
10. Солтани Асгар. Оценка человеческих ресурсов / Солтани Асгар [и др.] // Журнал «Экономика», раздел «Бухгалтерский учет и финансовый менеджмент», 2010. -№5. –С.57-70.
11. Азарган Хамидреза. Значение бухгалтерского учета человеческих ресурсов в принятии решения менеджерами / Азарган Хамидреза // Журнал «Менеджмент», 2010. -№218. –С.41-44.
12. Раиси Ибрахим. Бухгалтерский учет человеческих ресурсов / Раиси Ибрахим // Журнал «Тадбир», 2011. -№115. –С.52-58.
13. Корбан Хассан Захро. Бухгалтерский учет человеческих ресурсов / Корбан Хассан Захро // Журнал «Менеджмент», 2000. -№ 101. –С.50-60.
14. Аббаси Фард, Ажан Мухаммад Карими. Влияние реализации системы бухгалтерского учета человеческих ресурсов в принятии решений менеджерами и поведении персонал А. Казуальное исследование в области нефтяной промышленности / Аббаси Фард, Ажан Мухаммад Карими // Журнал «Менеджмент», 2011. -№14. –С.117-144.



**ИЗМЕРИТЕЛЬНЫЕ МОДЕЛИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА**

В статье рассматриваются измерительные модели человеческого капитала. Автор подчеркивает, что бухгалтерский учет человеческих ресурсов способствуют менеджерам принимать правильные решения, что в свою очередь приведет к увеличению стоимости бизнес-единицы.

**Ключевые слова:** измерительная модель, человеческий капитал, бухгалтерский учет, работники, деньги.

**ACCOUNTING MODELS OF HUMAN CAPITAL**

The article deals with accounting models of human capital. The author underlines that the accounting of human resources assists managers to take correct decisions, which in its turn promotes to increasing of the business unit cost.

**Key words:** accounting model, human capital, accounting, personal, money.



**Сведения об авторе:** ***Ягмои Рахмон Али –*** соискатель Института экономики и демографии АН РТ. E-mail: **Rahman_yaghmaee@yahoo.com.** Телефон: **917-17-11-33**


# НАҚШИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ДАР АФЗОИШИ СИФАТ БАРОИ РАСИДАН БА ТАВЛИД ДАР ДАРАҶАҲОИ ҶАҲОНӢ


***М. Ҷаҳонбахшомир, Ҳ. Тулӯӣ***

**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Қазвин, Эрон**


Фановарии иттилоот дар асри имрӯза яке аз аркони ҷудонопазири созмонҳо ҷиҳати расидан ба тавлид дар дараҷаҳои ҷаҳонӣ мебошад. Замони созмон ба вазъияти тавлид дар курсҳои ҷаҳонӣ мерасад, ки тавониста бошад, ба таври мавқеиятомезӣ, қобилиятҳои тавлидии кулли ширкатро дар дастёбӣ ба як мазияти рақобатии мустамар дар заминаҳое аз қабили кайфият (сифат), таҳвили коло (мол), инъитофпазирӣ ва навоварӣ иртиқо диҳад. Дар ин таҳқиқ таъсири фановарии иттилоот бар афзоиши кайфият дар санъати лабаниёт (маҳсулоти ширӣ) баррасӣ мегардад.

Фарзиёти оморӣ, ки дар мақола матраҳ гардидааст, таъсири фановарии иттилоотро бар чаҳор буъд (ченак) аз абъоди кайфият - қимати тамомшудаи маҳсулот, суръати ҷавобгӯйӣ ба ниёзи муштариён, марғубияти маҳсул ва навоварӣ дар созмон мебошад. Баррасиҳои оморӣ бар равиши иттилооти бадастомада аз пурсишномаҳо нишон медиҳад, ки фановарии иттилоот дар афзоиши кайфият таъсир дорад ва мизони ин таъсир зиёд мебошад.

Ҳадафи ин мақола баррасии нақши фановарии иттилоот дар санъати лабаниёт ва баррасии авомили гуногунест, ки тавлидро ба сатҳи ҷаҳонӣ наздик менамояд. Фановарӣ яке аз авомили асосии пешрафти иқтисодӣ дар чанд қарни ахир аст, ки нақши инкорнопазирӣ дар беҳбуд ва рушди тавлид доштааст. Аммо осори махориҷ ва ҳазинаҳои марбут ба фановарии иттилоот дар баландмуддат намоён мешавад. Бинобар ин, манофеи баландмуддати ин фановарӣ барои иқтисоди ҷаҳонӣ дар солҳои пешрав низ эҳтимолан идома меёбад ва ё шитоб мегирад.

Ба гунае ки ҷаҳон ҳаррӯза шоҳиди кашфу ихтирои абзорҳо ва васоили табйини равишҳо, сохторҳо ва фарояндҳост, ки бидуни бакоргирии онҳо ҳалли масоилу мушкилоти созмонҳо имконпазир нест. Бад ин маъно ки инсонҳо ногузиранд, барои мувоҷеҳ бо масоили рӯзафзуну ҷадиди созмонӣ ва ҳалли онҳо ҳамвора худро бо донишу фановарии ҷадид муҷаҳҳаз кунанд. Онҳо метавонанд яке аз абзорҳои ёздаҳгонаи маъруфи фановарии иттилоотро ҳамчун почтаи электронӣ, сайт, DSS ва ғайра истифода намоянд.

Мудирон иттилооти бадастомадаро дар ҷиҳати расидан ба суд барои масрафкунандаи ниҳоӣ истифода менамоянд. То ба яке аз интизороти муштарӣ (кайфият) посухгӯ бошанд ва дар дунёи рақобатии имрӯз худро ҳифз кунанд. Дар натиҷа, ҳадафи ин мақола баррасии нақши фановарии итилоот дар санъати лабаниёт бо истифода аз пурсишнома ва ҷамъоварии иттилоот дар ширкати мазкур аз тариқи мусоҳиба бо хабарнигорон мебошад.

**Муруре бар мабонии фалсафии мавзӯъ.** Ҷаҳон босуръат вориди асри иттилоот мешавад. Доду ситодҳо ва иттилоот мумкин аст аз тариқи бастаҳои додаҳо интиқол ёбанд. Хатари касбу кор барои як созмони хос, ки дар як муҳит ва касбу кор вобаста ба технологияи фаъол аст, ба таври маъмул бештар аз созмонҳоест, ки чунин вобастагиҳое надоранд. Фановарии итилоот ба василаи пажӯҳишгарони мухталифе таъриф шудааст. Аз ҷумла, баъдинаи абзорҳо бо эҷоди як ҳамгироӣ байни иртибот ва компютер, сареъҳое аз мошинолот, ки метавонанд дастуруламалҳоро иҷро кунанд. Ё ин ки фановарии иттилоот ибораест, ки дарбаргирандаи тайфи (спектр) васее аз фановариҳои ҷадид ва корбурдҳои онҳост, аз ҷумла тамоми ҷанбаҳои истифода аз компютерҳо, таҷҳизоти микроэлектронӣ, моҳвора ва фановариҳои иртибот.

Таърифи фавқ нишон медиҳад, ки фановариҳои иртибот яке аз ҷанбаҳои фановариҳои иттилоот аст.

Тибқи таъриф иттиҳодияи фановарии иттилоот ва хадамоти WITSA, ки дарбаргирандаи махориҷи сахтафзорӣ, нармафзорӣ, иртиботот ва хадамот аст, барои арзёбии вазъияти фановарии иттилоот ва иртибот дар кишварҳо аз шохиси рушди сармоягузорӣ дар фановарии иттилоот ва иртиботот нисбат ба сармоягузории фановарии иттилоот ба тавлиди нохолиси дохилӣ, махориҷи саронаи фановарии иттилоот ва иртибот, теъдоди роёнаҳо ба ивази ҳар нафар ва сатҳи баҳрамандӣ аз Интернет истифода мешавад ва аз сӯе барои расидан ба тавсеаи, ҷаҳонишудан, барномарезии манобеи инсонӣ ва назорати кайфияти мошинӣ (GCM), бояд дарки муносибе аз сармоягузорӣ ва истифода аз IT вуҷуд дошта бошад ва нақше, ки дар ин умур дорад, низ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Аз ин рӯ, пешрафти технологӣ дар заминаи компютер намоде аз таҳаввулоти башар аст, ки эҷод мекунад, ки нерӯи инсонии созмон аз аҳамияти корбурди он воқиф бошад, то аз IT барои тавлид дар дараҷаҳои ҷаҳонӣ WCM вуруд намудани додаҳои вурудӣ истифода намояд. Ба тавре ки мудирон метавонанд аз хуруҷи системаи IT барои беҳбуди мустамар ва тасмимгирӣ истифода намоянд, ки ин амр худ боиси эҷоди суд ва кайфияти матлуб аз нуқтаи назари масрафкунанда мебошад, зеро мудирон эҳсос мекунанд, ки дар санъати худ ниёзи рӯзафзун ба истифода аз IT доранд, то ба кайфияти муносиб бирасанд, зеро таъсири фаровоне бар коҳиши ҳазинаҳо (замон, сикли тавлид) хоҳад дошт ва бар боло бурдани кайфияти маҳсули асаргузор хоҳад буд. 90% мудирони аршад ба ин мавзӯъ воқиф ҳастанд, ки ин амр боиси тавонмандсозии созмон хоҳад шуд.

Фалсафаи TQM беҳбуди мустамари фароянд ва мудирияти созмон мебошад. Мудирон бояд ба омехтагии кайфият бо хизматрасонӣ таваҷҷуҳ намоянд ва аз авомили байналмилалӣ ҳамчун ISO-9000 барои афзоиши сатҳи кайфият истифода намоянд. TQM, тавлиди бамавқеъ (JIT), тавлиди ноб (WCM), аз солҳои 1380 ба баъд ҷузъи фалсафаҳои ҷадиди мудирият мебошанд ва дар ҳоли тавсеа ҳастанд ва пиёдасозии ин фалсафаҳо ва авомили боиси асаргузорӣ бар равишҳо ва мутаадидҳои созмон мешавад.

Нақши фановарии иттилоот дар корофаринӣ ҳам дар бархе нукоти ҷаҳон мавриди мутолиа қарор гирифтааст. Авомили бисёре дар иртибот бо робита байни фановарии иттилоот ва корофаринӣ шиносоӣ шудаанд. Ба унвони мисол, корофаринони бисёре аз сифоти шахсиятӣ - навоварона, ҳаракат ба сӯйи хатар, доро будани муҳаррикҳои дарунӣ ҷиҳати ҳисси авомили таҳаққуқи идеяашон барои касби муваффақият ё шикаст ва ғайраро бо якдигар таркиб менамоянд.

Системаҳои фановарии иттилоот бар маҳсулот ва хадамоти як ширкат, бозорҳо, ҳазинаи тавлиди маҳсулот ва тамоизи маҳсулот таъсир мегузоранд. IT- ро ба унвони яке аз авомили тавлидӣ метавон дар назар гирифт, ки дар заминаи авомили тавлиди сармоя ба ду бахш – сармояи фановарии иттилоот (IT) ва сармояи физикӣ ё ғайри фановарии иттилоот тақсим мешавад.

Афзоиши тавлид ва баҳраварии нерӯи кор аз 3 тариқ эҷод мегардад: *Омили аввал* аз тариқи афзоиши сатҳи сармоя ба кор рафта, дар воҳиди нерӯи кор, ки истилоҳан таъмиқи сармоя номида мешавад.

**Омили дуюм** рушди тавлид ва баҳраварии нерӯи кор, беҳбуди кайфияти ниҳодҳо ва ба таври хос нерӯи кор аст. Рушди баҳраварӣ (ҒМР) чанд омил ва боқимондаи рушдест, ки аз тариқи ду омили сармоя ва нерӯи инсонӣ қобили муҳосиба намебошад.

Баҳси тавлид дар курси ҷаҳонӣ шомили тағйироте чанд дар иртибот бо муштарӣ, равобит, коркунон, мудирияти кайфият, назорати мавҷудӣ, системаи ҳисобдорӣ, нигаҳдорӣ ва таъмирот, нақши роёна, автоматӣ кардани система мебошад ва ба таври куллӣ, ба назар мерасад, ки тавлид дар курси ҷаҳонӣ асароти қобили қабуле бар ҷанбаҳои мухталифи тавлид хоҳад гузошт.

Имрӯз кайфият бар тамоми паросаи тавлид дар созмон метавонад асаргузор бошад ва мунҷар ба сарфаҷӯйии молӣ ва замонӣ мебошад ва бар ҷанбаи рақобатии созмон аз нуқтаи назари мудирон таъсир мегузорад.

| | | | |
|---|---|---|---|
| тавлид дар курси ҷаҳонӣ | содиркунанда | ҷаҳонӣ | бозорёбӣ |
| чандмиллатӣ | дохилӣ | маҳаллӣ | |
| ҷаҳонӣ | маҳаллӣ | | |
| рақобат | | | |

Он чи дар намудори 2 баён мешавад, бар пояи робитаҳо устувор аст ва бо мубоҳис (WTO) марбут мебошад. Ин мубоҳис ба боз шудани баҳои иртиботӣ дар сатҳи миллӣ, ки боиси бозорёбӣ ва рақобати рӯзафзун хоҳад буд, кӯмак мекунад ва талош мекунад, таодиле байни ширкатҳо бо даромади нохолиси миллӣ эҷод кунад.

Баҳсҳои зиёде бар сари нақше, ки фановарии иттилоот метавонад барои мудирият донишбозӣ кунад, вучуд дорад. Аз як тараф, фановарии иттилоот ба тарзи фарогир дар созмонҳо ба кор меравад ва дар натиҷа, ба унвони як абзори табиӣ барои ҷараёни дониш ба кор меравад.

Як мутолиа, ки ахиран дар маркази кайфият ва баҳраварии Амрико анҷом шудааст, нишон медиҳад, ки созмонҳо дар талош барои анҷоми вазифаҳои мудирияти дониш ва дар ростои расидан ба аҳдофи онҳо, ба роҳандозии зерсохторҳои муносиби фановарии иттилоот дар созмон такя мекунанд. Нақши фановарии иттилоот дар санъати бонкдорӣ низ барҷаста аст.

Пажӯҳишгарӣ дар соли 1995 ин гуна натиҷагирӣ намудааст, ки суди қобили таваҷҷуҳе аз сармоягузорӣ дар фановарии иттилоот, хусусан дар санъати бонкдорӣ ҳосил гардад.

**Фарзиёти таҳқиқ.** Кайфият абъоди гуногуне дорад. Дар ин таҳқиқ чаҳор буъди он дар санъат мавриди баррасӣ (фаровардаҳои лабаниётӣ) борзтар (возеҳ) мебошад. Ин чаҳор буъд иборатанд аз:

Қимати тамомшуда; суръати ҷавобгӯйӣ ба ниёзи муштарӣ; марғубияти маҳсул ё хидмат ва навоварӣ. Бар ин асос чаҳор фарзияи оморӣ дар назар гирифта шуд:

Фарзияи 1. Фановарии иттилоот муҷиби коҳиши қимати тамомшдаи маҳсулот мешавад.

Фарзияи 2. Фановарии иттилоот суръати посухгӯйӣ ба ниёзҳои муштариёнро боло мебарад.

Фарзияи 3. Фановарии иттилоот марғубияти маҳсул ва хадамотро афзоиш медиҳад.

Фарзияи 4. Фановарии иттилоот муҷиби афзоиши навоварӣ дар созмон мешавад.

**Равиши таҳқиқ.** Равиши таҳқиқи мавриди истифода равиши ҳамбастагист, зеро дар фарзиёт ба баррасии робита байни фановарии иттилоот ба унвони мутағайири мустақил ва чаҳор буъди кайфият (қимати тамомшда, посухгӯйӣ ба ниёзҳои муштариён, марғубияти маҳсул ва навоварӣ) пардохта шудааст. Таҳлили ин фарзиёт бо истифодаи як намунае аз озмуни ***t*** бо нармафзори SPSS анҷом пазируфтааст.

**Ҷомеаи оморӣ ва абзори гирдоварии иттилоот.** Дар ин таҳқиқ ҷомеаи оморӣ, куллияи мутахассисини фановарии иттилоот, шомили мудирон, руасо, сарпарастони ширкатҳо (фермерҳо) буданд. Дар ин таҳқиқ абзори гирдоварии иттилоот, пурсишнома мебошад. Мундариҷоти пурсишнома бо таваҷҷуҳ ба фарзиёти таҳқиқ ва иттилоот марбут ба адабиёти таҳқиқӣ, ки дар хилоли мутолиоти китобхонавӣ ҷамъоварӣ гардида, тадвин шудааст.

Ин пурсишнома дар қолаби 20 савол матраҳ гардид, ки 5 саволи аввал марбут ба фарзияи шумораи якум, панҷ саволи дуюм марбут ба баррасии фарзияи дуюм, панҷ саволи сеюм марбут ба фарзияи шумораи 3 ва дар ниҳоят, 5 саволи ахир марбут ба фарзияи шумораи 4 мебошад. Дар ҷавобдиҳӣ ба саволот ин пурсишнома аз миқёси панҷ марҳиллаи Лекарт ба сурати зер истифода шуд. Бинобар ин, ба теъдоди ҷомеаи оморӣ 35 пурсишнома таҳия гардид ва байни афроди музаккар тавзеъ шуд ва теъдоди 27 мавриди пурсишнома такмил шуда, ҷиҳати таҷзия ва таҳлили иттилоот дарёфт гардид.

| *Бетаъсир* | Кам | *Мутавассит* | *Зиёд* | *Бисёр зиёд* | *Гузина* |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | *Рутба* |

Баррасии равоии пурсишнома низ тавассути назари хубрагон сурат пазируфт ва поёӣ низ тавассути А. Кронбах 0,75 таъйин шуд. Таҷзия ва таҳлили додаҳо, ҳамон гуна ки дар боло тавзеҳ дода шудааст, мо дар ин пажӯҳиш чаҳор фарзияро озмун намудаем. Натоиҷи ҳосила ва таҳлили онҳо ба ин тартиб будааст:

**Фарзияи аввал:** Фановарии иттилоот муҷиби коҳиши қимати тамомшудаи маҳсулот мегардад. Барои озмуни ин фарзия панҷ савол матраҳ гардида буд ва мо барои таҳлили ин фарзия иқдом ба эҷоди як мутағайири фарзӣ ба номи коҳиши қимати тамомшуда (Cost Reduction) намудем, ки ҳосили ҷамъи натоиҷи ҳосил аз ин панҷ савол буд ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки камтарин посух мумкини арзишии муодили як имтиёз барои ҳар савол, дар маҷмӯъ, имтиёзи панҷ, барои маҷмӯи панҷ саволро бояд медоштанд. Фарзи сахтгиронаамонро бар ин ниҳодем, ки ҳар имтиёзе камтар аз 10 (яъне, ҳадди ақали посухи «кам» барои панҷ савол) нишондиҳандаи адами эътиқоди посухдиҳанда ба таъсири мусбати фановарии иттилоот бар коҳиши қимати тамомшуда аст. Ба ин тартиб, дар сатҳи маънидор 1% натоиҷи таҳлил ва шарҳи зер ба даст омад:

**One-sample Statistics**

| Std. error Mean | Std. Deviation | Mean | N | |
|---|---|---|---|---|
| 0.48432 | 2.51661 | 18.7778 | 27 | Cost Reduction |

**One-Sample Test**

| Test Value = 10 | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 99% Confidence interval of the difference | | Mean Difference | Sig. (2-tailed) | df | t | |
| Upper | lower | | | | | |
| 10.1236 | 7.4320 | 8.77778 | 0.000 | 26 | 18.124 | Cost Reduction |

Ҳамон гуна ки дар натоиҷи ҳосила аз таҳлилу хуруҷи нармафзори SPSS мушоҳида мешавад, фарзи сифри афзор бар ин ки фановарии иттилоот муҷиби коҳиши қимати тамомшудаи маҳсулот намегардад, рад мешавад ва далоили кофӣ барои адми таъйиди фарзи муқобил, таъсири мусбати фановарии иттилоот бар

коҳиши қимати тамомшудаи маҳсулот бо сахтгиронатарин шароит ва дар сатҳи итминони 99% вуҷуд надорад.

**Фарзияи дуюм:** Фановарии иттилоот суръати посухгӯйӣ ба ниёзҳои муштариёнро боло мебарад. Барои озмуни ин фарзия панҷ савол тарҳ гардида буд ва мо барои таҳлили ин фарзия иқдом ба эҷоди як мутағайири фарзӣ ба номи афзоиши суръати посухгӯйӣ намудем, ки (Quickly Respond) ҳосили ҷамъи натоиҷи ҳосила аз ин панҷ савол буд ва таваҷҷуҳ ба ин ки камтарин посух мумкини арзишии муъодили 1 имтиёз барои ҳар савол, дар маҷмуъ, имтиёзи панҷ барои маҷмӯи панҷ саволро бояд медоштаанд.

Фарзи сахтгиронаамонро бар ин ниҳодем, ки ҳар имтиёзе камтар аз 10 (яъне, ҳадди аққал посухи «кам» барои ҳар панҷ савол) нишондиҳандаи адами эътиқоди посухдиҳанда ба таъсири мусбати фановарии иттилоот бар афзоиши суръати посухгӯӣ ба ниёзҳои муштариён аст. Ба ин тартиб, дар сатҳи маънидор 1% натоиҷи таҳлил ба шарҳи зер ба даст омад:

**One-sample Statistics**

| Std. error Mean | Std. Deviation | Mean | N | |
|---|---|---|---|---|
| 0.57073 | 2.96561 | 18.444 | 27 | Quickly Respond |

**One-Sample Test**

| Test Value = 10 | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 99% Confidence interval of the difference | | Mean Difference | Sig. (2-tailed) | df | t | |
| Upper | lower | | | | | |
| 10.0303 | 6.8585 | 8.44444 | 0.000 | 26 | 14.796 | Quickly Respond |

Ҳамон гуна ки дар натоиҷи ҳосила аз таҳлил ва хуруҷии нармафзори SPSS мушоҳида мешавад, фарзи сифри мабнӣ бар ин ки фановарии иттилоот муҷиби афзоиши суръати посухгӯйӣ ба ниёзҳои муштариён намегардад, рад мешавад ва далоили кофӣ барои адами таъйиди фарзи муқобил, яъне таъсири мусбати фановарии иттилоот бар афзоиши суръати посухгӯйӣ ба ниёзҳои муштариён бо сахтгиронатарин шароит ва дар сатҳи итминон 99% вуҷуд надорад.

**Фарзияи сеюм:** Фановарии иттилоот марғубияти маҳсул ва хадамотро афзоиш медиҳад. Барои озмуни ин фарзия панҷ савол тарҳ гардида буд ва мо барои таҳлили ин фарзия иқдом ба эҷоди як мутағайири фарзӣ ба номи марғубият (Quality) намудем, ки ҳосили ҷамъи натоиҷи ҳосила аз ин панҷ савол буд ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки камтарин посух мумкин арзиши муодили як имтиёз барои ҳар саволро (дар маҷмӯъ, имтиёзи 5 барои маҷмӯи панҷ савол) бояд медоштаанд. Фарзи сахтгиронаамонро бар ин ниҳодем, ки ҳар имтиёзи камтар аз 10 (яъне, ҳадди ақали посухи «кам» барои ҳар панҷ савол) нишондиҳандаи адами эътиқоди посухдиҳанда ба таъсири мусбати фановарии иттилоот бар афзоиши марғубияти маҳсул ва хадамот аст. Ба ин тартиб, дар сатҳи маънидор 1% натоиҷи таҳлил ба шарҳи зер ба даст омад:

**One-sample Statistics**

| Std. error Mean | Std. Deviation | Mean | N | |
|---|---|---|---|---|
| 0.48115 | 2.50014 | 19.5926 | 27 | Quality |

**One-Sample Test**

| Test Value = 10 | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 99% Confidence interval of the difference | | Mean Difference | Sig. (2-tailed) | df | t | |
| Upper | lower | | | | | |
| 10.9296 | 8.2556 | 9.59259 | 0.000 | 26 | 19.937 | Quality |

Ҳамон гуна ки дар натоиҷи ҳосила аз таҳлил ва хуруҷи нармафзори SPSS мушоҳида мешавад, фарзи сифри мабнӣ бар ин ки фановарии иттилоот муҷиби афзоиши марғубияти маҳсул ва хадамот намегирад, рад мешавад ва далоили кофӣ барои адами таъйиди фарзи муқобил, яъне таъсири мусбати фановарии иттилоот бар афзоиши марғубияти маҳсул ва хадамоти созмон бо сахтгиронатарин шароит ва дар сатҳи итминон 99% вуҷуд надорад.

**Фарзияи чаҳорум:** Фановарии иттилоот муҷиби афзоиши навоварӣ дар созмон мешавад. Барои озмуни ин фарзия панҷ савол тарҳ гардида буд ва мо барои таҳлили ин фарзия иқдом ба эҷоди як мутағайири фарзӣ ба номи навоварӣ (Innovation) намудем, ки ҳосили ҷамъи натоиҷи ҳосила аз ин панҷ савол буд ва бо таваҷҷуҳ ба ин

ки камтарин посух мумкини арзишии муодили як имтиёз барои ҳар саволро (дар маҷмӯъ, имтиёзи 5 барои маҷмӯи панҷ савол) бояд медоштаанд. Фарзи сахтгиронаамонро бар ин ниҳодем, ки ҳар имтиёз камтар аз 10 (яъне, ҳадди ақали посухи «кам» барои ҳар панҷ савол) нишондиҳандаи адами эътиқоди посухдиҳанда ба таъсири мусбати фановарии иттилоот бар афзоиши нававарӣ дар созмон аст. Ба ин тартиб, дар сатҳи маънидор 1% натоиҷи таҳлил ба шарҳи зер ба даст омад:

**One-sample Statistics**

| Std. error Mean | Std. Deviation | Mean | N | |
|---|---|---|---|---|
| 0.59818 | 3.10821 | 18.2593 | 27 | Innovation |

**One-Sample Test**

| Test Value = 10 | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 99% Confidence interval of the difference | | Mean Difference | Sig. (2-tailed) | df | t | |
| Upper | lower | | | | | |
| 9.9214 | 6.5971 | 8.25926 | 0.000 | 26 | 13.807 | Innovation |

Ҳамон гуна ки дар натоиҷи ҳосила аз таҳлил ва хуруҷи нармафзори SPSS мушоҳида мешавад, фарзи сифр мабнӣ бар ин ки фановарии иттилоот муҷиби афзоиши нававарӣ дар созмон намегирад, рад мешавад ва далоили кофӣ барои адами таъйиди фарзи муқобил, яъне таъсири мусбати фановарии иттилоот бар афзоиши нававариҳо дар созмон бо сахтгиронатарин шароит ва дар сатҳи итминон 99% вуҷуд надорад.

Бо таваҷҷуҳ ба раванди гурезнопазири ҷаҳонӣ шудани санъат ширкатҳо бояд дар пайи ахзи сиёсатҳои лозим дар ҷиҳати эҷоди арзиши афзуда дар маҳсулоти худ бошанд. Ширкатҳо чӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҳузур пайдо кунанд ва чӣ танҳо дар як маҳдудаи хос фаъолият дошта бошанд, бояд бо ширкатҳои ҷаҳонӣ, ки вориди ҳиттаи (соҳа) фаъолияти онҳо мешаванд, ба рақобат бипардозад ва аз ин ҷиҳат аст, ки ногузир аз тавлид дар дараҷаҳои ҷаҳонӣ хоҳанд шуд, аз ҷумла абзорҳое, ки буди ширкатҳо ҷиҳати мубориза дар бозорҳои ҷаҳонӣ дар даст доранд, фановарии иттилоот мебошад.

Метавон ишора намуд, ки пиёдасозии (баамалбарорӣ) фановарии иттилоот дар созмонҳо яке аз гомҳои лозимӣ ҷиҳати тавлид дар дараҷаҳои ҷаҳонӣ мебошад. Созмонҳо ҷиҳати дастёбӣ ба тавлид дар дараҷаҳои ҷаҳонӣ бояд мӯлифаҳои гуногуне, аз қабили кайфиятро иртиқо диҳанд. IT аз абзорҳоест, ки метавонад дар афзоиши кайфият таъсиргузор бошад.

Илова бар фановарии иттилоот авомили гуногуни дигаре вуҷуд доранд, ки бо тавлид дар сатҳи ҷаҳонӣ алоқаманд мебошанд. Таҳқиқоти бисёр зиёдеро метавон дар заминаҳои гуногун, аз ҷумла барои пиёдасозӣ TPM кӯмак ба дастёбӣ ба тавлиди ҷаҳонӣ анҷом дод.

**АДАБИЁТ**


1. Яздӣ С. Паймоиш перомуни таъсири давраҳои омӯзишии фановарии иттилоот бар беҳбуди амалкарди коркунон / С. Яздӣ, С. Каримӣ // Пажӯҳишномаи улуми инсонӣ ва иҷтимоии мудирият. -Теҳрон, 1387. -№4.
2. Ҷаҳонгард И. Асари фановарии иттилоот бар тавлиди манобеи корхонаҳои Эрон: фаслномаи пажӯҳишҳои иқтисодии Эрон / И. Ҷаҳонгард. -Теҳрон, 1384. -№25. -С.83-107.
3. Муширӣ С. Фановарии иттилооту робитаьо ва рушди иқтисодии Эрон: фаслномаи пажӯҳишҳои иқтисодии Эрон / С. Муширӣ, И. Ҷаҳонгард. -Теҳрон, 1383. -№19. -С. 55-78.
4. Au, Grace and Ivan Choi, 1996, Facilitating implementation of total quality management through information technology, 1999, Information & Management, vol. 36, PP . 287-299.
5. Blouin Chantal. The WTO Agreement on Basic Telecommunications / Blouin Chantal // A reevaluation, Telecommunications Policy, 2000. -VOL. 24. -P.135-142.
6. Durmuşoğlu Serdar S. The use of information technology tools in new product development phases: Analysis of effects on new product innovativeness, quality, and market performance, Industrial Marketing Management / Durmuşoğlu Serdar S and Gloria Barczak. Available online at, 2010. www.sciencedirect.com.
7. Vahedi Majid. Information technology (IT) for knowledge management / Vahedi Majid, Nejad Haji Ali, Irani Farhad // Procedia Computer Science, 2010. -3. –P.444–448.
8. Henderson Angus. WTO principles and telecommunications in developing nations: challenges and consequences of accession/ Henderson Angus and Iain Gentle & Elise Ball // Telecommunications Policy, 2005. -VOL.29. -P.205-221.
9. Lind Johnny. Control in world class manufacturing-A longitudinal case study / Lind Johnny // Management Accounting Research, 2001. -VOL.12. -P.41-74.

10. Khajehdangolani Saeid. The Impact of Information Technologyin Banking System (A Case Study in Bank Keshavarzi IRAN) / Khajehdangolani Saeid // Procedia - Social and Behavioral Sciences, 2011. -30. –P.13-16.
11. Rodger James A. Management of information technology and quality performance in health care facilities / A. Rodger James and C. Parag Pendharkar & J. David Paper // international journalo f applied quality management, 1999. -volume 2. -№2. –P.251-269.

**РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПОВЫШЕНИИ КАЧЕСТВА ПРОИЗВОДСТВА ДЛЯ ДОСТИЖЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНОГО УРОВНЯ**

Процесс информатизации общества носит бурный характер. В последние годы предпринимаются меры по активизации использования информационных технологий с целью повышения эффективности и качества производства. С помощью информационных систем повышается уровень управления и расширяются возможности производства для активного развитияи повышения эффективности. Активное внедрение новых информационных технологий дает возможность становится конкурентоспособным в глобальном масштабе.

**Ключевые слова:** внедрение ИТ, повышение эффективности и качества производства, достижение международного уровня производства.

**THE ROLE OF INFORMATION TECHNOLOGY IN IMPROVING THE QUALITY OF PRODUCTION IN ORDER TO ACHIEVE THE INTERNATIONAL LEVEL**

The process of Informatization of a society is of a violent nature. In recent years taken measures to promote the use of information technology to improve the efficiency and quality of production. With the help of information systems increases the level of management and expand the possibilities of production for the active development and increasing efficiency. Active introduction of new information technologies gives an opportunity to become competitive on a global scale.

**Key words:** it implementation, improve efficiency and quality of production, reaching the international level of production.

**Сведения об авторах:** ***М. Джахонбахшомир*** – соискатель Свободного исламского университета города Казвин, Иран
***Х. Тулуи*** - соискатель Свободного исламского университета города Казвин, Иран

## ЧАШМАНДОЗҲОИ УЗВИЯТИ ЭРОН ДАР СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТИҶОРАТ

***Хизруллоҳи Маттоҷӣ***
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Имрӯз мавзӯи ҷаҳонишудан мавриди таваҷҷуҳи аксари кишварҳои ҷаҳонӣ қарор гирифтааст ва ҳаммонанди мавҷест, ки ҳама кишварҳоро дар бар мегирад ва дорои абъоди мухталифе аст, ки яке аз абъоди аслӣ ва таъсиргузор бар рӯйи соири абъоди ҷаҳонишудан, бӯъди иқтисодии он мебошад. Ҷаҳонишуданро бояд муҳимтарин падидаи фарогир ва иҷтинобнопазире донист, ки кулли арсаҳои иқтисод, сиёсат, ҷомеашиносӣ, фарҳанг ва ғайраро дар бар гирифтааст. Дар арсаи иқтисод, таъсиси Созмони ҷаҳонии тиҷорат аз масодиқи боризи ҷаҳонишудан аст.

Дар ин мақола саъй шудааст, ки бо рӯйкарди ошноӣ бо Созмони ҷаҳонии тиҷорат, заминаҳои пайдоиши он аз ибтидо, ки ба сурати GATT матраҳ буд, то пас аз охирин давра, ки маъруф ба даври Уругвай ва мунҷар ба шаклгирии Созмони ҷаҳонии тиҷорат гардид, баҳс гардад. Аҳдофи шаклгирӣ ва усули мавриди пазириш тавассути ҳамаи кишварҳои узв ва мувофиқатномаҳое, ки дар созмон ба тасвиб мерасад, асароти мухталиферо дар бахшҳо ва қисмҳои мухталифи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии кишварҳои узв ва ғайриузв бар ҷой мегузорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин рӯйкард, қабл аз пайвасти Эрон ба Созмони ҷаҳонии тиҷорат, шинохти созмон ва асароти манфӣ ва мусбати пайваст ба созмон метавонад мабнои барномарезӣ барои ислоҳ ва тамҳидоте дар бахшҳои мухталифи кишвар қарор гирад. Маълумоти куллӣ

Шитоби ҷаҳонишудан дар ҳавзаҳои мухталиф, зарурати огоҳӣ ва шинохти комил аз бузургтарин ниҳоди таъсиргузор бар шууноти мухталифи зиндагии ҷавомеъро иҷтинобнопазир сохтааст. Ҷаҳонишудан чи зарурати таърихӣ ва худҷӯшӣ бошад ва чи тарҳи барномарезишуда ва таҳмилӣ, воқеияте аст, ки пеши рӯйи ҷаҳониён қарор дорад ва фурсати бозигарӣ дар ин майдон бар рӯйи ҳама ҷавомеъ боз аст. Дар ин майдон ҳам фурсати фаровон аст, хатар ҳар ҷомеае, ки тавоноии ба хидмат гирифтани абзорҳои мавҷуд ва истеъдодҳои билқувваи худро дар чорҷӯби марзҳои миллӣ дошта бошад ва шеваи бакоргирии онро дар робита бо дигар кишварҳо ба гунаи созгор бо шароит муқтазиёти ҷаҳони имрӯз бидонад.Қобилияти бозигарии муваффақиятомез дар ин майдонро хоҳад дошт.

Ҷаҳонишудан бо таваҷҷуҳ ба нақши созмонҳои байналмиллалӣ (Созмони ҷаҳонии тиҷорат) дар ҷиҳати тақвияти он, воқеияте аст баргаштнопазир ки истодагӣ дар баробари он, на амалӣ аст ва на мантиқӣ. Рӯёрӯйии муваффақиятомез бо ин воқеият, мусталзами ҳузури фаъол ва мушорикати мубтанӣ бар манофеъ ва масолеҳи миллӣ аст. Бо баҳрагирӣ аз андешаи ҷамъӣ ва пойбандии ҳамагонӣ ба посдорӣ аз манобеи ҷомеа, муҷиботи ин мушорикат бояд ба гунае фароҳам ояд, то ҳам аз шитобзадагиҳои ғайриқобили таваҷеҳ ва иқдомоти ғайрикоршиносона парҳез шавад ва ҳам дар гиру дори бархӯрдҳо ва чолишҳои ҳаяҷонӣ дар арсаи танози афрод ва гурӯҳҳо бар сари эҳрози мавозеи қудрат, фурсатҳо аз даст наравад ва аз қувва ба феъл дарояд.

Дар Эрон низ дар бораи пайваст ба Созмони ҷаҳонии тиҷорат назароти мутафовите вуҷуд дорад. Фароянди таҳаввулоти иқтисодӣ ва тиҷорат дар ҷаҳон, зарурати татбиқи ҳушмандонаи кишвар бо созу корҳои иқтисодии ҳоким бар ҷаҳонро эҷод карда, ниёз ба барномаи хирадмандона барои ислоҳи сохтори тавлид, қавонин ва муқаррарот, сохтори тасҳилоти эътиборӣ, барӯз кардани фановарӣ ва тавсеаи бахши молӣ ба суди тавлид ва иқтисоди миллиро ҳатмӣ намудааст. Бо ин рӯйкард осебҳои ҳузур дар Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ ба ҳадди ақал расида, метавон аз имтиёзоти пайваст баҳраманд шуд.

Эрон низ дархости узвият дар ин созмон (аз таърихи 28 июли соли 1997)-ро таслим кардааст. Тардиде нест, тай кардани муваффақиятомези фароянди пайваст, ки маъмулан як фароянди печида ва замонбар аст, бидуни шинохти саҳеҳи ин созмон ва ҷанбаҳои мухталифи он имконпазир нест. Барои расидан ба ин мақсад, иттилоърасонӣ дар хусуси Созмони ҷаҳонии тиҷорат, бавижа барои бахшҳои мухталифи ҷомеа, ки нақши бештар дар ин масир бар уҳда доранд, як амри зарурӣ аст. Мувофиқати 147 узви Созмони ҷаҳонии тиҷорат бо дархости кишварамон (аз 5 майи соли 2006) барои пайвастан ба ин ниҳоди байналмилалӣ илова бар он, ки оғози раванди расмии узвияти Эрон дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат маҳсуб мешавад, Эронро ба унвони узви нозири ин созмон ба расмият мешиносад.

***Globalization* – Ҷаҳонишудан.** Вожаи "*Globalization*"-ро гоҳе ба "ҷаҳонишудан" ва замоне "*ҷаҳонисозӣ*" тарҷума мекунанд. Бо нигариши сатҳӣ мумкин аст ин ду истилоҳ мутародиф ба назар оянд, аммо ин ду тарҷума ба лиҳози бори маъноӣ ва воқеияти корбурдӣ ва абзоре, ки мунъакис мекунанд, бо ҳам тафовут доранд. Дар баргардони аввал, яъне ҷаҳонишудан, равиши навъи ирода ва ихтиёри мавриди назар аст ва мехоҳад ин паёмро ба хонанда мунтақил кунад, ки ҷаҳонишудан воқеиятест ошкор ва заруратест гурезнопазир, ки ҳар ҷомеа, агар хоҳони рифоҳи шаҳрвандонаш бошад, чора надорад ҷузъ ин ки худро бо ин ҷараёни нерӯманд, зарурӣ ва муфид ба ҳоли кишварҳо ва ба ҳоли ҷомеаи башарӣ созгор кунад ва бо иродаи озод ба муқтазиёти он гардан ниҳад.

Ҷаҳонишудан падидаи навзуҳуре нест, балки фароядест, ки ҳамгом бо афзоиши огоҳии инсон нисбат ба худ ва муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ, аз оғози таърих вуҷуд доштааст.[1] Аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба баъд бо рушди тиҷорати ҷаҳонӣ, афзоиши таҳарруки сармоя дар сатҳи байналмилалӣ, муҳоҷирати нерӯи кор ва коҳиши мавонеи тиҷорӣ бар асоси қарордодҳои байналмилалӣ, шакли дигар ва суръати бештар пайдо кард. Дар солҳои охир ҳам бо суръати фазояндаи дониш ва фановарӣ ва фурӯпошии абарқудрати Шарқ ва поёни даврони ҷанги сард, шитоби бесобиқае гирифтааст.[2]

Рушди тиҷорати ҷаҳонӣ дар солҳои 1950 то 1994 ва фузунии чашмгири он бар рушди тавлиди ҷаҳонӣ, воҳидҳои тавлидии кишварҳоро ба бахше аз шабакаи ҷаҳонии тавлид ва тиҷорат табдил кардааст. Дар чунин иқтисод низоми сармоядорӣ барои тазмини фурӯши тавлидоти худ ба бозор ниёзманд аст, ки пайваста дар ҳоли густариш бошад. Дар ин ҷарён, кишварҳои тавсеаёфта аз бартарии фановарӣ ва аз нуфузи худ дар созмонҳои молии байналмилалӣ ва ширкатҳои азими фаромиллӣ суд ҷуста, шеваи тавлид, муносиботи тавлидӣ, чигунагии баҳрабардорӣ аз имконот ва манобеъ дар кишварҳои ҷаҳони сеюмро ба суди худ созмондиҳӣ ва ҷарёни умурро ба заминаи манофеъ ва матомеи худ ҳидоят мекунанд.[3]

Дарёфтҳои мутанаввеъ аз мафҳуми ҷаҳонишудан вуҷуд дорад. Ҷаҳонишудан назди иддае ғарбӣ шудан аст, ҳол он ки бархе дигар онро пӯшише барои султаи сармоядорӣ медонанд.[4] Тарафдорони ин назария муътақиданд, ки аз солҳои 1980, мардуми ҷаҳон беш аз пеш таҳти таъсири иқтисоди бозори озод будаанд. Дар муқобил, мухолифон эътиқод доранд, ки иқтисоди ҷаҳонӣ, дар воқеъ, иборат аст аз

иқтисоди маъдуде аз кишварҳои сарватманд, махсусан кишварҳои узви Созмони ҳамкорӣ ва тавсеаи иқтисодӣ.

Гурӯҳи сеюм аз соҳибназарон, сарфи назар аз мухолифатҳо ва мувофиқатҳо, муътақиданд, ки нуктаи муҳимми ташхис ин амр аст, ки ин падида то чӣ андоза ичтинобнопазир аст. Онҳо таҳқиромез будани ҷаҳонишуданро инкор намекунанд, балки даъват ба навъи ҳамзистӣ, дамсозӣ ва гардан ниҳодан ба низоме, ки қатъан барқарор хоҳад шуд мекунанд.[5]

Ҷаҳонишуданро бояд муҳимтарин падидаи фарогир ва ичтинобнопазирӣ донист, ки кулли, арсаҳои иқтисод, сиёсат, ҷомеашиносӣ, фарҳанг ва ғайраро дар бар гирифтааст. Дар арсаи иқтисод, таъсиси Созмони ҷаҳонии тиҷорат аз масодиқи боризи ҷаҳонишудан аст.

**Таърихи Созмони ҷаҳонии тиҷорат.** Дар давраи байни ҷангҳои ҷаҳонии аввал ва дувум, равобити иқтисодии байналмилалӣ дучори осеб шуд. Нобасомониҳои азими иқтисодӣ дар даҳаи 1930 аз қабили адами мувозинати пардохтҳо, таваррум, коҳиши шадиди арзиши пули ағлаб кишварҳо, ихтилоле дар мубодилоти бозаргонӣ ва бекории густурда сабаб шуд, ки давлатҳои аврупоӣ ва ҳамчунин Амрико бо сиёсатҳои ҳимоятии шадид барои пуштибонӣ аз саноеи дохилӣ ва иқдомоти талофиҷӯёна дар баробарӣ шарикҳои тиҷории худ мутавассил шаванд.[6] Тавлидоти дохилии ин кишварҳо то он ҷо афзоиш ёфт, ки дигар дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ ба як амри зарурӣ табдил шуда буд. Аз ҳамин ҷиҳат, талош барои озодсозии тиҷорат дар сатҳи байналмилалӣ оғоз шуд. Ин талош саранҷом дар октябри соли 1974 бо имзои мувофиқатномаи умумии тарофа ва тиҷорат (GATT) дар 34 модда тавассути 23 кишвар, шомили кишварҳои пешрафтаи саноатӣ ва кишварҳои дар ҳоли тавсеа дар Женева ба самари нишаст, ки аз миёни ин кишварҳо, 10 кишвар бо имзои як протокол дар январи 1984 мувофиқат карданд, GATT-ро ба марҳилаи иҷро даровcovarданд. [7]

Охирин музокироти ГОТ мавсум ба давраи Уругвай дар соли 1994, аз тӯлонитарин ва пурмуҷодилатарин давраҳо буд, зеро дар ин давра таваҷҷуҳи вижае ба маҳсулоти кишоварзӣ, нассоҷӣ (бофандагӣ), хадамоти фаннӣ ва муҳандисӣ ва моликияти маънавӣ, ки дар давраҳои қаблӣ матраҳ шуда буд, ба амал омад. Дар ниҳоят, гузашта аз ҳусули тавофуқҳои муҳиме дар заминаҳои ёдшуда, тасмими муҳимтаре дар бораи ташкилоти созмонӣ тавофуқномаи тарафайн ва тиҷорат ахз шуд, ки ба таъсиси Созмони ҷаҳонии тиҷорат (WTO) анҷомид.[8] Бар ин асос, Созмони ҷаҳонии тиҷорат таъсис ва аз соли 1995 оғоз ба кор кард.[9]

Аз замони таъсиси ГОТ дар соли 1947 то соли 1995, ки ин ниҳод ҷойи худро ба Созмони ҷаҳонии тиҷорат дод, илова ба нишастҳои солонаи аъзо, ҳашт давраи музокироти тиҷорати ҷаҳонӣ, ба манзури эҷоди низоми мунсаҷими тиҷорати озод баргузор шуд. Музокироти давра ба давраии ГОТ баъзан ба номи маҳалле, ки ҳар як аз ин музокирот дар он ҷо шурӯъ шудааст, маъруф аст:

1. Музокироти Женева (с. 1947).
2. Музокироти Онс (Фаронса, с. 1949).
3. Музокироти Турквой (Инглис, солҳои 1950-51).
4. Музокироти Женева (с. 1956).
5. Музокироти Дилан дар Женева (солҳои 1960-1962).
6. Музокироти давраи Кенедӣ дар Женева (солҳои 1964-67).
7. Музокироти давраи Токио (солҳои 1973-79).
8. Музокироти давраи Уругвай (солҳои 1986-1994).

Давраи Женева дар соли 1947 аввалин давраи музокиротӣ буд, ки ба таъсиси ГОТ анҷомид, давраи Уругвай низ охирин ва тӯлонитарин давраи музокироти тиҷорати ҷаҳонӣ буд, ки дар соли 1986 оғоз шуд ва билохира дар соли 1994 бо тавофуқ бар сари таъсиси Созмони ҷаҳонии тиҷорат поён ёфт.

**Тафовутҳои ГОТ (GATT -** General Agreement on Tarrif and trad**e) бо Созмони ҷаҳонии тиҷорат.** ГОТ дарвоқеъ, маҷмӯае аз қавоид ва муқаррароте буд, ки ҳаргиз аз як мабнои ҳуқуқӣ ба унвони як ниҳоди байналмилалӣ бархурдор набуд ва ба таври муваққат шакл гирифта буд, дар ҳоле ки Созмони ҷаҳонии тиҷорат як ниҳоди байналмилалӣ бо сохтори созмони доимӣ аст. Ин созмон, ки аз соли 1995 ҷойгузини ГОТ шудааст, як созмони байналмилалӣ аст, ки илова бар мувофиқатномаи умумӣ тарофа ва тиҷорат дар чорчӯби чандин мувофиқатномаҳои дигаре бар ҳуқуқ ва таахҳудоти аъзо назорат мекунад. Тафовути дигари ГОТ бо Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар ин аст, ки муқаррароти ГОТ танҳо шомили тиҷорати молҳо буд, дар ҳоле ки мувофиқатномаи Созмони ҷаҳонии тиҷорат илова бар тиҷорати колоҳо,

тиҷорати хадамот ва ҷанбаҳои тиҷорӣ марбут бо моликияти маънавиро низ дар бар мегирад. Як тафовути дигари ГОТ бо Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар низоми ҳаллу фасли ихтилофот аст. Дар созмони ҷаҳонӣ муқаррароти тафсилитар ва амалитаре дар мавриди баррасӣ ва иҷрои тасмимоти низом ҳаллу фасли ихтилоф вуҷуд дорад. Низоми ҳаллу фасли ихтилофоти ин созмон маҳдудияти замонӣ барои баррасии таъйинкарда ва аз ин лиҳоз аз суръати бештаре нисбат ба низоми ҳаллу фасли ихтилофоти ГОТ бархурдор аст. Дар ин низом, ки ҷанбаи худкор дорад, эҳтимоли коршиканӣ ва таъхир камтар аст. Ҳамчунин як ниҳод барои фарҷомхоҳӣ ва баррасии назароти ҳаллу фасли ихтилофот низ дар Созмони тиҷорат вуҷуд дорад (ошноӣ бо қавоиди Созмони ҷаҳонии тиҷорат.[10]

**Сохтори ташкилотии Созмони ҷаҳонии тиҷорат.** Созмони ҷаҳонии тиҷорат ба унвони як созмони байналмилалӣ, ки аксари кишварҳои ҷаҳон узви он ҳастанд, барои анҷоми вазоифи худ, ки мудирияти тиҷорати чандҷонибаи байналмилалӣ аст, дорои сохтори ташкилоти ба шарҳи зер аст:

1. **Конфронси вазирон.** Конфронси вазирон болотарин рукни Созмони ҷаҳонии тиҷорат ва муташаккил аз вазирони зеррабти кулли кишварҳои узв аст. Нишасти конфронси вазирон, ки маъмулан аз вузарои бозаргонӣ ё вазироне, ки масъулияти умури тиҷорати хориҷӣ дар кишварҳои узви Созмони ҷаҳонии тиҷоратро бар уҳда доранд, ташкил шуда ҳар ду сол як бор баргузор мешавад. Дар нишасти конфронси вазирон дастури кори таҳияшуда тавассути шӯрои умумӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад ва дар хусуси тамоми масоили марбут ба умури Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар чорчӯби мувофиқатномаҳои тиҷории чандҷониба тасмимгирӣ мешавад.

2. **Шӯрои умумӣ.** Шӯрои умумӣ, ки пас аз конфронси вазирон муҳимтарин рукни созмон маҳсуб мешавад, уҳдадори умури ҷорӣ ва рӯзмарраи созмон аст. Тибқи мувофиқатнома таъсиси шӯрои созмон, ки муташаккил аз тамоми аъзоёни Созмони ҷаҳонии тиҷорат аст, вазоифи худро дар се шакл шӯрои умумӣ, ҳайати ҳаллу фасли ихтилоф ва ҳайати баррасии сиёсати тиҷорӣ анҷом медиҳад.

Шӯрои умумӣ дар фосилаи байни иҷлосҳои конфронс ва вазирон ба намояндагӣ аз сӯйи конфронс тамоми умури марбут ба Созмони ҷаҳонии тиҷоратро анҷом медиҳад. Ин шӯро чи дар шакли ҳайати ҳаллу фасли ихтилоф, ки барои назорат бар рӯяҳои ҳаллу фасли ихтилофи аъзо ташкили ҷаласа медиҳад, гузоришҳои худро ба конфронси вазирон ироа мекунад.

3. **Шӯроҳои бахш.** Рукни баъдии Созмони ҷаҳонии тиҷорат шӯроҳои бахш аст, ки ҳар як масъулияти идораи бахши васее аз масоили тиҷориро бар уҳда дорад ва ба шӯрои умумӣ гузориш медиҳад. Ин шӯроҳо иборатанд аз:

- шӯрои тиҷорати молу маҳсулот;
- шӯрои тиҷорати хадамот;
- шӯрои ҷанбаҳои тиҷории ҳуқуқи моликияти фикрӣ.

Тавре ки аз номи ин шӯроҳо бармеояд, ҳар як аз онҳо масъули иҷрои мувофиқатномаҳои Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар қаламравҳои тиҷории марбута аст. Ҳамчунин, се шӯрои бахш дорои ниҳодҳои вобаста ҳастанд. Агарчи ҳиттаи кории ин ниҳодҳо маҳдудтар аст, аммо онҳо ҳамчун шӯроҳои ёдшуда, муташаккил аз тамоми аъзои созмон буда, гузориши кории худро ба шӯрои умумӣ ироа мекунанд. Ин ниҳодҳо ҳамчунин тиҷорат ва тавсеа, муҳити зист, мувофиқатномаҳои тиҷорати минтақавӣ ва масоили идориро шомил мешаванд.

**Аъзои Созмони ҷаҳонии тиҷорат**. Созмони ҷаҳонии тиҷорат имрӯз ба яке аз созмонҳои бузурги байналмилалӣ табдил шудааст ва аксар кишварҳои ҷаҳон низ ба узвияти он даромадаанд. Дар ҳоли ҳозир 153 кишвари ҷаҳон узви расмии созмони ҷаҳонии тиҷорат ҳастанд ва 31 кишвар низ ба унвони аъзои нозир дар ин созмон саргарми тай кардани фароянди пайваст мебошанд. Тибқи муқаррароти созмон аъзои нозир бояд тайи муддати панҷ соле, ки аз узвияти нозирии онҳо мегузарад, музокироти марбут ба пайвастро шурӯъ кунанд. Илова ба кишварҳо теъдоде аз созмонҳои байналмилалӣ низ ба унвони нозир дар шӯрои умумӣ ҳузур доранд, ки аз он ҷумла, метавон ба Созмони миллали Муттаҳид, Конфронси тиҷорат ва тавсеаи Милали Муттаҳид (АНКИТОД), Сандуқи Байналмилалии пул ва бонки ҷаҳонӣ, Созмони кору бори кишоварзӣ (ФОИВ), Созмони моликияти фикрӣ (ВИПУ) ва созмони ҳамкории иқтисодӣ ва тавсеа (У.И.Си.Ди) ишора кард.

Дар ҳоли ҳозир беш аз 110 кишвар аз аъзои Созмони ҷаҳонии тиҷорат, ҷузъи кишварҳои дар ҳоли тавсеа ҳастанд. Ҳамчунин, аз 28 кишвари дорои камтарин

дарачаи тавсеаёфтагӣ, ки акнун дар феҳристи аъзои Созмони Милали Муттаҳид қарор доранд, теъдоди 32 маврид ба узвияти Созмони ҷаҳонии тиҷорат даромадаанд ва 7 кишвари дигар аз ин гурӯҳи кишварҳо низ дар марҳилаи фароянди пайваст ба ин созмон қарор доранд. Ба далели аҳамияти рӯзафзуни кишварҳои дар ҳоли тавсеа дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва низ ба далели афзоиши теъдоди ин кишварҳо, дар байни аъзои Созмони тиҷорат интизор меравад, ки ин кишварҳо нақши муҳимтаре дар ин созмон бозӣ мекунанд.

Ба ҳар ҳол, Созмони ҷаҳонии тиҷорат ҳам аз назари ҳавзаҳои тахти пӯшиш ва ҳам аз назари теъдоди аъзо густариш пайдо кардааст. Аз назари теъдоди аъзо, бояд гуфт, ки то кунун фақат понздаҳ кишвар, тақозои узвият ба Созмони ҷаҳонии тиҷоратро ироа накардаанд. Ин понздаҳ кишвар ҳам саҳми ночизе дар тиҷорати ҷаҳонӣ доранд. Маҷмӯи масоҳат ва ҷамъияти понздаҳ кишваре, ки муттақозии узвият нестанд, камтар аз масоҳат ва ҷамъияти кишварамон мебошад. Ҳамин худ нишондиҳандаи ин аст, ки Созмони ҷаҳонии тиҷорат аз назари аъзо ҳам густариш пайдо карда, амалан кулли дунёро дар бар гирифтааст.

Эрон 28 ноябри 1997 пас аз анҷоми баррасиҳои лозим дар давлат, дархости расмии пайвастро таслими дабирхонаи Созмони ҷаҳонии тиҷорат намуд. Бо вуҷуди таслими дархост ба Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар соли 1997 ин дархост ба мовонеи сиёсӣ дар созмон мувоҷеҳ шуд ва танҳо пас аз сипарӣ шудани ҳудуди нуҳ сол дар бисту дувумин навбати баррасии дархост дар шӯрои умумӣ, дар таърихи 5 хурдодмоҳи соли 1384 мавриди мувофиқати аъзои созмон қарор гирифт. Бо пазириши дархости Эрон дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат фароянди пайвасти кишварамон ба ин созмон вориди марҳилаи ҷиддитаре шуд.

**АДАБИЁТ**


4. Сайф Аҳмад. Ҷаҳони кардан вопасин марҳилаи империализм / Сайф Аҳмад // Иттилооти сиёсӣ-иқтисодӣ, 2004. -№ 193-194. -С.8.
5. Ҷаҳони шудан бо кадом ҳадаф? / Суизӣ Пил [ва дигарон]; мутарҷим Носири Зарафшон. –Теҳрон, 2002. -С.20.
6. Қатмарӣ Муҳаммадалӣ. Ҷаҳонӣ шудани иқтисод авомил, асарот, вокунишҳои байналмиллалӣ ва роҳи ҳалҳо / Қатмарӣ Муҳаммадалӣ // Иттилооти сиёсӣ – иқтисодӣ, 2004. -С.154-159.
7. Муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ // Маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши роҳбурди тавсеаи иқтисодии Эрон ва узвият дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат. Фурсатҳо ва чолишҳо. –Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ, 2000. -С.52.
8. Kearney. A.T. Globalization Last Hurrah? / A.T. Kearney // Foreign Policy, 2002. -P.38.
9. Ирвонӣ Муҳаммад Ҷавод. Шинохти созмони тиҷорати ҷаҳонӣ / Ирвонӣ Муҳаммад Ҷавод. – Теҳрон: Интишороти муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ, 2005. -С.50.
10. Муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ // Маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши роҳбурди тавсеаи иқтисодии Эрон ва узвият дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат. Фурсатҳо ва чолишҳо. –Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ, 2000. -С. 53.
11. Тиллоӣ Қудратоллоҳ. Осори пайвастани Ҷумҳурии Исломии Эрон ба созмони ҷаҳонии бозаргонӣ ва таъсири он ба санъати худравсозии Эрон / Тиллоӣ Қудратоллоҳ // Моҳномаи иттилооти сиёсӣ – иқтисодӣ, 2002. -№5-6. -С.198-199.
12. Нуронӣ Муҳаммадризо. Таъсири узвияти Эрон дар созмони ҷаҳонии тиҷорат бар санъати худравсозии кишвар. Маҷмӯъаи мақолот ҳамоиши санъати худрави Эрон ва иқтисодии ҷаҳонӣ / Нуронӣ Муҳаммадризо // Моҳномаи Паёми Эрон худрав. –Теҳрон, 2002. -№ 8. -С.307.
13. Фохирӣ Меҳдӣ. Созмони ҷаҳонии тиҷорат ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон / Фохирӣ Меҳдӣ. - Теҳрон, 2004. -С.85.


**К ВОПРОСУ О ВСТУПЛЕНИИ ИРИ ВО ВСЕМИРНУЮ ТОРГОВУЮ ОРГАНИЗАЦИЮ (ВТО)**


Статья посвящена возможностям вступления ИРИ в ВТО. Обоснована роль глобализации в развитии экономики и показаныа роль и влияние глоболизационного процесса в формировании нового экономического мышления, способстующего созданию конкурентоспособной экономики.



**Ключевые слова:** Всемирная торговая организация (WTO), глобализация, глобализация и Исламская Республика Иран, Всемирное торговое согласшение (GATT).


**THE LANDSCAPE OF MEMBERSHIP OF IRI IN WTO**


***Khezroallah Mattaji***



Author of this article tries to research the landscape of membership of Islamic republic of Iran in WTO. In article are showed the probabilities results of influences of globalazation to Iranian economy.



**Key words:** WTO, WTO and Islamic Repulic of Iran, Globalazation and Islamic Repulic of Iran, GATT.



**Сведения об авторе:** ***Хизруллох Маттаджи*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ

## НАҚШИ БУНГОҲҲОИ ИҚТИСОДИИ ХУРД ВА МИЁНАИ КОРОФАРИН ДАР ЭҶОДИ ИШТИҒОЛ

*Алиризо Аббосӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Эҷод ва ҳимоят аз бунгоҳҳои хурд ва миёна, яке аз авлавияти асосӣ дар барномаҳои тавсеаи иқтисодӣ дар бисёре аз кишварҳои пешрафта ва навтавсеаёфта аст.

Бунгоҳҳои иқтисодии хурд ва миёна дар эҷоди иштиғол ва фароҳам кардани заминаи муносиб барои навоварӣ ва афзоиши содирот нақши муҳиме доранд.

Ширкатҳои хурд аз инъитофпазирии бештаре бархурдоранд ва корофаринӣ ва халлоқияти бештаре дар онҳо сурат мепазирад. Ширкатҳои хурд ва миёна роҳаттар метавонанд, худро бо тағйироти пуршитоби муҳитӣ мутобиқ карда, нисбат ба омилҳои иқтисодӣ ва сиёсии сареҳтар вокуниш нишон диҳанд.

Бунгоҳҳои хурд ва миёна омили ҷазб ва иштиғоли бахши азиме аз ҷамъияти кишварҳо ва омӯзиши нерӯи кори моҳир ҳастанд. Таъмини нерӯи инсонӣ мутахассис барои ширкатҳои бузург тавассути ширкатҳои хурд ва миёна сурат мегирад.

Таҳаввулоти печида ва сареҳи чанд даҳаи ахир ва низ шитобгирии раванди ҷаҳонишудан боис шудааст, то ҷавомеи гуногун талош кунанд, то беш аз пеш худро барои пазириши таҳаввул омода кунанд. Он чи ки то чанд даҳаи пеш ба унвони як имтиёзи иқтисодӣ талаққӣ мешуд, иборат буд аз барпоӣ ва фаъол нигоҳ доштани ширкатҳои бузург ва чунин истидлол мешуд, ки ҳарчи ин ширкатҳо бузургтар бошанд, иқтисод пӯётар ва қудратмандтар мегардад.

Агарчи ин тафаккур тайи чанд даҳа равнақ гирифт ва бар пояи он ширкатҳои ғулпайкаре ҳам падидор шуданд, вале таҳаввулоти ахир ва бавижа фишорҳои ҷамъиятӣ, навовариҳои лаҳза ба лаҳза, печидатар шудани фарояндҳои мудириятӣ ва тасмимгирӣ, ниёз ба тасмимгириҳои онӣ ва зурурӣ ва таҷориби ҳосил аз фаъолиятҳои бунгоҳҳои хурд ва миёна (**SMES**) аҳамияти ин бунгоҳҳоро намоён сохтааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин аҳамият ва осори иҷтимоӣ- иқтисодӣ густариши бунгоҳҳои хурду миёна ва низ таваҷҷуҳе, ки дар ҷаҳони имрӯз ба он мешавад, созмони мудирияти саноатӣ аз чанде пеш пардохтан ба ин мавзӯъро дастури кори худ қарор додааст.

Дар ин роҳ бо баргузории давраҳои омӯзишӣ, семинарҳо, ироаи хадамоти мушоварӣ ва тарвиҷу нашри мақолоту китобҳо, талош мешавад, то абъоди гуногуни ин падида ба ҷомеаи иқтисодӣ ва саноатии кишвар шиносонда шавад. Ба ин тартиб, барномае тадвин шудааст, то дар қолаби он як ришта мақолоти пажӯҳишӣ навишта ва интишор ёбад, ки илова бар аҳамияту масоили ин бунгоҳҳо, таҷрибаи дигари кишварҳоро, бавижа дар заминасозӣ барои фаъолияти ин гуна бунгоҳҳо ба забони сода ва равшан баён намояд. Мақолаи зер ба ҳамин манзур таҳия шудааст, ки ба унвони гоми нахуст, нигоҳе иҷмолӣ ва калон ба як риштаи масоили муҳим дар заминаи бунгоҳҳои хурд ва миёна меандозад. Умед аст, ки дар шумораҳои оянда тадбири масоили ин бунгоҳҳо аз абъоди гуногун ва дар кишварҳои мухталиф тадвину интишор ёбад. Гурӯҳи мутолиоти **SMEs** дар созмони мудирияти саноатӣ аз изҳор ва кӯмакҳои андешамандон, пажӯҳишгарон ва алоқамандон ба масоили бунгоҳҳои хурд ва миёна истиқбол мекунад.

**Гурӯҳи мутолиоти SMEs созмони мудирияти саноатӣ.** Нигоҳе ба низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар бисёре аз кишварҳои пешрафта ва навтавсеаёфтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки эҷод ва ҳимоят аз бунгоҳҳои хурд ва миёна (**SMALL AND MEDIUM SIZE INTERPRISES = SMEs**) яке аз бартариҳои асосӣ дар барномаҳои тавсеаи иқтисодии ин кишварҳо аст. Ин бунгоҳҳои иқтисодӣ бар хилофи он ки ба сармоягузории камтаре ниёз доранд, боздеҳии бештаре дошта, дар эҷоди иштиғол, эҷоди заминаи муносиб барои навоварӣ ва ихтироот ва афзоиши содироти ин кишварҳо, нақши муҳиме доранд.

**Таърифи бунгоҳхои хурд ва миёна.** Бунгоҳҳои хурд ва миёна дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон дорои шабоҳатҳои бисёре ҳастанд, аммо бо вуҷуди ин наметавон таърифи воҳиду яксоне аз онҳо ба даст дод ва ҳар кишвар бо таваҷҷуҳ ба шароити хоси худ, таърифе аз ин бунгоҳҳо ироа кардааст.

Бештари ин таърифҳо бар асоси меъёри каме, монанди теъдоди коркунон ва мизони гардиши молӣ матраҳ шудаанд. Масалан, дар ИМА, бунгоҳҳоеро ки камтар

аз 500 нафар коргар дошта бошанд, ширкати хурд меноманд. Дар ҳоле ки дар Олмон ширкатҳоеро, ки дорои камтар аз даҳ нафар коргар бошанд, хурд ва аз даҳ нафар то 499 нафар коргар доштаро ба ширкатҳои миёна маҳсуб мекунанд.

Бар асоси меъёрҳои Иттиҳодияи Аврупо низ саноати хурд ва миёна бар ҳасби теъдоди коргарон ва маблағи гардиши сармояи солона таъриф мешаванд. Бар ин асос, бунгоҳҳои хурд ё миёна номида мешаванд, ки теъдоди коркунони он аз 250 нафар бошад ва маблағи гардиши моли солонаи он ҳам 40 млн. евро таҷовуз накунад. Дар Осиё низ барои табақабандии ширкатҳои хурд ва миёна аз меъёрҳои мухталифе истифода мешавад, ки бархе аз онҳо иборатанд аз: теъдоди коркунон, арзиши дороиҳо, мизони гардиши моли солона, мизони сармоя ва ғайра.

Мизони гардиши моли ширкатҳо низ меъёри дигаре барои табақабандии ширкатҳои хурд ва миёна дар Олмон ба шумор меравад. Ширкатҳое, ки гардиши моли онҳо то 25 млн. евро дар сол бошад, ширкати миёна ва ширкатҳое, ки гардиши моли онҳо ҳудуди 25-ҳазор евро бошад, ширкати хурд ба ҳисоб меояд.

Ҳарчанд ин таърифҳои камӣ, тақсимбандиро роҳаттар мекунад, аммо меъёрҳои камӣ ҳамеша барои табақабандии ширкатҳо равиши муносибе нестанд. Масалан, як ширкати фӯлодсозӣ, ки маҷмӯи коркунони он 500 нафар бошад, дар саноати фӯлод як ширкати миёна ба ҳисоб меояд, дар ҳоле ки як ширкати хидматӣ монанди ширкати мушовараи молӣ бо ҳудуди 500 нафар коркун, як ширкати бузург дар заминаи худаш маҳсуб мешавад. Бинобар ин, сифату мушаххасоти сифатии ширкатҳо низ муҳим аст.

**Маъмулан ширкатҳо ва бунгоҳҳои хурд ва миёна аз се вижагии сифатӣ бархурдоранд**:

- ваҳдати моликият ва мудирият;
- моликияти фардӣ ва хонаводагӣ;
- истиқлол аз дигар бунгоҳҳо.

**Аҳамият ва нақши саноати хурд ва миёна.** Нигоҳе кӯтоҳ ба сохтори низоми иқтисодии кишварҳои мухталифи моро бо аҳамият ва ҷойгоҳи ширкатҳо ва бунгоҳҳои хурд ва миёна бештар ошно мекунад. Дар хусуси аҳамият ин ширкатҳо, ҳамин бас ки ҳадди ақалли 3,2 млн. муассисаи хурд ва миёна дар Олмон вуҷуд дорад, ки теъдоди коркунони онҳо 20 млн. нафар аст ва 70% кулли машғулони ин кишварро дар худ ҷой додааст.

Дар ИМА низ ҳудуди 25 млн. бунгоҳҳои хурд вуҷуд дорад, ки беш аз 50% аз нерӯи кори бахши хусусиро дар ихтиёр дорад. Ин бунгоҳҳо ба танҳоӣ нимае аз тавлиди нохолиси дохилии Иёлоти Муттаҳидаро таъмин карда, 96% аз кулли содироти ин кишвар низ тавассути ин ширкатҳо тавлид мешаванд.

Ширкатҳои хурд аз инъитофпазирии бештаре бархурдор буда, корофаринӣ, халлоқияту навоварии бештаре дар онҳо сурат мепазирад. Ин ширкатҳо роҳаттар метавонанд худро бо тағйироти пуршитоби муҳитӣ татобиқ дода, нисбат ба муаллифаҳои муҳитӣ ҳамчун омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ,технологии сиёсӣ ва қонунӣ сареътар вокуниш нишон диҳанд. Ҷолиб аст бидонем, ки беш аз 55% аз навовариҳо ва ихтирооте, ки дар ИМА ба сабт мерасад, дар ширкатҳои хурд ва миёна рӯй медиҳад.

Бунгоҳҳои хурд ва миёна омили ҷазб ва иштиғоли бахши азиме аз ҷамъияти кишварҳо ва омӯзишу тарбияти нерӯи кори моҳир ҳастанд. Ба унвони мисол дар Олмон, 80% аз нерӯи кор ибтило ҷазби саноати хурд ва миёна мешаванд ва омӯзишҳои лозим ва маҳоратҳои касбии мавриди ниёзро касб мекунанд. Ба гунае ки ин саноат барои донишомӯзон ва донишҷӯён ба коргоҳе барои касби маҳоратҳои фаннӣ ва касбӣ табдил шудаанд.

Таъмини нерӯи инсонии мутахасс барои ширкатҳои бузург, ғолибан тавассути ширкатҳои хурд ва миёна сурат мегирад. Ин масъала ба сурати яке аз мушкилоти кунунии ин гуна бунгоҳҳо даромадааст, зеро ғолибан афроди мутахассис пас аз касби таҷриба дар ширкатҳои хурд ва миёна, ҷазби саноати бузургтар ва ҷаззобтар мешаванд.

Аз он ҷо ки бунгоҳҳои хурд ва миёна дар муқоиса бо саноати бузург бо сармояи камтаре метавонанд эҷоди иштиғол кунанд, теъдоди машғулшудагоне, ки ин даста аз ширкатҳо эҷод мекунанд бештар аз ширкатҳои бузург аст.

**АДАБИЁТ**


1. Хазинаи (архиви) Донишгоҳи санъат ва маъдани ҶИЭ.
2. Маҷаллаи тадбир.

3. Хазинаи (архиви) Вазорати саноеъ ва маодини ҶИЭ.
4. Мақолаи корофаринӣ ва густариш.
5. Мусоҳиба бо мудирони саноеи хурди вилояти Хузистон.

**РОЛЬ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА ДЛЯ СОЗДАНИЯ НОВЫХ РАБОЧИХ МЕСТ**

В статье рассматривается роль малого и среднего бизнеса в развитии экономики, особенности их организации в различных странах, их значение для создания новых рабочих мест и развития экономики страны.

**Ключеваые слова:** занятость, предпринимательство, экономическое сотрудничество, малый бизнес, средний пбизнес, финансовые ресурсы, государственные организации.

**THE ROLE OF SMALL AND MEDIUM BUSINESSES TO CREATE NEW JOBS**

*Aliriza Abbosi*
**Tajik National University**

The article examines the role of small and medium enterprises in economic development, especially of their organization in different countries, their importance for job creation and economic development of the country.

**Key words:** employment, small, medium and big industry, finance source, Governments organization, entrepreneurship, economic cooperation.

**Сведения об авторе:** ***Алиризо Аббоси*** – соискатель Таджикского национального университета

# РАВИШҲОИ НАВИН ДАР ОЯНДАПАЖӮҲӢ

***Сурури Руботҷазӣ*, *Амузода Ҳабибулло***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи фаннӣ ва ҳирфаии Эрон**

Одамӣ ба таври фитрӣ ва огоҳ ба шинохт аз оянда алоқаманд аст, ки бо андешаи худ ба атрофи перомунӣ унвони мадинаи фозила менигарад. Таваҷҷуҳи одамӣ ба оянда ҳикоят аз он мекунад ки чӣ миқдор азояндаи худ нигарон аст. Дар авохири қарни ҳозир бардошт аз мадинаи фозила, макон ҷойи худро ба замон дода ва ҷойи ин ки ба макони дигари дар ҳамон замон тааллуқ дошта бошад, ба ҳамон макон, вале дар замони оянда таааллуқи хотир хоҳад дошт ва барои он фикрҳои нав хоҳад кард. Бо рӯйи кор омадани мавзӯъҳои маърифати мухталиф дар улуми табиӣ ва улуми инсонӣ афзоиши тахассусгароӣ ва рушди масоили иҷтимоӣ, ояндапажӯҳӣ хо ба даврони ҷадиди худ по ниҳода, аз талошҳои фаровон дар пешгирӣ ва тарроҳии оянда қадамҳои муассир бардоштааст.

Ояндaнигарӣ истилоҳи ояндашиносиро дар соли 1943 матраҳ намуд. Дар мароҳили баъдӣ донишманде чун Бартол ояндапажӯҳиро ба сӯйи масоили ақлонӣ ва фалсафӣ кашонданд, ки пас аз интишори китоби Элвин Тофлер онро ба номи «Шоки оянда» дар соли 1970 матраҳ кардааст, ки мутолиаи ояндапажӯҳӣ бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Ин китоб нишон дод, ки чаро ояндaнигарӣ дорои аҳамияти вижа мебошад. Чӣ гуна метавон аз пайомадҳои тағйир аз гузари ҳол ба оянда чи аз нигоҳи мусбат ва чи аз нигоҳи манфӣ гузашт кард, ва онҳоро ба дурустӣ дарк намуд [1].

Дар даврони муосир низ донишмандони зиёде, мисли Дониёр дар китоби «Вуруд ба ҷомеаи пас аз санъатӣ» ба баҳси иттилоот дар ҷомеаи пасосанъатӣ ба унвони аслӣ созмондиҳандаи иқтисод ва равобити иҷтимоӣ ишора мекунад ва ҳамчунин донишманди дигарӣ ба номи Мак-Лубон баҳси фановарии иттилоотро барои ҷаҳонишудан матраҳ кардааст. Бояд иқрор дошт, ки дар бобати мафҳуми ояндапажӯҳӣ низ ҳамчун бисёре аз мафоҳими ҳавзаи улуми иҷтимоӣ ва улуми инсонӣ иттифоқи назари воҳид вуҷуд надорад, вале он чи қатъӣ аст, ояндапажӯҳӣ кори фикри низомёфта дар ҷиҳати нигоҳ ваояндаи дур ба манзури пешбинии он мебошад, ки интихоби муаллифаҳои мухталифи он дар оянда воҷиб ва зарурист, ки иборатанд аз:

1. Тавсифи ояндаҳои мумкин, яъне ҳар чизе, ки ҳам зишту зебо дар оянда иттифоқ хоҳад уфтод.

2. Шиносоииояндаи муътамил, яъне ҳар чизе, ки дар оянда иттифоқ биафтад.

3. Тарсими ояндаҳои муътамил, яъне матлубтарин ё марҷаҳтарин гузинае, ки дар оянда итлоф меёбад.

Бархе фикр мекунанд, ки ояндaнигарӣ ба маънои ғайбгӯйист ва чунин бардошти афроди ояндaнигарро мавриди тамасхур қарор медиҳанд, дар ҳоле ки ояндaнигарӣ, яъне пеш аз он ки рӯйдоде ба вуқӯъ бипайвандад нисбат ба он тағйирот

вокуниши дуруст нишон диҳем. Яъне вокуниш пеш аз вуқӯи рӯйдод ба ибораи дигар, оянданигарӣ, яъне вокуниш ба рӯйдодоҳое, ки пеш аз воқеият ёфтани он аксуламал ҷо доштааст, ки оянданигарӣ талоши систематикӣ барои баррасии фурсатҳо ва таҳдидҳои дарозмуддати созмонҳо боояндаи маълум, ки баҳрагирӣ аз фановарӣ, иктисод, муҳит ва ҷомеа ба манзури шиносоии падидаҳои навзуҳур дар ҳавзаҳои зербинои таҳқиқоти стратегӣ мебошад, то бештарин манофеи иқтисодӣ ва иҷтимоиро барои созмон дар бар дошта бошанд. Бинобар ин, дар ҷаҳони имрӯзояндапажӯҳӣ ва оянданигарӣ бо стратегияи ҳадафманд як зарурат аст, ки пешбинӣ мешавад, ки дар ҳазораи сеюм замина барои мутолиотиояндапажӯҳона низ доманаи он афзоиши бештаре хоҳад дошт, то оянда барои мудирони олии созмон ошкортар гардад [2].

**Пешинаи оянданигарӣ дар ҷаҳон.** Оянданигарӣ аввалин бор ба далели як зарурати низомӣ дар соли 1948 дар муассиаи «Ронет» дар Амрико ба унвони як тарҳ матлаъ шуд, ки бештарин умдаи ин мутолиот бар маънои пешбинӣ будааст. Баъдҳо дар масоили ғайринизомӣ, иктисодӣ ва сиёсӣ низ ба кор мерафт ва аз даҳаи 80 мафҳуми оянданигарӣ дар сиёсатгузории ҷаҳон ҷойгоҳи вижае ёфт [3].

Нахустин бор япониҳо дар даҳаи 80 аз оянданигарии ба унвони абзор барои сиёсатгузорӣ истифода кардаанд. Чандин даҳа аст, ки дар созмонҳои давлатӣ ва хусусӣ барномаҳои оянданигарӣ дар миқёсҳои бахши минтақавӣ ва миллӣ дар ҳавзаҳои мухталифи илм фановарӣ, фарҳанг, муҳити зист ва ғайра иҷро мешавад. Вале дар солҳои охир замина ва чашмандози ин барномаҳо бар ҳавзаҳои илму фановарӣ тамаркузи бештаре доштааст. Акнун оянданигарӣ илм ва фановарии абзор барои тасмимгирӣ ва тасмимсозии давлатӣ дар муҳити сиёсатгузории илму фанновари гардид [4].

**Зарурати ояндвапажуҳӣ.** Бисёр аз ҳаводис ва руйдодҳои оянда қобили пешбинӣ ва гумонзанӣ ҳастанд. Агарчи дахолати инсон дар раванди тағйирот ва таҳаввулоти мумкин муҷиби дигаргунии матлуб дар ҷаҳон хоҳад шуд, аммо дар аґлаби мавридиштиғол ба замони ҳол ва талош дар ҷиҳати рафъи мушкилоти мавҷуд монеа аз он мешавад, ки мудирон ва тасмимгирандагон дар бораи оянда камтар фикр мекунанд. Ҳол он ки мушкилоти кунуни ношӣ аз адами шинохти оянда будааст. Ба ибораи дигар, бухронҳо ва мушкилоти кунунӣ муваҷҷаҳтарин далеле барои андешидан перомуни мумкин дар бораи оянда мебошад. Пайдост, ки бухронҳои имрӯз натиҷаи напардохтан ба чораандешӣ ба манофеъ ва мушкилоти созмонҳо қабл аз бурузи онҳо ба шакли бухронҳо зоҳир гардидаанд [5].

Омили дигаре, ки пардохтан ба ояндаро иҷтинобнопазир месозад, вуҷуди таҳаввулоти наҳуфта дар даруни фановарӣ ва иттилоот, ки босуръат ҷаҳонро дигаргун сохтааст, мебошад. Таҳаввулоти ҳайатовари асри ҳозир ношӣ аз дигаргуниҳои шигирф дар ҳавзаи фановарӣ иттилоот ва раванди ҷаҳонишудан ва ҷаҳонисозӣ боисӣ он гардид, ки таҳаввулот дар фановарӣ умдатарин накшро дар эҷоди чунин фазои шитобанда ифои накш намояд, зеро таҳаввулоти фановарӣ ба масобаҳи тағйир дар тамоми шуун ва абъоди мухталифи зиндагиро дар пай дошт, ки бояд ҳузури омилона дар раванди таҳаввулоти оянда бо тадбири мудирияти коҳиши таҳдидотро бо афзоиши фурсатҳо барои аҳдофи созмон баҳра гирифт, ки ин гузинаҳо ниёзманди рӯйкарди дақиқиояндапажӯҳона аст. Имкони куниш ва вокуниши саъйиро дар муқобили тағйирот ва рӯйдодоҳои ояндаи пешорӯйи созмон мавҷуд аст, ки мудирон бояд нисбат ба онҳо аксуламалҳои муносиб бардоранд, ки тағйир таҳдид нест балки тағйир фурсатест, дар пешорӯйи мудирони ҳушманд ва коромади созмон вучуд хоҳад дошт **[5].**

**Вижагиҳо ва махфузотиояндапажӯҳӣ.** Ироаи ҷомеа азояндапажӯҳӣ ва таърифи мухталифи ҳавзаҳои ахлоқии он иборатанд аз:

-Ояндапажӯҳӣ пеш аз он ки баҳси муҳтавоӣ бошад, нозир бар масоили равишӣ аст.
- Ояндаҳо мутааддид ва мухталифанд ва инсон ба интихоби он то андозае мухтор аст.
- Оянда илзоман идомаи хатти сайри гузашта ва ҳоло нест, ки битавонад раванд ва ҷараёни навине бошад, зеро дар шаклпазирии оянда авомили мутааддиде дахолат хоҳад кард.
- Ҳадафи мутолиаи оянда мудирияти равандҳ, интибоқҳо бо шароити зиндагӣ ва рушди омодагиҳои лозим барои мавриди мухталиф пешбинӣ нашудааст, ки ба

ибораи дигар, ормони ояндапажӯҳӣ кашфи ояндаҳои мункин ва гузиниши беҳтарин роҳи мумкин бо меъмории мушаххас аст.

- Ояндапажӯҳӣ ба шиддат аз низоми арзишӣ ва нигаришии ояндапажӯҳӣ таъсир мепазирад. Ояндапажӯҳӣ ба мисоли барномарезӣ барои оянда нест, балки тарсим, тасмимсозӣ ва тасмимгирии яке аз роҳҳои мумкини оянда аст.
- Ояндапажӯҳӣ омезаи ё таркиби илму фановарист. Ҳангоме ки ояндапажӯҳӣ ба баррасии ояндаҳои муътадил ва марҷаъ мепардозад равиши илмиро иттхоз мекунад ва ҳангоме ки ба тарроҳии оянда бар асоси равишҳои ақлонӣ мепардозад, дар қолиби гунае аз фановарии иҷтимоӣ ворид шгудааст.
- Аҳдофи ояндапажӯҳӣ сирфи назар аз мавзӯи он, мубтанӣ бар меҳварҳо ва мароҳили зер аст [6]:

- шиносоии таҳаввулот, таҳдидиот ва фурсатҳо;
- баррасӣ ва таҳлили таҳаввулоти мумкин;
- баррасии рӯйдодҳо ва ироаи беҳтарин чашмандози муносиб;
- талош барои расидан ба беҳтарин чашмандоз.

**Дастабандии равишҳои ояндапажӯҳӣ.** Бо таваҷҷуҳ ба матолиби гуфташуда, дарки беҳтарин равиш барои пешбинӣ ё омода шудан дар ҷиҳатиояндаро метавон дар панҷ дастаи зайл тақситмбандӣ кард **[7]:**

Дастаи аввал, пӯёии улгуҳои навзуҳур. Ин даста дарбаргирандаи равишҳои паймоиш, поиш рабтгирӣ ва шабеҳсозӣ аст, ки фасли муштарак ва шолудаи ин равишҳо мафҳуми ғайриқобили пешбинӣ будани оянда аст. Дарвоқеъ, оянда аз таомули нерӯҳои фаровоне ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, бе пешбинӣ наметавонад бо воқеиятҳои дар ҳоли дигаргунӣ яксонии комил дошта бошад. Аз ин рӯ, фароянди барномарезии стратегӣ бояд бисёр имконпазир бошад, чаро ки масири ҳаракати мо ба самти оянда ҳамвора дар ҳоли тағйир аст ва фароянди дидаҳои мухталиф масири ҳаракатро мунҳариф мекунад. Беҳтарин шева баррасии дақиқи таҳаввулот ва пешрафтаи фановарии фарҳангию сиёсӣ ва иқтисодӣ аст.

Дастаи дуюм бурунёбӣ. Бар хилофи дастаи аввал дар ин равиш фарз мешавад, ки оянда идомаи мантиқӣ аз гузаштаи мост ва нерӯҳои пешорӯйӣ калидии созмон ки ғайриқобили тағйиранд, ба шеваи пешбинипазир масири рӯйдодоҳоиояндаро таъйин мекунанд. Ба ибораи дигар, оянда чизе чуз таъмини гузашта нест ва бо вожаҳо ва тавсифҳое ҳамчун беҳтар, бештар, болотар ва қавитар шинохта мешавад.

Дастаи сеюм, таҳлилҳои чархӣ. Дар ин равиш барои дар оянда намунаҳои мушобеҳи рӯйдодҳои гузашта ва таърихӣ шиносоӣ мешавад.

Дастаи чаҳорум, таҳлили ҳадаф. Ин даста шомили маҷмӯае аз равишҳо ҳамчун таҳлили мухтаво, таҳили таъсир, таҳлили парвандаҳои сабти ихтироот мебошад. Тақрибан ҳама дар ин равишҳо фарз мешавад, ки рӯйдодҳои оянда аз тариқи иқдомоти омилҳои гуногун шакл мегиранд.

Дастаи панҷум, ҳамгироии мушоҳидашуда. Бар ин асос, беҳтарин шева барои тасаллут дар оянда иборат аст аз гирдоварии густардаи иттилоот ва сипас такя бар фарояндҳои нохудогоҳ ва мушоҳидаи пардозиши иттилоот ва дар натиҷа, дастёбӣ ва бинишҳо ва роҳкорҳо барои оянда аст.

**Равишҳои мавриди истифода дар ояндапажӯҳӣ.** Оянда ҳамвора амри мусаллам ва қатъӣ нест. Бинобар ин, оянда бо тамоми ҳадсу гумонҳо аз пеш таъйиншуда нест аз ҳамин рӯ, қобилияти тағйир ва дигаргунӣ дар он мумкин аст. Ба ибораи дигар, тасаввури мо аз оянда тобеъ аз арзишҳои мост. Тасвир ё тасаввури мо аз оянда заминаи муносиб барои таслимсозӣ ва тасмимгирӣ эҷод мекунад, ки аз ҷумла иборатанд:

Дидабонӣ; таҷзия ва таҳлили рӯйдодоҳо; тарроҳии сенарияпардозӣ; равиши делфӣ; паснигарӣ; моделсозӣ; шабеҳсозӣ; тӯфони фикрӣ; таборшиносӣ; фановариҳои ҳассосӣ; таҷассумсозӣ.

**Сутӯҳи ояндапажӯҳӣ.** Аз он ҷое ки ояндапажӯҳӣ як дониши байниририштагӣ аст ва корбурдҳои фаровоне дар ҳавзаҳои мухталиф дорад, вобаста ба мавзӯи мавриди мутолиа равиши мутолиотӣ ва арзишҳои ояндапажӯҳ дорои сутӯҳи мутавофит аст. Ричард Слотер ин сутӯҳро чунин тақсимбандӣ кардааст [8].

1. Ояндапажӯҳии оммаписанд. Ин шева мубтанӣ бар маҳфузоти ҳоким бар равобити иҷтимоӣ аст. Равиши ояндапажӯҳии оммаписанд ибтидоӣ ва сода аст ва ба гунаи нохудогоҳ аз вазъияти мавҷуд дифоъ мекунанд ва муътақид аст, ки оянда бо илм ва фановарӣ ниҳода мешавад. Ин равиш муҳофизи кор буда, дар айни ҳол беш аз ҳад бар фановарӣ такя дорад.

2. Ояндапажӯҳии масъаламеҳвар. Ин равиш охиран талош дорад бо шиносоӣ ва таърифи мушкилот ва мановеъ барои онҳо равишҳои ҳарчанд зоҳири ва ғайримутарифро ироа намояд.

3. Ояндапажӯҳии интиғотӣ. Ин равиш эътимоди вижа ба таҳлили фарзщияҳо, тасаввурот ва таҳдидҳо дорад. Дар ин равиш пас аз мутолиот ва баррасӣ ба руйи мехварҳои эҷодшуда, тағйир бар кори пажуҳиши оянда мавриди таваҷҷуҳи хос дорад.

4. Ояндапажӯҳии маърифатшиносӣ. Ин равиш мекушгад, то собит кунад, ки мушкилот ва гириториҳои мо реша дар нигариш ба ҷаҳон ва роҳҳои шинохташудаи мо хоҳад дошт ва роҳи ҳалҳои он низ аз дигаргуниҳои наҳуфта ва ғайриқобили пешбинӣ дар ин сатр ношӣ мегардад.

Суръати тағйирот дар ҷаҳон ончунон сарсоновар аст, ки дигар наметавон бо равишҳои суннатӣ ба онҳо канор омад. Агар бо тағйироти ҷаҳон ҳамгом нашавем, зери чархи тағйироти азим хурд хоҳем шуд. Қатъан дар мавриди оянда ҳеҷ чизи яқин вуҷуд надорад ва ин усули аввалиниояндашиносоӣ ва ояндапажӯҳӣ аст. Аммо асли дигар ҳам вуҷуд дорад, ки инсон метавонад дар сарнавиштиояндаи худ таъсири босазое дошта бошад, ки метавонад ҳам дар сарнавишти худ ва ҳам дар сарнавишти ҷомеа асароти мусбат бигузорад. Касоне, ки аз дониши ояндапажӯҳӣ дарк ва фаҳми ба ҷое доштаанд, ҳамакнунунояндаи ҷаҳонро ба дилхоҳ ва матлуби худ шакл доданд, дар ҳоле ки кишварҳо ва ҷавомеъро дар ҷаҳон мебинем, ки натавонистаанд худро бо таҳаввулоти сареи ҷаҳон созгор кунанд. Аз ин ҷиҳат ҳам несту нобуд шудани онҳо зоти тағйирро дуруст нашинохтан аст. Ояндашиносоӣ аз ин манзар дониши шинохти тағйирот аст. Шинохти оянда аз ҳаётитарин улуми мавриди ниёзи ҳар инсон аст ва тафаккур дар бораи оянда барои корҳо ва иқдомоти кунунии инсон амри зарурӣ аст. Ва куниш бидуни тафаккур ба оянда имконпазир аст. Аммо куниш барои таслимҳои оянда имконпазир нест, чаро ки ҳар амале ниёз ба пешбинӣ дорад. Бад-ин таъкид, тасаввурҳои оянда (ормонҳо, аҳдоф, умедҳо, нигарониҳо, орзуҳо ва ғайра) пешронҳои иқдомоти феълии мо ҳастанд. Бинобар ин, оянда амрест ҳатмӣ ва махдум, ки мардум метавонанд онро бо иқдомоти ҳадафманди худ таррохӣ карда, шакл диҳанд. Мардум барои ин ки оқидлона амал кунанд, бояд нисбат ба пайомадҳо ва иқдомоти худ ва дигарон огоҳӣ ва шинохти кофӣ дошта бошанд. Ҳамчунин вокунишҳои дигарон ва нерӯҳои хориҷ аз назорати онҳо ҳастанд баррасӣ кунанд, то ин пайомадҳоро дарояндаи худ ба равшанӣ тасаввур кунанд. Афрод бо истифода аз ин шинохт бо ҳадс ва гумон моҳияти кунунӣ ваояндаи худро ташхис медиҳанд ва корҳояшонро дунбол мекунанд ва аз заминаи замонӣ ва фазои модии худ баҳра мегиранд.

Ояндапажӯҳӣ дар гузашта аз қавоид, равишҳои илмӣ ва шакли илмӣ табият намекунад. Ва ҳатто дар баробари онҳо қарор дошт. «Монанди пешгӯиҳои нуҷуми ва илҳомомти суруши маъбати дулфи». Аммо дар чанд даҳаи охир ояндапажӯҳон ба шакли равишмандтар ба мутолиоти оянда сару сомон доданд. Пажӯҳишгарон ин риштаи аз улумро ба ҷойи пешгӯи ё паёмадҳои аъмол ва афъоли инсониро ба шакли равишманд ва бо қоида барраси мекунанд. Дар ҳар ҳол танҳо зери ин дониши навзухур дар миёни донишмандон ва андешамандон марокизи донишгоҳи ва низ муасмсисати давлатӣ ва ширкатҳои ва бунгҳои иқтисодӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Ричард С. ояндапажӯҳро ба касе муаррифӣ мекунад «Ки медонад чӣ гунаояндаҳои ба дил (мумкин, муъталим ва матлуб)-ро мутолиа кунад. Чунин касе метавонад аз мутолиоти худ дар бораиояндаҳои бадил он гуна истифода кунад, ки соилин битавонанд гузинаҳои ва интихобҳои мухталифро дар замони ҳол бишиносанд. Ва дар нати,ҷа битавонанд то ҳадди маҷбур барои сохтани оянда беҳтарин гузинаро интихоб намоянд». Бо ин васфҳо ояндапажуҳи мусталима дар хидмати барномарезии барои мудирияти роҳбурди хадамоти шоистаеро ироа медиҳад то мудир битавонад нақши таъйинкунанда дар тасмимгирӣ ва тасмимсозӣ дар сиёсатгузории созмон нақшофаринӣ кунад ва дар ҳақиқат ояндапажӯҳӣ талоши низоманд (систематикӣ) барои нигоҳи роҳбурди баояндаи баладмуддат дар ҳавзаҳои: дониш, фановарӣ, иқтисод, муҳити зист ва ҷомеа ва ғайра аст, ки ояндапажӯҳӣ яъне муҳайё будан барои оянда ва истихдоми манобеъи инсонии ҷадид ба беҳтарин ваҷҳи мумкин дар ростои арзишҳо аҳдофи созмони хоҳад буд.

**АДАБИЁТ**

1. Тофлер Элвин. Шок оянда. Тарҷумаи Эшматулло Комронӣ / Тофлер Элвин. –Теҳрон: Симурғ, 1375.
2. Ричард Брай. Барномарезии стратегӣ / Ричард Брай; тарҷумаи Меҳдии Ходимӣ. –Теҳрон: Ориёно, 1391.
3. Баширӣ Фотима. Тарроҳии улгуи муносиб барои барномарезии роҳбурдӣ барои ширкати Олимун нот: поённомаи коршиносии аршад / Баширӣ Фотима. –Теҳрон: Мудирияти иҷрои созмон мудирияти санъатӣ, 1982.
4. Пулод Берж. Оянданигарии рушд ва тавсеа дар системаи барномарезӣ / Пулод Берж. –Теҳрон: Санобар, 1367.
5. Зулғар Муҳаммад Болиғир. Мудирияти роҳбурдӣ / Зулғар Муҳаммад Болиғир // Тарроҳӣ ва тадвин. –Теҳрон: Интишороти донишгоҳи миллӣ, 1388.
6. Nagel R.N. Proceedihg of the IMS Vision 2020 forum/ R.N. Nagel, and J. Wellington. IMS International, 2000.
7. Маликифар Ақил. Алифбоиояндапажӯҳӣ / Маликифар Ақил. –Теҳрон: Интишороти Теҳрон, 1388.
8. Ричард Слотер. Навандешӣ барои ҳазораи навин / Ричард Слотер; тарҷумаи Ваҳиди Ваҳиди Мутлақ. –Теҳрон: Самт, 1995.

**НОВЫЕ МЕТОДЫ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ**

В данной статье авторами рассматриваются новые методы прогнозирования. Прогноз - это результат процесса прогнозирования о возможном состоянии объекта и его среды. Методы прогнозирования – это определенное сочетание приемов выполнения, получения и обработка информации о будущем. Проблемы, возникающие при обеспечении жизнедеятельности предприятия и являющиеся предметом прогнозирования, приводят к появлению большого количества прогнозов, которые разрабатываются на основе определенных методов прогнозирования.

**Ключевые слова:** прогнозирование, методы прогнозирования, планирование, принятие стратегических решений, выбор метода прогнозирования, решение проблем будущего.

**NEW METHODS OF FORECASTING**

In this article the authors discuss the new methods of forecasting. The forecast is the result of a process of forecasting of the possible condition of the object and its environment. Forecasting methods is a combination of techniques, receive and obrabotka information about the future. The problems arising in the life of the enterprise and subject to forecasting, lead to the emergence of a large number of forecasts that are developed on the basis of certain methods of forecasting.

**Key words:** forecasting, methods of forecasting, planning, strategic decision-making, the choice of method of forecasting, decision of problems of the future.

**Сведения об авторах:** ***Амузода Хабибулло*** - соискатель Таджикского национального университета
***Сурури Руботджази*** – преподаватель Технологического университета, ИРИ

## АСОСҲОИ СИФАТ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПАС АЗ ФУРӮШ

***Муҳаммадалии Хуросонӣ***
**Донишгоҳи давлатии (славянии) Русия Тоҷикистон**

Ҳадафи бисёр субъектҳои (институтҳои) бозаргонӣ ҷалби ризояти муштарӣ аст. Аммо нигоҳ доштани муштариёни пешин нисбатан кам- хароҷоттар аз ҷазби муштариёни нав мебошад. Пешниҳоди хизматрасонии муносиб боиси нигоҳдории муштарӣ мегардад ва хурсандии муштарӣ аз хизматрасонии пешниҳодшуда ҳамчунин боиси тавсеаи маҳсул ба василаи муштарӣ ба дигарон мешавад. Ин як арзиш аст, ки метавон ба василаи таблиғоти мусбати худи муштариён заминаи фурӯши навро барои ширкат фароҳам намояд. Баръакс норозигии муштариён аз хизматрасониҳои пешниҳодшуда метавонад саҳми ширкатро аз бозор кам кунад. Барои таъмини ризояти муштарӣ бояд ба хостаҳо ва ниёзҳои онҳо диққат шавад. Ин воқеият, ки хостаҳо, ниёзҳо ва интизороти муштариён тағйир меёбад, ба мафҳуми зарурати баррасии ризояти муштарӣ ба тарзи пайваста аст. Назарсанҷӣ аз муштариён як равиши возеҳи бозорёбӣ ва омили фурӯшҳои нав барои ширкат ба ҳисоб меравад. Ширкатҳо бояд бо таваҷҷуҳ ба хостаҳо ва ниёзҳои муштариён, стратегияи бозорёбии худро омода созанд. Сохторҳое, ки қодир ба таъмини интизороти масрафкунандагони худ набошанд, худ ба худ аз байни рақобаткунандагон барканор мешаванд. Ин мақола ба баррасии мизони ризояти муштарӣ аз хизматрасониҳои пас аз фурӯши ширкати “Интихоби сервис” дар вилояти Теҳрон мепардозад.

Нахустин ва муҳимтарин талаботи бозорёбӣ диққат ба хостаҳои муштарӣ аст. Сохторҳо бидуни диққат ба хостаҳои муштарӣ наметавонанд ба ҳаёти худ идома диҳанд. Фалсафаи бозорёбии ҷадид нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои асосии

иқтисоди бозаргонӣ рафтори муштарӣ мебошад. Бояд диққат кард, ки муштарӣ мутафовит аз муштарии гиромӣ мебошад. Дар фалсафаи муштаригароӣ бар хостаи муштарӣ таъкид мешавад, яъне аввал, мушахас мешавад, ки муштарӣ чӣ мехоҳад, сипас дар пайи васила ё равиши таҳқиқии он мешаванд. Ду ҳадафи стратегии муштарии гиромӣ ин аст, ки хизматрасониҳои пешниҳодшуда тавассути сохторҳои алоҳида барои ӯ мушкилӣ эҷод намоянд, ки қобили фаҳм ва андозагирӣ бошад ва таъсири густурда ва фарогир бар он чи ки дар созмон анҷом мешавад дошта бошад.

Ин фалсафа ба ин далел муштаригароӣ номида мешавад, ки баёнгари як фарҳанги дохилисохторӣ аст ва ниёз ба таҳаввули фикрии мудирон дар бовар доштан ва уҳдадор шудан ба чандин фалсафа мебошад. Лозим ба истиқрор ёфтани чандин фалсафа, муносибсозии сохтор бо чандин ҳадаф аст. Бинобар ин лозим аст, ки вазифаҳо ва фаъолиятҳои дохили созмон мавриди бознигарӣ қарор гиранд, то барои пешниҳоди хизматрасониҳои босифат аз рӯйи стандардҳо муайян карда шавад, барномаҳои кафолати сифат тарроҳӣ шавад ва коркунони фурӯш дар заминаи равобит бо муштарӣ омӯзиш дода шаванд.[1]

Хизматрасониҳо дарбаргирандаи фаъолиятҳои эҳсоснашаванда ҳастанд ва боиси манфиат ва ё ризояти хотир мегарданд. Дар бозорёбӣ, хизматрасониҳоро ба се даста, монанди хизматрасониҳои пеш аз фурӯш, хизматрасониҳои вақти фурӯш ва хизматрасониҳои пас аз фурӯш тақсим мекунем.[2]

Хизматрасониҳои пас аз фурӯш дарбаргирандаи ҳамаи корҳое аст, ки ширкатҳо пас аз фурӯши маҳсулот ба хотири ҷалби ризояти муштарӣ анҷом медиҳанд ва боиси арзиши бештари маҳсулот ё хизматрасониҳо мегарданд. Хизматрасониҳои пас аз фурӯш як навъ иқдом барои нигоҳдорӣ аз маҳсулоти фурӯхташуда ба ҳисоб меравад ва дар ҳақиқат як навъ уҳдадории оянда ба муштариён дониста мешавад.

Вазифае, ки дар хизматрасониҳо ба муштариён номида мешавад, печидатар аз супориш гирифтан, пас гирифтани маҳсулоти фурӯхташуда, ё посухгӯйи ба шикоятҳо аст. Бар асоси ин нигариш, хизматрасониҳо ба муштариён дарбаргирандаи ҳамаи корҳое аст, ки ширкатҳо ба хотири ҷалби ризояти муштариён ва кӯмак ба онҳо барои ҳосил шудани бештарин арзиш аз маҳсулот ё хизматрасониҳо пешниҳод шуда, анҷом медиҳанд. Ба таври куллӣ, ҳар чизе ки илова бар маҳсули физикӣ дода мешавад, боиси ҷудо кардани маҳсул аз рақибон мегардад ва ҷузъе аз хизматрасониҳо ба муштариён дониста мешавад.[3]

Пешниҳоди хизматрасонӣ ба муштарӣ ҳамеша дорои аҳамият будааст, аммо муштариёни имрӯзӣ фурсати интихоби бештаре нисбат ба муштариёни солҳои пешин гузашта доранд. Ин кор ба далели рақобати бештари маҳсулот ва хизматрасонӣ дар бозор мебошад. Дар бисёре аз таҳқиқот дар мавриди харидҳои масрафӣ ва созмонӣ натиҷагирӣ шудааст, ки пешниҳоди хизматрасонии муносиб нисбат ба нарх аҳамияти бештар дорад. Пешниҳоди хизматрасонӣ метавонад боиси бартарии рақобати ширкат шуда, рақобати дигар ширкатҳоро аз байн бибарад. Бештари вақт масрафкунанда, агар бидонад ки маҳсулот ва хадамот ба василаи тақсимкунандаи пешина кафолат дода шудааст, ҳаргиз барои як сарфаҷӯйии ҷузъӣ дар нарх ба суроғи арзакунандаи дигар намеравад.[4]

Аммо ризояти муштарӣ мизони матлубияте аст, ки муштарӣ ба хотири хусусиятҳои гуногуни маҳсулот касб мекунад. Ризояти муштарӣ боиси вафодории муштариён мегардад ва дар натиҷа афзоиши шуҳрат ва боварӣ, ҳамчунин афзоиши фоидаоварииояндаи ширкатро дар пай дорад.[5]

Таъмини ризояти муштарӣ замоне ҳосил мешавад, ки хостаҳои воқеии муштарӣ таъмин шуда, ниёзи ӯ дар замони муайян ва ба равише, ки ӯ мехоҳад, бароварда шавад. Ин ҷо набояд фаромӯш кард, ки муштариён ба хотири ба даст овардани хостаҳо ва ниёзҳояшон ба як сохтор боварӣ мекунанд, зеро назми ӯ нисбат ба ризоятии ин хостаҳо уҳдадории ахлоқӣ дорад.

Хизматрасониҳо қатъиян бояд ба василаи хоста ва ниёзҳои муштариён мушаххас шавад. Дар сурате ки хизматрасониҳо аз назари хизматрасон хеле ҷолиби таваҷҷуҳ бошад, аммо натавонад муштариёнро розӣ кунад, хизматрасониҳои мазкур зарур ва муҳим дониста намешаванд. Хизматрасониҳои муҳим ҳамеша он чизе нест, ки хизматрасон тасаввур мекунад, гоҳе як муштарӣ барои бартараф кардани нофаҳмиҳои суратҳисоби худ маҷбур аст борҳо бо ширкат тамос бигирад. Таҳлили сифати хизматрасониҳо яке аз масъалаҳои асосии бозорёбӣ мебошад. Масалан, Вери ва ҳамкоронаш дар мақолае паҳлӯҳои сифати хизматрасониҳоро ба шарҳи зер тақсимбандӣ кардаанд:[6]

1. Пахлӯҳои эҳсосшавандаи хизматрасониҳо, ки дарбаргирандаи осонгирии физикии сохтори пешниҳодшудаи хизматрасониҳо, таҷҳизот ва коркунон мебошад.

2. Қобили итминон будани хизматрасониҳое, ки ба маънои тавоноии пешниҳоди хизматрасониҳо мутобиқи шароити ваъдадодашуда ва мебошад.

3. Посухгӯ будан ба маънои хоҳишоти ширкат барои кӯмак ба муштарӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо мутобиқи шароити ваъдадодашуда мебошад.

4. Шоистагӣ ба ин мафҳум, ки дониш ва маҳорати коркунон ва тавоноии онҳо боиси ҷалби хотирҷамъӣ ва боварии муштарӣ гардад.

5. Ба мафҳуми сифат аҳамият додан ва таваҷҷуҳ нишон додан ба муштарӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои мавриди ниёз аст.

Муҳаққиқ Лен Бери[7] дар хусуси паҳлӯҳои сифати хизматрасониҳо даҳ омилро пешниҳод мекунад:[8]

1. Қобилияти боварие, ки ба маънои давомнокии хизматрасонӣ мутобиқи уҳдадориҳо, бо диққат ва мутобиқи мартабаи аввал мебошад.

2. Эҳсоси масъулият доштан ба маънои шавқ ва омодагӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳо мутобиқи он чи ки уҳдадор шудааст, мебошад.

3. Салоҳият ба маънои доро будани маҳорат ва илми мавриди ниёз барои пешниҳоди хизматрасонӣ аст.

4. Дастрасие, ки ба имкон ва осонии дастрасӣ дар соатҳои гуногун ва замони интизор барои хизматрасонӣ ишора дорад.

5. Хоксорӣ ба маънои адаб, эҳтиром, эҳтиёткорӣ ва дурустии иртиботи коркунон бо муштарӣ аст.

6. Иртибот бо муштарӣ, ки огоҳ сохтани муштарӣ ба забони фаҳм, гӯш додан ба муштарӣ, танзими масъалаҳо бар асоси ниёзи муштарӣ, шарҳ додани хизматрасониҳо, таъйини чигунагии ҳалли мушкили муштарӣ аст.

7. Боварие, ки ба маънои шуҳрати ширкат ва хусусияти шахсии афрод ба қобили эътимод будан ва садоқат доштан мебошад.

8. Амният ба маънои осудагии хотир аз назари хатар ва таваккал, имании ҷисмонӣ, амнияти молӣ ва роздорӣ аст.

9. Дарки муштарӣ ба маънои талош барои дарки ниёзҳои хосси муштарӣ ва диққат ба онҳо мебошад.

10. Паҳлӯҳои эҳсосшавандае, ки зоҳири ҷисмонии хизматрасонӣ пешниҳод шудааст, зоҳири коркунон, абзор ва таҷҳизоти мавриди истифода барои пешниҳоди хизматрасонӣ мебошад.

Илова бар пешниҳоди хизматрасониҳои матлуб ва муносиб ба муштарӣ боз ниёз ба системае аст, ки набзи муштариро дар ихтиёр дошта бошад ва пешбиниҳои дақиқе барои таъмини ниёзҳои муштарӣ бинамояд.[9] Дар даст доштани иттилооти дақиқ ва саривақт боис мешавад, ки битавонем ба шикоятҳои муштарӣ посухи зудтар дода, таҳвили муътабартареро уҳдадор шавем.[10]

Таҳқиқи шоён аз навъи паймоишӣ буда, ба тавсиф ва баррасии таъсири хизматрасониҳои пас аз фурӯши ширкати "Интихоби сервис" бар мизони ризояти муштариёни ин ширкат дар вилояти Теҳрон асос ёфтааст. Дар ин таҳқиқ муҳимтарин равишҳои гирдоварии иттилоот, мусоҳиба ва пурсишнома будааст. Аз назари мусоҳиба ба хотири баррасии дидгоҳи муштариёни ширкати интихобшуда дар мавриди хизматрасониҳои ин ширкат пеш аз тарроҳӣ ва танзими пурсишнома истифода шудааст ва аз пурсишнома барои санҷиши нигариши инсонҳо аз намунаи оморӣ дар хусуси фарзияҳои таҳқиқ кӯмак гирифта шудааст. Ин пурсишнома бар асоси 5-интихоб (комилан мухолифам, мухолифам, назаре надорам, мувофиқам ва комилан мувофиқам) омода шуд ва дар он даҳ омили таъйинкунандаи сифати хизматрасонӣ, ки тавасути Лен Бери ва ҳамкоронаш матраҳ шудааст, ба се даста-сифати техникии хизматрасонӣ, бархӯрди коркунон ва хароҷоти хизматрасонӣ, табақабандӣ ва мизони ризояти муштариён аз хизматрасонии пас аз фурӯш ба василаи ин се даста аз омилҳо мавриди санҷиш қарор гирифтааст.

Ин пурсишнома дарбаргирандаи 30 савол мебошад, ки 16 саволи вобаста ба сифати техникии хизматрасониҳо, 5 савол вобаста ба бархӯрди коркунон ва 9 савол вобаста ба хароҷоти хадамот мебошад. Эътибори ин пурсишнома бо истифода аз равиши Алфаи Крунбах (13), 84% ба даст омадааст. Ҷомеаи омории ин таҳқиқ иборатанд аз тамоми истифодакунандагони дастгоҳҳои тасвирии Снево дар сатҳи вилояти Теҳрон, ки дастгоҳҳои худро аз ширкати "Интихоби сервис" харидорӣ намудаанд. Дар ин таҳқиқ ба хотири баровარди ҳаҷми намунаӣ, ибтидо 15 пурсишнома байни аъзои ҷомеаи оморӣ ба таври қӯръакашӣ тақсим шудааст, ки бо

таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои бадастомада аз ин мутолиаи муқаддимотӣ, ҳаҷми намунаи муодили 48 муштарӣ таъйин гардид.

Бо таваҷҷуҳ ба дар назар гирифтани зудтари ихтилоф барои хизматрасонии пас аз фурӯш, яъне сифати техникии хизматрасонӣ, бархӯрди коркунон ва хароҷотҳои ниёзи хизматрасонӣ, фарзияҳои зер мавриди озмун қарор мегирад, то ризояти муштарӣ аз ин паҳлӯҳо ва ба таври куллӣ аз хизматрасониҳои пешниҳодшуда таъйин шавад.

- пас аз фурӯши ширкати "Интихоби сервис" ризояти муштариёни вилояти Теҳронро таъмин мекунад;

- муштариён аз сифати техникии хизматрасониҳои пас аз фурӯши ширкати “Интихоби сервис” ризоят доранд;

- муштариён аз бархӯрди коркунони бахши хизматрасониҳои пас аз фурӯши ширкат розӣ ҳастанд;

- муштариён аз хароҷоти хизматрасониҳои пас аз фурӯши ширкат розӣ ҳастанд.

Пеш аз баррасии озмуни фарзияҳои таҳқиқ, натиҷаҳои бадастомада аз посух ба ҳар як аз саволҳои пурсишнома мавриди баррасӣ қарор мегирад. Посухгӯён муътақиданд, ки дар зиёда аз 96% аз мавридҳо коркунони ширкати "Интихоби сервис" омодагии посухгӯйи ба муштариёнро доранд. 71% аз посухгӯён мувофиқ ва комилан мувофиқ ҳастанд, ки омӯзишҳои додашуда барои истифода аз дастгоҳ кифояткунанда мебошад. Аз назари 78% аз посухдиҳандагон пас аз тамоси муштарӣ барои таъмир ва нигоҳдории зуд аз тарафи ширкати "Интихоби сервис" иқдом мешавад ва 71% аз посухгӯён муътақиданд, ки қисмҳои насбшуда аз давомнокии кифояткунанда бархурдор ҳастанд. 84% аз посухгӯён мувофиқ ва комилан мувофиқ ҳастанд, ки коркунони ширкати "Интихоби сервис" тахассуси лозим барои анҷоми корро доранд.

Иттилооти техникии пешниҳодшуда, тавассути таъмиркори ширкати "Интихоби сервис" барои 81% аз посухгуён боиси беҳбудии истифода аз дастгоҳ (телевизион) шудааст ва ба назари 92% аз посухгӯён таъмиркори ширкат нисбат ба анҷоми вазифаи худ эҳсоси масъулият мекунад ва аз назари 79%-и онҳо таъмиркор маҳорат ва салоҳияти лозим барои анҷоми кори худро дорад. 80% аз посухгӯён муътақиданд, ки дастрасӣ ба таъмиркор ба осонӣ сурат мегирад. Аз назари 77%-и онҳо ширкати "Интихоби сервис" ба уҳдадориҳои кафолатдодаи худ дар шартнома амал мекунад ва 60% муътақиданд, ки ширкати "Интихоби сервис" ризояти муштариро дар робита бо сифат хизматрасониро ба таври доимӣ баррасӣ менамояд. 57% аз посухгӯёни ширкати "Интихоби сервис" мегӯянд, ки шикоят ва мушкилот барои ризояти комили муштариён ҳал мешавад. 54%-и муштариёни ширкат гуфтанд, ки дар сурати шикоят, ширкат пайгириҳои лозимро анҷом намедиҳад, 65% ҳам муътақиданд, ки пас аз таъмири телевизион барои хотирҷамъӣ аз дуруст кор кардани дастгоҳ аз тарафи ширкат пайгирӣ мешавад. Барои 58% аз посухгӯён хароҷоти таъмини қисмҳои эҳтиётии ширкати "Интихоби сервис" нисбат ба ширкатҳои дигар қиматтар аст ва ниме аз посухгӯён хароҷоти таъмири ширкати "Интихоби сервис"-ро нисбат ба ширкатҳои дигар муносиб медонанд.

Манъ кардани кор ба сабаби сари вақт нарафтани таъмиркор боиси хароҷоти зиёде барои 60% аз посухгӯён шудааст ва аз назари 62% аз онҳо хароҷоти пешниҳоди хизматрасониҳо дар муқоиса бо сифати хизматрасонии пешниҳодшуда муносиб аст. Аз назари 96% аз посухгуён рафтор ва бархӯрди таъмиркорони ширкат ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ дӯстона аст ва ба назари 88% аз посухгӯён иттилооти мавриди ниёз барои истифода аз телевизион бар мабнои қобили фаҳм баён мешавад. 79% муътақиданд, ки ба назари онҳо дар сурати шикоят таваҷҷуҳ мешавад ва зиёда аз 98% аз муштариён зикр кардаанд, ки коркунони ширкати "Интихоби сервис" рафтори боодобона ва ҳамроҳ бо эҳтиром доранд.

Бахши муҳимми хизматрасониҳои пас аз фурӯш ҷавоб додан ба шикоятҳо аст. Ҷалби вафодории муштарӣ аз тариқи расидагӣ ба шикоятҳо бояд ба таври густурда мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Шикоят бояд ба сурати фурсатҳое барои беҳбудии иртибот бо муштарӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад ва ба унвони абзоре барои таъмини хостаҳои дар ҳоли тағйири муштариён мавриди истифода қарор гирад. Натиҷаҳои озмуни фарзияҳо нишондиҳандаи он будааст, ки муштариён аз хизматрасониҳои пас аз фурӯш аз назари се паҳлӯ сифати техникии хизматрасонӣ, бархӯрди коркунон ва хароҷоти хизматрасониҳои пас аз фурӯш розӣ ҳастанд. Агарчи ризояти муштарӣ аз се паҳлӯи сифати хизматрасониҳо баробар нестанд. Ба ин

тартиб, ки ризоятӣ аз сифати техникии хизматрасонӣ бештар аз ризоят аз хароҷотҳо ва ҳамчунин ризоят аз бархӯрди коркунон бештар аз хароҷотҳо будааст. Аммо тибқи натиҷаҳои бадастомада аз ин таҳқиқ бояд гуфт, ки аз назари 46% аз муштариёни ширкати "Интихоби сервис" пайгириҳои лозимро дар сурати шикоят анҷом медиҳад. Мунтаҳо 54% иброз доштанд, ки дар сурати шикоят, ширкат пайгириҳои лозимро анҷом намедиҳад. Ширкат бояд расидагӣ ба шикоятро ба унвони як фурсат барои касби таҷриба бидонад. Илова бар ин, ширкат бояд ба шикоятҳо ба унвони фурсатҳо ба хотири беҳбудии иртибот бо муштарӣ ва абзоре барои муайян кардани чигунагии танзими маҳсулот ва хизматрасониҳо ба манзури таъмини хостаҳои дар ҳоли тағйири муштариён бингарад. Дар сурати таҳаққуқи чунин амре эҳтимоли таҳаққуқи ризояти бештари муштарӣ ва фоидаоварии доимии созмон сурат хоҳад гирифт.

Бисёре аз ширкатҳо нисбат ба шикоятҳо аз худ дифоъ мекунанд ва ин боиси аз даст додани муштарӣ мегардад. Эҳтимолан як муштарии норозӣ фаъолона дар ҷустуҷӯйи арзакунандагони беҳтар хоҳад буд. Бинобар ин, муштариёни норози ҳадафҳое ҳастанд, ки ба содагӣ тавассути рақибон қобили ба даст овардан ҳастанд.

Дар ин таҳқиқ мушаххас шуд, ки то 69% аз посухгӯён бо ин матлаб мувофиқ ва ё комилан мувофиқ ҳастанд, ки ширкати "Интихоби сервис" итминон медиҳад, ки шикоятҳо ва мушкилот барои ризояти комили муштариён ҳал мешавад ва 31% муътақиданд, ки ширкат итминоне барои ҳалли мушкилот ва шикоятҳо намедиҳад. Ширкат бояд таваҷҷуҳ дошта бошад, ки роҳбурди созмон дар заминаи пешниҳоди хизматрасонӣ ба муштарӣ ба василаи шикояти муштарӣ мавриди арзёби қарор мегирад. Муштарии норозӣ дар ҳама ҷо норозигии худро баён мекунад, ё мумкин аст робитаи худро бо созмон қатъ ё кам кунад. Бинобар ин, фароҳам кардани фурсати ибрози назар барои муштарӣ фоидаи зиёд дорад. Аз ҷумла шинохти камбудиҳо ва мушкилоти созмон ва ислоҳи корҳое, ки боиси норозигии муштарӣ мегардад. Расидагӣ ба дархости муштарии нохурсанд ва фароҳам кардани шароит барои идома ва давомнокии иртиботи муштарӣ, барқарории як системаи муассири расидагӣ ба шикоятҳо, яке аз шартҳои лозим барои муштаринавози аст, чаро ки аҳамияти муштарӣ барои созмон монанди хун дар рагҳо аст. Бидуни вуҷуди муштарӣ ташкили созмон мафҳуме надорад, зеро тақозое барои маҳсули созмон вуҷуд нахоҳад дошт.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки муштариён аз хароҷоти таъмини қисмҳои эҳтиётии ширкати "Интихоби сервис" розӣ нестанд. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки баҳси хароҷот дар дунёи рақобатии имрӯз дорои аҳамияти зиёд аст ва норозигии муштариён аз хароҷоти қисмҳои эҳтиётӣ барои ширкат таъсири номатлуб хоҳад дошт. Манъ шудани кор ба хотири сари вақт муроҷиат накардани таъмиркор боиси хароҷоти зиёд барои муштариён шудааст. 60% аз посухгӯён ин масъаларо матраҳ кардаанд ва ҳамчунин 46% аз посухгӯён муътақиданд, ки хароҷоти хизматрасониҳои ширкати "Интихоби сервис" нисбат ба ширкатҳои дигар зиёдтар мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба рақобатӣ будани бозор ва сахт будани ин рақобат бар асари иртиботҳои сареъ ва ҷаҳонӣ, ширкат бояд ба баҳсҳои хароҷотҳои хизматрасонӣ диққати бештар диҳад, то битавонад ризояти муштариёни худро аз ин тараф бештар фароҳам намояд ва онҳо ба муштариёни вафодор табдил шаванд. Аммо бояд гуфт, ки бар асоси натиҷаҳои ин таҳқиқ, омодагии коркунони ширкат барои посухгӯйӣ ба муштариён бисёр олӣ мебошад ва ҳамчунин ба назар мерасад, ки рафтору бархӯрди таъмиркорони ширкат бисёр муаддабона ва ҳамроҳ бо эҳтиром мебошад. Ин масъала барои ширкат фурсати хуб буд ва бояд ҳамеша талош кунад, то ин нуктаи қувватро ҳифз намояд ва он болотарин фоизи мизони ризоят, яъне 98% аз саволҳои ин пурсишномаро, касб кардааст.

Ба ин масъала бояд диққат кард, ки 46% аз муштариён муътақиданд ки, агар ба шикоятҳои муштарӣ расидагӣ шавад, муштарӣ дар ҷараёни кор воқеъ намешавад, дар ҳоле ки агар ширкат ба тавре барномарезӣ кунад, ки бархӯрди лозим аз корҳо ва иқдомҳое, ки барои бартараф намудани мушкилоти муштариён анҷом медиҳад, ба муштари дода шавад, ин масъала метавонад ризояти хотири бештар барои муштарӣ фароҳам оварад. Вақте ширкат ба шикоятҳо расидагӣ мекунад ва замону хароҷоти лозимро бар уҳда мегирад, ҳатман дар ҷараёни кор қарор додани муштарӣ хароҷоти бисёр камтаре хоҳад дошт, дар ҳоле ки итминоне, ки дар муштарӣ аз муҳим будани вай барои ширкат эҷод мекунад, бисёр арзишманд аст.

**АДАБИЁТ**


1. Тенер Артур Аруденорик Эроник. Мудирияти сифати фарогир (TPM) / Тенер Артур Аруденорик Эроник; тарҷумаи Ҳабибуллоҳ Ширкат. –Исфаҳон: Аркон, 1997.

2. Ранҷбариён Баҳром. Чигунагии истиқрори як системаи расидагӣ ба пешниҳодот ва шикоятҳои муроҷиаткунандагон дар ростои стратегияи муштаринавозӣ / Ранҷбариён Баҳром, Марям Султонӣ // Аввалин семинари таҳаввули Донишгоҳи илмҳои пизишкии Бушаҳр, соли 2001.
3. Русто Аҳмад. Мудирияти бозорёбӣ / Русто Аҳмад, Довар Венус, Абдулмаҷид Иброҳимӣ. –Теҳрон: Самт, 1996.
4. Садри Бежан. Баррасии дидгоҳи муштариёни пройд дар мавриди сифати маҳсул дар шаҳри Теҳрон / Садри Бежан. –Теҳрон: Самт, 1995.
5. Anderson Eugene W. Customer Satisfaction Market Shape and Profitability / W. Anderson Eugene, Class Fornell, R. Donald Lehman // Journal of Marketing, 1994. -Vol. 55. -P.53-66.
6. Fly nn, Jacqueline. The odyssey of a customer inquiry / Fly nn, Jacqueline // Journal of Management Review (MRV), 1997. -Vol. 86. -P.62.
7. Hayes Jenny. Managing Customer Service / Hayes Jenny & Frances Dredge. -USA: Gower, 1998.
8. Kotler Philip. Principles of Marketing (5rd ed.) / Kotler Philip & Gary Armestrong -New Jersey: Englewood cliffs. Pentics Hall International Inc, 1991.
9. Neuhans Cynthia. A. Flexible Forecasts: A key to Better Customer Service / A. Neuhans Cynthia // Journal of Hospital Material Management Quarterly [HMM], 1997. -Vol. 18. -P. 61-66.
10. Parker Kevin. Ready to Go / Parker. Kevin // Jounal of Manufacturing System [MFS], 1996. -P.18A-20A.
11. Valarie A. Communication and Control Processes in Delivery of Service Quality / A. Valarie Zelthaml, I. Leonard Berry, A. Parasurman // Journal of Marketing. April 1998. -P. 35-38.

**ОСНОВЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ КАЧЕСТВА ГАРАНТИЙНОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ КЛИЕНТОВ И ПРОЦЕСС ДОСТАВКИ УСЛУГ**

В данной статье рассматриваются основы обеспечения качества гарантийного обслуживания клиентов и процесс доставки услуг. Обеспечение высокого уровня обслуживания клиентов является одной из действенных форм участия в конкуренции на потребительском рынке и формирования его конкурентного преимущества. Управление процессом обслуживания клиентов рассматривается как сложная совокупность решений, с учетом конкурентной позиции на потребительском рынке.

**Ключевые слова:** обслуживание, гарантийное обслуживание, процесс обслуживания клиентов, конкурентные преимущества.

**BASICS OF QUALITY ASSURANCE WARRANTY CUSTOMER SERVICE AND THE PROCESS OF DELIVERY OF SERVICES**

This article discusses the basics of quality assurance warranty customer service and delivery of services. Ensuring a high level of customer service is one of the most effective forms of participation in competition on the consumer market and the formation of its competitive advantages. Managing the customer service is considered as a complex set of decisions, taking into account competitive position in the consumer market.

**Key words:** service, warranty service, process, customer service, competitive advantages.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадали Хуросони*** – соискатель. РТСУ. Телефон: **+98912-700-66-98**

# НАҚШИ БОНК ДАР ТАВСЕАИ КИШОВАРЗӢ

***Ҳасан Азимӣ***
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Воқеият ин аст, ки имрӯз дар тамоми кишварҳои дунё тавсеаи кишоварзӣ як зарурат ва муҳимтарин масоиле аст, ки иқтисод ва иҷтимои ҳар кишвар бо он рӯ ба рӯ мебошад. Ҳарчанд ки аҳамияти тавсеаи кишоварзӣ фақат дар амри тавлиди моводи ғизоӣ хулоса намешавад, аммо дар ҳоли ҳозир кишоварзӣ танҳо роҳе аст, ки мо барои таъмини маводи ғизоии инсонҳо мешиносем. Илова бар мавриди боло, дар мавриди лозим бар тавсеаи кишоварзӣ бояд гуфт, ки тавсеаи кишоварзӣ бахши асосӣ ва ҷудонашавандаи тавсеаи молӣ аст. Ба ибораи дигар, тавсеаи кишоварзӣ дар тавсеаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳам саҳим аст ва ба далели аҳамияте, ки дорад, иттихози ҳар навъ улгуи тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ мусталзами расидан ба дараҷоте аз тавсеа ва пешрафти кишоварзӣ аст. Ба ҳамин далел, тавсеаи кишоварзӣ дар чаҳорчӯбаи тавсеаи миллӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар тавсеаи бахши кишоварзӣ қишри рустоӣ нақши умдае дорад, дар ҳоле ки бахши васее аз ин қишр фақир ҳастанд ва факри рустоӣ ба унвони монеае барои беҳбуди авзои иқтисодӣ ба шумор меравад. Ба ин тартиб, ҳимояти молӣ аз ин қишр ба манзури тавонмандсозии онҳо аз аҳамияти хосе бархурдор аст.

Яке аз ниҳодҳое, ки нақши асосӣ ва поя барои тавлиду тавсеаи кишоварзӣ дорад, манобеи молӣ аст, ки дар ин раъс истифодаи эътибороти бонкӣ яке аз авомили муассир дар таъмини ин манобеъ ба шумор меравад.Бонкҳои Эрон умдатарин муассисаҳои таъминкунандаи манобеи эътибории бахши кишоварзӣ аам аз эътибороти хурд ва калон мебошанд. Ба ибораи дигар, муҳимтарин макone, ки

кишоварзон барои дарёфти вом ва ё бимаи маҳсулоти худ ба он ҷо муроҷиат мекунанд, бонкҳо ҳастанд.

Дар Эрон бонки кишоварзӣ аз намунаҳои шинохташудаи бонкҳои тахассусиву тавсеавӣ ба шумор меравад. Ин бонк бо эътои эътибороти вомҳои кӯтоҳмуддату камбахра супурдагузориҳои эътои тасҳилоти сармоявӣ ва ғайрисармоявӣ, сармоягузориҳои мустақим ва ғайримустақим дар воҳидҳои тавлидиву тарҳҳо ва ғ. метавонанд илова бар ҳалли мушкилоти заҳматкашони бахши кишоварзӣ ба унвони абзори муҳиме барои тавсеаи кишоварзӣ ва дар ниҳоят, тавсеаи кишвар ифои нақш намояд.

Тавсеа, фароянде бо абъод ва аҳдофи гуногун аст. Дар маънои васеъ ин калима шомили ҷанбаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст. Мафҳуми тавсеа ба сурати ом ва тавсеаи иқтисодӣ ба сурати хос яке аз муҳимтарин ва баҳсангезтарин масоил ва чолишҳо дар миёни кишварҳои ҷаҳон, бахусус кишварҳои дар ҳоли рушд (ҷаҳони сеюм) монанди Эрон мебошад.

**Аҳамият ва зарурат.** Кишоварзӣ аз муҳимтарин бахши иқтисодии кишвари мо ба шумор меравад ва дар солҳои мухталиф фоизи қобили таваҷҷуҳе аз шоғилони кишварро ба худ ихтисос додааст, ба тавре ки имрӯз наздик аз чор як ҳиссаи ҷамъияти шоғили кулли кишвар марбут ба бахши кишоварзӣ аст. Бинобар ин, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба ин бахши иқтисоди кишвару қишри бузурги шоғил дар он ва тавсеаву беҳбуди вазъияти кунунии он низ зарурати иҷтинобнопазир аст.

Тавсеаи кишоварзӣ мақдур нахоҳад буд, магар бо ҳимояи моддиву маънавии давлату созмонҳои дастандаркор, чаро ки бештари шоғилини хонаводаҳои бузурги кишоварзиро қишрҳои камдаромад ташкил медиҳанд.

Стратегияи тавсеаи кишоварзӣ дар воқеъ як нақшаи роҳ аст, ки давлатмардон, сиёсатгузорон, афроди ҷомеа, сармоягузорони хусусӣ ва давлатӣ кӯмак мекунанд, то барои дастёбӣ ба аҳдофи муҳиму калидии бахши кишоварзӣ, ки ғолибан шомили беҳбуди баҳраварӣ ва рақобатпазирӣ, коҳиши фақри рустоӣ, беҳбуди амнияти ғизоии хонаводаҳо, афзоиши андӯхтаҳои сармояии хонаворҳои рустоӣ, мудирияти беҳтару пойдор манобеи табиӣ аст, масири худро ба дурустӣ интихоб намоянд.

**Тавсеа (рушд)-и кишоварзӣ**. Тавсеаи кишоварзӣ дар чаҳорчӯбаи рушди миллии як кишвар мавриди баҳс қарор мегирад ва ба сурати як бахши иқтисоди муҳим дар тавсеаи миллӣ нақши ҳаётӣ ифо мекунад. Воқеият ин аст, ки имрӯз дар тамоми кишварҳои дунё тавсеаи кишоварзӣ як зарурат аст ва ин аз муҳимтарин масоиле аст, ки иқтисоду иҷтимои ҳар кишваре ба он рӯбарӯст. Ҳарчанд ки аҳамияти рушди кишоварзӣ фақат дар амри тавлиди маводи ғизоии хулоса намешавад, аммо дар ҳоли ҳозир кишоварзӣ танҳо роҳест, ки мо барои таъмини маводи ғизоии инсонҳо мешиносем.

Бахши кишоварзӣ ҳамвора дар тавсеаи кишварҳои ҷаҳон дорои саҳми муҳим будааст. Гарчи аз кишваре ба кишвари дигар шакли кишоварзӣ дар тавсеа мутафовит аст, вале наметавон дар баррасии тавсеаи он ҳам дар қолиби куллӣ аз асарбахшии кишоварзӣ чашмпӯшӣ кард.

Гуртол Мирдол иқтисоддони машҳури Шветсия ва назарияпардози масоили тавсеа мегӯяд: «Ду масъалаи аслии ҳар иқтисоди дар ҳоли тавсеа, худ тавсеанаёфтагӣ ва иштиғол дар гарави ҳалли масъалаи кишоварзӣ аст». Бахши кишоварзӣ метавонад нақши худро дар шаклњои зер дар таҳаввули як кишвар нишон диҳад: арзаи мазоди нерӯи кор ва мазоди сармоя, арзаи мазоди маводи ғизоӣ ва маводи хом, таъмини арзаи хориҷӣ аз тариқи афзоиши содирот (эҷоди бозор барои маҳсулоти саноати сабук, ташвиқи сармоягузорӣ дар фаъолиятҳои тавлидии ҷонибӣ).

**Нақши хадамоти бонкӣ дар тавсеаи кишоварзии Эрон**. Бахши кишоварзӣ аз аҳамияти вижае дар сохтори иқтисодии кишвар бархурдор аст, ба тавре ки ин бахш бо тамаркузи беш аз 20% ҷамъияти фаъоли кишвар наздик ба 14% тавлиди нохолиси дохилиро тавлид мекунад. Аз сӯйи дигар, мавҷудияти имкони билқувваи худододӣ дар кишвар, аз ҷумла заминаҳои қаблии истифода ва манобеи оби ғанӣ, нерӯи кори фаровон ва ғ. ниҳоятан, вуҷуди тайфи густурдаи обуҳавоӣ, шароити мусоидеро барои тавсеаи бахши кишоварзӣ фароҳам кардааст.

Табиист, ки ин бахш ҷиҳати бакоргирии матлуб аз имконият ва мазиятҳои фавқ ва ҷилавгирӣ аз итлофи манобеи ниёз ба ислоҳи сохтори созмони ҷиҳоди кишоварзӣ дар ростои тавсеа ва ҳимояи бахши кишоварзӣ, боло бурдани сатҳи мудирият ва иртиқои сатҳи технология ва омӯзиши нерӯи инсонӣ дораду ин амр ҳам сирфан аз тариқи сармоягузории давлатӣ имконпазир аст. Зеро сармоягузории давлатӣ ба

лиҳози назарӣ, агар дар заминаи фаъолиятҳои тавлидӣ бошад, ба унвони ҷойгузини қудратманд барои бахши хусусӣ амал мекунад ва монеи рушди бахши хусусӣ аст, вале агар дар ҳиттаи маҳсулоти умумӣ бошад, ба унвони бахши мукаммал барои сармоягузори хусусӣ буда, ин амр як зарурат дар ҷиҳати тавсеаи фаъолияти кишоварзӣ ва ҳифзи иштиғол дар бахш ва мондагории онҳо дар рустоҳо, инчунин коҳиши муҳоҷират ба шаҳрҳоро дар пай хоҳад дошт. Манзур аз сармоягузории давлатӣ дар умури зербинои бахши кишоварзӣ шомили:

1. Тастеҳи (соф кардани замини кишоварзӣ) арозӣ ва заҳкашӣ дар сутӯҳи мазореъ, беҳбуди шабакаҳои суннатии тавзеъ ва баҳрабардории манобеи обу хок ва танзими муносиб барои он.

2. Сармоягузории лозим дар умури таҳқиқ, омӯзиш ва тарвиҷу тавсеаи онҳо дар рустоҳо.

3. Эҷоди амният, ҳимоят ва ташвиқи самоягузории бахши хусусӣ дар ин бахш.

4. Барқарор намудани низоми таъмини иҷтимоӣ ва хадамоти беҳдошту дармонӣ дар қутбҳои тавлидии кишоварзӣ.

5. Иттихози сиёсатҳои муносиби иқтисодӣ, аам аз сиёсатҳои қиматгузории мантиқӣ (ҳазинаи тавлид + суди тавлидкунанда), таъмини ниҳодҳои мавриди ниёзи бахш, бозорёбӣ ва бимаи маҳсулоти кишоварзӣ ва тақвияти бурси маҳсулоти кишоварзӣ.

6. Ироаи барномаҳои ҳамоҳанг ва мунсаҷим дар заминаи баҳрабардорӣ аз заминҳои зеркишт бо таваҷҷуҳ ба қобилиятҳои минтақа ва ҳидояти кишоварзон бо пайравӣ аз барномаҳои мазкур.

7. Сармоягузорӣ ва барномарезӣ дар эҷоди занҷираи тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ, амалиёти саноеи табдил ва такмили бозорёбӣ, бастабандӣ барои содирот ё масрафи дохилӣ.

Чунончи маҷмӯаи авомили муассир дар тавсеаи кишоварзӣ фароҳам бошад, дар он сурат метавон аз аҳроми эътибороти бонкӣ низ барои эҷоди ангезаи сармоягузории бахши хусусӣ ҷиҳати тавсеа истифода намуд. Муҳимтарин авомили муассир дар тасмимгирӣ нисбат ба сармоягузорӣ имкони дастрасии бахши кишоварзӣ ба манобеи молӣ аст. Камбуди сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ муҷиб шуда, ки ин бахш ҷиҳати таъмини манобеи молии мавриди ниёз ба тасҳилоти эътоӣ(вогузоршуда) аз сӯйи системаи бонкӣ муттакӣ шавад.

Аз сӯйи дигар, назорати қимати маҳсулоти кишоварзӣ бо таваҷҷуҳ ба сиёсатҳои иттихозшуда аз сӯйи давлат ба ҷиҳати ҳимоят аз масрафкунанда муҷиб шудааст, ки дар ин бахш судоварӣ ва анбошти сармоя дар ҳадди соири бахшҳои иқтисодӣ набошад, бинобар ин, манобеи молии мавриди ниёз барои бахши кишоварзӣ, ки дар тайи солҳои гузашта ғолибан аз тариқи манобеи ёронаи бонкӣ таъмин мешуд, дар сиёсатҳои яксонсозӣ нархи суди бонкҳо ба таври хос дида нашудааст ва дар ин иртибот ниёз ба эҷоди муассисаи моливу эътиборӣ, сирфан ҳимоят дар бахши таъмини манобеи молии кишоварзон таҳти унвони бонки тавсеаи кишоварзӣ ва бонки таовуни кишоварзӣ бо истифода аз манобеи арзони давлатӣ мебошад.

Агарчи системаи бонкӣ баъд аз пирӯзии инқилоби исломӣ иқдом ба эътои тасҳилот дар бахши салаф (хӯроки чорво), хариди дом (чорвои хонагӣ) ва ғ. ба таври ом намудаанд, лекин аз ибтидо ба далели адами барномарезии мушаххас дар ин ҳавзаҳо, аксари тасҳилоти дарёфти сарфи ҳазинаҳои ҷории кишоварзон ва ё соири ҳазинаҳое ғайри бахши кишоварзӣ шудааст ва дар ин иртибот низ ба беҳбуд ваислоҳи система эътибор ба шарҳи зайл мебошад.

1.Пардохти эътиборот бояд ҳамоҳанг бо тақвими зироии минтақа сурат гирад.

2. Назорати дақиқ ба тахассуси эътиборот зарурист, то эътибороти тахассусёфта ҷиҳати коройӣ ва густариши фаъолияти тавлидӣ мавриди истифода қарор гирад.

3.Барқарории як низоми ҳамоҳанги эътиборӣ, ба тавре ки эътибороти бахши кишоварзӣ аз як канали мушаххаси мудирият тавсеа шавад.

4. Ихтисоси манбаи лозимӣ аз тариқи буҷаи умумии кишвар ба сурати солона дар ҷиҳати таъмини манобеи молии бахшҳои кишоварзӣ.

5.Инъиқоди қарордодҳои бонкӣ дар ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳои зербиноии бахши кишоварзӣ, чунончи заминаи истифодаи беҳина аз авомили тавлид фароҳам набошад, эътибороти бонкӣ ба танҳоӣ наметавонад аҳдофи тавсеаи кишоварзиро таҳаққуқ бахшад ва афзоиши камии он бояд ҳамроҳ бо рафъи мушкилоти сохтории ин бахш сурат гирад.

Аз муҳимтарин мушкилоти бахши кишоварзӣ дар муқоиса бо соири бахшҳои иқтисодӣ, метавон ба:

- фаслӣ будани тавлидоти кишоварзӣ ва фосилаи замонӣ байни пардохтҳову дарёфтҳо (фурӯши маҳсулот);
- фасодпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва адами имкони захирасозии тӯлонимуддат барои он;
- вуҷуди фоизи зиёде аз воҳидҳои баҳрабардории кӯчак ва адами тавони молии кофии ин воҳидҳо ҷиҳати бакоргирии мошинолот ва системаҳои обёрӣ бо технологияи модерн;
- боло бурдани ҳазинаи таъмини манобеи молӣ аз тариқи бозори ғайримуташаккили пулӣ;
- поён будани мизони судоварии ин бахш дар муқоиса бо соири бахшҳо;
- фиқдони асноди моликияти зироӣ дар ҷиҳати таъмини васоиқи тасҳилоти бонкӣ ва ғ. ишора кард, ки яке аз заруритарин барномаҳое, ки ҷиҳати тавсеаву равнақи бахши кишоварзӣ бояд сурат гирад, тиҷорӣ кардани фаъолиятҳои марбут ба ин бахш аст.

Имрӯз бо абзорҳои суннатӣ дар низоми тиҷорати ҷаҳонӣ наметавон ҷойгоҳи муносиб ва қобили қабулеро касб кард. Бо таваҷҷуҳ ба танаввӯи обу ҳавоӣ ва иқлимӣ дар кишвар, тавони боло дар тавлиди анвои зироатӣ ва боғӣ заминаву имкони судури бисёре аз маҳсулот назири консервантҳои мева, маводи ғизоии бастабандишуда, гиёҳҳои доругӣ, гулу гиёҳҳо, хушкбор ва ғ. вуҷуд дорад.

Аммо бо далели адами вуҷуди муносибати модерн андешаҳои нав ва пайванди коро байни бахши тавлид, тавзеъ ва бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ҳамвораи низоми тиҷории бахши кишоварзӣ дастхуши рафторҳо ва салиқаҳое қарор гирифтааст ва фиқдони барномаҳои модерн ва созмонёфта дар арсаи тиҷорати маҳсулоти кишоварзӣ, судури аксар маҳсулот ба сурати маводи хом анҷом мегирад ва дар ин замина ниёз ба иртиқои сатҳи кайфияти маҳсулот, бастабандии муносиб, шабакаи ҳамл ва нақли сареъ, бархурдорӣ аз стандартҳои байналмилалӣ ва ҳамчунин таблиғот дар арсаи ҷаҳонӣ аст, ки дар ин сурат метавон ба рушди мудовими маҳсулоти кишоварзӣ ба шакли хом ва фароваришуда ва дар пайи он афзоиши сатҳи иштиғол, сармоягузорӣ ва зарфияти тавлид дар бахши кишоварзӣ ва кулли иқтисод умед дошт.

**Аҳдофи тавсеаи кишоварзӣ.** Дар тавсеаи кишоварзӣ усулан се ҳадафи умда дунбол мешавад, ки бидуни дастёбӣ ба онҳо тавсеаи иқтисодиву миллӣ мақдур нахоҳад буд. Ин се ҳадаф иборатанд аз:

а) таъмини амнияти ғизоӣ: шояд, ин муҳимтарин далел барои тавсеаи кишоварзӣ бошад, зеро дар сурати камбуди ғизои муносиб сӯйитағзия эҷод мешавад ва он садде дар баробари тавсеа аст;

б) эҷоди иштиғол, афзоиши даромад ва коҳиши факр: бо тавсеаи кишоварзӣ тавлид ва арза боло меравад ва ба табъи он даромад афзоиш мeёбад. Бо афзоиши даромад фақр коҳиш пайдо мекунад, ки ин аз аҳдофи тавсеа аст. Илова бар ин, бо тавсеаи кишоварзӣ саноеи ҷонибӣ дар русто афзоиш мeёбад ва машоғили ҷадиде эҷод мегардад ва иштиғол дар ҷомеа боло меравад ва дар ин раҳгузар бахше аз бекории пинҳонӣ, ки дар ҷомеа машҳуд аст, решакан мешавад;

в) ҳифозат аз муҳити зист ва манобеи табиӣ: манобеи табиӣ маҳдуд ҳастанд ва дар сурати истифодаи нодуруст мусалламан ба зуддӣ фарсуда ё нобуд мешаванд. Дар кишоварзии суннатӣ, илова бар ин ки истифодаи беҳинае аз манобеи мавҷуда дар умур тавлид намешавад, ғолибан, ба тахриби муҳити зист кӯмак мекунад. Бо тавсеаи кишоварзӣ ва ҳаракат ба самти кишоварзии пойдор илова ба истифодаи беҳина аз манобеъ, огоҳии муваллидон дар мавриди дошт ва кошту бардошти маҳсулот боло меравад ва онҳо худ дар садади ҳифзи муҳит бармеоянд. Далели фавқ зарурати тавсеаи кишоварзиро исбот мекунад.

**Пешниҳодоти мубтанӣ бар натоиҷи таҳқиқ**. Нақши бонкҳо дар тавсеаи бахши кишоварзӣ бо таъкид ба арзаи эътибороти хурди кишоварзӣ аз муҳимтарин бахшҳои иқтисодии кишварҳо, аз ҷумла Эрон ба шумор меравад ва дар солҳои мухталиф фоизи шоёни таваҷҷуҳе аз шоғилони кулли кишвар (дар ҳудуди як чаҳоруми кулли шоғилон)-ро ба худ ихтисос додааст. Бинобар ин, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба рушди ин бахш зарурати ғайриқобили инкор аст.

Тавсеаи ҳамгун ба маънои тавсеа дар ҳамаи бахшҳо (кишоварзӣ, саноат ва хадамот) аст, бинобар ин, таваҷҷуҳ ба нақши бахши кишоварзӣ бисёр зарурист. Дар тавсеаи бахши кишоварзӣ қишри рустоӣ нақши умдае дорад. Таъмини молии ин афрод на танҳо дар коҳиши фақрашон муассир аст, балки дар афзоиши фаъолиятҳои

иқтисодиашон низ муфид хоҳад буд. Ба ибораи дигар, яке аз ниҳодҳое, ки нақши асосӣ ва поя барои таъмини дигар ниҳодҳо ва дар ниҳоят, тавлиду тавсеаи кишоварзӣ дорад, манобеи молӣ аст ва истифода аз эътиборот яке аз авомили муассир дар таъмину бакоргирии фановарии навин аз сӯйи кишоварзон ба шумор меравад.

Кишвари мо низ ба ба унвони зермаҷмӯае аз деҳкадаи ҷаҳонӣ ва кишваре дар ҳоли тавсеа наметавонад аз нақши билқувваи мавҷуд дар ақшори камдаромад, ки нақши умдае дар тавсеа доранд, ғофил бимонад. Давлатҳо метавонанд бо таъмини молӣ ва ё эътибороти хурд, ки яке аз равишҳои тавонмандсозии қишрҳои камдаромад ба шумор меравад, гомҳои мусбатеро бардоранд.

Бонкҳои Эрон умдатарин муассисаҳои таъминкунандаи манобеи эътибории бахши кишоварзӣ аам аз эътибороти хурд ва калон аст, ба ибораи дигар, муҳимтарин маконе, ки кишоварзон барои дарёфти вом ва ё бимаи маҳсулоти худ ба он ҷо мурочиат мекунанд, бонкҳо ҳастанд. Бонкҳо бо эътои эътиборот, вомҳои кӯтоҳмуддат ва камбаҳра, супурдагузориҳои гуногун, эътои тасҳилоти сармоявӣ ва ғайрисармоявӣ, сармоягузориҳои мустақим ва ғайримустақим дар воҳидҳои тавлидӣ ва тарҳҳо ва ғ. метавонанд абзори муҳимме барои тавсеаи кишоварзӣ ва дар ниҳоят, тавсеаи кишвар ифои накш намоянд. Ҳамчунин бонкҳо метавонанд, аз як сӯ бо таъмини ниёзҳои ҷории кишоварзон заминаи тавлиди маҳсулоти кишоварзонро фароҳам кунанд ва онҳоро ташвиқ ба идома ва боқӣ мондан дар чархаи тавлид намояд ва аз тарафи дигар, таъмини ҳазинаҳои сармоя дар умури зербиноӣ, аз ҷумла эҳёи арозии зери кишт, таъмини оби мавриди ниёз барои кишоварзӣ, эҷоди саноеи табдилии кишоварзӣ ва монанди он ҳаракати ризоиятбахшро дар заминаи тавсеаи бахши кишоварзӣ, афзоиши даромади кишоварзон ва дар ниҳоят, иртиқои сатҳи зиндагии онҳо анҷом диҳад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти бахши кишоварзӣ дар тавсеаи миллӣ ва рушди иқтисодии кишвар давлатмардон ба таъсиси бонкҳои тахассусии Эрон ва тасвиби қавонини марбут ба он дар садади таъмини молии кишоварзони хурдапо баромадаанд.

Дар зер ба муҳимтарин нақшҳое, ки бонкҳо дар тавсеаи кишоварзӣ доранд, ишора мешавад:

1.Эътои эътиборот ва вомҳои кӯтоҳмуддат ва камбаҳра (эътибороти камбаҳра).
2.Супурдагузориҳои гуногун дар умури марбут ба кишоварзӣ.
3.Эътои тасҳилоти сармоявӣ ва ғайрисармоявӣ.
4.Сармоягузории мустақим ва ғайримустақим дар воҳидҳои тавлидии кишоварзӣ.
5.Таъмини ниёзҳои ҷории кишоварзон.

## АДАБИЁТ


1. Боқирӣ Меҳрдод. Баррасии авомили муассири бозпардохти эътибороти эътибороти кишоварзӣ дар остони Форс. Донишгоҳи Шероз, 1380.
2. Ходимӣ Одам Н. Сиёсати иқтисодии кишоварзӣ дар низоми мухталиф ва Эрон. – Теҳрон: Иттилоот, 1370.
3. Салмонипур, Некӯӣ Ғ. Нигоҳе ба маҳдудиятҳои дарёфти эътибороти кишоварзӣ аз дидгоҳи зореон (Фаслномаи пажӯҳишии Бонки кишоварзӣ, «бонк ва кишоварзӣ». 1383. -С. 53-84.
4. Тоҳирӣ Шаҳном. Тавсеаи иқтисодӣ ва барномарезӣ. –Теҳрон: Ҳастон, 1378.
5. Теҳрончиён Мансур. Нақши кишоварзӣ дар рушди иқтисодии Эрон. Шашумин конфронси иқтисоди кишоварзии Эрон, 1381.
6. Алимӣ Нусратуллоҳ. Масоили низоми кишоварзии Эрон // Ҷомеаи солим. -Теҳрон, 1373. -№9.
7. Ким Андерсен. Иқтисоди кишоварзӣ ва тавсеа. – Теҳрон, 1384, -№50.
8. Купоҳӣ Маҷид. Баррасии асароти тасҳилоти пардохти бонки кишоварзӣ ба воҳидҳои тавлиди суннатӣ ва саноатӣ. -1376.


## РОЛЬ БАНКОВ В РАЗВИТИИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА


Сельское хозяйство является одним из основных отраслей экономики и имеет важное значение. От развития сельского хозяйства зависит продовольственная безопасность страны. Повышение эффективности сельскохозяйственного производства невозможно без инвестиционных вложений. Сфера селского хозяйства и сельскохозяйственное производство может эффективно функционировать и развиваться при возможности получения сельскохозяйственного кредита. Банки играют ведущую роль в развитии сельского хозяйства и кредитные средства, которые выделяются в сельскохозяйственную отрасль, способствуют модернизации аграрного производства и развитию инфраструктуры сельского хозяйства.



**Ключевые слова:** сельское хозяйство, развитие сельского хозяйства, банк, денежно-кредитные отношения, сельскохозяйственное кредитование, предприятия сельского хозяйства.


## THE ROLE OF BANKS IN THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURE


Agriculture is one of the main sectors of the economy and is important. From the development of agriculture affects food security of the country. Improving the efficiency of agricultural production is impossible without

investments. The sphere of rural economy and agricultural production can function effectively and to develop, if possible, obtain agricultural loans. Banks play a leading role in the development of agriculture and credit funds allocated in the agricultural sector, contributing to the modernization of agricultural production and development of agricultural infrastructure.
**Key words:** agriculture, rural development, the Bank, monetary relations, agricultural credit, agricultural enterprises.

**Сведения об авторе:** ***Хасан Азими*** - соискатель Института экономики и демографии АН РТ

# НАҚШИ ОМӮЗИШ ВА БАКОРГИРИИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ДАР КОРОЙИИ МУДИРОН ВА КОРКУНОНИ САНОЕЪ

***Ҳабибулло Норӯи Навваб***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз фановарии иттилоот ва иртиботот нақши асосӣ дар ҳавзаҳои гуногун дорад. Яке аз ин ҳавзаҳо, ки бо воруди иттилоот дучори таҳаввули асосӣ шудааст, ҳавзаи мудирият мебошад.

Дар ин мақола корбурдҳои фановарии иттилоот дар фароянди мудирият бо мутолиаи таҷрибаҳои кишварҳои гуногун дар заминаи ёдшуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, сипас бо баҳрагирӣ аз назароти хубрагони фановарии иттилоот дар мудирият, таъсири онро дар сатҳҳои гуногуни мудирият (олӣ, миёнӣ, амалиётӣ) мавриди арзёбӣ қарор дода, беҳтарин равишҳои навоваронаро барои радаҳои мухталифи мудирият ироа ва ташреҳ мекунад.

Дар ҷаҳони имрӯз мудирият аз аҳамияти хосе бархурдор аст ва таҳаввулоти рӯзафзун сабаби ҷалби таваҷҷуҳи бештар ба ин мақула шудааст. Мудирияти нав он мудирияте, ки бо фармоишоти амрона коркунонро маҷбур ба кор мекард, нест ва сайри такомулии худро тай карда, бештар аз равишҳое истифода мекунад, ки суди муассисаро ба ҳадди аксар бирасонад ва дар бозорҳои ҷаҳонӣ битавонад бо дигар саноеъ ва муассисот рақобат кунад ва муштариёни зиёдеро ба даст оварда, онҳоро бо дигаргунии худ нигоҳ дорад. Дар асри имрӯз омӯзиши мудирон яке аз ниёзҳои муҳимми инсон маҳсуб мешавад. Омӯзиш ва афзоиши маҳоратҳо, ба абзори асосӣ барои рӯёрӯйӣ бо масоили ҷаҳони печида ва мутаҳаввили имрӯзӣ табдил шудааст [1].

Метавон гуфт, ки муҳимтарин меъёри тавсеа ва пешрафт, бахусус дар ҷаҳони имрӯз, фановарӣ аст ва муҷаҳҳаз шудани мудирон ва коркунони саноеъ ба ин илм онҳоро қодир хоҳад сохт, то дар мавқеиятҳои гуногун тасмимҳои оқилона гирифта, дар бозорҳои рақобатии имрӯз муваффақ ва коротар амал кунанд.

Албатта, ҳанӯз дар бештари кишварҳо воруди фановариро ба саноеъ ва муассисот ба хубӣ қабул накарда, фикр мекунанд бо бакоргирии фановарии иттилоот корҳо кундтар ва коркунон бекор мешаванд ва натиҷаи онро нодуруст фаҳмида, аз бакоргирии фановарии иттилоот тарс доранд ва худро наметавонанд бо пешрафтҳои имрӯзи ҷаҳон вақф диҳанд. Ба унвони мисол мудире, ки солиёни зиёд бо равишҳои такрорӣ унс гирифтааст ва ҳозир нест худро мутобиқи пешрафтҳои имрӯзӣ тағийр диҳад, дар муқобили воруди фановарии иттилоот ва ёдгирӣ ва ба кор бурдани он мухолифат мекунад.

Санъате, ки ҳадафи он пешрафт бар асоси дониш ва фановарӣ аст, бояд ибтидо омӯзиши мудирон ва коркунони худро дигаргун кунад ва барои ин кор бояд як фановариҳои нав тарроҳӣ ва сохти маҳсулот бо кайфияти боло фикр карда, то битавонад маҳсулоти кайфӣ дар дастрасии муштариёни худ қарор диҳад [2].

Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, густариши фановарии иттилоот дар созмонҳо ва саноеъ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Бо баррасии омор ва иттилооти мавҷуд сатҳи густариши фановарии иттилоот дар омӯзиши мудирон ва коркунони кишварҳои ҷаҳон дармеёбем, ки дар бисёре аз кишварҳои тавсеаёфта ва дар ҳоли тавсеа барои таҷҳизи саноеъ бо имконоти гуногуне ҳамчун компютер ва Интернет барномаҳое омода карда шудааст. Ихтирои равишҳои нави тарроҳӣ ва сохти маҳсул бо бакоргирӣ аз компютер ва баҳрагирӣ аз Интернет ва бартарии он барои шиносонидани маҳсул ба муштариёнро шоҳид будаем.

Баъзе аст фоидаҳои интернетро дар зер ёдовар мешавем:

**Тиҷорат ва хариду фурӯши интернет.** Бо густариши рӯзафзуни Интернет, фаъолиятҳои тиҷорӣ ва бозаргонӣ низ ривоҷ ёфта, ширкатҳо, муассисот ва фурӯшгоҳҳои мухталиф дар ҳоли ироаи хадамоти бозорёбӣ, хариду фурӯши молҳои

худ ба сурати маҷозӣ дар Интернет мебошанд, ба тавре ки ҳар шахсе бо доштани як дастгоҳи компютер ва як хатти телефон метавонад аз манзил ё маҳалли кор молҳо ва хадамоти мавриди ниёзи худро ба осонӣ интихоб ва харидорӣ кунад ва пас аз муддати замони кӯтоҳ онҳоро дар дари манзил таҳвил бигирад. Фановарии нав на танҳо имкони мушоҳидаи тасвир ё филму видиёӣ молро мумкин сохтааст, балки ҳатто имкони эҳсоси бӯйи баъзе аз фаровардаҳое монанди гулҳо ва гиёҳҳои муаттарро фароҳам сохтааст ва дар оянда баъид (пешбинӣ) нест ҳамзамон бо пешрафти технология харидорон битавонанд аз тариқи интернет маза ва таъми маводи ғизоиро низ бичашанд. Ва низ аз бартариҳои дигаре чун хадамоти 24 соата, дастрасӣ ба чизҳои бештар ва мутанаввеътар, иттилооти ҷузъитар аз мол, қудрати муқоисаи молҳо, ҳаққи баргардонидани молҳои ғайриқобили истифода ва ғайра бархурдор хоҳед шуд.

Бо таваҷҷуҳ ба пешрафти босуръати технология, бахусус фановарии иттилоот ва иртиботот рӯз ба рӯз чашмандозҳо ва уфуқҳои равшантареро ҷиҳати фатҳи нуқтаҳои азими илмӣ, фаннӣ ва санъатӣ ва ҳалли мушкилот ва масоили башар ироа мекунад ва яко яки афрод ва қишри ҷомеаро ба талоши ду баробар дар касби маҳоратҳои фановарии иттилоот ва истифодаи онҳо дар дигар илмҳо лозим медонад, ҳатто баъзе аз ҷавомеъро, ки имрӯз нотавон дар бакоргирии фановариҳои нави компютерӣ ҳастанд, бесавод талаққӣ мекунанд. Пас барои ҳар фарде, бахусус мудирон лозим аст, ки омӯзишҳои лозимро дар бакоргирии фановарии иттилоот касб кунанд.

Ин бартарӣ ва мафҳумҳо моро водор сохта, то ба улгуҳои нав, корро ва муассири муносиб дар омӯзиши мудирон ва коркунони саноеъ барои бархӯрд бо печидагиҳо ва ниёзҳои рӯзафзуни дунёи пуррақобати кунунӣ рӯй оварем [3].

Ҳама огоҳ бояд бошем, ки дар дунёи пуршитоби кунунӣ, бисёре аз равишҳои мудирияти суннатӣ нокоромад ва кунд ҳастанд ва иҷрои он қонунҳо ва равишҳои суннатӣ барои саноеъ ҷузъи зарар ва зиён дар пай доштааст ва ҳатто хеле аз саноеъро аз рақобат бо ҳамнавъони худаш боздошта ва аз саҳна хориҷ намудааст.

Бинобар ин лозим аст, ки аз абзорҳое, ки фановариҳои навин дар ихтиёри мо қарор медиҳанд, дар ин замина ба наҳви аҳсан истифода кунем. Аз ҷумла фановарии иттилоот ва иртиботот, ки сабаби хадамот ва пешрафтҳои зиёде дар арсаи мудирият шуда, бо баҳрагирӣ аз ин абзор зимни афзоиши коройии мудирон ва коркунони саноеъ, суръати бакоргирии равишҳои муносиби тавлиди маҳсулот тағйирнопазир дар бархӯрд бо таҳаввулоти эҷодшуда дар бозори масраф бошем.

**Мафҳумҳо ва таърифҳо.** Истилоҳи фановарии иттилоот, фановариҳои навин мисли компютер, факс, микроэлектрониҳо, иртибот аз роҳи дур ва низ фановариҳои қадимитар монанди низомҳои бойгонии аснод ва мошинҳои муҳосиботии механикии чопиро дар бар мегирад. Ҳарчанд ин истилоҳ нав аст, аммо аз лиҳози мафҳумӣ давраи он ба давраи тараққии башар ва барқарории иртибот мерасад[4]. Албатта, набояд фановарии иттилоотро муодили интернет ё компютер гирифт, зеро ин ду истилоҳ зимни монандӣ фарқиятҳое ҳам доранд. Интернет ва компютер фановариҳое бо қобилияти боло ва усулан як имкон ва абзор ҳастанд, дар ҳоле ки фановарии иттилоот як андеша, як фарҳанг ва як ҷараёни фикрии асаргузор аст, ки бо густариши Интернет ба авҷи қудрат ва қобилияти худ дар шароити фаслӣ расидааст. Аммо дар оянда бо зуҳури фановариҳои иттилоърасонӣ ҳамчун нанофановарӣ таҳаввулоти амиқтар ва асоситар дар пеш аст [5].

**Нақши фановарӣ дар мудирияти саноеъ.** Гузоришҳои гуногуне, ки созмонҳои марбута мунташир кардаанд, шомили он аст, ки фановарии иттилоот сабаби тағйироте дар фароянди мудирият шудааст. Имрӯз бо таваҷҷуҳ ба гуногунии ҷавомеъ, инсонҳо, халлоқиятҳо ва алоқамандиҳои онон, ниёз ба вуҷуди танаввӯъ дар ироаи маҳсулоти саноеъ дорад ва ин амр низ ниёзманди як қолиби нав дар омӯзиши мудирон дорад, ки тағйироти кофиро дар заминаҳои мавриди назар дошта бошанд [6].

Баҳрагирӣ аз фановарии иттилоот ба манзури густариш ва рушд ва танаввӯи маҳсулотӣ сабаб хоҳад шуд, ки манофеи он ба тамомии қишрҳои ҷомеа хоҳад расид. Ба унвони мисол, тарроҳии як маҳсулоти хуб барои мудир ва коркунони саноеъ суд ва барои масрафкунандагон осудагии хотир ба армуғон хоҳад овард. Фановарӣ муҳити корро қобили истифода ва ҷаззоб мекунад. Аз миёни ҳамаи расонаҳои ҷамъӣ ва фановариҳои нав, компютер беш аз ҳама мавриди таваҷҷуҳ аст.

Истифодаи компютер дар саноеъ ба манзури рушд ва ғанисозии маҳорати коркунон аст ва низ метавонад илова бар он ба унвони абзори ҷузъӣ аз он дар мудирияти саноеъ низ истифода кард [7].

Компютер метавонад ба монанди як коргар бидуни ғаразварзӣ, фаромӯшкорӣ, хастагӣ ва дигар омилҳо тазъифкунандаи раванди корӣ, бо диққати бисёре ки дорад, нақши асосӣ ифо кунад [8].

Таҳқиқоти гуногун дар заминаи истифодаи фановарии иттилоот дар коройии мудирон дар даҳаҳои 1970, 1980, 1990 сурат гирифтааст. Ин таҳқиқот бештар бо ин ҳадаф сурат гирифтаанд, то таъсири илми фановарии иттилоотро бо пешрафт ва баҳраварии коркунон ва мудирон андозагирӣ кунанд. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ҳавзаи истифодаи фановарии иттилоот дар ҳамаи ҷонибҳо дар ҳоли таҳаввули босуръат аст.

Нармафзорҳо ва барномаҳое сохта шудаанд, ки метавонанд тарроҳӣ ва сохти маҳсулоти нав ба салиқаи масрафкунандагон хеле наздик шавад. Тағйироти муҳим ношӣ аз фановарии иттилоот, манбаи таҳаввулоти асосӣ дар саноеъ шуда, муҳимтарини онҳоро метавон дар ин воқеият донист, ки фановарӣ қоркунонро қодир сохта, то ба иттилооти хориҷ аз ҳавзаи худ дастрасӣ пайдо кунанд ва ин масъала сабаби афзоиши ангезаи онон барои кор шудааст [9].

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки фановарии иттилоот бо тағйири шеваҳои корӣ, мафҳуми суннатии мудириятро ба сӯйи мудирияти халлоқ ва пӯё ҳидоят кардааст [10].

Бо баҳрагирӣ аз фановарии иттилоот мудирон метавонанд ба осонӣ оид ба бозорҳои нави масраф, навъи молҳои мавриди дархости масрафкунандагон ва ба охирин дастовардҳои тавлидӣ иттилоъ пайдо кунанд ва ҳамчунин метавон бо нақши осонкунандаи фановарии иттилоот кайфияти маҳсулоти сохташударо афзоиш дод, ки ин кор бо барқарории иртиботи фаъол миёни мудири саноеъ ва мудирони дохил ва коркунон сурат мегирад.

Пас ба таври хулоса, фановарии иттилоот метавонад боиси барқарории иртибот миёни иттилооти мудир ва коркунон шавад ва робита байни ононро содатар ва кайфияти кор дар коркунонро афзоиш ва абзоре барои тарроҳӣ ва тавлиди маҳсулоти нав бошад.

Бар асоси ёфтаҳои ин мутолиа дар заминаи истифодаи фановарии иттилоот дар навовариҳои корӣ дар муҳити кор ва бо дар назар гирифтани 173 навоварии кории бакоргирифташуда дар кишварҳои мавриди баррасӣ ин намунаҳоро метавон дар ҳафт гурӯҳ ё намуна ба шарҳи зер табақабандӣ кард:

Намунаи аввал, навовариҳои истифодакунанда аз фановарии иттилоот ба унвони абзор, ки дар дараҷаи аввал ихтилофи онҳо истифодаи васеъ аз абзорҳои баҳраварӣ ва почтаи электронӣ аст.

Намунаи дуюм, навовариҳои марбут бо пажӯҳишҳои мушорикатии коркунон, ки намунаи бисёр печида аст ва хусусияти барҷастаи он, ҳамкории коркунон бо якдигар дар муҳити кор аст.

Намунаи сеюм: навовариҳои шомили мудирияти иттилоот, ки намунае печида аст ва дар он фановарии иттилоот барои пуштибонии фаъолиятҳои ҷустуҷӯйи иттилоот, тавлиди маҳсулот, назорат бар коркунон ва барномарезии мавриди истифода қарор мегирад.

Намунаи чаҳорум, навоварии мушорикати мудир ё баҳрагирӣ аз фановарии иттилоот аст, ки хусусияти барҷастаи он ҳамкории мудирон ва коркунони саноеъ бо мудирон ва коркунони саноеи дигар хориҷ аз муассиса аст.

Намунаи панчум, навоварӣ бо баҳрагирӣ аз фановарии иттилоот барои мушорикат бо афроди хориҷ аз саноеъ аст.

Намунаи шашум, навоварӣ бо баҳрагирӣ аз фановарии иттилоот барои тавлиди маҳсулот аст.

Намунаи ҳафтум, навоварии баҳрагирӣ аз фановарии иттилоот барои омӯзиши коркунон ва анҷом додани беҳтари кор аст.

Ҳамаи ин навовариҳо ва пешрафтҳо замони коройӣ доранд, ки мудирон ва коркунон омӯзиши дурусти истифода кардан аз он фановарии навро, ки ҳамоно фановарии иттилоот аст, дида ва онро маҳалли кори худ дар саноеъ намедонанд ва дар давраҳое, ки барои омӯзиши онҳо гузошта мешавад ширкат карда, усули аввалияи кор бо васоили иртиботиро ёд мегиранд, ки натиҷааш тавоноии онон дар кор, коройии бештар барои саноеъ ва истифодаи матлуби равишҳои тавлиди маҳсулот мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Муайярӣ Алӣ. Технологияи Навин / Муайярӣ Алӣ. -Теҳрон: Офтоб, 1379. -С.136.
2. Растагорпур Ҳасан. Роҳбурдҳои тавсеаи технологияи иттилоот ва иртиботот / Растагорпур Ҳасан, Абдуллоҳӣ Ниво. -Теҳрон: Дониши мардум, 1383. -С.352.
3. Сомпот К. Даромаде бар технологияи фановарӣ/ Сомпот К. Тарҷумаи Эраҷи Эътиҳод. -Шероз: Роҳкушо, 1378. –С.482.
4. Ҳаҷфурӯш Аҳмад. Баррасии натоиҷи корбурди фановарии иттилоот ва иртиботот дар саноеъ / Ҳаҷфурӯш Аҳмад, Аврангӣ Абдулмаҷид. -Теҳрон: Дониш, 1383. –С.148.
5. Ибодӣ Раҳим. Фановарии иттилоот ва омӯзиши коркунон / Ибодӣ Раҳим. -Теҳрон: Муассисаи тавсеаи фановарӣ, 1384.
6. Ҳамон ҷо. -С. 271.
7. Делвз Жок. Омӯзиш барои қарни бисту якум / Делвз Жок. - Теҳрон: Обид, 1380. -С.182.
8. Ҳамон ҷо. -С. 451.
9. Ҳаҷфурӯш Аҳмад. Баррасии натоиҷи корбурди фановарии иттилоот ва иртиботот дар саноеъ / Ҳаҷфурӯш Аҳмад, Аврангӣ Абдулмаҷид. -Теҳрон: Дониш, 1383. -С.147.
10. Эбодӣ Раҳим. Фановарии иттилоот ва омӯзиши коркунон / Эбодӣ Раҳим. -Теҳрон: Муассисаи тавсеаи фановарӣ, 1384. -С.243.


**РОЛЬ ИЗУЧЕНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПОВЫШЕНИИ КВАЛИФИКАЦИИ РУКОВОДИТЕЛЕЙ И ПЕРСОНАЛА СФЕРЫ ПРОМЫШЛЕННОСТИ**


Современные информационные технологии играют важную роль в деле организационного управления и открывают новые возможности для формирования новых форм организации труда. В данной статье автор рассматривает роль информационных технологий в повышении квалификации и эффективности работы руководящего состава и персонала сферы промышленности.



**Ключевые слова:** применение информационных технологий, сфера промышленности, повышении квалификации, эффективность деятельности, руководящий состав, персонал.


**THE ROLE OF LEARNING AND USE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE ADVANCED TRAINING OF MANAGERS AND PERSONNEL OF INDUSTRY**


Modern information technologies play an important role in organizational management and open new possibilities for the formation of new forms of work organization. In this article the author examines the role of information technology in improving the skills and efficiency of work of the management team and staff spheres of industry.



**Key words:** information technology, industry, professional development, performance management, staff.



**Сведения об авторе:** ***Хабибуллох Норуи Навваб*** – соискатель Таджикского национального университета


# УСУЛИ СОЗМОНДИҲӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ АМАЛИЁТИИ МОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ФАРҲАНГӢ


***Ғуломризо Асадии Курд***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Баҳси бозори мол ва бозори хизматрасонии фарҳангӣ ба баҳси пурдоманаи мавзӯи иқтисоди фарҳангӣ ва сиёсати фарҳангӣ табдил шудааст. Ин ихтилофи назарро бар сиёсатгузорӣ, барномарезии фарҳангӣ, арзишёбӣ ва санҷиши молҳо ва хизматрасониҳо ва саноати фарҳангӣ соя афкандаанд ва ба мавзӯи муҳим дар баҳсҳои аслии иқтисод, аз ҷумла макроиқтисод, иқтисоди сиёсӣ, микроиқтисод, иқтисоди кор, иқтисоди байналмилалӣ, ҳуқуқ ва иқтисод, иқтисоди маҳаллӣ, тавсеаи иқтисодӣ ва сиёсати фарҳангӣ табдил шудааст[1].

Вижагии тавлиди анбӯҳ боис шуд, ки саноати фарҳангӣ, бар бозорҳои масраф мусаллат шаванд ва сохтору шеваи созмондиҳии ин саноат, баҳсҳое чун «дарвозабонӣ» ва назорати ин саноатҳоро матраҳ сохт ва ин саноатро аз қаламрави сиёсати иқтисодӣ хориҷ сохт ва дар қаламрави сиёсати фарҳангӣ қарор дод.

Дар чаҳорчӯби сиёсати фарҳангӣ аст, ки бояд усул ва хатимашҳои муносиби бозори фарҳангӣ таҳия ва танзим шавад ва аз тариқи ин усул аст, ки давлат метавонад бо ҳимоят аз он даста аз саноати фарҳангӣ, ки ба шукуфоии истеъдодҳои фардӣ, ҷамъӣ ва иҷтимоӣ кӯмак мекунанд, нақши моҳиятӣ ва таодулофарин доранд, ин бозорро дар ҷиҳати тавсеаи фарҳангӣ сомон диҳанд. Дар ғайри ин сурат, ҳамон гуна ки хоҳем дид, ин бозор аз назорати сиёсати фарҳангӣ хориҷ хоҳад шуд ва афзун бар он, молҳое, ки арзиши иқтисодӣ надошта, вале арзиши ҳунарӣ ва фарҳангии болое доранд ва афрод ҳозиранд барои истифодабарӣ аз ин арзиш, пул бипардозанд, ба қадри кофӣ тавлид нахоҳад шуд[2].

Тақзия ва таҳлили созмонӣ метавонад ба бароварди харҷҳо ва қобилияти имкони иҷрои стратегияҳои хос барои як бозор, кӯмак кунад. Ин тақзияву таҳлил, бо баррасии аҷзои созмонии бозори мавриди назар назири сохтор, системаҳо, афрод ва фарҳанг беҳтар метавонад анҷом гирад. Таваҷҷуҳ ба аҷзои созмонӣ, метавонад ба як касбу кор кӯмак кунад, то мушкилоти иҷроии билқувва ва воқеиро шиносоӣ кунад.

Сохтори созмонӣ, хатҳои ихтиёр ва иртибототро таъриф мекунад ва метавонад бо таваҷҷуҳ ба дараҷаи тамаркузгароӣ ва расмияти роҳҳои иртиботӣ, мутағайир бошад. Системаҳои мудирият назири барномарезӣ, буҷабандӣ, ҳисобдорӣ, иттилоот, арзёбии ҳуқуқ ва дастмузд, ҳамаи инҳо метавонанд иҷрои стратегиро таҳти таъсир қарор диҳанд. Навъи афрод ва ангезаҳои онҳо, заминаи маҳоратҳои мавриди ниёз барои ҳимоят аз бартарии рақобатии пойдорро фароҳам мекунад. Фарҳанг (заминаҳои муҳитӣ), ки шомили арзишҳои муштарак, фаъолиятҳо ва ҳинҷорҳои рафторӣ ва рамзӣ аст, сахт тағйир меёбад. Созгории стратегии ҷадид бо фарҳанг аз аҳамияти босазое бархурдор аст[3]. Ин ҷузъи созмонӣ бояд ба қисматҳои дигар ва ҳамчунин бо стратегияҳо созгор бошанд.

«Созгорӣ» қонунест, ки дар саноати рӯ ба рушд намуд пайдо мекунад. Созгории лозим байни стратегияҳо ва аҷзои ширкатҳое, ки дар заминаи молҳо ва хизматрасонии фарҳангӣ дар саноати рӯ ба рушд фаъолият доранд ва дар заминаи тавлид ва баҳрабардорӣ аз маҳсуле, ки фароянди умри нисбатан кӯтоҳе доранд, фаъоланд, аз тариқи се навъи мутафовит қобили эъмол аст:

1. Аввалин навъи созмони чунин бозоре «тавлидкунандагон» ном доранд, ки маҳсулотро тавлид мекунанд, онон ҳам монанди пешоҳангон ва ҳунармандоне ҳастанд, ки ба тавлиди албоми мусиқӣ мепардозанд ва ё ҳаммонанди тавлидкунандагон ва нависандагони санъати филмсозӣ ҳастанд, ҳамчунин ҳаммонанди вироишгарон ва нависандагоне ҳастанд, ки дар санъати чоп ба фаъолият машғул мебошанд. Ин афрод бо истеъдодҳое ҳастанд, ки бояд шиносоӣ шаванд ва ононро ташвиқ кард, то созмонро тарк накунанд. Афроди калидӣ саъй доранд, то халлоқ, бо-энергия ва хатарпазир бошанд. Ба ҳамин хотир, онҳо дар созмони уфуқӣ бо сохтори кӯчак ва ташвиқҳои сатҳи поин низ бо муваффақият даст меёбанд. Дар дастрас нигоҳ доштани тавлидкунандагони мол ва хизматрасонии фарҳангӣ дар тиҷорат ба як муҷодила табдил шудааст. Як дидгоҳ, рози нигоҳ доштани тавлидкунандагон аз тариқи ташвиқҳои молӣ ва механизмҳои созмонӣ назири гурӯҳҳои хос бо озодиҳо ва истиқлолҳои хос мебошанд, ҳарчанд ки ин ташвиқҳои хос боиси эҷоди ихтилоф ва дилсардии дигарон мешавад.

2. Навъи дуюм, «таҳиякунандагон» ном доранд, ки бар рӯйи тавлид тамаркуз доранд. Онон мунташиркунандагони албомҳои мусиқӣ, таҳиякунандагони филмҳо ва ноширони интишоротҳо ҳастанд. Омили муваффақияти калидӣ дар ин гуна созмонҳо, амалиёт, муҳандисии тавлид ва тавоноии баҳрабардорӣ аз мунҳании таҷриба ҳастанд. Афроди калидӣ дар ин созмонҳо мунзабит, харҷгаро, маҳсулгаро, назораткунандаи маҳсул, шуғл ва хатаргурезанд. Як созмони мутамарказ бо назоратҳои сахт як заминаи муносиберо фароҳам меоварад.

3. Навъи сеюм, «тавзеҳкунандагон» ном доранд, ки дар умури бозорёбӣ ва тавзеъ тахассус доранд. Онон тавзеъкунандагон, фурӯшгоҳҳои хурди тавлиди албоми мусиқӣ, филм, санъати нашр ва ғайра мебошанд. Омили калидии муваффақият дар амри тавзеъ, маъмулан шомили назорати мавҷудиҳо, тавзеи физикӣ, иртиқо ва дастрасӣ ё назорати роҳҳои тавзеҳ мебошанд. Афроди калидӣ низ дар бахшҳои бозорёбӣ ва тавзеъ қарор доранд. Як созмони ғайримутамарказ бо назорати маҳдуд ва ташвиқҳои сатҳи поён метавонад дар ин маврид асарбахш бошад[4].

Равишҳои дигар ҷиҳати ҳалли мушкили созгорӣ, маҳдуд кардани касбу кор ба як вазифа ва иҷоза ба соири созмонҳо ҷиҳати анҷоми вазифаҳои дигар аст. Созмонҳое, ки сармоягузории калон анҷом медиҳанд, кори худро ба тавлид маҳдуд мекунанд ва дар вазифаҳои дигарон дахолат намекунанд. Ҳангоме ки таҳиякунандагон ва тавзеъкунандагон дар бозор мушорикат мекунанд, мушкилот бештар мешаванд. Агар яке аз ин ду бар дигаре султа ёбанд, мушкил коҳиш меёбад, вале агар ҳарду аз назари қудрат, яксон бошанд, мушкилоти мартуб ба созгорӣ ба вуҷуд хоҳад омад.

Дар ниҳоят, муваффақият дар созгорӣ байни ҷузъҳо ва стратегия боиси асарбахшӣ дар бозор аз кӯтоҳмуддат ба миёнмуддат мешавад.

Мутолиоти осори дигарон дар ҳавзаи амалкарди бозори фарҳангӣ моро ба гузоришҳои оморӣ, ки тавассути созмонҳои мухталиф дода шудаанд, ошно месозад. Дар бораи омори тиҷорати фарҳангӣ, метавон ба гузориши чанд созмон, аз ҷумла

гузоришҳои ЮНЕСКО, муассисаи Аниктод ва ширкати Пройс Вотер Ҳоус Куперз истинод кард. Дар ин гузоришҳо, ки шомили воридот ва содироти молҳо ва хизматрасонии фарҳангӣ аст, аз модели мафҳумӣ истифода шуда, ки бар асоси муҳтавоӣ фарҳангии молҳо ва хизматрасонӣ мутафовитанд.

Дар гузориши ЮНЕСКО, барои санҷиши арзиши воқеии молҳо аз додаҳои гумрук, ки дар пойгоҳи иттилооти Созмони Милал (UNcomtrade database) мавҷуд аст ва барои санҷиши арзиши воқеии хизматрасонӣ, аз омори тарози пардохтҳои мубодилаҳои сандуқи байналмилалии асъор (IMF), ки тибқи системаи табақабандии EBOPS (extended balance of paymens system), ки дар соли 2002 ба иҷро даромадааст, истифода шудааст[5].

Муассисаи Аниктод дар гузориши 2005-и худ, арзиши бозори ҷаҳонии саноати дорои муҳтавои болои фарҳангӣ ва халлоқро 3,1 триллион доллар баровард кардааст.

Аз соли 2000 ба ин тараф, ин саноат солона 7% рушд доштааст. Саноати фарҳангӣ ва халлоқ дар Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва тавсеа (OECD) ки беш аз 30 кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар он узвият доранд, аз ҷойгоҳи калидӣ бархурдор шуда, солона байни 5 то 20% рушд доштааст.

Бонки ҷаҳонӣ дар гузоришии 2003-и худ саҳми ин саноатро аз тавлиди ноxолиси дохилии ҷаҳон, 7% эълом ва пешбинии он барои соли 2008, афзоиши ин рақам ба 7,1 триллион доллар будааст.

Муассисаи Пройс Вотер Ҳоус Куперз, бо пешбинии рушди мустамари ин бахш, ҳаҷми харҷҳои ҷаҳонии саргармӣ ва расонаҳоро барои соли 2010 бештар аз 8,1 триллион доллар пешбинӣ карда буд. Ин муассиса, маҷроҳои диҷитолии тавзеъ ва коҳиши зиёнҳои баромада аз чоп ва таксири ғайриқонунӣ ва албатта, рушд ва шукуфоии бозорҳои Осиёро аз омилҳои муассири ин рушд медонад[6].

Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти 20-120 кишвар тавассути ЮНЕСКО, нишон медиҳад, ки байни солҳои 1994 ва 2002, тиҷорати байналмилалии молҳои фарҳангӣ аз 38 млрд. доллар ба 60 млрд. доллар афзоиш ёфт ва саноати халлоқ ва фарҳангӣ, беш аз 7% маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Бозори ин саноат дар ихтиёри теъдоди каме аз кишварҳоест, ки дорои даромади солонаи зиёд мебошад. Саҳми кишварҳои дар ҳоли тавсеа аз содироти молҳои фарҳангӣ ҳарчанд афзоиш ёфта, вале камтар аз 1% будааст.

Арзиши тиҷорати молҳои фарҳангӣ дар кившарҳои тавсеаёфта байни солҳои 1980 ва 1997 се баробар шуда, ба 123 млрд. доллар расидааст. Дар ҳамин давра, дар кившарҳои дар ҳоли тавсеа, арзиши тиҷорати ҷаҳонии молҳои фарҳангӣ рушди бештаре дошта, 10 баробар зиёд шудааст. (Аз 5,5 млрд ба 57 млрд доллар расидааст).

Дар соли 1998 дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа, арзиши содирот бар арзиши воридот дар ҳоли бештар шуд, ки дар кишварҳои пешрафта акси он иттифоқ афтод. Албатта, ин рушд ба таври мусовӣ дар ҳамаи кишварҳои узви ин гурӯҳ иттифоқ наафтод, балки танҳо дар чанд кишвар рух додааст. Дар ин сол, бештари афзоиши тиҷорӣ, мутааллиқ ба кишварҳои Ҷопон 5,14 млрд. доллар, Чин 3,13 млрд. доллар, Малайзия 7,5 млрд. доллар, Мексика 5 млрд. доллар, Ирландия 7,2 млрд. доллар ва Кореяи Ҷанубӣ 6,2 млрд. доллар будааст. Бузургтарин бозорҳои масрафи молҳои фарҳангӣ, Амрико, Гонкон, Канада ва Австралия ба шумор мераванд. Аксари кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба ҷуз Ирландия ва то ҳадде Белгия ва Голландия, дар ин давра, поёнравии тиҷорӣ доштаанд.

Сохтори тиҷорат низ мутаҳаввил шудааст. Аз соли 1980 ба ин сӯ, молҳои мусиқӣ (дастгоҳҳои пахш ва забт ва абзори мусиқӣ) бо саҳми муодили 25% аз содирот ва воридот, бар бозор мусаллат будаанд. Вале батадриҷ саҳми молҳои варзишӣ ва бозиҳо афзоиш ёфт ва саҳми молҳои синамоӣ ва аккосӣ ва ҳунарҳои таҷассумӣ низ коҳиш ёфт.

Тибқи гузориши 16-и декабр 2005 ЮНЕСКО, дар соли 2002, се кишвар - Англия бо 5,8 млрд. доллар ва Амрико бо 6,7млрд. доллар ва Чин бо 2,5млрд доллар ба танҳоӣ 40% аз саҳми бозори ҷаҳонии маҳсулоте чун китоб ва СД ва бозиҳои видеоӣ муҷассамасозиро дар ихтиёр доштанд, дар ҳоле ки саҳми маҷмӯаи кишварҳои Амрикои Лотинӣ ва Африқо аз ин бозор танҳо 4% будааст. Дар ҳамин сол бар асоси иттилооти гумрук, Амрико бо ҳаҷми воридоти 3,15 млрд доллар бузургтарин воридкунандаи молҳои фарҳангӣ буд. Пас аз он ба тартиб Англия 8,7 млрд. ва Олмон 4,1 млрд. қарор доранд [7].

Дар бораи тиҷорати хизматрасонии фарҳангӣ, омори ҳамаи кишварҳо мавҷуд нест. Аз ин бадтар, иттилооти марбут ба тиҷорати электроникии молҳо ва

хизматрасонии фарҳангӣ низ дар дастрас нест. Дар бораи хизматрасонӣ омори мавҷуд нишон медиҳад, ки дар хизматрасонии мусиқӣ ва филмӣ, Амрико бо 7,6 млрд. доллар, бузургтарин содиркунанда будааст. Англия дар мақоми дуюм қарор дорад бо 5,1 млрд доллар, Ҳиндустон бо тавлиди солонаи 700 филм бузуртгарин тавлидкунандаи филми синамоист. Ин рақам барои Амрико 400 филм дар як сол аст. Дар соли 2003 Ҳиндустон 877 филм ва Амрико 593 филм тавлид кардааст. Дар ҳоли ҳизир, арзиши саноати халлоқ ва фарҳангии Ҳиндустон 3,4 млрд. доллар бароварда шудааст ва нархи рушди он 30% аст ва пешбинӣ мешавад, ки нархи рушди содироти ӯ дар солҳои оянда ба 50% бирасад.

Дар байни солҳои 1994 то 2002 кишварҳои Шарқи Осиё, 1,49% содироти ҷаҳонии бозори фарҳангро дар даст доштааст. Дар ҳоле ки саҳми Амрикои Шимолӣ аз 6,2% дар соли 1994 ба 8,7% дар соли 2002 ва саҳми Иттиҳоди Аврупо (шомили 15 кишвар), аз 9,35% дар соли 1994, ба 4,2% дар соли 2002 коҳиш ёфт[8].

Баррасиҳои оморҳо ва гузоришҳо баёнгари он аст, ки ба далели истифода аз таърифҳо ва пояҳои омории мутафовит, рақамҳои гузоришҳои созмонҳои гуногун, падидаи воҳидеро тавсиф намекунанд ва ба ҳамин далел қобили муқоиса нестанд. Вале ҳамаи ин гузоришҳо иттифоқи назар доранд, ки тиҷорати фарҳангӣ аз арқоми муҳимми тиҷорати ҷаҳонӣ ба шумор меояд ва аҳамияти нақши он дар оянда афзоиш хоҳад ёфт. Ҳарчанд ки ҳаҷми тиҷорати ҷаҳонии молҳои фарҳангӣ тайи ду даҳаи гузашта 5 баробар шудааст, вале саҳми он дар кулли тиҷорати ҷаҳонӣ бисёр ночиз ва собит мондааст.

Бузургтарин мушкилии модели мафҳумии ЮНЕСКО он аст, ки молҳо ва хизматрасонии диҷитолро нодида гирифтааст ва усулан ба тиҷорати электроникӣ ва фарҳанги маҷозӣ ба далели камбудии омор ва иттилоот напардохтааст. Афзун бар он, бахши муҳиме аз молҳои фарҳангӣ, бавижа молҳое, ки моҳияти нармафзорӣ ва иттилоотӣ доранд, ба таври ғайриқонунӣ мубодила мешаванд ва бавижа дар кишварҳое, ки ҳаққи чопро напазируфтаанд, чун тиҷорати онон дар ҷое сабт нашуда, дар омори ЮНЕСКО ғунҷонида нашудаанд. Дар натиҷа, омори бадастомада воқеӣ нест ва ҳаҷми воқеии тиҷорати ҷаҳонии молҳо ва хизматрасонии фарҳангӣ ба маротиб беш аз рақамҳои мунташиршуда аст. Албатта, набояд фаромӯш кард, ки сабт ва таҳлили вазъияти тиҷорати ҷаҳонии фарҳанг, чандон пурсобиқа нест ва фароянди тадвини ин методология муътабар ва тавлиди иттилоот тоза оғоз шудааст.

Ду раванди бузург ва асаргузор ба ҳам, зиндагии инсонро шакл медиҳанд: ҷаҳонишудан ва маҷозӣ шудан. Ҷаҳонишудан тиҷорати фарҳангиро ба нерӯи муҳаррики тавсеаи иқтисодӣ ва дар сатҳи амиқтар, ба омили тавсеаи фарҳангӣ-иҷтимоӣ табдил кардааст.

Бо рушди шитобони технологияҳои иртиботот ва иттилоот, фарҳанги маҷозӣ ва тиҷорати электроникии молҳо ва хизматрасонии фарҳангӣ дар фазоҳои шабакаӣ, аҳамяти рӯзафзун ёфта, маҷозишуданро ба нерӯи муҳаррики тағйири муҳити зиндагии инсон ва аз он муҳимтар, ба омили аслии тағйири фикрӣ ва рафторӣ ва ба маънои дақиқтар «вуҷуди инсон» табдил кардааст.

Ахбори ғамангези маргу мир ва пайомадҳои ҷисмӣ ва равонии таъсиргирифта аз бозиҳои видеоӣ дар Кореяи Ҷанубӣ, занги хатарест ҷиддӣ барои сиёсатгузорони фарҳангии ҷаҳон. Истиқболи дардноки мардум, бавижа насли ҷавон, аз барномаҳои саргармкунандае, ки бо муҳтавои пурхушунат ва шаҳватангез ва ривоҷи моделҳое, ки зидди меъёрҳои мутаорифи зебоӣ ва некӣ ва хирад аст, ин нигарониро доман мезанад, ки ҳоким будани механизми бозор бар ин расонаҳо, ба суръати ҳайратангез фарҳангеро бар ҷаҳон ҳоким мекунад, ки ба ҷойи парвариши фарзонагӣ ва хирад ва инсоният, аблаҳпарвариро ривоҷ медиҳад. Он ҳам дуруст дар замоне, ки ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар чиз ниёз дорад, ба насли фарзона ва хирадварз, ки битавонадояндаи беҳтареро рақам занад. Акнун бо ин огоҳии дарднок ва ҳақиқати талх даст ёфтаем, ки усулан рушди иқтисод ва тиҷорати ҷаҳонӣ таҳти роҳбарии нерӯҳои бозор ва ширкатҳои трансмиллалӣ бар рушди масрафи беравияи манобеи маҳдуд ва эҳёнопазири кураи замин устувор будааст.

Нақши фарҳанг дар ин миёна чист? Оё тиҷорати афсоргусехтаи фарҳанг дар шакли кунуниаш, фоҷеаҳое аз ин дастаро доман намезанад? Он ҳам дар шароите ки интизор меравад фарҳанг ислоҳгар ва ҳушдордиҳанда бошад. Оё зарурат надорад, ки давлатҳо ва созмонҳои ҷаҳонӣ дар таърифи нақши ҷадиде барои худ бо фарзонагии лозим, назорат бар тиҷорати ҷаҳонии фарҳангро дар дастури кори худ қарор диҳад ва барои он созу корҳои муассир эҷод кунанд?

Бинобар ин, барои созмоне чун ЮНЕСКО, ки мутавалии созмондиҳӣ ба тавсеаи фарҳангӣ дар сатҳи ҷаҳон аст, ду кор тавсеа мешавад:

1. Бо таҷдиди назар дар таърифҳои худ, дар заминаи молҳо ва хизматрасонии фарҳангӣ, ба молҳо ва хизмат баҳо диҳад, ки саъй доранд барои осебҳои фарҳангӣ иддаоҳои муносб диҳанд. Барои ин кор, фаъолияти созмонҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва афродеро, ки дар заминаҳои муҳити зист ва фарҳангӣ-иҷтимоӣ саъй доранд бо равандҳои вайронгари кунунӣ мубориза баранд, ҷузъи хизматрасонии фарҳангии меҳварӣ дар омори худ биғунҷонад ва барои онҳо арзиши мубодилаии вижае дар назар гирад.

2. Дар санҷиши амалкарди тиҷорати ҷаҳонии фарҳанг аз ҳолати ғайрифаъол хориҷ шуда, ба ҷойи ин ки нақши тасвиргар дошта бошад, дар нақши созмони сиёсатгузор ва нозир вориди саҳна шавад ва бо ҳадафи ислоҳи равандҳо ва пешгирӣ аз осебҳои ҷиддӣ, фаротар аз муҳосибаи арзиши мубодилаи мол ва хизматрасонии фарҳангӣ, аз ҷанбаи асарбахшӣ низ ононро арзишгузорӣ кунад.

Бо нигоҳи мутафовит ба фарҳанг ва мудирияти фарҳанг, шояд битавон барои масоили печидаи ҷаҳони муосир роҳи ҳал ёфт. Нигоҳи иқтисодӣ ба фарҳанг, бо ҳадафи шинохти воқеиятҳои бозори ҷаҳонии фарҳанг метавонад дар ин роҳ роҳкушо бошад. Ин шинохт ба мо кӯмак хоҳад кард, бозигарони аслии ин арсаро бишносем[9].

Ба ҳар ҳол, ҳақиқат он аст, ки чӣ бихоҳем ва чи нахоҳем нерӯҳои пуртавони тиҷорати ҷаҳонии фарҳанг, бисёре аз воқеаҳои ояндаро шакл хоҳанд дод. Вале ҳамон гуна ки баён шуд, шинохти осори воқеӣ ва амиқи тиҷорати ҷаҳонии фарҳанг, танҳо бо такя бар омори расмӣ ва мунташиршудаи созмонҳои муътабари байналмилалӣ дар бораи тиҷорати ҷаҳонии фарҳанг, мумкин нест. Ин шинохт яксӯя, сатҳӣ ва бас ноқис хоҳад буд.

### АДАБИЁТ


1. David Throsby. Modeling the creative. Cultural industries. Seminar on «New directions in research: Substance, method and critique», held at royal of Edinburgh. Scotland, 11-12 January, 2007.
2. Ibid.
3. David A. Aaker, Strategic market management translated by: Ali Akbar Farhangi (Ph.D). Tehran, p.390, 2006.
4. Ibid, 387.
5. [Электронный ресурс] http://hamshahrionline.ir/news/?id=15277.
6. Global entertainment and media outlook: 2006-2010. Price water house coopers.
7. International flows of selected cultural goods and services, 1994-2003. UNESCO Institute for statistics. UNESCO Sector for culture, 2005.
8. Ibid.
9. [Электронный ресурс] http://hamshahrionline.ir/news/?


### МЕТОДЫ ОРГАНИЗАЦИИ И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ФИНАНСОВЫХ ОПЕРАЦИЙ В СФЕРЕ КУЛЬТУРНЫХ УСЛУГ


В современный период сфера услуг является одной из важнейших секторов экономики и закономерностей развития экономики во всем мире, что находит выражение в увеличении доли трудовых, материальных и финансовых ресурсов, используемых в сфере услуг. В данной статье автор рассматривает методы организации и использования финансовых операций в сфере культурных услуг.



**Ключевые слова:** культурные услуги, виды услуг, классификация услуг, эффективное управление процессом оказания услуг, особенности организации услуг, сфера потребления, характеристика услуг.


### METHODS OF ORGANIZATION AND USE OF FINANCIAL OPERATIONS IN THE SPHERE OF CULTURAL SERVICES


In the modern period, the service sector is one of the most important sectors of the economy and patterns of economic development in the world, which finds expression in the increase of the share of labor, material and financial resources used in the services sector. In this article the author considers the methods of organization and use of financial operations in the sphere of cultural services



**Key words:** cultural services, services, services classification, effective management of the service delivery process, especially the organization of services, the consumer sector, description of services.



**Сведения об авторе:** ***Гуломризо Асади Курд*** – соискатель Таджикского национального университета. Телефон: **917-02-71-10**

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТИ ҲАМЛУ НАҚЛ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОД

*Ҳамид Бахромӣ*
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ,**
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Шуштар, Эрон**

Имрӯза ҳамлу нақл яке аз ҷузъҳои муҳимми иқтисоди миллӣ маҳсуб мегардад ва ба далели доштани нақши зербиное таъсири фаровоне бар фароянди рушди иқтисодии кишвар дорад. Ин бахш дарбаргирандаи фаъолиятҳое аст, ки ба шакли васеъ дар тамоми заминаҳои истеҳсолот, тавзеу масрафи мол ва хадамот ҷараён дошта, дар маҷмӯаи фаъолиятҳои иқтисодӣ нақши ғайриқобилиқабули инкореро бар уҳда дорад.

Коҳиши хароҷоти ҳамлу нақл ва бахусус, коҳиши хароҷоти арзаи моли истеҳсолӣ ба бозорҳои масрафкунанда, нақши зиёде дар тавони рақобат ва густариши дигар бахшҳои иқтисод, аз ҷумла саноат ва ниҳоятан, иқтисоди миллӣ дорад, лизо барои барномарезиҳои оянда, баррасии ҷойгоҳи кунунӣ ва потенсиали ҳамлу нақл дар иқтисоди кишвар, чашмандози ояндаи ҷаҳонии он ва шинохти камбудиҳо ва мушкилоти марбута аз қадамҳои аввалин мебошад.

Дар ин мақола бо баррасии ҷойгоҳи ҳамлу нақл дар иқтисоди кишвар ва арзиши афзудаи вазъияти мавҷуд ва ояндаи ҳамлу нақли Эрон дар ҷаҳон ва таҳаввулоти иқтисодии бахши ҳамлу нақл батафсил мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Имрӯз ҳамлу нақл яке аз ҷузъҳои муҳимми иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад ва ба далели доштани нақши зербино таъсири фаровоне бар фароянди рушди иқтисоди кишвар дорад. Ин бахш дарбаргирандаи фаъолиятҳое аст, ки ба шакле доманадор дар тамоми заминаҳои истеҳсолот, тавзеъ ва масрафи мол ва хадамот ҷараён дошта, дар маҷмӯъ фаъолиятҳои иқтисодӣ нақши ғайриқобилиинкореро бар уҳда дорад.

Бидуни вуҷуди шабакаи ҳамлу нақл, таъсисоту таҷҳизоти ҷонибӣ ва навгонӣ матлуби тасаввури рушд ва тавсиаи умумии кишвар ғайримумкин ба назар мерасад. Асосан, дар рушд ва тавсеаи иқтисод ва тиҷорати ҷаҳонӣ дар давраи ҳозира ва раванди густариши он наметавон нақши системҳои ҳамлу нақл дар беҳтарсозии хароҷот, замони сафар, суръати ҷобаҷоӣ, бехатарӣ ва сатҳи хадамоти ироашударо инкор намуд.

Бархе бар ин бовар ҳастанд, ки ҳамлу нақл аз абзорҳои ибтидоии тавсеа мебошад. Рушд ва тавсеаи иқтисоди ҷаҳонӣ, талоши кишварҳо барои истифодаи беҳтар аз тавонмадиҳо ва фурсатҳои дарихтиёрдошта ва фишурда шудани рақобат дар арсаҳои ҷаҳонӣ сабаби гашт то ҳамлу нақл ба воситаи нақши мустақиме, ки дар коҳиши хароҷоти тамомшудаи истеҳсолот ва дастрасӣ ба бозор ва дар ниҳоят афзоиши тавони рақобат дар арсаи тиҷорати байналмилалӣ, махсусан барои кишварҳое, ки ҳаҷми тиҷорати хориҷии (содирот ва воридот) онҳо боло мебошад. Аз ҷойгоҳи баланд дар мудирият, барномарезиву сармоягузорӣ ва ҳатто таҳқиқот бархурдор гардад.

Таъсири чунин хусусият сабаб гашта, то нигаришҳои гузашта нисбат ба ҳамлу нақл тағйир ёбад ва ба ҳамлу нақл ба унвони як бахши иқтисодӣ-хадамотии муҳим нигариста шавад.

Нақши зербиноии ҳамлу нақл дар таҳаққуқи тавсеаи иқтисодӣ ва зарурати бархурдорӣ аз системҳо ва шабакаҳои ҳамлу нақли мол, тавон ва ҳамқадамии меъёрҳои байналмилалиро металабад, то нисбат ба сармоягузорӣ дар бахши роҳ ва таробарӣ таваҷҷуҳи шоистатаре мабзул гардад. Ҳамчунин раванди ташкили сармоя ва арзиши афзуда дар бахши ҳамлу нақл ва кулли иқтисоди кишвар баёнгари ин воқеият аст, ки бахши ҳамлу нақл билнисбат аз потенсиали билқувваи болотаре бархурдор мебошад ва ин потенсиал дар сурати рафъи мушкилоте ҳамчун кам будани нархи бозгашт, сармоя ва маҳдудиятҳои қонунӣ ба маротиби болотар аз сатҳи кунунӣ қарор хоҳанд гирифт.

Аз дидгоҳи сарфи хароҷоти ҳамлу нақл дар қиммати тамомшудаи мол дар кишварҳои тавсеаёфта дар ҳоли тавсеа ва кулли ҷаҳон ба тартиби 4/3, 8/25 ва 5/4 фоиз мебошад.

**Асарҳои муҳимми иқтисодии ҳамлу нақл.** Бахши ҳамлу нақл ба сурати кӯтоҳмуддат миёни муддат ва дарозмуддат бар мутағайирҳои аслии иқтисоди кишвар, монанди истеҳсолоти кулл, тавлид дар бахшҳои иқтисодӣ, иштиғоли кулл, иштиғол дар бахшҳои иқтисодӣ, қиммат дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ ва шохиси

хароҷоти зиндагӣ асар мегузорад. Асарҳои кӯтоҳмуддат шомили асарҳои марбут ба афзоиш ё коҳиши хароҷоти зиндагӣ ба таври мустақим аз тариқи хароҷоти ҳамлу нақл ва нақли ҳар хонавода ва ба таври ғайримустақим аз тариқи таъсири рӯйи қиммати дигар молҳо ва хидматҳои мутаассир, аз қимматҳои ҳамлу нақл мебошад.

Асарҳо миёни муддат шомили таъсири қимматҳои ҳамлу нақл рӯйи масрафи хидматҳои ҷойгузин, аз қабили иртибот буда, асарҳои дарозмуддат марбут ба тағйири мабонии муҳосиботи иқтисодии тарроҳиҳои истеҳсолӣ ва сохтмонӣ мебошад.

Ба таври куллӣ, таркиби фаъолиятҳои истеҳсолӣ дар ҳар минтақа ва ба табъи он таркибёфтаи истеҳсолот, таркиби иштиғол, ҳаҷми истеҳсолот, ҳамаи даромади сарона ва дигар мутағайирҳои иқтисодии зирбат метавонанд аз тағйироти қиммати хадамоти ҳамлу нақл таъсир пазиранд. Дар мутолиоти иқтисодии ҳамлу нақл асари тағйири қиммати хадамоти ҳамлу нақл бар шохис ҳазинаи зиндагиро ба сурати ҷадвали шумораи 1 баровард кардаанд[1].

**Ҷадвали 1. Асари тағйири қиммати хадамоти ҳамлу нақл бар нишондоди хароҷоти зиндагӣ**

| Фоизи тағйироти қиммати хадамоти ҳамлу нақл | Фоизи тағйироти нишондоди ҳазинаи зиндагӣ |
|---|---|
| 5 | 0/55 |
| 10 | 1/10 |
| 15 | 1/80 |
| 20 | 2/20 |
| 30 | 3/30 |
| 40 | 4/40 |
| 50 | 5/50 |
| 100 | 11/00 |

Ба манзури дастёбӣ ба тасвире равшан аз ҷойгоҳи ҳамлу нақл дар иқтисоди кишвар бо мурури бар нишондоди арзиши афзуда ва сармоягузорӣ дар бахши ҳамлу нақл ба таҳлили иҷмолии фаъолияти зербахшҳои гуногуни ҳамлу нақл аам аз ҷоддаӣ, релсӣ, дарёӣ, ҳавоӣ мепардозем.

**Арзиши афзудаи бахши ҳамлу нақл.** Арзиши афзудаи ҳар бахши иқтисодӣ муҳимтарин мутағайири таъйинкунандаи ҷойгоҳи он бахш дар кулли фаъолиятҳои иқтисодии кишвар мебошад. Арзиши афзудаи кулли иқтисоди миллӣ, ки таҳти нишондоди тавлиди нохолиси миллӣ мафҳум мегардад, маҷмӯае аз бахшҳои гуногуни иқтисодиро шомил мешавад, ки ҳамлу нақл низ аз зермаҷмӯаҳои ташкилдиҳандаи он мебошад.

Тавлиди нохолиси дохилии давраи 1378-1386 дорои рушди миёнаи солона 5,6% будааст, дар ҳоле ки бахши ҳамлу нақл дар ҳамин давра аз рушди миёнаи солона 8,5% бархурдор шудааст. Муқоисаи рақамҳои мазкур нишон медиҳад, ки рушди арзиши афзуда дар бахши ҳамлу нақл таи давраи мавриди баррасӣ ҳудуди 3% болотар аз рушди тавлиди нохолиси дохилӣ будааст.

Баррасии саҳми арзиши афзудаи бахши ҳамлу нақл дар истеҳсоли нохолиси миллии кишвар баёнгари ин воқеият аст, ки ин мутағайир дар маҷмӯъ аз раванди саудӣ бархӯрдор будааст ва аз 6,2% дар соли 1378 ба 7,5% дар соли 1386 расидааст. Болотарин саҳм низ бо рақами 8,0% марбут ба соли 1383 мебошад[2]. Ҷадвали шумораи 2 саҳми арзиши афзудаи бахши ҳамлу нақли кишварро таи чанд соли охир нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2. Арзиши афзудаи зербахшҳои ҳамлу нақл ва кулли кишвар**

| Сол | Фоизи арзиши афзудаи зербахшҳои ҳамлу нақл нисбат ба кулли бахши ҳамлу нақл | | | | Фоизи арзиши афзудаи бахши ҳамлу нақл нисбат ба кулли кишвар |
|---|---|---|---|---|---|
| | заминӣ | роҳи оҳан | ҳавоӣ | дарёӣ | |
| 1380 | 89 | 6 | 4 | 1 | 7/2 |
| 1381 | 85 | 9 | 4 | 1 | 7/7 |
| 1382 | 86 | 7 | 4 | 4 | 7/8 |
| 1383 | 77 | 8 | 10 | 4 | 8/0 |
| 1384 | 75 | 9 | 12 | 4 | 7/3 |
| 1385 | 76 | 7 | 14 | 3 | 7/3 |
| 1386 | 75 | 7 | 15 | 3 | 7/5 |

**Сармояи собити нохолис дар бахши ҳамлу нақл.** Ташкили сармояи собити нохолис яке аз мутағайирҳои асосии иқтисодӣ аст ва баёнгари сатҳи сармояе аст, ки барои истеҳсоли арзиши афзудаи ҳар бахши иқтисодӣ харҷ шудааст. Ташкили сармоя шомили ду қисмати аслии мошинолот ва сохтмон мебошад[3]. Баррасии раванди ташкили сармояи собити нохолис дар кулли бахшҳои иқтисодӣ тайи давраи замони 1367-1375, раванди афзоиши миёнасолона 10,1%-ро нишон медиҳад ва ин дар ҳоле аст, ки рушди ин нишондод дар бахшҳои хадамот ва ҳамлу нақл тайи ҳамин давра баробари 8,2 ва 6,5% будааст[3]. Яъне раванди ташкили сармоя дар бахшҳои ҳамлу нақл натанҳо аз миёна кулли бахшҳои иқтисодӣ, балки аз бахши хадамот низ ба маротиби камтар будааст. Дар ҳоле ки нақши ҳамлу нақл дар рушду тавсеаи пойдори иқтисоди кишвар металабад, то рушди ин нишондод ҳадди ақал муодил ва ҳампояи сатҳи рушд дар кулли иқтисоди кишвар бархӯрдор гардад. Ҷадвали 3 саҳми эътиборҳои сохтмонии бахши ҳамлу нақлро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3. Саҳми эътиборҳои сохтмонии бахши ҳамлу нақл аз кулли сармоягузориҳои сохтмонии кишвар**

| Барнома | Давраи иҷро | Саҳми бахши ҳамлу нақл (%) |
|---|---|---|
| Барномаи аввал (7 сола) | 1328-1334 | 23/8 |
| Барномаи дуюм (7 сола) | 1335-1341 | 37/4 |
| Барномаи сеюм (5 сола) | 1342-1346 | 14/6 |
| Барномаи чаҳорум (5 сола) | 1347-1351 | 17/4 |
| Барномаи панҷум (5 сола) | 1352-1356 | 7/0 |
| Барномаи аввал ҷ. 1.1 (5 сола) | 1367-1382 | 14/6 |
| Барномаи дуюм ҷ. 1.1 (5 сола) | 1373-1378 | 9/3 |

Ончунон ки аз рақамҳои ҷадвали фавқ мушаххас мебошад, саҳми эътибороти сохтмонии бахши ҳамлу нақл аз кулли эътибороти сохтмонии кишвар дорои раванди нузулӣ будааст. Далели он низ кушода шудани уфуқҳо ва заминаҳои нав ҳамчун санъат, мухобирот, энергия, омӯзиш ва ғайра дар даҳаҳои охир мебошад. Бо ин ҳол, бо иноят ба нақши зербинои ҳамлу нақл дар таҳаққуқи тавсеаи иқтисодӣ ва зарурати бархӯрдорӣ аз системҳо ва шабакаҳои ҳамлу нақлии коро, тавоно ва ҳампой бо меъёрҳои байналмилалӣ металабад, то нисбат ба сармоягузорӣ дар бахши роҳ ва таробарӣ таваҷҷуҳи шоистатаре гардад.

Муқоисаи раванди ташкили сармоя ва арзиши афзуда дар бахши ҳамлу нақл ва кулли иқтисоди кишвар баёнгари ин воқеият аст, ки бахши ҳамлу нақли нисбатан ва потенсиали билқувваи болотаре бархӯрдор мебошад ва ин потенсиал дар сурати рафъи мушкилоте, ҳамчун кам будани нархи бозгашти сармоя ва маҳдудиятҳои қонунӣ ба маротиби болотар аз сатҳи кунунӣ қарор хоҳад гирифт.

**Иштиғолзоии бахши ҳамлу нақл.** Иштиғол ва арзиши афзуда дар бахши ҳамлу нақл аз меъёрҳои арзёбии рушд ва тавсеаи иқтисодии кишварҳо маҳсуб мегардад, яъне ҳамон гуна ки тавсеаи шабакаи ҳамлу нақл бар рушди иқтисодӣ таъсиргузор аст, рушд ва тавсеаи иқтисодии кишвар низ дар эҷоди як низоми матлуб ва рушди шабакаи ҳамлу нақл асари мутақобил дорад.

Мавзӯи муҳим дар иштиғолзоӣ сатҳи сармоягузорӣ барои ҳар шуғл аст. Ҳамлу нақл, зимни ин ки яке аз муҳимтарин зербахшҳои хадамот барои иштиғолзоӣ аст, дорои ин қобилият аст, ки бо сармоягузории нисбатан маҳдуде афзоиши қобили таваҷҷуҳе дар иштиғоли кишвар ба вуҷуд овард.

Бар асоси натиҷаҳои сармоягузориҳои умумӣ нуфуз ва маскани кишвар дар солҳои 1345, 1355, 1365, 1370, 1375 ва 1385 сатҳи иштиғол дар фаъолияти ҳамлу нақл, иртибот ва анбордории иқтисоди кишвар мутобиқи ҷадвали 4 мебошад[4]. Лозим ба зикр аст, ки иттилооти марбут ба иштиғоли ғайримустақими бахши ҳамлу нақл ва саноеъ дар ҷадвали зер манзур нашудааст.

**Ҷадвали 4. Сатҳи иштиғол дар бахши ҳамлу нақл, иртибот ва анбордорӣ тайи солҳои 1345-1385 воҳид: ҳазор нафар**

| Сол | Шоғилини бахши ҳамлу нақл, иртибот ва анбордорӣ | фоиз нисбат ба кулли шоғилини кишвар |
|---|---|---|
| 1345 | 224 | 3% |
| 1355 | 431 | 5% |
| 1365 | 631 | 6% |

| | | |
|---|---|---|
| 1370 | 762 | 6% |
| 1375 | 973 | 7% |
| 1385 | 1150 | 7,4% |

Ҳамон тавр ки дар ҷадвали боло мулоҳиза мегардад, тайи солҳои 1345-1385 раванди сатҳи иштиғол дар ин фаъолияти иқтисодӣ саудӣ буда, ки бо раванди саудӣ саҳми бахши хадамот ба кулли кишвар мутобиқат дорад. Мутолиоти анҷомшуда дар хусуси иштиғол дар зербахшҳои гуногуни ҳамлу нақл ба шарҳи зайл мебошад:

**Зербахшҳои ҷодаӣ**. Аз миёни шеваҳои ҳамлу нақл ҳамлу нақли ҷодаӣ бештарин имкони ҷазби нерӯи корро дорад. Бровардҳои анҷомшуда тавассути бонки марказии Ҷумҳурии Исломии Эрон гувоҳӣ аз он аст, ки дар соли 1386 беш аз 1 млн нафар дар бахши ҳамлу нақли ҷодаии кишвар машғул ба кор будаанд, ки нисбат ба соли қабл аз он ҳудуди 3,4% рушд доштааст. Аз ин теъдод ҳудуди 256 ҳазор нафар (ҳудуди 15% кулли шоғилин) дар бахши мусофир ва бештар бар 883 ҳазор нафар (ҳудуди 85 фоизи кулли шоғилин) низ дар бахши бор фаъолият менамудаанд[5].

**Зербахшҳои релсӣ (роҳи оҳан)**. Сатҳи иштиғолзоӣ дар роҳи оҳан (шомил аз баҳрабардорӣ, таъмир ва нигоҳдорӣ) ва бо таваҷҷуҳ ба сатҳи бор ва мусофир, сатҳи механизатсия, баҳраварӣ ва шароити ҳар кишвар фарққунанда аст. Дар ҳоли ҳозир теъдоди кулли нерӯи инсонии шоғил дар роҳи оҳани кишвар ба изои ҳар километри шабака ҳудуди 5 нафар аст. Бар асоси омори мавҷуд теъдоди коркунони роҳи оҳан дар соли 1386, 38756 нафар будааст[6].

**Зербахшҳои ҳавоӣ**. Машоғили эҷодшуда дар бахши ҳамлу нақли ҳавоӣ дар муқоиса бо ҳамлу нақли ҷодаӣ ва роҳи оҳан кам мебошад, чун бахши муҳимме аз сармоягузориҳо барои хариди таҷҳизоти ҳамлу нақли ҳавоӣ ихтисос меёбанд. Аз тарафи дигар, чун бештари афроди шоғил дар ин бахш аз афроди мутахассис ва таҳсилкарда ташкил ёфтаанд, арзиши афзудае, ки ин афрод эҷод мекунанд, дар муқоиса бо дигар зербахшҳои ҳамлу нақл бисёр бештар мебошад, ба истиснои зербахши ҳамлу нақли дарёӣ, ки шароити бо ҳам монанде дорад.

Бар ин асос, дар соли 1374 ҳудуди 48825 нафар дар бахши ҳамлу нақли ҳавоӣ машғул ба кор будаанд [7].

**Зербахши дарёӣ.** Дар ҳамлу нақли дарёии фаъолиятҳои пуштибонии киштиронӣ аз қабили ироаи хадамоти бандарӣ, паймонкорӣ, боргирӣ ва тахлия, таъмини нерӯи инсонии мутахассис дар самтҳои афсарӣ ва радаҳои мулунӣ, тадоруки сӯхт, об, озуқа ва ғайра киштиҳо, анҷоми таъмироти сафарӣ ва адвориву ироаи омӯзиши муртабит бо муқаррароти судури мадорики шоистагии ҳамагӣ, аз ҷумлаи мавридҳое ҳастанд, ки иштиғолзо буда, ҷамъан ҳудуди 10 ҳазор нафар фурсати шуғлиро эҷод намудаанд, ки фақат дар созмони бандарҳо ва киштиронӣ 5728 нафар дар поёни соли 1386 дар бандарҳои ҷануб ва шимоли кишвар, ҳамчунин дар Теҳрон машғул ба кор будаанд. Теъдоди коркунони созмони бандарҳо ва киштиронӣ ва ҳамчунин ширкатҳои киштиронии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 1386, 12622 нафар будааст[8]. Дар ҷадвали шумораи 5 омори коркунони бахшҳои мухталифи ҳамлу нақл дар соли 1386 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 5. Омори коркунони бахшҳои мухталифи ҳамлу накл дар соли 1386 воҳид: нафар**

| Номи зербахшҳо | Ҷоддаӣ | Релсӣ | Ҳавоӣ | Дарёӣ |
|---|---|---|---|---|
| **теъдоди коркунон** | **1150000** | **39756** | **48825** | **12622** |

**Тавсеаи ҳамлу нақл дар тавсеаи пойдори ҷаҳон**. Баррасии раванди иқтисоди ҷаҳонӣ ва пешбинии дурнамои он мутмаинан вазъияте комилан рақобатӣ дар шароите бисёр танготанг ва фишурда дар куллияи абъодро байни кишварҳо тасвир менамояд. Дар чунин фазое кишварҳо талош мекунанд, то барои идомаи рақобат бо дигар кишварҳо ва ҳифзи манофеи миллӣ аз шароити маконӣ ва замонии худ бахрабардории муносиб ва беҳинаро бинамоянд ва зимни таҳлили вазъияти дохилӣ ва ҷаҳонӣ бо шиносоии потенисиалҳо, имконот, тавонмандиҳо ва мазиятҳои нисбӣ ошкор ва пинҳон аз онҳо дар ростои идомаи фаъолият, рақобат ва болandaгӣ ба унвони абзоре коромад истифода бинамоянд.

Нуктаи муҳим ва начандон ошкор дар ин хусус зарурати ҳамкорӣ ва таомул дар кулли заминаҳо аам аз фаннӣ, иқтисодӣ, идорӣ ва иртиботӣ байни кишварҳо барои ҳифзи раванди рӯ ба рушди кунунӣ ва тасбияти тавсеаи пойдории ҷаҳон дар айни

ҳокимият фазои рақобатӣ мебошад. Дар сояи чунин ҳамкорӣ аст, ки метавон ба масоиле ҳамчун ҳифзи муҳити зист, оромишбахшӣ, тавзеи одилонаи манофеи байни кишварҳо ва ба таври хулоса баҳрабардорӣ аз потенсиалҳои ҷаҳонӣ пардохт. Намуди шаклгирии чунин ҳамкории ҷаҳониро дар бахши тиҷорат метавон ба таври нисбӣ созмони тиҷорати ҷаҳонии (WTO) донист.

Дар ду даҳаи охир бар асари рушди босуръати фановарӣ, поён ёфтани рақобати низомии доварон, ҷанги сард ва марзбандиҳои мураттаб бар он ва ҳамчунин дарки бештари ҷаҳонӣ нисбат ба зарурати наздикӣ ва ҳамкории бештар, тиҷорати хадамоти босуръати рушд ва тавсиаёфта аст. Ба тавре ки акнун дар арсаи тиҷорати миллӣ ва байналмилалӣ, бахши хадамот ҳамчун кишоварзӣ-домдорӣ ва санъати маъдан яке аз рукнҳои асосии иқтисод ва ҳатто шояд ба лиҳози судоварии нисбии болои он ва сервисдиҳӣ ба ду бахши дигари иқтисод муҳимтари маҳсуб мегардад. Ҳамлу нақл низ ба унвони яке аз бахшҳои рукни хадамот, аз нақши барҷаста ва бунёдин дар рушди иқтисодҳои миллӣ, тавсеаи иқтисод ва осон намудани тиҷорати ҷаҳонӣ бархӯрдор аст ва дарбаргирандаи фаъолиятҳое аст, ки ба шакли густурда дар кулли фаъолиятҳои иқтисодӣ ҷорӣ буда, нақши ғайриқобили инкор ифо менамояд.

Таъсири мустақими хароҷоти ҳамлу нақл дар қиммати тамомшудаи мол боис гашта, ки таваҷҷуҳи чашмгире ба беҳинасозии ҷузъҳои дохилӣ дар фароянди ҳамлу нақл дар ростои коҳиши хароҷот, афзоиши суръати ҷобаҷоӣ ва бехатарӣ маътуф шавад. Ба тавре ки ҳамлу нақл аз шакли суннатии гузашта хориҷ шуда ва ба унвони як фаъолияти хадамотӣ-иқтисодӣ ба он нигариста мешавад. Ин чунин аст, ки дар ҳоли ҳозир содир намудани хадамоти ҳамлу нақл бо ҳифзи раванди саудӣ аз рақами 300 млрд доллари амрикоӣ дар сол низ фаротар рафтааст[9].

**Мавқеияти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ҳамлу нақли байналмилалӣ.** Асосан, ироаи хадамоти транзитии мусталзам бархурдорӣ аз имконоти билқувва ва билфеъли мутааддиде мебошад, ки ниҳоятан сабаби барҷаста гаштани нақши кишвар дар арсаи тиҷорати байналмилалӣ мегардад. Манзур аз имконоти билқувва доштани як мавқеияти муносиби ҷуғрофиёӣ, дастрасӣ ба обҳои озоди байналмилалӣ, густурдагии тӯлӣ ва арзии ҷуғрофиёӣ, воқеъ шудан дар муҷовирати кишварҳои маҳсур дар хушкӣ аст ва манзур аз потенсиалҳои билфеъл низ бархурдорӣ аз системҳои ҳамлу нақли муносиб ва густурда, кайфияти муносиб дар бахшҳои новагон, зербино ва хадамоти ҷонибӣ ҳамчунин сервисҳои иттилоърасонӣ ҳамоҳангӣ ва созгорӣ бо системҳои ҳамлу нақли кишварҳои минтақа, доштани конунҳо ва муқаррароти муносиб бо шароити рӯз, ҳамкории наздик ва равобити сиёсӣ дар сатҳи боло бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон мебошад. Меҳани Исломии Эрон аз ҳадиси тавонмандиҳои билқувва дорои имтиёзот ва мухтасоти бисёр муносиб ва нодире дар сатҳи ҷаҳон мебошад.

Фурӯпошии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ ва аз байн рафтани тафаккуроти эҷоди девори оҳанини ҳокимони он ва билтабъ шаклгирии ҷумҳурии мустақили худмухтор дар муҷовирати марзҳои шимолии кишвар, ки аксаран дар хушкӣ ҳифз шуда, аз иртиботи мустақим бо обҳои озоди байнамлмилалӣ маҳрум мебошанд, нақши Ҷумҳурии Исломии Эронро дар заминаи ироаи хадамоти байналмилалии ҳамлу нақл ба якбора мумтоз сохт.

Илова бар ин, фарогирии кишвар дар масири ду қутби азими иқтисодии ҷаҳон, яъне Иттиҳоди Аврупо ва Шарқ ва ҷанубу шарқи Осиё бо таваҷҷуҳ ба ҳаҷми мубодилоти тиҷорӣ мусофират байни онҳо дар канори вусъати ҷуғрофии кишвар, ки давр задани кишварро то ҳудуде ғайрииқтисодӣ менамояд, мазияти асосии кишвар маҳсуб мегардад. Аз дигар потенсиалҳои ҳамлу нақли байналмилалии Эрон метавон фарогире дар канори қутбҳои ҷамъиятӣ ва сармоя ишора дошт.

Усулан, кишварҳои шимолии кишвар, аз ҷумла минтақаи Осиёи Миёна, Қафқоз ва Русия аз марказҳои муҳимми ҷамъият буда, бозор масрафи муносибе барои маҳсулоти ғарбӣ мешаванд. Дар ҷануби кишвар низ кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс аз марказҳои муҳимми анбошти сармоя мебошанд, ки баъзан, сармоягузориҳои васее низ дар бахши хадамоти байналмилалӣ ҳамчун минтақаҳои озоди Дубай ва Ҷабалулалӣ намудаанд[10].

Дар хусуси тавонмандиҳои билфеъли мавриди ишора дар заминаи ҳамлу нақли байналмилалӣ, вазъияти системҳои ҳамлу нақли Эрон дар муқоиса бо дигар кишварҳои минтақа аз сатҳ, густурдагӣ ва кайфияти нисбатан болотаре, бахусус дар бахши зербиноҳои ҳамлу нақл бархурдор мебошад. Аммо бо таваҷҷуҳ ба сатҳ ва навъҳои гуногуни хадамоти ҳамлу нақлии кишварҳои пешрафта ва қобили қабули ҷаҳонӣ, хусусан дар бахши баҳрабардорӣ ва новагон фосилаи зиёде вуҷуд дорад, ки

ин мавзӯъ дар дигар бахшҳо ва рукнҳои иқтисод ва саноат низ ба чашм мехӯрад ва лизо, ҳамлу нақл низ аз ин қоида чандон мустасно намебошад.

Бо вуҷуди ин, ҷиҳати иртиқо, муаррифӣ ва баҳрабардорӣ аз ин потенсиалҳо дар чанд соли охир ба анҷоми иқдомоти зербинои муҳимме ҳамчун эҷод ва густариши таомули амалиётии байни зербахшҳои гуногуни ҳамлу нақл, густариши ҳамлу нақли таркибӣ, иртиқои сатҳи баҳраварии амалиётӣ, нигариши иқтисодӣ ба ҳамлу нақл, роҳандозии системҳои иттилоърасонӣ ва раҳгирии бори мубодират варзидашуда ва ё дар ҳоли роҳандозӣ мебошад, то сатҳи хадамоти ҳамлу нақли кишварро ба сатҳҳои болои стандартҳои ҷаҳонӣ бирасонид. Албатта, тавфиқи муносиб дар ин замина мусталзими ҳамкории наздики бахшҳои бозаргонӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар мебошад[11].

Алорағми гузари муддати нисбатан тӯлонӣ транзит ҳанӯз ҷойгоҳи муносиб ва шоистаи худро бо таваҷҷуҳ ба рақобати шадиди байналмилалӣ ва талошҳо барои ҳазф кардани роҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар барномарезиҳо ва фаъолияти иҷроӣ пайдо накардааст. Далели аслии ин рӯйдод тамаркузи мудирият дар бахши давлатӣ ва то ҳудуде адами таваҷҷуҳи созмонҳо ба тағйир ва таҳаввулоти байналмилалӣ ва талош дар ҷиҳати созгор сохтани шароити дохилии созмонҳо бо шароит ва ниёзҳои байналмилалӣ аст. Аҳамияти таваҷҷуҳ ва барномарезии ҷудогона дар ин хусус илова бар манофеи молӣ ва даромади арзӣ бар транзит аз кишвар паёмадҳои муҳимме ба шарҳи зер, ки аз манзаре дигар аз аҳамият ба маротиби болотаре нисбат ба даромадҳои арзӣ бархӯрдор аст, ба дунбол хоҳад дошт, ки ба таври хулоса иборат аст аз:[12]

**Эҷоди эътибор ва суботи сиёсӣ**. Ба таври хулоса баҳрабардорӣ ва эҳдоси чунин коридорҳое сабаб хоҳад шуд, то манофеи иқтисодии бисёре аз кишварҳои дуне, аз ҷумла Амрико, Иттиҳодияи Аврупо ва Япония алорағми фосилаи зиёд ба далели ниёз ба манофеи бикри минтақа ба он вобаста гардад. Лизо, ҳар гуна халал дар амнияти кишвар сабаб ба мухотира афтодани манофеи ин кишварҳо хоҳад шуд. Кишвари мо низ, ба далели ин ки аз ҳалқаҳои аслии ин масир маҳсуб мегардад, дорои эътибори амниятӣ ва сиёсии байналмилалии бештаре мегардад.

**Таъсироти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ**. Роҳандозии чунин коридорҳои табаоти иҷтимоии мусбати бисёре, чун эҷоди иштиғол, ки аз муъзилоти ҷидди феълии кишвар маҳсуб мешавад, ҷазби сармоягузориҳои хориҷӣ, ошноӣ бо фарҳанги дигар миллат ва ғайра хоҳад буд. Ин ба маънои равнақи бештари саноеъ ва хадамоти худ ва ҷонибӣ ва ниҳоятан, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аст. Барои мисол метавон гуфт, коридорҳои ҳамлу нақлӣ ба манзалаи рӯдхона мебошанд, ки дар сурати ҷараён сабаби ободонӣ ва идомаи ҳаёт хоҳанд шуд.

Дар канори талош барои раҳоӣ аз иқтисод маҳсул ва рушди содироти ғайринафтӣ, ки як ниёзи ҳаётии кишвар маҳсуб мешавад, аҳамияти рӯзафзуни бахши ҳамлу нақл дар роҳи расидан ба ҳадафҳои фавқуззикр, равшантар ва шаффофтар мегардад.

Баррасии зимнии сарфаслҳои сиёсатҳои давлат дар буъди ҳамлу нақли миллӣ, сиёсатҳои тарсимӣ бар асл, ҷазби сармоягузории дохилӣ, мушорикати мардумӣ ва беҳбуди шохисҳои баҳраварӣ ва хадамотии устуворгашта ва дар буъди байналмилалӣ дар ростои сиёсат танишзудоӣ бар тавсиаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва пойдорсозии равобити байналмилалӣ, ҷазби сармояҳои хориҷӣ ва кӯмакҳои фаннӣ таъкид шудааст. Албатта, таҳаққуқи ҳадафҳои тарсимӣ дар буъди байналмилалӣ, ҳамкорӣ ва ҳамроҳии дигар бахшҳои иҷроии кишвар ҳамчун вазорати умури хориҷа, бонки марказӣ, вазорати бозаргонӣ, вазорати иқтисод ва умури дороӣ ва ғайраро талабад[13].

Илова бар потенсиали ҳамлу нақли дохилӣ ва байналмилалии марбут ба содирот ва воридот, ба лиҳози мавқеияти камназири геополитики меҳани исломӣ бахши ҳамлу нақл дар ояндаи начандон дур илова бар ироаи хадамоти муассир ба бахшҳои тавлидӣ дар роҳи тавсеа ва таҳаққуқи барномаҳои иқтисодии кишвар дар заминаи транзит низ метавонад ба унвони як манбаи таъминкунандаи арз мавриди ниёзи кишвар амал намояд ва бо арзаи имконоти худ ба тасбият ва иртиқои мавқеияти ҷаҳонии кишвар аз назари иқтисодӣ ва сиёсӣ кӯмаки шоёне бинамояд.

Бо баррасии раванди сиёсати кишварҳои пешрафта ва ба таври куллӣ ҷаҳон дар хусуси ҳамлу нақл мушаххас мегардад. Барои дастёбӣ ба ҳадафи кам кардани хароҷоти ҷобаҷоии воҳиди мусофир ва мол ва билтабъ, коҳиши таъсири хароҷоти ҳамлу нақл дар қиммати тамомшудаи молҳои тиҷорӣ ва сабади хароҷоти хонавор ва низ вуҷуди маҳдудиятҳои молии муҳтамали давлатҳо дар оянда, таваҷҷуҳоти бештар

нисбат ба беҳбуди равишҳои баҳрабардорӣ, баҳраварии муносиб аз имконоти мавҷуд аз тариқи иртиқои кайфияти фаннӣ ва дониши мудирияти системҳои ҳамлу нақл хоҳад буд.

Сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои сохтмонӣ дар сурати вуҷуди тавҷеҳи шаффофи иқтисод барои баргашти сармояи хароҷотшуда ба унвони охирин роҳи ҳалли мумкин ба кор баста хоҳад шуд. Бадеҳист, бахши роҳ ва таробарии кишвар низ барои расидан ба ҳадафи фавқ, ҳифзи манофеи миллӣ ва ҳузури фаъол дар бозори ҳамлу нақли байналмилалӣ маҷбур ба тасмимгирии сиёсатҳои созгор ва ҳамҷиҳатӣ бо сиёсатҳои дунё хоҳад буд.

Лизо, бо таваҷҷуҳ ба аҳамият ва ҷойгоҳи бахши ҳамлу нақл дар тавсеаи ҳамаҷонибаи кишвар умед аст, талоши мазкур бо инояти бори таолӣ ва ҳиммату талоши масъулин, коршиносон ва дигар дастандаркорон битавонанд маншаи асароти мусбати бахши ҳамлу нақл дар иқтисоди кишвар гардад.

## АДАБИЁТ


1. Исмоил Ойтӣ. Робитаҳои мутақобили ҳамлу нақли заминӣ ва иқтисоди кишвар ва ҷойгоҳи хоси Устони Хуросон/ Исмоил Ойтӣ// Конфронси ҷойгоҳи ҳамлу нақли заминӣ дар иктисоди кишвар. Маркази таҳқиқот ва омӯзиши вазорати роҳ ва троберӣ. Фарвардин. 1377.
2. Созмони ҳамлу нақл ва поёнаҳои кишвар, таҳаввулоти ҳамлу нақли кишвар ва бозорҳои байналмилалии ҳамлу нақл дар 20 соли гузашта ва муҳиммияти сиёсатҳои даҳаи отии ҳамлу нақл. Маркази омӯзиш ва парвариш. Сентябри 1378.
3. Созмони ҳамлу нақл ва поёнаҳои кишвар, таҳаввулоти ҳамлу нақли кишвар ва бозорҳои байналмилалии ҳамлу нақл дар 20 соли гузашта ва муҳиммияти сиёсатҳои даҳаи отии ҳамлу нақл. Маркази омӯзиш ва парвариш. Сентябри 1378.
3. Ҳамон ҷо.
4. Созмони ҳамлу нақл ва пояҳои кишвар, таҳлиле аз фаъолияти ҳамлу нақли ҷодаӣ дар соли 1377. Дафтари барномарезӣ ва омӯзиш, саоли 1378; Вазорати роҳ ва туроберӣ, муовинати идорӣ ва молӣ. Маҷмӯаи гузоришҳои тадвини барноами севуми тавсиаи ҳамлу нақли ҷодаӣ. Ташкилот ва нерӯи инсонӣ. Гузориши шумораи 1. Моҳи меҳри 1377.
5. Созмони ҳамлу нақл ва пояҳои кишвар, таҳлиле аз фаъолияти ҳамлу нақли ҷодаӣ дар соли 1377. Дафтари барномарезӣ ва омӯзиш, саоли 1378.
6. Роҳи оҳани Ҷумҳурии исломии Эрон. Омори фаъолиятҳои роҳи оҳани Ҷумҳурии исломии Эрон, соли 1378.
7. Созмони ҳамлу нақл ва поёнаҳои кишвар. Тарҳи даромадзоии ҳамлу нақл, гурӯҳи ҳавоӣ, гузориши шумораи 2, Обонмоҳи соли 1378.
8. Созмони ҳамлу нақл ва поёнаҳои кишвар. Тарҳи даромадзоии ҳамлу нақл, гурӯҳи дарёӣ, гузориши шумораи 1, Зимистони соли 1377.
9. Ҳуҷҷатӣ Маҳмуд. Нигоҳе ба ояндаи ҳамлу нақли кишвар дар Эрон / Ҳуҷҷатӣ Маҳмуд // Аввалин конфронси илмӣ-тахассусии анҷумани муҳандисони роҳ ва сохтмони Эрон. Меҳрмоҳи 1378.
10. Маҳмуди Сафforзода. Баррасии мушкилот ва муъзилоти транзитии мол аз Эрон / Маҳмуди Сафforзода, Ҷаводи Ҳидоятӣ. Маркази таҳқиқот ва омӯзиши вазорати роҳ ва туроберӣ. 1378.
11. Ҳамид Баҳромӣ. Сарфаҳои дарунии навсозии новагони ҳамлу нақли ҷоддаии кишвар. Поённомаи коршиносии аршад / Ҳамид Баҳромӣ. соли 1385.
12. Маҳмуди Саффорзода. Баррасии мушкилот ва муъзилоти транзитии мол аз Эрон/ Маҳмуди Саффорзода, Ҷаводи Ҳидоятӣ. Маркази таҳқиқот ва омӯзиши вазорати роҳ ва туроберӣ. 1378.
13. Алиризо Ризоӣ Арҷвардӣ. Коршиноси аршади роҳ ва тароберӣ/ Алиризо Ризоӣ Арҷвардӣ. Пажӯҳишкадаи ҳамлу нақли вазорати роҳ ва таробарӣ.


## АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ СФЕРЫ ТРАНСПОРТНЫХ УСЛУГ И ЕЕ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ


Транспорт является одним из общих условий производства и осуществляя перевозки, транспорт влияет на масштабы общественного производства и темпы его роста. Транспорт способствует росту производительности труда, повышению уровня жизни населения и вносит крупные изменения в мировую экономику и международные отношения. В данной статье автор изучает состояние сферы транспортных услуг и ее роль в развитии экономики.



**Ключевые слова:** транспортные услуги, международные перевозки, национальная экономика, создание новых рабочих мест, хозяйственное развитие, совершенствование, использование ресурсов.


## ANALYSIS OF THE STATE OF THE SPHERE OF TRANSPORT SERVICES AND ITS ROLE IN ECONOMIC DEVELOPMENT


Transport is one of the General conditions of production and carrying out transportations, transport affects the scope of social production and the rate of growth. Transport contributes to the growth of productivity, increase of a standard of life of the population and makes major changes in the world economy and international relations. In this article the author examines the situation in the sphere of transport services and its role in economic development.



**Key words:** transport services, international transportation, national economy, creating new jobs, economic development, improvement and use of resources.

**Сведения об авторе:** *Хамид Бахроми* – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ, преподаватель Свободного исламского университета города Шуштар, Иран. Телефон: **936-00-09-17**

# ҲИРФАГАРОӢ ВА ҲИРФАИСОЗӢ, ЗАРУРАТЕ БАРОИ СОЗМОНҲОИ ДАВЛАТӢ

***(таърихча, мафҳумҳо ва нигаришҳо)***

***Мостафа Раванд***

**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Баррасии мутолиот ва таҳқиқоти анҷомшуда рӯйи ҳирфаҳо, ҳирфагароӣ ва ҳирфаисозӣ нишондиҳандаи талошҳои суратгирифта барои тавсеаи навъшиносӣ ва таҳаввулоти мафҳумӣ аст. Аввалин мутолиот дар солҳои наздик ба Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ анҷом шуд, ки ба таҳлилҳои таърихӣ ва мутолиоти мавриди ҳирфаҳо мепардохтанд. Пас аз он, мутолиот бар мавзӯоте, монанди меъёрҳо ва хусусиятҳои хоси ҳирфаигароӣ мутамарказ шуд. Нуқсони рӯйкарди вижагимеҳвар дар тавсифи ҳирфа ва ҳирфагароӣ, ба далели танаввӯъ ва густардагии моделҳое, ки хусусиятҳоро табйин мекарданд, сабаб шуд, то рӯйкарди фароянде ба ҳирфагароӣ падидояд. Дар ибтидо ин умед вуҷуд дошт, ки ин рӯйкард дар тавсифи ҳирфаисозии шуғлҳо ҷавобгӯ ва кофӣ бошад. Дар ин рӯйкард буд, ки марҳилаҳои фароянди ҳирфаигароӣ ва рӯйдодҳои муҳим дар ҳаракат ба самти ҳирфагароӣ баррасӣ шуданд [8].

Ҳамон тавр ки ҳирфаҳо дар арзёбии умумӣ аз эътибор ва иқтидори афроди ҳирфаӣ муҳим ҳастанд, дар ҷомеашиносӣ кор ва машоғил низ ҷойгоҳи болоеро ба худ ихтисос додаанд. Ҳирфаҳо мутаносиб бо шароит ва муқтазиёти таърихӣ такомул ёфтаанд. Дар ибтидо, ҳангоме ки шуғлҳои қарнҳои вустоӣ аз тариқи пайванд бо ашрофигарӣ ҷойгоҳи иҷтимоии болое ба даст оварданд, ҳирфаҳои табақотӣ зуҳур пайдо карданд [2]. Ҳирфаҳои классикии пизишкӣ ва ҳуқуқ реша дар ин давраи таърихии аввалия доранд. Ҳар қадар ки ҷомеа саноатӣ мешуд, ҳирфаҳо ҳам ба таври фазояндае тахассусӣ ва мутамоиз мешуданд. Рақобат дар бозор ҳирфаҳоро барои муҳофизат аз мутахассисони худ иртиқо дод, то битавонанд абзорҳое барои беҳбуди ҷойгоҳ ва дарёфти подоши хадамоти худ дар ихтиёр дошта бошанд. Дар натиҷа ҳирфаҳо ба унвони мабное барои машоғил қарор гирифтанд.

Зуҳури давлатии рифоҳ ба афзоиши назорати давлат бар шуғлҳои мустақил ва ҳирфаҳо анҷомид ва заминасозӣ барои эҷоди шуғлҳои тахассусиро бештар кард. Ин машоғил дар созмонҳое матраҳ шуда буданд, ки ҳарчанд машоғилро тавонманд мекарданд, аммо онҳоро аз лиҳози дараҷаи аҳамият поинтар аз ҳадафҳои созмонӣ қарор медоданд. Имрӯз шуғлҳои хадамотӣ дар бахши давлатӣ ҳаммонанди парасторӣ, муаллимӣ, кори иҷтимоӣ, мушовараи иҷтимоӣ, иманӣ ва ғайра, намунае аз ин заминасозиҳо талаққӣ мешавад, ки талошҳое барои ҳирфаӣ сохтани бархе аз онҳо сурат гирифтааст ва мавқеиятҳое бо дараҷаҳои мутафовит ба даст омадааст. Тахассусгароии фазоянда дар ҷомеаҳои донишмеҳвар ин равандро суръат бахшидааст.

Аз даҳаи 1960 рушди масрафгароӣ ва идеологияҳои бозори озод, иқтидори суннатӣ ва пойгоҳи иҷтимоии ҳирфаҳоро ба самти фарсудагӣ расонидааст. Муҳити бозори ҷадид на танҳо халкунандаи фурсат талаққӣ мешавад, балки ин шуғлҳоро ташвиқ мекунад, то бо соири машоғил барои касби машрӯият, ҷойгирӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ, истиқлол ва салоҳдиди қазоӣ вориди рақобат шаванд. Дар натиҷа, ақидаҳои марбут ба ҳирфа, хеле пӯётар ва мунъатифтар шуда, сабаби зуҳури идеяҳои калидӣ дар рӯйкардҳои таомулгароӣ барои таърифи ҳирфа шудааст [3].

Бар асоси фарҳанги вожагони Оксфорд, як ҳирфа иборат аст аз: «шуғле, ки ба он пул пардохт мешавад, бахусус шуғле, ки шомили омӯзиш ва шароити эҳрози расмӣ бошад» [9]. Вожаи ҳирфа ба маънои вуҷуди як изҳорномаи (савгандномa) ошкор, ҳамроҳ бо замонати иҷрои як тааҳҳуд аст ва ҳирфаҳо гурӯҳҳое ҳастанд, ки ба таври ошкор эълом мекунанд, ки аъзои онҳо бар асоси равишҳои мушаххас амал хоҳанд кард ва он гурӯҳу ҷомеа, узверо ки тибқи ин равишҳо амал накунанд, танбеҳ хоҳанд кард. Як ҳирфа худро ба унвони як хайр ва манфиати иҷтимоӣ ба ҷомеа арза мекунад ва ҷомеа низ он ҳирфаро мепазирад, бо ин таваққӯъ, ки ба як ҳадафи муҳимми иҷтимоӣ хизмат мекунад. Агар як шуғл ба манзалати як ҳирфа иртиқо ёфта бошад, тамоми аъзои он ҳирфа, ҳирфаӣ ҳастанд. Ба ин далели сода ки, агар ҳирфаӣ

набошанд, ё ба узвият дар он ҳирфа пазируфта намешаванд ва ё агар пас аз пазириш, салоҳияти худашонро ба ҳар далеле аз даст бидиҳанд, аз он ҳирфа хориҷ хоҳанд шуд.

Бо вуҷуди шаффофияти нисбии ин таориф, бардоштҳо аз мафҳуми ҳирфа ва вожагони муртабит ба он мутафовит аст. Ҳирфаҳо ба сурати иҷтимоӣ шакл мегиранд, зеро арзишҳои иҷтимоӣ дар як замон ва заминаи мушаххас таъйин хоҳанд кард, ки кадом як аз масоил он қадар муҳиманд, ки дар ҳавзаи як ҳирфаи хос қарор гиранд ва ба воситаи ин шумул чӣ навъ дониш ва маҳоратҳои ҳирфаӣ бо роҳи ҳалҳои ин масоил марбут мешавад.

Қаламрави қудрат ва истиқлол, аз мушаххасоти ҳирфаҳоянд, ки кулли соҳибназарон ба он ишора кардаанд [4]. Тадвини стандартҳои марбут ба ихтиёрот ва гувоҳиномаҳои вуруд ба як ҳирфа, таъйиди барномаҳои академӣ, шароити истихдом, қоидаҳои рафтори ахлоқӣ ва назорати иқдомҳои муносиб, ҳамагӣ метавонанд тавассути як ҷомеаи (анҷуман) ҳирфаӣ ва аз тариқи кумитаҳо, ҳайатҳо ё конвенсияҳои он сурат гирад. Чунин ҳирфа ё тахассусе дар сатҳи калон, дорои алоқаҳои иқтисодӣ ва низ соҳиби иқтидоре дар назорати кайфияти аъзои тозаворид ба ҳирфа аст.

Дар мутолиоте, ки то кунун сурат гирифтааст, тамаркузи мафҳумӣ ва нигаришҳои аслӣ нисбат ба ҳирфаисозӣ бо гузашти замон тағйир кардааст. Абут нигаришҳои аслиро ба чаҳор даста тақсим кардааст: коркардӣ, сохторӣ, инҳисорӣ (қудрат) ва фарҳангӣ. Муҳаққиқони зиёде ҳирфаҳоро дар қолаби ибораҳои коркардӣ таҳлил кардаанд: ҳирфаҳо иборатанд аз равишҳое, ки шоғилони ҳирфаӣ ва тахассусӣ ба воситаи онҳо аз дониш ва маҳорати худ барои кӯмак ба мушкилоти муштариён истифода мекунанд. Ҳирфа абзоре барои назорати робитаи номутақорини коршинос ва муштарӣ аст. Пайравони нигариши сохторӣ таваҷҷуҳи камтаре ба кор ва таомулоти коршинос-муштарӣ доштаанд ва бар нерӯи шаклдиҳандаи сохтори моделҳои фароянди ҳирфаисозӣ таъкид мекунанд. Ҳирфа танҳо як навъ назорати шуғлӣ аст. Рӯйкарди инҳисорӣ нисбат ба ҳирфаҳо бар ин бовар аст, ки зуҳури сохторҳои ҳирфаӣ монанди анҷуманҳо ва ҳамчунин коркардҳои анҷомшуда тавассути онҳо (судури гувоҳинома, парвона, қонунгузорӣ, ихроҷ аз анҷуман), на ба як фароянди табиӣ, балки ба тамоюл барои тасаллут ё ба даст овардани салоҳият ва ихтиёр марбут аст. Ҳирфаҳо гурӯҳҳои синфӣ бо лоиҳаҳои тағйир ва таҳаррук буданд, ки ҳадафи аслии онҳо назорати кор буд. Пажӯҳишгарони ҳавзаи фарҳангӣ, салоҳият ва ихтиёри фарҳангии ҳирфаҳо ва фароянди аслии машрӯияти фарҳангиро арзёбӣ мекунанд, ки ба машоғили муайян, машрӯияти лозимро барои табдил шудан ба як ҳирфа эъто мекунанд [1].

Ҳирфагароӣ ба таври мухтасар иборат аст аз: бархурдорӣ аз диди комил ва нигариши куллгаро ба як кор ё заминаи корӣ, ки бо тасаллут ва иҳотаи ҳамаҷониба бар мавзӯъ ҳамроҳ аст ва ношӣ аз даргир шудан дар кор, таҷрибаи фаровон, касби дониш, огоҳии лозим ва кофӣ дар он замина, ҷиҳати рафъи ниёзи муштариён ва ҷомеа аст.

Ба ақидаи Хуроно (2007), ҳирфаигароӣ тавофуқе аст, ки барои таъриф кардани як ҳирфа эҷод мешавад ва муҷиби ба вуҷуд омадани ташкилотҳои ҳирфаӣ мешавад. Ҳирфаигароӣ имрӯз муҷиби шаклгирии ташкилотҳо, иттиҳодияҳо ва анҷуманҳои расмии синфӣ ва тахассусӣ шудааст ва ҳирфаҳо бар ҳасби мизони расмият ва эҷоди ташкилотҳои ҳирфаӣ ба сурати расмӣ, таахҳудот ва масъулиятҳои хоси иҷтимоиро пазируфта, ба аъзои худ таъкид мекунанд. Аъзои ҳирфа низ мутааҳҳид мешаванд, то бо риояти ахлоқи ҳирфаӣ, масъулиятҳои иҷтимоии худро риоят намоянд. Аъзои ҳирфаҳо худро нисбат ба вазифа ва масъулиятҳои иҷтимоӣ мутааҳҳид медонанд ва, ҳатто, барои эҷод ва тақвияти чунин таахҳуде ҳангоми вуруд ва узв шудан савганд ёд мекунанд. Ҳирфагароӣ бо тақвияти ахлоқи ҳирфаӣ аз муассиртарин механизмҳои назорати дарунӣ ё худназоратӣ маҳсуб мешавад ва дар айни ҳол муҷиби афзоиши короӣ ва асарбахшии созмонӣ мешавад. Ҳирфаӣ шудани ҳирфаҳо ва машоғил, як тейф ё пайвастор аст, ки дар як сари он арзишҳои ҳирфаии идеал мушоҳида мешавад ва дар сари дигари он парокандагӣ ва фиқдони арзишҳои ҳирфаӣ [5].

Дар кул метавон гуфт, ки ҳирфаӣ касест, ки афъоли хостан, донистан, тавонистанро дар ҳирфа бовар доранд. Шахси ҳирфаӣ касе аст, ки худшиносӣ, худсозӣ ва худбовариро лозимаи ҳирфаишудан ва ҳирфаимондан медонад. Ҳирфаӣ касе аст, ки ба мудирияти ҳирфа ва ҳирфаимудирият эҳтиром мегузорад.

Таърифи ҷомеъ ва амалиётии мо аз ҳирфагароӣ дар ин мақола иборат аст аз: «ҳирфаигароӣ, хизмате аст, ки аз тариқи истифода аз дониш, маҳоратҳо ва тахассус,

афрод худашонро дар болотарин сатҳи стнадарти пиндор, гуфтор ва кирдори нек қарор медиҳанд».

Ҷомеашиносон ва иқтисоддонон тахассусҳои ҳирфаиро яке аз аҷзои муҳимми бозори кор дониста, мутахассисон ва шоғилони моҳир дар ҳирфаҳои мухталифро бахши ҳаётӣ аз нерӯи кори кишвар ба шумор меоваранд. Мутахассисон ва шоғилони ҳирфаӣ на танҳо тахти фишорҳои иқтисодӣ қарор доранд, балки аз мазмунҳои ҳирфаӣ низ таъсир мепазиранд. Дар кишварҳои тавсеаёфта, маъмулан, ин афрод болотарин сатҳҳоро дар силсиламаротиби шуғлии созмонҳо ба худ ихтисос медиҳанд. Аз назари фарҳангӣ ин афрод бояд бо стандартҳо ва арзишҳои муҳимми ичтимоӣ ҳамсӯ бошанд ва робитаҳо байни дониш ва қудратро ба наҳве барқарор кунанд, ки эътимоди ҷомеаро ба худ ҷалб намоянд.

Аз назари иҷтимоӣ низ соҳибназарони мухталифи ин ҳавза мутолиоти аввалияеро дар заминаи ҳирфагароӣ ва тахассусгароӣ анҷом додаанд. Нахустин пажӯҳишҳо дар ин замина иртиботи наздик бо рӯйкарди коркардгароёнаи Мертон (1938)[6] ва Порсунз (1939)[7] дорад, ки мизони ҳирфаӣ будан ва тахассусӣ буданро мутародиф бо мизони бароварда кардани ниёзҳои иҷтимоӣ медонанд. Рӯйкарди коркардгароёна ағлаб хусусиятҳоеро таъйин мекунад, ки ба воситаи онҳо ҳирфа ё тахассус ва шоғил ё мутахассисон аз соири нерӯҳои корӣ мутамоиз мешаванд. Пажӯҳишгарони ин ҳавза ағлаб суолоти монанди зерро матраҳ мекунанд:

Чӣ тафовутҳое байни пизишкҳо ва наҷҷор вуҷуд дорад? Чӣ чиз боис мешавад, ки мо фардеро мутахассис бидонем ва фарди дигареро не?

Дар посух бояд гуфт, ки наҳваи кори як фарди мутахассис ё ҳирфаӣ созмонёфта ва қонунманд аст ва гузаронидани анвои давраҳои омӯзишӣ барои дар ихтиёр гирифтани як мавқеи тахассусии мушаххас ва анҷоми як ҳирфа барои ин афрод зарурӣ аст.

Дар тӯли даҳаи 1970 теъдоди зиёде аз ҷомеашиносон ва иқтисоддонон тардидҳое дар бораи рӯйкарди ҳирфагароӣ иброз доштаанд. Онҳо ба ҷойи мубтанӣ бар шуғл барои таърифи ҳирфаҳо, рӯйкарди мубтанӣ бар гурӯҳ ё табақаи ҳирфаиро баргузиданд. Ба ибораи дигар, ба эътиқоди ин муътақидон рӯйкарди ҳирфагароӣ, ки мубтанӣ бар шуғл бошад, ҳадафи аслии ҳамаи ҳирфаҳо ва тахассусҳоро дар назар намегирад. Пайравони ин ақида бар ин бовaранд, ки нуқтаи иштироки ҳамаи тахассусҳо ва мутахассисон, равише аст, ки онҳоро аз соири нерӯҳои корӣ мутамоиз месозад. Пайравони мактаби гурӯҳбандӣ ба бисёре аз мушаххасаҳои ҳирфаӣ, ки тавассути коркардгароён таъриф шудааст, ишора мекунанд, монанди омӯзиши донишгоҳӣ, анҷуманҳои ҳирфаӣ, судури гувоҳинома ё парвона, абзорҳое барои касб ва ҳифзи ин хусусияти инҳисорӣ. Бархе аз пайравони назарияи интиқодии ҷомеашиносӣ низ бар абъоди ҳирфаӣ монанди иртиботи наздики иҷтимоӣ, мадракгароӣ ва мушорикати он дар иқтисод таъкид меварзанд. Ҳамчунин ҷомеашиносон бар мабнои таваҷҷуҳ ба усули шинохтӣ ва ҳинҷорӣ дар ҳирфаигароӣ бар онанд, ки ҳар шуғле хоҳони он аст, ки истиқлоли як тахассус ё ҳирфаро дошта бошад ва истиқлоли ҳирфаӣ ё тахассусӣ ниёзманди бархурдорӣ аз дониши қобили дифоъ дар қаламрави марбут ба он ҳирфа аст. Ба таври яқин ин дониш бо мурури замон ва ба таври пайваста тақвият ва такмил мешавад. Ҳарчанд ин ки як тахассус ё ҳирфа битавонад маҷмӯаи мушаххасе аз масоил ва мушкилотро дар мақтае аз замон таҳти назорат дошта бошад, лузуман ба маънии ин нест, ки дар оянда ҳирфа ё тахассуси дигаре натавонад ба ин масоил бипардозад. Дарвоқеъ, марз миёни ҳирфаҳо ва тахассусҳои мухталиф метавонад ҷо ба ҷо шавад. Нуктаи муҳимми дигар, ҳинҷорҳои ҳирфаӣ аст. Ҳанҷорҳои ҳирфаӣ, ки ҷиҳатгирӣ ба сӯйи хадамоти хосро ташреҳ мекунанд (монанди савганди Буқрот), ба масобаҳи абъоди идеологии тахассусҳо ҳастанд ва ангезаҳои дарунӣ барои мутахассисони ҳирфаҳои мухталиф фароҳам меоваранд. Хусусияти судури гувоҳиҳои ҳирфаҳисозӣ моро ба сӯйи маҷмӯаи хубе аз унсурҳои фарҳангсоз ҳидоят мекунад, монанди омӯзиши донишгоҳӣ барои мутахассисон барои афроди ҳирфаӣ ва ойинномаҳои ахлоқӣ, ки ағлаб тавассути омилҳои хориҷӣ ва барои арзёбии вазъияти як шуғл ва хостаҳои ҳирфаии он истифода мешаванд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки яке аз аркони аслии созмонҳо ҳавзаи мудирияти манобеи инсониашон аст ва вуруд, пардозиш ва хуруҷи манобеи созмонии созмонҳо аз ин тариқ анҷом мешавад, бинобар ин, конуни ҳирфаигароӣ ва ҳирфаисозӣ дар созмонҳо бояд ҳавзаи мудирияти манобеи инсонӣ ва фароиндҳои ҳоким бар он бошад.

Бо таваҷҷуҳ ба мабҳасҳои матраҳшуда метавон ин гуна истинбод намуд, ки имрӯза мақомот ба дастандаркорони созмонҳои давлатӣ метавонанд ибтидо бо такя

бар тарҳи касбу кор ва мудирияти стратегии созмонии худ ва сипас бо таваҷҷуҳ ба мудирияти стратегии манобеи инсониашон, иқдом ба бозтарроҳӣ ва сомондиҳии машоғил ва мавқеиятҳои худ бар асоси таърифи ҳирфаҳо намоянд ва бо табақабандии шуғлии муносиб ва таъйини шароити дақиқи эҳрози шуғл (**ҳирфаисозии созмонӣ**), бар асоси фалсафа, рисолати созмонӣ, хатимашҳо ва фаъолиятҳои мудирияти манобеи инсонӣ, нисбат ба ҷазби афроди ҳирфаӣ ва мутахассиси муртабит бо ҳирфаҳои бозмуҳандисишуда ё истифодаи беҳина аз манобеи инсонии дохили созмон бар асоси техникаҳои тавонмандсозӣ ҳамчун гардиши шуғлӣ, тавсеа ва ғанисозии шуғлӣ ва монанди ин мавридҳо (**ҳирфаисозии фардӣ**), иқдоми муносиб ва муқтазиро дар ҷиҳати беҳбуди амалкард ва таолии созмонӣ, рифоҳ ва саломтаи ҷомеа (**ҳирфаисозии иҷтимоӣ**) сурат диҳанд.

Дар иртибот бо иҷро ва пиёдасозии муваффақ ва комили чунин модел дар созмонҳои давлатӣ, яке аз беҳтарин гузинаҳо метавонад таъсиси ниҳод ё анҷумане бо унвони «**анҷумани ҳирфаиҳои манобеи инсонӣ»** дар сатҳи олӣ ва қонунгузори кишвар аст, ки бо ташкили кори гурӯҳҳои тахассусӣ дар манобеи инсонӣ дар ҳавзаи саноатҳои мухталиф ва даъват аз муовинин ва мудирони шоиста, тавонманд ва ҳирфаии манобеи инсонии он ҳавзаҳо, нисбат ба омӯзиш ва тавсеаи қобилиятҳои ҳирфаии онҳо иқдом намуда, бо назорати иҷрои комил ва ҷомеъ ба фарояндҳои ҳавзаи манобеи инсонӣ, ки тавассути муовинин ва мудирони омӯзишдида дар созмонҳояшон пиёда мешавад, заминаи муносиби пиёдасозии аркони аслии ҳирфагароӣ дар созмонашонро фароҳам намоянд. Дарвоқеъ, нуфузи ҳирфаигароӣ ва ҳирфаисозии манобеи инсонӣ дар созмонҳо ва бахусус созмонҳои давлатӣ, аз канали мудирияти манобеи инсонияшон ва бо воситагарии анҷуманҳои ҳирфаҳои манобеи инсонӣ мадди назар аст, ки табаоти бисёр муфид ва созандаи он ба фард, созмон ва ҷомеа хоҳад боз гашт.

Мақолаи ҳозир ба ироаи таърихчаи ҳирфаҳо ва ҳирфагароӣ мепардозад. Таърифҳое аз ҳирфа, ҳирфаӣ ва ҳирфагароӣ ва хусусиятҳои онҳо ироа медиҳад ва дидгоҳҳои ҷомеашиносона ва иқтисодӣ перомуни мабҳаси ҳирфаигароиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллиф дар интиҳо ҳирфасозиро дар се сатҳ - созмонӣ, фардӣ ва иҷтимоӣ барои мудирияти манобеи инсонии созмонҳои давлатӣ, ба унвони илоҷи мушкилоти нокоромадии бахши давлатӣ пешниҳод кардааст ва иртиботи ин се сатҳи ҳирфасозиро бо механизми мудирияти манобеи инсонии созмонҳои давлатӣ ташреҳ намудааст.

## АДАБИЁТ


1. Abbott A. The System of Professions: An Essay on the Division of Expert Labor / A. Abbott. - Chicago: University of Chicago Press, 1988. -P. 14-15.
2. Elliot P. The sociology of the professions / P. Elliot. - New York: Herder & Herder, 1972.
3. Freidson E. The theory of the professions: the stage of the art In: Dingwall R. and P. Lewis (Eds.). The sociology of the professions: Lawyers, Doctors and Others // E. Freidson. -St Martins. New York, 1983. -P.19-37.
4. Freidson E. Professional Powers // E. Freidson // A Study of the Institutionalization of Formal Knowledge. - Chicago: University of Chicago, 1986. -P. 147.
5. Khurana R. From higher aims to hired hands: The social transformation of American business schools and the unfulfilled promise of management as a profession / R. Khurana. Princeton Univ Pr, 2007.
6. Merton R.K. Social Structure and Anomie / R.K. Merton // American Sociological Review, 1938. -Vol. 3. -No. 5. -P. 672-682.
7. Parsons T. The Professions and Social Structure / T. Parsons. Social Forces, 1939. -17. -P. 457-467.
8. Willensky H.L. The professionalization of everyone? / H.L. Willensky // American Journal of Sociology, 1964. -70. -P. 137-158.
9. [Сайти электронї]. www.askoxford.com


## ПРОФЕССИОНАЛИЗМ И ПРОФЕССИОНАЛИЗАЦИЯ - НЕОБХОДИМЫЕ УСЛОВИЯ ДЛЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

***(предыстория, понятия и взгляды)***


В данной статье автором рассматриваются вопросы истории профессий и профессионализации; далее представлены некоторые определения о профессии, профессионализме и профессионализации и их характеристики. Также рассмотрены социологические и экономические перспективы в отношении к понятию "профессионализм". Автор предлагает рассмотрение профессионализации в трех уровнях: организационном, индивидуальном и социальном уровнях управления человеческими ресурсами и описывает взаимосвязь трех указанных уровней профессионализации в HRM механизме общественных организаций.



**Ключевые слова:** профессия, профессионализм, организационный профессионализм, индивидуальная профессионализация, социальной профессионализации, общественных организаций.

**PROFESSIONALISM AND PROFESSIONALIZATION, URGENCY FOR PUBLIC ORGANIZATIONS (History, Concepts and Perspectives)**

**Mostafa Ravand works at HRM deputy of Tehran Regional Electric Company (TREC) now as a most pioneer company among Iranian electric power industries**

This article, first, issues the history of professions and professionalism; next, it presents some definition about profession, professional, and professionalism and their characteristics; finally, it investigates sociological and economical perspectives in regard to concept "professionalism". In the end of article, author proposes professionalization into three organizational, individual, and social levels for Human Resource Management of public organizations as a panacea for treating inefficiency problems of public sectors and describes the relationship of three mentioned levels of professionalization with HRM mechanisms of public organizations.

**Key words:** profession, professionalism, organizational professionalization, individual professionalization, social professionalization, public organizations.

**Сведения об авторе:** ***Мостафа Раванд*** – соискатель Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. E-mail**:** **mostafaravand@gmail.com**

## НАҚШИ БОНКДОРИИ ЭЛЕКТРОНИКӢ ДАР БЕҲБУДИ КАЙФИЯТИ ХАДАМОТИ БОНКӢ

***Акбар Некпур***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бонкҳо ба унвони муассисаҳои иқтисодӣ ҳамвора ба дунболи таҳаққуқи тавақуот ва ниёзҳои муштариёни худ мебошанд. Фановарии иттилоот бо тасҳили иртибот бо муштариён, афзоиши суръат ва асарбахшии он муҷиботи коҳиши ҳазинаҳои ироаи хадамоти бонкӣ, афзоиши рақобат байни бонкҳо, беҳбуди амалкард ва кайфияти хадамоти бонкӣ ва дар ниҳоят, муҷиби тағйири сохтори ҳазинаи бонкҳо ва беҳинашудани санъати бонкдории кишвар мегардад, ки ба табъи он эҷоди заминаи муносиб ва фарҳангсозӣ дар заминаи бонкдории электроникӣ муҳимтарин омили пешбурди ҳадафҳои зикршуда мебошад. Аз ин рӯ, ин мутолиа ба баррасии накш ва аҳамияти бонкдории электроникӣ дар беҳбуди кайфияти хадамоти бонкӣ пардохтааст.

Аз хусусиятҳои қарни кунунӣ, тавсеаи эҷодовари технологӣ иртиботот, иттилоот ва бакоргирии он барои афзоиши суръат ва кайфият дар ироаи хадамот мебошад. Кайфияти хадамот ва ризоиятмандии муштарӣ аз мабҳасҳои стратегӣ барои созмонҳои хадамотӣ ба шумор меравaнд. Ироаи хадамот бо кайфияти боло барои бақо ва судоварии созмонҳо зарур аст. Дар тайи солҳои охир бонкҳои кишвар қадамҳои муассиреро барои дастёбӣ ба хадамоти бонкдории электроникӣ бардоштаанд ва бисёре аз равишҳои суннатӣ барои хадамоти бонкӣ ҷойи худро ба истифода аз абзорҳои фановарии иттилоот барои дарёфти хадамоти электроникии бонкҳо додаанд. Метавон мадди назар гирифт, ки аз як тараф иртиботи мустақим бо мизони гироиш ва тамоюли муштариёни бонкдории электроникӣ муассир аст ва аз тарафи дигар, рақобати танготанге, ки байни бонкҳо барои ироаи хадамоти бонкдории электроникӣ ба вуҷуд омада, рӯз ба рӯз дар ҳоли афзоиш аст. Дар чунин шароит муштариёни ин бонкҳо барои дарёфти хадамот бо кайфияти болотар интизороти бештаре хоҳанд дошт [2].

**Таърихи бонкдории электроникӣ.** Бонкдории электроникӣ аввалин бор бо муаррифии АТМ ва бонкдории телефонӣ оғоз шуд. Дастгоҳҳои АТМ дар соли 1981 муаррифӣ шуданд, ки баёнкунандаи тавсеа дар заминаи иттилоот ва иртиботот аз роҳи дур буд. Дар аввалҳои даҳаи 1990 зуҳури бонкдории телефонии автоматикӣ низ тасҳилоти бисёреро дар заминаи хадамоти молӣ эҷод кард. Ахиран Интернет ба унвони канали ҷадиде барои хадамоти бонкӣ мебошад, ки ҳам барои муштариён ва ҳам барои бонкҳо мазоёи бисёре доштааст[7]. Дар Эрон низ дастгоҳҳои худпардоз аз тарафи мардум рамзи бонкдории электроникӣ шинохта мешавад. Зеро шурӯи бонкдории электроникӣ дар Эрон бо насб ва роҳандозии дастгоҳҳои худпардоз ҳамроҳ буд. Бо стандарт шудани системаҳои пардохт ба сурати миллӣ, бонкҳо таҳти ҳимояти давлат даромаданд. Дар ин даврон бонкдории электроникӣ рушд ва тавсеаи бисёр доштааст, ба тавре ки ҳаҷми муомилоти анҷомшуда дар солҳои 2012-2013 баён мекунад, ки истифода аз хадамоти бонкдории электроникӣ, афзоиши чашмгире нисбат ба соири шеваҳои анҷоми муомилот дошааст.

**Бонкдории электроникӣ.** Бонкдории электроникиро метавон истифода аз технологияи пешрафтаи шабакаҳо ва мухобирот барои интиқоли манобеъ (пул) дар

системаи бонкдорӣ муаррифӣ кард. Дарвоқеъ бонкдории электроникӣ ба маънои якпорчасозии беҳинаи кулли фаъолиятҳои як бонк аз тариқи бакоргирии технологияи навини иттилоот, мубтанӣ бар фароянди бонкӣ ва мубтанӣ бар сохтори созмонии бонкҳо аст, ки имкони ироаи кулли хадамоти мавриди ниёзи муштариёнро фароҳам месозад [6].

Дар чанд даҳаи охир таҳаввулоти шигирфе дар низоми бонкдорӣ ба вуҷуд омадааст. Ин таҳаввулотро метавон ба чаҳор давра тақсим намуд ва дар ҳар давра, то ҳадде компютер ва нармафзор ҷойгузини инсонҳо ва коғаз шудаанд. Ба ибораи дигар, фановарии ҷадид ва электроникӣ шудани бонкдорӣ ба онҳо ин имконро медиҳад, ки суръат, кайфият, диққат, ҳазина ва танаввӯи хадамоти худро афзоиш диҳанд, ки ин давраҳо дар зер омадааст:

Давраи аввал, автоматикунонии почтаи боҷа.

Давраи дуюм, автоматикунонии пеш аз боҷа.

Давраи сеюм, муттасил кардани муштариён ба ҳисобҳояшон.

Давраи чаҳорум, якпорчасозии системаҳо ва муртабит кардани муштарӣ бо тамоми амалиёти бонкӣ.

**Муқоисаи бонкдории электроникӣ бо бонкдории суннатӣ.** Он чи дар муқоисаи бонкдории электроникӣ бо бонкдории суннатӣ қобили таваҷҷуҳ аст, хусусияти фаъол ва оянданигари бонкдории электроникӣ аст. Бонкдории суннатӣ бо диди муҳофизакорона саъй менамояд, ки ба шеваҳои мухталиф ҳазинаҳои бонкиро коҳиш диҳад. Дар сурате ки бонкдории электроникӣ зимни ироаи ҷомеи хадамоти бонкӣ ба дунболи тавсеа ва таҳаввул бо ҳадафи ҷалби ризоияти муштарӣ буда, барои афзоиши даромад, аз тариқи ироаи хадамоте, ки дар қиболи онҳо кормузд дарёфт медорад, сиёсатгузорӣ мекунад. Бинобар ин, дар бонкдории электроникӣ, ҳарчанд ки коҳиши ҳазинаҳои бонкӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, аммо аслитарин ҳадаф рушди даромади бонк аз тариқи ироаи хадамоти мутанаввеъ аст. Дар ҷадвали 1 муқоисаи татбиқи байни хусусиятҳои бонкдории электроникӣ ва суннатӣ ироа шудааст.

**Ҷадвали 1. Муқоисаи бонкдории электроникӣ ва бонкдории суннатӣ [5]**

| Бонкдории суннатӣ | Бонкдории электроникӣ |
|---|---|
| Бозори маҳдуд<br>Ироаи хадамоти маҳдуд<br>Ироаи хадамот ба як шакли хос<br>Бонкҳои муттакӣ бар шуъбаҳо<br>Тамаркуз бар ҳазина<br>Касби даромад аз тариқи ҳошияи суд<br>Адами вуҷуди робитаи наздики байнибонкӣ<br>Ниёз ба теъдоди зиёди нерӯи инсонӣ ба далели вуҷуди сохтори мубтанӣ бар коғаз<br>Рақобат байни бонкҳо | Бозори номаҳдуд аз лиҳози маконӣ<br>Ироаи хадамоти густарда<br>Ироаи хадамоти мутанаввеъ бар асоси ниёз, супориши муштарӣ ва навоварӣ<br>Бонкҳои чандманзура муҷаҳҳаз ба имконоти электроникӣ<br>Тамаркуз ба ҳазина ва рушди даромад<br>Касби даромад аз тариқи кормузд<br>Аз назари замонӣ номаҳдуд ва 24 соата<br>Вуҷуди робитаи наздик ва танготанг байни бонкҳо<br>Коҳиши ҳаҷми коғаз ва нерӯи инсонӣ ба далели истифода аз компютер<br>Рақобати номҳои тиҷорӣ |

**Кайфияти хадамот.** Кайфияти хадамот ба унвони як унсури калидӣ дар ҷазби дубораи муштариён шиносоӣ шудааст ва ағлаб дар назари рақибон арзиши қобили таваҷҷуҳе доранд, то аз ин тариқ битавонанд мазияти рақобатӣ дар дунёи хадамотмеҳвар ба даст оваранд. Мутолиоти қаблӣ пешниҳод кардаанд, ки нерӯи кори хадаматӣ накши асосиро дар арзёбии муштариён аз кайфияти хадамот ифо мекунанд[9]. Келекс муътақид аст, ки кайфияти хадамот 3 бӯъд- физикӣ, мавқеиятӣ ва рафториро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, кайфияти хадамот иборат аст аз тамаркуз бар чизе ки ба муштариён таҳвил дода мешавад, мавқеияте, ки хадамот дар он ироа мешавад ва ин ки он хадамот чӣ гуна ироа мешавад[10]. Дар воқеъ метавон гуфт, ки ризоияти муштариён аз хадамоти дарёфтӣ ва беҳбуди кайфияти хадамот тавассути созмон, ду шохиси муҳимми арзёбии амалкарди созмон маҳсуб мешавад.

Имрӯз созмонҳои хадаматӣ мутаваҷҷеҳи ин мавзӯъ шудаанд, ки ба манзури ҳифзи муштариёни худ ва касби мазияти рақобатӣ яке аз мавзӯоти муҳим ва калидие, ки бояд ҳамвора мадди назар қарор диҳанд, беҳбуди кайфияти хадамоти худ мебошад. Чаро ки дар пажӯҳишҳои мухталиф мушаххас гардидааст, ки кайфияти хадамот мунҷар ба ризоият, вафодории муштариён ва ниҳоятан, мунҷар ба бақо ва судоварии созмон мегардад[8]. Аз далелҳои ироаи хадамот бо кайфияти боло метавон ба афзоиши интизороти муштариён, фаъолияти рақибон, омилҳои муҳитӣ,

моҳияти хадамот, омилҳои дарунсозмонӣ ва мазоёи ношӣ аз кайфияти хадамот ишора намуд, ки дар расми зер оварда шудааст:



Расми 1. Зарурати таваҷҷуҳ ба кайфияти хадамот[3].

**Бонкдории электроникӣ ва кайфияти хадамот.** Тавсеаи шигифтангези фановарии иттилоот ва иртиботот, ҷаҳон ва ба табъ дунёи бонкдориро босуръат дигаргун сохтааст. Оморҳо баёнкунандаи рушди рӯзафзун ва чашмгири бонкдории электроникӣ дар ҷаҳон аст. Фарогирии ин технология муҷиби тавсеаи зерсохтҳо, рушди фарогири фановариҳои муртабит ва тадвини стандартҳо дар сатҳи байналмилалӣ шудааст. Аз сӯйи дигар, мазоёи бонкдории электроникӣ дар ироаи хадамот бо кайфияти беҳтар ба муштариён ва беҳбуди шохиси баҳраварӣ дар бонкҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқини зиёдеро дар ҷаҳон ба худ маътуф кардааст. Бонкҳо метавонанд барои ироаи хадамот бо кайфияти бартар аз абзорҳое, ки дар ин роҳ метавонад ба онҳо кӯмак кунад, ба муҳандисии кайфияти хадамоти худ иқдом кунанд. Яке аз абзорҳои муҳандисии кайфият дар ростои мафҳуми муштаримадорӣ QFD (quality function deployment) аст, ки меҳвари аслии ин модел бар он устувор аст, ки хостаҳо ва нидоҳои муштариёни созмон шиносоӣ гардида, кулли фароянди ироаи хизмат дар ростои посухгӯйӣ ба нидоҳои шиносоишуда сохторманд гардад. QFD бо унвони яке аз абзорҳои навини муҳандисии кайфият, барои лиҳоз намудани хостаҳо ва интизороти муштариён дар тамоми марҳилаҳо ва фароянди тавлид ва ё ироаи хадамот ба кор гирифта мешавад. Нуқтаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки фароянди QFD як фароянди мустамар мебошад, зеро ки хостаҳо ва интизороти муштариён бо таваҷҷуҳ ба тағйироти шароити муҳитӣ, ба таври мудовим дар ҳоли тағйир ва пӯёӣ буда, барои ҳифзи пӯёии созмонҳо ҷиҳати посухгӯйӣ ба интизорот ҳамвора бояд нисбат ба беҳбуди мустамари хусусиятҳо ва кайфияти хадамот мубодират варзид[1].

Ба таври куллӣ, бакоргирӣ ва мудирияти саҳеҳи бонкдории электроникӣ дар абъоди мухталиф метавонад дар мавридҳои зер муҷиби беҳбуди хадамоти ироашуда тавассути бонкро фароҳам оварад:

1. Иттилоърасонии сареъ ва шаффофи шароити эътои тасҳилот.
2. Коҳиши ташрифоти идорӣ ва бюрократӣ.
3. Инъитофпазирии бонк дар риояти қонунҳо ва муқаррарот.
4. Афзоиши мизони татобуқ миёни хадамоти мавриди интизори муштариён ва дарки созмон аз интизороти муштариён.
5. Тавсеаи системаҳои пардохти электроникӣ барои муштариёни ҳақиқӣ ва ҳуқуқӣ.
6. Эҷоди ҷаззобият дар хадамоти бонкдорӣ.
7. Беҳбуди короӣ дар амалиёти бонкдорӣ.
8. Тамаркуз ва ҳифзи муштаримадорӣ.

Тавсеаи якпорчагӣ ва беҳбуди хадамоти молӣ барои татобуқ бо ниёзи муштарӣ бояд як мавзӯи фаъоли рақобатӣ байни бахши молии созмонҳо бошад. Аз сӯйи дигар, бонкҳо бояд бо шинохти татобуқ ё ихтилоф миёни дидгоҳҳои муштариён бо кайфият ва наҳваи ироаи хадамот дар хусуси бонкдории электроникӣ ва ҳамчунин ташхиси иллатҳои эҷоди ихтилоф ба манзури коҳиши он ва талош дар ҷиҳати наздиксозии дидгоҳҳо ва беҳбуди нуқоти заъфи система ба манзури афзоиши ризоиятмандии муштариён аз кайфияти хадамот ироа шуда, ба унвони мазияти стратегӣ барои бонк, истифода кунанд.

Дар ин мутолиа бонкдории электроникӣ ва нақши он дар беҳбуди кайфияти хадамот мавриди таҷзияву таҳлил қарор гирифт. Санъати бонкдории имрӯза дар ҳоли тағйир аст. Бо тавсеаи иқтисоди байналмилалӣ ва рақобатӣ шудани бозорҳо, бонкҳо низ таҳти таъсир қарор гирифтаанд. Нерӯи инсонӣ дар ин муҳити технологӣ муҷиби шикастани монеаҳои қонунӣ, ҷуғрофиёӣ ва санъатӣ шуда, маҳсулот ва хадамоти ҷадиде эҷод кардааст. Аз сӯйи дигар, тавсеа ва густариши бонкдории электроникӣ бо таъкид бар иртиқои кайфияти хадамот ва ироаи арзиш барои муштариён муҷиби ризоият ва вафодории муштариён гардида, дар натиҷа судоварии ононро дар ин шароити рақобатӣ афзоиш медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Хонзода Нодир. Бакоргирии модели QFD дар беҳбуди абъоди хадамот ва афзоиши сатҳи ризоиятмандии муштариёни бонкӣ / Хонзода Нодир // Аввалин конференсияи байналмилалии бозорёбии хадамоти бонкӣ. –Теҳрон, 2009. –С.1-31.
2. Зоҳиди Шамсусодот. Пажӯҳише дар бораи вебсайтҳои панҷ донишгоҳи бузурги давлатии Эрон ва ироаи намунаи муносиб / Зоҳиди Шамсусодот. –Теҳрон: Нашрияи мудирияти фановарии иттилоот, 2011. -6(3). –С.73-90.
3. Саидҷаводин Ризо. Мудирияти кайфияти хадамот / Саидҷаводин Ризо, Каймосӣ Масъуд. –Теҳрон: Интишороти нигоҳи дониш, 2011. -Чопи 3. –С.145-150.
4. Саноеи Алӣ. Шиносоӣ ва рутбабандии монеаҳои пазириш ва тавсеаи бонкдории электроникӣ / Саноеи Алӣ, Солеҳниё Манижа // Дуюмин конференсияи ҷаҳонии бонкдории электроникӣ, 19-20 августи 2008. –С.1-16.
5. Вазорати бозаргонӣ. Интиқоли электроникии вуҷӯҳ ва бонкдории электроникӣ. –Теҳрон: Муовинати барномарезӣ ва умури иқтисодӣ, 2005.
6. Венус Довар. Бонкдории электроникӣ ва зарурати тавсеаи он дар Эрон / Венус Довар, Мухторон Моҳрух // Моҳномаи мудирият. –Теҳрон, 2002. -№67-68.- С.16.
7. Afrouz F. Bank employee’s Perception about lementation of e bankind in Iran / F. Afrouz // Thesis for MA, Faculty of tarbiat modarres Uni versity. -Thran, 2007. –P. 17-19. (In Persia).
8. Lee M.C. Relationship among Service Quality, Customer Satisfaction and Profitability in the Taiwanese Banking Industry / M.C. Lee, I.S. Hwan // International Journal Of Management, 2005. -Vol. 22. -P. 635-548.
9. Luoh H. Customers’ perceptions of service quality: Doservers’ age stereotypes matter / H. Luoh, S. Tsaur // International Journal of HospitalityManagement, 2011. -V30. –P. 283–289.
10. Ross I. Service Quality and Store Performance: Some Evidence from Greece / I. Ross, A. Juwaheer // Journal of Management Service Quality, 2004. -Vol.5. -P.24-50.


**РОЛЬ ЭЛЕКТРОННОГО БАНКИНГА В УЛУЧШЕНИИ КАЧЕСТВА БАНКОВСКИХ УСЛУГ**


Банковская система составляет важнейшую часть любой развитой современной экономики и играет существенную роль в функционировании и развитии современной экономики. Эффективная система банковских операций должна способствовать улучшению качества банковских услуг. Конкуренция на рынке банковских услуг оказывает значительное влияние на количественные и качественные характеристики банковского обслуживания. С ростом и развитием рынка банковских услуг совершенствуются и инструменты его обеспечения, в том числе технологии электронного банкинга. Вданной статье автор рассматривает роль электронного банкинга в улучшении качества банковских услуг.



**Ключевые слова:** банковское обслуживание, дистанционное обслуживание клиентов, электронные сервисы, качество услуг в банковских учреждениях, электронный банкинг.


**THE ROLE OF ELECTRONIC BANKING IN IMPROVING THE QUALITY OF BANKING SERVICES**


The banking system is the most important part of any developed modern economy and plays a significant role in the functioning and development of the modern economy. An effective system of banking operations should contribute to improving the quality of banking services. Competition in the banking services market has a significant impact on quantitative and qualitative characteristics of banking services. With the growth and development of the market of banking services improved and tools solutions, including technologies of electronic banking. In this article the author considers the role of electronic banking in improving the quality of banking services.



**Key words:** banking, remote customer service, e-services, the quality of services in banking, e-banking.



**Сведения об авторе:** ***Акбар Некпур*** **–** аспирант Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 917-50-50-65.** E-mail: **nikpour.akbar@yahoo.Com**


# ТАЪСИРИ ТАФАККУРИ ХАЛЛОҚ ДАР ШАРОИТИ РИСК


***Али Багерифар***
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсони АИ ҶТ**


Дар асри кунунӣ бақои ҳар созмон ва идомаи ҳаёти он вобастагӣ ба ин мавзӯъ дорад, ки дар арсаҳои мухталифи рақобатӣ, битавонанд баранда ва пирӯз бошанд. Дар ин арса, тағйир ва танаввӯъ, ки дар маҳсулот ва хадамоти ироашуда ва низ улуми мухталифе, ки худ зодаи тафаккуроти халлоқи гурӯҳҳое аст, ки доиман дар

ҳоли тафаккур ҳастанд, ба вуҷуд омадааст, аҳамияти таваҷҷуҳ ба ин амрро чандин баробар намудааст. Тағйир ва таҳаввулот тасодуфӣ нестанд ва худ ба худ ба вуҷуд намеоянд. Таҳаввулотро наметавон нодида гирифт. Бетаваҷҷуҳӣ ба таҳаввулот пешрафтҳо ва тағйирот дар арсаҳои мухталиф боиси ақибмондагӣ дар ин арса ва поин омадани сатҳи рифоҳи ҷомеа ва адами дастёбӣ ба ҳадафҳои мавриди назар мегардад. Имрӯз бо тафаккуроти суннатӣ наметавон дар сатҳи васеъ масоил ва мушкилоти назири нигаронии иштиғолро ҳал намуд. Онҳое, ки масоили худро ҳал карда ва ё ҳал мекунанд, фикри нав, андешаи нав ва равиши навро доранд ва андешаҳои худро ба кор гирифтаанд. Чаҳорчӯбаи қонунҳо ва муқарарот ҳокӣ аз адами созгории лозим бо шароити феълии ҷомеа аст ва наметавонад посухгӯйи масоил бошад. Тафаккури халлоқ ба андешаҳо ва равишҳои гузашта тавсеа ва ҷиҳат медиҳад. Агар дар қолаби қоидаҳо, формулаҳо ва системаҳое, ки дар гузашта бо онҳо кор мекардем, идома диҳем, ҳамон натиҷаҳоеро хоҳем гирифт, ки то кунун ба даст овардаем. Аз ин рӯ, ниёзманди равишҳои нав ва идеяҳои ҷадид барои тахассуси беҳинаи манобеъ ва истифодаи матлуб аз имконот ҳастем.

Ҷиҳати дарки тафаккури халлоқ дар ибтидо бояд мурури бар таърифи тафаккур намуд. Дар як дидгоҳ, тафаккур амали зеҳнӣ аст ва замоне матраҳ мегардад, ки мо бо масъалае мувоҷеҳ шуда, хостори ҳалли он бошем. Дар ин ҳангом дар зеҳн талоше барои ҳалли масъала оғоз мегардад, ки ин талоши зеҳниро тафаккур меноманд. Фаъолият барои ҳалли масъала аз марҳилае ташкил шудааст, ки аз таърифи масъала ба таври шаффоф равшан ва малмус шурӯъ ва бо пайдо намудани роҳи ҳалҳо барои ҳалли масъала идома ёфта, бо бакоргирии амали беҳтарин, роҳи ҳал ёфтани ҷавоби ниҳоӣ ба поён мерасад. Ҳар як аз равишҳои тафаккуриро метавон усулҳое донист, ки бо кӯмаки онҳо қисмате аз фароянди ҳалли масъала бомуваффақият тай мешавад. Бар ин асос тафаккури халлоқ (ё дақиқтар бигӯем, равишҳои тафаккури халлоқ) шеваҳои тафаккуре мебошанд, ки ба кӯмаки онҳо барои ҳалли масъала роҳи ҳалҳое меёбем. Аз ин тариқ эҳтимоли дастёбӣ ба муносибтарин роҳи ҳал боло меравад.

Яке аз тасаввуроти нодурусте, ки дар бораи равишҳои мухталифи тафаккурӣ, бахусус тафаккури халлоқ вуҷуд дорад, ин аст ки ҳар як аз ин равишҳо бояд ба танҳоӣ масъаларо ҳал кунанд ва ҷавобро таъйин намоянд. Дар сурате ки ҳар як аз онҳо танҳо қисмате аз кори масъаларо ба уҳда доранд. Ба унвони мисол, тафаккури халлоқ танҳо қисмати роҳи ҳалёбиро дар фароянди ҳалли масъала анҷом медиҳад ва, ҳатто, бо тафаккури халлоқ беҳтарин роҳи ҳал ҳам интихоб намешавад, танҳо роҳи ҳалёбӣ сурат мегирад. Тавaққӯи зиёд аз равишҳои тафаккурӣ аз мушкилоте аст, ки он равиши тафаккурӣ бо он мувоҷеҳ аст.

Ҳар равиши тафаккурӣ барои қисмати хосе аз фароянди ҳалли масъала ба кор меравад ва дорои фазо ва ҳолу ҳавои хосе мебошад. Барои мисол, дар марҳилаи танзими сурати масъала ва дар марҳилаи интихоб беҳтарин роҳи ҳал аз миёни роҳи ҳалҳои ёфтшуда фазои зеҳнӣ фазои ҷадид аст. Фазои зеҳнӣ дар марҳилае, ки аз тафаккури халлоқ ҷиҳати идеяёбӣ барои ҳалли масъала истифода мешавад, фазои нарм, латиф, шӯх ва ғайрирасмӣ аст. Аз хатарот ва мушкилоте, ки дар фароянди ҳалли масъала имкони он вуҷуд дорад, риоят нанамудани ин фазоҳои зеҳнианд. Масалан, дар ҷое ки бояд ҷиддӣ буд (марҳилаи интихоби мунсоибтарин роҳи ҳал аз байни роҳи ҳалҳо), шӯх бошем (яъне фазои зеҳнии тафаккури халлоқро дошта бошем) ва ё дар ҷое ки бояд шӯх буд (фазои лозим барои тафаккури халлоқ), ҷиддӣ бошем.

Бо ҷуръат метавон гуфт, ки ҳамагон ба навъе дар зиндагӣ бо масъалае мувоҷеҳанд ва дар натиҷа маҷбуранд ҷиҳати ҳалли он талош намоянд. Дар мавридҳои бисёре мо дар ҳалли масоил мушобеҳ ва муштарак мебошем. Масалан, масъалаи таъмини маош, масоили хонаводагӣ, иҷтимоӣ ва ғайра.

Натиҷаҳои ҳосил аз талоши афроди мухталиф дар ҳалли ин масоили муштарак бисёр мутафовит аст. Яке аз далелҳои ин тафовутҳоро метавон дар мутафовит будани роҳи ҳалҳои ёфтшуда барои ҳалли ин масъала донист ва ин тафовут реша дар мизони шукуфо будани тавоноии роҳи ҳалёбии афрод дорад. Вокуниши афрод дар муқобили ошкор шудани ин тафовут, маъмулан, ҷумлаи тавҷеҳкунанда аст ва он ин ки: «афрод бо ҳам фарқ доранд ва тавоноии тафаккури халлоқ зотӣ аст ва махсуси гурӯҳи хос ва чун ин тавоноӣ дар мо ба вадиа гузошта нашудааст, мо наметавонем муваффақ бошем ва роҳи ҳалҳои хосе барои масоил биёбем». Аммо таҳқиқоти ҷадид нишон медиҳад, ки тавоноии тафаккури халлоқи билқувва ба ҳамагон арзонӣ шуда, мизони шукуфо будани ин тавоноӣ аст, ки дар афроди мухталиф мутафовит аст ва аз иллатҳои ин тафовут, дар мизони пардохтан ва таваҷҷуҳ ба он ва талош дар шукуфо

намудани он мебошад. Таҳқиқоти ҷадид нишондиҳандаи он аст, ки тафаккури халлоқ иктисобӣ буда, қобили ёдгирӣ бо фаҳму тасаллут бар шеваҳои тафаккури халлоқ метавонем бисёр қудратманд дар ҷиҳати ёфтани идея амал намоем. Аз ҷумлаи равишҳои маъруфи тафаккури халлоқ ба мавридҳои зер метавон ишора намуд:

1. Равиши юриши фикр (таҳрики мағзӣ ё роҳкушоии гурӯҳии Brain Storming).
2. Суолоти идеябарангез (феҳрасти суолот ё ҳамон сурати татбиқии Scamper).
3. Техники Delphi Technique.
4. Техникаи гурӯҳи исмӣ (Normal group technique).
5. Техникаи иртиботи иҷборӣ (Forced association).
6. Гардиши тахайюлӣ (Speculative excursion).
7. Намунабардорӣ (Bionics).
8. Тафаккури мувозӣ (Lateral thinking).
9. Равиши нававарии низомёфта (TRIZ).

Аввалин қадам дар ҷиҳати шукуфосозии тавоноии тафаккури халлоқ дар худ ин аст, ки бихоҳем ин тавоноиро ба даст оварем ва ҷиҳати ба даст овардани он вақт ва энергия бигузорем ва аз ҳама муҳимтар нарму пазирандашуда ва бипазирем, ки тағйир кунем. Бо риояти ин шартҳо дар амал худ ба худ қадами муҳимеро дар ҷиҳати халлоқ шудан ва халлоқона тафаккур кардан бардоштаем. Пас аз ин кор бояд бо дониш ва фаннҳои тафаккури халлоқ бо хусусиёт рафтор ва маниши афроди халлоқ ва нававар ошно шуда, онҳоро дар зиндагии худ ба кор барем. Бояд бихоҳем ва он чунон шавем, ки афроди халлоқ онгунаанд.

Яке аз хусусиёти боризи афроди халлоқ ин аст, ки тавоноии «навъи дигар дидан» дар онҳо зинда ва фаъол аст. Манзур аз «навъи дигар дидан» ин аст, ки танҳо ба як ҳолат, ба як таъриф, ба як гуна аз рӯйдодҳо басанда нанамоем ва аз худ бипурсем, ки ғайр аз ин таъриф, ғайр аз ин таъбир чӣ таъбир ё таърифи дигаре метавонад барои рӯйдод вуҷуд дошта бошад. Ин техника танҳо пурсиши як суол аз худ дар ҳангоми мувоҷеҳ шудан бо масоил ва мавзӯот аст. Ин суоли ҳаракатдиҳанда дар ҷиҳати навъи дигар шудан, суол «дигар чӣ?» мебошад, ки муҳаррики тафаккури халлоқи моро равшан месозад ва аз ин тариқ мо худро водор месозем, ки ба дунболи бардоштҳо ва таъбирҳои дигаре аз мавзӯъ биравем ва ба ин таъбир басанда нанамоем. Ҳар қадар теъдоди такрори ин суол аз худ, дар мавриди як мавзӯъ бештар бошад, дастоварди он бештар хоҳад буд. Ин дастовард, дастёбӣ ба идеяҳои ҳарчи бештар мебошад. Албатта, ин дастёбӣ малзумоте дорад ва аз аслитарин малзумоти он ин аст, ки аз шитобкорӣ ҷиҳати ба поён расонидани ҳалли масъала, ҷиддан бипарҳезем ва ба худ замони кофӣ барои ҳосил шудани роҳи ҳалҳои ҳарчи бештарро бидиҳем ва ҳавсала дошта бошем. Офати ин ҷараёни идеябӣ, шитобзадагӣ дар ба поён расонидани ҳалли масъала аст.

Аз дигар хусусиёти афроди халлоқ, диққат кардан ва дидани зарофатҳост. Афроди халлоқ, маъмулан, ба масоиле таваҷҷуҳ мекунанд, ки барои дигарон одӣ аст ва гоҳе пардохтан ба он мавзӯотро вақт талаф кардан ва тамасхуромез мепиндоранд. Албатта, ин ба он маънӣ нест, ки мо ба дунболи ҳар мавзӯи тамасхуромезе биравем, балки манзур равиши фикр кардани афроди халлоқ ва тавоноии онон ба гунаи дигари масоил мебошад.

Хусусиёти дигари афроди халлоқ кунҷковӣ аст. Афроди халлоқ бисёр кунҷков ва ҷустуҷӯгаранд ва дар роҳи ба даст овардани посухи суолоташон бисёр кӯшиш мекунанд. Ба ҳар мавзӯе диққат мекунанд ва аз рӯйи иттифоқот ба масоил сатҳӣ нигоҳ намекунанд, балки амиқан ба онҳо нигариста, меандешанд.

Аз дигар хусусиёти афроди халлоқ метавон ба доштани шӯру нишот, истифода аз қиёс дар суҳбат кардан, тамоюл ба доштани чолиш, ёдгирӣ ба равиши худ, озурдагӣ аз анҷоми корҳои рӯзмарра ва такрорӣ ва майл ба риск кардан ишора намуд.

### АДАБИЁТ


1. Ҷон Лекарт. Мудирияти асарбахш / Ҷон Лекарт; тарҷумаи Саидаминуллоҳи Аминӣ. –Теҳрон: Интишороти маркази омӯзиши мудирияти давлатӣ, 1373. -Ҷ.1.
2. Тозаҳои ҷаҳони бима. –Теҳрон: Нашрияи иқтисод, 1383. -№74.


### КРЕАТИВНОЕ МЫШЛЕНИЕ В УСЛОВИЯХ РИСКА


Данная статья рассматривает креативное мышленное в условиях риска. В настоящее время задача развития творческих способностей является первостепенной задачей. Важные особенности креативной работы зависят от внутренней мотивации, знаний и опыта человека. В современный период креативный менеджмент становится неразрывной частью инновационного менеджмента. От правильного применения и

развития креативного мышления зависит эффективность развития различных сфер экономики и общества. Обучение методов креативного менеджмента и креативного мышления, а также формирование креативного мышления в современный период является.

**Ключевые слова*:*** креативное мышление, креативность, креативный менеджмент, мотивация, творческое мышление.

## CREATIVE THINKING AT RISK

This article examines the creative industrial at risk. Currently, the task of developing creative abilities is paramount. Important features of the creative work depends on intrinsic motivation, knowledge and experience of the person. In the modern period creative management becomes an inseparable part of innovation management. On the correct application and development of creative thinking depends on the efficiency of development of different spheres of the economy and society. Training methods creative management and creative thinking, as well as the formation of creative thinking in the modern period is.

**Key words:** creative thinking, creativity, creative management, motivation, creative thinking.

**Сведения об авторе:** ***Али Багерифар*** **–** аспирант Института гуманитарных наук АН РТ

# НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ СТРАТЕГИЯИ ТАҲАВВУЛИ СОЗМОНӢ ДАР РУШДИ СОЗМОН

***Муҳаммад Маҳдӣ Ашрофиён Раҳақӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳаввули созмон фароянде аст, барномарезишуда ва низомманд, ки бо бахрагирӣ аз арзишҳо ва усули илмҳои рафторӣ ва корбурдӣ афзоиши асарбахшии фард ва созмонро дар пай дорад. Таҳаввули созмонӣ ба унвони як навъ стратегияи беҳсозии созмон аз авохири даҳаи 50 матраҳ гардид.

Бенис дар соли 1969 таҳаввули созмониро чунин муаррифӣ кард:

“Таҳаввули созмонӣ, посухе барои тағйир ва навъи стратегияи печидаи омӯзишӣ барои тағйири боварҳо, нигаришҳо, арзишҳо ва сохтори созмон ба шумор меравад, ба тавре ки ин авомил битавонанд худро бо технологияҳо, бозорҳо ва чолишҳои ҷадид ва ҳамин тавр босуръат тағйир дар шароит ва муҳити беҳтар татбиқ диҳанд.

Таҳаввули созмонӣ моҳасал илмҳои мутафовите аст, ки умдаи онҳо иборатанд аз илмҳои равоншносӣ, инсоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, назарияи системаҳо, рафтори созмонӣ, назарияи созмон, мудирият ва ғайра.

Бахшҳои муҳиме, ки таҳаввули созмонӣ метавонад, дар ҷиҳати беҳбуди он асар гузорад, иборатанд аз: рӯҳияи заиф, баҳравари поин, кайфияти номатлуби хадамот, таоруз байни афрод ва байни гурӯҳҳо, сохтори созмонии номуносиб, таоруз байни аҳдофи воҳидҳои корӣ, камтаваҷҷуҳӣ ба хостаҳои муҳитӣ, сабкҳои номуносиби роҳбарӣ, аҳдофи баландмуддат ва кӯтоҳмуддати номушаххас ва ғайра.

Дар як калом ҳар гоҳ афрод, гурӯҳҳо ва созмонҳо ба наҳвие беҳина мавриди истифода қарор намегиранд, фароянди таҳаввули созмонӣ метавонад шароити мавҷудро беҳбуд бахшад. Асоси таҳаввули созмонро тағйир ташкил медиҳад.

Келиман 5 марҳила ва Луин 3 марҳила барои фароянди тағйир дар созмон баршумурдаанд. Равиши пайвасторӣ аз фарояндҳо, равиши матрисӣ, равишҳои талфиқӣ ва таҳоҷумӣ, равишҳои миёнҷигароёна ва муҳофизакорона ва ғайра тавассути андешамандон барои баррасии марохили иҷрои ҳар таҳаввуле баршумурда шудааст.

**Ҷамъоварии иттилоот ва ҷомеаи оморӣ.** Иттилооти марбут ба ин мақола мубтанӣ бар баррасии кутуб ва мустанадоти илмӣ, баррасӣ ва паймоиш дар теъдоде аз ширкатҳои кишварҳои Эрон ва Тоҷикистон шакл гирифтааст. Дар ин таҳқиқ бо мушоҳидаи амалкарди созмонҳо дар мувоҷеҳа бо тағйироти дарунӣ ва берунӣ ва мусоҳиба бо коркунон ва мудирони онҳо додаҳое лозим ҷамъоварӣ гардида, таҳлилу табақабандии додаҳо анҷом пазируфтааст. Ёфтаҳои таҳқиқ шомили ширкатҳои бонкии маскун дар Эрон ва “Кафолатбанк”, “Бабилион”, Китобхонаи миллӣ, Созмони ҳуқуқи инсонӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар кишвари Тоҷикистон аст.

**Ёфтаҳои таҳқиқ.** Он чи аз баррасиҳои суратгирифта ва таҳлили орои андешамандон ин ҳавза ба даст омад, ироаи як модели семарҳалаӣ барои фароянди тағйир аст. Ҳарчанд марохили ироашуда қаблан мавриди таъкид қарор гирифтааст,

бо ин ҳама, нававарии таҳқиқ дар шарҳи мароҳили ин фароянд нуҳуфтааст, ки дар идома баён мешавад.




Расми 1. Модели мафҳуми мароҳили тағйир

**Марҳалаи аввал (марҳилаи шинохт).** Ин марҳала муҳимтарин бахши фароянди тағйир ва таҳаввулро ташкил медиҳад, ки дар сурати таҳаққуқи саҳеҳ ва комили он эҳтимоли муваффақият дар ичрои барномаи тағйир ба мизони қобили мулоҳиза афзоиш меёбад. Дар ин марҳила мудирияти аршади созмон ба ҳамроҳи мушовирон, фароянд, мароҳил ва пайомадҳои тағйирро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷониби гуногуни тағйирро пешбинӣ ва бароварда менамоянд. Шинохти саҳеҳ аз созмон ва ошноӣ нисбат ба фароянди тағйир дар ин марҳила шакл мегирад.

**Марҳилаи дуюм (марҳалаи тағйир).** Ин марҳила оғози иҷрои таҳаввул дар созмон маҳсуб мешавад ва мебоист бар асоси силсиламаротиби созмонӣ аз боло ба поин ва бо меҳварияти мудирияти аршади созмон анҷом шавад.




Бархе аз мавориди ҳидоятгар дар ин марҳила иборатанд аз:

1. Мудирияти аршади созмон нақши як роҳбар ва директорро ҳамзамон ифо намояд.

2. Мудирияти аршади созмон ба таври комил аҳдоф ва ниёз ба тағйирро дарк намуда бошад.

3. Тими мушовара бо огоҳӣ ва мутолиаи дақиқ шакл гирифта бошад.

4. Мудирияти аршади  созмон ба дарки дуруст аз муҳити дарунӣ ва берунии созмон расида бошад.

5. Мудирияти аршади созмон барои осор ва табаоти ношӣ аз тағйир омода бошад.

Вижагиҳои ин марҳала иборатанд аз:

1. Таҳаввул аз боло ба поин аст.
2. Тағйир ва таҳаввул ба сурати таҷвизӣ ва дастурӣ иҷро мегардад.
3. Паёми тағйир равшан аст.
4. Тағйир ба сурати якбора иҷро мегардад.
5. Тағйир бо ҷиддият ва бар асоси барномаи тадвиншуда пайгирӣ мешавад.
6. Тасмимот ба сурати муттамарказ ахз мегардад.
7. Сиёсатҳои танбеҳии сахте дар баробари муқовиматҳои эҳтимолӣ дар баробари тағйир иттихоз мегардад.

Нуктаи муҳим дар ин марҳала нақши роҳбарӣ ва иҷрои фаврии фароянди тағйир аст. Ба маҳзи дарки ниёз ба тағйир мебоист барномарезӣ ҷиҳати иҷро ва созмондеҳии он пушти дарҳои баста ва бидуни эҷоди ҳассосият сурат пазирад, то пас аз фароҳам шудани модели тағйир ва қабл аз он ки нерӯҳои муқовимат бар зидди он фурсати шаклгирӣ ва инсиҷом пайдо намоянд ва дурустӣ қабл аз он ки афроди ғайриогоҳ фурсати баёни суханони вайронкунандаро ёбанд, мебоист фароянди тағйирро бо қудрат ва салобати тамом эъмол намояд.

Эътилофи замон дар ин марҳила мухарриб аст, ки набояд онро ба маънои дастпочагӣ донист, балки ба маънои он аст, ки мебоист қабл аз иҷрои фароянди тағйир мутолиот ба сурати фарогир ва ҳамаҷониба анҷом шавад ва дар тахмини замон ва ҳазина ҳамеша бадбинонатарин тахминҳо мелоки амал қарор гирад ва аз ҳазинаҳои ношӣ аз ин гуна тахминҳо ҳаросе надошт. Тағйир фароянде аст пӯё, ки дар мароҳили иҷрои он, агарчи бо ҳазинаҳое зиёде ҳамроҳ аст, бо ин ҳама дар сурати иҷрои дурусти давра баргашти сармоя кӯтоҳӣ хоҳад дошт.

**Марҳилаи сеюм марҳилаи тасбит ва бозёбии фароянди тағйир.** Ин марҳила талфиқе аст, аз иқдомот, ки ба сурати ҳамаҷониба дар сутӯҳи силсиламаротиби созмон ва аз боло ба поин ва аз поин ба боло таҳаққуқ меёбад.

Мафрузоти ин марҳала иборатанд аз:

1. Тағйир ба сурати комил дар марҳалаи қаблӣ иттифоқ афтодааст.
2. Коркунон назароти худро дар қолаби тағйири рухдода эълом медоранд.
3. Коркунон донишмеҳвар ҳастанд.

Вижагиҳои ин марҳилаи иборат аст аз.

1. Тағйир ба шиддат инъитофпазир аст;
2. Тасмимоти мудирият, натиҷаи назароти коршиносона тамоми бахшҳои созмон аст.
3. Омӯзиш асли асосӣ дар ин марҳала аст.
4. Подош ба пешниҳодот ва роҳкорҳои муассир ироа мегардад.
5. Такя бар фарҳанги созмонӣ аст.
6. Мушорикатгароӣ дар ҳадди болоиро ниёзманд аст.

Дар ин марҳила мушовирон ва мудирон миёни назароти асосӣ ва қобили эътинои коркунонро ба мудирияти аршади созмон ироа медиҳанд. Чархи бозхӯрд ба сурати доим ва пас аз ҳар гуна тағйири ҷузъӣ низ фаъол мебошад.

Натоиҷи ҳосил аз ин чарха ё ба тасбит меанҷомад ва ё ба сурати хуруҷ зоеот намоён мешавад, ки худ ё тағйироти куллиро сабаб мешавад ва ё ба таҷдиди назар дар фароянди тағйири суратгирифта мунҷар мегардад.

**Натиҷагирӣ.** Моделҳои гуногуне дар ҳавзаи тайғири созмонӣ ироа шудааст. Ин моделҳо бар лузуми тағйир тавассути нерӯҳои пешбаранда таъкид доранд. Он чи дар ин байн аз аҳамият бархурдор аст, наҳваи сомондиҳии нерӯҳои пешбаранда аст. Омиле, ки муваффақият ё адами муваффақият ҳар барномаи тағйирро мушаххас месозад. Дар ин мақола бо истиораи зистӣ ба табйини ин авомили пешбаранда пардохта мешавад.

**Мудирияти аршад (мағзи мутафаккири тағйир).** Таҳаввуле муассир аст, ки аз сӯйи мудирияти аршади созмон матраҳ ва ҳимоят гардад. Мудирият мағзи тасмимгиранда дар ҳар созмоне аст. Бидуни мудир, ки роҳбарӣ кунад, ҳеҷ созмоне қодир ба идомаи ҳаёт нест. Ҳатто дар сурати мувофиқати мудирият миёни созмон низ бидуни азми ҷаддии мудирияти аршад имкони ҳеҷ гуна таҳаввули муассире мақдур нест. Мудирияти олии созмон, ки тавони роҳбарии асарбахшӣ дошта бошад, худ беҳтарин омили ҳар гуна тағйире дар ҳар системае аст. Нақши мудирияти олӣ ба унвони танҳо бахши бемонанд дар идораи созмонҳо ва системаҳое, бахусус дар мароҳили оғозини тағйир ва таҳаввул, ҳоизи аҳамият аст. Далели аслии шикасти бештари барномаҳои таҳаввули созмонӣ адами рафтори ҳимоятгароёнаи мудирияти аршади созмон аз он ва ё таахҳуди андак нисбат ба он ва ё даргир шудан дар соири вазоифи созмонӣ ва кӯтоҳӣ нисбат ба он аст.

**Мушовирон (пешронаҳои тағйир).** Тағйире муносиб ва қобили арҷ аст, ки тавассути мудирияти аршади созмон ва бо баҳрагирӣ аз мушовирон ва хубрагон сурат пазирад. Муҳим нест, ки мушовиронро аз хориҷ ё аз даруни созмон баргузенем, балки нуктаи муҳим ва асосӣ дар интихоби мушовирон, парҳез аз даргир шудани онҳо дар умури иҷроӣ аст. Мушовирон мағзи мутафаккири тағйиранд ва ин муҳим дар шароите иттифоқ меафтад, ки аз даргир шудани онҳо дар умури иҷроӣ парҳез гардад. Ба таври кулли, ҳар фароянди тағйир ва таҳаввуле ниёзманди як тими мушовир аст, ки пайгирии фароянди таҳаввул ва тағйир муртабит гарданд. Мушовирон ду вазифа доранд: нахуст омодасозии мудирони аршади созмон нисбат ба фароянди тағйир. Дувум ин ки, мудириятро дар иҷрои дуруст ва беҳинаи фароянди тағйир ёрӣ ва мусоидат намоянд.

Мушовирон дар нақши катализаторҳое ҳастанд, ки фароянд ва прусаи тағйирро суръат ва шитоб медиҳанд ва бо ироаи роҳкорҳои ҷадиди мароҳили расидан ба

ҳадафро коҳиш медиҳанд. Мушовирон мукаммали мудирият созмон ҳастанд. Таваҷҷуҳ дошта бошед, ки ҳаргиз як мушовири хубро табдил ба як директор дар созмон накунед. Маҳдудаи корӣ ва перомунии мушовиронро он қадар ғанӣ кунед, ки ҳаргиз хаёли директор шудан дар сар надошта бошанд.

**Мудирони миёнӣ (ҳамоҳангкунандгон).** Мудирони миёнӣ ба унвони ҳалқаи иртиботдиҳандаи мудирият ва баданаи созмон амал мекунанд. Онҳо каналҳои иртиботии расмӣ дар созмон ҳастанд. Агар дар системае онҳо муваффақ ба ифоӣ саҳеҳ ва дурусти нақши иртиботии худ шаванд, бидуни шак он система дар ҳолати пӯёӣ ва бақо ба сар мебарад. Шояд муҳимтарин қобилияти мудирони миёнӣ дар ин марҳила қудрати онҳо дар ирсол ва дарёфти паёмҳои мухталиф аст.

Мудирони миёнӣ дар фароянди тағйир дар марҳилаи нахуст нақши ҳаётӣ доранд. Дар ин марҳила мудирони миёнӣ зимни риояи роздорӣ ва бидуни таваҷҷуҳ ба навъи тағйир мебоист иттилооти мавриди ниёзи мудирон ва мушовиронро фароҳам созанд. Дар марҳалаи дуюм низ онҳо мебоист фаромин ва дастуроти тағйирро бидуни дахл ва тасарруфе дар ихтиёри коркунон қарор диҳанд ва дар ниҳоят дар марҳилаи сеюм, нақши фаъоли онҳо дар чарх ва таъдили паёмҳои ҳаётӣ аст.

**Коркунон.** Марҳилаи тасбит дар гарави амалӣ намудани дуруст ва комили вазоиф ин гурӯҳ аст. Коркунон дар фароянди тағйир бештарин вокунишҳоро аз худ буруз дода ва нақши асосӣ дар иҷрои барномаҳои тағйир ва пиёдасозии он доранд.

Коркунон дар сурати омӯзиш дидан ҷиҳати мувоҷеҳа бо фаровандҳои таҳаввулгароёна метавонанд ба унвони омили муваффақият ва пирӯзии ҳар барномаи созмон бошанд.


### АДАБИЁТ

1. Марии Ҷ. Теорияи созмони модерн;намодин - тафсирӣ ва паст модерн / Ҷ.Марии, 2006. -611с.
2. Мухтории Баҳром Хон. Мудирият тағйир бо андешидан қабл аз анҷом додан / Мухтории Баҳром Хон. –Теҳрон: Интишороти маркази омӯзиш ва таҳқиқоти санъати Эрон, 1386.
3. Наҷмӣ Манучехр. Модел ҷоиза таолӣ 2010 / Наҷмӣ Манучехр. –Теҳрон: Интишорот сромд. Чоп аввал, 1389.
4. Каивӣ Римун. тарҷима нек гхр,абдулхусайн / Каивӣ Римун ва ҳамкорон. –Теҳрон: Нашри тутио.Чоп дуюм, 1385.
5. Ҷуодин Резо. Назария ҳое умуми созмон ва мудирият / Ҷуодин Резо. –Теҳрон: Интишороти нигоҳи дониш. Чопи аввал 1387.


### РОЛЬ И МЕСТО СТРАТЕГИИ ОРГАНИЗАЦИОННЫХ ИЗМЕНЕНИЙ РАЗВИТИИ ОРГАНИЗАЦИИ


В данной статье автор рассматривает роль и место организационных изменений в выработке стратегии организации и определении направления на пути к достижению поставленных целей. Если стратегия будет правильной, будут созданы необходимые условия для ее выполнения и реализации конкретных задач, поставленных перед организацией.



**Ключевые слова:** рыночная экономика, стратегическое мышление стратегический менеджмент, система управления организацией, структура организации, содействие развитию организаций.


### THE ROLE AND PLACE OF THE STRATEGY OF ORGANIZATIONAL CHANGES IN THE ORGANIZATION DEVELOPMENT


In this article the author considers the role and place of the organizational changes in the development strategy of the organization and the determination of the direction towards the achievement of its objectives. If the strategy is right, will create the necessary conditions for its implementation and the implementation of specific tasks set before the organization.



**Key words:** market economy, strategic thinking, strategic management, management system organization, organizational structure, assistance to development organizations.



**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Махди Ашрофиён Рахики*** – аспирант Таджикского национального университета


## ПАЙДОИШ ВА ТАШКИЛИ ШИРКАТҲОИ БУЗУРГИ САНОАТӢ Ё ФАРОМИЛЛӢ ВА ВУҚӮИ ИНҲИСОРИ ИҚТИСОДИ ҶАҲОНӢ


***Алиризо Аскарпур***
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ**
**Гурӯҳи мудирияти воҳиди Шуштар, Донишгоҳи озоди исломии Шуштар, Эрон**


Шаклгирӣ ва пайдоиши ширкатҳои фаромиллӣ (multi-national corporations) дар асри XX яке аз мунокишабарангезтарин падидаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ будааст. Тайи

ин муддат ширкатҳо ба гунае амал карданд, ки ба нудрат метавон кишвареро ёфт, ки ба шакле дар маърази нуфузи онҳо қарор нагирифта бошад. Алорағми ихтилофи назарҳо ва тарҳи дидгоҳҳои мутафовит дар хусуси таъсироти манфӣ ва мусбати ин ширкатҳо дар саҳнаи иқтисоди ҷаҳонӣ, бахусус дар иртибот бо кишварҳои тавсеанаёфта наметавон аз нуфузи фазояндаи онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ, ҳатто дар ҳокимият ва иқтидори давлатҳо бетафовут гузашт. Ба гунае ки амалкарди ин ширкатҳо бо абъод ва шаънҳои мухталифи зиндагии кишварҳои дар ҳоли тавсеа ончунон дар ҳам омехтааст, ки шинохт ва таҷзияву таҳлили авзои иқтисодӣ ва иҷтимоии ин кишварҳо бидуни таваҷҷуҳ ба нақши тавсеаи ширкатҳои чандмиллиятӣ амри маҳол ба назар мерасад ва бар ҳамин асос ниёзманди огоҳии комил нисбат ба ин падидаи муҳимми ҷаҳонӣ ҳастем.

**Таърифи ширкатҳои чандмиллиятӣ.** Ширкати чандмиллиятӣ (Multinational Corporation) ширкатест, ки ба манзури густариши фаъолияти худ дар саросари ҷаҳон ва сармоягузорӣ дар қутбҳои саноатии кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва истифода аз имконоти ин қабил кишварҳо, дар кишварҳои мухталиф ва мутааддил иқдом ба таъсиси як ширкати фаръӣ, (яъне ширкате, ки қисмати аъзами саҳҳомаш мутааллиқ ба ширкати аслӣ аст) мекунад. Дар ширкатҳои чандмиллиятӣ ширкати модар ё ширкати аслӣ тобеияти кишвари маҳалли сабти худро дорад. Ширкатҳои фаръӣ ҳар кадом маҳалли сабти худро доранд, мисли «Coca-Cola». Ширкатҳои фаръӣ муҷрии назарияҳои иқтисодӣ ва мудирияти мутамаркази аслӣ мебошанд. Ширкатҳои чандмиллиятӣ дар ҳоли ҳозир ба кулҳои бузурги иқтисодӣ ва сиёсӣ табдил шудаанд ва чунон дар кишварҳои мутааддид реша давондаанд, ки таъйини миллият ва таллуқи онҳо ба ин ва ё он кишвар чандон осон нест. Чандмиллиятҳо, ки вобаста ба сармояи инҳисории ҷаҳонӣ мебошанд, дар айни ҳол саъй мекунанд, таҳти назорати қудрати сиёсии ҳеҷ кишваре набошанд. Онҳо, ба далели ин ки дар пайи судҳои калон ҳастанд, масолеҳи иқтисодии ҳар кишвареро ба хотири манфиятҳои худ зери по мегузоранд ва гоҳе низ барои ҳукумат расонидани дастёрони худ, даст ба дасиса мезананд. Бузургтарин марказҳои ширкатҳои чандмиллиятӣ дар Амрико, Англия, Олмон, Фаронса ва Япония қарор доранд.

Зоҳиран, аввалин касе, ки ширкати чандмиллиятиро таъриф кард, Девид Лилентол (David Lilienthal) буд, ки дар соли 1960 як таърифи сода барои ширкатҳои чандмиллиятӣ ироа кард. Ширкате, ки дар як кишвар ташкил шуда, аммо таҳти муқаррароти кишварҳои дигар ҳам фаъолият мекунад. Бар асоси ин таъриф ширкати чандмиллиятӣ мисли ҳар ширкати дигаре таҳти қонунҳои як кишвари мушаххас таъсис шуда ва сипас, дар кишварҳои дигар ҳам ба фаъолияти иқтисодӣ мепардозад.

Аммо ҳатто, дар ҳамон замон ҳам ширкатҳое вуҷуд доштанд, ки ширкати чандмиллиятӣ таллақӣ мешуданд, вале дар таърифи боло қарор намегирифтанд. Ширкате монанди «Роял Доч Шел», ки аз ибтидо таҳти қонунҳои ду кишвари Англия ва Голандия таъсис шуда буд, бидуни шак як ширкати чандмиллиятӣ буд. Бинобар ин, таърифҳои дигаре ироа шуд, ки бештар ба қаламрави фаъолияти ширкат таваҷҷуҳ мекард, то маҳалли ташкили он.

Пас, дар як таърифи сода ширкати чандмиллиятӣ ширкате аст, ки иқдом ба сармоягузории мустақими хориҷӣ (Foreign Direc Investment ё ба иқтисод FDI) кунад.

Дар муқобили маҳалли ташкил ё миллияти соҳибони ширкат (дар адабиёти Созмони Милал ҳам таъкид бар унсури қаламрави фаъолият мушоҳида мешавад). Замоне ки дар шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милал (ECOSOC) баҳси тадвини муқаррарот барои ширкатҳои чандмиллиятӣ матраҳ шуд, намояндагони бархе кишварҳо истидлол карданд, ки истилоҳи ширкатҳои чандмиллиятӣ бояд дар мавриди ширкатҳое ба кор равад, ки тавассути ашхосе бо миллиятҳои гуногун таъсис ва идора мешаванд.

Бинобар ин, барои ишора ба ширкатҳое, ки дар кишварҳои мухталиф фаъолияти мустақим мекунанд, табиатан ин ширкатҳо мавриди назар буданд, аз истилоҳи ширкатҳои фаромарзӣ (Transnational Corporations ё ба ихтисор TNC) истифода шуд. Имрӯз низ дар Созмони Миллал ба муассисаҳои вобаста барои ишора ба он чи умуман, ширкатҳои чандмиллиятӣ номида мешавад, маъмулан аз истилоҳи ширкатҳои фаромарзӣ (TNC) истифода мекунанд.

**Зуҳур ва густариши ширкатҳои чандмиллиятӣ. Зуҳур ва густариши ширкатҳои фаромиллӣ.** Мафҳуми ширкати чандмиллиятӣ маҳсули давраи пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аст ва ба назар мерасад, ки то пеш аз соли 1960 ин истилоҳ дар ҷойе мавриди истифода қарор нагирифтааст ва ё лоақал дар матнҳои тахассусӣ сабт нашуда бошад. Корбурди мутадовили таъбири ширкати чандмиллиятӣ аз ҳангоми интишори

замимаи ихтисоси маҷаллаи (Business Week) таҳти унвони ширкатҳои чандмиллиятӣ оғоз гардид.

Ончунон ки (Fieldhouse) дар накди мафҳуми вожаи ширкати чандмиллиятӣ мегӯяд, ин вожа барои нахустин бор тавассути David Lilienthal раиси созмони даретинсӣ бузургтарин муассисаи хадамоти умумии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соли 1960 ба кор бурда шуд. Яъне пас аз солиёни бисёр, ки аз фаъолияти ин қабил ширкатҳо мегузашт, дар воқеъ собиқаи фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ бо вуҷуди тозагии зоҳирии онҳо ба соли 1867 боз мегардад. Яъне як қарн пеш аз он ки корбурди номи онҳо ба таври густурдае мутадовил шавад.

Дар солҳои даҳаи 1860 ширкатҳое ба вуҷуд омаданд, ки дар фаросӯйи марзҳои миллии худ оғоз ба тавлид карданд. Ширкатҳое назири Сингер, (International Harvester), «Вестинг ҳавс электрик», жилет ва ғайра дар он даврон соҳиби корхонаҷоти тавлидӣ дар дигар кишварҳо буданд. Зимни он ки ширкатҳои нефтӣ, бахусус «Стандарт оюл» ва «Роял Доч Шил» низ аз пешқадамони ширкатҳои фаромиллӣ ба шумор мерафтанд. Бо вуҷуди ин, ба ҷуз ин қабил мавридҳои истисноӣ тавлиди байналмилалии ширкатҳои чандмиллиятӣ дар марҳилаҳои баъдии тавсеаи сармоядорӣ ва дар васатҳои қарни XX бо абъоди густурдатар оғоз шуд.

Гурӯҳи далели судури сармоя ва ташкили ширкатҳои фаромиллиро дар сохти инҳисории санъат ҷустуҷӯ намуда ва изҳор медоранд, ки сармоя худ ба худ ба ҳар куҷо, ки фурсатҳои пурсудтаре вуҷуд дошта бошад, ҷалб мешавад. Ба ҳар ҳол аз назари ҳамаи ин дидгоҳҳо пайдоиши ширкатҳои фаромиллӣ ба пешфарз ва мантиқи дарунии низоми сармоядории ҷаҳонӣ боз мегардад.

Ба ин тартиб, агарчи аз давраи савдогарӣ (mercantilism) бархе ширкатҳо, назири компанияҳои Ҳинди шарқӣ ба тиҷорат бо минтақаҳои дурдасти Амрико, Африка ва Осиё иштиғол доштанд, вале ин қабил ширкатҳои бозаргонӣ, маъданӣ ва кишоварзиро наметавон ба унвони пешқадамони ширкатҳои фаромиллӣ донист. Ин гуна бунгоҳҳои иқтисодӣ пояҳои инқилоби санъатиро таҳким намуданд, вале пешқадамони ширкатҳои фаромиллии имрӯзаро бояд дар миёни корхонаи кӯчаке ёфт, ки ба василаи табақаи сармоядор идора мешуданд. Табдили ин маҳсулотҳои кӯчак ба бунгоҳи хонаводагӣ (family firm) қадами баъдӣ дар такомули созмони иқтисодии ҷомеаҳои сармоядорӣ буд. Ба мувозоти анбошти сармояи кул, таҷаммуъ ва тароҳуми сармояҳои инфиродӣ, ташкилдиҳандаи он низ пайваста афзоиш меёфт ва тақсими умумии кор низ афзурда мешуд. Ба ин тартиб, иқтисоди ширкатӣ (corporate economy) такомул пайдо кард.

То аввалҳои қарни XX рушди сареи иқтисоди ширкатӣ ва наҳзати идғоми ширкатҳо сабаб шуд, ки ширкатҳои кӯчаки мутааддид дар ширкатҳои миллии азиме, ки дар минтақаҳои мухталиф ба фаъолиятҳои мутанавее машғул буданд, идғом шаванд. Ин шеваи ҷадиди тавлид, бозорёбии қораи (материкӣ) идғоми умумӣ (vertical integration) ба сохти мудирияти тозае ниёз дошт. Дар натиҷа, бунгоҳи хонаводагӣ, ки таҳти назари дақиқи афроди маъдуд буд, ҷойи худро ба ҳарами мудирияти ширкат дод. Сармояи қудрат майдони амали ҷадиде касб кард ва ҳавзаи ҳамоҳангсозии огоҳона вусъат гирифт ва ҳавзаи тақсими кор мубтанӣ бар бозор маҳдуд шуд. Ба зуздӣ ин ҳаракт ба сӯйи афзоиши тақсими амудии кор дар амалиёти мудирият намуна шуд. Барои ширкатҳои миллии тозапое, ки бо ҳамин масъалаи ҳамоҳангсозии коргоҳҳои бисёр пароканда мувоҷеҳ буданд, бозаргонӣ низоми мудирияти органикиро барпо кард ва ширкати навин таваллуд ёфт. Дар натиҷа, имконоти тозае барои ақлонӣ кардани тавлид ва истифодаи муназзам аз пешрафтҳои улуми табиӣ ва иҷтимоӣ дар фаъолиятҳои иқтисодӣ фароҳам омад.

Бо вуҷуди фишорҳои ҳамаҷонибае, ки бар ширкатҳои фаромиллии воридшуда ин ширкатҳо ба рушд ва густариши худ идома доданд. Дар соли 1970 теъдоди 7300 ширкати фаромиллӣ вуҷуд дошт, ки дорои 27300 ширкати тобее дар хориҷ буданд. Дар ҳоле ки дар соли 1989 теъдоди ин ширкатҳо ба 35000 воҳид ва теъдоди ширкатҳои тобеи онҳо ба 150 000 воҳид афзоиш ёфт. Тайи даҳаи 1980 сармоягузории ширкатҳои фаромиллӣ бо нархи солонаи муодили 14% рушд кард, ки ин рушд дар соли аввали даҳаи 1990 ба ҳудуди 6% коҳиш ёфт. Бо вуҷуди ин, ҳамон гуна ки омор нишон медиҳад, тайи ду даҳаи гузашта солона теъдоди ширкатҳои фаромиллӣ ба таври мутавассит 6,8% ва теъдоди шикатҳои тобеи онҳо ба таври мутавассит 4,9% афзоиш доштааст.

Бар асоси омори Созмони Миллали Муттаҳид теъдоди ширкатҳои чандмиллияти ҷаҳон дар соли 1992 беш аз 35000 воҳид гузориш шудааст, ки дар ҳудуди 170000 шуъбаи тобеи хориҷиро таҳти пӯшиш доштаанд. Бисёре аз ин

ширкатҳо аз назари молӣ бузургтар аз иқтисоди баъзе аз кишварҳои ҷаҳон ҳастанд. Бинобар омори нашрияи «Fortune» дар соли 1986 мизони фурӯши чаҳор ширкати амрикоӣ ва як ширкати мустақар дар Аврупо ҳар як беш аз 50 миллиард доллар буд. Фурӯши Генерал моторз низ дар сатҳи ҷаҳон беш аз 102 миллирад доллар болиғ мегардид, ки беш аз тавлиди нохолиси дохилии ҳар як аз кишварҳои Утриш, Дом-Марк, Нигерия, Норвегия ва Венисуела буд. Ин ба он далел аст, ки мулоҳиза мекунем, дар тӯли даҳаҳои охир гоҳ арзиши маҳсулот ва хадамоти бархе аз ширкатҳо, масалан ширкати нефтии Exxon аз арзиши маҳсулот ва хадамоти тавлидшуда тавассути кишваре, чун Шветсия бештар будааст, ё ширкате ҳамчун «General Motors» аз назари иқтисодӣ вазне дар ҳадди кишвари Голландия ба шумор омадааст. Ҳамчунин дар мақтаи гурӯҳи ҷопонии Нипун Стил ва гурӯҳи саноатии амрикоии Ю.С. Стил «ҳар як ба танҳоӣ бештар аз кишвари Фарноса фулод тавлид мекарданд».

Ширкатҳои фаромиллӣ бо вуҷуди абъоди ширкатҳои калони дигар худ сареан дар ҳоли рушд ҳастанд, ба гунае ки рӯз ба рӯз императориҳои азими саноатӣ ва тиҷории худро густариш медиҳанд ва ба шакли фазояндае дар бахшҳои васеътаре аз ҳаёти иқтисодии кишварҳо рахна мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ҳамин раванд (Stephen Hymer) мутахассиси улуми сиёсӣ ва иқтисодӣ пешбинӣ кард, ки дар ояндаи начандон дур режиме муташаккил аз 300-400 ширкати чандмиллиятӣ бар беш аз 70% кулли боздеҳи саноатии ҷаҳон ҳукумат хоҳанд кард.

Пешбинии Ҳумер чандон дур аз воқеъ набуд, зеро дар ҳоли ҳозир панҷ кишвари тавсеаёфтаи сармоядорӣ, яъне Иёлоти Муттаҳида, Олмон, Ҷопон, Фаронса ва Англия 172 ширкат аз 200 ширкати бузурги фаромиллиро дар ихтиёр доранд. Ширкатҳое, ки 25% тавлиди ҷаҳониро дар даст доранд, бо такя бар чунин қудрате аст, ки ширкатҳои чандмиллиятии имрӯзаи ҳокимияти давлатҳоро ба мубориза талабида ва иқтидори онҳоро мавриди таҳдид қарор медиҳанд.

**Технологияи муосир дар инҳисори фаромиллиятиҳо.** Фаромиллиятиҳо дар дунё дар сохти маҳсулоте, ки печидатарин фановарӣ дар онҳо ба кор рафтааст, аз ҷумла саноеи химиявӣ, доруӣ, таҷҳизоти пешрафтаи бемористон, мошинсозӣ ва нефт тахассуси густурда доранд. Ширкатҳои «I.T.T», «Кокакола», «Форд», «Ҷенерал моторз», «ЕВМ», «Майкрософт аз Амрико» «Зойс» ва «Зименс» аз «Олмон», «Филипс» аз Голандия, «Тоёта» аз Ҷопон, «Рено» ва «Пежо» аз Фаронса, «Шел» аз Англия, аз ҷумлаи ширкатҳои бузурги чандмиллиятӣ ҳастанд.

**Бархӯрди тафаккуроти марксистӣ бо ширкатҳои чандмиллиятӣ.** Дар ҳудуди 35 соли гузашта, ҳангоме, ки ширкатҳои фаромиллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ба суръат рӯ ба тараққӣ ниҳодаанд, нигаронии иқтисоддононро фаро гирифт. Ширкатҳои фаромиллӣ, ҳар кучо ки шароитро мусоид меёфтанд, мустақар шуда, ба фаъолият мепардохтанд ва ин масъала замондоронро дучори изтироб менамуд. Чунин ба назар мерасид, ки ин ширкатҳо бо такя бар тавонмандиҳои молӣ, технологӣ ва мудириятӣ базудӣ иқтисоди ҷаҳониро таҳти нуфузи худ дар хоҳанд овард.

Ин масъала бо ривоҷи тафаккуроти марксистӣ абъоди васеътар ёфта ва дар миёни тӯдаҳои мардуми бисёре аз кишварҳо нигаронии ғалабаи ширкатҳои фаромиллиро пароканда буд. Бар асоси тафаккуроти роиҷ ширкатҳои фаромиллии бисёр бузург, судҷӯ ва бидуни миллият дар рақобат бо давлатҳои мизбон онҳоро аз майдон хориҷ намуда ва зимни ба даст гирифтани муқадироти ин кишварҳо ба истисмоли тӯдаҳои мардум мепардохтанд. Римонд Вернон (Raymond Vernon) устоди донишгоҳи Ҳорворд дар китоби худ ба номи «Туфони чандмиллиятиҳо», ки дар соли 1977 мунташир шуд, ба тарҳи ин назария пардохт, ки ширкатҳои чандмиллиятӣ таҷассуми айнии нобасомониҳои мавҷуд дар ҷомеаи саноатӣ ба шумор меоянд. Пул Борон яке аз назарияпардозони радикализм, ки вай ҳам роҳёфти марксистӣ ба масъла дорад, робита миёни ширкатҳои фаромиллӣ ва кишварҳои тавсеанаёфтаро ғайримунсифона дониста ва муътақид аст, ки ширкатҳои фаромиллӣ умдатан, аз тариқи тасаллут бар манобеи табиӣ ва бозорҳои ин кишварҳо манфиятҳои худро таъмин мекунанд. Ба гуфтаи вай бунгоҳҳои инҳисорӣ аз тариқи ҷазби мозоди иқтисодии ҷомеаҳои тавсеанаёфта, ҷараёни санъатӣ шудан ва тавсеаи онҳоро ақиб меандозанд. Иқтисоддонони радикали мактаби вобастагӣ низ тавсеа ва тавсеанаёфтагиро умдатан иллати вобастагии кишварҳои ҷаҳони сеюм, кишварҳои пешрафтаи сармоядорӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ медонанд.

**Созмони Милали Муттаҳид ва ширкатҳои чандмиллиятӣ**. Созмони Миллали Муттаҳид, ки солҳо талоши худро сарфи тадвини муқаррароте барои назорати ин

ширкатҳо мекард, имрӯз кишварҳои дар ҳоли тавсеаро роҳнамоӣ мекунад, ки чи гуна ширкатҳои фаромилолиро дар дом андозанд ва ба тартиб аз манобеъ ва имконоти онҳо дар ҷиҳати ҳадафҳои рушд ва тавсеаи иқтисодии худ баҳрабардорӣ намоянд.

Раҳнамудҳои конференсияи тиҷорат ва тавсеаи Миллали Муттаҳид (UNCTAD) ба кишварҳои дар ҳоли тавсеа муайиди ҳамин амр аст. Дикен иқтисоддони машҳури амрикоӣ ширкатҳои фаромиллиятиро созандагони аслии иқтисоди ҷаҳонӣ тавсиф мекунад. Онҳо бар тиҷорати ҷаҳон назорати комил доранд. Дар воқеъ, Дикен баровард мекунад, ки муодили $\frac{1}{3}$ тиҷорати ҷаҳонӣ бар тиҷорати фаромиллиятии даруни худи ин бунгоҳҳо мубтанӣ аст. Ба ибораи дигар, мубодилоти миёни бахшҳои гуногуни бунгоҳҳои воҳид даруни бозорҳои дохилии худашон мебошад.

**Накде бар ширкатҳои чандмиллиятӣ.** Як иқтисоддони маълум бо номи Ронал Муле мегӯяд, ширкати чандмиллиятӣ ширкате аст, ки идороти марказии он (Headquarters) бо унвони ширкати модар дар як кишвар қарор гирифта ва амалиёти ширкатҳои тобеи он дар чанд кишвари хориҷӣ анҷом мешавад. Бадеҳӣ аст, ширкати чандмиллиятӣ касби ҳадди аксар суд барои ширкати модарро дар авлавияти ҳадафҳои худ қарор медиҳад ва судоварии ширкатҳои тобее метавонад дар марҳилаи баъдӣ воқеъ шавад.

Ширкатҳои фаромиллиятӣ аз қудратмандтарин ва таъсиргузортарини иқтисодӣ дар низоми сармоягузории ҷадид ҳастанд. Низоми сармоядорӣ дар гузашта дар чаҳорчӯби кишварҳо маҳдуд буд ва имрӯз буъди байналмилалӣ ёфта, дорои ваҳдати тиҷорӣ, молӣ ва саноатӣ шудааст. Фаъолияти фаромиллиятиҳо дар заминаҳои тавлидӣ ва пазиришӣ на танҳо бо шароити иқтисодии кишвари аслӣ, балки бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷаҳонӣ таъйин мешаванд. Ин ширкатҳо аз имконоти рӯёрӯйӣ бо давлатҳои миллӣ бархурдоранд ва соҳибони онҳо дар воқеъ, ба мусобеи салотини бетоҷу тахт ҳастанд. Ғолибан, созу кор ва механизми тавсеаи ширкатҳои чандмиллиятӣ ба сабаби ду пешрафти фаннии зер будааст:

- рушди ширкатҳо аз назари сохторӣ, ташкилотӣ, бузургтар шудан ва густариш;
- рушди васоили иртиботии ҷадиди электроникӣ ва мухобиротии тиҷорати электронӣ.

Дар воқеъ, иллатҳои асосии густариши ширкатҳои фаромиллиятӣ, бахусус дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа муттакӣ ба абъоди зер аст:

- итминон аз фароҳам будани маводи аввалияи зарурӣ;
- назорат бар бозорҳои хориҷӣ барои тасҳилоти судури маҳсулот ва назорати онҳоро дарихтиёрдошта;
- адами ниёз ба пешбинии рақобат аз сӯйи ширкатҳо ва созмонҳои кӯчаки маҳаллӣ;
- суди фаровони ҳосил аз нерӯи кории арзон.

Хулоса, ширкатҳои чандмиллиятӣ ё фаромиллиятӣ воқеияти бузурги замони ҳозир маҳсуб мешаванд, ки ба таври рӯзафзун густариш пайдо карда, кишварҳо ва миллатҳои мухталифро ба якдигар наздиктар кардаанд. Ҳамчунин боиси равнақ ва тавсеаи иқтисодӣ дар ҷаҳон шудаанд. Арзёбии асароти иқтисодӣ ва иҷтимоии ширкатҳои чандмиллиятӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа дар баррасии манфиятҳо ва зиёнҳои амалиёти ширкатҳои чандмиллиятӣ дар кишварҳои дигар, бардоштҳо ва назарияҳои мутафовите иброз шудааст, ки дар зер ба порае аз онҳо ишора мешавад:

Дар маҷмӯъ, бархе коршиносон ва муҳаққиқон ин ширкатҳоро муҳаррики тавсеа ва мунҷии маҳрумони ҷаҳони сеюм пиндоштаанд ва пораи дигар онҳоро василае барои ғорат ва истисмори ин кишварҳо медонанд.

Имрӯз барои вуруд ба бозорҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи дақиқ ба се омили зер зарурат дорад:

- тафаккури фаромиллиятӣ;
- стандартҳои ҷаҳонӣ;
- тавлиди рақобат.

Таҳти ин шароит ҷумлаи маъруфи Мак Лоҳан (Mc Lohan) ҷомеашиноси маъруфи канадагӣ мисдоқ дорад, ки гуфтааст: «Дунё ба як деҳкадаи ҷаҳонӣ табдил шудааст».

Бидуни шак, рушди сареи ширкатҳои фаромиллӣ тайи чанд даҳаи гузашта ва рақобати шадиди кишварҳо барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ тавозуни қудрат байни давлатҳои миллӣ ва ширкатҳои фаромиллиро дигаргун карда, қудрати давлатҳои миллӣ костааст. Дар порае аз кишварҳо ин таҳаввул бисёр чашмгир аст, зеро тавони иқтисодии ширкатҳои фаромиллӣ гоҳо ба маротиб бештар аз қудрати

иқтисодии давлатҳои миллӣ мебошад. Аммо дар маҷмӯъ, ин таҳаввул ба гунае набудааст, ки давлатҳои миллиро аз саҳна хориҷ созад. Баръакс, давлатҳои миллӣ ҳанӯз бозингари умдаи ин саҳнаанд ва аз қудрати қобили таваҷҷуҳе дар баробари ширкатҳои фаромиллӣ бархурдор мебошанд.

Давлатҳои миллӣ метавонанд бо истифода аз сиёсатҳо ва абзори иқтисодии муносиб, фаъолияти ширкатҳои фаромиллиро дар заминаҳое, ки дорои аҳамияти стратегӣ мебошанд, тарғиб кунанд. Сармоягузории хориҷӣ дар тавсеаи иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҷаунбу Шарқии Осиё, назири Сингапур, Малайзия, Кореяи Ҷанубӣ ва Таиланд нақши таъйинкунандае ифо намудааст. Аммо дар куллияи ин мавридҳо давлатҳои миллии ин кишварҳо нақши мунфаил дар баробари сармоягузории хориҷӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ надоштаанд. Баръакс, ба равишҳои мухталиф фаъолияти онҳоро танзим намудаанд. Дар маҷмӯъ, чунончи давлат дар баробари ширкатҳои фаромиллӣ дуруст амал кунад, муваффақ хоҳад шуд, то бар рафтор ва амалкарди сармояи хориҷӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ таъсир бигузорад ва аз фурсатҳои раванди ҷаҳонӣ шудан ба наҳви матлуб баҳрабардорӣ намояд.

### АДАБИЁТ


1. Алии Оғобахшӣ. Фарҳанги улуми сиёсӣ / Алии Оғобахшӣ, Мино Афшории Род. –Теҳрон: Интишороти маркази иттилоот ва мадорики илмии Эрон, 1376.
2. [Захираи электронӣ]. http://www.mehrnews.com/fa/NewsDetail.aspx?NewsID=1582209.
3. [Захираи электронӣ]. http://www.donya-e-eqtesad.com/Default_view.asp?@=207254.
4. Захираи электронӣ]. http://siasi.porsemani.ir/node/912.
5. [Захираи электронӣ]. http://www.isu.ac.ir/publication/Andesh-ye-Sadiq/Andesh-ye- Sadiq_16/Andesh-ye-Sadiq_1617.htm.
6. [Захираи электронӣ]. http://yasaei.ir/index.php?option=comcontent&view=article&id=29:unctad&catid=13:dan&Itemid=14.
7. [Захираи электронӣ]. http://www.noormags.com/view/fa/articlepage/106299.


### СОЗДАНИЕ КРУПНЫХ ПРОМЫШЛЕННЫХ ИЛИ ТРАНСНАЦИОНАЛЬНЫХ КОРПОРАЦИЙ И ВОЗНИКНОВЕНИЕ МОНОПОЛИЙ В МИРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ


В данной статье автор рассматривает деятельность крупных промышленных транснациональных корпораций и монополий в мировой экономике. Международные корпорации являются важным элементом развития мировой экономики и международных экономических отношений и они становятся непосредственными участниками всего спектра мирохозяйственных связей и мировой экономики. Распространяя свою производственную деятельность на другие страны, Транснациональные корпорации расширяются и укрепляют свои рыночные позиции:



**Ключевые слова:** развитие мировой экономики, международные экономические отношения деятельность крупных промышленных транснациональных корпораций, мирохозяйственные связи.


### THE ESTABLISHMENT OF LARGE INDUSTRIAL OR TRANSNATIONAL CORPORATIONS AND THE EMERGENCE OF MONOPOLIES IN THE WORLD ECONOMY


*Alireza Askarpour*

**Department Of Management, Shoushtar Branch, Islamic Azad University, Shoushtar, Iran**



In this article the author considers the activities of large industrial transnational corporations and monopolies in the world economy. International corporations are an important element of the development of world economy and international economic relations, and they become direct participants of the whole spectrum of global economic relations and world economy. Spreading their production activities in other countries, Transnational corporations expand and strengthen its market position:



**Key words:** development of the world economy, international economic relations, the activity of large industrial transnational corporations, the world economy.



**Сведения об афторе:** *Алирезо Аскарпур* – аспирант Института гуманитарных наук АН РТ.

E-mail: **alireza_askarpour@yahoo.com**


## БАРРАСИИ ТАЪСИРИ МУТАҒАЙИРҲОИ КАЛОНИ ИҚТИСОДӢ (ДАРОМАДҲОИ НЕФТӢ, ТАСҲИЛОТИ ПАРДОХТИИ БОНКҲОИ КИШВАР ВА НАРХИ БОЗДЕҲИ САРМОЯГУЗОРӢ) БАР БОЗДЕҲИ БОЗОРИ САҲОМИ ШИРКАТҲОИ ПАЗИРУФТАШУДА ДАР БИРЖАҲОИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ТЕҲРОН


***Аҳмади Козимӣ***

**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Ободон, Эрон**


Шинохти омилҳои муассир бар бозори саҳом нақши муҳиме дар пешбинии рафтори бозори саҳом хоҳад дошт. Ҳадафи ин пажӯҳиш баррасии таъсири бархе аз мутағайирҳои калони иқтисодӣ аз қабили даромадҳои нефтӣ, мизони тасҳилоти

пардохтӣ тавассути бонкҳо ва нархи боздеҳи сармоягузорӣ бар боздеҳи бозори саҳом мебошад.

**Баёни масъала.** Яке аз шаклҳои навасоноти бозорҳои молӣ навасоноти шохисҳои бозори саҳом аз қабили қиматҳои саҳом ва боздеҳи бозор мебошанд. Шиносии иллатҳо ва омилҳои эҷоди тағйирот дар қиматҳои саҳом, аз ҷумлаи мавзӯоти мавриди таваҷҷуҳи таҳлилгарони молӣ дар бозорҳои молӣ аст. Ин таҳқиқ ба дунболи таъйини мизони таъсири даромадҳои нефти кишвар, тасҳилоти пардохтии бонкҳо ва нархи боздеҳи саромоягузорӣ бар боздеҳи бозори саҳом мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба нақши калидии давлат дар иқтисоди кишвар, асарпазирии бозори саҳом аз сиёсатҳои иқтисодии давлат, баррасии таъсири омилҳои калони иқтисодӣ бар боздеҳи бозор аҳамияти дучандоне хоҳад ёфт. Аз ҷумлаи ин омилҳо метавон бар даромадҳои нефти кишвар, тасҳилоти пардохтии бонкҳо, ки ғолибан бо нархҳои тарҷеҳӣ дода мешаванд, нархи боздеҳии сармоягузорӣ дар кишвар ишора намуд. Бинобар ин, аст ки робитаи омилҳои пешгуфта бар боздеҳи бозор барои таҳлилгарон, сармоягузорон ва дастандаркорони кишвар табйин гардад.

**Тасҳилоти бонкӣ.** Дар ин пажӯҳиш тасҳилоти пардохтии бонкҳо бар асоси оморҳои моҳонаи Бонки марказӣ андозагирӣ хоҳад шуд. Ин мутағайир дар бисёре аз мутолиот аз қабили мутолиоти Кругман ба кор гирифта шудааст. Таъсири тасҳилоти пардохтии бонкҳо бар бозори саҳом метавонад ба гунае баён гардад, ки бо афзоиши тасҳилоти пардохтии бонкҳо ба далели афзоиши ҳаҷми нақдинагӣ боис мешавад, ки шохиси бозори саҳом ба далели боло рафтани тақозои харид афзоиш ёбад ва ба таври табиӣ, ҳар гоҳ шохиси бозори саҳом фузун ёбад, хатари бозор низ афзоиш хоҳад ёфт.

**Даромадҳои нефтӣ.** Даромадҳои нефтӣ аслитарин нақш аз буҷаи содиркунандаи нефт, аз ҷумла Эронро ташкил медиҳанд. Робитаи байни боздеҳи бозор ва даромадҳои нефтӣ мавриди мутолиа қарор гирифтааст. Ба гунае ки афзоиши даромадҳои нефтӣ боиси тақвияти тавони иқтисодии кишвар гардад, умед ба оянда ва амалкарди отии иқтисодӣ дар назди бозигарони бозор афзоиш хоҳад ёфт. Дар натиҷа метавон гуфт, ки афзоиши даромадҳои нефтӣ боиси афзоиши арзиши бозори саҳом ва дар ниҳоят, боло рафтани шохиси бозор мегардад.

**Нархи боздеҳи сармоягузорӣ.** Ин мутағайир тавассути Булк ва Вуҳур дар соли 2006 ба кор гирифта шудааст. Барои андозагирии ин мутағайир дар ибтидо суди холиси ҳар як аз ширкатҳо бар теъдоди саҳоми дар ҷараёни он ширкат тақсим гардида, ҳосили бадастомада низ бар арзиши бозори саҳоми он ширкат тақсим гардидааст, то боздеҳи саҳоми ҳар як аз ширкатҳои пазируфташуда дар биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳрон ба даст ояд. Дар марҳилаи баъд миёнгини боздеҳи саҳоми кулли ширкатҳои пазируфташуда дар биржаи коғазҳои қиматноки Теҳрон муҳосиба ва аз миёнгини боздеҳи саҳоми кулли ширкатҳо нархи суди алалҳисоби варақаҳои мушорикат касб гардидааст.

**Равиши таҳқиқ.** Таҳқиқи ҳозир ба иллати ин ки боздеҳи биржаи қоғазҳои қиматнокро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, аз назари ҳадаф корбурдӣ ва аз назари навъ тавсифӣ мебошад. Аз суйи дигар, бахше аз ин таҳқиқ аз навъи таҳқиқоти заминаёбӣ аст, ки дар садади тавсифи вазъияти феълии биржаи қоғазҳои қиматнок мебошад. Ҳадафи баъдии ин таҳқиқ кашфи робитаҳои бархе аз мутағайирҳои калони иқтисодӣ бо боздеҳи биржаи қоғазҳои қиматнок мебошад. Мутағйирҳои калони иқтисодӣ шомили даромадҳои нефтӣ, тасҳилоти пардохтии бонкҳо ва нархи боздеҳи сармоягузорӣ мебошад. Ҳамчунин бахше аз ин пажӯҳиш аз навъи пажӯҳишҳои ҳамбастагӣ аст. Пажӯҳишҳои ҳамбастагӣ шомили кулли пажӯҳишҳое аст, ки дар он саъй мешавад робитаи байни мутағайириҳои мухталиф бо истифода аз зариби ҳамбастагӣ кашф ё таъйин шавад. Дар фарзияҳои пажӯҳиш муҳаққиқ бар он аст, ки ҳамбастагии эҳтимолӣ байни омилҳои таъсиргузори боздеҳи бозорро баррасӣ намояд.

**Ҷомеаи оморӣ ва намунаи оморӣ.** Дар ин пажӯҳиш барои афзоиши диққати пажӯҳиши кулли ҷомеаи оморӣ тайи солҳои 1380-1387 мавриди мутолиа қарор дода шудааст. Ҷомеаи оморӣ дар ин пажӯҳиш гузоришҳои Бонки марказӣ барои солҳои 1380-1387 дар хусуси даромадҳои нефтӣ, тасҳилоти пардохтии бонкҳо ва нархи боздеҳи сармоягузорӣ ва ҳамчунин, гузоришҳои биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳрон барои солҳои 13802-1387 дар хусуси боздеҳи бозор хоҳад буд.

**Фарзияи пажӯҳиш.** Пажӯҳиши ҳозир ба дунболи пешниҳоди модели маънодор барои тавзеҳи боздеҳи бозор бар асоси шохисҳо ва мутағайирҳои калони иқтисодӣ аз қабили даромадҳои нефтӣ, тасҳилоти пардохтии бонкҳо ва нархи боздеҳи

сармоягузорӣ аст. Ин мавзӯъ асоси фарзияи ин пажӯҳиш қарор гирифтааст ва онро ба шакли зер баён мекунад: Байни боздеҳи бозори саҳом ва даромадҳои нефтӣ, тасҳилоти пардохтии бонкҳо ва нархи боздеҳи сармоягузорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Озмуни фарзияи аслии пажӯҳиш.** Унвони фарзия байни боздеҳи бозори саҳом бо даромадҳои нефтӣ, тасҳилоти бонкӣ ва нархи боздеҳи сармоягузорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 1. Натиҷаҳои озмуни фарзияи аслии пажӯҳиш**

| Model | Unstandardized coefficients | | Standardized coefficients | t | Sig |
|---|---|---|---|---|---|
| | B | Std. Error | Beta | | |
| 1. Constant | -631959,964 | 171884, 644 | | -3,677 | 0,001 |
| Oil income | 1,756 | 0,644 | 0,206 | 2,728 | 0,011 |
| investment return | 233,197 | 59,415 | 1,465 | 3,925 | 0,001 |
| banking | -0,829 | 0,454 | -0,669 | -1,827 | 0,078 |

Дар ҷадвали 1 бо таваҷҷуҳ ба омораи t миқдори Sig даромади нефтӣ баробари 1,1% мебошад, ба иборате камтар аз 5% аст. Бинобар ин, дар сатҳи итминони 95% байни мутағайири мустақил, яъне даромади нефтӣ ва боздеҳи бозор робитаи маънодор вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, фарзияи омории $H_0$ рад ва фарзияи пажӯҳишро наметавон рад намуд. Вазъияти тайидӣ ё ради фарзияи пажӯҳиш ба сурати зер барои кулли ҷомеаи оморӣ.

| Фарзияи боздеҳи бозори саҳом ва даромади нефтӣ | Фарзияи боздеҳи бозори саҳом ва тасҳилоти бонкӣ | Фарзияи боздеҳи бозори саҳом ва боздеҳи сармоягузорӣ |
|---|---|---|
| Тайид | Рад | Тайид |

**Натиҷаҳои пажӯҳиш.** Ҳамон гуна ки дар бахши озмуни фарзиёт низ баён гардид, зариби ҳамбастагӣ байни ду мутағайири боздеҳи бозори саҳом ва даромади нефтӣ баробар бо 1,1% мебошад. Дар натиҷа метавон иддао намуд, ки байни боздеҳи бозори саҳом ва даромади нефтӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад. Бинобар ин, бо итминони 95% ва бо эҳтимоли хатои 5% байни ин ду мутағайир робитаи мусбат вуҷуд дорад. Ҳамчунин байни боздеҳи бозори саҳом ва нархи боздеҳи сармоягузорӣ робита пайдо шуд. Ёфтаҳои пажӯҳиш баёнгари он аст, ки зариби ҳамбастагӣ баробар бо 0,1% пас фарзия тайид мешавад, бинобар ин,, бо итминони 95% ва бо эҳтимоли хатои 5% байни ин ду мутағайир робитае вуҷуд дорад. Ҳамчунин тибқи ёфтаҳои пажӯҳиш байни боздеҳи бозори саҳом ва тасҳилоти пардохтии бонкҳо робитае пайдо нашуд. Бинобар ин, бо итминони 95% ва бо эҳтимоли хатои 5% байни ин ду мутағайир робитае вуҷуд надорад.

Хулоса, ин пажӯҳиш ба барасии мизони таъсири мутағайирҳои калони иқтисодӣ бар боздеҳи бозори саҳоми ширкатҳои пазируфташуда дар биржаи коғазҳои қиматноки Теҳрон мепардозад. Натиҷаҳои ҳосил аз озмуни фарзияи пажӯҳиш нишон медиҳад, ки байни боздеҳи бозори саҳом ва таъсироти пардохтии бонкҳо робитаи маънодоре вуҷуд надорад. Аммо байни боздеҳи бозори саҳом ва даромади нефтӣ ва нархи бозори сармоягузорӣ робитаи маънодори мусбат вуҷуд дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Abdulaziz Mohamad. Stock Price, Exchange Rates & Oil: Evidence From Middle East Oil –Exporting Countries / Abdulaziz Mohamad, Choratareas Georgllos & Cipollini Andrea // Journal of Financial Research, 2008. -№19. -P.193-207.
2. Al_sharkas Adel. The Dynamic Relationship Between Macroeconomic Factors & the Jordanian Stock Market / Al_sharkas Adel // International Journal of Applied Economics & Quantitative Studies, 2004. -Vol.1. -№1.
3. Balke N. What Drives Stock Prices? Identifying the Determinants of Stock price Movement / N. Balke, M. Wohar // Southern Economic Journal, 2006. -73(1). -P.55-78.
4. Boyer M. Common & Fundamental Factors in Stock Returns of Canadian Oil & Gas Companies / M. Boyer, D. Filion // CIRANO Working Papers, 2004. -62.

**ИССЛЕДОВАНИЕ ВЛИЯНИЯ МАКРОЭКОНОМИЧЕСКИХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ (ДОХОДЫ ОТ ПРОДАЖИ НЕФТИ, ЛЬГОТЫ, ПРЕДОСТАВЛЯЕМЫЕ БАНКАМИ И ЭФФЕКТИВНЫЕ ИНВЕСТИЦИОННЫЕ ВЛОЖЕНИЯ) НА ЭФФЕКТИВНОСТЬ РЫНКА ЦЕННЫХ БУМАГ ТЕГЕРАНСКОЙ ФОНДОВОЙ БИРЖЫ**

В данной статье рассматривается влияние макроэкономических показателей (доходы от продажи нефти, льготы, предоставляемые банками и эффективные инвестиционные вложения) на эффективность рынка ценных бумаг Тегеранской фондовой биржы.

**Ключевые слова:** банковские услуги, доходы от продажи нефти, цены, доходы от инвестиций и рынок возвращается.

**TASYRMTGHYYRHAY REVIEW MACRO-ECONOMIC (OIL REVENUES, THE FACILITIES GRANTED BY BANKS AND INVESTMENT RATE OF RETURN), BASED ON STOCK MARKET RETURNS ACCEPTED COMPANIES IN TEHRAN STOCK EXCHANGE**

*Ahmad Kazimi*
**Abadan Branch, Islamic Azad University, Abadan, Iran**

This study examines the impact of macroeconomic variables (oil revenues, facilities granted to banks and investment rate of return), based on stock market returns accepted companies in Tehran stock exchange deals. **Key words:** banking facilities, oil revenues, rates, investment returns and market returns.

**Сведения об авторе:** ***Ахмади Козими*** – преподаватель Свободного исламского университета города Ободон, Иран

# БУҶАРЕЗИИ АМАЛИЁТӢ ДАР ЭРОН

***Камарӣ Хусрав***
**Донишгоҳи Паёми Нури воҳиди Боғималик, Эрон**

Дар ин таҳқиқ саъй шуда зимни баррасии чолишҳо, таҳдидҳо, мазиятҳо ва нуқоти заъфи он дар созмонҳо, дастгоҳҳо ва ширкатҳои давлатии Эрон мавриди баррасӣ қарор гирад. Ҳамчунин, наҳваи иҷрои матлуби онро низ нишон диҳад.

Низоми буҷарезии амалиётӣ (мубтанӣ бар амалкард) ба унвони як низоми мудириятӣ барои иртиқои корӣ ва асарбахшии масрафи манобеи созмонӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии давлатҳо қарор доштааст. Дар ин система эътибороти буҷаӣ бар мабнои амалкарди воҳидҳои созмонӣ дар ростои тавлиди маҳсулот (хадамот) ва ё дастёбии пайомадҳо тахсис меёбад. Ба ин тартиб, созмонҳо ба самти афзоиши шаффофият дар наҳваи масрафи манобеъ барои анҷоми фаъолиятҳо, тавлиди хуруҷиҳо ва дастёбӣ ба ҳадафҳо, стратегияҳо ва низ посухгӯйии бештар савқ меёбанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки буҷа як барномаи солона аст, бинобар ин, амалиётӣ намудани он нишон медиҳад, ки робита миёни мизони вуҷӯҳи тахсисёфта ба ҳар барнома ё натиҷаҳои бадастомада аз иҷрои он мебошад. Бинобар ин, табақабандии амалиёт ба наҳвест, ки ҳадафҳо шаффофтар баён мешаванд, арзёбии буҷа осонтар буда, дар равиши ҳазинаёбии он иртибот байни дода ва ситонда мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Муҳимтарин ҳадафҳои низоми буҷарезӣ мубтанӣ бар амалкард, ҳазфи манфиатҳо ва фишори тамоми гурӯҳҳои сиёсӣ, ислоҳи низоми мудирияти бахши умумӣ ва афзоиши асарбахшии махориҷи ин бахш аст.

**Шарҳи амалиёти буҷарезӣ.** Бар асоси таъриф, буҷарезии мубтанӣ бар амалкард иборат аст аз равишҳо ва созу корҳое, ки иртиботи байни эътибороти тахсисёфта ба дастгоҳҳои иҷроиро бо хуруҷиҳо ва пайомадҳои онҳо аз тариқи бакоргирии иттилооти амалкардӣ дар тахсиси манобеъ тақвият месозад. Ҳамон гуна ки аз ин таъриф истинбоқ мешавад, се мавзӯи асосӣ дар як низоми буҷарезии амалиётӣ мушоҳида мешавад:

а) Амалкарди созмонӣ. Эътибороти буҷаӣ дар қиболи арзёбиҳои ба- амаломада аз амалкарди созмонӣ тахсис меёбад. Бадеҳист ҳамвора арзёбии амалкард бар мабнои як ҳадафи азпештаъйиншуда анҷом мешавад. Бинобар ин, барномарезӣ барои таъйини ҳадафҳои камии солона, чандсола ва арзёбии амалкард бар мабнои ҳадафҳо, дар низоми буҷарезии мубтанӣ бар амалкард зарурӣ аст. Арзёбии амалкард дар сатҳи хуруҷиҳо, фаъолиятҳо ва пайомадҳо дорои корбурд аст. Дар сатҳи хуруҷиҳо мавзӯи корӣ, дар сатҳи пайомадҳо мавзӯи асарбахшӣ ва дар сатҳи фаъолиятҳои иртиботи муваллид ё ғайримуваллиди онҳо дар тавлиди хуруҷиҳо ва низ дорои арзиши афзуда будан ё набудан мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор мегирад.

б) Баҳои тамомшуда. Дуюмин унсури аслии як низоми буҷарезии амалиётӣ, баъд аз арзёбии амалкарди созмон дар қиболи таҳаққуқи ҳадафҳои солонаи мавзӯи мизони манобеи қобили тахсис бар мабнои амалкарди бадастомада мебошад. Омили

аслӣ ва меҳварӣ дар ин марҳила, муҳосибаи баҳои тамомшудаи ҳар як воҳид маҳсул (маҳсулот ё хизмат) аст.

в) Корої ва асарбахшӣ. Сеюмин рукни муҳим тавлиди маҳсулот ва хадамоти бештар ва бо кайфияти болотар ва бо буҷаи камтар нисбат ба гузашта мебошад. Ин ба маънои афзоиши корои созмон дар наҳваи масрафи манобеъ барои тавлиди хуруҷиҳо ва ба ибораи дигар, мудирияти баҳои тамомшуда аст. Мутаоқиби он дараҷаи таҳаққуқи ҳадафҳои ношӣ аз тавлиди хуруҷиҳои муртабит ва мизони ҳамбастагии онҳо мавриди баррасӣ ва дар хусуси идома ё афзоиш ва коҳиши сатҳи тавлиди хуруҷиҳо тасмимгирӣ мегардад. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба нукоти фавқуззикр, се унсури аслӣ дар низоми буҷарезии амалиётӣ қобили таваҷҷуҳ аст, ки иборатанд аз: барномарезӣ, муҳосибаи баҳои тамомшуда ва арзёбии амалкард. Илова бар се унсури фавқ се унсури дигар, ки ба унсурҳои тавонмандсоз маъруф ҳастанд, ба манзури коркарди ҳарчи беҳтари се унсури аввалия ба онҳо изофа мешаванд, ки иборатанд аз: низоми ангезишиву инъитофи мудириятӣ, низоми посухгӯйӣ ва мудирияти тағйир.

Бо таваҷҷуҳ ба матолиби пешгуфта, ҳадафҳои ниҳоӣ аз иҷрои буҷарезии амалиётӣ ба шарҳи зер мебошанд:

- Тағйири рӯйкард аз вурудимеҳварӣ, таъкид бар вурудиҳо ва манобеъ ба хуруҷимеҳварӣ ва натиҷаҳо.
- Барқарории иртиботи шаффоф миёни манобеи сарфшуда ва хуруҷиҳо.
- Табдили асноди буҷа ба абзоре барои барномарезии иқтисодӣ ва мудирияти амалкарди созмон.
- Ихтисоси эътибороти буҷаӣ дар ирзои ироаи хадамоти матлубтар ба ҷойи сарфи манобеи бештар.
- Афзоиши ангезаи мудирон ва коркунон барои ироаи хадамот бо ҳазинаи камтар, камият ва кайфияти болотар.
- Мутаносибсозии ихтиёрот ва масъулиятҳои мудирон.
- Стандартсозии хадамот аз тариқи шиносоии шеваҳои бартари ироаи хадамот, тарвиҷ ва таъсини онҳо.

Истиқрори буҷарезии мубтанӣ бар амалкард дар се қадами умда, ки дар ҳар як ҳадафи асосӣ дунбол мешавад, сурат мегирад.

**1. Буҷарезии мубтанӣ бар амалкард бо ҳадафи шаффофсозӣ.** Дар ин марҳила бо эҳсоси кулли маҳсулот, фаъолиятҳо ва барномаҳои созмон дар қолабҳои мутолиашуда ва муҳосибаи ҳазинаи тамомшудаи ҳар маҳсул, фаъолият, барнома ва низ таҳияи иттилооти амалкардӣ, нисбат ба шаффофсозии чигунагии ҳазина кард, эътиборот ва каналҳои гардиши эътиборот иқдом мешавад.

**2. Буҷарезии амалиётӣ бо ҳадафи афзоиши корої.** Дар ин марҳила ва пас аз шаффоф шудани фароянди гардиши ҳазинаҳо, таъйини саҳми анвои ҳазина ва фаъолият дар қимати тамомшуда, талош хоҳад шуд. Бо эъмоли ислоҳоти лозим, таҷдиди сохтор, иртиқо, ҳазф ва идғоми фаъолиятҳои ғайримуваллид ва фоқиди арзиши афзуда, истифода аз технологияҳои навин, тамаркуззудої ва вогузории ихтиёроти бештар ба воҳидҳо, механизмҳои ангезишӣ ва бурунсупориҳои мубтанӣ бар қимати тамомшуда, нисбат ба афзоиши корої иқдом намуд. Дар ин марҳила талош хоҳад шуд, бо истифода аз манобеи мавҷуд ва равишҳои зикршуда, хадамоти бештаре ироа ва ё бо ҳифзи сатҳи феълии ироаи хадамот аз манобеи камтаре истифода ва нисбат ба захирасозӣ пасандоз намуд.

**3. Буҷарезии амалиётӣ бо ҳадафи афзоиши асарбахшӣ.** Дар ин марҳила, ки асари иқдомоти марбута дар сатҳи барнома арзёбӣ мегардад, ҳамбастагӣ ва пайвастагӣ байни натиҷаҳои ҳосил аз ироаи хадамот ва ҳадафҳои мавриди интизор аз тадвини барнома баррасӣ гардида, дар сурати лузум тағйироте дар теъдод ва навъи хадамоти мутаносиб бо ҳадафҳо дода хоҳад шуд.

**Нукоти ҳоизи аҳамият дар буҷарезии амалиёт:**

1. Дарк ва эҳсоси ниёз ба таҳаввул ва тағйир тавассути мудирон зарурист ва дар кишвари мо як илзом аст, то як хоста.

2. Ҳимоят ва мушорикати тамоми мудирони аслӣ ва таъсиргузор дар ин замина зарурӣ аст.

3. Стратегияи таҳаввул дар низоми буҷарезӣ бояд бахше аз сиёсатҳои куллии созмон дар ростои расидан ба чашмандози таърифшуда бошад.

4. Вогузории ихтиёр ба мудирон дар тасмимгириҳо ва подош додан бар асоси натиҷаҳои амалкард аз ҷумлаи самароти ин мавзӯъ аст.

5. Иртибот додани стратегия (аз тариқи равишҳои мавҷуд назири корти арзёбии мутавозин) ва фаъолиятҳои амалиётӣ, ки масъули иҷрои ин стратегия ҳастанд.

6. Роҳандозии системаи шинохти фаъолиятҳои созмон ва муҳаррикҳои фаъолиятӣ, ҳаҷмӣ ва ҳамчунин шохисҳои арзёбии амалкард аз манзарҳои молӣ, фароядҳои амалиётӣ, муштарӣ, ёдигирӣ ва рушди созмонӣ таҳияву танзим шавад.

7. Эҷоди кодинги буҷаии системаи ҳисобдории мутаносиб бо навъи фаъолиятҳои буҷарезии амалиётӣ ва ислоҳи системаҳои нармафзори марбута.

8. Фароянди тағйири низоми буҷарезӣ, ки як фароянди тадриҷист ва бинобар ин, анҷоми мувозии системаи буҷарезии қаблӣ бояд ба мувозоти тағйир ва ислоҳ дар системаи ҷадид пешниҳод гардад.

9. Омӯзиш ва ёдгирии мудирияти таҳаввул ва тағйир дар тавоноии мудирон.

10. Муҳосибаи воқеии қимати тамомшудаи фаъолиятҳо зарурӣ аст, то ки имкони дақиқтарин ва воқеитарин рақами мумкинро бо таваҷҷуҳ ба шароити созмон ба даст овард.

11. Дар ҳар марҳила аз иҷрои ин система бояд ҳазинаи амалкард иҷрои абзорҳои расидан ба ҳадафҳои стратегиро манзур дошт.

12. Тарроҳии санади чашмандоз дар қолаби се навъ барнома кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва баландмуддат, барои механизм намудани системаи буҷарезии амалиётӣ тадвин шавад.

13. Шохисҳои амалкард мутаносиб бо тағйир дар ҳаҷми фаъолият зарурист, бинобар ин, дар шинохти муҳаррикҳо бояд бисёр диққат кард.

14. Баҳси муҳим пас аз таҳия ва танзими шохисҳои саҳеҳи амалкарди мудирият ва назорати пайомадҳо ва хуруҷиҳо аст, яъне оё маҳсул ё хизмати бадастомада бо таваҷҷуҳ ба манобеи масрафшуда бо бештарин корой ва асарбахшӣ мумкин будааст, яъне муқоисаи баҳои тамомшуда бо шохисҳои амалкарди саноат ва ё нархҳои бозор аст.

15. Барои афзоиши сатҳи корой, баҳраварӣ ва ҳамчунин асарбахшӣ дар кулли кишвар бояд шохисҳои муқоисавӣ тавассути ниҳодҳои таъсиргузор дар бозор ва ширкатҳои фаъол дар як саноат таҳия шаванд, то қобилияти муқоисавӣ вуҷуд дошта бошад.

16. Иҷро ва пиёдасозии ин система замонбар аст ва ниёз ба буҷаи пешбинишуда дорад. Бинобар ин, шинохт ва тарроҳии тафсилии омӯзиши мустамар ва мудовим ба коркунони амалиётӣ ва молӣ ва ҳамчунин якпорча намудани санҷишҳои амалкарди молӣ ва ғайримолӣ дар як чаҳорчӯба барои касби муваффақият дар созмон зарурист.

17. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки пиёдасозӣ ва иҷрои система сирфан беш аз як давраи замон хоҳад буд, бинобар ин, бояд коркунони созмон аз инъитофпазирӣ ва тавони кофӣ дар дарки шароит ва барӯз расонии худ ин таҳаввулотро дошта бошанд.

18. Нуктаи охир ин ки, мавзӯи пиёдасозии буҷарезии амалиётӣ даргири аксари афроди созмонро дар пай дорад. Бинобар ин, мавзӯест инсонӣ ва нармафзорӣ на сахтафзорӣ.

19. Буҷарезии амалиётӣ бояд ба ширкатҳое супурда шавад, ки ҳадди ақал чанд маврид таҷрибаи пиёдасозӣ ва иҷрои комили системаи ҳисобдории қимати тамомшударо аз ибтидо то интиҳо дар таҷрибаи кории худ дошта бошанд, то зимни ошноӣ бо ҳисобдории санъатӣ аз уҳдаи иҷрои матлуби системаи мубтанӣ бар фаъолият бароянд.

**Мушкилоти низоми буҷарезии кишвар:**

**1.** Адами пайванди органикӣ байни манобеъ, ҳадафҳо ва барномаҳо дар масрафҳои буҷа.

2. Вобастагии шадиди буҷаи кишвар ба даромадҳои нефтӣ.

3. Адами таодул байни манобеъ ва масрафҳо.

4. Адами тамоюли маҳоратҳои мудириятӣ барои таҳаввул.

5. Гароиш ва масрафҳои рӯзафзуни буҷа.

6. Часпандагии ҳазинаҳо, ҳатто, фаротар аз манобеъ ва тавони тавлидии кишвар.

8. Иттихози тасмимоти хориҷ аз фароянди буҷарезӣ бидуни дар назар гирифтани асароти он бар вазъияти молии кишвар.

9. Бартарии гурӯҳҳои сиёсӣ дар мавридҳои дигар ҷойгузини мантиқи иқтисодӣ ва бартарии молӣ мешавад.

10. Норасоии низоми назорат ва арзёбии амалкарди буҷа, яъне таваҷҷуҳ ба масрафҳо ва навъи ҳазинаҳо ба ҷойи таваҷҷуҳ ба таҳаққуқи ҳадафҳо ва хуруҷиҳо.

**Нуқоти атф дар низоми буҷарезии кишвар.** Дар муқобили чолишҳо таҳдидҳо ва нуқоти заъф, ки низоми буҷарезӣ ва барномарезии кишвар дорад, фурсатҳо ва нуқоти қувват низ вуҷуд доранд, ки метавонанд пояи рушд ва тараққӣ дар ин замина бошанд. Монанди асноди болодастӣ, аз ҷумла санади чашмандоз тавсеа, қонуни барномаи 5-сола дар ростои ислоҳ ва ҷойгузинии буҷаи суннатӣ ба амалиётӣ дар соли 3-юми барнома таъкид дорад. Ҳамчунин марказҳои таҳқиқотӣ, пажӯҳишӣ ва ташаккулҳои илмӣ низ аз ин даста аст. Истиқболи дастгоҳҳои иҷроӣ аз таъйини қимати тамомшудаи хадамот ва маҳсулот бо таъкид бар тавоноии ироаи хадамоти илмӣ, фаннӣ ва технологӣ бо рӯйкарди афзоиши корӣ ва асарбахшии манобеъ низ равзанаи умед аст.

Бинобар ин, дар ҳоли ҳозир афзоиши маҳдудиятҳо бар ҳазинаҳои бахши умумӣ аз як тараф ба афзоиши табақоти умумӣ барои дарёфти хадамоти иҷтимоӣ ва зербиноӣ аз тарофи дигар, муҷиби шаклгирии рӯйкарди оянданигарона барои таъмини манобеи пойдори мавриди ниёзи кишвар шудааст.

Ислоҳоте, ки бояд дар барнома ва буҷарезӣ анҷом шавад. Аз муҳимтарин ҳадафҳои аслӣ ва намунаҳои мухталифи низоми буҷарезӣ метавон ба мавридҳои зер ишора намуд:

- ёфтани пайванди мантиқӣ байни манобеъ ва амалкард мавриди интизор аст. Таҳаққуқи ин амр ниёзманди созукоре барои афзоиши тавони эҷоди иртибот ва бахрагирӣ аз хусусиятҳои технологӣ, илмӣ ва фаннӣ кофӣ аст, то заминаи афзоиши инзиботи молӣ ва баҳраварӣ аз манобеъро осон кунад;

- имкони сарфаҷӯйии бештар дар ҳазинаҳо, ба гунае ки ироаи хадамот дар чаҳорчӯбаи манобеи мавҷуд имконпазир бошад;

- дар авлавият қарор гирифтани дастёбӣ ба ҳадафҳо ва хуруҷиҳо ба ҷойи пардохтан ба фарояндҳо ва маҳалли ҳазинаҳо, ташхиси маҳдудиятҳои манобеъ ба унвони як асли зотии буҷарезӣ муттакӣ ба арзишҳо, фарҳанг ва бартариҳои ҷомеа бар асоси роҳиҳалҳои мантиқӣ ва иқтисодӣ на дар хизмати муваффақияти гурӯҳҳои сиёсӣ дар расидан ба ҳадафҳои хоси худ, метавонад роҳҳои ислоҳи низоми буҷарезии кишварро шакл диҳад;

- назар ба рӯйкарди аслии буҷаи соли 93 мабнӣ бар буҷарезӣ бар мабнои амалкард. Ин созукор метавонад бо истиқрори системаи ҳисобдории баҳои тамомшуда, ҳаракат аз нақдӣ ба тааҳҳудӣ дар сабт ва нигоҳдории ҳисобҳо ҳамроҳ бо эҷоди системаи андозагирии кор, иттико ба стандартҳо ва нормаҳои бахшҳои мухталифи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, беҳбуд, тасҳил, шаффофият ва посухгӯйии дастгоҳҳои иҷроӣ дар муқобили мардум ва коҳиши ҳазинаҳои тамомшуда дар иртиқои камӣ ва кайфии хадамоти давлат шавад.

Аз соли 1380 дар дастуруламалҳои дарҷшуда дар қонунҳои буҷаи солонаи давлат мукаллаф ба анҷоми иқдомоти лозим барои ислоҳи низоми буҷарезӣ шудааст, ки яке аз меҳварҳои асосии ин ислоҳ таҳия ва танзими буҷа ба равиши амалиётӣ мебошад.

Буҷарезии амалиётӣ аз дер боз дар зумраи пешниҳодоти ислоҳӣ дар кишварҳои тавсеаёфта ва дар ҳоли тавсеа будааст. Бинобар ин, дар Эрон давлат дар қолаби банди (з) табсараи 1 Қонунҳои буҷаи солҳои 81-82-83 ва моддаи 138-и Қонуни барномаи 4-ум мулзам ба амалиётӣ кардани буҷа шудааст. Бинобар ин, буҷаи тамоми дастгоҳҳои иҷроия то поёни соли 94 ба таври илзом бояд бар мабнои амалкард таҳияву танзим шавад. Ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар буҷаи соли 93 иҷрои буҷарезии амалиётӣ барои тамоми дастгоҳҳо имконпазир нубуд, бинобар ин, давлат 4 дастгоҳ- Вазорати омӯзишу парвариш, Вазорати беҳдошт, Созмони сабти аҳвол ва Созмони беҳзистӣ аз ҷумлаи дастгоҳҳое ҳастанд, ки низоми буҷарезии амалиётии онҳо дар соли 92 комил шуда, дар соли 93 ба таври озмоишӣ иҷро хоҳад шуд.

Аз он ҷое ки иҷрои матлуби буҷарезии амалиётӣ мусталзам доштани иттилооти кофӣ ва ошноӣ бо равиши ҳазинаёбӣ бар мабнои фаъолият аст, дар зер ба таври ихтисор метавон ба ин фароянд ишора намуд.

Дар корбурди равиши ҳазинаёбӣ бар мабнои фаъолият бояд ба ду нуктаи муҳим таваҷҷуҳ шавад. Нуктаи аввал тамоюз қоил шудан байни фаъолият, фароянд ва маҳсул аст. Барои мисол иҷрои қонун як фароянд аст, ирсоли гузориш ба мақомоти болотар як фаъолият маҳсуб мешавад. Бинобар ин, маҳсул чизе аст, ки тавассути як бахш ё воҳиди иҷроӣ тавлид ва бар муҳити хориҷ таъсир мегузорад. Нуктаи дуюм ин ки ҳар як аз ситондаҳо ё маҳсулоти як воҳиди иҷроӣ лузуман танҳо аз як фаъолият ҳосил намегарданд, аммо мумкин аст ду ё теъдоди бештари фаъолият дар тавлиди як

маҳсул дахолат дошта бошанд ва ё ин ки як фаъолият мунҷар ба тавлиди чанд маҳсул ё хизмат гардад.

Дар расмҳои 1 ва 2 чаҳорчӯбаи намунаи ҳазинаёбӣ бар мабнои фаъолият ва робитаҳои сохторӣ ва созмонии он нишон дода шудааст.




Шохисҳои андозагирии манобеъ:
- фоизи замони масрафшуда;
- сатҳи зербино, мавзӯи фаъолият;
- теъдоди мизони таҷҳизот.

Ҳазинаи фаъолият




Дар ин расм нишон дода шудааст, ки як маҳсулот ё хизмати хос мумкин аст аз тариқи фаъолиятҳои анҷомшуда дар воҳидҳои мухталифи як созмон эҷод гардад.

Буҷарезии амалиётӣ метавонад бо огоҳ кардани тасмимгирон ба иттилооти беҳтар дар бораи натиҷаҳои ҳар барнома ба барномаҳои давлат, ки барои расидан ба ҳадафҳои мушаххас ба кор меравад, тавоноии онҳоро дар арзёбии дархостҳои мухталифи буҷаи дастгоҳҳои иҷроӣ, афзоиш диҳад ва ба афзоиши посухгӯйии умумӣ, ислоҳи мудирияти бахши умумӣ, беҳбуди наҳваи тахсиси манобеъ ва ҳазфи манфиатҳо ва фишорҳои гурӯҳҳои сиёсӣ мунҷар шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Вазириён Сирус. Мафҳумҳо ва истилоҳоти буҷарезӣ / Вазириён Сирус. –Теҳрон: Интишороти созмони мудирият ва барномарезии кишвар, 1382.
2. Матолиби омӯзишии иҷрои буҷарезии амалиётӣ дар соли 1385. –Теҳрон: Интишороти созмони мудирияти барномарезии кишвар, 1384.
3. Паноҳӣ Алӣ. Буҷарезии амалиётӣ / Паноҳӣ Алӣ. –Теҳрон: Нашрияи маҷлис ва пажӯҳиш, 1392. - №47.
4. Ғуломзода Меҳдӣ. Матолиби буҷабандии амалиётӣ / Ғуломзода Меҳдӣ, 1392.
5. Қосими Зониёнӣ Киёмарз. Мақолаи мафҳум ва хусусиятҳои буҷарезии амалиётӣ / Қосими Зониёнӣ Киёмарз, 1392.
6. [Захираи электронӣ] http://isna.ir/fa/photo/92090805179.

## ОПЕРАЦИОННЫЕ СИСТЕМЫ БЮДЖЕТИРОВАНИЯ В ИРАНЕ

Современные методы бюджетирования -это финансово-экономическая модель, в рамках которой на уровне значений показателей происходит увязка хозяйственных и финансовых процессов. Система бюджетирования позволит организациям двигаться в сторону прозрачности в использовании ресурсов в деятельности для достижения результатов целей стратегии.Учитывая, что бюджет-это годовой план ввода в действие, он должен описать точные и реальные отношения между суммами средств, выделяемых для каждой программы с полученными результатами реализации программы, в этом контексте и способ классификации операций для описания целей более четкой оценки бюджетных средств и наиболее важных целей бюджетирования, ориентированного на результат.

**Ключевые слова:** оперативное бюджетирование, прозрачность, эффективность и производительность.

**OPERATIONAL BUDGETING IN IRAN**

*Khosro Kamari*
**Payamnour University, Baghmalek Branch**

Modern methods of budgeting is a financial and economic model, in which the level of values of the indicators is the linkage of economic and financial processes. The budgeting system will allow organizations to move toward transparency in the use of resources in the activities for the achievement of the objectives strategiita that the budget is an annual plan of commissioning, it should describe the exact and real relationship between the amount of funds allocated for each program with the results of the program implementation, in this context, and the classification of operations for description purposes clearer assessment of budgetary funds and the most important objectives of the budgeting focused on result..

**Key word**: Operational budgeting, transparency, effectiveness and efficiency, performance.

**Сведения об авторе:** ***Хусрави Камари*** – преподаватель Университета Пайёми Нур, Иран.
E-mail: **Kamari.khosro@gmail.com**

## БАРРАСИИ ОМИЛҲОИ МУАССИР БАР ШОХИСИ РИФОҲИ ИҶТИМОӢ

***Ҳамида Нейсӣ***
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Таъкид бар рушди даромади сарона дар адабиёти иқтисодӣ ва низ дар арсаи сиёсӣ бар дарки ин шохис ба уновни нишонгаре аз сатҳи рифоҳи ҷомеаҳо мубтанӣ будааст. Яъне иқтисоддонон ва сиёсатмадорон аз он ҷо ки афзоиши рифоҳи мардумро ҳадафи худ фарз мекардаанд, ба дунболи сиёсатҳое будаанд, ки ба ин амр беҳбуд диҳанд ва аз он ҷо ки арзёбии даромади сарона нишонгари камӣ ва шохиси қобили андозагирӣ аз мафҳуми рифоҳ аст, таъкиди зиёде бар он сурат мегирад. Аммо суоли муҳиме дар ин байн вуҷуд дорад. Оё воқеан даромади як кишварро метавон ба унвони оинаи шаффоф аз вазъияти рифоҳии ҷомеаҳо дар назар гирифт? Оё таъкид бар шохисе, ки бисёре аз омилҳои муассир бар рифоҳро дар худ надорад ва ҳатто омилҳоеро дар худ дорад, ки баъзан барои рифоҳ зараровар ҳастанд монанди олудагӣ ва тахриби муҳити зист, даргириҳои атомӣ, гарм шудани кураи замин, густариши сареи бемориҳо дар сатҳи ҷаҳон ва ғайра танҳо бахше аз ҳазинаҳое аст, ки рушди иқтисодӣ ба ҷомеаҳои башарӣ таҳмил кардааст. Агар шохисе, ки омилҳои муассир бар рифоҳро ба гунае ҷомеътар дар худ дошт ва аз ҳамон ибтидо мавриди таваҷҷуҳи сиёсатмадорон ва иқтисоддононе қарор гирифта буд, имрӯза вазъияти кулли рифоҳи оҳоди башар дар ҳолати матлубтаре қарор дошт. Бо таъкид бар ин масъала мо дар ин мақола ба дунболи омилҳои таъсиргузор бар рифоҳи иҷтимоӣ ҳастем.

**Мафҳуми рифоҳи иҷтимоӣ.** Мафҳум ва ҳиттаи рифоҳи иҷтимоӣ дар кишварҳои гуногун бисёр аст ва мафҳуми он дар як кишвар бо кишвари дигар мутафовит аст. Ин тафовут ва гуногунӣ ношӣ аз омилҳои зер аст:

1. Тавсеаи кишварҳо.
2. Мизони рушд ва такомули созмонҳои мудириятӣ ва идории кишварҳо.
3. Ҳадафҳо ва марҳилаҳои тавсеа.
4. Барномаҳои тавсеа.
5. Наҳваи тавзеи масъулият байни давлат ва созмонҳои довталабона.
6. Чорчӯбҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ.

Таърифи рифоҳи иҷтимоӣ дар тӯли замон мутаҳавил шудааст. Дар даҳаи 1970 гуфта мешавад, ки рифоҳи иҷтимоӣ маҷмӯаи қонунҳо, барнома ва хизматрасонии созмонёфтае аст, ки ҳадафи он таъмини ҳадди ақали ниёзҳои асосии оҳоди кишвар мебошад. Дар тӯли солҳои даҳаи 1980 ин мафҳум ба наҳве тағйир кард, ки рифоҳи иҷтимоӣ ба маҷмӯаи иқдомот ва хизматрасонии гуногуни иҷтимоӣ дар ҷиҳати ирзои ниёзҳои афрод ва гурӯҳҳо дар ҷомеа ва ғалаба бар масоили иҷтимоӣ итлоқ мешуд. Дар ҳоли ҳозир, яъне аз даҳаи 1990 ба баъд рифоҳи иҷтимоӣ маҷмӯаи шароите талаққӣ мешавад, ки дар он хушнудии инсон матраҳ аст. Бар асоси ин нигариш рифоҳи иҷтимоӣ маҷмӯаи шароите аст, ки дар он масоили иҷтимоӣ ҳал ё назорат шудаанд. Ниёзҳои аввалияи инсонӣ ирзо шудааст ва фурсатҳои иҷтимоӣ ба ҳадди аксар расидаанд. Мушоҳида мешавад, ки таҳаввули эҷодшуда дар ин мафҳум бисёр қобили таваҷҷуҳ аст. Яъне рифоҳи иҷтимоӣ аз падидаҳое аз ҷинси фаъолият ва хизматрасонӣ ба падидаҳое аз ҷинси шароит ва ҳолот табдил шудааст.

**Таҳлили додаҳо.** Барои бароварди модел мо ниёз ба додаҳои масраф, даромад, фароғат, нархи умед ба зиндагӣ ва шохиси рифоҳ барои тамоми кившарҳои

интихобшуда дар ҳоли тавсеа ва тавсеаёфта дорем, ки ба тартиб манбаи онро баён мекунем. Барои ба даст овардани даромади сарона ва масраф аз ҷадвалҳои ҷаҳонии Пен (Penn world tables version 6.3) истифода намудем, ки дар муқоисаи масрафи кишварҳо мизони масрафи давлатӣ баҳсбарангез аст, ки беҳтарин роҳкории он барои доштани микёси комили масраф ин аст, ки масрафи хусусӣ ва масрафи давлатӣ ҷамъ шавад. Бинобар ин, дар ин мақола манзур аз масраф, маҷмӯи масрафи хусусӣ ва давлатӣ аст. Барои ба даст овардани фароғат аз формулаи зер истифода шудааст:

$$L = 1 - \frac{\textit{соати сипаришуда барои кор дар соли}}{16 \cdot 365} \cdot \frac{\textit{иштигол}}{\textit{ҷамъияти бузургсол}}$$

Барои ҷамъияти шоғили кишварҳо аз Бонки ҷаҳонӣ истифода шудааст ва соатҳои кории кишварҳо баргирифта аз конференсияи додаҳои иқтисодии кулли кишварҳои хориҷӣ аст (Conference board's total economy database). Барои соири кившарҳое, ки соати кории онҳо эълом нашуда буд, 1831 соатро ба таври миёнгин барои як сол фарз намудем, ки мушобеҳи миёнгини соати кории Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар солҳои 1998-2002 мебошад. Омори нархи умед ба зиндагӣ аз Бокни ҷаҳонӣ гирфта шудааст ва омори нобаробарии тавзеи давлат аз додаҳои тавзеи нобаробарии даромади ҷаҳонӣ таҳия шудааст. Барои муҳосибаи шохиси рифоҳ аз шохиси рифоҳи Sen истифода шудааст, ки тариқаи муҳосибаи он дар зер омадааст:

$$W = Y(1-G)$$

W- миёнгини даромади ҷомеа ва G-зариби нобаробарии тавзеи даромад аст. Зариби G- мутадовилтарин шохиси андозагирии нобаробарии тавзеи даромад аст, ки мизони нобаробариро бар асоси мунҳании Лоренс муҳосиба ва ба суртаи як адад ироа медиҳад.

**Тасреҳи модел**. Баровардгарҳои OLS маъмулӣ дар шароите, ки тағйирпазирии қобили мулоҳизае дар оморҳо вуҷуд дорад, наметавонад беҳтарин бошад. Ба ибораи дигар, агар ноҳамсонии вориёнс (парокандагӣ) дар додаҳо вуҷуд дошта бошад, равиши идеалии тахмин равише аст, ки барои мушоҳидот ба тағйирпазирии бештар, вазни камтаре нисбат ба мушоҳидот ба тағйирпазирии камтар қоил шавад. Равиши OLS маъмулӣ аз ин равия пайравӣ намекунад, вазн ва аҳамияти яксоне бар ҳар як аз мушоҳидот медиҳад. Дар ҳоле ки равиши ҳадди ақали мурабаоти таъмимёфта тафовутҳоро ба таври дақиқ марвиди таваҷҷуҳ қарор дода ва қодир аст тахминзане ироа диҳад, ки Blue бошад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки мушкили ноҳамсонии вариант дар додаҳои мақтаӣ мутадовилтар аз додаҳои сареъи замонӣ аст ва ин таҳқиқ 30 кишвари тавсеёфта ва дар ҳоли тавсеаро барои давраи замонии 1992-2009 мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки маъмулан дорои тафовутҳои зиёде дар тамоми заминаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳастанд. Аз ин рӯ, ноҳамсонии зиёде байни додаҳои ин кишварҳо вуҷуд дорад, ки барои бартараф шудани мушкилоти тахминзанандаҳо аз равиши GLS дар ин таҳқиқ истифода шудааст.

Дар тасреҳи модел саъй шудааст аз мутағайирҳое истифода шавад, ки дар мақолаи Ҷунз Велв ба он ишора шудааст. Бинобар ин, бар мабнои шохиси Ҷунз C-мизони масрафи солиёнаи фард ва L-мизони фароғат дар тӯли як сол, шохиси умед ба зиндагӣ дар бадри таваллуд (е) аст ва G-нобаробарии тавзеи даромадро нишон медиҳад, ки ба суртаи логорифмаи табиӣ истифода шудааст.

Модели ироашуда ба се сурати мутафовит тавассути нармафзори E view-6 бароввард шудааст ва натиҷаҳо нишон додааст, ки бештари мутағайириҳо дар модели асари тасодуфӣ F бисёр поин ва зарибҳои ғайримаъноӣ доранд. Иллати ин амрро метавон ношӣ аз ғайритасодуфӣ будани додаҳои ин пажӯҳиш донист ва як бор ба равиши асари собити кулли модел барои тамоми кишварҳо бароварда шуда, ки дар ин равиш барои ҳар як аз ин мутағайирҳои мавриди назар фақат як зариб барои кулли се кишвар ироа мешавад ва ба далели поин будани омории D-W, ки ба маънии доштани худҳамбастагӣ байни мутағайирҳост, ин модел рад шудааст. Ҳолати сеюм асари муштарак аст, ки натиҷаи тахмини модели он ба сурати зер аст:

$$\ln w = 0{,}98 \ln Y + 0{,}74 \ln C + 0{,}29 \ln E - 0{,}573 \ln G + 0{,}27 \ln L$$

Асари даромади нохолиси миллӣ, саҳми масраф аз даромад ва нархи умед ба зиндагӣ ва ҳамчунин фароғат дар сатҳи 5% мусбат ва комилан маънидор аст. Ҳамчунин нобаробарии даромад асари манфӣ ва комилан маънидор бар шохиси рифоҳи иҷтимоӣ дорад. Натиҷаи ин модел ба равшанӣ нишон медиҳад, ки даромади нохолиси миллӣ болотарин таъсирро дар соири мутағайирҳо дорад ва дараҷаи тавзеҳдиҳандагии ин модел 99% мебошад.

**Ҷадвали 1. Натиҷаҳои бароварди модел**

| Мутағайири вобаста | Рифоҳ (Welfare) |
|---|---|
| Мутағайири тавзеҳӣ | Модели асари муштарак |
| Log y | 0,98 |
| Log c | 0,74 |
| Log E | 0,29 |
| Log G | -0,57 |
| Log L | 0,27 |
| $R^2$ | 0,99 |
| D-W | 1,93 |
| Теъдоди мушоҳидот | 540 |

**Натиҷаҳои озмунҳои пӯёии мутағайирҳо.** Бакоргирии равишҳои суннатӣ ва маъмули иқтисодсанҷӣ дар бароварди намуна бар ин фарз устувор аст, ки мутағйирҳои намуна пӯё ҳастанд. Вуҷуди мутағайирҳои нопӯё дар намуна боис мешавад, то озмунҳои T ва F камиятҳои бухронии саҳеҳе барои анҷоми озмун набошанд ва регрессияи натиҷашуда регрессияи козиб мешавад.

Бинобар ин, барои итминон аз пӯё будани мутағайирҳои модели баровардушуда аз озмуни решаи воҳиди додаҳои таркибии Фишер-Дики Фулери таъмимёфта истифода шудааст. Хулосаи натиҷаҳои ин озмун барои ҳар як аз мутағайриҳо дар ҷадвали зер омадааст:

**Ҷадвали 2. Натиҷаҳои озмуни решаи воҳид**

| Номи мутағайир | ADF-Fisher | Im, Pesaran | PP-Fisher square |
|---|---|---|---|
| Log w | (0,85)48,60 | (0,99)3,687 | (1)20,77 |
| Log y | (0,69)53,86 | (0,99)3,34 | (0,99)31,20 |
| Log c | (0,0039)93,190 | (0,51)-2,30 | (0,0020)96,45 |
| Log l | (0,99)32,78 | (1)4,275 | (0,99)29,35 |
| Log G | (0,99)12,14 | (0,99)2,82 | (0,99)11,78 |
| Log E | (0,99)31,78 | (0,99)3,76 | (0,99)41,28 |

Бо таваҷҷуҳ ба додаҳои ҷадвал танҳо масраф решаи воҳид дорад, яъне нопӯё аст ва тамоми мутағайирҳои дигар пӯё мебошанд. Дар ин озмун фарзияи $h_0$ ин аст, ки мутағайр решаи воҳид дорад, яъне моно нест ва ҳангоме ки ин фарзия рад мешавад, бад-ин маънӣ аст, ки мутағайири мавриди назар пӯё (моно) аст.

**Натиҷагирӣ.** Дар ин мақола робитаи байни шохиси рифоҳи иҷтимоӣ ва омилҳои назири масраф, фароғат, нархи умед ба зиндагӣ ва зариби нобаробарии даромад барои 30 кишвар дар тайи солҳои 1992-2009 баррасӣ шуд ва ин натиҷа ба даст омад, ки байни шохиси даромади сарона ва рифоҳ 98% робитаи мусбат вуҷуд дорад. Асари даромади нохолиси миллӣ, саҳми масраф аз даромад ва нархи умед ба зиндагӣ ва ҳамчунин фароғат дар сатҳи 5% мусбат ва комилан маънидор аст. Ҳамчунин нобаробарии даромад асари манфӣ ва комилан маънидоре бар шохиси рифоҳи иҷтимоӣ дорад. Натиҷаи ин модел нишон медиҳад, ки даромади сарона болотарин таъсирро дар соири мутағаийрҳо дорад ва дараҷаи тавзеҳдиҳандагии ин модел 99% мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Муҳаммади Нуфаристӣ. Решаи воҳид ва ҳамҷамъӣ дар иқтисодсанҷӣ / Муҳаммади Нуфаристӣ. Муассисаи хадамоти фарҳангии рисо, 1384. –Чопи 1.
2. Алии Сурӣ. Иқтисодсанҷӣ ҳамроҳ бо корбурди Eviews-7 / Алии Сурӣ. –Теҳрон: Фарҳангшиносӣ, 1390.
3. Шамсуллоҳи Ширинбахш. Корбурди Eviews дар иқтисодсанҷӣ / Шамсуллоҳи Ширинбахш, Заҳроҳасани Хунсорӣ. –Теҳрон: Пажӯҳишкадаи умури иқтисодӣ, 1384.
4. Ҳамиди Абрешимӣ. Иқтисодсанҷии корбурдӣ/ Ҳамиди Абрешимӣ. Рӯйкардҳои навин. Донишгоҳи Теҳрон, 1388.
5. Саидҳамидризо Ашрафзод. Иқтисодсанҷии панел-дейто/ Саидҳамидризо Ашрафзод, Нодири Меҳргон. Муассисаи таҳқиқоти Донишгоҳи Теҳрон, 1389.
6. Нодири Меҳргон. Роҳнамои Eviews-7 дар иқтисодсанҷӣ / Нодири Меҳргон, Руҳуллоҳи Ризоӣ. Донишкадаи улуми иқтисодӣ ва нури илм. -1390.
7. Charles I. Klenow Beyond GDP? Welfare across Countries and Time / I. Charles, Jones Peter, February 16, 2011. –version 30.

**ИССЛЕДОВАНИЕ ЭФФЕКТИВНЫХ ФАКТОРОВ ВЛИЯЮЩИХ НА ИНДЕКС СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**

Одним из важных факторов социальной политики любого государства является сознательное воздействие на социальную сферу жизнедеятельности людей с целью ее изменения. Это наиболее обобщенное представление о социальной политике государства позволяет рассмотреть ее как часть государственного управления, объектом которого является социальная сфера жизни людей. Социальное обеспечение - это форма выражения социальной политики государства, направленная на материальное обеспечение определенных категорий граждан из средств государственного бюджета и специальных внебюджетных фондов в случае наступления событий, признаваемых социально значимыми, с целью выравнивания социального положения этих граждан по сравнению с остальными членами общества.

**Ключевые слова:** социальное неравенство доходов, доходов на душу населения, потребление, панельных данных.

**INVESTIGATION OF EFFECTIVE FACTORS ON SOCIAL WELFARE INDEX**

***Department of economic, ahwaz Branch, Islamic Azad University, ahwaz, Iran***

One of the important objects of any type of economic policy making is the improvement of the social welfare and specifically increasing the welfare of less benefit class of society. To improve social welfare indicator, the relationship between it and other influential social and economical factors should be analyzed and due to the latest method of calculating the social welfare index, income variables, the consumption share of income, leisure, income inequality ratio, and life expectancy ratio have taken into account..

**Key words**: welfare, inequality of income, per capita income, consumption, panel data.

**Сведения об авторе:** ***Хамидаи Нейси*** - соискатель Института экономики и демографии АН РТ.
Телефон: **919-92-62-19**

## САТҲИ ЁДГИРИИ КОРОФАРИНӢ ВА СОЗМОНИ ЁДГИРАНАДА

***Нодири Аҳмадӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз дар дунё беш аз як миллиард ҷавони 15 то 24 сола вуҷуд дорад, ки 18% ҷамъияти ҷаҳонро ташкил медиҳад. Ҷавонон ва кӯдакон ҳарду бо ҳам 40% ҷамъияти ҷаҳонро ихтисос медиҳанд. Ҷавонон дар ҷаҳон ба унвони шаҳрвандон, коргарони муваллид, корофаринон, масрафкунандагон, аъзои ҷомеа ва омилони тағйир нақши муҳиме ифо мекунанд. Созмонҳои байналмилалии кор (ILO), бароварда мекунанд, ки ҳудуди 86 миллион нафар марду зани ҷавон дар соил 2004 бекор буданд, ки ин теъдод 45% аз 191 миллион бекор дар сатҳи ҷаҳонро дар бар мегирад.

Тибқи баёнияи ҷаҳонӣ дар хусуси омӯзиш барои ҳама, афрод қодир хоҳанд буд то аз фурсатҳои омӯзиш, ки дараҷаи рафъи ниёзҳои ёдгирии пояи онҳо дар назар гирифта шудааст, истифода баранд. Ин ниёзҳо шомили абзори ёдгирӣ (босаводӣ, маҳоратҳои шифоҳӣ, маҳоратҳои риёзӣ ва ҳалли масъала) ва ёдгирии муҳтавопоя (маълумоти умумӣ, маҳоратҳо, арзишҳо ва нигаришҳо) мебошад, ки барои афроде, ки бихоҳанд зарфиятҳои комили худро ба кор бандад, мушорикати фаъол дар тавсеа дошта бошанд, кайфияти зиндагии худро беҳбуд бахшиданд, огоҳона тасмим гиранд ва ёдгириро идома диҳанд, лозим аст.

Дар бораи барномаи омӯзиши корофаринӣ ва бунгоҳи иқтисодӣ ин иҷмои куллӣ вуҷуд дорад, ки натоиҷи ин барнома дар сатҳи мадорис на танҳо бояд фурсатҳои иштиғолро афзоиш диҳанд, балки бояд ҷавононро бо печидагиҳои зиндагии имрӯзаи ҷавомеи шаҳрӣ ва рустоӣ ошно кунанд. Бо вуҷуди ёдгирии амалии кор ва маҳоратҳои зиндагӣ, барномаҳо бояд битавонанд бароҳатӣ тавоноии донишомӯзонро дар пешбинӣ ва посухдиҳӣ нисбат ба тағйироти ҷомеа беҳбуд бахшанд.

Шавоҳид нишон медиҳанд, ки вақти ёдгирӣ бар мабонии клос мустақиман бо корбурдаҳои зиндагии воқеӣ муртабит бошад, донишомӯзоне, ки дар барномаҳои омӯзишии корофаринӣ ва бунгоҳи иқтисодӣ мушорикат доранд, истидлоли ёдгирӣ ва эҳсоси хушбинӣ барои ояндаро дар худ мебинанд. Илова бар ин, ин барномаҳо боварҳои иҷтимоиро, ки дар ин ҷо «корофаринӣ» ва ё рафтори бунгоҳи иқтисодӣ номида мешавад, чолиш металабад ва ҳамчунин Петр вижагиҳои созмони ёдгирандаро ба шарҳи зер медонанд:

1. Тасаллути фардӣ: ёдгирӣ тавассути зарфияти фардӣ аст барои эҷоди натоиҷи матлубтар ва халлоқи муҳити созмонӣ, ки тамоми афродро ба тавсеаи зарфияти расидан ба аҳдоф ва мақосиди интихобиашон ташвиқ мекунад.

2. Улгуҳои ниҳодӣ мунъакискунандаи тасовири дарунии афрод аз дунёи воқеӣ аст, ки ба таври мудавом вузуҳи равшани он афзуда шуда, беҳбудӣ пайдо мекунад.

3. Чашмандози муштарак аз назарсанҷӣ, аз тариқи эҷоди тасовири муштарак азояндаи матлуб ва танзими усул ва иқдомоти роҳнамо барои таҳқиқи он метавон эҳсоси масъулиятро дар афрод ва гурӯҳҳои созмон афзоиш дод.

4. Ёдгирӣ. Маҳоратҳои гуфтугӯ ва тафаккури ҷамъӣ аст ва тайи он гурӯҳе аз афрод метавонанд ҳуш ва тавоноии худро афзоиш диҳанд. Ҳуш ва тавоноии гурӯҳӣ чизе беш аз маҷмӯи истеъдодҳои афрод мебошад (Senge, 1991: 15).

5. Тафаккури системавӣ равише аз тафаккур ва забоне барои ташреҳ ва фаҳми нерӯҳо ва усули дигар аст ва равобити мутақобили ва усули мухталифро тавзеҳ медиҳад, ки рафтори системавиро шакл медиҳад.

Бо таваҷҷуҳ ба усули тафаккури системавӣ метавон гуфт, ки чашмандози муштарак дар ду сатҳ- гурӯҳ ва созмон қобили шиносоӣ аст. Агарчи мумкин аст назарот ва мафоҳими ироашуда тавассути донишмандон дар иртибот бо хусусиёт ва вижагиҳои созмонҳои ёдгиранда мутафовут бо ҳам ба назар ояд, вале мавзӯоти муштараке дар навиштаҳои тамоми онҳо вуҷуд дорад.

Шум Питер мегӯяд: «Корофарин анҷомдиҳанда аст ва донише, ки корбурд наёбад, барои корофарин бефоида аст». Дрокер корофариниро омиле барои тағйир медонад, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯйи тағйирот аст, нисбат ба тағйир аз худ вокуниш нишон медиҳад ва онро ба унвони як фурсат менигарад. Дрокер ба се замина ишора мекунад:

1.Мудирияти корофаринӣ посухе ба навоварӣ ва тамоил ба тағйир дар як фурсат аст. Барои эҷоди як фазои корофаринона сиёсатҳо ва равишҳоро пешниҳод мекунад.

2.Меъёрҳои рушд барои арзёбии амалкарди як ширкат ба унвони як корофарин ё навовари ҳаётӣ аст ва ҳадафи он тавсеаи амалкард аст.

3.Сохтори созмонии муносибтари фазо барои эҷоди фазои корофаринӣ аст. Питер Дрокер дар нашрияи Акунумит пешбинӣ кардааст, ки то соли 2030 ҳудуди 40% нерӯи корӣ ба коргарони донишӣ табдил хоҳанд шуд.

Элвин Тофлер дар китоби худ таҳти унвони «Шоки оянда» изҳор медорад, ки дар муддати замони бисёр кӯтоҳ теъдоди каме аз афрод ба таври фазоянда дар маърази таҳаввулоти зиёд қарор гирифта, ногузир бо муваффақиятҳои ҷадиди бештаре интибоқи бисёр сареъ ёфта, иттилооти бештаре аз ҳазмашонро касб кунад.

Кансири сеюми омӯзиши корофаринӣ як фароянди ёдгирии мудомуламр аст ва аз панҷ марҳилаи мутамоизи тавсеа ҳимоят мекунад. Улгуи ёдгирии дарозмуддат бар ин фарз устувор аст, ки ҳар кас дар низоми омӯзишӣ бояд марҳилаи аввали фурсати ёдгириро дошта бошад, аммо марҳилаи баъд барои касоне дар назар гирифта шудааст, ки мехоҳанд корофарин бишаванд. Ҳар як аз панҷ марҳила бо фаъолиятҳое, ки дар соири клосҳо ба унвони як риштаи таҳсилии ҷудогона маъруф шудаанд, тадрис мешаванд:

**Марҳилаи 1. Усули поя.** Дар мадориси ибтидоӣ ва мутавассита донишомӯзон абъоди гуногун аз моликият касб мекунанд ва корро таҷриба мекунанд. Дар ин марҳила қонуни таваҷҷуҳ бар рӯйи фаҳми пояи иқтисод ва фурсатҳои шуғлӣ ва доштани маҳоратҳои поя мавриди ниёзи дунёи кор ва ҷомеа аст. Ангезаи ёдгирӣ ва эҳсоси фурсати фардӣ, вижагии хоси ин марҳила аз намунаи бекорӣ аст.

**Марҳилаи 2. Огоҳӣ аз шоистагӣ.** Донишомӯзон ёд мегиранд, ки ба забони касб ва кор ҳарф бизананд ва масоилро аз зовияи соҳиби касб ва кор мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳанд. Ин мавзӯъ хусусан дар омӯзиши ҳирфаӣ мавриди ниёз аст. Таъкид бар рӯйи оғози салоҳиятҳое аст, ки мумкин аст ба унвони гурӯҳи корофаринӣ дар назар гирифта шаванд. Ба унвони мисол, масоили ҷараёни нақдинагиро метавон дар клоси риёзӣ ёд гирифт ва намоиш ва таблиғи фурӯш метавонад бахше аз иртиботи клос ба шумор ояд.

**Марҳилаи 3. Корбурдҳои халлоқӣ.** Дар ин марҳила донишомӯзон барои кашфи иддаоҳои касб ва кор ва анвои равишҳо ба манзури барномарезии касб ва кор вақт мегузоранд. Ҳарчанд ки ин ҳанӯз як омӯзиши таҷрибӣ аст, бо вуҷуди ин донишомӯзон умқи донишро дар муқоиса бо ду марҳилаи қаблӣ ба даст меоварад. Ин марҳила донишомӯзонро ташвиқ мекунад, ки иддаои касбу кори воҳидеро ба вуҷуд оваранд ва фароянди тасмимгириро аз тариқи барномаи комили касбу кор анҷом диҳанд. Ин барнома мумкин аст, ки дар барномаҳои ҳирфаии давраи мутавасситаи пешрафта ва муассисоти олии дусола ва донишгоҳҳо ба вуқӯъ бипайвандад ва натиҷаи кор чӣ гуна корофарин шудани донишомӯзон аст.

**Марҳилаи 4. Шурӯи касб ва кор.** Баъд аз ин ки навҷавон касб таҷриба, шуғл ва омӯзиши бештарро пайдо мекунанд, лозим аст, ки тамоми фикр ва иддаои худро

рӯйи ҳам бигзоранд. Барномаҳои омӯзиши ҷомеъ мумкин аст дар мадориси ҳирфаӣ, коллеҷҳои 4-сола ва донишгоҳҳо ба манзури фароҳам кардани кӯмак дар ҳадди васеъ, вуҷуд доштааст.

**Марҳилаи 5. Рушд.** Баъзан соҳибони касб ва кор он қадар барои кӯмак таълил мекунанд, ки дигар кор аз кор мегузарад. Семинарҳои мудавом ё гурӯҳҳои пуштибон ба корофарин кӯмак мекунанд, ки масоили асосиро ташхис дода, бамавқеъ онро мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Ороста Ҳамидризо. Иртиботи сифат ва донишгоҳ / Ороста Ҳамидризо // Фаслномаи пажӯҳиш ва бароиомарезӣ дар омӯзиши олӣ, 1383.
2. Ҳасани Маҳмурӣ. Баррасии таомилот миёни омӯзиши олӣ ва сохторҳои иқтисодии донишмеҳвар ва таъсироти он бар шохисҳои тавсеаи манобеи инсонӣ ва иштиғол / Ҳасани Маҳмурӣ, Баҳравар Фарҳодӣ Мену. -Теҳрон: Интишороти Ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1386.
3. Доноифард Ҳусейн. Иқтисоди донишмеҳвар ва ҳифзи тамомияти ниҳоди донишгоҳ / Доноифард Ҳусейн // Фаслномаи пажӯҳиш ва бароиомарезӣ дар омӯзиши олӣ, 1386.
4. Доноифард Ҳусейн. Иқтисоди донишмеҳвар, омӯзиши олӣ ва иштиғолӣ: таъмиле бар нақши давлат ва мудирияти давлат / Доноифард Ҳусейн. –Теҳрон: Созмони интишороти ҷиҳоди донишгоҳи тарбияти мадорис, 1386.
5. Бексосси С. Навоварӣ дар мудирияти донишгоҳӣ / С. Бексосси; тарҷумаи Вейдомирӣ ва Абдурраҳим Иброҳимӣ. – Теҳрон: Муассисаи пажӯҳиш ва барномарезии омӯзиши олӣ, 1379.
6. Senge P. The fifth discipline: The art and Practice of the learning organization / P. Senge. -New York: Century Business, 1991. –P.15.



**УРОВЕНЬ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ И ЦЕНТРЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ**

Одной из основных целей любого государства является достижение высокого уровня занятости. Острота проблем занятости сохраняется и в условиях экономического роста любой страны. Структурная безработица, низкий уровень оплаты труда, дефицит квалифицированных кадров затрудняют решение задачи обеспечения экономики необходимой рабочей силой определенного качества. В данной статье автор рассматривает проблемы в системе занятости населения и рассматривает деятельность центров профессионального обучения для достижения оптимального уровня занятости населения.



**Ключевые слова:** профессиональное обучение, занятость населения, уровень занятости населения, трудовые ресурсы, дефицит квалифицированных кадровобучение и переподготовка кадров.



**THE LEVEL OF EMPLOYMENT AND VOCATIONAL TRAINING CENTRES**

One of the main purposes of any state is to achieve a high level of employment. The acuteness of the problems of employment was maintained in the conditions of economic growth of any country. Structural unemployment, low wages, lack of skilled manpower challenges in providing the economy with the necessary manpower of a certain quality. In this article the author examines problems in system of employment of the population and considers the activity of vocational training centers to reach the optimal level of employment.



**Key words:** vocational training, employment, the employment level of the population, labour resources, lack of skilled кадровобучение and retraining of personnel.



**Сведения об авторе:** ***Нодири Ахмади*** - соискатель Таджикского национального университета


## БАРРАСИИ ТАЪСИРИ СИСТЕМАҲОИ ИТТИЛООТИИ IS БАР ХУСУСИЯТҲОИ КАЙФИИ ИТТИЛООТИ ҲИСОБДОРӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ПЕТРОХИМИИ МИНТАҚАИ ХОСИ БАНДАРИ ИМОМ ХУМАЙНӢ


***Муҳаммад Порсиманиш, Иброҳим Ализода***
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ**


Ҷаҳон назоратгари тағйирҳои бунёдӣ дар шеваи анҷоми касбу кор аст. Рушди технологияи иртиботот ва иттилоот (IST - Information and communication technology) дар чанд даҳаи охир чунон сареъ иттифоқ афтод, ки дар бисёре аз заминаҳо боиси ғофилгир шудани фаъолон дар арсаҳои илмию амалӣ шудааст. Балки дар асри кунунӣ ҳар ширкати тиҷорӣ дар ҳар сатҳи фаъолият барои бақо ва тавсеа дар иқтисоди навин ногузир аз пазириши он аст. Ба наҳве ки имрӯз идомаи фаъолият ва амалкарди матлуби ширкатҳо ва муассисот бидуни баҳрагирӣ аз дастовардҳои фановарии иртиботот ва иттилоот муяссар намебошад.

Имрӯз ширкатҳо маблағҳои қобили таваҷҷуҳеро сарфи истифода аз дастовардҳои фановарии иттилоот дар созмони худ мекунанд. Воҳидҳои ҷадиде дар созмонҳо бо унвони воҳиди информатика ба вуҷуд омада, афроди мутахассисе дар ин воҳидҳо ҷиҳати анҷоми умури марбут ба фановарии иттилоот ва пуштибонӣ ва нигоҳдорӣ аз системаҳои иттилоотӣ машғул ба анҷоми фаъолият ҳастанд. Пешрафтҳои сареъ дар заминаи фановарии иттилоот аз як тараф ва таҳаввули

мукаррар дар арсаҳои иқтисодӣ ва бозаргонӣ ва вобастагии бисёри ин бахшҳо ба фановарии иттилоот муҷиб шудааст, то ҳисобдорӣ низ дучори таҳаввулот ва дигаргуниҳои зиёде шуда, по ба арсаҳои ҷадид бигузоранд. Дар чунин муҳит ва бо афзоиши ҳаҷм ва суръати иттилоотӣ, ки дар ихтиёри афрод қарор мегиранд, ниёз ба пардозиши иттилоот ба сурати фазоянда ва бо ҳамон суръат ҳис мешаванд. Ин вазифаи системаҳои иттилоотӣ аст, ки иттилооти ҷамъоваришударо мавриди пардозиш ва таҷзияву таҳлил қарор диҳанд, то истифода аз онҳо асарбахштар гардад. Дарвоқеъ бо афзоиши ниёзҳои иттилоотӣ нақши системаҳои иттилоотӣ ҳаррӯза пуррангтар мешавад. Яке аз мушкилоте, ки ширкатҳои вобаста ба вазорати нефт бо он рӯ ба рӯ ҳастанд, қадимӣ будан ва адами иртиқо ва иттикои бештар бар системаҳои иттилоотӣ аст, ки шояд далели умдаи онро битавон дар нигариши суннатии мудирон ва коркунони аршади ин санъат ёфт. Ҳамин амр, яъне мутақоид кардани ин рада аз коркунон, ки ағлаб бособиқа ҳастанд, нисбат ба ин мавзӯ, ки сармоягузорӣ дар системаҳои иттилоотии ҷадидтар ва ҳамчунин бакоргирии бештари системаҳои иттилоотӣ дар ҳамаи бахшҳо на танҳо махориҷи беҳуда нест, балки метавонад дар коҳиши ҳазинаҳо ва афзоиши баҳраварӣ таъсири босазое дошта бошад.

Ҳадаф аз интихоби ин мавзӯъ дастёбӣ ба шинохт дар мавриди мизони таъсири системаҳои иттилоотӣ бар хусусиятҳои кайфии иттилооти ҳисобдорӣ дар саноати петрохимӣ ва андозаи ин таъсир аст, ки метавонад истифодакунандагон аз иттилоотӣ ҳисобдориро нисбат ба аҳамияти истифодаи ҳарчи бештар аз системаҳои иттилоотӣ дар таҳияи иттилооти молӣ огоҳ намояд. Ҳамчунин ширкатҳо ва созмонҳои вобаста ба ширкатҳои миллии саноати петрохимӣ низ нисбат ба сармоягузорӣ дар системаҳои иттилоотии худ диққат ва аҳамияти бештаре қоил шаванд, то битавонанд ҳарчи бештар ба ироаи иттилооти дорои кайфияти боло ва муфид дар тасмимгирӣ ҷиҳати истифодакунандагон кӯмак намоянд.

**Фарзияҳои таҳқиқ. Фарзияи аслӣ.** Байни мизони истифода аз системаҳои иттилоотӣ ва афзоиши хусусиятҳои кайфии иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияҳои фаръӣ. Фарзияи фаръии аввал.** Байни мизони истифода аз IS ва қобили фаҳм будани иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи фаръии дуюм.** Байни мизони истифода аз IS ва қобили муқоиса будани иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи сеюм.** Байни мизони истифода аз IS ва марбут будани иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи чаҳорум.** Байни мизони истифода аз IS ва қобили иттико будани иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи панҷум.** Байни мизони истифода аз IS ва коҳиши ҳазинаи таҳияи иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи шашум.** Байни мизони истифода аз IS ва афзоиши манфиатҳои ношӣ аз ироаи иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

Ҳар кадом аз фарзияҳои як то шаш дорои фарзияҳои ҷойгузини марбут ба худ мебошанд, ки ҳолати акси фарзияи аслиро хоҳад дошт.

**Фароянди таҳқиқ. Ҷомеаи оморӣ.** Дар таҳқиқи ҳозир милокҳо (сифатҳои мушаххаса), ки барои ҷомеаи омории мавриди назар таъйин шудааст, иборатанд аз:

1. Ҳадди ақал дорои мадраки коршиносӣ.
2. Собиқаҳои кори ҳисобдорӣ беш аз 3 сол.
3. Ошноии кофӣ бо системаҳои иттилоотӣ ва фановарии иттилоот.

Бо таваҷҷуҳ ба милокҳои фавқ ҷомеаи оморӣ дар ин таҳқиқ ҳисобдорони шоғил дар ширкатҳои петрохимӣ мустақар дар минтақаи хоси бандари Имом мебошанд.

**Озмуни фарзияҳо.** Барои озмуни фарзияҳо (таъйид ё ради фарзияҳо) аз равиши озмуни фарзи оморӣ миёнгини як ҷомеа T-Student истифода шудааст. Ҳар гоҳ ҳадаф муқоисаи миёнгини як мутағайир ё намунаи бо як миқдор собит бошад, метавон аз озмуни T-Student истифода кард. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки суолот дар миқёси панҷгузинаии Ликерт тарроҳӣ шудаанд, вуҷуди таъсирро болотар аз ҳадди мутавассит, яъне адади 3 маънӣ кардаем. Ба ин тартиб, ки ҷавоб камтар ё баробари адади 3 ба маънии таъсиргузор набудан ва ҷавоби болотар аз 3 ба маънии таъсиргузор будан аст. Бинобар ин, дар ин ҷо фарзия дар хусуси миёнгини ҷомеаи оморӣ тарроҳӣ шуда, бо истифода аз марҳилаҳои озмуни фарзи оморӣ метавон сиҳат ё нодурустии фарзияро дар сатҳи маънидор I таъйин кард. Дар ин озмун, фарзи

нормалӣ будан лозим аст (ҳарчанд агар теъдоди намуна бештар аз 30 бошад, бар асоси қазияи ҳадди марказӣ тавсеаи нормал хоҳад шуд).

**Баррасии фарзияҳо.** Хулосаи натиҷаҳои таҳқиқоти фарзиёт ба шарҳи зер мебошад:

Натиҷаҳои озмуни фарзиёти фаръии аввал, дуюм, сеюм, панҷум ва шашум нишон медиҳад, ки байни мизони истифода аз системаҳои иттилоотӣ ва афзоиши қобили фаҳм будан, афзоиши қобили муқоиса будан, афзоиши марбут будан, коҳиши ҳазинаи таҳияи иттилооти ҳисобдорӣ ва афзоиши манфиатҳои таҳияи иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад. Натиҷаи озмуни фарзияи фаръии чаҳорум нишон медиҳад, ки байни мизони истифода аз системаҳои иттилоотӣ ва қобили иттико будан робитаи маънодоре вуҷуд надорад. Натиҷаи озмуни фарзияи аслӣ нишон медиҳад, ки байни мизони истифода аз системаҳои иттилоотӣ ва афзоиши хусусиятҳои кайфии иттилооти ҳисобдорӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад. Озмуни фарзияи аслӣ бо таҳлили ҳар суоли пурсишнома анҷом шуд, ки 7 суоли он марбут ба фарзия рад шуда. Чаҳорум ва 21 суоли дигари он ба соири фарзияҳои таъйидшуда аст. Муқоисаи миёнгини рутба бо истифода аз озмуни Фридман (Fridman Test) анҷом шуда, натиҷаҳои ҳосил аз озмун ба шакли зер аст.

**Ҷадвали 1. Натиҷаи ҳосил аз озмун**

| Теъдоди намуна | Кори муррабаъ | Дараҷаи озодӣ | Sig Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|
| 65 | 62,582 | 5 | 0,000 |

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Sig бадастоварда камтар аз 5% аст, дар натиҷа фарзи $H_0$ рад шуда, фарзи $H_1$ бо итминони 95% таъйид мешавад. Яъне миёнгини рутбаи фарзияҳо бо итминони 95% мутафовит аст.

**Ҷадвали 2. Рутбабандии фарзияҳои фаръӣ**

| Фарзия | Панҷум | Шашум | Аввал | Дуюм | Сеюм | Чаҳорум |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Миёнгини рутба | 4,13 | 4,07 | 3,85 | 3,62 | 3,35 | 1,98 |

Натиҷаи радабандии фарзиёти фаръӣ нишон медиҳад, ки бештарин мизони таъсир бар рӯйи коҳиши ҳазина ва афзоиши манофеи иттилооти ҳисобдорӣ фарзиёти панҷум ва шашум аст. Пас аз онҳо низ фарзиёти аввал, дуюм ва сеюм дар рутбаҳои баъдии таъсиргузорӣ қарор доранд, ки баёнгари хусусиётҳои қобили фаҳм будан, қобили муқоиса будан ва марбут будани иттилооти ҳисобдорӣ аст. Фарзияи фаръии чаҳорум, яъне қобилияти иттико низ поинтарин рутбаро дорад.

Агарчи миёнгини рутбаи ин фарзияҳо бо ҳам баробар аст, аммо ин рутбаҳо аз назари оморӣ низ илзоман бо ҳам мутафовит нестанд, ки бо озмуни Фридман мутафовит будани онҳо мушаххас гардид ва барои таъйини рутбаи онҳо нисбат ба ҳам аз озмуни Вилкоксон истифода мекунем.

**Ҷадвали 3. Сатҳи маънодорӣ**

| Фарзиёт | Аввал ва дуюм | Дуюм ва сеюм | Панҷум ва шашум | Аввалу шашум | Дуюм ва чаҳорум | Панҷум ва сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Омораи озмун | -0,545 | -0,654 | -1,342 | -1,074 | -4,545 | -2,932 |
| Sig сатҳи маънодорӣ | 0,586 | 0,513 | 0,18 | 0,283 | 0,000 | 0,003 |

Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои ҳосил сатҳи маънодории фарзиёте, ки беш аз 5% аст, ба маънии яксон будани миёнгини рутбаи фарзиёт бо итминони 95% мебошад. Яъне фарзи $H_0$ пазируфта мешавад, дар натиҷа рутбабандии фарзиёти фаръӣ ба шарҳи зер хоҳад буд:

**Ҷадвали 4. Рутбабандии фарзиёти фаръӣ**

| Рутба | Фарзиёт |
|---|---|
| Аввал | Аввал ва дуюм |
| Дуюм | Панҷум ва шашум |
| Сеюм | Сеюм |
| Чаҳорум | Чаҳорум |

Ҳадафи ҳисобдорӣ таҳияи иттилооте аст, ки мавриди ниёзи истифодакунандагони дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Ин иттилоот замоне муфид аст, ки марбут, қобили фаҳм, қобили иттико ва қобили муқоиса бошад. Ҳамчунин дорои ҳазинаи камтар бо манфиати бештар бошад. Омилҳои мутафовит метавонанд ин хусусиятҳоро тахти таъсир қарор диҳанд. Ҳадафи ин таҳқиқ баррасии таъсири системаҳои иттилоотӣ бар хусусиятҳои кайфии иттилооти ҳисобдорӣ аст. Дар ин таҳқиқ фарзияҳо бар асоси унсурҳои хусусиятҳои кайфӣ таъриф шудаанд, ки шомили як фарзияи аслӣ дар қолаби 6 фарзияи фаръӣ аст. Маҳдудаи ин таҳқиқ ширкатҳои петрохимӣ, мустақар дар минтақаи хоси бандари Имом Хумайнӣ буда, ҷомеаи омории он ҳисобдорони шоғил дар ширкатҳои мазкур мебошад. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳад, ки истифодаи бештар аз системаҳои иттилоотӣ боиси афзоиши хусусиятҳои қобили фаҳм будан, қобили муқоиса будан, марбут будан, коҳиши ҳазина ва афзоиши манофеъ шуданд ва хусусияти қобили иттико будан низ коҳиш меёбад. Ин таҳқиқ метавонад дар тасмимгирии мудирони ширкатҳои петрохимӣ ва ё ширкатҳои мушобеҳ дар истифодаи бештар аз системаҳои иттилоотӣ ва сармоягузорӣ бар рӯйи он таъсиргузор бошад.

### АДАБИЁТ


1. Ризоиён Алӣ. Таҷзияву таҳлил ва тарроҳҳии система / Ризоиён Алӣ. –Теҳрон: Самт, 1387.
2. Кумитаи фаннии созмони ҳисобрасӣ, стандартҳои ҳисобдорӣ, 1386.
3. Ashbaugh H. Corporate Reporting on the Internet / H. Ashbaugh, K.M. Johnstone, T. Warfield, 1999.
4. Debreceny R. "The determinants of Internet financial reporting" / R. Debreceny, L.G. Gray, A. Asheq Rahman //Journal of Accounting and Public Policy, 2002
5. Fedorowicz J. "Accounting Information Quality: Reconciling Hierarchical and Dimensional Contexts” / J. Fedorowicz. -Y.W. Lee, 1998
6. Barac K. "Financial reportin on the Internet in Aouth Africa" / K Barac // Meditari Accountancy Research, 2004. - Vol. -12 No.1.
7. Khadaroo I. "Corporate reporting on the internet: some implications for the auditing profession” / I. Khadaroo // Managerial Auditing Journal, 2005. - Vol. -20 No.6.
8. Sutton S.G. "The Changing Face of Accounting in an Information Technology Dominated World" / S.G. Sutton // International Journal of Accounting Information Systems, 2000.


### ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ СИСТЕМЫ НА КАЧЕСТВЕННЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ БУХГАЛТЕРСКОЙ ИНФОРМАЦИИ В НЕФТЕХИМИЧЕСКИХ КОМПАНИЯХ НА ПРИМЕРЕ ПОРТА ИМАМА ХОМАНАИ ИРИ


Целью данного исследования является изучение влияния информационных систем (ИС) на качественные характеристики бухгалтерской информации в нефтехимических компаниях порта Имама Хоманаи в Исламской Республике Иран. В данном исследовании, основанном на качественных характеристиках бухгалтерской информации было определено использование информационных систем, и ее влияние на качественные характеристики бухгалтерской информации.



**Ключевые слова**: информационные системы, качественные характеристики учетной информации


### SURVEY THE INFLUENCE OF INFORMATION SYSTEM ON QUALITATIVE CHARACTERISTICS OF ACCOUNTING INFORMATION IN PETROCHEMICAL COMPENIES


***Mohammad Ali Parsamanesh, Ebrahim Alizadeh***

**Department of accounting, abadan branch, Islamic azad university, Abadan, Iran**



The aim of this study is to examine the impact of information systems (is) on qualitative characteristics of accounting information in the petrochemical companies of the port of Imam Humanae in the Islamic Republic of Iran. In this study, based on qualitative characteristics of accounting information, it was determined using information systems, and its influence on the qualitative characteristics of accounting information..



**Key words:** information systems, qualitative characteristics of accounting information.



**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Порсиманиш*** – преподаватель Свободного исламского университета города Ободон , Иран

***Иброхим Ализода*** **–** соискатель Института гуманитарных наук АН РТ


## ТАЪСИРИ СОХТОРИ МОЛИКИЯТ БАР АМАЛКАРДИ ШИРКАТҲОИ ПАЗИРУФТАШУДА ДАР БУРСИ УРОҚИ БАҲОДОРИ ТЕҲРОН


***Алиризо Фаршедпур, Раҳими Рафиӣ***

**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АН РТ**


Барои солиёни дароз иқтисоддонон фарз мекарданд, ки ҳамаи гарӯҳҳо дар ширкатҳои пазируфташудаи бурси уроқи баҳодор амал мекунанд. Аммо дар 30 соли гузашта мавридҳои бисёре аз тазоди манофеъ байни гурӯҳҳо ва наҳваи рӯбарӯии

ширкатҳои бо ин тазодҳо тавассути иқтисоддонон матраҳ шудааст. Ин маворид ба таври куллӣ таҳти унвони назариявии намояндагӣ дар ҳисобдории мудирият баён мешавад. Тибқи таърифи Ҷенсем ва Маклинг робитаи намояндагӣ қарордоде, ки бар асоси он соҳа ба кор ё молик намоянда ё омилро аз ҷониби худ мансуб ва ихтиёри тасмимгириро ба ӯ вогузор мекунад. Дар робитаҳои намояндагӣ, ҳадафи моликон ҳадди аксар намудани сарват аст. Лизо, барои расидан ба ин ҳадаф бар кори намоянда назорат мекунад. Дар ин ҷо суол ин аст, ки оё мутафовит будани сохтори моликияти ширкатҳо бар амалкарди онҳо таъсир дорад, ё не? Ҳадафи аслии ин таҳқиқ баррасии таъсири сохтори моликият бар амалкарди ширкатҳои пазируфташуда дар бурси Теҳрон аст. Аҳмияти ин пажӯҳиш ин аст, ки ба нафъи таҷриба ба мудирон, сармоягузорон ва соири тасмимгирандагон нишон диҳад, ки мутафовит будани сохтори моликияти ширкатҳои бурсӣ бар амалкарди онон таъсир дорад. Яъне агар моликон ширкатро ба гурӯҳҳои мухталиф монанди давлат, муассисоти молӣ, бонкҳо ва ширкатҳои хусусии дигар ташкил диҳанд, амалкарди онҳо мутафовит хоҳад буд. Бо алоқаи он вуҷуди кадом яке аз таркибҳои мутафовити моликият дар беҳбуди ширкат муассиртар аст. Дар ниҳоят, ин таҳқиқ аҳамияти хусусисозиро низ матраҳ месозад.

Дар як нигоҳи кулли ҳокимияти ширкат шомили тартиботи ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва ниҳодӣ мешавад, ки самту тарафи ҳаракат ва амалкарди ширкатҳоро таъйин мекунад. Омилҳои муассир дар ин масъала иборатанд аз саҳмдорон ва сохтори моликияти эшон, аъзои ҳайати мудирият ва таркиби онҳо, мудирияти ширкат, ки тавассути мудир омили иҷрои ҳидоят мешавад ва соири зинатҳое, ки имкони таъсир бар ҳаракати ширкатро дорад. Дар ин байн он чӣ бештар ҷалби таваҷҷуҳ мекунанд, ҳузури рӯзафзуни сармоягузорон дар доираи моликини ширкатҳои саҳҳомии ом ва таъсире аз ҳузури фаъоли ин гурӯҳ бар наҳваи ҳокимият, бар созмонҳо ва амалкарди онҳо метавонанд, дошта бошанд. Асоситарин рукни баҳси ҳокимияти ширкат, итминон ёфтан аз эъмоли ҳокимияти саҳеҳи саҳмдорон бар идораи ширкат аст. Бо вуҷуди ин, одатҳои хосе сабаб мешавад, ки эъмоли ин ҳокимият, махсусан барои саҳмдорони хурд бо мавоние рӯ ба рӯ шавад. Бинобар ин, яке аз масоили муҳим дар ҳокимияти ширкат, огоҳӣ аз сохтори моликият ва дараҷабандии он дар микёсҳои исёндор мебошад. То бо истифода аз он битавон роҳкорҳои лозим дар истиқрори ҳокимияти ширкат тадвин намуд.

Тесой Ве Гу иртиботи байни моликияти ниҳодӣ ва амалкарди ширкат дар санъати Казино барои солҳои 1999 то 2003-ро мавриди таҳқиқ қарор доданд. Моликияти молӣ баробари фоизи саҳми нигаҳдоришуда, тавассути ширкатҳои давлатӣ аз кулли саҳми сармоя мебошад. Ин ширкатҳо шомили ширкатҳои бима, муассисоти молӣ, бонкҳо, ширкатҳои давлатӣ ва дигар аҷзои давлат мебошанд. Онҳо нишон доданд, ки сармоягузории ниҳодӣ дар казиноҳо мумкин аст, ба сармоягузорони ин санъат кӯмак кунанд, то масоили намояндагӣ фосила аз тафкики мудирият ва моликиятро коҳиш диҳад.

Копо Пулес ва Лозоти Ту таъсири сохтори моликият бар амалкарди ширкатро бо истифода аз иттилооти 175 ширкати юнонӣ мавриди баррасӣ қарор доданд ва ба ин натиҷа расиданд, ки сохтори моликияти мутамарказтар ба наҳви мусбат бо судоварии болотари ширкат иртибот дорад. Барои касби судоварии бештар ба моликият бо парокандагии камтар ниёз аст.

Ҳамчунин дар дохили кишвари Эрон натиҷаи таҳқиқи Раҳмони Сиришт ва Мазлум дар мавриди нақши сармоягузорони ширкат ва робитаи амалкарди мудирияти сармоягузорон бо саҳми моликияти ин муассисот матраҳ шуд. Онон ин суолро матраҳ карданд, ки оё сохтори моликияти созмонҳо тавони тавҷеҳи амалкардҳои мухталифи онҳоро дорад? Ёфтаҳои ин таҳқиқ нишон дод, ки гурӯҳҳои молик (ҳақиқӣ ва ҳуқуқӣ) ба як мизон аз қудрат дар асаргузорӣ бар амалкарди ширкатҳо бархӯрдор нестанд ва дар маҷмӯъ тафовут дар сохторҳои моликияти ширкатҳо тавонистааст бахше аз навасонот дар амалкарди ширкатҳоро тавзеҳ диҳад.

Нуравиш ва Иброҳими Курдлер низ дар таҳқиқи нақши сармоягузорони ширкат дар коҳиши тақоруни иттилоот дар Бурси Теҳронро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар ин пажӯҳиш маълум шуд, ширкатҳо фоизи болои саҳмдорони ширкат, нисбат ба ширкатҳо фоизи поини сармоягузорони ширкат, иттилооти бештаре дар робита бо судҳои отиро гузориш кардаанд. Дар натиҷа, адами тақоруни иттилоотии бештаре дар ширкатҳои бомоликияти ширкати камтар мушоҳида шудааст.

Натиҷаи куллии пажӯҳишҳо ҳокӣ аз вуҷуди иртиботи маънидор байни сохтори моликият ва амалкарди ширкатҳост.

**Фарзияҳои пажӯҳиш.** Бо таваҷҷуҳ бо мабонии назари гироишбуда дар қисматҳои қабл, ин пажӯҳиш дорои як фарзияи аслӣ ва панҷ фарзияи фаръӣ ба шарҳи зер аст:

**Фарзияи асли.** Робитаи маънидоре байни сохтори моликияти ширкатҳо ва амалкарди онҳо вуҷуд дорад.

**Фарзияҳои фаръӣ.**

- робитаи маънидоре байни моликияти ниҳодӣ ва амалкарди ширкатҳо вуҷуд дорад;
- робитаи маънидоре байни моликияти ширкат ва амалкарди ширкатҳо вуҷуд дорад;
- робитаи маънидоре байни моликияти мудирият ва амалкарди ширкатҳо вуҷуд дорад;
- робитаи маънидор байни моликияти хориҷӣ ва амалкарди ширкатҳо вуҷуд дорад;
- робитаи маънидор байни моликияти хусусӣ ва амалкарди ширкатҳо вуҷуд дорад.

Дар ҳақиқат, дар ин таҳқиқ сохти моликият ба ду табақа: моликияти ниҳодӣ ва хусусӣ тақсим мешавад, ки моликияти хусусӣ низ худ ба се даста сармоягузорони ширкат, мудирият ва хориҷӣ тақсим мешавад.

**Ҷомеаи оморӣ.** Ҷомеаи омории ин пажӯҳиш шомили куллии ширкатҳои пазируфташуда дар бурси Теҳрон то таърихи 29.12.2010 буд, ки бо таваҷҷуҳ ба маҳдудиятҳои мавҷуд аз байни теъдоди 430 ширкати мавҷудбуда ба таври тасодуфӣ бо теъдоди 66 ширкат интихоб шуданд, ки иттилооти онҳо аз сазмони Бурси Теҳрон, сайти он ва нармафзорҳои саҳро ва тадбирпардоз ҷамъоварӣ шудааст. Ҳамчунин, барои ҷамъоварии додаҳо ва иттилоот ибтидо аз равиши китобхонавӣ истифода шуд. Дар бахши китобхонавии мавонӣ, назарияи пажӯҳиш аз китобҳо ва маҷаллаҳои тахассусии форсӣ ва лотинӣ ҷамъоварӣ шуд. Сипас, додаҳои пажӯҳиш аз тариқи ҷамъоварии додаҳои ширкатҳои мунтахаб бо муроҷиби суратҳои молӣ, ёддоштҳои тавзеҳӣ, гузоришҳои ҳафтагӣ, моҳномаи бурс ва нармафзорҳои саҳро ва тадбирпардоз анҷом гардид.

**Равиши таҷзияву таҳлили додаҳо**. Дар ин пажӯҳиш бо таваҷҷуҳ ба навъи додаҳо ва равишҳои таҷзияву таҳлили омории мавҷуд аз равиши додаҳои таркиби истифода шуд. Зеро барои баррасии робитаи сохтори моликият ва амалкарди ширкат мутағайирҳои мустақил ва вобаста ба ду ҷамбаи мутафовит мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Аз як тараф ин мутағайирҳо дар миёни ширкатҳои мухталиф ва аз тарафи дигар дар солҳои 2006, 2010 озмун мешавад. Барои таъйини регресион аз робитаи зер истифда гардид:

$$Performance_{it} = f(Foreign_{it}, Institutional_{it}, Director_{it}, Ln\ Sale_{it}, Debtint._{it}\ Cap.Int._{it}) + a_i + \delta_1 + \Sigma_{it}$$

Ҳамчунин дар муодилаи регресион низ мавриди баррасӣ қарор гирифт:

1. Худҳамбастагӣ;
2. Миқдори зариби таъйин;
3. Маънидории модел ва зароиб ба он.

**Ёфтаҳои пажӯҳиш.** Ба манзури баррасии ҳар фарзия чор модели ҷудогона бар асосӣ ҳар як асар аз мутағайирҳои вобаста, яъне боздеҳи дороӣ (ROA), боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳом (ROE), нисбати тақсимоти баробарӣ (Qtobin) ва нисбати боздеҳ ба арзиши дафтари MBVR, ки барои арзёбии амалкард ба кор рафтаанд, таъриф ва тахмин зада шуд. Сипас бо таваҷҷуҳ ба натиҷаи ҳосил аз ҷаҳор модел ҳар фарз ҷудогона баррасӣ гардид ва дар ниҳоят, натиҷаи куллӣ барои ҳар фарз ба шарҳи зерин баён шуд:

**Фарзияи аввал:**

**Ҷадвали 1. соли 2006 то 2010**

| Мутаға-йири | Мутағайири мустақил | Маънидории кулли модел | Маънидории зари ба t | Аломат и зариб | Зариби таъйини $R^2$ |
|---|---|---|---|---|---|

| вобаста | | Таъйид ё адами таъйид | P-Value | Таъйид ё адами таъйид | P-Value | | ва Дурбин-Вотсен |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ROA | Моликияти ниҳодӣ | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 | Манфӣ | 1/80-%78/8 |
| ROE | Моликияти ниҳодӣ | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 | Манфӣ | 1/82-%84/9 |
| QTobin | Моликияти ниҳодӣ | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/002 | Манфӣ | 1/82-%73 |
| MBVR | Моликияти ниҳодӣ | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 | Манфӣ | 1/90-%79/9 |

Нашрияи баррасиҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ. Давраи 15. № 53.

Бо таваҷҷуҳ ба боло будани $R^2$ манфӣ будани зариби мутағайири мустақил моликияти ниҳодӣ дар ҳар чор модел метавон гуфт, ки ҳар чӣ моликияти ниҳодӣ афзоиш пайдо кунад, амалкарди ширкат ба шакли маънидор, заифтар мешавад. Ҳамчунин баръакс. Бинобар ин, фарзияи аввал таъйид мешавад. Далели ин амр, ки моликияти ниҳодӣ ба шакли манфӣ ва маънидор бо амалкарди ширкат иртибот дорад, ин аст, ки сармоягузорони ниҳодӣ аз ангезаҳои кофӣ барои талош ба манзури беҳбуди амалкард ва кас ба суд бархӯрдор нестанд. Чун дар бештари мавқеият сармоягузорони ниҳодӣ ҳадафашон касби суди бештар нест. Балки ҳимояти ҷомеа дар баробари таҷовузи хориҷӣ ва барқарории назми амният дар ҷомеа ва ироаи хадамоти умумист.

**Фарзияи дуюм**:

**Ҷадвали 2. соли 2006 то 2010**

| Мутаға-йири вобаста | Мутағайири мустақил | Маънидории кулли модел | | Маънидории зари ба t | | Аломати зариб | Зариби таъйини ($R^2$) ва Дурбин-Вотсен |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Таъйид ё адами таъйид | P-Value | Таъйид ё адами таъйид | P-Value | | |
| ROA | Моликияти ширкат | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 | Мусбат | 1/81-%81 |
| ROE | Моликияти ширкат | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/003 | Мусбат | 1/87-%83/1 |
| QTobin | Моликияти ширкат | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 | Мусбат | 1/90-%72/3 |
| MBVR | Моликияти ширкат | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/001 | Мусбат | 1/96-%80/9 |

Нашрияи баррасиҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ. Давраи 15. № 53.

Бо таваҷҷуҳ ба боло будани $R^2$, маънидор ва мусбат будани зариби мутағайири мустақили моликияти ширкат дар ҳар чор модел метавон гуфт, ки ҳарчи моликияти ширкат афзоиш ёбад, амалкарди ширкат ба шакли маънидоре беҳтар мешавад, (вуҷуди робитаи мустақим) бинобар ин, фарзияи дюм тайид мешавад.

Пас, дар мавриди фарзияи дувум натоиҷи ҳосил нишон медиҳад, ки бо вуруди сармоягузорони ширкатӣ тафаккури ҳоким бар амалкарди ширкат кас ба суд ва амалкарди беҳтар аст. Моликияти ширкат ба шакли мусбат, маънидор ва амалкарди ширкат иртибот дорад ва бо ҳузури муассири моликони ширкати дар сохтори моликияти ширкатҳо амалкард беҳтар мешавад. Чун сармоягузорон ба дунболи суд ва амалкарди беҳтар ҳастанд ва бо нуфуз дар сохтори моликияти ширкат ба дунболи таҳақуқи ин ҳадаф ҳастанд.

**Фарзияи сеюм:**

**Ҷадвали 3. соли 2006 то 2010**

| Мутаға-йири вобаста | Мутағайири мустақил | Маънидории кулли модел | | Маънидории зари ба t | | Аломат и зариб | Зариби таъйини $R^2$ ва Дурбин-Вотсен |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Таъйид ё адами таъйид | P-Value | Таъйид ё адами таъйид | P-Value | | |
| ROA | Моликияти мудирият | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 | Манфӣ | 1/81-%93/4 |
| ROE | Моликияти мудирият | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 | Манфӣ | 1/89-%86/8 |
| QTobin | Моликияти мудирият | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/010 | Манфӣ | 1/96-%77/1 |
| MBVR | Моликияти мудирият | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/037 | Манфӣ | 1/87-%71/5 |

Нашрияи баррасиҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ. Давраи 15. № 53.

Бо таваҷҷуҳ ба боло будани $R^2$, маънидор ва манфӣ будани зариби мутағайири мустақили моликияти мудирият дар ҳар чор модел метавон гуфт, ки ҳарчи моликияти мудирият афзоиш ёбад, амалкарди ширкат ба наҳфи маънидор заифтар мешавад. Далели он метавонад ин бошад, ки моликияти бештари ин ширкатҳо дар ихтиёри як хонавода ё як гурӯҳи хешовандӣ мебошад. Алоқа бар он ин гуна моликиятҳо таҳти таъсири ду унсури асосӣ ҳастанд:

1. Моликияти мудирон;
2. Аҳроми молӣ.

**Фарзияи чорум**. Дар мавриди фарзияи чорум чун дар намунаи ин пажӯҳиш ҳеҷ иттилооте дар иртибот бо моликияти сармоягузорони хориҷи мушоҳида нашуд. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба аъмоли маҳдудиятҳои пажӯҳиш ҳеҷ кадоме аз ширкатҳои мавриди мутолиа қарор нагирифтаанд. Дар натиҷа, бо далели теъдоди камии ин гурӯҳ моликият ироаи як модели мӯъбар низ бисёр мушкил ба назар мерасад.

**Фарзияи панҷум**: Бо таваҷҷуҳ бо чор модели ироашуда метавон натиҷа гирифт, ки чун зароиби мутағайири мустақили моликияти ширкат дар ҳар чаҳор модел мусбат ва маънидор аст, пас ба таври кулли байни моликияти ширкат ва амалкарди ширкат робита ба сурати мустақим вуҷуд дорад. Яъне ҳарчи моликияти ширкати афзоиш пайдо кунад, амалкарди ширкат ба шакли маънидоре беҳтар мешавад. Ҳамчунин метавон гуфт, ки дар моликияти хусусӣ агар моликияти ширкат афзоиш ёбад, беҳтар аст. Дар муқоиса моликияти ниҳодӣ ва хусусӣ ба ҷуз моделе, ки бар асоси ROE дар бақияи ҳолатҳо шиддати зафшудаи амалкарди ширкатҳо дар моликияти ниҳодӣ бештар аст.

**Фарзияи аслӣ.**

**Ҷадвали 4. соли 2006-2010**

| Мутаға -йири вобаста | Мутағайири мустақил | Маънидории кулли мудел | | Маънидории зари ба t | | Аломати зариб | Зариби таъйини $R^2$ ва Дурбин-Вотсен |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Таъйид ё адами таъйид | P-Value | Таъйид ё адами таъйид | P-Value | | |
| ROA | Моликияти ниҳодӣ ва мудирият | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 0/000 | Манфӣ | 1/81-%85/7 |
| ROE | Моликияти ниҳодӣ ва мудирият | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/000 0/000 | Манфӣ | 1/85-%85/1 |
| QTobin | Моликияти ниҳодӣ ва мудирият | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/038 0/000 | Манфӣ | 1/92-%72/8 |
| MBVR | Моликияти ниҳодӣ ва мудирият | Таъйид | 0/000 | Таъйид | 0/036 0/000 | Манфӣ | 1/95-%81/2 |

Нашрияи баррасиҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ. Давраи 15. № 53.

Бо таваҷҷуҳ ба боло будани $R^2$, маънидору манфӣ будани зариби мутағайири мустақил барои моликияти ниҳодӣ дар ҳар чаҳор модел метавон гуфт, ки ҳар чӣ моликияти ниҳодӣ афзоиш ёбад, амалкарди ширкат ба шакли маънидоре заифтар мешавад. Аммо дар мавриди моликияти ширкат фақат дар моделҳои бар асоси мутағайирҳои ҳисобдорӣ зариби он маънидор ва албатта, манфист ва дар моделҳои бар асоси мутағайирҳои зароиби маънидор намебошад. Ин натоиҷ бо ёфтаҳои фарзияи дуюм тазод дорад. Вале ба таври кулли фарзияи аслӣ таъйид мешавад. Яъне робитаи маънидоре байни сохтори моликияти ширкат ва амалкарди онҳо вуҷуд дорад.

**Ба таври кулли,** бар асоси натиҷаи ин пажӯҳиш метавон натиҷагирӣ кард, ки байни сохтори моликияти ширкатҳо ва амалкарди онҳо робитаи маънидоре вуҷуд дорад. Дар табақабандии аввал, ки ду сохтори моликияти ниҳодӣ ва хусусӣ вуҷуд дорад, натиҷа нишон медиҳад, ки беҳтар аз моликият дар ихтиёри сармоядорони ниҳодӣ набошад. Чун байни моликияти ниҳодӣ ва амалкарди ширкат робитаи манфӣ ва маънидор вуҷуд дорад. Дар мавриди моликияти хусусӣ низ фақат метавон ба вуҷуди робитаи маънидор ишора намуд.

Дар табақабандии дуюм, ки моликияти хусусӣ ба се табақаи сармоягузорони ширкатӣ, мудириятӣ ва хориҷӣ тақсим мешавад, натоиҷ нишон медиҳад, ки ҳузури сармоягузорони ширкат дар сохтори моликияти ширкатҳо боиси беҳбуди амалкарди онҳо мешавад. Вале дар мавриди сармоягузорони мудириятӣ натоиҷи акс мушоҳида

гардид ва дар охир намунаи омории ин таҳқиқ иттилооте, ки нишондиҳандаи вуҷуди сармоягузорони хориҷӣ дар сохтори моликияти ширкатҳо бошад, мушоҳида нашуд ва иллати ин амр, кам будани ширкатҳои хориҷӣ дар Эрон мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Зунур Ҳусейн. Муқаддимае бар равишҳои иқтисодсанҷӣ / Зунур Ҳусейн. Донишгоҳи Шероз, 2000.
2. Мукаррами Ядуллоҳ. Усули низомии роҳбари бонкҳо / Мукаррами Ядуллоҳ //Фаслномаи ҳисобрез, 2009. -№ 32.
3. Раҳмонсиришт Ҳусейн. Теорияҳои созмон ва мудирият / Раҳмонсиришт Ҳусейн. –Теҳрон: Фан ва ҳунар, 2007.
4. Econometric Analysis of Panel Data. 3rd Edition, United Kingdom / N. Aydin [et al]. Wiley PublisHers. 2005.

**ВЛИЯНИЕ ФИНАНСОВОЙ СТРУКТУРЫ НА ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КОМПАНИЙ ТЕГЕРАНСКОЙ ФОНДОВОЙ БИРЖЫ**

Фондовая биржа является некоммерческой саморегулируемой организацией, создаваемой профессиональными участниками рынка ценных бумаг в форме закрытого акционерного общества. Поэтому фондовая биржа представляет собой постоянно действующий регулируемый рынок ценных бумаг. Она создает возможности для мобилизации финансовых ресурсов и их использования при долгосрочном инвестировании, производства, государственных программ и долга. В данной статье авторами рассматривается деятельность Тегеранской фондовой биржи и компаний, занятых на бирже ценных бумаг, у которых имеется прямая связь между уровнем их доходов и формой собственности, которая влияет в определенной степени на развитие экономики страны в целом.

**Ключевые слова:** Тегеранская фондовая биржа, деятельность Тегеранской фондовой биржи, рынок ценных бумаг, развитие экономики страны, деятельность компаний,

**THE IMPACT OF FINANCIAL STRUCTURE ON ACTIVITY OF THE COMPANIES OF THE TEHRAN STOCK EXCHANGE**

The stock exchange is a non-profit self-regulatory organization created by professional participants of the securities market in the form of closed joint-stock company. Therefore, the stock exchange is a permanent regulated securities market. It creates opportunities for mobilizing financial resources and their use in long-term investing, manufacturing,government programs and debt. In this article the authors consider the activities of the Tehran stock exchange and companies engaged in the securities exchange, in which there is a direct relationship between the level of their income and form of ownership, which affects to some extent, on the development of the economy as a whole.

**Key words:** Tehran stock exchange, the activity of the Tehran stock exchange, the securities market, development of the economy of the country, activities of companies,

**Сведения об авторах:** ***Алиризо Фаршедпур*** – соискатель Таджикского национального университета
***Рахими Рафии*** - соискатель Таджикского национального университета

# МУДИРИЯТИ БАРТАР, РАҚОБАТПАЗИРИИ НАВОВАРОНА ДАР КОРХОНАҲО ВА СОЗМОНҲО

***Ғуломризо Тундпур***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Чолиши ношӣ аз рақобати ҷаҳонӣ боиси афзоиш, фишор бар созмонҳо ва корхонаҳо барои беҳбуди маҳоратҳо, қобилиятҳо, кайфияти маҳсулот ва хадамот шудааст. Усули мудирият, кайфияти ҷомеъ **(tqm)** ба сурати густурда дар сатҳи ҷаҳон бо унвони абзори беҳбуди амалкарди созмонӣ, беҳбуди моҳияти созмонҳо ва чигунагии руёрӯйӣ бо чолишҳои вижаи бозорҳо мавриди пазириш қарор гирифтааст. Бӯҳрони молии Осиё, ки дар ибтидои соли 1997 мелодӣ ва ибтидо аз бӯҳрони молӣ-накдии Тайланд ба вуқуъ пайваст, боиси шурӯи як ҳаракати занҷираи шуд, ки такрибан тамоми кишварҳои осиёиро таҳти таъсири худ қарор дод. Ин бӯҳрон ва тағйироти мутаноқизи бавуҷудомада дарсҳои мутааддиде ба манзури беҳбуди вазъияти иқтисодӣ ва тавсеавӣ дар созмонҳо ва саноати мухталифи кишварҳои Осиёӣ доштааст, ки мӯҷиби тағйироти густурда дар сохтори ин созмонҳо шудааст. Ин тағйирот таъсири босазое дар ҷунбиши мудирияти рақобатпазирии навоварона доштааст. Усули мудирияти кайфият ба сурати густурда бар сатҳи ҷаҳон бо унвони абзори беҳбуди амалкарди созмонӣ, беҳбуди моҳияти созмонҳо ва чигунагии руёрӯйии бо чолишҳои хоси бозорҳо мавриди пазириш қарор гирифтааст. Эҷод ва аз тарафи дигар, бо якпорчасозии маҷмӯаи тавонмандсозиҳои навоварона дар тавондмандсозиҳои созмонӣ эҷод мекунад, ки ҳосили он беҳбуди касби бозорҳои

ҷадид аст. Дар ин сурат метавон ба ҳоким кардани ҳушмандии рақобатӣ ба стратегияҳои пешбарандаи навоварона дар созмон, судоварии созмонро тазмин кард.

Рақобатпазирӣ бо таъбири тавонмандӣ ва тамоили вуруд бар рақобат таъриф шудааст. Макл Портер аз манзари иқтисодӣ рақобатпазириро мутародиф бо баҳраварӣ ва чигунагии истифодаи як созмон ё миллат аз манбаи инсонӣ, сармоя ва манобеи табиии худ таъриф мекунад. Дар миқиёси хурд, рақобатпазирӣ ба арзише, ки як маҳсул дар муқоиса бо рақиб барои муштарӣ меофаринад, боз мегардад ва ин амр ба ду омили муҳим вобастагӣ дорад: Мизони матлубиятҳои баровардшуда аз тамаллуқ ё тасарруфи як маҳсул барои муштарӣ (манофеъ) ва мизони ҳазинаи эҷодшуда аз тамаллуқ ё тасаруфи он маҳсул барои муштарӣ. Тамоиз дар ҳар як аз ин ду омил, созмонро рақобатпазир месозад.

Агар як созмон стратегияи худро бар асоси ироаи матлубиятҳои вижа ва бартар аз рақиб ба муштари қарор диҳад, стратегияи тамоизро баргузида аст ва агар бар асоси шароити мавҷуд ироаи қимат ғайри қобили рақобат тавассути рақибро стратегияи худ қарор диҳад, стратегияи раҳбарии ҳазинаро дунбол мекунад. Стратегияи тамоиз аз роҳи матлубиятҳоли бештар рақобатпазириро беҳбуд мебахшад ва стратегияи раҳбарии ҳазина аз роҳи коҳиши номатлубиятҳо (ҳазинаҳо) созмонро нисбат ба рақиб рақобатпазир месозад (монанди тавлидкунандагони пушоки чинӣ). Ҳар як аз ин стратегияҳо созмонро дар бозори рақобати маҳсул, рақобатпазир хоҳад кард.

Як созмон барои муваффақият илова бар посухгӯйии муносиб ба бозори рақобатии маҳсул ва хадамот бояд посухгӯйи бозор ва сармоя низ бошад. Барои ин манзур бояд ҳазинаи ин стратегияҳо барои тавлидкунанда ва суди амалиётии ширкати саҳомдорон, қобили пазириш бошад.

Ду омили аввал ба сифати рақобатии созмон дар бозори маҳсул ва омили сеюм ба сифати рақобатӣ дар бозори сармоя мунҷар мешавад. Нуктаи бисёр асосӣ ва муҳим ин аст, ки бидуни таваҷҷуҳ ба манофеи сармоягузорон, тадовуми халқӣ, арзиш барои муштарӣ низ имконпазир нахоҳад буд. Ин мантиқест, ки чигунагии шикасти ширкати Пон Америкaн ва Суйис Ейро баён мекунад. Барои рақобатпазирии пойдор се муаллифаи аслӣ зарурист. Ду муаллифаи аввал рақобатпазирӣ эҷод мекунад ва омили сеюм тадовуми онро.

Таорифи мавҷуд рақобатпазириро ба сурати як мафҳуми собит менигарад, (барои мисол дар як мақтаи замонии созмон ё ширкат аз назари рақобатӣ чи гуна аст?) Таваҷҷуҳи камтаре ба пойдории он дорад. Расми зер чорчӯбе ироа мекунад, ки метавонад ба манзури такмили таорифи мавҷуд ва тавсеаи як таърифи ҷадид барои рақобаипазирӣ мавриди истифода қарор гирад.




арзишҳои муштарӣ моҳияти рақобат арзишҳои саҳмдорон

Расми 1. Чорчӯби мафҳумӣ барои таърифи рақобатпазирӣ

**Модели Лоулер -Портер.** Майкл Портер аз устодони донишкадаи бозаргонии донишогоҳи Гарвард, яке аз муҳаққиқони фаъол дар заминаи мутолиоти рақобатпазирист. Вай дар соли 1980 китоби «Стратегияи рақобатӣ», дар соли 1985 китоби «Сифати рақобатӣ»-ро бар риштаи таҳрир даровардааст. Ҳамчунин дар соли 1990 китоби «Сифати рақобатии миллатҳо»-ро арза дошт, ки дар он мадели «Diamond model» даррақобатпазирӣ муаррифӣ шудааст. Ба ин манзур назарияҳо ва моделҳое низ аз танаввӯ ҷиҳати тавзеҳ ва тафсири рақобатпазирӣ, дастабандии он ироа шудааст, ки дар миёни онҳо модели Лоулер - Портер аз аҳамият ва чойгоҳи вижае бархӯрдор аст. Бар асоси ин модел, чаҳор омили аслии факторҳои дарунӣ шароити тақозои дохилӣ, саноати муртабат, ҳимояткунанда ва ҳамчунин стратегия, сохтор ва рақобат бар рақобатпазирии кишварҳо ва ҳамчунин, саноати мухталифи он таъсири мустақим доранд. Илова бар ин ду омили давлат ва итифоқоти пешбининашуда низ ба сурати ғайри мустақим бар рақобатпазирӣ муассир ҳастанд. Агар чунин мадел поя ва асоси бисёре аз мутолеот дар саросари ҷаҳон қарор

гирифта, мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз пажӯҳишгарон будаст, вале дар маҷмӯи доро нуқоти заъфе низ ҳаст, ки аз он ҷумла метавон адами таъкид бар масоили байналмилалӣ, бозорҳои ҷаҳонӣ ва дар назар нагирифтани ҷобаҷойии авомили тавлид аз тариқи ширкатҳои чандмилиятӣ ва сармоягузории мустаъқими хориҷӣ ёд кард. Илова бар ин, давлат дар кишварҳои тавсеанаёфта нақши фаротар аз таъсири ғайримустақим дорад. Лизо лозим аст, дар баррасии рақобатпазирӣ бар асоси мадели алмоспортер ин мавориди гуфташуда низ madди назар қарор гирифта шавад.

**Модели Лоулер-Потер**




Рақобатпазирӣ, фароянде аст, ки ҳар ниҳоде мекушад, аз он тариқ беҳтар аз дигаре амал карда, вай пешӣ гирад. Дар воқеъ метавон аз он ба унвони талоше ёд кард, ки як бунгоҳи иқтисодӣ, саноат ё кишвар барои бартари ёфтан нисбат ба як бунгоҳи иқтисодӣ, саноат ё кишвари дигар дар асраи рақобат анҷом медиҳад. Дар сатҳи байналмиллалӣ, кишварҳо ба далели камбуди манобеи молӣ, фаннӣ ва тахассусӣ лозим мебояд барои расидан ба сарват ва баҳраманд сохтани умуми мардуми худ аз рифоҳ бо якдигар ба рақобат бипардозанд. Аз ин рӯ, касби тавонмандиҳои рақобат дар ҷаҳони имрӯз ба яке аз чолишҳои асосии кишварҳои мухталиф дар сатҳи байналмилалӣ табдил шудааст. Барои бархурдорӣ аз тавоноии рақобатӣ, авомили мухталифе бояд вуҷуд дошта бошанд, ки аз ҷумлаи авомил ва шохисҳои аслии рақобатпазирӣ дар ду сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ метавон ба авомили зер ишора кард.

а) стандарти сатҳи зинадгӣ; б) тиҷорат; в) баҳраварӣ; г) сармоягузорӣ. Таркиби ин авомил бо якдигар тангкунандаи мизони рақобатпазирии як кишвар дар бӯъди байналмиллалӣ аст. Фановарӣ ва халлоқият метавонад, ҳар яке аз авомили мазкур нақши асосӣ ифо кунад. Ба кӯмаки навоварӣ метавон зерсохтаҳои лозим барои сармоягузориро фароҳам овард. Ҳамчунин фановарӣ ва навоварӣ сабаби афзоиши короии тавлид ва ба дунболи он афзоиши баҳраварӣ мешавад. Нақши фановарии навоварона бо матолиби зер равшан мешавад:

Девори Ҷопон сохташуда бо масолеҳи аз ҷинси тафаккур, халлоқият ва навоварӣ.

Муҷтабоҳ Кошонӣ (1382) яке аз мудирони иҷроии кишвари Эрон бо баёни хотираи боздидаш аз як корхонаи ҷопонии тавлиди педали Кутунбир дар соли 1987 аз сохти «Девори ҷопон» дар ин корхона суҳбат ба миён меоварад. Деворе, ки бар хилофи «Девори Чин» на бар асоси зулм ва истибдод балки бар асоси андешаҳои шукуҳманди коркунон ба вуҷуд омадааст. Дар ҳини мушоҳида ва боздид аз корхона дар солими тавлид, мутаваҷҷеҳи яке аз деворҳои ин солон дар тӯли ҳудуди 50 метр дар иртифоъ 8 метр шуданд, ки тамомии сатҳи он аз қоғазҳои пурнавишта пӯшонида шуда буд. Кунҷковӣ маро ба суол водор кард. Дар посух дарёфтам, ки ин қоғазҳо пешниҳодҳои коркунони ин воҳид барои табдили тавлиди он ба CAD/CAM сохт ва кӯмаки тарроҳӣ ба кӯмаки роёна мебошад. Ҳар яке аз коркунон ба таври мутавасит 11 пешниҳоди касбӣ додааст. Мудирият низ чун муваффақият иҷрои ин тарҳро мадюни пешниҳодҳои коркунон дар ҳамаи сатҳҳо медонад. Барои ташвиқ ва густариши системаи мудирияти мушорикатӣ ва низоми пешниҳодот бузургтарин девори тӯли ин солонро бо андешаи онон оростааст. Мегуфтанд, ин кор ҳам ба мо ва онҳо энергия, дилгармӣ, ангеза ва сарафрозӣ медиҳад. Дар воқеъ, бар асоси ҳамин мушоҳидот аст, ки муҳаққиқони бисёре низоми пешниҳодҳоро бо унвони мисол ва абзори аслӣ барои беҳбуди мустамар ва ҳастаи аслии ҳамаи ситемаҳои бартар кайфият ва баҳраварӣ, муаррифӣ мекунанд:

Тернер (2002) изҳор медорад «Эҳтимолан қабл аз пуружаи шашсиҷмоҳ (Six siqma)-и баъдӣ шумо бояд як барномаи низоми пешниҳодҳоро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, иҷро кунед.

Ба ақидаи Миллер тавлиди олии як тафаккур дар касбукор аст, ки ҳамаро ба беҳбуди рӯзона мутааҳид месозад. Яке аз абзорҳои тавлиди олӣ, ки ба таври ҷиддӣ дарк ва ба кор гирифта шуда низоми пешниҳодот аст.

Мудирияти рақобатпазирӣ мафҳумест, ки табодул байни даромадҳо ва ҳазинаҳои самти арза ва тақозоро барқарор месозад. Ҳар гоҳ ин робита дар амал ба нуқтаи беҳина бирасад, мувафақияти баландмуддат дар касбу кор тазмин мешавад. Ин улгу бисёр арзишманд аст ва мабнои таҳлилии муассиреро барои арзёбии рӯйкардҳои мухталиф, мудириятӣ ва таъсири онҳо дар мувафақияти созмон дар ихтиёр мегузорад. Барои ин манзур шохиси арзиш (VIX=Value Index) тарроҳӣ шудааст. Ин шохис, як нисбати сода аст, ки арзишмандии як тасмими мудириятиро аз манзари назарии бурунсозмонӣ мушаххас мекунад. Мафҳуми шохиси арзиш бисёр равшан аст, вале муҳосибаи он ниёз ба додаҳои воқеӣ ва мутолеаи майдонӣ дорад. Ин шохис нишон медиҳад, ки то чӣ андоза як тасмими мудириятӣ мавриди кайфият (ва ҳатто ғайрикайфӣ) бар рақобатпазир кардани созмон мунҷар мешавад.

Рақобатпазирии қобилиятҳо ва тавонммандиҳоест, ки касбу кор, саноат, минтақа, ноҳия ва кишвар доро ҳастанд ва метавонанд, онҳоро ҳифз кунанд, то дар арсаи рақобати байналмиллалӣ, беҳбуд ва нававарии мустамари тамоми умури созмон, ҷиҳати «калиди дастёбӣ ба кайфият ва баҳраварии бартар мебошад ва ин амр муясар намешавад, магар ба ҷалби мушорикати тамомии коркунон сифати рақобати боятӣ аз даруни созмон шурӯъ ва идома ёбад. Барои содироти пойдор ва судоварӣ ибтидо бояд, ки муҳит ва бозорро шиносоӣ ва бо халқи бозорҳои ҷадид дар ҷиҳати ҷазби онҳо иқдом кард. Барои рақобатӣ кардани созмон роҳкориҳои мухталифе вуҷуд дорад, ки яке аз ин созкориҳо (дар клоси ҷаҳонӣ ва рақобатии нававарона мунҷар мешавад) истиқрори мадели саромад ва таолии пешниҳодҳо дар созмон аст. Ин меъёр дар старатегияи раҳбарии ҳазина дар афзоиш ва маҳсул аз дидгоҳи муштарӣ ва афзоиши суди ҳошиёӣ тавлидкунанда таъкид дорад. Инҳо масодиқи бакоргирии нигаришии арзишмеҳвар дар итиқои рақобатпазирии созмон ба шумор меоянд. Имрӯза нигариши дуруст ба мафҳуми рақобатпазирии нававарона ба дарки робитаи амиқи он бо стратегияи кайфият, муҳимтар аз дониш ва маҳорати бакоргирии абзори кайфият аст ва умедворем, ки ин мақола дар эҷоди ин нигариш муфид ва мавриди истифода воқеъ шавад.

## АДАБИЁТ


1. Самадӣ Алӣ. Нигоҳи назарӣ бар мақолаи сифати рақобатии пойдор / Самадӣ Алӣ // Тадбир, 1382. - №140.
2 Bessant John. High-involvement innovation through continuous improvement / Bessant John, Caffyn Sarah // International Journal of Technology Management, 1997. -Volume 14. -№1. –P.7-28.
3.Имойӣ Мосоки. Койзан калиди муваффақитяти рақобатии Ҷопон / Имойӣ Мосоки, 1372.
4. Каримӣ Ҳамидризо. Нақди дил дар мудирият / Каримӣ Ҳамидризо // Созмони мудирияти саноат. 1378.
5. Kim C. A model development for measuring global competitiveness of the tourism industry in the Asia-pacific region / C. Kim. -Korea Institute For International Economic Policy, 2002.
6. Оқозода Ҳошим Истеберӣ Меҳрдод. Баррасии муаллифаҳои муассир бар рақобатпазирӣ / Оқозода Ҳошим Истеберӣ Меҳрдод, Эсанлу, 1386.
7. Ройторз Кюто бузургтарин ширкати хурдавсозӣ дар ҷаҳон шинохта шуд //Офтоб. Нашрияи иқтисодӣ, 1386.
8. Фаслномаи пажӯҳишҳои иқтисодӣ, 1386.
9. Хӯшаҳои саноатӣ нававарӣ ва тавсеаи минтақавӣ //Илми тарвиҷӣ. -№18.


## НАИЛУЧШЕЕ УПРАВЛЕНИЕ, ИННОВАЦИОННАЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ И ОРГАНИЗАЦИЯХ


Основной целью хозяйствующих субъектов в рыночной экономике является обеспечение конкурентоспособности товаров или оказываемых услуг, так как от этого напрямую зависит финансовое благосостояние организации. Рыночная система хозяйствования требует радикальных изменений системы управления экономикой. Это обусловлено тем, что каждый субъект управления имеет свою специфику, которая требует адекватную систему управления. Как объект товарно-денежных отношений современная бизнес-организация обладает экономической самостоятельностью и полностью отвечает за результаты своей хозяйственной деятельности. При этом она должна формировать такую систему управления, которая была бы эффективной.



**Ключевые слова:** рыночная экономика, обеспечение конкурентоспособности, хозяйственная деятельность, система управления.

**THE BEST CONTROL, INNOVATIVE COMPETITIVENESS AT ENTERPRISES AND ORGANIZATIONS**

**Deportment of management industrial, dehdasht Branch, Islamic Azad university, dehdasht, Iran**

The main purpose of the economic entities in the market economy is to ensure the competitiveness of goods or services because it depends on the financial well-being of the organization. The market economic system requires radical changes in the system of economic management. This is because each subject of management has its own peculiarities which requires an adequate system of control. As an object of commodity-money relations in the modern business organization has economic independence and is fully responsible for the results of their economic operations. It should form a management system that would be effective.

**Key words:** market economy, competitiveness, economic activity management system.

**Сведения об авторе:** ***Гуломризо Тундпур*** **–** аспирант Таджикского национального университета

# МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ ДАР СИСТЕМАИ БОНКДОРИИ КИШВАРИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

***Муҳаммад Ризо Шарифӣ***
**Донишгоҳи миллии Точикистон,**
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Аҳвоз, Эрон**

Сӣ сол қабл, пас аз барқарории Ҷумҳурии исломии Эрон, мавзӯи истиқрори як низоми иқтисодӣ ба унвони «иқтисодӣ исломӣ» дар авлавият қарор гирифт ва зарурият пайдо кард, ки амалкарди системаи бонкдории кишвар бо далели амалиёти ба истилоҳ «рибоӣ», мавриди интиқоди коршиносон қарор гирифт ва решакан намудани рибо аз системаи бонкии кишвар дар он замон дунбол гардид. Коршиносон ба ҳамин ангезаҳо ва барои исломӣ кардани низоми бонкӣ, аз соли 1979 амалиётеро оғоз карданд, ки миллӣ кардани бонкҳо ва ҳизфи баҳраро дар системаи бонкӣ ва таъсиси бонкҳои бидуни рибо ва густариши низоми қарзулҳасана, меҳварҳои асосии он ба шумор мерафт. Ба ин манзур шӯрои пул ва эътибор дар таърихи соли 1979 барои таъйини нархи баҳра, мубтанӣ бар таъйини ҳадди ақали суди танзим шуда, ҷиҳати супоридаҳо, таъйини кормузд ва ҳадди ақали суди тазмин шуда, барои вомҳо ва соири тасҳилоти эътиборӣ, сохтори ҷадидеро тарсим кард ва ба тадриҷ, лоҳҳазфи рибо аз системаи бонкӣ ва интибоқи амалиёти бонкӣ бо мавозини шаръӣ ба мисли Вазорати умури иқтисодӣ ва дороӣ, бонки марказӣ таҳия шуд ва дар соли 1983 таҳти унвони қонуни амалиёти бонкӣ бидуни рибо ба тасвиб расид ва аз ибтидои соли 1984 ба иҷро гузошта шуд. Аз соли 1980 то ба имрӯз, наздик ба 30 сол мегузарад. Дар ин давра, ҳар соле ба манзури таҳлили вазъияти система, нақд ва арзёбии амалкард ва дар ниҳоят, тақвият ва басти пояҳои теорикии бонкдории бидуни рибо, ҳамоишҳои гуногун барпо шудааст ва ширкаткуандагон ҳам ба умеди беҳбуди вазъияти системаи бонкӣ, мақолот ва суханрониҳоеро ироа мекунанд, то барномарезони бонкӣ бо бакоргирии назариёти мунтақидон ё назарияпардозон, камбудҳои системаро бартараф кунанд. Умдаи нақдҳо перомуни ду мавзӯи куллӣ будааст. Аввал ин ки оё низоми ҷадиди бонкӣ воқеан бидуни рибо аст? Ва оё ин ки фақат тағйироти сурӣ дар низоми қаблӣ анҷом шуда ва либоси исломия бар он пӯшидаанд? Ва дуюм ин ки оё ин низоми ҷадиди бонкӣ аз короии лозим дар умуре марбут ба таҷҳизи манбаҳои пулӣ ва ба гардиш даровардани он дар бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, бархурдор аст ё не? Дар ин мақола саъй мешавад, то мутолиаи муҷаддад дар ин ду меҳвар сурат гирад.

**а) Низоми бонкдории рибоӣ.** Иҷозат фармоед мавзӯро бо тарҳи ин суол шурӯъ кунем, ки бонкдории рибоӣ ба чӣ низоми бонкӣ гуфта мешавад? Барои посух ба ин суол бояд дид, ки бонкҳо чӣ нақшро дар бозори пул ва сармояи як низоми иқтисодӣ ифо мекунанд. Ба тасври куллӣ метавон нақши бонкҳоро аз ин ҷиҳат ба ду марҳила тақсим кард:

1. Ҷазби супурдаҳо аз мардум ва бахшҳои иқтисодӣ
2. Ба гардиш даровардани супурдаҳои ҷазбшуда дар иқтисоди кишвар.

Ҳоло ин суол матраҳ мешавад, ки «рибо» чӣ гуна иттифоқ меуфтад?

Дар посух метавон гуфт, ки дар низоми бонкдории рибоӣ дар ҳарду марҳилаи фавқ, пардохт ва ё дарёфти рибо иттифоқ меуфтад. Ба далели ин ки аввалан бонкҳо барои ҷазби супордаҳои мардум ба онҳо баҳраи пардохт мекунад. Ба ибораи дигар ба ҷараёни ҷазби супордаҳои (дайни воқеӣ) бонкҳои худро мукаллаф ба пардохт мозод медонанд ва миқдори мозод бар дайн низ аз ибтидо мушаххас ва қатъӣ аст.

Бинобар ин чаҳор шарти таҳаққуқи рибо яъне: вуҷуди дайн воқеи, истиқлоли доин аз мадюн, шарти пардохти мозод ва таҳақиуқи пардохти мозод бар дайн иттифоқ меафтад ва лизо, таҷҳизи манбаҳои пулӣ тавассути бонкҳои рибоӣ маҳсуб мегардад. Сонияи дар ҷараёни пардохти вом, ё тасҳилот аз сӯи бонкҳо ба мутақозиён низ дайни воқеӣ иттифоқе меафтад бо ин тафовут, ки дар ин амалиёт, бонк доин аст ва вомгиранда мадюн. Аз он ҷо ки бар ин дайни воқеъ нест, низ пардохти мозод шарт мешавад ва ин мозод пардохт мегардад, лизо бо ҷамъ шудани чаҳор шарти таҳқуқи рибо дар ин амал, пардохти рибо сурат мегирад. Бинобар ин ба ҷиҳати ин ки ду амал таҷҳизи манбаъҳо ва этои вомӣ тасҳилот дар ин бонкҳо ҳамроҳ бо пардохти баҳра (рибо) мебошад, ба ин система, системаи бонкдории рибоӣ гуфта мешавад.

**б) Низоми бонкдории ғайри рибоӣ.** Ин низом низ, умдатан дар ҳамон ду заминаи пешгуфта (таҷҳизи супурдаҳо ва гардиши вуҷуҳи ҷазбшуда дар чархаи иқтисодӣ) ифои нақш менамояд. Модаи дуюми қонуни амалиёти бонкии бидуни рибо барои ин амр сароҳат дорад. Ба далелҳое гуфта хоҳад шуд, дар ҷараёни ин амал «дайн» ба вуҷуд намеояд. Лизо, робитаи бонкӣ ва супордагузор аз як тараф ва бонк ва истифодакунандае аз тасҳилоти бонкӣ аз сӯи дигар, робитаи доин ва мадиюн намебошад.

**а) Ҷазби супоридаҳо.** Дар ин марҳила аз амалиёти бонкӣ, бонк вуҷуҳи супурдагузорро ба унвони қарз намегирад, балки супурдагузор бонкро ба унвони вакили худ интихоб менамояд, ки дар ин сурат робитаи ин ду, робитаи вакил ва мувакил хоҳад буд, на робитаи қарздиҳанда ва қарзгиранда ва ё дар сурати вуҷуди робитаи доин ва мадиюн дар бархе аз супурдаҳо, бонк мозоди бар маблағи супурдашуда пардохт намекунад. Ба ибораи дигар, анвои супурдаҳое ки бонк ҷазб мекунад, ба шарҳи зайл мебошад:

1. **Супурдаҳои қарзулҳасана; шомилӣ: а) ҷорӣ, б) пасандоз**
2. **Супурдаҳои сармоягузорӣ муддатдор.**

Дар супурдаҳои навъи аввал ва дуюм ҳеҷ гуна мозоди пардохт намешавад ва бонк фақат мукаллиф ба пардохти асли ин супурдаҳо мебошад. Ва дар навъи дувум бонк вакил супурдагузор мебошад ва асли супурдаҳоро тааҳҳуд мекунад ва ё онро биме меномояд ва ба ҳеҷ яке аз супурдаҳои дарёфтӣ, таҳти унвони супурдаҳои сармоягузории муддатдор, рақами қатъӣ таъиншуда аз қаблро ба унвони суд пардохт намекунад. Бинобар ин аз он ҷо ки дар ҳеҷ кадом аз ду навъи супурда шартҳои чаҳоргонаи таҳақуқи рибо ба якдигар ҷамъ намешаванд, лизо метавон гуфт, ки ин марҳила аз амалиёти бонкӣ низ рибоӣ намешавад.

Бахши дуюми амалиёти бонкӣ таҷҳизи манбаҳои пулӣ ва эътои тасҳилот ба бахшҳои мухталифи иқтисодӣ аст. Дар ин қисмат бонк ба унвони вакили супурдагузорон, вуҷуҳи ҷазбшударо дар қолаби ақдҳои мухталиф ба кор мегирад. Оинномаи таҷҳизи манбаҳои пулӣ мегӯяд, ки: бонкҳо супурдаҳои сармоягузории муддатдоро, ки дар ба кор гирифтани онҳо вакил мебошад, ба унвони манбаҳои супурдагузор, дар умури мушорикат, иҷора ба шарти тамлик, муомилоти ақсотӣ, мазориа, мусоқот, сармоягузории мустақим, муомилоти салаф ва ҷаола мавриди истифода қарор медиҳанд. Бинобар ин бахши эътои тасҳилоти бонкӣ низ таҳти шартҳои қайдшуда дар қонуни амалиёти бонкии ғайририбоӣ мебошад. Он чӣ ки то кунун дар мавриди ғайририбоӣ будани амалиёти бонкӣ дар ду марҳилаи ҷазби супурда ва эътои тасҳилот гуфта шуда аз манзари қонуни амалиёти бонкии бидуни рибо ва оинномаҳои мусаваб будааст. Ба ибораи дигар, аз дидгоҳи назариявӣ метавон гуфт, ки низоми бонкии ҳозираи кишвар як низоми ғайри рибоӣ аст, аммо он чӣ ки бештар мавриди нақд, соҳибони андеша ва мардум будааст, мубоҳиси марбут ба қонун ва оинномаҳои бонкдории бидуни рибо набудааст, балки наҳваи ба коргирии ин қонун ва оинномаҳо аст, ки мавриди интиқод қарор мегирад. Ин бовар дар сатҳи васеи мардум вуҷуд дорад, ки фақат сурати амалиёти бонкӣ, дар баъд аз солҳои 1984, ё қабл аз он, тағйир кардааст ва на моҳияти онҳо. Мунтақидон, шубҳаи вуҷуди рибоPо дар ҳар ду марҳилаи амалиёти бонкӣ (ҷазби супурда ва эътои тасҳилот) матраҳ мекунанд. Дар марҳилаи ҷазби супурда ду ишколи умда тарҳ мекунанд, ки ба шарҳи зер мебошанд:

1. Бонкҳо дар солҳои баъд аз иҷрои қонуни амалиёти бонкӣ бидуни рибо, нархи суди алалҳисобиро дар ибтидои сол таъин карда, то дар поёни сол баъд аз мушаххас шудани мизони суди амалиёти бонкӣ таҳти ақдҳои мухталиф матраҳ дар қонуни суди алалиҳисоб ба қатъӣ табдил гарданд, вале ағлаб ин ду суд яксон буданд.

2. Дар солҳои гузашта, бо ин ки шароити мутафовути иқтисодӣ вуҷуд дошта аст, вале нархи суди бонкҳо тағйири махсусе надоштааст.

Дар мавриди ишколи аввал метавон гуфт, ки дар солҳои охир маъмулан судҳои қатъие, ки бонкҳо дар поёни сол мавриди муҳосибе қарор медиҳанд, аз нархҳои алалҳисобе, ки барои унвон супурдаи сармоягузории муддатдор дар ибтидои давра эълом мекунанд, мутафовут будааст. Албатта, бояд тазаккур дод, ки интизор меравад нархи суди фаолиятҳои мухталифи иқтисодӣ, ки бонк дар онҳо сармоягузорӣ мекунад, мутафовут бошад, вале бонкҳо, бо таваҷҷуҳ ба ваколате, ки доранд, миёнагини судҳои бадастомада аз фаъолиятҳои мухталифро муҳосиба карда ва меъёри тасвияи ҳисоб бо соҳибони супурдаҳои машмули дарёфт қарор медиҳанд. Бинобар ин ба назар мерасад, ки ишколи яксон будани судҳои алалҳисоб ва қатъӣ ба системаи бонкдории ғайририбоӣ ворид набошад. Дар мавриди ишколи дуюм, яъне адами тағйири махсуси нархи суди бонкҳо дар солҳои гузашта, метавон гуфт, ки бонкҳо ба манзури эҷоди як вазъияти босубот барои супурдагузорон ва эҷоди итминон дар онон, бо вуҷуди тафовути амалкард дар солҳои мухталиф, ин тағйиротро бо истифода аз инитофпазирӣ дар мизони ҳақулваколаи худ ва низ иҷозаи ҷуброне, ки ба давлат дода шудааст, бипӯшонанд.

Бо таваҷҷуҳ бо он чӣ гуфта шуд, метавон зикр намуд, ки дар марҳилаи ҷазби супурда тавассути бонкҳо, пардохти рибо сурат намегирад, аммо дар мавриди марҳилаи дуюм, ки эътои тасҳилоти бонкӣ (сармоягузорӣ ва мушорикат дар фаъолиятҳои иқтисодӣ) мебошад, гуфта мешавад, ки ҳамон амалиёти собиқ, аммо дар қолаби қонуни бидуни рибо дар ҷараён аст. Ин ишкол бахусус дар мавриди баъзе ақдҳо аз шиддат ва ҳиддати бештаре бархурдор аст, аз ҷумлаи онҳо ақдҳои музорибаи мушорикати маданӣ ва фурӯши иқсотӣ мебошад. Ба унвони мисол гуфта мешавад, ки бонк дар ақдҳои музориба қабл аз ин ки мизони суд мушахас шавад, бар асоси нархҳое, ки таъйин кардааст иқдом менамояд ва судеро таҳти унвони ҳадди ақали суди мавриди интизор барои амалиёте, ки вориди он шуда қатъи фарз мекунад ва зиёни эҳтимолиро низ намепазирад.

Он чиро ки то кунун иҷмоли мавриди баҳс қарор гирифт ду матлаби зайл буд.

1. Далоили рибоӣ будани системаи бонкдории сармоядорӣ (бонкдории Эрон дар қабл аз ҷумҳурии исломӣ).

2. Далоили ғайри рибоӣ будани бонкдории ҳозираи кишвар аз дидгоҳи назариявӣ ва низ дар саҳнаи иҷрои қонуни амалиёти бонкӣ будани рибо, ҳарчанд дар мавриди ахир костиҳои қобили таваҷҷуҳ вуҷуд дорад, ки ин костиҳо метавонанд дар асари вуҷуди тамом ё бархе аз авомили зер бошанд:

- нуқси қонун ва ё дастурамалҳои иҷроӣ;
- адами ошноии комили кормандони марбутаи бонкҳо бо чигунагии иҷрои қонун;
- адами боварии кормандони бонкҳо ба тафовути моҳуви ду системаи бонкдорӣ мавриди баҳс;
- адами ошоноии муштариёни бонкҳо (мутақозиёни тасҳилот) бонкҳо ба ақдҳои мухталиф ва корбурди онҳо;
- адами тавоноии системаи бонкӣ ба посухгӯии тамоми ниёзҳои мардум ба эътибороти бонкие, ки боиси истифодаи абзории онон аз ақдҳои мухталиф мегардад;
- адами тавоноӣ ва низ адами вуҷуди иродаи кофӣ дар бонкҳо, ҷиҳати назорат бар чигунагии бакоргирии тасҳилоти эътоӣ аз сӯи дарёфткунандагони онҳо;
- ғалабаи дидгоҳи хурди иқтисодӣ бар системаи бонкӣ ва таъқиби ҳадафи касбии суди бештар, ки боиси ба сук додани бахши бештари аз таҳсилот ба бахшҳои хадамотӣ нисбат ба бахшҳои тавлидӣ ва зербиноӣ ба далели поёнтар будани нархи суд, ин бахшҳо дар кӯтоҳмуддат шудааст;
- бюрократия ва тӯлонӣ будани фароянди дарёфти тасҳилот ба гунае, ки тақрибан барои тамоми ақдҳо аз замони дархост, то тасвияи ҳисоби ниҳоӣ 16 марҳила бояд таҳия шавад.

**б) Коройӣ система.** Баҳси дигаре, ки барои тарҳ, дар ин мақола дар назар гирифта шуда буд, баҳси марбут ба коройи системаи бонкии бидуни рибо дар муқоиса бо навъи сармоядорӣ (рибоӣ)-и он, мебошад. Албатта, ба назари нигоранда, ин аз баҳсҳои муҳими бонкдорӣ аст, ки то кунун ба вуҷуҳи шоиста ба он пардохта нашудааст ва ин баъд, аз тафовути ду системаи бонкдорӣ, таҳти таъсири баҳси рибоӣ ва ғайририбоӣ будан қарор гирифтааст. Доктор Тутунчиён дар моделҳои содае, ҷиҳати муқосаи амалкарди иқтисод дар бонкдорӣ, сармоядорӣ ба бонкдории исломӣ,

ироа карда аст, хазинаи сармоягузорӣ дар табеи ҳазинаи кул дар шароити сармоядориро r (ки r нархи баҳра дар он система аст) фарз намудааст, дар ҳоле ки ин ҳазинаҳол барои бонкдории исломӣ нол (r=0) дар назар гирифтааст ва бинобар ин натиҷа гуфтааст, ки ҳазинаи мутавасити тавлид ва ба думболи он қимати маҳсул, дар системаи иқтисодии исломӣ камтар аз иқтисоди сармоядорӣ хоҳад буд. Ба назар мерасад, фарзи сифр будани хазинаи сармоя дар системаи исломӣ ва низ натиҷагирӣ ба амал омада, дар мавриди қимати колоҳо дар ин система, ба далелҳои зер, қобили нақд мебошад.[1] Аввалан дар бонкдории исломӣ, яъне бо фарзи адами вуҷуди баҳра хазинаи сармоя сифр нахоҳад буд, зеро гарчи сифр будани нарх баҳри хазинаи ошкор сармоягузориро сифр нишон медиҳад, аммо чунончи фарз кунем, системаи бонкдории исломӣ таҳти ақдҳои исломӣ амал мекунанд, ҳатто бо фарзи ин ки системаи бонкдорӣ аз ибтидо, ҳадди ақали нархи судеро қоил нашавад ва фақат дар суд ва зиёни ҳосил аз бакоргирии ақдҳои мухталиф шарик бошад, ин ширкати бонк дар суд, худ навъи ҳазинаи сармояе ҳаст, ки мутақозӣ тасҳилот мепардозад. Шояд битавон ин ҳазинаро бо афзоиши хазинаи арзае вуҷуҳ, дар сурати афзоиши теъдоди саҳомдор, дар назарияи навъуклассик ташбеҳ намуд. Бо зикри мисоли кӯшиш дар табиин бештари ин матлаб хоҳем дошт: фарз кунед шахсе ба бонки исломӣ мурочиат карда ва маблағи А риёл тасҳилот дар қолаби ақди музориба ё ҳатто сармоягузории мустақим ё мушорикати маданӣ ва ғайра дархост намудааст ва бонк низ, пас аз барасиҳои коршиносон ва эҳрози салоҳияти мутақозӣ ва тадбиқи навъе дархост бо қавонин ҳоким бар бонк, бо пардохти тасҳилот мавриди дархост мувофиқат намуда бошад. Бинобар ин бонк А риёл, масалан дар қолаби ақди мазориба, ба вай пардохт намуд ва ҳеҷ баҳра ё ҳадоқил суди мавриди интизори дар ибтидо аз вай мутолиба намекунад, ва фақат саҳми суди бонк мушаххас мешавад. Дар поёни амалиёт, мутақозӣ Р риёл суд касб мекунад. Акнун бонк саҳми худро аз суд мутолиба менамояд (фарз кунем саҳми бонк нисфи суди ба дастомада бошад). Дар ин сурат,омил бояд нисфи суди ба дастомадаро, бобати тасҳилоти дарёфтнамуда, пардохт намояд ва чун вай аз ибтидо ба ин амр воқиф аст, дар сурати имкон саъй менамояд, ки қимати молултиҷораро ба гунае таъйин намояд, ки пардохти саҳми суди бонк хелали дар даромади мавриди интизори вай аз тиҷорат ворид накунанд ва лизо ҳазинаи сармоя 0 набуда ва ба дунболи он қимати маҳсулотҳо низ дар сатҳи поинтаре таъйин нахоҳад шуд. Дар як модели сода ҳазинаи кул (ТС) аз робитаи зер ба даст меояд:

$$TC = r.k + w.L$$

r Дар як системаи бонкдории рибоӣ нархи баҳра хоҳад буд, аммо дар як системаи бонкдории исломӣ метавонад ба сурати зайл таъриф шавад:

r = ( саҳми бонкдор аз кулли суд)/ (маблағи тасҳилот)

Ба унвони мисол, агар бонк тасҳилот ба мизон 10000000 риёл арза намояд ва суди ҳосил аз бакоргирии ин маблағи сармоя 200000 риёл буда ва саҳми бонк аз суди ҳосиле 50% таъин шуда бошад, хоҳем дошт:

P = 200000/2 =100000     A =1000000     r = 100000/1000000=0.1

Лизо мушоҳида мешавад, ки дар ин фарз ҳазинаи сармоя, муодили10% сармоя ба кор гирифта шуда мебошад. Сониян сармоя як омили тавлидӣ аст ва аз вежагии комёбӣ бархурдор мебошад ва тибқи усули аввалияи иқтисод, ҳаршейи кайбӣ дорои қимати болотар аз сифр хоҳад буд. Музофан ин ки сифр кардани ҳазинаи сармоя, имкони ба коргирии носаҳеҳии онро, тавассути воҳидҳои тавлидӣ, муҷиб хоҳад шуд. Бинобар ин, ба назар мерасад, ки дар як системаи бонкдории исломӣ низ наметавон гуфт ки ҳазинаи сармоя сифр аст, аз ин рӯ камтар будани хазинаи тавлидро аз он натиҷа гирифт. Нуктаи баъдӣ ин ки гарчӣ бархе мутолиот анҷом шуда, нишон додаанд, ки кӯшиши сармоягузории бахши хусусӣ нисбат ба тағйир мондаи воқеии эътибороти бонкӣ мусбат аст, вале миқдор адади он ҳудуди 0,23% мебошад[2]. Аз сӯи дигар, мутолиоти анҷомшуда тавассути бонки марказӣ баёнгари он аст, ки нархҳои суди тасҳилот, як мутағайири таъсиргузор бар рушд ва тавсеаи бахшҳои иқтисодӣ аз ҷамъи тавлид ва сармоягузории бахши хусуси санъат ва ғайра матраҳ набудааст, ба далели ин ки сармоягузори бахши хусусӣ алорағми интизори бархе ба ҷои нархи суди тасҳилоти бештар аз як мутағаири риски иқтисодӣ муттаасир аст[3]. Бо вуҷуди ин бояд баён намуд, ки ҳузури пурранги бонкҳо дар бозори сармоя ва таъмини молии тарҳҳои сармоягузорӣ, ки бар асоси ақдҳои мушорикатӣ ва дигар ақдҳои муаррифишуда дар бонкдории ғайри рибоӣ сурат мегирад аз масодиқи ошкор короии низоми бонкории исломӣ мебошад. Коҳиш ё адами вуҷуди нархи таваррум

дар иқтисоди исломӣ мубтани бар бонкдории исломӣ низ дар ҳамин росто қобили туваҷҷуҳ ва табйин мебошад ва метавонад аз дигар мазиятҳои ин бонкдорӣ бар бонкдории сармоядорӣ талаққӣ гардад.

Ин баррасӣ нишон дод, ки бонкдории рибоӣ дар ҳарду амалиёти таҷҳизи супурдаҳо ва низ эътои тасҳилот мувоҷеҳ бо пардохт ва дарёфти рибо мебошад, аммо бонкдории бидуни рибо (мавриди Эрон) дар марҳилаи ҷазби супурдаҳо аз ҷиҳати назаривӣ ва амалӣ рибо пардохт наменамояд. Вале дар марҳилаи иҷрои ақдҳои исломӣ, бахусус дар мавриди музориба, мушорикати маданӣ ва низ мушорикати ақсотӣ, ба эътиқот коркунони марбута дар бонкҳо (бар асоси намунаи мавриди таҳқиқ), нақсе дар иҷрои вуҷуд дорад, ки боиси эҷоди шубҳаи рибоӣ будан дар гурӯҳое аз мардум шудааст. Бинобар ин, бонкҳо бояд аз тариқи тақвияти омӯзишҳои лозим, эъҷоди боварии қавитар дар коркунон ва низ назорат бар наҳваи ба коргирии ақдҳо ва эъмоли соири роҳкориҳои муносиб, нақсҳои мавҷудро бартараф намояд. Аз ҷиҳати корой низ, системаи бонкӣ низ бидуни рибо дар ташкили сармояи собити нохолиси дохилӣ ва низ асари куҳанда рӯи нархи таваррум метавонад амалкардӣ беҳтаре нисбат ба системаи рибоӣ дошта бошад. Бо вуҷуди ин ба назар мерасад ҳазинаи сармоя ҳатто дар як низоми бонкии ғайри рибоӣ наметавонад сифр бошад. Ба ибораи дигар, ҳарчанд нархи баҳра дар ин система вуҷуд надорад, аммо мушорикати бонк дар суди ҳосил аз фаъолияти иқтисодӣ дар воқеъ ҳазинае аст, ки дарёфткунандаи тасҳилот мепардозад.

### АДАБИЁТ


1. Туначиён Эраҷ. Пул ва бонкдории ислом ва муқосаи низоми сармоядорӣ / Туначиён Эраҷ, 2000. - С.44-56.
2. Салимифар Мустафо. Тасҳилоти бонкҳо ва сармоягузории хусусӣ дар Эрон / Салимифар Мустафо, Қумӣ Масъуд // Фаслномаи пажӯҳишҳои иқтисодии Эрон, 2002. -С.25-35.
3. Акрамӣ Абулфазл. Мулоҳизоти пиромуни нархҳои суди бонкӣ дар Эрон / Акрамӣ Абулфазл, Меҳдизода Саҷод. –Теҳрон: Раванд, 2004. –С.43-44.
4. Саид Козим Садр. Бонкдории исломӣ / Саид Козим Садр. –Теҳрон: Заим, 2009. -С.15-40.
5. Размӣ Фотима. Баррасии иҷрои қонуни амалиёти бонкии бидуни рибо / Размӣ Фотима. Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 2003. -С.67- 92.
6. Салимифар Мустафо. Тасҳилоти бонкҳо ва сармоягузории хусусӣ дар Эрон / Салимифар Мустафо, Қуми Масуд // Фаслномаи Донишгоҳи иқтисодии Эрон, Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, 2002. -№ 13. -С.37-49.
7. Маҷмӯаи қавонин. Маҷлиси шӯрои исломӣ. –Теҳрон: Идораи кулли фарҳангӣ ва равобити умумӣ, 2008. -С.25-41.
8. Мусавиён Саид Аббос. Анвои бонкҳои бидуни рибо / Мусавиён Саид Аббос // Фаслномаи тахассусии иқтисодии исломӣ, 2003. -№ 11. –С. 35-44.
9. Мирҷалилӣ Саид Ҳусайн. Масоли бонкдорӣ бидуни баҳра дар таҷрибаи Эрон / Мирҷалилӣ Саид Ҳусайн // Фаслномаи пажӯҳишгоҳи сиёсатҳои иқтисодии Вазорати умури иқтисодӣ ва дороӣ, 2002. -№22. -С.93-103.


### ПРОБЛЕМЫ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН


Исламская финансовая система развивается с поразительно высокими темпами. Перспективные задачи государственной политики Ирана в банковском секторе вызывают сегодня обоснованный интерес в контексте экономической стратегии Тегерана на глобальном и региональном уровне. Главная роль в формировании, функционировании и развитии банковской системы Ирана отведена Центральному Банку Ирана В данной статье автор раскрыл некоторые проблемы текущего состояния банковской системы Исламской Республики Иран, который формулирует и реализует на практике кредитно-денежную политику, и регулирует денежное обращение.



**Ключевые слова:** исламская финансовая система, банковский сектор Ирана, функционирование и развитие банковской системы.


### PROBLEMS IN THE BANKING SYSTEM OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


Islamic financial system is developing remarkably rapidly. The long-term tasks of the state policy of Iran in the banking sector cause today legitimate interest in the context of the economic strategy of Tehran at the global and regional level. The main role in the formation, functioning and development of the Iranian banking system plays the Central Bank of Iran In this article, the author revealed some problems in the current banking system of the Islamic Republic of Iran, which formulates and implements monetary policy and regulate money circulation.



**Key words:** Islamic financial system, the banking sector of Iran, functioning and development of the banking system.



**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Ризо Шарифи*** – аспирант Таджикского национального университета, член научного состава Свободного исламского университета города Ахваз, Иран

# НАҚШИ САРМОЯИ ИҶТИМОӢ ДАР БАҲРАВАРИИ НЕРӮИ КОР ДАР САНЪАТ

*Аҳмади Моҳии Ҷогар*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Назарияҳои мухталифи иқтисодӣ, инқилобии амалиёти созмонӣ дар даҳаи гузашта эҷод шудааст. Ин инқилоб шаклҳои суннатии сармоя монанди сохтмонҳо ва таҷҳизотро тахти таъсир қарор дода, сармояҳои ҷадидеро матраҳ кардааст, ки нақши зиёде дар тавсеа ва рушди созмон доранд. Бархе аз онҳо шомили сармояи инсонӣ, сармояи муштарӣ, сармояи ҳуқуқӣ ва сармояи саломатӣ аст.

Таҳқиқ рӯйи омӯзиш ва тавсеа ба унвони сармоягузорӣ, рӯйи сармояи инсонӣ дар охирҳои даҳаи 50-и мелодӣ ва аввалҳои даҳаи 60 аз роҳи муҳаққиқони иқтисодӣ анҷом шуд. Ҳарчанд таърифҳои аввалия теорияи сармояи инсонӣ, дониши коргарро бар асоси таҳсилоти мадрасаи расмӣ месанҷид, вале ҳамбастагии сатҳҳои таҳсилӣ бо баҳраварӣ ва рушди иқтисодӣ нишон дод, ки таҳсилот бештар ҳамроҳ бо таҷрибаи кор, дар ниҳоят ба беҳбуди баҳраварӣ мунҷар мешавад.

Ба тозагӣ теорияи сармояи иҷтимоии ҷомеашиносӣ ба унвони як нерӯи билқувваи муассир бар амалкарди созмонӣ шомил шуд. Сармояи иҷтимоӣ метавонад ба унвони манобеи мавҷуд дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ки тавассути афрод мавриди истифода қарор мегирад ва ҳамчунин, метавонад ба унвони сармоягузорӣ ба василаи афрод дар робитаҳои байнифардӣ дар бозорҳо мавриди назар қарор гирад, яке аз асароти сармояи иҷтимоӣ, афзоиши баҳравароии нерӯи инсонӣ дар созмонҳо ва саноеъ аст. Дар саноеъ ва созмонҳои касбу кор сармояи иҷтимоӣ манбаи муҳиме барои баҳраварӣ ба шумор меравад. Барои ин, ки корҳо анҷом гирад, лозим аст, коргарон ва мутахассисон тавсеаҳои дигаронро фаротар аз сохтори силсиламаротибии ширкат ба кор банданд. Ду вижагӣ ба таври билқувва корбурди онҳоро беасар месозад:

Аввал, сарфи назар аз ин, ки раисон чи қадар қудратманд ҳастанд ва созмон то чи андоза силсиламаротибӣ аст. Зердастон мумкин аст бар боздеҳи ниҳоӣ аз роҳи таъхир дар иҷрои дастурҳо таъсир бигузорад ва то ҳудуде бо тасмимот муқобила кунад.

Дуюм, ҳамон гуна ки моҳияти машғил бо гузари замон комил мешавад, кори тимӣ зарурат меёбад, эътимоди сарф ба сохтори фармондеҳӣ ва назорат, ё равияҳои амалиётии стандарт муваффақиятро тазмин намекунад.

**Теорияи сармояи иҷтимоӣ.** Теъдоди зиёде аз нависандагон таърифҳоеро, ки аз мавзӯи сармояи иҷтимоӣ ироа шудааст, ба иллати ибҳом мавриди интиқод қарор додаанд. Бо вуҷуди ин, яке аз таърифҳое, ки мавриди тафовуқ қарор гирифтааст, тавассути Кулман (1990) ба ин гуна матраҳ шудааст: «Сармояи иҷтимоӣ, маҷмӯае аст аз робитаҳои байни афрод ва байни гурӯҳҳо, ки дастовардҳоеро ба думбол дорад, ки бидуни робитаҳо ба даст овардани онҳо номумкин аст».

Мафҳуми сармояи иҷтимоӣ таърихи тӯлонӣ дар улуми иҷтимоӣ дорад, аммо шӯҳрати он ба даҳаи 90 бармегардад. Бурудию се бӯъди сармояи иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангиро ташреҳ кард. Дар мавриди сармояи иҷтимоӣ бар кашмакашии табақаӣ таъкид дорад. Робитаҳои иҷтимоӣ барои афзоиши тавоноии як фард, баровардани алоқамандиҳояш мавриди истифода қарор мегирад ва сармояи иҷтимоӣ манбае мешавад дар манозеҳои иҷтимоӣ. Сармояи иҷтимоӣ бар хилофи сармояи инсонӣ, ё сармояи физикӣ мафҳуме аст, бисёр фаротар аз дороиҳое, ки як фард дар ихтиёр дорад ва дорои робитаҳо ва заминаҳое аст, ки дар он таомул нақши вазифаи аслиро бар ӯҳда дорад. Зарурӣ аст, мо ба таърифи Кулман аз робитаҳои байни се омил таваҷҷӯҳ кунем. Сармояи иҷтимоӣ моҳиятан бо эътимод сари кор дорад. Дар воқеъ, эътимод барои ин ки як робита ба таомул бианҷомад ва барои як фард, ки мехоҳад иртиботи муваффақе бо шабакаи афрод барқарор кунад, зарурӣ аст. Бо вуҷуди ин, хатаре, ки сармояи иҷтимоиро таҳдид мекунад, ин вожа аст, ки мумкин аст, ба хубӣ дарк накунем ё натавонем ба дурустӣ тамоми ҷанбаҳои рафтори созмониро мавриди пушиш ва арзёбӣ қарор диҳем.

Стреберг бо баррасии худ аз масири такомулии теорияи сармояи иҷтимоӣ хотирнишон мекунад, ки ҳаммонанди теорияи сармояи инсонӣ ба тавсеаи манобеи инсонӣ таърифҳои мутаноқиси сармояи иҷтимоиро метавон дар адабиёти мудирият, ҷомеашиносӣ ва тавсеаи манобеи инсонӣ ёфт. Дар ин маврид, ки эътимод мутародиф бо сармояи иҷтимоӣ ва ё таҳсилкунанда барои тавсеаи он аст, таҳқиқоти зиёде дар

чараён аст. Фуку Ёмо (1995) таҳқиқоти густардае дар мавриди нақши эътимод дар созмонҳо анҷом дода, натиҷа гирифт, эътимод, ормони муштарак дар қалб эҷод ва ҳифзи созмонҳое аст, ки ба сурати муваффақ идора мешавад. Ҳом Фири ва Смит (1998) дарёфтанд, ки дар Олмон, Ҷопон ва Италия эътимод байни муассисаҳои иқтисодӣ ба унвони манбаъ мазияти рақобатӣ аст.

Назарияпардози мудирият Чарлз Ҳинди (1995) ба нақше, ки эътимод дар ширкатҳое муваффақ дорад, ишора мекунад. Баръакс, эътимоди поин, кашишҳои санъатӣ ва робитаҳои заифи нерӯи инсонӣ метавонад ба унвони натиҷаҳои сармояи иҷтимоии манфӣ ба шумор ояд. Бинобар ин, созмонҳое, ки дар тавсеаи манобеи инсонӣ сармоягузорӣ мекунанд, наметавонад нақши муҳими сармояи иҷтиммоиро нодида бигиранд. Старкез (2000) коркунони омӯзишдида ва таҳсилкарда, ниёзманди муҳите ҳастанд, ки ба онҳо ангезаи рушд ва тавсеаро бидиҳанд.

Сармояи иҷтимоӣ маҷмӯи манобеи ҳақиқӣ ё маҷозӣ аст, ки дар як фард ё гурӯҳ аз роҳи шабакаи пай дар пай шинохт ва ошноии мутақобил ба вуҷуд меояд. Бурудию (1986) аз ин рӯ, сармояи иҷтимоӣ ду ҷузъ дорад. Аввал он ки манбае аст, ки ба узвияти гурӯҳӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ муртабит аст. Дар воқеъ, мизони сармояи иҷтимоӣ, ки як фард дорои он аст, ба андозаи шабакаи иртибототи иҷтимоӣ метавонад муассир бошад. Дувум он ки ба кайфияте, ки аз роҳи ҷамъишудани робитаҳо байни бозигарон эҷод мешавад. Бар тибқи назари Кулман, як мавҷудияти танҳо нест. Аз мавҷудиятҳои мухталиф ду унсури муштарак доранд, падид меояд. Пажӯҳиши машҳуре дар соли 1993 Бутнон дар Италия анҷом дод, ки натиҷаи бадастомада, мубтани бар ин буд, ки амалкарди ниҳодҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба мизони бисёр зиёде таҳти таъсири мушорикати шаҳрвандон дар умури иҷтимоъ будааст.

Дидгоҳҳои иброзшуда дар мавриди сармояи иҷтимоӣ мутафовит аст. Аммо ҳамаи онҳо бар тавоноиҳои ҷанбаҳои муайяне аз сохтори иҷтимоӣ барои тавлид хуруҷиҳои мусбат барои аъзои гурӯҳ, ки ҳадафҳояшон як мазияти рақобатӣ аст, ба даст меоваранд.

**Сармояи иҷтимоӣ дар низоми иқтисодӣ** чор паёми умда ба ҳамроҳ дорад:

- касби иттилоот;
- интиқоли дониш, навоварӣ, парокандагии фановарӣ ва равияҳо;
- Бакоргирии дониши мукаммал, талош дар ҳалли масоил ва мушкилот;
- воситагарӣ.

Ин паёмадҳо мумкин аст, дар тӯлӣ замон бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳо ва вижагиҳои онҳое, ки ба сармояи иҷтимоӣ дастрасӣ доранд, мутафовит бошад. Дар ҳавзаҳои монанди шаклгирии санъат, фарояндҳои ибтикорӣ, ҳамкориҳои дарунширкатӣ мушоҳида мешавад. Сармояи иҷтимоӣ ба корофаринон кӯмак мекунад, то маноберо ба равиши нав ҷамъоварӣ карда, таркиб кунанд. Ҳамчунин, барои корофаринон ёрӣ ва мушовира фароҳам меоварад. Ҳамкорӣ ва робитаҳои даруни ширкатӣ, бавижа дар ҳавзаҳое, ки эътимоди мутақобил ҷойгузин ва мукаммали қарордодҳо мебошад, муҳаққақ месозад. Пажӯҳишҳо дар ҳавзаҳои санъатӣ нишон медиҳанд, ки мизони вуҷуд ва адами ҳузури сармояи иҷтимоӣ метавонад дар дастёбӣ ба рушд аҳамият дошта бошад. Сармояи иҷтимоӣ ҳамчунин мушовираҳои фанниро дар навоварӣ ва интиқоли дониш фароҳам месозад. Бо ин ҳол, ваҷҳи манфӣ ҳам дорад. Мумкин аст, фароядҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро маҳдуд кунад. Пажӯҳишҳои ҷадид бо матраҳ кардани ҷанбаҳои манфӣ ҳушдор медиҳад. Нахустин ва равшантарин ҷанбаи манфӣ ин аст, ки ба иртиботот манфӣ мепардозад. Ин робитаҳои манфӣ мумкин аст монеи баҳрагирии афрод аз фурсатҳои мавҷуд шавад.

Дуюмин мавзӯъ, ки вузуҳи камтаре дорад ба ҳазинаҳо мепардозад. Сохтори иҷтимоии мушобеҳе, ки барои иддае муфид аст, мумкин аст барои соире маҳдудият эҷод кунад.

Сармояи иҷтимоӣ ниёзманди сармоягузорӣ ва тадвинҳо дар тӯли замон аст. Ба далели илзомоти қадимӣ рӯ овардан ба соири робитаҳо, барои баҳрагирӣ аз фурсатҳое, ки низомҳои хурди мухталиф ба вуҷуд меоянд, душвортар аст. Сатҳи болои сармояи иҷтимоӣ байни гурӯҳҳои ҳирфаи мумкин аст онҳоро аз сохтдеҳии муҷаддади шабакҳои шахсии онон ба сатҳи муносиби ҳамоҳангӣ боз дорад.

**Мушкили санҷиши сармояи итҷтимоӣ** Бо вуҷуди таҳқиқоти густурда таърифи сармояи иҷтимоӣ дар торикии ибҳом қарор дорад. Ибҳом мафҳуми таърифҳои чандгона, фиқдони иттилооти лозим, монеае бар сари роҳи таҳқиқоти теорикӣ ва амалӣ дар мавриди нақши сармояи иҷтимоӣ будааст. Ин мавзӯъ марбут ба маҳдуд будани таҳқиқоти амалӣ дар мавриди сармояи иҷтимоӣ ба масоили иқтисодӣ аст.

Ҳикман (2000) бовар дорад, ки дар заминаи сармояи иҷтимоӣ эҷоди робитаҳои равшан ба гунаи зотӣ душвор аст. Бархеҳо мухолифи ин мавзӯъ ҳастанд ва мегӯянд тафсири додаҳои бадастомада аз сармояи иҷтимоӣ танҳо дар ҳитаи иқтисодӣ анҷом шудааст ва ин низ ба далели моҳияти дониши иллати маълулӣ аст.

Санҷиши заифи додаҳо адами вуҷуди шароити муносиб ва фуқдони иттилооти лозим бо ибҳоми зиёде ҳамроҳ будааст. Аз баҳсҳои ёдшуда мушаххас шуд, ки ҳеҷ роҳи мустақиме барои андозагирии сармояи иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Комиссияи баҳравариӣ 2003, табақабандии арзёбиҳоеро, ки дар гузашта дар заминаи сармояи иҷтимоӣ анҷом шудааст, ироа додааст, ки иборатанд аз посухҳои ба пурсишҳои дар мавриди эътимод (клубҳо ва иттиҳодияҳо):

**Додаҳое дар мавриди аъзои шабакаҳо ва гурӯҳҳо: р**айъдиҳандагон, хонандагони рӯзномаҳо ва аъзои мадрасаҳои мазҳабӣ, вижагиҳои хонаводагӣ.

**Баҳравариӣ ва андозагирии он:** баҳравариӣ, ҳар афзоише дар бурундод аст, ки бар асари афзоиши як воҳид дар дарундод эҷод шудааст. Ба таври куллӣ ба нисбати арзиши натиҷаҳо ва маҳсулот ба арзиши тамоми манобеи сарфшуда барои тавлиди онҳо дар назар гирифта мешавад. Бар асоси ин таъриф мо барои арзёбии баҳравариӣ метавонем арзишҳои додаҳоро бо арзиши бурундод муқоиса кунем. Дурустии ин арзёбӣ бастагӣ ба вижагиҳои созмонӣ ва мизони замина ба додаҳо дорад. Ду мушкил ба вуҷуд меояд, ки бояд ба онҳо таваҷҷуҳ кунем. Аввалан, интихоби дарундодҳо ва берундодҳои мухталиф, баҳраварии мутафовитеро нишон медиҳад. Дувум, танавӯи омилҳои дарундод ва берундод, ки бештари онҳо кайфӣ ҳастанд, мушкили санҷишро ба думбол доранд. Барои мисол вақте мо теъдоде аз омӯзишгирандагон дар як ширкатро мавриди арзишёбӣ қарор медиҳем, бисёр душвор аст, ки мушаххас кунем, мизони таъсири омӯзишии ин афрод чӣ андоза аст. Бархе аз омилҳои эҳтимолӣ иборатанд аз арзёбии мудир, ризоияти шуғлӣ, хуруҷ аз хидмат, ангезиш, ғайба ҳуқуқ… Шояд, ҳамаи ин омилҳо муассир бошанд.

**Баҳравариӣ дағдағаи бисёр муҳими созмонҳои касбу кор дар саноеъ аст,** зеро асоситарин муҳаррики расидан ба натиҷаҳои ризоиятбахш ва касби мазияти рақобатӣ нисбат ба рақибон ба шумор меравад. Ҳарчанд ки баҳравариӣ бисёр матлуб аст, аммо ба ду далел баҳси содае барои созмонҳо маҳсуб намешавад:

Аввал, санҷиши баҳравариӣ замоне имконпазир аст, ки шароит аз субот бархӯрдор буда, ҳадафҳои ба гунае дақиқ баён шуда бошанд. Занҷираи ҳадафҳо васоили мушаххас буда, хуруҷӣ ва содагӣ қобили андозагирӣ бошад. Ширкатҳое, ки маҳсулуотеро дар миқёси васеъ тавлид мекунанд, медонанд, ки баҳравариӣ қолибан умдатарин мавзӯъ барои дастёбӣ ба короист, ки натиҷаҳои иқтисодии ризоиятбахшеро ба думбол дорад.

Дувум, мушаххаас нест, ки чи чизе баҳравариро муҳаққақ месозад. Аз манзари мудириятӣ ва иқтисодӣ баҳравариӣ ба таври умуми коркарди се мутағайир аст: фановарӣ, нерӯи инсонӣ ва созмон. Ҳар мутағайир ба сурати муҷазо ба баҳравариӣ мунҷар мешавад. Таҷҳизоти модерн, сармояи инсонӣ, ҳамоҳангии кофӣ ва мунсаҷим ҳар як метавонад манбаи тағйири тадриҷӣ ё бунёдӣ дар баҳравариӣ бошад.

**Таъсири сармояи иҷтимоӣ бар баҳраварии нерӯи кор дар санъат** Ҳамон гуна ки дар таърифи сармояи иҷтимоӣ гуфта шуд, метавонад мазоёи иқтисодӣ иҷтимоӣ ва сиёсиро ба думбол дошта бошад ва ин ба далели робитаи эътимод ва ҳамкории мутақобил бо короӣ аст. Ба назар мерасад, тафовуқи зиёде, ки аз роҳи сармояи иҷтимоӣ таъсири мусбате бар иқтисодӣ дошта бошад, вуҷуд дорад. Муҳимтаринашон иборатанд аз:

- ҳазинаҳои поинтар аз табодулот;
- нархи поинтари ҷо ба ҷойи афрод;
- тасҳими дониш ва навоварӣ;
- рискпазирӣ;
- беҳбуди кайфияти маҳсулот.

Ҳазинаҳои поинтар марбут ба ин мушкили классикӣ аст, ки наметавонад ба осонӣ талошҳо ва фаъолияти коркунонро таҳти назорат қарор диҳад. Дар ин шароит коркунон ангезаи каме барои истифода аз тамоми тавонашонро доранд. Дар ин робита сармояи иҷтимоӣ бо эҷоди тааҳҳуди бештар, ҳазинаҳои ёдшударо ба василаи афзоиши эътимод, коҳиш диҳад.

**Нархи поинтари ҷо ба ҷоӣ**. Агар коркунон эҳсос кунанд, ки корфармоён бо онҳо рафтори хубе доранд, онҳо низ ҳамон гуна рафтор хоҳанд кард.

**Тасҳим ва ҷорӣ кардани дониш ва навоварӣ.** Ин мавзӯъ шояд аз роҳи эҷоди эътимод, робитаҳо ва ҳадафҳои муштарак мавриди ташвиқ қарор гирад. То он ҷо ки

дар муҳити корӣ сатҳ ва кайфияти таомулоти коркунон эҳсос кунанд, бахше аз як гурӯҳ ҳастанд.

Таҷрибаи рискпазирӣ ва рафтори корофаринона ба василаи робитаҳои мустаҳкам дар як созмон ё байни созмонҳои мухталиф ташвиқ мешавад, ки барои корфармоён ва ҳамкорони худ боарзиш ҳастанд ва рифоҳи онҳо барои созмон муҳим аст.

**Беҳбуди кайфияти ситодаҳо.** Натиҷаи тасҳили дониш, беҳбуди ҳамкории тимӣ ва тааҳҳуди созмонӣ, эҳтимолан кайфяити болотари маҳсулот хоҳад буд. Вақте коркунон эҳсос мекунанд, аз ҳимояти созмонӣ бархӯрдоранд, сатҳи ситодаҳо аз роҳи амалкарди беҳтари онҳо ва нақши манфии стреси созмонӣ коҳиш меёбад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин баҳс дарк мекунем, ки бояд ба кадом ҷанбаҳои сармояи иҷтимоӣ тамаркуз кунем.

Дар таҳқиқи дигар, Кулман ду шохаи аслиро, ки аз он сармояи иҷтимоӣ баҳравариии нерӯи инсониро таҳти таъсир қарор медиҳад, шиносоӣ кард: Аввал он ки сармояи иҷтимоӣ интишори дониш ва иттилоот дар миёни коркунон муҷиб шуда, ба ҳадафҳои муайяне, ки дар сурати адами вуҷуди онҳо ғайри қобили дастарсӣ аст, мумкин месозад. Метавон изҳор дошт, ки ҳар нерӯи инсонӣ ба унвони бахше аз сохтори ғайрирасмӣ, ки манобеаш қобилияти ҳалли мушкилашро беҳбуд мебахшад, дар назар гирифт. Ҳамунин ин сохтор метавонад ба сар то сари созмон густариш ёбад. Яъне ҷое ки мутахассисоне ҳастанд, ки тахассусашон барои анҷоми вазифаҳо ва масъулиятҳои печида барои мушорикат кардан дар тими пуржаҳои чандриштаӣ, ҳар мутахассис ниёз дорад, ки бидонад соирин чи гуна метавонанд ба касби ҳадафҳои муштарак кӯмак карда, чигуна аз тахассуси якдигар баҳра бигиранд.

Дуюм он ки таомули иҷтимоӣ мумкин аст, бар ангезиш ва талошҳои коркунон таъсир бигузорад. Дар мутолиаи машҳури Марч ва Саймон бар рӯйи созмонҳо (1985) унвон шуд, ки ҳатто агар мудирони истибдодии амалкардаи силсиламаротиби ширкат бисёр ғайри қобили инъитоф бошад, бо ин ҳол вазифаҳо ба хубӣ анҷом шавад, коркунон қодир хоҳанд буд ба равишҳои мухталиф амалкардро таҳти таъсир қарор диҳанд. Ҳамон гуна ки Булзу унвон намудаанд, замоне ки иқдомоти коркунон барои амалкарди беҳина дар қолиби қарордодҳои иҷборӣ муносиб намебошанд. Назорат ва танбеҳ тавассути афроди ҳамсатҳ дар тимҳои кории муассисоти эътиборӣ, ширкатҳо ва маҳаллоти як шаҳр унвони муносибе барои коҳиши мушкилоти афрод амалкарди саҳеҳ ба шумор намеравад.

**Натиҷагирӣ.** Имрӯз бо таваҷҷуҳ ба тағйироти густурда дар амалиёти созмонӣ, дар саноеъи шаклҳои суннатии сармоя, монанди сохтмонҳо, таҷҳизот ва манобеи молӣ дигаргун шуда, сармояҳои ҷадиде матраҳ шудааст. Ин сармояҳои ғайри малмус нақши зиёде дар тавсеа ва рушди созмон доранд. Яке аз ин сармояҳо сармояи иҷтимоӣ, ки бар хилофи сармояи инсонӣ, ё сармояи физикӣ аст, бисёр фаротар аз дороиҳое, ки як фард дар ихтиёр дорад. Яке дигар аз асароти сармояи иҷтимоӣ афзоиши баҳравариии нерӯи инсонӣ дар санъат аст, зеро он асоситарин муҳаррик расидан ба натиҷаҳои ризоятбахш ва касби мазияти рақобатӣ ба шумор меравад.

Сармояи иҷтимоӣ аз роҳҳои мухталифи баҳраварӣ, нерӯи инсонии созмонҳо дар санъатро таҳти таъсир қарор медиҳад. Ҳазинаҳои поинтар табодулот, нархи поинтари ҷо ба ҷойи афрод, тасҳими дониш ва навоварӣ, рискпазирӣ ва беҳбуди кайфияти маҳсулот, аз ҷумлаи роҳҳое аст, ки сармояи иҷтимоӣ аз ин тариқ бар баҳраварӣ таъсир мегузорад. Ҳеҷ роҳи мустақиме барои андозагирии сармояи иҷтимоӣ бо вуҷуди ин, имкон надорад, зеро абъоди зиёдеро сармояи иҷтимоӣ, ки чандваҷҳӣ аст ва муҳаққиқон омилҳоеро, ки фикр мекунанд муртабит аст, бо он интихоб мекунанд. Аз тарафи дигар, андозагирии баҳраварӣ низ душвор аст. Аз ин рӯ, ниёз аст таҳқиқоти мутааддиде дар оянда сурат гирад, то битавон робитаи вуҷуҳи мухталифи сармояи иҷтимоӣ бо баҳраварии нерӯи кор дар санъатро мавриди баррасӣ қарор дод.

Хулоса, суръати рушди саноеъ ва тавсеаи он дар даҳаҳои охир ҳокӣ аз он аст, ки кишвари мо дар ҳоли гузар аз ин иқтисоди нимасанъатӣ ба санъатӣ аст. Таваҷҷуҳ ба тавлид ва барҳравар будани он метавонад зимни суръат бахшидан ба рушд ва тавсеаи санъатӣ онро дар масири саҳеҳ ҳидоят кунад. Аз ин рӯ, ба ошноии мудирон бо мафҳумҳои баҳраварӣ таъкид мешавад. Дар байни омилҳои муҳим ва муассири баҳраварӣ нерӯи кор дар санъат ба сармояи иҷтимоӣ метавон ишора кард. Аз он ҷо ки сармояи иҷтимоӣ мукаммали соири манобеъ аст, таҳти назорати афрод ва созмонҳо мебошад. Он манбаи муҳиме барои афрод ва созмонҳо ба шумор меравад. Бисёре аз мутолиот ба асароти сармояи иҷтимоӣ дар сатҳи як ширкат пардохтаанд.

Аммо мутолиоти камтаре сармояи иҷтимоиро ба баҳраварии нерӯи кор муртабит кардаанд. Мутолиот нишондиҳандаи аҳамаияти таъсири сармояи иҷтимоӣ бар коройӣ ва нерӯи нисон аст. Ин таъсир аз роҳҳои мухталифе имконпазир аст. Ҳазинаҳои поинтар, нархи поинтари ҷо ба ҷойи афрод, тасҳими дониш, навоварӣ ва беҳбуди кайфияти маҳсулот, аз ҷумлаи мавридҳое аст, ки таъсири сармояи иҷтимоӣ бар баҳравариро нишон медиҳанд. Бо вуҷуди ин, таъсири дақиқи сармояи иҷтимоӣ бар баҳраварӣ қобили андозагирӣ нест, зеро сармояи иҷтимоии омилҳо ва мутағайирҳои бисёрero шомил мешавад, ки онҳо кайфӣ ҳастанд ва андозагириашон душвор. Аз ин рӯ, муҳаққиқ бар он шуд, то дар ин мақола зимни ташреҳи аҳамияти сармояи иҷтимоӣ ба равшан кардани робитаи сармояи иҷтимоӣ дар баҳравари нерӯи кор дар санъат бипардозад.

### АДАБИЁТ


1. Brooks Kita. Human resource development, social capital, emotional intelligence / Brooks Kita & Muyia Nafukho Fredrick // Any link Journal of European Industrial Training. ABI/INFORM Global, 2006. –vol. 30. -P. l -17.
2. Sabatini Fabio. Does Social Capital Improve Labor Productivity in Small and Medium Enterprises, forthcoming International / Sabatini Fabio // Journal of Management and Decision Making, 2005. -P.l-29.
3. Greve Arent. Exploring the contributions of human and social capital to productivity, Hawaii International Conference On System Sciences / Greve Arent & Benassi Mario // Hilton Waikoloa Village, Big Island, Hawaii, 2003.
4. Bourdieu P. The forms of capital. Handbook of Theory and Research for the Sociology of Education / P. Bourdieu. -New York: Greenwood, 1986. –P. 241-258.
5. Aspin Liam. Social Capital and Productivity / Aspin Liam // Teaching and Learning Research Programme, 2004. -P. 1-34.
6. Lubega Khalid. Understanding social capital in Buganda using proverbs and implications for human resource development, doctoral dissertation / Lubega Khalid. april, 2005.
7. Heckman J.J. Causal Parameters and Policy Analysis in Economics: a Twentieth Century Retrospective / J.J. Heckman // Quarterly Journal of Economics, 2000. -Vol. 115.-P. 45-97.
8. Coleman J. Foundations of Social Theory / J. Coleman. -Cambridge: Harvard University Press, 1990.
9. Greve Arent. Social Networks and Entrepreneurship / Greve Arent and W. Salaff Janet // Entrepreneurship, Theory & Practice, 2003. -28 (1). -P.1-22.


### ВЛИЯНИЕ СОЦИАЛЬНОГО КАПИТАЛА НА ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТЬ ТРУДА В ПРОМЫШЛЕННОМ СЕКТОРЕ


В данной статье автором рассматривается влияние социального капитала на производительность труда в промышленном секторе. В условиях стремительного развития технологий, вопрос благосостояния основных субъектов хозяйствования является одним из наиболее важных. Нормальное функционирование любого предприятия во многом зависит от правильной оценки затрат и результатов труда. Рост производительности труда самым непосредственным образом влияет на конечные финансовые результаты работы предприятия и проявляется через увеличение производства и реализации продукции. Измерение, оценка и планирование производительности труда должна являться неотъемлемым элементом системы управления и повышения эффективности работы организации.



**Ключевые слова:** социальный капитал, прозводительность труда, рост производительности труда, прибыль, повышение эффективности работы персонала.


### INFLUENCE OF SOCIAL CAPITAL ON THE LABOUR PRODUCTIVITY IN INDUSTRIAL SECTOR


In this article an author is examine influence of social capital on the labour productivity in an industrial sector. In the conditions of swift development of technologies, a question of welfare of basic subjects of management is one of most essential. The normal functioning of any enterprise in a great deal depends on the correct estimation of expenses and results of labour. The height of the labour productivity influences the most direct character on financial end-point of work of enterprise and shows up through the increase of production and realization of products. Measuring, estimation and planning of the labour productivity must be the inalienable element of control system and increase of efficiency of work of organization.



**Key words:** social capital, прозводительность labour, height of the labour productivity, income, increase of efficiency of work of personnel.



**Сведения об авторе:** ***Ахмад Мохи Джогар*** – соискатель Таджикского национального университета

# ТАЪСИРИ ШАРОИТИ МУҲИТИ КОР БА ҲОСИЛНОКИИ МЕҲНАТ ВА БОЛОРАВИИ ФОИДА

***Саҳар Сабқӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои муваффақияти рӯзафзуни ташкилот, мудирон бояд худро бо пешрафти илм дар арсаи мудирият мутобиқ карда, огоҳ бошанд. Таваҷҷуҳ ба шароити муҳити корӣ бо мақсади пешбурди фаъолияти кормандон, яке аз масъалаҳое мебошад, ки имрӯз беш аз пеш дар илми равоншиносии мудирият ба он аҳамияти зиёде дода мешавад ва дар натиҷа ба болоравии ҳосилнокии меҳнат дар ташкилот кӯмак мерасонад.

Шароити муҳити кор аз омилҳои бисёр муҳимест, ки метавонад ҳосилнокии меҳнат, ризоият ва ё норизогии онҳо аз муҳити кор таҳти таъсири худ қарор диҳад. Равшан аст, ки шароити бади муҳити кор, на танҳо ҳосилнокии меҳнат, балки ризоят, норизогӣ ва миқдори фишори рӯҳӣ ва равониро низ таҳти таъсир қарор медиҳад.

Агар инсон битавонад ин омилҳоро бар муҳити кор ба хоҳиши худ тағйир диҳад, эҳсоси ризояти бештаре мекунад. Илова бар он, эҳсоси хурсандӣ дар кормандон эҷод шуда, дар натиҷа ризояти шуғлӣ ва ҳосилнокии матлубе ба даст хоҳад омад. Мо дар ин мақола ба шарҳи ивазшавандаҳое мепардозем, ки тағйири ҳар як аз онҳо ба фаъолияти афроди ташкилот асар мегузорад. Ин омилҳо иборатанд аз: овоз, мусиқӣ, гармо, сармо, нур ва равшанӣ, речаи корӣ, соати истироҳат, таътилот, ранг, беҳдошти муҳити кор, бартараф намудани стресс, ки мо танҳо чанд омилҳоро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

**Овоз.** Аҳамияти баҳс ва гуфтугӯ дар бораи садо ва овоз ҳамчун як омили самарабахш дар муҳити кор, бо пешрафти технология робитаи мустақим дорад. Зеро метавон гуфт, ки дар бисёре аз шуғлҳо дастгоҳҳо ва технологияҳое вуҷуд доранд, ки овоз мебароранд. Асари садо ва рафтор дар муҳити корӣ аз омилҳои зиёде вобаста аст: намудҳои гуногуни овоз, навъи шуғл, тавофутҳои фардӣ.

Он чи дар муҳити корӣ аҳамияти бисёре дорад, шиддати овоз мебошад. Шиддати садоро бо воҳиди ба номи «детсибел» санҷида мешавад.

Миқдори таъсиррасонии овоз дар муҳити кор, аз моҳияти кор вобаста аст. Дар муҳитҳои корие, ки кормандон диққати бисёре дошта бошанд, овози баланд боиси коҳиши диққат ва ҳосилнокии кори онҳо мешавад. Дар муҳитҳои корие, ки садоҳои зиёд вуҷуд дорад, сатҳи иштибоҳот ва хато дар кормандон боло меравад.

**Мусиқӣ**. Мусиқӣ яке аз омилҳоест, ки бар ҳолатҳои равонии инсон таъсири зиёде мерасонад. Мусиқӣ метавонад дилтангӣ, хастагии кормандонро дар муҳити кор коҳиш диҳад.

Музок, донишманди англис ба воситаи як таҳқиқи васеъ ба ин хулоса омад, ки корбурди мусиқӣ дар корхона боиси 17% афзоиши истеҳсолот, 13% афзоиши фаъолияти кормандон дар ташкилот, 53% коҳиши тарк кардани шуғл гардидааст. Бинобар ин, таъсири мусиқӣ барои фаъолияти кормандон ҳадди ақал аз ду омил вобаста аст:

- Навъи мусиқӣ
- Навъи кор

Омилҳои дигаре ҳаммонанди олоти мусиқӣ, сабки оҳанг, содагӣ ё мураккабии кор, навъи вазифаи шуғлии кормандон метавонад дар самарабахшии мусиқӣ бар фаъолиятҳои кормандон дар ташкилот таъсир расонад.

**Гармо.** Гарм будани муҳити кор бар фаъолиятҳои кормандон асари манфӣ мегузорад, зеро кор кардан дар муҳити гарм бисёр душвор аст. Коҳиши қувваи ҷисмӣ, коҳиши диққат ва паст шудани ҳосилнокии кормандон аз асарҳои манфии кор кардан дар муҳити гарм мебошад.

Файн ва Кобрик, олимони англис, нишон додаанд, ки ҳар гоҳ кормандон дар давоми 7.00 соат дар муҳити $35^0$ гармӣ кор кунанд, миқдори хатогиҳои онҳо нисбат ба кормандоне, ки дар муҳити бо $24^0$C гармӣ кор мекунанд, ду баробар мешавад.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки дар муҳити кории бо $33{,}5^0$C гармӣ миқдори нофармониҳо ва низоъ миёни коргарон 43% афзоиш меёбад. Барои бартараф намудани ин мушкилот метавон дар муҳити кор равишҳои гуногунеро истифода

кард: монанди истифода аз кондитсионер, кӯтоҳ намудани соати корӣ, омӯзиши афрод барои мутобиқ шудан ба шароити гарм ва ғайра.

Омут, олими олмонӣ пешниҳод мекунад, ки дар ҳарорати 32⁰С гармӣ, баъд аз гузашти ду соат ва дар ҳарорати 38⁰С гармӣ, баъд аз ҳар 30 дақиқаи корӣ ба коргарон истироҳат дода шавад. Пас натиҷа мегирем, ки мудирон ва соҳибкорон барои боло рафтани ҳосилнокии кор бояд ба омили гармои муҳит аҳамияти бештаре диҳанд.

**Сармо.** Тадқиқот нишон медиҳад, ки сармо низ бар фаъолияти инсон таъсир мерасонад ва ҳосилнокии кормандонро коҳиш медиҳад. Тадқиқоте, ки аз ҷониби Пиллер, олими олмонӣ ва Мак Верс, олими амрикоӣ дар соли 2006 анҷом дода шудааст, нишон медиҳад, ки суръати вокунишҳои фард ва диққати он дар муҳитҳои сард 20 то 30% коҳиш меёбад. Бинобар ин, яке дигар аз омилҳое, ки дар шароити муҳити кории матлуб дохил мешаванд, аҳамият додан ба сармои муҳити корист. Ин амр метавонад ба пешбурди фаъолияти кормандон дар ташкилот ва корхонаҳо таъсири бисёре расонад.

**Нур ва равшанӣ.** Аввалин ва муҳимтарин омил дар шароити муҳити корӣ нур ва равшанӣ мебошад. Ин омил бештар аз омилҳои дигар дар кор ва анҷоми вазифаҳои шуғлӣ таъсир мерасонад. Таваҷҷуҳ ба нур ва равшанӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба муҳити корӣ, бар ин фарзия устувор аст, ки миёни ҳосилнокии меҳнат ва шиддати нур ва равшанӣ ҳангоми кор ҳамбастагӣ вуҷуд дорад. Яъне бо боло рафтани равшанӣ ҳосилнокии фард ва диққати он барои анҷоми кор ҳам афзоиш хоҳад ёфт.

**Ранг.** Чанде пеш таҷҳизот, дастгоҳҳои корхонаҳо ва либосҳои коргарон, монанди либосҳои низомӣ, ранги хокистарранг ва ё ҷигарӣ доштанд, барои он ки чиркин шудани либосҳо ба чашм нарасанд. Ҳоло аксари афрод либосҳои бо ранги сафед ва ё равшан мепӯшанд.

Бисёре аз ташкилотҳо рангҳоеро ба унвони ранги расмӣ интихоб кардаанд ва тамоми дастгоҳҳо ва васоили муҳити кории худро бо ин рангҳо ороиш медиҳанд. Дар ҳамин ҳол рангҳо нақши муҳиме дар фаъолияти мудирон доранд. Масъала ин аст, ки мудирон бояд рангро мутаносиб ва ҳамоҳанг бо навъи кори худ интихоб кунанд.

Заминаҳои асосии истифода бурдан аз рангҳо дар корҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ иборатанд аз:

- Истифода аз рангҳои гуногун дар ороиши мол ва маҳсулоти саноатӣ, бастабандӣ ва хизматрасонӣ.
- Истифода аз рангҳои гуногун дар муҳитҳои корӣ бо мақсади самаранокии фаъолияти кормандон.

Корхонаҳо барои ҷалби мизоҷони худ дар пешниҳод кардани маҳсулот аз рангҳои мухталиф ва чашмрас истифода мебаранд. Зеро дар асоси тадқиқоти анҷомшуда ранг таъсири зиёде барои мардум мегузорад.

Рангҳо таъсири гуногуне барои афрод мегузорад:

- Хокистарранг: ин ранг бисёртар дар корхонаҳо, коргоҳҳои саноатӣ истифода бурда мешавад, ки таъсири хосе надорад.
- Кабуди паст: ин ранг боиси ба вуҷуд омадани эҳсоси оромиши бештар барои коргарон мешавад ё боиси коҳиши хастагии онҳо мешавад.
- Сабз: ин ранг қобилияти мутобиқшавии коргаронро бо тағйиротҳои муҳит, афзоиш медиҳад ва боиси пастшавии низоъ мегардад.
- Сурх: ин ранг фаъолияти умумии коргаронро афзоиш дода, эҳсоси рақобат дар арсаи иқтисодиро барои кормандон боло мебарад.
- Зард: ин ранг равшантарини рангҳост, ба ҳамин хотир хурсандиро ба вуҷуд меоварад. Вуҷуд доштани ранги зард дар муҳити кор ба афрод дар раҳоӣ аз мушкилоти корӣ ёрӣ мерасонад.

Бинобар ин, шинохти таъсири рангҳо бар рафтори коргарон ва дар натиҷа ҳосилнокии ташкилот аз омилҳоест, ки мудирон бояд ба он таваҷҷуҳи хосе диҳанд. Бояд ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳ дошт, ки дунёи имрӯз ба истифодаи омилҳои равоншиносӣ дар пешбурди фаъолияти самарабахш дар ташкилот ва корхона қадам ниҳодааст, ки ин ба унвони навоварӣ дар арсаи мудирият ба шумор меравад.

## АДАБИЁТ


1. Грифен. Рафтори созмонӣ / Грифен; тарҷумаи Ризо Меъморзода. –Теҳрон: Интишороти мудирон, 2004.

2. Девис Кейт. Рафтори инсонӣ дар кор / Девис Кейт; тарҷумаи Алии Тӯсӣ. –Теҳрон: Интишороти равшан, 1993.
3. Дафт Ричард. Мабонии теорӣ ва тарроҳии созмон / Дафт Ричард; тарҷумаи Беҳзоди Рамазонӣ. Теҳрон: Интишороти самт, 2003.
4. Locke E.A. Goal setting And Task Performance / E.A. Locke. -London, 1980.
5. Меҳдии Алвонӣ. Мудирияти умумӣ / Меҳдии Алвонӣ. –Теҳрон: Нашри Най, 2001.
6. Муҳаммадҳусейни Сарварӣ. Равоншиносии мудирият ва созмон / Муҳаммадҳусейни Сарварӣ. – Теҳрон: Интишороти Қоим, 2003.

**ВЛИЯНИЕ УСЛОВИЙ ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ СРЕДЫ НА ЭФФЕКТИВНОСТЬ ТРУДА И ПОВЫШЕНИЕ ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТИ**

В данной статье автор рассматривает влияние условий труда на эффективность труда и повышение производительности. Условия труда - это совокупность факторов производственной среды, оказывающих влияние на функциональное состояние организма работающих, их здоровье и работоспособность в процессе труда. Они определяются трудовой средой, технологией, системой защиты рабочих, обслуживанием рабочих мест и внешними факторами и специфичны как для каждого производства, так и для каждого рабочего места.

**Ключевые слова:** условия труда, процесс труда, работоспособность, отношение к труду, профессиональная деятельность, эффективность труда.

**THE EFFECT OF WORK ENVIRONMENT ON INCREASING THE EFFICIENCY OF HUMAN RESOURCES**

The environment of working place is considered as a factor which can help the organization to achieve more success and also the action of employers can be much more useful. Brightness, sound, music, color and etc… are some issues of this fact. If the employers work in a calm and suitable place, the efficiency of their work will increase. So according to the statistic, pay more attention to the work place and also provide suitable situation for work, the company can obtain more benefit.

**Key words**: organization, efficiency, work place, employer's activity, management, effect, work ship.

**Сведения об авторе:** ***Сахар Сабки*** – соискатель Таджикского национального университета

# НАҚШИ МУДИРИЯТИ МОЛӢ ДАР РУШД ВА ТАВСЕАИ ИҚТИСОДӢ

***Аҳмади Қубодии Алвор***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи озоди исломии Маркази Силсила, Эрон**

Дар соли 1900 мудирияти молӣ як риштаи илмӣ шуд. Аз он замон то кунун вазифаҳо ва масъулиятҳои мудирияти молӣ ҳамвора дастхуши тағйир будааст ва тардиде нест, ки дар оянда низ шоҳиди тағйироти бештаре хоҳад шуд. То соли 1900 мудирияти молӣ ҷузъе аз иқтисоди кор буда, тайи ду даҳа - 1890 ва 1900 чандин ширкати бузурги амрикоӣ дар ҳам идғом шудаанд. 18 ширкате, ки ба дунболи ин идғомҳо ба вуҷуд омадаанд, нисфе аз кулли тавлидоти саноати марбутаро дар даст гирифтанд. Ин идғомҳо ниёзманди сармоягузориҳои гарон буд, аз ин рӯ, мудирияти сохтори сармоя, ки яке аз вазифаҳои муҳимми мудирони аршад ва мудрияти молӣ буд, риштаи хосе аз мудирияти бозоргонӣ шуд. Ҳоло бо таваҷҷуҳ ба ин ки сармоягузорӣ нақши таъйинкунандае дар рушди иқтисодӣ дорад, яке аз ҳадафҳои асосии кишварҳо, дастёбӣ ба рушди иқтисодии пойдор ва тавсеа мебошад. Дар адабиёти иқтисодӣ сармоя ба манзалаи раги ҳаёти як низоми иқтисодӣ талаққӣ шуда ва ташкили он ба унвони муҳимтарин омили таъйинкунандаи рушд ва тавсеаи иқтисодӣ таъкиди зиёде шуд. Мизони рушд ва тавсеаи иқтисодӣ дар гарави анбошт ва баҳраварии иқтисод аст ва ин ду ба чигунагии фароянди сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Дар заминаи рушд ва тавсеаи иқтисодӣ ба муассисоти пулӣ, эътиборӣ ва бозори коғазҳои қиматнок, ки аркони аслии бозорёбии молӣ ҳастанд, метавон ишора кард, ки ин муассисаҳо нақши босазоеро дар таъмини сармояҳои иқтисодӣ ва баҳраварӣ доранд. Бо таваҷҷуҳ ба нақш ва аҳамияти ин ду рукни аслӣ ва бозори молӣ баррасии амалкарди онҳо аз назари иқтисодӣ метавонад масоили мубҳами бисёреро аз манзари иқтисоди калон барои таҳлилгарон равшан кунад, то дар ҳалли мушкилоти кишвар ва таъмини манобеи бештар барои сармоягузорӣ ва тахсиси беҳинаи манобеъ мавриди истифода қарор гирад. Дар ин замина рушд ва тавсеаи иқтисодӣ ба нақши воситагариҳои молӣ дар бозори молӣ таъкиди фаровон шудааст. Воситагариҳои молӣ бо ҷазби пасандозҳо ва таъмини манобеи лозим барои сармоягузорӣ, коҳиши хатари сармоягузорӣ ва мудирияти коғазҳои қиматнок метавонанд таъсири маънодор бар сармоягузорӣ дошта бошанд. Дар ин мақола

бозори молӣ, навовариҳои молӣ ва таъсире, ки ин бозор бар рушди тавсеаи иқтисодӣ асар дорад, баррасӣ мешавад.

Бозорҳои молӣ дорои нақши калидӣ дар таҷҳиз ва ҳидояти вуҷӯҳи мавҷуд дар иқтисод ба самти бахшҳои тавлидӣ ва санъатӣ ва ба табаи он, беҳбуди рушди иқтисодӣ ҳастанд. Тавсеаи иқтисодӣ мусталзами анбошти сармоя аст. Бозори сармоя ба унвони яке аз рукнҳои бозори молӣ нақши босазое дар ҷамъоварии имконоти молӣ ва сармоя ба манзури рушд ва тавсеаи иқтисодии кишварҳо дорад ва ҳамакнун дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон нақши таъмини молӣ, эътибороти мавриди ниёзи бунгоҳҳои иқтисодиро бар уҳда доранд. Дар ин навиштор истидлол хоҳем кард, ки тавсеи молӣ ба таври номутақорин дорои аҳамият мебошанд. Ба гунае ки дар қолаби як кӯмакфанари ҳаётӣ ба пешгирӣ аз инқибосҳои иқтисодӣ ногаҳонӣ кӯмак менамояд, аммо дар ин бисотҳои иқтисодӣ чунин нақшеро ифо намекунад. Аввалин мутолиа барои санҷиши таъсири тавсеаёфтагии молӣ бар рушд тавассути Булд Смит дар соли 1969 сурат гирифт, ки албатта, аз зовияи равишҳои санҷиш ва модели иқтисодсанҷӣ, нақдҳои муҳиме бар он ворид аст ва зимни таваҷҷуҳ ба се вижагии ҷадиди мудирияти молӣ ишора дорад, аз ҷумла:

1. Риштаи нисбатан ҷадид ва аз шохаҳои илми мудирият аст.

2. Бар тасмимгирӣ устувор аст ва аз абзорҳо ва равишҳои таҷзияву таҳлили додаҳо, компютер, иқтисод ва ҳисобдории молӣ истифода мекунад.

3. Бо таваҷҷуҳ ба нақши муҳимми он бар суръати пешрафти ин риштаи илмӣ боз ҳам афзуда хоҳад шуд, то битавонад роҳкушои мудирон.

Бо ин ҳама, ин мутолиа ин суоли муҳимро назди муҳаққиқон ва сиёсатгузорон қарор дод, ки оё байни рушди иқтисодӣ ва тавсеаёфтагии молӣ робитае вуҷуд дорад ва агар вуҷуд дорад, ҷиҳати иллият аз кадом самт аст? Оё бозорҳои молии тавсеаёфтатар боиси иртиқои сатҳи рушд мешаванд, ё баръакс интизор аз рушди иқтисодӣ боиси тавсеаёфтагии бозорҳои молӣ мешавад?

**Таъриф ва мафҳумҳо дар хусуси бозорҳои молӣ. Таърифи бозори молӣ.** Бозори молӣ маконест, ки дар он дороиҳои молӣ мавриди мубодила қарор мегиранд. Албатта, бо печидатар шудани равишҳо ва абзорҳои мубодила дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар бисёре аз мавридҳо вожаи макон маънои саҳеҳе намеёбад. Бар ин асос метавон гуфт, ки бозор ниҳодест, ки дар чаҳорчӯби он анвои мубодилот аам аз мубодилоти маҳсулот, хизматрасонӣ ва дороиҳои молӣ байни арзакунандагон ва тақозокунандагон таҳаққуқ пайдо мекунад. Нақш ва аҳамияти низоми молӣ дар фароянди рушд ва тавсеаи иқтисодии кишварҳо ба суратест, ки метавон тафовути иқтисодии тавсеаёфта ва тавсеанаёфтаро дар дараҷаи коромадӣ ва короии низоми молии онҳо ҷустуҷӯ кард.

**Вижагиҳои асосии бозори молии коромад: Ҳамоҳангӣ бо фарҳанги роиҷи ҷомеа.** Низоми молӣ, ниҳодҳо ва абзорҳои мавриди истифода дар ҳар ҷомеа, дар дараҷаи аввал бояд бо фарҳанги умумии ҷомеа, бавижа бо эътиқодоти динӣ ва мазҳабии он созгор бошад, Зеро дар ғайри ин сурат истимрор ва пойдории лозимро нахоҳад дошт ва батадриҷ аз арсаи мубодилот хориҷ хоҳад шуд.

**Ҳамсӯйи бо ҳадафҳо ва ангезаҳои ширкаткунандагон.** Низоми молии муваффақ бояд ба ҳадафҳо ва ангезаҳои ширкаткунандагон таваҷҷуҳи кофӣ дошта бошад, то битавонад ба суртаи зоянда таваҷҷуҳи ононро ба мушорикат дар низом ҷалб кунад ва равшан аст, ки ин ҳадафҳо ва ангезаҳо дар афроди гуногун ва ҳатто дар як фард мутафовит аст.

**Таносуб бо рӯҳияи ширкаткунандагон.** Ширкаткунандагон дар бозори молӣ аз ҷиҳати рӯҳия ба се гурӯҳ-хатаргурез, хатарпазир ва мутаориф тақсим мешаванд. Соҳибони вуҷӯҳи хатаргурез мекӯшанд бо ниҳодҳо ва муассисаҳое кор кунанд, ки дар замони мушаххас, фоидаи мушаххас ва аз қабл таъйиншудаеро ба онон мепардозад. Ҳарчанд нархи он фоида дар муқоиса бо фоидаи интизории муассисаҳои дигар камтар аст. Дар муқобил соҳибони вуҷӯҳи хатарпазир ба дунболи муассисаҳое ҳастанд, ки дар қиболи таҳаммули хатар ва мухотира фоидаи интизории болоеро ироа мекунанд ва афроди мутаориф бештар аз мавҷуди бозор мутаассир ҳастанд ва ҷиҳатгирии хосе надоранд. Мутақозиёни вуҷӯҳ низ, агар хатаргурез бошанд, дӯст доранд суроғи воситаҳои молӣ биравандд, ки ҳозиранд дар таҳаммули мухотираҳо, бунгоҳи иқтисодиро ёрӣ кунанд. Агар хатарпазир бошанд, ба муомилаҳои қатъӣ алоқа доранд ва тарҷеҳ медиҳанд, ки бо пазириши тамоми мухотирот, кулли судро худашон бардоранд. Мутақозиёни мутаориф ба таври маъмул таркибе аз анвои абзорҳои таъмини молиро бармегузинанд. Низоми молии комил бояд бо тарроҳии муассисаҳо ва абзорҳои мутанаввеъ посухгӯйи рӯҳия ва ниёзҳои муштариён бошад.

**Қобилияти интибоқи бозорҳои молии байналмилалӣ.** Гарчи нигаронии аслии бозори молӣ татобуқ бо фарҳанг, ҳадафҳо, ангезаҳо ва рӯҳияи ширкаткунандагони дохилӣ аст, бо пешрафти бозорҳои молии байналмилалӣ ва густариши иртиботот ва ҳамкориҳои фаромиллӣ наметавон ба бозори молӣ басанда кард. Бояд дар тарроҳии ниҳодҳо ва абзорҳо ҳадди аксари диққат ва зарфиятро ба кор бурд, то дар ҳангоми лузум чи дар тарафи арзаи сармояи нақдӣ ва чи дар тарафи тақозо битавон бо бозорҳои молии байналмилалӣ таомул кард.

**Мазоёи бозорҳои молӣ:**

- Дар шароити равнақи бозорҳои молӣ чараёне аз бозори пул ба тарафи бозори сармоя ба вуҷуд меояд.
- Бозорҳои молӣ дар сурати амалкарди дуруст метавонанд асари мусбат ва қобили мулоҳизае бар рӯйи мутағайириҳои калони иқтисодӣ дошта бошанд.
- Бозори молӣ сармояҳоро барои сармоягузорӣ дар фановарӣ омода мекунад. Бозорҳои молӣ аз як тараф бо таъмини пули мавриди ниёзи корофарин ба рушди фановарӣ ва тиҷоришудан кӯмак карда, аз тарафи дигар, ташвиққунандае барои сармоягузорони кӯчак барои сармоягузорӣ дар ин фурсатҳо ҳастанд.
- Бозорҳои молӣ дар заминаи фурсатҳои сармоягузорӣ иттилоот эҷод мекунанд.
- Бозорҳои молӣ нақши назоратии қавитаре барои ширкатҳои бузург фароҳам месозанд. Бозорҳои молӣ бо умумӣ кардани иттилоот, ташвиқи ширкатҳои муваффақ ва танбеҳи ширкатҳои зиёндеҳ нақши назоратии қавиеро ифо мекунанд, ки аз бисёри системаҳои назорати бюрократӣ муассиртар амал мекунанд. Бо таваҷҷуҳ ба набудани тақорумҳои иттилоотӣ, ки дар бозорҳои молӣ вуҷуд дорад ва боис мешавад, ки муассисоти вомдиҳанда иттилооти кофӣ аз кайфияти ширкати вомгиранда надошта бошанд, нақши бозорҳои молӣ таъсири муҳиме дар коҳиши шикастҳои бозор дар бахши вом ва эътиборот ифо мекунад.
- Бозорҳои молӣ хатари сармоягузориро тақсим мекунанд. Агар сармоягузорон маҷбур бошанд, ки худашон дар лоиҳаҳо сармоягузорӣ кунанд, қудрати танаввӯъсозии онҳо ба шиддат коҳиш меёбад, ҳол он ки нақдинагии болотар дар бозори саҳом ва имкони хариди сабади мутанаввеъ аз саҳом ин имконро фароҳам месозад, то сармоягузорон дар баробари хатари ширкат худро ҳифз кунанд.

**Вазифаҳои бозори молӣ.** Олимони илми мудирият, мудирияти молиро дониш ва фанни таъмин ва корбурди вуҷӯҳ барои расидан ба ҳадаф ва ё дониш ва илми идораи пул таъриф кардаанд. Ҳоло метавон гуфт, ки бозори молӣ вазифаҳоеро бар ухда дорад, ки иҷрои дурусти он тахсиси беҳинаи манобеъро ба дунбол дорад. Ба тавре ки ин вазифаҳо нақши таъйинкунандае дар рушд ва тавсеаи иқтисодӣ доранд. Ин вазифаҳо иборатанд аз:

- воситаи молӣ вазифаи хатир, пурҳазинаю замонбар, арзёбии мудирони бунгоҳҳо ва тарҳҳоро анҷом медиҳанд;
- низоми молӣ иқдом ба таҷҳизи манобеъ аз пасандозҳои кӯчак ва пароканда барои ҳидоят ба самти бунгоҳҳо ва тарҳҳое, ки номи иқтисодӣ бар рӯйи онҳо гузошта шудааст;
- воситаҳои молӣ ва мушорикаткунандагон дар бозор заминаи идора ва назорати ширкатҳову бунгоҳҳо ва мудиронро фароҳам мекунанд;
- низоми молӣ тиҷорат ва мубодиларо осон мекунад;
- низоми молӣ хатарро қиматгузорӣ карда, механизми идғом ва назоратро фароҳам мекунад.

**Ангезаҳои нававарии молӣ.** Нававарӣ дар бозорҳои молӣ ва муаррифии абзори ҷадид таъсири мусбате бар короии бозорҳои молӣ дорад. Ду ақидаи ифротӣ дар бораи нававарии молӣ вуҷуд дорад. Гурӯҳе муътақиданд, ки муҳимтарин ангезаи нававарӣ талош барои гурез аз муқаррарот ва ёфтани сурох дар қонунҳои молиётӣ аст. Дар қиболи ин ақида гурӯҳи дигаре эътиқод доранд, ки ҷавҳари нававарӣ муаррифии абзорест, ки барои тавзеҳи муҷаддади хатар дар миёни мушорикаткунандагон дар бозор короии бештаре дорад. Дастаи дигар муътақиданд, ки омилҳои барангезонандаи нававарӣ иборатанд аз ақидаҳо, зеҳн ва рақобат. Дарвоқеъ, агар амали ғоиби нававарии молиро дар назар бигирем, мавридҳои зер бештарин аҳамиятро доранд:

- афзоиши тағйирпазирии нархи баҳра, коғазҳои қиматнок, нархи мубодила ва дар натиҷа муаррифии абзорҳо ва стратегияҳо барои тавзеҳи муассири хатар;
- пешрафт дар иртиботи роҳи дур бо технологияи компютер;

- печидагии бештари корҳо ва омӯзиши илмии мушорикат-кунандагони ҳирфаии бозор;

- рақобат миёни воситаҳои молӣ;

- вуҷуди ангеза барои гурез аз муқаррарот ва қонунҳои молиётӣ;

- тағйири намунаҳои ҷаҳони сарват.

**Робита байни сиёсати як кишвар ва рушди иқтсодии он.** Мутолиоти Динк дар байни 21 кишвари дар ҳоли тавсеа нишон медиҳад, ки сиёсатмадрон аз нуфузи сиёсии худ дар бонкҳои давлатӣ ҷиҳати истифода аз манобеи бонкҳои давлатӣ барои ҳадафҳои муборизоти интихобии худ истифода мекунанд. Ӯ дар мақолаҳои худ нишон медиҳад, ки мизони вомҳо дар замони интихобот, бахусус дар минтақаҳо ва шаҳрҳои сарнавиштсоз ва муассир дар тағйири натиҷаҳои интихобот афзоиш пайдо мекунад, ки дар ағлаби ин мавридҳо ин навъ вомҳо ҳатто бо адами бозпардохти аслии вом ба бонкҳо низ ҳамвора ҳастанд. Ин шароит метавонад ҳазинаҳои молии зиёд ба давлат таҳмил кунад ва бухронҳои бонкиро дар давраҳои баъд ба ҳамроҳ дошта бошад.

**Робита байни хусусисозӣ ва рушди иқтисод.** Яке аз шохисҳои тавсеаёфтагии бозорҳои молӣ эътибор ба бахши хусусӣ ба тавлиди нохолиси дохилӣ аст. Агарчи ироаи тасҳилот ба бахши хусусӣ барои рушди иқтисодӣ ва коҳиши факр аз аҳамияти хосе бархурдор аст, аммо ин шохис худ ба танҳоӣ як мутағайири сиёсатгузорӣ нест ва бузург будани ин нисбат аслан ба маънои беҳтар будани он нест. Зеро рушди сареъ дар пардохти таҳсилот ба бахши хусусӣ, агар бо зерсохтҳои калони иқтисод, чорчӯби ҳуқуқии қарордодҳо ва мабонии дастёбӣ ба иттилоот ҳамоҳангӣ надошта бошад, имкони вуқӯи бухронҳои молӣ ва бурузи ихтилолот дар низоми бонкӣ дур аз интизор нахоҳад буд. Таҷрибаҳои бисёре аз кишварҳо дар се соли гузашта ин иддаоро таъкид мекунад.

**Натиҷагирӣ**. Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки тавсеаи бозори молӣ, яке аз калидҳои дастёбӣ ба рушди баландмуддати иқтисодӣ аст. Бозори молӣ дар сурате метавонад мунҷар ба рушди иқтисодӣ шавад, ки битавонад заминаи муносиб ҷиҳати тахсиси беҳинаи манобеъро фароҳам сохта, сабаби афзоиши короии сармоя шавад. Рушди ғайри таварруми баландмуддати иқтисодӣ, афзоиши тавлид ва иштиғол, ниёзманди таҷҳизи молӣ ва тахсиси беҳинаи онҳо дар иқтисоди миллӣ аст. Ин муҳим бо кӯмаки бозорҳои молии созмонёфта ва коромад, ки дар он танаввӯи абзорҳои молӣ, фазои рақобатӣ ва шаффофияти иттилоот вуҷуд дорад, муяссар хоҳад буд, зеро коромадии бозори молӣ мусталзами равонсозии муомилот ва афзоиши нақдинагӣ ва фароҳам намудани шароити мудирияти хатар аст ва ин муҳим мебоист дар тадвини сиёсатҳои калони қтисодӣ, ки тавсеаи молиро ба унвони ҳадаф мадди назар дорад, мавриди таваҷҷуҳи сиёсатгузорон қарор диҳад. Бинобар ин, эҷоди як бахши бонки дохилии мутамарказ ва асосӣ як авлавият барои бозорҳои навзуҳур ва дар ҳоли тавсеа ба ҳисоб меояд, зеро як бахши бонкии мутамарказ на танҳо дар пешгирӣ аз коҳишҳои ногаҳонии тавлид кӯмак мекунад, балки аз коҳиши баландмуддати нархҳои рушд, ки ба воситаи ҳамин коҳиши тавлид эҷод мешавад, низ мамоният ба амал хоҳад омад.

## АДАБИЁТ


1. Эҳсони Муҳаммадалӣ. Воситаҳои молӣ ва рушди иқтисодӣ дар Эрон / Эҳсони Муҳаммадалӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишкадаи улуми бонкӣ, 1383. – С. 1-20.
2. Эҳсони Муҳаммадалӣ. Моҳият ва вазифаҳои воситаҳои молии бонкӣ ва шакли бонкӣ / Эҳсони Муҳаммадалӣ // Маҷаллаи Донишгоҳи Имом Содиқ. –Теҳрон, 1382. – С. 1-23.
3. Бурунмардфар Парасту. Ҷаҳонишудан ба бозорҳои молӣ / Бурунмардфар Парасту // Моҳномаи «Тадбир», 1387.- №193. –С.56.
4. Беҳкиш Меҳдӣ. Эрон ва шароити ҷадиди ҷаҳонишудан / Беҳкиш Меҳдӣ. Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ. –Теҳрон, 1387. -С48.
5. Бекдилӣ Алӣ. Ҷаҳонишудани фурсатҳо ва таҳдидҳо / Бекдилӣ Алӣ // Рӯзномаи «Кайҳон», 1387. – С.


## РОЛЬ ФИНАНСОВОГО МЕНЕДЖМЕНТА В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ


Финансовый менеджмент представляет собой важную часть менеджмента и означает управление денежными средствами, финансовыми ресурсами в процессе их формирования, распределения и использования с целью получения оптимального конечного результата. Финансовый менеджмент направлен на управление финансово-хозяйственным функционированием на основе использования современных методов и является одним из ключевых элементов всей системы современного управления, имеющим особое, приоритетное значение для сегодняшних условий экономики. В данной статье автор рассматривает роль финансового менеджмента в развитии банковской сферы.



**Ключевые слова:** финансовый менеджмент, управление финансово-хозяйственным функционированием, развитие банковской сферы.

**THE ROLE OF FINANCIAL MANAGEMENT IN THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY**

Financial management is an important part of the management and mean cash management, financial resources in the process of their formation, distribution and use to obtain optimum results. Financial management aims to control the financial and business operation on the basis of use of modern methods and is one of the key elements of the whole system of modern management, with special priority for the present conditions of economy. In this paper the author examines the role of financial management in the development of the banking sector.

**Key words:** financial management, the financial and business operation, development of the banking sector.

**Сведения об авторе:** ***Ахмад Кубоди Алвор*** - соискатель Таджикского национального университета,. член научного состава Свободного исламского университета Центр Силсила, Иран

# НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРОИ ЭРОН

***Ризо Аббосипур Низомобод***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Нақш ва аҳамияти геоэкономикӣ, геополитикии Осиёи Марказӣ дар қарни XXI бар ҳеҷ кишвар ё қудрате пӯшида нест. Бахусус, пас аз таҳаввулоти 11 сентябри 2001 ва таъсире, ки ин таҳаввулот дар муодилоти қудрат дар ҷаҳон гузошт, аз он ҷо ки қудрати таъсиргузорӣ дар низоми ҷаҳонӣ ба сӯйи чархаҳои иқтисодӣ мутамоил шуд, ин минтақа ба лиҳози геоэкономикӣ беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳи бозингарони минтақавӣ ва фароминтақавӣ қарор гирифтааст. Эрон ба унвони яке аз бозингарони муҳими минтақаӣ ва ба лиҳози мавқеияти ҷуғрофиёии бартари худ дар садади нуфуз ва таъсиргузорӣ бар кишварҳои ин минтақа баромадааст, ки дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ Тоҷикистон ба лиҳози доштани таърих, тамаддун, фарҳанги муштарак, забони муштарак ва ба далелҳои воқеъ шудан дар қалби Осиёи Марказӣ аҳамияти дучандон, бахусус аз лиҳози геополитикӣ барои Эрон дорад.

Таҳаввулоти сареъ дар арсаи рақобатҳои ҷаҳонӣ ва таваҷҷуҳи рӯзафзуни минтақаҳое аз ҷаҳон, ки дорои тавонмандиҳои иқтисодӣ ҳастанд, ин минтақаҳоро дар ҷаҳон муҳимтар ва бо ҷойгоҳи геоэкономикӣ қарор додааст. Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои бикр ва дастнахӯрдае буд, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ақибнишинии нисбии Русия аз ин сарзаминҳо барои вуруди бозингарон ва қудратҳои бузургу кӯчаки маҳаллӣ ва фаромаҳаллӣ ба ин минтақа аҳамияти хосе пайдо кард ва бозии бузургеро, ки дар қарни XIX байни Русия ва Англия дар ин минатқаҳо ҷорӣ буд, ба шакли ҷадид ва печидатаре эҳё сохт, ки аз он ба унвони бозии бузурги ҷадид ном бурда мешавад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ, шомили Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мебошад. Ҳарчанд ба лиҳози геоэкономикӣ Қазоқистон ва Туркманистон ба лиҳози доштани манобеи бузурги нефт ва газ ва потенсиалҳои иқтисодии дигар муҳимтар ҷилва мекунад, вале ба лиҳози мавқеияти сарзаминӣ ҳар кадом аз ин ҷумҳуриҳо нақшу аҳамияти хоси худро доранд, ки гузашта аз тавонмандиҳои мухталифи иқтисодӣ – сиёсӣ ба лиҳози фарҳангӣ ва таърихӣ ба навъе бо кишварҳои кунунии минтақа сохтори мушобеҳе доранд. Ин кишварҳо, ки бештар туркзабонанд ба ғайр аз Тоҷикистон пайвандҳои зиёди фарҳангӣ бо Туркия ба унвони як қудрати минтақавӣ доранд. Баъзан Чин ба лиҳози наздикии сарзаминӣ ва доштани забон ва таърихи муштараки баъзе аз вилоятҳои ғарбии он ва Русия низ ба лиҳози тасаллути чандинсола бар ин ҷумҳуриҳо, ривоҷи фарҳанги русӣ ва вуҷуди рустаборҳо дар ин ҷумҳуриҳо, ки гоҳе то 35% (Қазоқистон) мерасад, пайвандҳое бо ин кишварҳо доранд. Илова бар ин, рақобатҳои маъмулии иқтисодӣ ва сиёсӣ, рақобатҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ низ барқарор аст. Тоҷикистон кишвари форсизабони минтақа буда, бо решаҳои куҳани таърихӣ ва фарҳангӣ, ҳатто иштирокоти тамаддун ва ҳукумат бо Эрон дар қалби Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи хосеро барои Эрон дорад. Ҳарчанд дар канори ин геополитика набояд аз зарфиятҳо ва потенсиалҳои ихтисосии Тоҷикистон низ ғофил буд. Оё Тоҷикистон фақат арзиш ва аҳамияти фарҳангӣ барои Эрон дорад ва ё ин ки дар густариши робитаҳои ду кишвар ба ҷанбаҳои дигар ҳам таваҷҷуҳ дошта бошем ва дар садади тавҷеҳ ва посух ба ин масъала ҳастем, ки оё Эрон метавонад дар канори геополитикаи ин кишвар ба ҳадафҳои геополитикӣ ва геоэкономикии мавриди алоқаи худ даст ёбад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо бо чӣ душвориҳо ва рақобатҳое аз тарафи худи Тоҷикистон ё бо соири қудратҳои мавҷуд дар минтақа мувоҷеҳ аст ва чӣ гуна метавонад ин таҳдидҳоро ба фурсат табдил кунад.

**Равиши таҳқиқ.** Ин пажӯҳиш китобхонаӣ ва майдонӣ будааст, ки мубтанӣ бар асноду мадорик, ҷумлаҳои тахассусӣ, ёфтаҳои муҳаққиқини пешин, ҷамъбандии мушоҳидот ва ҳузури банда ба унвони донишҷӯйи давраи докторӣ дар кишвари Тоҷикистон, мебошад, ба сурати хулоса ва ҷамъбандӣ ироа мешавад.

**Таҳлиле бар мавқеияти геополитикӣ ва геоэкономикии Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мавқеияти ҷуғрофиёии Тоҷикистон ки дар ҷануби шарқии Осиёи Марказӣ қарор дорад ва доштани марзи муштарак бо Чин, Афғонистон ва наздикии он ба Покистону Ҳиндустон ва иштирокоти фарҳангӣ ва таърихӣ бо Эрон ва кишварҳои дигари ин ҳавза, муҷиб шуда, ки ин ҷумҳурӣ дарвозаи Осиёи Марказӣ ба ин кишварҳо маҳсуб шавад ва аз он ҷо ки Русия камокон кишварҳои Осиёи Марказиро ҳаёти хилват ва ҳарими амниятии марзҳои ҷанубии худ талаққӣ мекунад, вуҷуди ақаллияти рус дар ин ҷумҳурӣ аз дигар омилҳои таваҷҷуҳи Русия ба Тоҷикистон аст. Бархурдорӣ аз дарёҳои мутааддид ва ғанӣ, ки қобилияти зиёде дар таъмини энергия доранд, аз ин ҳайс дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ Тоҷикистон аз қудрати гидрополитикии зиёде бархурдор аст. Ҳамчунин вуҷуди манобеи дигар ва маъданҳои табиӣ, бахусус уран (14% аз захираи урани ҷаҳон) барои нерӯгоҳҳои атомии Русия ва кишварҳои минтақа аҳамияти зиёде дорад ва ҳамчунин вуҷуди корхонаҳои тавлиди силоҳҳои ҳастаӣ дар хоки Тоҷикистон аҳамияти хосе ба ин ҷумҳурӣ медиҳад. Ба далели корбурди густардаи энергияи ҳастаӣ дар кишварҳои ҷаҳон ва коҳиши захираҳои муҳимми маъданҳои урани ҷаҳон, бахусус Африкаи Ҷанубӣ, ки дар ҳоли итмом аст, нақш ва ҷойгоҳи урани Тоҷикистон, ки дар Помир воқеъ шудааст, аҳамияти стратегии зиёде пайдо мекунад ва дар қарни XXI доштани захираҳои уран (14-15% уран) Тоҷикистонро ба унвони як қудрати манобеи энергӣ дар оянда табдил хоҳад кард. Бо таҳаввулоти ҷадид дар Афғонистон ва ҳаммарз будан бо ин кишвар, боиси ҳузури нерӯҳои расмии бисёр муҷаҳҳаз барои ҳифозат аз ин марзҳо дар Тоҷикистон мустақар ҳастанд. Бузургтарин пойгоҳи мушакии Русия дар Помир мустақар аст, ки минтақаҳои стратегии зиёде, аз ҷумла нимҷазираи Арабистон ва Халиҷи Форс бо нимҷазираи Ҳинд ва Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Хазарро дар тирраси худ қарор доранд ва наздикӣ бо Чин ба ин кишвар низ далели табдил шудан ба абарқудрати ҷаҳон, рақобати кишварҳои муҳим ва бузурги минтақаро барангехтааст. Вуҷуди нерӯҳои НАТО ва кишварҳои ғарбӣ дар Ироқ ва Афғонистон, ҳавзаи Халиҷи Форс ва Хазар аз нақши бисёр барҷастаи геостратегии Тоҷикистон дар минтақа пай мебарем.

Ба ғайр аз масоили стратегӣ, баҳрагирии сулҳомез аз захираҳои урани Тоҷикистон дар оянда метавонад ба бузургтарин содиркунандаи урани ҷаҳон табдил шавад ва даромадҳои саршори зиёде насиби ин кишвар шуда, заминасози пешрафт ва тавсеаи иқтисодии ин кишвар ва минтақа хоҳад шуд. Дар поён метавон ба нақши транзитии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ба лиҳози ҳамлу нақли маҳсулотҳо ва энергия барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бештари онҳо муҳот дар хушкӣ мебошанд, ишора кард, ки аҳамияти зиёде дар тавсеаи иқтисодии ин кишвар ва кишварҳои ҳамҷавор дорад.

**Ҷойгоҳ ва мавқеияти геополитикӣ ва иқтисодии мутақобили Эрон ва Тоҷикистон.** Ҷойгоҳи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ барои раҳоӣ аз вобастагӣ дар заминаи ҳамлу нақл ва иртибот ба Русия дар канори ноамн будани масири Афғонистон ба сабаби ҷангҳои дохилии ин кишвар ва низ иртифооти саъбулубур (ғайриқобили убур) дар марзҳои муштараки Осиёи Марказӣ бо Чин мавқеияти хосе барои Эрон дар дастрасии сареътари ин кишвар ба уқёнуси Ҳинд, бозорҳои масраф дар Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Аврупо матраҳ сохтааст. Ба ин тартиб яке аз омилҳои муҳим дар робитаҳои Эрон ва Тоҷикистон баста будани ин ҷумҳурӣ дар хушкӣ ва истифода аз масири Эрон барои дастёбӣ ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аст. Чаро ки хусусияти ҷуғрофиёии Эрон беҳтарин ва босарфатарин масирро дар ин замина ироа менамояд.

Агарчи мавқеияти геополитикии Эрон метавонад барои ҳузури Тоҷикистон дар арсаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муассир бошад, аммо вазъияти мавҷуди иқтисодӣ ва масоили мубтало ба он дар Тоҷикистон то ба ҳол натавонистааст интизороти мавриди назарро ҳосил намояд. Вале дар оянда бо талошҳое, ки давлати Тоҷикистон барои густариши мубодилоти тиҷории худ бо кишварҳои мухталиф оғоз кардааст, ин мушкилот ва норасоиҳоро бартараф хоҳад намуд.

Бо фурӯкаш кардани ҷангҳои дохилӣ ва суботи нисбии вазъяити амниятии ин кишварҳо фурсати бештаре барои сарусомон донад ба иқтисоди баҳамрехтаи худ пайдо кардааст. Беш аз ҳама давлати Тоҷикистон талош мекунад, ки аз вобастагии

иқтисодӣ ва транзитии худ ба Ӯзбекистон бикоҳад, то аз ин тариқ битавонад фурсати нуфузи ин кишварро бар умури дохилии худ коҳиш диҳад. Ошкор аст, ки бо таваҷҷуҳ ба иштирокоти наздики Эрон ва Тоҷикистон мавқеияти геополитикӣ ва иқтисодии Эрон метавонад дар ин робита низ муфид воқеъ шавад. Ба таври кулӣ, робитаҳои иқтисодӣ – тиҷории Эрон ва Тоҷикистон ба сурати билқувва дорои фоидаҳои зиёде барои ду кишвар мебошад, аз ҷумла метавон ба нуқтаҳои зер ишора намуд:

1. Наздикии ҷуғрофиёӣ.
2. Бархурдорӣ аз манобеи энергия барои тавлиди маҳсулотҳои восита ва ё масрафӣ.
3. Таҷриба ва маҳоратҳои фаннӣ дар заминаи иктишофот, тавлид ва полоиши нефт ва газ.
4. Тавоноии Эрон дар тавсеаи майдонҳои нефту газ ва ҳамкорӣ дар бахшҳои марбута.
5. Ҳамкории нефт ва газ дар чаҳорчӯби созмони ЭКО.
6. Ҳамлу нақли муносиби дарёӣ.
7. Тавлидоти муштарак.
8. Эҷоди таъсисоти зербиноии муштараки нефту газ.

Бо таваҷҷуҳ ба фаъолиятҳои густардаи ширкатҳои мухталифи нефтӣ ва ғайринефтӣ аз кишварҳои рақиби Эрон ва дар канори он рушд ва тавсеаи пантуркизм ва ҳимояти Ӯзбекистон аз ин гуна тафаккуроти қавмгароёна, дарки тақобули Эрон ва Тоҷикистон ва эъмоли сиёсатҳои воқеъбинона ва амалгароёна ба дур аз танишҳои қавмӣ ва мазҳабӣ ва бо таъкид бар таъриху фарҳанг ва забони муштарак, метавонад робитаҳои ду кишварро дарростои сулҳ ва оромиш қарор диҳад.

Аҳамияти геополитики муносибатҳо байни Эрон ва Тоҷикистон. Имрӯз тоҷикон ҳамзамон бозёбии ҳуввияти хеш, равобит бо ҳамзабонони худро дар Эрон ва Афғонистон барқарор мекунанд. Равшанфикрони тоҷик ҳатто қабл аз истиқлол дар давраиислоҳоти Горбачев ҳам ниҳодҳои фарҳангии мутааддидеро барои ҳуввиятёбӣ бунёд ниҳодаанд. Бунёди фарҳанги Тоҷикистон бо раёсати хонуми Гулрухсор Сафиева ва бунёди забони форсӣ ва тоҷикӣ аз ҷумлаи марказҳое ҳастанд, ки дар солҳои охир таъсис шудаанд. Ҳадаф аз таъсиси онҳо тарвиҷи забону адабиёти форсӣ ва ҳамчунин тармими ёдгориҳо ва одоби таърихӣ, эҳёи номҳои куҳан, эҳёи суннатҳои фарҳангӣ, аз ҷумла маросими Наврӯз, ҷашни Меҳргон ва ҷашни Сада будааст. Дар ҳамин росто нашрияҳои фарҳангии зиёде ба забони форсӣ интишор ёфтанд, ки аз ҷумла метавон ба маҷаллаҳои «Сомон», «Пайванд» ва ғайра ишора кард. Эълом ва тасвиби парҳез аз исмгузории арабӣ ва исломии тоҷикон ва таъкид бар асомии бостонӣ ва таърихӣ аз ҷумлаи иқдомоти давлат ва миллати Тоҷикистон ва заминаҳои бозгашт ба ҳуввияти худ ва иштирокоти фарҳангӣ бо Эрон (бостон) ишора кард.

Тоҷикистон ба унвони яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ вазъияти комилан шабеҳ ба Арманистон дар Қафқоз дорад. Дарвоқеъ бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистонро иҳота кардаанд туркзабон ҳастанд, тоҷикон Эронро ба унвони ватани фарҳангии худ ба ҳисоб меоваранд.

Ба иллати иштирок дар забон, фарҳанг, дин ва мероси фарҳангӣ ва таърихи муштарак ба сӯйи Эрон рӯй овარданд ва хостори эҳёи ҳуввияти фарҳангии худ ҳастанд. Барои ҳамин барқарории робитаҳо бо Эрон нисбат ба соири кишварҳо дар садри зеҳнҳои мардуми Тоҷикистон қарор дорад. Албатта, дар мавриди раванди робитаҳои ду кившар таъбирҳои мутафовите вуҷуд дорад. Бо ин ҳол тардиде нест, ки муҳимтарин далели ҳамгироии ин кишвар бо Эрон масоили геополитикии он бо кишварҳои турки минтақа ва Русия мебошад. Бинобар ин, ин кишвар дар Осиёи Марказӣ ҳамон нақши Арманистон дар муқобили Озорбойҷон дар Қафқозоро дар муқобили кишварҳои Туркия ва Русия барои Эрон анҷом медиҳад.

Эрон бо таваҷҷуҳ ба тавонмандиҳо ва потенсиалҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, низомӣ, ҷуғрофиёӣ ва мавқеиятҳои геополитикии он, яке аз кишварҳои бисёр муҳимми минтақа ба ҳисоб меояд ва дар Осиёи Марказӣ низ ба далели мавқеияти стратегӣ, аҳамият ва ҷойгоҳи геополитикӣ ва геоэкономикии зиёде барои Эрон дорад. Дар миёни кишварҳои ин минтақа Тоҷикистон, ки дар маркази ин минтақа қарор гирфтааст, барои Эрон ҷойгоҳи хосе дар муносибатҳои худ бо ин кишвар дорад. Илова бар нақши иртиботӣ ва мувосилотии мутақобили Эрон ва Тоҷикистон робитаҳои тиҷорӣ ва иқтисодии Эрон бо кишварҳои ин минтақа ҳамвора тахти таъсири воқеиятҳои геополитикии минтақа қарор гирифтааст. Ҳамчунон ки дар баррасиҳои мавҷуд ишора кардем, Тоҷикистон илова бар аҳамияти иқтисодӣ ва

тиҷорӣ ва донистани заминаҳои зиёде ва ҳамкориҳои илмӣ, фаннӣ ва зербиноӣ ба лиҳози фарҳангӣ барои Эрон аҳамияти дучандоне дорад, зеро тоҷикон ҳам Эронро ба унвони ватани фарҳангии худ медонанд, ки дар садади эҳёи ҳуввияти фарҳангии худ ҳастанд. Дар ин миён муносибатҳои Эрон ва Тоҷикистон метавонад дар суръат ва умқ бахшидан ба ин таҳаввулот нақши муассиртаре дошта бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Баҳирoӣ Ҳамид. Ҷуғрофиёи кишварҳои ҷаҳон (Тоҷикистон) / Баҳироӣ Ҳамид. Созмони ҷуғрофиёи нерӯҳои мусаллат, 1388.
2. Иззати Иззатуллоҳ. Ҷузваи дарсии давраи докторӣ (минтақаҳои стратегии ҷаҳон) / Иззати Иззатуллоҳ. –Теҳрон: Донишгоҳи озод воҳиди улуми таҳқиқот, 1389.
3. Ҳасанниё Сайидмуҳсин. Нақши фарҳанг дар робитаҳои Эрон ва Тоҷикистон: поённомаи коршиносии аршади улуми сиёсии донишгоҳи Теҳрон / Ҳасанниё Сайидмуҳсин, 1375.
4. Воизи Муҳаммад. Миёнҷигарӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломӣ бо баррасии нақши Эрон дар ҳалли буҳрони Тоҷикистон: поённомаи коршиносии аршади улуми сиёсӣ / Воизи Муҳаммад. Донишгоҳи Теҳрон, 1376.
5. Оғозода Ғуломризо. Ҷумҳурии Исломии Эрон ва ҳамкории минатқавӣ дар заминаи нефт ва газ / Оғозода Ғуломризо // Маҷаллаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, 1373. -№8.
6. Иброҳимов. Робитаҳои Эрон ва Тоҷикистон дар даҳаи 1990: поённомаи коршиносии аршад / Иброҳимов. –Теҳрон: Донишкадаи ҳуқуқ ва улуми сиёсӣ, 1382.
7. Рузномаи ахбор, 1370. -С. 34.
8. Мунтазами Рӯъё. Китоби сабзи Тоҷикистон / Мунтазами Рӯъё. –Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалии вазорати хориҷӣ, 1374.
9. Абу Альхоссейн Ширази. Обновление большой игры в Центральной Азии / Абу Альхоссейн Ширази, Хабиб Але // Ежеквартальное издание «Политические науки». Весна, 1386. -№2.
10. Набор статей и дискуссии относительно Афганистан и Центральная Азия / Испаполов Бартолод, Баникес Александр [и др.]. –Тегеран: Издательство «Каве Баят», 1376. -Выпуск 1.. Отдел культурных исследований.
11. Кулаи Альха. Новая большая игра в Центральной Азии / Кулаи Альха. –Тегеран: Отдел политических и международных исследований, 1384. -Выпуск 1.
12. Муради Манучехр. Перспективы сотрудничества между Ираном и Европейским Союзом в обеспечении стабильности и безопасности на Южном Кавказе / Муради Манучехр, 1385.
13. Jackson Alexander. China and Cenral Asia / Jackson Alexander Caucasian Review of International Affairs, Tuesday 19 may 2009. -№.33
14. Liwis David. The dynamics of regime change: domestic and international Factors in th Tulip Revolution central Asia survey / Liwis David, 2008 September – December. – vol 27. -№304.
15. Tazhin Marat. The Geopolitical Role of the Main Golbal players in central Asia / Tazhin Marat // American foreign policy Interest, 2008 March April. - vol 30. Issue.


**РОЛЬ И МЕСТО ТАДЖИКИСТАНА В СРЕДНЕЙ АЗИИ ДЛЯ ИРАНА**


Таджикско-иранское взаимодействие, как в рамках двусторонних взаимоотношений, так и в рамках регионального многостороннего сотрудничества являются многогранными и актуальными. и требуют всестороннего, тщательного и конкретного изучения и исследования. Иран может выработать один из оптимальных вариантов взаимного сотрудничества, как в социально-экономических, так и в политических областях. Данная статья рассматривает данную проблему.



**Ключевые слова:** Иран, Таджикистан, таджикско-иранское взаимодействие, сотрудничество, развитие двусторонних отношений.


**THE ROLE AND PLACE OF TAJIKISTAN IN CENTRAL ASIA TO IRAN**


Tajik-Iranian interaction, both bilateral relations and in the framework of regional multilateral cooperation are many and important. and require comprehensive, thorough and specific study and research. Iran can develop one of optimum variants of mutual cooperation, as in the socio-economic and political areas. This article considers the problem.



**Key words:** Iran, Tajikistan, the Tajik-Iranian interaction, cooperation, development of bilateral relations.



**Сведения об авторе:** ***Ризо Аббосипур Низомобод –*** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# АНВОИ МОДЕЛҲОИ КОРОФАРИНӢ


***Амирмуҳсини Растегор***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Талоши муҳаққиқин дар ироаи моделҳои корофаринӣ бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои рӯйкарди рафторӣ ва руйкарди вижагиҳо ва таорифи корофаринӣ анҷом мегардад. Дарвоқеъ метавон ду даста моделро ироа намуд: моделҳои муҳтавоӣ ва моделҳои фарояндӣ (content models).

**Моделҳои муҳтавои корофаринӣ.** Кулли талошҳои муҳаққиқин дар хусуси мутолиаи равиши вижагиҳо, ки муҷиби шиносоии хусусиёти фардӣ ва шахсии афрод мегардад, ҷузъе аз ин табақабандӣ маҳсуб мегардад. Он чи ки мебоист мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад ин аст, ки ҳадафи муҳаққиқин дар равиши вижагиҳо ва моделҳои муҳтавоӣ ёфтани як чаҳорчӯби равоншиносона ва ироаи таърифи корофаринӣ бар мабнои вижагиҳои фардӣ будааст, ки бо таваҷҷуҳ ба маҳдудияти таҳқиқот дар пардохтан ва изҳори назари қатъӣ роҷеъ ба ин вижагиҳои фардӣ, ироаи модели муҳтавои фарогир ҳамвора ноқис мондааст. Бар ин асос муҳаққиқин ба ҷойи пардохтан ба равиши вижагиҳо ба равиши рафторӣ ва моделҳои фарояндӣ рӯй овардаанд.

**Моделҳои фароянди корофаринӣ.** Моделҳои фарояндӣ шомили ду дастаи аслӣ аз моделҳо мебошанд:

**Модели фароянди рӯйдодӣ.** Дар ин дидгоҳ корофаринӣ фарояндест, ки дар он фард кулли фаъолиятҳои корофаринонаро барномарезӣ, иҷро ва назорат менамояд. Илова бар ин, дар ин байн мафҳумҳое вуҷуд доранд, ки бар ҳар рӯйдод дар фароянди корофаринона таъсир мегузоранд. Тарафдорони ин дидгоҳ муътақиданд, ки бар ивази бархе авомили мухитӣ ва таъсири он бар фард, нақши бисёр таъсиркунанда дар тасмими вай ба корофарин шудан, дорад. Дар идомаи баррасӣ муҳимтарин дидгоҳҳо пардохта мешавад.

**1. Модели руйдодии Алберт Шопиру (1975).** Алберт Шопиру устоди донишгоҳи иёлоти Аява пешниҳод дод, ки пеш аз он ки бар фарди корофарин тамаркуз сурат гирад, бояд ба рӯйдоди корофарин –Enterpreneur event таваҷҷуҳ нишон дод, Зеро чунин дидгоҳе кулли мушкилоти марбут ба таорифи корофаринро канор мегузорад. Дар ин замина ӯ баён медорад, ки рӯйдоди корофаринӣ дарбаргирандаи мавориди зер аст:

- Ибтикор: як фарде ё гурӯҳе ибтикориро анҷом медиҳад.
- Созмон: манобеи лозим дар ҷиҳати бароварда кардани яксари аҳдоф, ки ба шакли созмоне таркиб мешавад (ё ин ки манобеъ дар як созмони мавҷуд шиносоӣ мешаванд).
- Мудирияти иҷроия: касоне, ки ибтикорро дар даст доранд ва мудирияти созмонро бар ухда мегиранд.
- Истиқлоли нисбӣ: мубтакирон ба озодии нисбӣ барои ихтисоси манобеъ ниёз доранд.
- Мухотирпазирӣ: мудирон ва мубтакирон дар муваффақият ё адами муваффақияти созмон ширкат доранд.

2. **Модели руйдодии Фирой (1993).** Аз назари Фирой се омил дар ангезаи корофарин барои таъсиси як ширкати навпо дахолат доранд. Ин се омил иборатанд аз мутағайирҳои муқаддим ё пешина (anticient or background variable), мутағайирҳои тасреҳкунанда ё ҳаракатдиҳанда (triggering or precipitating variable) ва тағйирҳои тавонбахш (enabling variable). Ҳар се гурӯҳ аз мутағайирҳо ба унвони нерӯҳои ангезиш дар тасмимгирии корофарин дахолат доранд.

**Омили муқаддим.** Омили муқаддим бо мутағайирҳои заминасоз (stage settings) иртибот дорад. Ин мавқеиятҳо ё вижагиҳо авомиле ҳастанд, ки боис мешаванд, фард ба таври худогоҳ ё нохудогоҳ имконоти корофариниро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Баъзе аз ин мутағайирҳо моҳиятан таърихӣ ё муҳитӣ мебошанд. Барои мисол, бисёре аз корофаринон дар хонаводаҳои корофарин ба дунё меоянд. Барои бисёре аз онҳо дар авоили зиндагиашон, ҳаводисе пеш омада, ки шахсияти корофарин онҳоро шакл додааст.

**Омили тасреҳкунанда**. Дар ҳоле ки омили муқаддим дар тӯли замон боиси эҷоди ширкати навпо мешавад, омили тасреҳкунанда ҳодиса ё мавқеияте аст, ки ба таври хос амали корофариниро суръат мебахшад. Инҳо ҳаводиси барҷастаи зиндагӣ мебошанд ва шомили таҳаввулоти шахсиятӣ, молӣ ё ҳирфаӣ дар зиндагии як корофарин ҳастанд, ки дар тасмимгирии корофарин таъсиргузор мебошанд. Барои мисол, хориҷ шудан аз як кор метавонад як омили суръатӣ бошад. Ошно шудан бо як корофарини дигар, ки дар пайи як шарик мебошад, метавонад омили тарки шуғли ҷории шахс ва табдил шудани вай ба як корофарин бошад.

**Омили тавонбахш**. Мутағайирҳои муқаддим ва сарикунанда ангезаи билқувваи корофаринро барои таъсиси ширкат ё сармоягузорӣ мухотираомез ба вуҷуд меоранд. Аммо ин масолеҳ ба ин мафҳум нест, ки ширкати навпо ба таври воқеӣ таъсис хоҳад шуд. Барангехта шудан барои роҳандозии ташкилоти иқтисодии ҷадид, ба ин мафҳум нест, ки шурӯи он ташкилот оқилона ё имконпазир хоҳад буд. Фарди корофарин танҳо яке аз ҷузъҳои ташкилдиҳандаи ширкатҳои навпои корофаринона аст. Ду ҷузъ-фурсат ва манобеъ, дар тасмимгирӣ барои таъсиси ширкатҳои навпо ҳаётӣ мебошанд ва авомили тавонбахш номида мешаванд.

Муодилаи корофаринро метавон барои дар бар гирифтани ин ду мутағайири муҳим густариш дод. Ҳамчунин вай панҷ чизи аслӣ дар фароянди корофаринӣ шомили корофаринӣ, фурсат, сохтор, манобеъ ва стратегияро лозим ва зарурӣ медонист.

**3. Модели рӯйдодии Виллиам Байгерио (1994).** Аз назари вай авомили муҳим дар рӯйдоди корофаринӣ авомили шахсӣ, равонӣ ва муҳитӣ мебошанд. Инҳо авомиле ҳастанд, ки боиси ба вуҷуд омадани як муассисаи ҷадид мешаванд. Як шахс фикри нав барои эҷоди ташкилоти иқтисодии ҷадидро ё аз тариқи таҳқиқоти дақиқ ва ё ба таври тасодуфӣ ба даст меовард. Тасмимгирӣ ё адами тасмимгирӣ барои пайгирии он фикр ба авомиле ҳамчун заминаҳои шуғлӣ, хонавода, дӯстон, модели нақш, вазъияти иқтисод ва қобили дастрас будани манобеъ вобастагӣ дорад.

Зимни ин ки ҳамеша як ҳодисаи суръати дар тавлиди як созмони ҷадид нақш дорад.

**Фароянди чандбӯъдӣ.** Дар ин дидгоҳ, корофаринӣ як чаҳорчӯби чандбӯъдӣ ва печида мебошад, ки кулли авомил шомили фарди корофарин ва вижагиҳои ӯро дар бар мегирад. Маҳоратҳо ва сабкҳои мудириятии ӯ, фарҳанг, стратегия, сохтор, низом ва созмонро дар бар мегирад. Дар идома ба бархе аз моделҳои ироашуда тавассути муҳаққиқин пардохта мешавад.

**1. Модели фароянди Ҷефрӣ Тиммонс (J.Timmons -1985) ва дигарон.** Дар модели худ муҳит, вижагиҳои шахсиятӣ, ангезаҳо, рафтор, аҳдоф ва натоиҷро дар назар мегирад ва бар тавоноии сармоягузорӣ дар фурсатҳо такя менамояд. Ҳамчунин корофаринро фарде мепиндорад, ки дорои маҳоратҳои чандгона ҳаст.

**2. Модели чандбӯъдии Виллат Гартнер (1985).** Вай чор унсур фард, муҳит, созмон ва фарояндро дар эҷоди як ширкати таъсиргузор марбут медонад.

**3. Модели фароянди Чэл ва Ҳоверс (1988).** Чэл ва Ҳоверс яке аз фарогиртарин моделҳои корофариниро дар соли 1988 ироа намудаанд. Ин модел шомили вижагиҳои шахсиятӣ ва аносири шинохта мебошад ва ҳамчунин бар қудрати сармоягузорӣ дар фурсатҳо, ки мухолифи кӯмак ба манобеъ мебошад, низ таъкид дорад. Дар ин модел корофарини муваффақ фарде пиндошта мешавад, ки маҳоратҳои мухталифе ҳамчун ташкили гурӯҳҳои корӣ ва анҷоми кор бо кӯмаки дигаронро дошта бошад.

**4. Модели фароянди Стивенсон ва дигарон (H. Stevenson -1989).** Стивенсон фароянди корофариниро чунин таъриф менамояд: «Корофаринӣ иборат аст, аз фароянди эҷоди арзиш аз роҳи ташкили маҷмӯаи истисноӣ аз манобеъ ба манзури баҳрагирӣ аз фурсатҳо». Ин нуқта дорои аҳамият аст, ки ин мароҳили фароянди ба тартибе танзим гардидаанд ва наметавон ҳар яки аз онҳоро бидуни иртибот бо дигари дар назар гирифт. Танҳо дар ин сурат корофарин метавонад ба қазовати дурусте аз ҷаззобияти фурсат даст ёбад.

**5. Модели якпорчаи Ниявали ва Фугел (Danniel S. Fogel & Gnawali 1994).**

Ин ду муҳаққиқ зимни мутолиоти худ чаҳор унсури аслии муҳитиро муаррифӣ карданд, ки таъсири тақвияткунанда ё заифкунандаи зиёде дар фароянди эҷоди ширкатҳои навпо доранд. Ин чор омил иборатанд аз:

1) рӯйкардҳо ва сиёсатҳои давлат; 2) шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; 3) маҳоратҳои шуғлӣ ва корофаринӣ; 4) ҳимоятҳои молӣ ва ғайримолӣ.

Кулли ин авомил робитаи мустақим бо эъҷоди ширкатҳои ҷадид доранд.

Дар ин қисмат ду дидгоҳи аслии ғайрииқтисодии корофаринӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар дидгоҳ хусусиятҳои бештари таҳқиқот дар ҷустуҷӯйи таъйини омилҳои равоншиносӣ ва шахсиятии корофаринони муваффақ будааст. Бо шинохти ин хусусиятҳо метавон афроди дорои ин хусусиятҳоро ба корофарин шудан ташвиқ ва афроди фоқиди ин хусусиятҳоро ба иҷтиноб аз корофаринӣ ҳидоят намуд.

Дидгоҳи дигар, рӯйкарди рафторӣ мебошад. Дар ин дидгоҳ амалкарди корофарин мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Дар воқеъ, рӯйкарди рафторӣ дарбаргирандаи рӯйкарди шахсиятӣ низ мебошад ва фарди корофарин бо таваҷҷуҳ ба нақшҳое, ки дар фароянди таъсиси як ширкати навпо дорад, мавриди баррасӣ қарор мегирад.


**АДАБИЁТ**

1. Аҳмадпур Маҳмуд. Корофаринӣ, таориф, назариёт, намунаҳо / Аҳмадпур Маҳмуд. –Теҳрон: Ҷочармӣ, 1387. -С.123-125.
2. Тафаззулӣ Фаридун. Таърихи ақидаҳои иқтисодӣ аз Афлотун то давраи муосир / Тафаззулӣ Фаридун. –Теҳрон: Нашри най, 1372. -С.150.


**МОДЕЛЫ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА**


В статье рассматриваются модели предпринимательства по содержанию и процессу предпринимательства. Приведенные модели характеризуют предпринимательство с одной стороны по содержанию и с другой стороны как процесс.



**Ключевые слова:** предпринимательство, модели, факторы, предприниматель, организация, менеджмент, ресурсы, альтернативы.


**TYPES OF ENTREPRENEURS HIP MODELS**


In this article the point of view of scientists about entrepreneurship models from the view of contenent model and processing model have been discussed. Although contenent model which has divided into two parts-event process and several process. In contenent model the effort of the researcher has focused on the finding of one defination of entrepreneurship and the special charecteristics of the entrepreneur. In event process the entrepreneur do all the entrepreneur activities. In several process all the speciality and obilities and the managerial of skills have been discussed.



**Key words:** entrepreneurship, models, factors, entrepreneur, organization, management, resources, and alternatives.



**Сведения об авторе:** ***Амримухсин Растегор*** – аспирант Таджикского национального университета


## БАХШИ ТАЪЛИМОТИ ХУСУСӢ ВА ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН


***Ф. Ҳасанзода***
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ**


Дар низоми таълиму тарбияи бахши хусусӣ шакли манбаҳои молиявӣ аз тарафи ашхос ё органҳои хусусӣ таъмин мешаванд. Бояд диққати бештаре нисбат ба муҳаррикҳо ва монеаҳои мавҷуди боздоранда дар роҳи сармоягузории хусусӣ ба назар гирифта шавад. Дар ин росто бояд таҳқиқоте дар ҷодаи муҳаррикҳо ва монеаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи омӯзишу парвариш анҷом дода шавад. Муассисоти таълимиро метавон ҳамчун як корхонаи тавлидӣ тасаввур намуд, ки ба истеҳсол, тақсимот ва фурӯши хадамоти таҳсилотӣ машғул аст. Аз ин лиҳоз истифодаи захираҳои мавҷудаи молиявӣ дар ин муассисаҳо ба наҳве сурат бигирад, ки самараи бештарро аз он интизор дошта бошем. Донишманди маъруфи бахши иқтисоди таҳсилот Левин (2001) дар китоби худ се равишро барои эҷоди бозор дар таҳсилот бармешуморад. Ин се равиш ба сурати зер мебошанд:

А) Созмонҳои идоракунии таҳсилот (EMOs) мактабҳои хосеро таҳти қарордодҳо идора намоянд.

Б) Мактабҳои тасодумӣ (садамавӣ) тавассути таъминоти молиявии давлатӣ (умумӣ) амал менамоянд, аммо дорои истиқлоли амалиёт мебошанд.

В) Мактабҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои пардохтшуда фаъолият менамоянд.

Хусусигардонӣ он гоҳ ба равишҳое бармегардад, ки марзҳои байни амали давлатӣ ва хусусӣ дар кори фароҳам овардани таҳсилот ҷо ба ҷо мешавад.

Нерӯи кории таҳсилкарда дар пешрафт ва таъмини зарфияти тавлид барои рушди иқтисодӣ зарур ва ҳаётӣ маҳсуб меёбад, дар ҳоле ки мумкин аст он ба унвони омили муҳаррики тадоруки давлатӣ барои таҳсил ба шумор ояд. Мунозироти сиёсии ҷадид нақши афзояндаи хароҷоти хусусии дар сояи баргашти суди бахши хусусӣ бадастомада дар тамоми марoҳили таҳсилиро мавриди таъкид қарор медиҳад. Мавзӯи муҳим дар ин миён таомул миёни хароҷотҳои сарф шудаи хусусӣ ва умумӣ барои таҳсил мебошад. Омилҳои дигаре, ки барои хусусисозӣ ангеза эҷод мекунанд,

иборат аст аз таъкиди зиёд бар таксиру интихоби умумӣ ва ин назар, ки мактабҳои хусусӣ метавонанд аз нигоҳи ҳазина ва маблағ наздик ба сарфа бошанд.

Лозим ба таъкид аст, ки хусусисозӣ дар бахши омӯзишу парвариш мураккабтар аз дигар бахшҳо ба ҳисоб меравад, зеро ҳадафи аслии мактабҳо фақат ба даст овардани суд нест. Албатта, бар асоси таҳқиқоти суратгирифта ҳадафи ҳеҷ давлате хусусисозии пурраи тамоми мактабҳо дар кишвар нест ва дар аксари тарҳҳои хусусисозӣ давлат дар айни ҳол қудрати назорат ва танзимкуниро барои худ ҳифз мекунад. Дар аксар кишварҳо хусусисозиро роҳи илоҷ намедонанд, балки шеваи таркиб кардани унсурҳои амалкарди хусусӣ бо унсурҳои амалкарди давлатиро муносибтарин шева дар ин роҳ медонанд. Имкони иҷрои як намунаи воҳид дар сатҳи ҷаҳонӣ вуҷуд надорад. Яке аз вижагиҳои хуб ва муфид ин муқоисаи низомҳои омӯзишист, ки камбудиву бартариҳои намунаҳои мухталифро барҷаста месозад ва ҳамчунин ақоиду назарҳоеро матраҳ мекунад, ки метавонанд дар эҷоди шеваҳои хосе мавриди истифода қарор гиранд.

Аркалин ва Шиопу (2010) моделеро барои таодул миёни сармоягузории бахши хусусӣ ва давлатӣ дар системаи таҳсилоти силсилавӣ ироа намудаанд, ки метавон бо маҳаллисозӣ онро мавриди таваҷҷуҳ қарор дод.

Бо дар назар доштани он чи ки арз шуд, метавон ба чуниин хулоса омад, ки дар ҳар ҷомеа ва кишвар дар қатори фаъол будани системаи таълиму тарбият ва омӯзишу парваши давлатӣ, вуҷуди низоми таҳсилии ғайридавлатӣ низ яке аз роҳҳои муассири болоравӣ ва тақвияти сифати хадамоти таҳсилотӣ ва аз ин роҳ дар маҷмӯъ беҳдошти раванди таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, шеваи дурусти ба роҳ мондани раванди хусусигардонӣ дар соҳаи таҳсилот боиси тақвияти низоми таҳсилӣ шуда, фазои умумии омӯзишу парваришро сарфи назар аз бахши ғайридавлатӣ, дар бахшҳои давлатӣ низ такони ҷиддӣ бахшад.

Тибқи омори расмӣ дар Эрон ҳудуди 7% донишомӯзони эронӣ дар мактабҳои ғайридавлатӣ таҳсил мекунанд.

Падару модарони ин донишомӯзон бо яъсу ноумедӣ аз сифати пасти хадамоти омӯзишӣ дар мактабҳои давлатӣ бо харҷи маблағҳои шахсӣ аз мактабҳои хусусӣ истифода мекунанд. Ҳадаф аз таъсиси мактабҳои ғайридавлатӣ тақсими манбаҳои молии омӯзишу парвариш байни бахшҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ буд. Лоиҳаи таъсиси мактабҳои ғайридавлатӣ дар миёнаҳои солҳои 1980 дар авҷи иқтидори нерӯҳои чапгарои суннатӣ ба маҷлис пешниҳод шуд. Ин лоиҳа дар натиҷаи баҳсҳои шадид дар маҷлис ба тасвиб расид. Ҳарчанд давлат ва маҷлис ба далели рушди инфиҷории ҷамъияти донишомӯзии кишвар баъд аз инқилоб ин истидлолро, ки давлат наметавонад маблағи таълиму тарбияро ройгон таъмин кунад, пазируфта буданд. Аммо, тафаккури чап ва зидди сармоядории ҳоким дар Маҷлис ва ҳукумат боиси пайдо шудани вожаи мутаноқизи «ғайриинтифоӣ», яъне ғайридавлатӣ ба ҷойи мактабҳои миллӣ ё хусусӣ шуд. Бар асоси қонуни батасвибрасида таҳти шароити печида ва бюрократӣ ба сармоягузори хусусӣ иҷоза дода мешавад, ки бо сармояи худ мактаб бунёд кунад. Аммо сармоягузор нақши чандоне дар барномарезии омӯзишӣ надорад ва бадтар аз он ҳаққи ба даст овардани суди сармоягузорӣ аз ӯ гирифта шудааст. Мутаассифона, ин қонун бо қонунҳои иқтисодӣ мухолифат дорад. Натиҷаи ин маҳдудият ва дахолати беш аз ҳадди маъмурони давлатӣ боиси ба амал омадани мушкилоти зиёде дар ин бахш шудааст. Аввал ин ки, сармоягузорон рағбати чандон ба сармоягузорӣ дар бахши таълиму тарбия надоранд.

Мактабҳои ғайридавлатии мавҷуд, ки аксаран дар охирҳои даҳаи 1980 ва аввалҳои солҳои 1990 таъсис шудаанд, бо истифода аз имконоти хуби давлатӣ (замини арзон ва сабукиҳои бонкӣ) сохта шудаанд. Дуюм ин ки, дахолати васеъи давлат сабаби ба миён омадани фасоди иқтисодӣ шудааст. Ин мактабҳо ҳеҷ гоҳ идрорпулии ба тасвибрасидаи соҳаи омӯзишу парваришро риоят накардаанд ва ҳамвора шаҳрияи (кӯмакпулӣ) мавриди назари худро таҳти номҳои дигар аз падару модарон гирифтаанд ва вазъияти ду нархӣ боис шудааст, ки даромадҳои воқеии муассиса дар сохторҳои расмӣ мунъакис нашавад ва бар хилофи унвони «ғайриинтифоӣ» муассисони ин мактабҳо «фоидаи» мавриди назарро дур аз чашми маъмурони назорати муовинати мушорикатҳои мардумӣ бардошт кунанд. Сеюм ин ки, аксари ин мактабҳо кори бесифат пешниҳод мекунанд ва ҳаргиз барномаҳоеро, ки ҳангоми сабт ироа медиҳанд, ба таври комил иҷро намекунанд.

Мухолифат бо таъсиси мактабҳои хусусӣ ёдгори солҳои даҳаи шаст ва тасаллути андешаҳои чап бар фазои омӯзишу парвариш дар кишвар аст. Мухолифони ин раванд намегӯянд бар асоси кадом моддаи Қонуни асосӣ давлат ба

мардум иҷоза намедиҳад, ки мактабҳои хусусии мавриди ниёзи худро таъсис бидиҳанд. Табақаи миёнаи шаҳрнишин ба омӯзишу парвариши фарзандони худ алоқаманд аст ва ҳозир аст маблағи онро бипардозад. Бар хилофи назари мухолифон таъсиси мактабҳои хусусӣ на танҳо ба зиёни табақоти маҳруми ҷомеа нест, балки дасти давлатро барои ироаи хадамоти беҳтар ба қишрҳои маҷруми ҷомеа боз мекунад. Агар 30% донишомӯзон ба таҳсил дар мактабҳои хусусӣ қарор гиранд, хароҷоти саронаи донишомӯзони мактабҳои давлатӣ бо ҳамин буҷа 50% афзоиш меёбад. Ҳаддоди Одил дар ҳамандешии иқтисоди омӯзишу парвариш зимни танқиди тафаккуроти чапгароёна ва зидди сармоядории солҳои 1980 чунин гуфта буд: «Мо мехостем аз пул харҷ кардани пулдорҳо пешгирӣ кунем, чун наметавонистем ба фақирон пул бидиҳем». Ӯ ҳамчунин ишора намуда буд, ки «наметавонем пеши касеро, ки пул харҷи фарҳанг мекунад, бигирем». Дар як ҷомеаи табақотӣ, ки даромади афрод мухталиф аст, бо кадом мантиқи иқтисодӣ метавон мардумро ба «мусовоту баробарӣ» дар фақри омӯзишӣ маҳкум ва ҳамаро маҷбур кард, ки дар мактабҳои давлатӣ сабти ном кунанд? Чунин «баробарӣ» хилофи «адолат» аст. Пешгирӣ аз ташкили мактабҳои хусусӣ иқтисоди ғайрирасмӣ ва пинҳонии омӯзиширо густариш медиҳад ва аз сӯйи дигар, танҳо ба суди соҳибони бархе аз мактабҳои ба истилоҳ ғайридавлатӣ тамом мешавад. Дар шаҳри Теҳрон ва дигар шаҳрҳои бузург теъдоди мактабҳои мавриди ниёзи табақаи миёна бисёр кам аст. Дар тобистон ҳар сол шоҳиди ба саф истодани волидайни донишомӯзон пушти дарҳои ин мактабҳо ҳастем ва муассисоту мудирони ин мактабҳо бо сӯистифода аз фазои ғайрирақобатӣ шароити худро ба тақозокунандагон таҳмил мекунанд. Бар хилофи муқаррароти омӯзишу парвариш озмуни ихтисосӣ баргузор мекунанд, бо донишомӯзу волидайни ӯ мусоҳиба мекунанд ва дар охир аз падару модарҳо маблағи зиёде ҳамчун шаҳрия ва ғайра мегиранд. Бо сахтгириҳои давлатӣ наметавон нархи шаҳрияҳои (кумакпулӣ) 2-5 миллиониро ба эътидол овард. Мушкилоти иқтисодӣ роҳи ҳалли иқтисодӣ дорад. Агар теъдоди мактабҳои хусусӣ зиёд шавад, дар як фазои рақобатӣ ва бар асоси қонуни арзаву тақозо шаҳрияи мактабҳои ғайридавлатӣ ба эътидол меояд. Таҷрибаи гурӯҳҳои фарҳангии қабл аз инқилоб монади гурӯҳи фарҳангии “Ҳадаф” ва макотибе монанди мактаби “Фарҳод” омӯзанда аст. Мутаассифона, дар шароити феълӣ сиёсатҳои муносибе барои ҷазби сармоягузорӣ дар бахши омӯзишу парвариш вуҷуд надорад. Танҳо бо хоҳишу таманнову таҳрики эҳсосоти маҳзабӣ ва миллии мардум наметавон онҳоро ташвиқ ба сармоягузорӣ кард. Албатта, иддае бо ангезаҳои мазҳабӣ ва хайрхоҳона дар бахши мактабсозӣ фаъол ҳастанд. Аммо бояд коре анҷом бигирад, ки шароитро барои воруди сармоягузорон сабук созем ва ба шахсиятҳои фарҳангӣ майдон бидиҳем.

**Мушкилоту дурнамои соҳа.** Дар ҳеҷ куҷои Конуни асосӣ гуфта нашудааст, ки барои иҷрои моддаи 30 Қонуни асосӣ мактабҳо бояд ҳатман давлатӣ бошанд. Мутамарказонидан ва тасаддигарии давлат яке аз мушкилоти умдаи омӯзишу парвариш аст. Дар як дастгоҳи давлатӣ тасаввури умумӣ бар ин аст, ки он дастгоҳ мустақиман бо манобеи нафтӣ вобаста аст. Мудирияти заиф, рехту пош, саҳлангорӣ дар нигаҳдории васоил, камкории кормандон ва постҳои зиёдативу таварруми нерӯи кор, ин ҳама аз мушаххасоти бунгоҳҳои иқтисодии мутааллик ба давлат аст. Дар соҳаи омӯзишу парвариш низ ҷойи таассуф аст, ки тамоми ин вижагиҳои манфӣ дида мешавад. Барои мисол, мактабе бо 15 персонал ба хубӣ идора мешавад. Низоми идорӣ барои ҳалли мушкилоти муаллимони зиёдатӣ 3 корманди изофӣ дар ихтиёри мактаб қарор медиҳад. Мудири давлатӣ эътироз нахоҳад кард, зеро маоши онҳо аз ҳисоби давлат пардохт хоҳад шуд. Дар гӯшаву канори мактабҳо ва идорот доимо анбӯҳе аз мизу нимкату сандалӣ ва ҷевонҳои филизии партофташуда ба чашм мехӯрад. Касе аз масъулин дар фикри ҳифз ва нигаҳдории ин ҳама васоил нест, зеро ки ин васоил мутааллиқ ба давлат аст. Дастгоҳи нусхабардории мактаб дар сол чанд маротиба хароб мешавад, деворҳои сафедкардашуда баъд аз чанд моҳ дубора касиф мешаванд. Муаллимон дар интихоби мудир ба касе раъй медиҳанд, ки сахтгир набошад ва чашми худро ба рӯйи камкорӣ, иштирок надоштан ва таъхири ҳамкорон бибандад. Дар ин низом маълум нест масъулияти пастравии дараҷаи таҳсил ба уҳдаи кист. Ҳар кас аз худ ради масъулият мекунад ва тамоми камбудӣ ва гуноҳро ба гардани давлат меандозад. Чунин низом тарафдорони қудратманд дорад. Идеологияи кормандӣ иҷозаи кӯчак шудани давлат ва ислоҳи сохторро намедиҳад. Нигоҳи марказгароёнаи давлатмардон нисбат ба соҳаи омӯзишу парвариш ин соҳаро аз чанд ҷиҳат осебпазир кардааст ва шояд битавон гуфт, ки бисёре аз мушкилоти имрӯзаи омӯзишу парвариш реша дар ин навъ нигоҳ дорад. Бархе аз ин мушкилотро

метавон ин гуна матраҳ намуд: дахолати зиёд ва васеи ҳукумат дар омӯзишу парвариш аз идораи як мактаб гирифта то идораи вазорат сабаб шудааст, то аз як сӯ давлат бору масъулияти худро дар омӯзишу парвариш то ба ин ҳад сангину тоқатфарсо кунад, ки дигар тавони ба дӯш кашидани онро ба танҳоӣ надошта бошад. Аз сӯйи дигар, ниҳодҳои дигар, бахусус хонавода камтар эҳсоси масъулияту мушорикат кунанд. Ба ибораи дигар, дар натиҷаи ҳамин дахолати шадиди ҳукумат дар омӯзишу парвариш давлат ҳамакора ва ниҳодҳои дигар тақрибан ҳеҷкора шуданд. Бо нигоҳ аз боло ба поин наметавон раванди таълиму тарбияро дар ҷиҳати рушду пешравӣ ҳаракат дод. Зеро дар омӯзишу парвариш қарор аст зеҳну замиру равони бачаҳо шукуфта ва боланда шавад ва дар ниҳоят аз дили он инсонҳои донишманду андешаманд ва созандаву мунтақид сар бикашанд. Ин амри муҳим ҳосил намешавад, магар ин ки дар фазои он рӯҳияи озоди илмӣ ва ақлмеҳварӣ ва пурсишгарӣ ҷорӣ бошад. Дахолати шадиди давлат дар омӯзишу парвариш тайи солҳои гузашта сабаб шудааст, ки дар шахсияти аввали вазорати омӯзишу парвариш ва сатҳҳои идоракунии он афроди ғайримутахассис ҳузуру масъулият дошта бошанд, на афроди мутахассис. Ин вазъ ва амр нишонгари он аст, ки ҳангоми интихоби он афрод бештар меъёрҳо ва мулоҳизоти давлатӣ ва сиёсӣ дар миён будааст на меъёрҳои илмӣ ва фикриву тахассусӣ. Ҳол он ки лозим аст масъулин ва мудирони аршади омӯзишу парвариш бо назарияҳои омӯзишу парвариш ошноии пурра дошта бошанд ва дар сурати зарурат худ дар ин арса назарияпардоз бошанд. Масалан, бояд дид, ки оё дар кишварҳои тараққикарда то кунун иттифоқ афтодааст, ки умури ниҳодҳои омӯзишии худро ба дасти афроди ғайримутахассис бисупоранд? Аммо мо ин корро бисёр кардаем ва бисёр рух додааст, ки вазири омӯзишу парвариш ҳангоми идораи вазорат ҳатто аз чанд назарияи сода дар бахши омӯзишу парвариш беиттилоъ будааст. Чӣ гуна метавон омӯзишу парваришро бо беш аз як миллион муаллиму ҳудуди 16,5 миллион донишомӯз дар ҷиҳати рушду пешрафт ҳидоят ва мудирият кард, дар ҳоле ки мудирони аршаду нерӯҳои ситодиаш аз донишу тахассуси лозим бархурдор набошанд? Вазорате, ки мудирият ва сохтору ташкилоти он бар асоси дономеҳварӣ набошад, чи гуна метавонад дарахти илму донишу андешаро дар зеҳну замири миллионҳо шогирди худ парвариш диҳад? Дар ҳоле ки вазорати омӯзишу парвариш бояд аз лиҳози мудирият, сохтору ташкилот, барномарезиву сиёсатгузорӣ ва иҷрову пажӯҳиш аз илмитарин ва тахассуситарин вазоратҳо бошад. Ба хулосаи ЮНЕСКО тамаркуззудоӣ (десентрализатсия) яке аз муҳимтарин падидаҳоест, ки дар 15 соли гузашта ба раванди барномарезии омӯзиш таъсир гузоштааст. Барои тамаркуззудоӣ далоили фаровон вуҷуд дорад. Дар бархе маворид афзоиши кориои мудирият ва назорат матраҳ аст. Дар кишварҳое, ки девонсолории давлатӣ раванди оҳиставу сангин дорад, наметавон мушкилоте чун истихдоми муаллимон, пардохти ҳуқуқи онҳо, хариду тавзеи таҷҳизоту маводи омӯзишӣ ё ҳифзу нигаҳдории сохтмонро ба содагӣ ҳал кард. Дар чунин кишварҳо тамаркуззудоӣ ба унвони роҳи ҳали муносиб матраҳ мешавад. Ин амр шиносоии сареи мушкилоту ёфтани роҳи ҳалҳои муносибро имконпазир месозад. Тамаркуззудоӣ марзҳои посухгӯйи ва масъулиятпазириро низ мушаххас мекунад. Дар бисёре аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа аввалин муҳаррики тамаркуззудоӣ ёфтани манобеи ҷадид аст. Ҳокимияти марказӣ идораи мактабҳоеро, ки қодир ба таъмини махориҷи онҳо нестанд, ба сатҳҳои поинтар вогузор мекунанд. Тамаркуззудоӣ сафарбарсозии манобеъеро фароҳам мекунад, ки ҷуз аз роҳи вазъи молиётҳои хос ё мушорикати мардумӣ дар сатҳи маҳаллӣ имконпазир нест. Тамаркуззудоӣ дар омӯзишу парвариш ба маънои воқеии калима, яъне интиқоли масъулият аст. Бисёре аз мушкилоту масоили омӯзишу парвариш, монанди девонсолорӣ (бюрократия), тасаллуби сохторӣ таҳаввулнопазирӣ, интиқодпазирӣ, мушорикатнопазирӣ, масъулиятгурезӣ аз сиёсат ва амалзадагӣ реша дар тамаркузгароии омӯзишу парвариш дорад. Барои рафъи мушкилоти боло лозим аст ҳукумат ва давлатмардони мо то он ҷо ки имкон дорад, аз тамаркузгароӣ ва тасаддигароии худ дар омӯзишу парвариш бикоҳанд ва бо вусъати назар, тадбири огоҳона ва ҳушёрона биандешанд, ки тамоми ниҳодҳои ҷомеа, бахусус ниҳоди хонавода ва андешамандону сарватмандони ҷомеа дар омӯзишу парвариш аз нав эҳсоси масъулият ва мушорикат кунанд. Дар маҷмӯъ метавон ба ин натиҷа расид, ки ҷомеа ва кишваре, ки дар он таваҷҷуҳи зарурӣ ба соҳаи омӯзишу парвариш дода нашавад, таъсири номатлуби он дар дарозмуддат рӯйи ҷавомеъ эҳсос хоҳад шуд. Бинобар ин лозим аст, ки соҳаи омӯзишу парвариш дар радифи бахшҳои авлавиятноку роҳбурдии иқтисодҳои миллӣ мавриди инояту таваҷҷуҳи доимӣ қарор бигирад. Дар сурати ироаи таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба соҳаи омӯзишу парвариш ҷомеаву

кишварҳо аз ин танҳо суд мебаранд ва вуҷуди бахши омӯзишу парвариши пешрафта дар маҷмӯъ ҷомеаро ба сӯйи рушду тавсеаи бештар ҳаракат медиҳад.


**АДАБИЁТ**

1. Шариф Мустафо Некухоҳ. Короии берунии шохаи фанниву ҳирфавии омӯзиши миёнаи шаҳристони шаҳри Курд бар асоси ду шохиси иштиғол ва идомаи таҳсили фориғуттаҳсилон / Шариф Мустафо Некухоҳ Муҳаммад, Найлӣ Муҳаммадризо // Донишвар (рафтор), 1386. -№27. – С.55–66.
2. Нарроқӣ Юсуф. Ҷомеашиносӣ ва тавсеа / Нарроқӣ Юсуф. -Теҳрон: Нашри Фарзонрӯз. 1380
3. Намоянда Яъқуб. Тааммуле бар иқтисоди омӯзиш: бо таъкид бар иқтисоди омӯзишҳои фанниву ҳирфаӣ / Намоянда Яъқуб // Маҳорат, 1389. -№47. –С.37-39.
4. Arcalean Calin, Schiopu Loana. Public versus private investment and growth in a hierarchical education system / Arcalean Calin, Schiopu Loana // Journal of Economic Dynamics & Control, 2010. -Vol.34. -P.604-602.
5. Breidlid Anders. Culture, indigenous khowledges systems and sustainable development: A critical view of efucftion in an African context / Breidlid Anders // International Journal of Educational Development, 2009. - Vol.29. –P.140-148.
6. Brewer Peggy D. Knowledge management, human resource management, and higher education: a theoretical model / D. Brewer Peggy, Brewer Kristen // Journal of Education For Business, 2010. -Vol.85. –P. 330-335.
7. Brown Reva. The Development of Capability: The Content of Potential and the Potential of Content / Brown Reva, Mc. Cartney // Edication + Training, 2004. -Vol.46. -No1. –P.7-10.


**ЧАСТНОЕ ОБУЧЕНИЕ И ЕГО ФИНАНСОВОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН**


В данной статье автор рассматривает деятельность частных учебных заведений Исламской Республики Иран. В Иране действуют как государственные так и частные высшие учебные заведения. Организация образования страны подчиняется Министерству культуры и высшего образования и Министерству здравоохранения и медицинского обучения. Иранские высшие учебные заведения отвечают всем требованиям, которым должны отвечать вузы. Она предоставляет студентам, возможность получить общеобразовательную степень и в дальнейшем степень Бакалавра, Магистра и докторскую степень. Это распространяется на государственные учебные заведения, и на часть негосударственных вузов. Коммерческие учебные заведения, действующие как на платной, так и на бесплатной основе, играют важную роль в сфере высшего образования страны. Они решают множество задач для лучшего распространения и повышения качества уровня знаний и науки.



**Ключевые слова:** система образования Ирана, государственные и частные учебные заведения, деятельность и финансирование учебных заведений.


**PRIVATE EDUCATION AND ITS FINANCIAL SECURITYIN THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN**


In this article the author examines the activities of private educational institutions of the Islamic Republic of Iran. In Iran, there are both public and private higher education institutions. Educational organization of the country, under the Ministry of Culture and Higher Education and the Ministry of Health and Medical Education. Iranian universities meet all the qualities and conditions are expected to possess institutions. It gives students the opportunity to obtain further general education degree and bachelor's, master 's and doctoral. This applies to public schools, and non-state part. Commercial institutions operating both paid and free of charge, play an important role in higher education in the country. They solve many problems for better dissemination and improve the quality of knowledge in science.



**Key words:** Iran's education system , public and private educational institutions, and funding institutions.



**Сведения об авторе:** ***Ф. Хасанзода*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ


# НАҚШИ КУМИТАИ ҲИСОБРАСӢ ДАР ТАҲҚИҚИ НИЗОМИ РОҲБАРИИ ШИРКАТӢ


***Ғуломризо Халилии Арҷмандӣ***

**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**


## Кумитаи ҳисобрасӣ

**Се узви ҳайати мудираи мустақил.** Ба манзури иҷрои вазифаи назорати ҳайати мудира, бахусус дар заминаҳои муртабат бо назоратҳои дохилӣ мудирияти риск, гузоришгарии молӣ ва фаъолиятҳои ҳисобрасӣ ташкил шудааст.

**Кумитаи ҷуброни хадамот**. Дар заминаҳои марбут бо тарроҳӣ, бознигарӣ, иҷрои арзёбӣ, (амалкард) аъзои ҳайати мудира муваззаф ва ғайримуваззаф ва тарҳҳои ғайриҷуброни хадамоти ҳисобрасӣ ташкил шудааст.

**Кумитаи номзадӣ (узвият).** Дар заминаҳои марбут бо шиносоӣ ва пешниҳоди номзадҳои узвия дар ҳайати мудира ва саркашӣ, бар фароянди интихоби узви ҳайати мудира ташкил шудааст

Ин кумита ҳамчунин, дар умури зайл мушорикат дорад:

1.Масоили дохилии роҳбари ширкатӣ; таҳия ва тадвини пешнависӣ, наҳваи иҷрои ойинномаи ахлоқӣ ва як хатимаши роҳбари ширкатӣ.

2.Иртиботот (мутақобил) бо саҳомдорон.

**Кумитаҳои хос**. Шомили таъмини молӣ, буҷабандӣ, сармоягузорӣ мудирияти риск даъвии ҳуқуқи хос, мавзӯоти мавриди таҳқиқ ва таҳсил кӯмак кунад. Танҳо аз аъзои ҳайати мудираи мустақил ва ғайрииҷроӣ

- кумитаи таъмини молӣ;
- кумитаи риск;
- кумитаи даъвии ҳуқуқи хос ё таҳқиқ.

**Кумитаи ҳисобрасӣ**. Вуҷуди кумитаи ҳисобрасӣ муташаккил аз аъзои ғайримуаззаф, ҳайати мудира барои назорат бар вазоиф ва масъулиятҳои ҳисобрасии дохилӣ, истиқлоли ҳисобрасони дохилиро афзоиш медиҳад. Ҳар чи пайванди кумитаи ҳисобрасӣ ва воҳиди ҳисобрасии дохилӣ қавитар бошад, таъмини истиқлол ва дар натиҷа воқеъбинӣ ва ё ҳифзи бетарафии ҳисобрасони дохилӣ, дар амалиёти ҳисобрасӣ ва гузоришгарӣ бештар хоҳад шуд. Кумитаи ҳисобрасӣ, масъулияти назорат бар истихдом, тарфеҳ ва ҳуқуқу мазоёи раиси ҳисобрасии дохилӣ ва ҳамчунин, шаклгирии амалиёти воҳиди ҳисобрасии дохилиро ба уҳда дорад. Равишҳо стандартҳо ва дастурамалҳои ҳисобрасӣ низ бояд ба тайиду тасвиби кумитаи ҳисобрасӣ бирасад.

Ҳадафи кумитаи ҳисобрасӣ. Кӯмак ба ҳайати мудира дар анҷоми масъулиятҳои назоратиаш мебошад, то аз мавориди зер итминон ҳосил намояд:

1.Шоистагӣ ва истиқлоли ҳисобрасонии мустақил.

2. Риояти қонунҳо ва муқаррароти лозимулиҷро.

3. Дурустии суратҳои молӣ.

4. Амалкарди саҳеҳи ҳисобрасии дохилӣ ва ҳисобрасони мустақил.

**Таркиби аъзои кумитаи ҳисобрасӣ**. Таркиби аъзои кумитаи ҳисобрасӣ 5 узв аст, ки ҳадди ақал ду узви он аз аъзои ғайримуаззафи ҳайати мудира ва бақия аз хориҷи ширкат. Ҳар як аз аъзои кумитаи ҳисобрасӣ, бояд мустақил ва ошно бо ҳисобдорӣ ва умури молӣ бошад. Ҳадди ақал ду нафар бояд, аз аъзои кумита ҳисобдори расмӣ ё коршиноси умури молӣ бошанд. Ҳеҷ як аз аъзои кумитаи ҳисобрасӣ набояд ҳамзамон ба унвони узви кумитаи ҳисобрасии беш аз ду ширкати саҳомӣ анҷоми вазифа намоянд.

Аъзои кумитаи ҳисобрасӣ наметавонанд, дар беш аз се кумитаи ҳисобрасии ширкатҳои саҳомии омма бо эҳтисоби ширкат фаъолият дошта бошанд.

Кумитаи ҳисобрасӣ уҳдадори анҷоми масъулиятҳои зерин аст.

1. Суратҳои молӣ.
2. Назорати дохилӣ.
3. Ҳисобрасии дохилӣ.
4. Ҳисобрасии мустақил.
5. Риояти қонун ва муқаррароти лозимии иҷрошаванда.
6. Масъулиятҳои гузоришгарӣ.
7. Соири масъулиятҳо.

**Суратҳои молӣ:**

1. Муомилоти печида ва ғайриодӣ.
2. Мавзӯоти умда дар иртибот бо стандартҳои ҳисобдорӣ ва заруратҳо.
3. Баррасии таҳлилҳои мудирият ва ҳисобрасонии мустақил.
4. Баррасии натоиҷ ва ёфтаҳои ҳисобрасӣ бо ҳузури мудирият ва ҳисобрасони мустақил (ҳар гуна маҳдудият дар дастрасӣ бо иттилоот ва ҳар гуна адами тавофиқ).
5. Баҳсу табодили назар бо мудирият ва ҳисобрасони мустақил дар бораи суратҳои молӣ ва суратҳои молӣ миёни давравӣ.
6. Бознигарии ифшоҳо дар хусуси назоратҳои дохилӣ.
7. Иттилоотҳои марбут ба суди ҳар саҳм.
8. Пешбиниҳои суди ҳар саҳм.

**Назорати дохилӣ**:

1. Баррасии асарбахши ситемаи назорати дохилӣ, шомили юманӣ ва назорати фановарии иттилоот.
2. Шинохти доманаи баррасиҳои ҳисобрасон дохилӣ ва мустақил аз назорати дохилӣ нозир, бар гузоришҳои молӣ ва касби гузориш аз онҳо дар бораи ёфтаҳо ва тавсеаҳои муҳим дар бораи назорати дохилӣ, ба мудирият ва пайгирии вокунишҳо ва посухҳои мудирият ба ин тавсеаҳо.

**Ҳисообрасии дохилӣ.**

1. Баррасии маншур, тарҳҳо, фаъолиятҳо, коркунон ва сохтори созмонӣ бо назари мудирияти ҳисобрасии дохилӣ.

2. Ҳусули итминон аз маҳдудият ё монеи ғайримуваҷҷеҳӣ дар интисоб, ҷойгузинӣ ё барканории мудири ҳисобрасӣ.

3. Баррасии асарбахши ҳисобрасии дохилӣ аз ҷумлаи пайравӣ аз стандартҳои ҳирфаӣ.

4. Ҷаласоти даврагӣ муназзам бо мудири ҳисобрасӣ.

**Ҳисобрасии мустақил:**

1. Домана ва рӯйкарди ҳисобрасӣ ва ҳамоҳангсозии умури ҳисобрасии мустақил, ё ҳисобрасии дохилӣ.

2. Бознигари амалкарди ҳисобрас ва ироаи пешниҳоди интисоб ё азал.

**Кумита барои анҷоми ин бознигарӣ бояд иқдомоти зерро анҷом диҳад:**

1. Ҳадди ақал соле як бор гузорише, аз ҳисобрасони мустақили равияҳои назорати кайфӣ, ҳар гуна мавзӯи муҳим ё бознигарии ҳамешагон, бозрасиҳои мустақили ҷомеа ва ғайра:

-бозрасии изҳори назарҳои мудирият ва ҳисобрасони дохилӣ, дар иртибот бо фаъолиятҳои ҳисобрасон мебошад;

-бознигарӣ ва арзишёбии амалкарди ширкатҳои муассиса.

-ироаи натиҷагирии кумита ба ҳаёти мудира ва маҷмӯъ.

**2. Ҳусули итминон аз гардиш ва тағйир дар ду сол як бор.**

3. Ироаи гузориш аз натиҷагирии кумита дар бораи ҳисобрасони мустақил ба ҳаёти мудира.

4. Арзёбии вуҷуди сиёсатҳои истихдомӣ, барои ҷазби коркунони феълӣ ё коркунони пешини муассисоти ҳисобрасӣ, ки уҳдадори ҳисобрасӣ ҳастанд.

5. Баргузории ҷаласоти ҷудогона.

**Масъулиятҳои гузоришгарӣ.** Гузоришдиҳии муназзами кумита ва мавзӯоти марбут бо кайфият ва дурустии суратҳои молӣ, риояти қонунҳо, истиқлоли ҳисобрасон (мустақил ва дохилӣ) бо ҳаёти мудираи ширкат.

Эҷоди хатти иртиботӣ байни ҳисобрасон (дохилӣ ва мустақил) бо ҳаёти мудира.

**Бознигарии ҳар гузориши дигаре, ки дар ҳавзаи масъулиятҳои кумита аст. Соири масъулиятҳо:**

1.Баҳсу табодили назар бо мудирият дар бораи хатимашиҳо ва сиёсатҳои умда.

2.Анҷоми соири фаъолиятҳои бино ва дархости ҳаёти мудира.

3.Барномарезӣ ва пешбинии ҳар гуна баррасӣ ва таҳқиқе, ки бар асоси ин маншур зарурӣ аст.

4.Бознигарӣ ва арзёбии кайфиятҳои маншури кумита, тасвиби тағйироти пешниҳодӣ.

5.Тайиди солонаи анҷоми масъулиятҳои маншур.

6.Арзишёбии амалкарди аълои кумита.

**Доманаи ихтиёроти кумитаи ҳисобрасии ҳайати мудира.** Пешниҳоди интихоб ва ҳаққулзаҳмаи муассисаи ҳисобрасии расмие, ки уҳдадори ҳисобрасии мустақили солонаи ширкат аст.

1.Муассисаи ҳисобрасӣ, пеш аз ироаи гузориш ба маҷмаъ, мустақилан ба кумитаи ҳисобрасӣ гузориш хоҳад намуд.

2. Назорат бар амалкарди ҳисобрасии мустақил ва арзёбии он.

3. Ҳаллу фасли ҳар гуна адами тавофиқ байни мудирият ва ҳисобрасони мустақил дар иртибот бо гузоришҳои молӣ.

4. Тайид ва тасвиби авловияти тамоми хадамоти ҳисобрасӣ ва ғайри ҳисобрасӣ, ки тавассути муассисаи ҳисобрасии мустақил анҷом мешавад.

5. Истифода аз мушовирони мустақил, ҳисобдорон ё соири мутахассисон ба манзури дарёфти хадамоти мушовараӣ ва тавсияҳои лозим ё кӯмак дар иҷрои баррасиҳои лозим.

6. Пурсуҷӯ барои гирдоварии ҳар гуна иттилооти лозим аз коркунон, яъне ҳамаи касоне, ки бояд бо кумитаи ҳисобрасии он ба дархости ҷиҳати пурсуҷӯ ҳамкорӣ кунанд ё ашхоси буруни созмонӣ.

7. Баргузории ҷаласот бо мудирони ширкат, ҳисобрасони мустақил ё мушовирони бурунисозмонӣ дар сурати дувум.

**Қонуни сорбизнеси аксилӣ:**

- Мудирияти риск ва беҳтарин ваҷҳ, як созмонро қодир месозад, ки ба муассиртарин ва иқтисодитарин ваҷҳ рискҳои худро назорат намояд ва фаъолиятҳои худро идома диҳад.
- Дар тайи даҳаҳои охир нақши ҳисобрасон низ дар ҳоли тағйир аст. Қонуни Сорбинз-аксилӣ дар Амрико ва усули ҳокимияти ширкатӣ дар Англия мутамарказ бар илзоми ташреҳи фаъолияти мудирият бар мабнои риск ва гузориши натоиҷи он ба ҳисобрасон мебошад. Бар асоси қонуни мазкур ҳисобрасон бояд, бо сатҳи итминони мушаххасе изҳори назарҳои худро эълом кунанд.
- Рамзи муваффақияти воҳиди ҳисобраси дохилӣ, шинохти кофии мудирияти аршад.
- Як воҳиди иқтисодӣ аз масъулиятҳои худу вазоиф ва масъулиятҳои воҳиди ҳисобраси дохилӣ аст.
- Истиқлоли ҳисобраси дохилӣ. Ҳисобраси дохилӣ бояд аз лиҳози ҷойгоҳи созмонӣ истиқлол дошта, аз лиҳози шахсӣ воқеъбин ва ё бетараф бошад, то битавонад, вазоифи масъулиятҳои худро ба наҳви матлуб анҷом диҳад.

Истиқлоли воҳиди ҳисобраси дохилӣ, омили таъйинкунандаи асарбахши он аст ва ё ба ибораи дигар, истиқлоли ҳирфаи ҳисобраси дохилӣ лозимаи асарбахши он аст.

Истиқлоли ҳирфаӣ ба ду омили муҳим зербастагӣ дорад:

1.Истиқлоли созмонӣ (ҷойгаҳи ҳисобраси дохилӣ).

2.Истиқлоли ройӣ (воқеъбинӣ / бетарафии ҳисобраси дохилӣ).

**Истиқлоли ҳирфаӣ ба шаклҳои зер таҳқиқ меёбад:**

1.Истиқлол аз ҳисоби дастрасӣ.

2.Истиқлол аз лиҳози гузоришгарӣ.

3.Истиқлол аз лиҳози фаъолиятҳои созмонӣ.

4.Истиқлол аз лиҳози ҷойгоҳи созмонӣ.

5.Истиқлоли ройӣ.

6.Истиқлол аз лиҳози дастрасӣ: раиси ҳисобрасии дохилӣ, мудирияти аршади воҳиди иқтисодӣ шомили мудири омил, аъзои ҳайати мудираи кумитаи ҳисобрасие, ки аз аъзои ғайри муваззафи ҳайати мудира ташкил мешавад, дастрасии мустақим дошта бошад ва битавонад озодона ба онон гузориш диҳад.

7.Истиқлол аз лиҳози гузоришгарӣ: раиси ҳисобраси дохилӣ, бояд битавонад, гузоришҳои худро бидуни ҳазфи матлуб бо ному имзои худ ироа диҳад.

8.Истиқлол аз лиҳози фаъолиятҳои созмонӣ: ҳисобраси дохилӣ бояд нисбат ба куллияи системаҳои молӣ ва идории воҳиди иқтисодӣ истиқлоли комил дошта бошад.

Даргир шудани ҳисобраси дохилӣ дар системаҳои иҷроӣ ва барномаҳои воҳиди иқтисодӣ ба истиқлоли ҳирфаии он латма ворид мекунад.

Истиқлол аз лиҳози ҷойгоҳи созмонӣ:

- Воҳиди ҳисобраси дохилӣ барои он, ки битавонад, куллияи вазоиф ва масъулиятҳои худро ба хубӣ анҷом диҳад, бояд аз лиҳози созмонии муносиб бархурдор бошад.
- Намудори созмонӣ ва шарҳу вазоифи ҳисобраси дохилӣ бояд, дар воҳиди иқтисодӣ, расман ба тасвиб бирасад.
- Ҳисобрасони дохилӣ бояд, бо ироаи кори ҳирфаӣ ва бо кайфияти боло бикӯшанд, то тасвири ҳарчи беҳтаре аз ин воҳид дар изъони коркунони воҳиди иқтисодӣ ба вуҷуд оваранд.
- Пуштибонии мудирияти воҳиди иқтисодӣ аз воҳиди ҳисобраси дохилӣ як зарурат аст.

Авомили таҳдидкунандаи истиқлоли ҳисобраси дохилӣ:

1.Тазоди манофеъ.

3.Аъмоли нуфузҳо.

4.Анҷоми вазоифӣ бо моҳияти ғайриҳисобрасӣ.

Бархе аз системаҳои аслӣ, ки зерпӯшаш ҳисобраси дохилӣ, қарор мегиранд:

1.Системаҳои молӣ.

2.Системаҳои мудирият.

3.Системаҳои амалиётӣ (идорӣ).

**АДАБИЁТ**
1. Дабирхонаи кумитаи ҳисобрасии бурси авроқи баҳодори Теҳрон. Теҳрон бо адреси зайл қарор додаст. [Захираи электроникӣ]. WWW.IRBOURSE.COM

**РОЛЬ АУДИТОРСКОГО КОМИТЕТА В ИССЛЕДОВАНИИ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ КОМПАНИИ**

Данная статья рассматривает роль Комитета по аудиту в исследовании системы управления компании. Аудит является предпринимательской деятельностью аудиторов по осуществлению независимых проверок бухгалтерской отчетности, платежно-расчетной документации, налоговых деклараций и других финансовых обязательств и требований экономических субъектов с целью установления достоверности их бухгалтерской отчетности и соответствия совершенных ими финансовых и хозяйственных операций нормативным актам. Комитет по аудиту – это рабочий комитет публичной компании. Как правило, его члены - из состава Совета директоров компании и в состав комитета входят независимые или внешние директора.

**Ключевые слова:** аудиторский комитет, внутренний аудиторский контроль, бюджет, аудит системы управления организацией, структура организации и управления, бухгалтерский (финансовый) учет.

**ROLE OF AUDIT COMMITTEE IN THE STUDY OF MANAGEMENT COMPANY**

This article examines the role of the Audit Committee in the study of the control system. Audit is a business activity to implement the auditors' independent audits of financial statements, payment and settlement documents, tax returns and other financial obligations and requirements of economic entities in order to establish the reliability of their financial statements and compliance improved their financial and business operations regulations. Audit Committee - is a working committee of a public company. As a rule, its members - from the Board of Directors and the Committee includes independent or outside directors.

**Key words:** audit committee, internal audit control, budget management system audit organization, organization structure and management accounting (financial) accounting.

**Сведения об авторе:** ***Гуломризо Халили Арджманди*** - соискатель Института экономики и демографии АН РТ

# ИМКОНСАНҶИИ ПИЁДАСОЗИИ АРЗЁБИИ МУТАВОЗИН ДАР ШИРКАТИ МИЛЛИИ «НАФТХЕЗ»-И ҶАНУБИ КИШВАР

***Исмоили Ҳамид, Шоҳрухи Бузургмеҳриён***
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди масҷиди Судаймон, Эрон**
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Ширкатҳо акнун аз асри рақобати санъатӣ ба асри рақобати иттилоот гом ниҳодаанд. Дар асри санъати системаҳои назорати молӣ дар ширкатҳое чун «Генерал моторз», «Дупунт», «Матсушитов Ҷенерол Электрик» тавсеа ёфта, то сармояи молӣ ва физикӣ ба сурати коро тахсис ёбад ва таҳти назорат қарор гирад. Меъёрҳои молӣ монанди «суди амалиётӣ» ва «боздеҳи сармоя» метавонанд асарбахшӣ ва короии бахшҳои амалиётӣ, ки аз сармояи молӣ ва физикӣ «барои халқ арзиш истифода мекунанд»-ро арзёбӣ кунанд. Дар асри иттилоот бисёре аз фарқиёти асосии асри рақобати санъатӣ канор гузошта шудааст. Ширкатҳо дигар наметавонанд танҳо бо истиқрори технологияи ҷадид ва идоракунии беҳтари дороиҳо ва қарзҳои молӣ, бартарии рақобати бодавом ба даст оваранд.

Дар ҳолати идеал модели ҳисобдории молӣ бояд дороиҳои номашҳуд (номаълум) ва зикрӣ мисли кайфиятҳои болои маҳсулот ва хадамот, боло будани ангеза ва маҳорати коркунон, посухгӯйӣ, қобили пешбинӣ доштани фарояндҳои дохилӣ ва ризояту вафодории муштариёнро арзёбӣ кунад. Агар дар модели ҳисобдории молӣ дороиҳои номаълум ва тавоноиҳои ширкат қобили арзёбӣ бошад, ширкатҳо дороиҳо ва тавоноиҳоеро, ки метавонанд ин беҳбудиҳоро бе коркунон, саҳмдорон, бистонкорон (қарздеҳон) ва ҷомеа интиқол диҳанд, афзоиш медиҳанд. Ҳамчунин, замоне, ки дороиҳои номашдуд (пӯшида) ва тавоноиҳои ширкат коҳиш меёбад, асароти манфии он ба суръат дар сурати суду зиён мунъакис мешавад. Мушкили арзишгузории қобили иттикои дороиҳои номашдуд ва тавоноиҳои ширкат монеъ аз шиносоии онҳо дар тарознома (баланс) шудааст. Бо вуҷуди ин ин дороиҳо ва тавоноиҳо барои муваффақияти ширкат дар моҳияти рақобати имрӯз ва фардо бисёр муҳим ҳастанд.

Баррасиҳо нишон медиҳад, ки стратегияҳо ба таври мутавассит танҳо ба 63% аз амалкарди молии билқувва худ даст меёбанд. Костии меъёрҳои молӣ, муҳити рақобатӣ, фурӯ рехтани арзишҳои кӯҳан дар мавриди бозорёбӣ ва муштариён

ширкатҳоро бо бознигарии амиқе нисбат ба дидгоҳҳо, рисолат ва арзишҳои мавриди алоқаи зинафъони худ водор мекунад.

Гулӯгоҳҳои амалкард аз чашми мудирияти олӣ пинҳон мемонанд. Фарояндҳои тадвини стратегия ва пайҷӯйии амалкард дар бисёре аз ширкатҳо дарёфти ин нуктаро барои мудирияти олӣ душвор мегардонанд, ки шикоф миёни стратегия ва амалкарди ношӣ аз барномарезии заиф, иҷрои заиф, ҳарду, ё ҳеҷ кадом аст.

Дар нашрияи «Форгон» омадааст: Танҳо камтар аз 10% стратегияҳое, ки ба шакли коро формула (ба шакл даромадан) шудаанд, ба шакли коро пиёда мешаванд. Дар аксари маворид баррасӣ шуда, ҳудуди 70% мушкилоти воқеии ношӣ аз стратегияҳои заиф нест, балки минбаъс аз иҷрои заиф мебошанд. Чаро?

-созмонҳо наметавонанд стратегияҳои худро тавсиф кунанд;

-стратегияро мудирият (идора) намекунанд;

-иҷрои стратегияро ба як шоистагии аслӣ табдил насохтаанд.

Каплан ва Нортон бар ин ақидаанд:

- равиши дақиқ ва мушаххасе ҷиҳати тавсифи стратегия вуҷуд надорад;
- 95% аз нерӯи кор стратегияи созмониро дарк намекунанд;
- 67% манобеи инсонӣ ва сармояи иттилооти созмон бо стратегия ҳамсӯ намебошанд;
- фақат 25% аз ангеза ва муҳаррикҳои мудириятӣ (қувваҳои идоракунанда) марбут ба стратегия аст;
- 70% аз барномаҳои ҷуброни хадамот ва ангезиши мудирони миёнӣ марбут ба стратегия нест;
- 60% аз буҷаи созмонӣ марбут ба стратегияи созмонӣ нест;
- 85% аз тимҳои амалиётии замонӣ камтар аз як соат дар моҳро ба баҳс пиромуни стратегия ихтисос медиҳанд.

Илова бар мушкили пиёдасозии стратегия аксари созмонҳо танҳо қодир ба андозагирии дороиҳои машҳуди худ мебошанд. Чаро ки меъёрҳои молии тавоноии тавсиф ва санҷиши дороиҳои номашҳудро надоранд.

Дар асри иттилоот ширкатҳо бояд ба таври фароядае дороиҳои номашҳудро халқ ва созмондиҳӣ кунанд. Дороиҳои номашҳуд ба манобеи аслии мазияти рақобатӣ мубаддал шудаанд ва созмонҳо дар пайи ёфтани абзоре барои тавсифу санҷиши арзиши онҳо мебошанд. Санҷиши арзиши дороиҳои номашдуд дар воқеъ, ба маънои тахмини мизони ҳамсӯйии ин дороиҳо бо роҳбурди ширкат аст. Нақшаҳои стратегӣ ба унвони яке аз абзори корти имтиёзии мутавозин наҳван табдили ибтикорот ва манофеи як созмон ба дастовардҳои машҳудро нишон медиҳанд.

Ширкатҳо равиши арзёбии мутавозинро барои тавсеа, иҷро ва назорати стратегӣ аз тариқи истифодаи мутавозин аз меъёрҳои молӣ ва ғайримолӣ ба кор мебаранд. Равиши арзёбии мутавозин ба сурати мудовим ва аз тариқи фароянди системаи назорат ва гузоришгарӣ бар асоси абъоди гуногуни амалкард бар нигориши ошкор ва ангезанигар таъкид дорад. Арзёбии мутавозин шомили маҷмӯае аз меъёрҳои амалкарди марбут бо якдигар аст, ки аз стратегияи созмон истихроҷ шуда ва ба тавсеа иҷро ва назорати стратегияи созмон кӯмак мекунад.

**Пешинаи таҳқиқи пажӯҳишҳои хориҷӣ.** Булин (2006) бо баррасии қобилияти иттико ва эътибори чорчӯби арзёбии мутавозин ва меъёрҳои марбут ба он ба ин натиҷа расид, ки арзёбии мутавозини як модели арзёбӣ амалкарди қобилияти иттико ва мӯътабар аст.

Чен ва дигарон (2006) авомили таъйинкунанда дар иҷрои арзёбии мутавозинро мавриди баррасӣ қарор доданд. Онҳо ба ин натиҷа расиданд, ки мушорикати мудири иршоди молӣ, мушорикати мудирони идории мухталиф, пуштибонии мудирияти олии созмон ва андозаи созмон ба таври боаҳамиятӣ бо мароҳили иҷрои арзёбии мутавозин ҳамбастагӣ доранд. Ҳамчунин онҳо нишон доданд, ки ин авомил бо мароҳили иҷрои арзёбии мутавозин тағйир мекунанд. Осман (2006) асароти тавсеаи модели улёи стратегӣ дар иҷрои арзёбии мутавозинро мавриди баррасӣ қарор дод.

Мутолиоти анҷомшуда дар мавриди пазириши арзёбии мутавозин нишон медиҳад, бисёре аз созмонҳое, ки арзёбии мутавозинро пазируфтаанд, як модели улё барои стратегияи худашон эҷод кардаанд. Осман дар ин мақола тафовутҳое байни ширкатҳое, ки ҳангоми иҷрои арзёбии мутавозин як модели улё барои стратегияи худашон эҷод кардаанд ва ширкатҳое, ки аз як модели улё истифода накардаандро мавриди баррасӣ қарор додааст. Натоиҷи вай нишон медиҳад, ки иҷрои бомуваффақияти арзёбии мутавозин ниёзманди тавсеа ва тафсили як модели улёи стратегӣ дар ҳар созмон аст.

Колбек ва Ворфилд (2007) бо истифода аз модели арзёбии суди боқимонда ба баррасии асари дороиҳои номашҳуди сабтнашуда бар суди ғайриодӣ ва арзишёбии ҳуқуқи соҳибони саҳҳом дар санъати бонкдорӣ пардохтанд. Онҳо ба ин натиҷа расиданд, ки якнавохтии суди ғайриодӣ ва дар натиҷа қиматгузории чандгонаи суди ғайриодии бонкдорӣ мутаносибан бо сутӯҳи дороиҳои номашҳуди сабтнашуда тағйир мекунад. Шавоҳиди онҳо нишон медиҳад, ки дороиҳои номашҳуди сабтнашуда дар дарки якнавохтӣ ва арзёбии судҳои ғайриодӣ дар санъати бонкдорӣ бисёр муҳим аст. Якнавохтии суд яке аз вижагиҳои муҳимми иттилооти молӣ аст, ки сармоягузорон дар арзишгузории ширкат онро истифода мекунанд.

**Пажӯҳишҳои дохилӣ.**

1. Намозӣ (1382) дар мақолае таҳти унвони «Такомули арзёбии мутавозин» сайри такомули арзёбии мутавозинро пайи се давра мавриди мутолиа қарор дод. Давраи аввал, ки аз соли 1992 оғоз гашта, арзёбии мутавозин ба унвони як фанни арзишёбии амалкарди мудирият ва созмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Дар давраи дуюм, ки аз соли 1996 шурӯъ шуд, арзёбии мутавозин ба унвони як системаи мудирияти стратегӣ ба кор бурда шуд ва дар давраи сеюм, ки аз соли 2001 оғоз гардид, афзун бар корбурдҳои қаблӣ, аз арзёбии мутавозин ба унвони як чорчӯби тағйироти созмонӣ истифода шудааст.

2. Алҳиёрӣ (1386) пажӯҳишеро бо унвони «Баррасии корбурди техникаи арзёбии мутавозин дар санҷиши амалкарди ширкатҳои пазируфташуда дар бурси (биржаи) авроқи баҳодори (коғазҳои қиматнок) Теҳрон» анҷом дод.

Ба ин манзур чаҳор манзари марбут ба арзёбии мутавозин таҳти ановини созаҳои молӣ, муштарӣ, фарояндҳои дарунсозмонӣ ва фарогирӣ ва рушд дар қолаби чаҳор фарзияи аслӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бо истифода аз абзори пурсишнома иттилооти 68 ширкат аз ширкатҳои пазируфташуда дар бораи авроқи баҳодори Теҳрон ҷамъоварӣ шудааст.

Натоиҷ ҳосил аз таҳлил ва таҷзияи омории пажӯҳиш нишон дод, ки муҳимтарин меъёрҳои молӣ, ки ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон барои арзёбии амалкарди бахшҳои мухталиф ва мудирони ширкат истифода мекунанд, иборатанд аз:

а) суди холис;

б) суди амалиётӣ;

в) даромади кул.

Афзун бар ин 92,6% аз ширкатҳои мавриди мутолиа аз техникаи арзёбии мутавозин ҷиҳати санҷиши амалкард истифода намекунанд. Аммо ин ширкатҳо аз меъёрҳои ғайримолии зер низ ҷиҳати арзёбии амалкарди бахшҳои мухталиф ва мудирони ширкат истифода мекунанд:

а) ризояти муштарӣ;

б) теъдоди шикоятҳои муштариён;

в) соати омӯзиши коркунон ва шунидани назарот ва пешниҳодҳои коркунон.

Алҳиёрӣ (1387) боз пажӯҳишеро бо унвони «Бакоргирии техникаи арзёбии мутавозин дар санҷиши амалкарди бемористонҳои Шероз» анҷом дод. Натоиҷи ҳосил аз таҷзия ва таҳлили омории пажӯҳиш нишон дод, шохиссозӣ дар ҳар чаҳор дидгоҳи арзёбии мутавозин дар бемористонҳои Шероз имконпазир мебошад, аммо то кунун пешниёзҳо ва тафаккуроти лозим ҷиҳати пиёдасозии ин техника дар бемористонҳои Шероз ба хубӣ эҷод нашудааст. Бо баррасиҳои бештар мушаххас гардид, ки дидгоҳи муштарӣ муҳимтарин омил ва дидгоҳҳои фарояндҳои дохилӣ, молӣ ва ёдгирӣ, рушд ба тартиб дар рутбаҳои баъд қарор гирифт.

**Баёни масъала.** Каплан ва Нортон дар соли 1992 истифода аз арзёбии мутавозинро ба унвони абзоре ҷиҳати арзёбии амалкард ва мудирияти стратегӣ дар ин гуна созмонҳо пешниҳод карданд. Бар асоси назароти Каплан ва Нортон арзёбии мутавозини чорчӯбиро ҷиҳати созмон додан ба аҳдофи стратегияи созмонӣ ироа мекунанд, ки шомили чаҳор шохисаи асосӣ аст: молӣ, ризоятмандии муштарӣ, фарояндҳои дохилӣ ва рушду тавсеа.

Арзёбии мутавозин яке аз охирин падидаҳои муҳими қарни бистум дар ҳисобдории мудирият аст, ки осори матлуби он дар оянда дар заминаҳои аҳдофи созмонӣ, барномарезӣ, ризояти муштариён, афзоиши арзиши саҳмдорон, афзоиши ризояти арзакунандагон, арзёбии амалиёти мудирон ва доираҳо, эҷоди системаи иттилоотии стратегия ва иртиботи стратегияи дарунсозмонӣ нақши босазое хоҳад дошт. Бо вуҷуди ин, таъйини дидгоҳҳои созмон гунаи дақиқ расидан ба аҳдофи

мавриди қабули афроди созмон, шиносоии руқабо, муштариён ва арзакунандагон ва истифода аз арзёбии мутавозин ин мавзӯотро барои созмонҳо ҳал кардааст.

**Суолоти таҳқиқ.** Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти арзёбии мутавозин дар санҷиши амалкарди Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб дар ин пажӯҳиш пайи посухгӯйи ба суолоти зер ҳастем:

**Суолоти аслии таҳқиқ**

1. Оё имкони пиёдасозии техникаи «арзёбии мутавозин» барои арзёбии амалкард дар Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб вуҷуд дорад?

2. Кадом як аз манзарҳои арзёбии мутавозин бештарин корбурдро дорад?

**Суолоти фаръии таҳқиқ**

1. Оё имкони шохиссозӣ дар манзари ҳоли арзёбии мутавозин вуҷуд дорад?

2. Оё имкони шохиссозӣ дар манзари муштарии арзёбии мутавозин вуҷуд дорад?

3. Оё имкони шохиссозӣ дар манзари фародидҳои касбу кори дохилии арзёбии мутавозин вуҷуд дорад?

4. Оё имкони шохиссозӣ дар манзари ёдгирӣ ва рушди арзёбии мутавозин вуҷуд дорад?

**Фарзияҳои таҳқиқ.** Дар ин пажӯҳиш аз тариқи меъёрҳое, ки нишондиҳандаи иҷрои равиши арзёбии мутавозин аст, ба баррасии ин мавзӯъ пардохта шудааст. Фарзияҳои таҳқиқ бар асоси пурсишҳои аслӣ ва фаръии таҳқиқ ин гуна танзим гардидааст:

**Фарзияҳои аслии таҳқиқ.** Имкони иҷрои арзёбии мутавозин дар Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб вуҷуд дорад.

**Фарзияҳои фаръии таҳқиқ:**

1. Имкони шохиссозӣ дар манзари ҳоли арзёбии мутавозин вуҷуд дорад.

2. Имкони шохиссозӣ дар манзари муштарии арзёбии мутавозин вуҷуд дорад.

3. Имкони шохиссозӣ дар манзари фароянди дохилии арзёбии мутавозин вуҷуд дорад.

4. Имконияти шохиссозӣ дар манзари ёдгирӣ ва рушди арзёбии мутавозин вуҷуд дорад.

**Ҷомеаи оморӣ.** Ҷомеаи оморӣ дар ин пажӯҳиш шомили мудирон ва сарпарастони Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб аст.

**Намунаи оморӣ.** Бо таваҷҷуҳ ба ҷадид будани техникаи арзёбии мутавозин дар Ироқ ҳеҷ гуна намунагирӣ ба амал нахоҳад омад, балки куллияи мудирон ва сарпарастони молии бахшҳои мухталифи Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва дар воқеъ ҷомеа ва намунаи таҳқиқ баробар аст.

**Давраи замонӣ.** Барои андозагирии мутағайирҳо дар ин таҳқиқ соли молии 1389 мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Равиши таҳқиқ.** Таҳқиқи ҳозир бар асоси навъи ҳадафи корбурдӣ ва бар асоси равиш аз навъи тавсифии таҳлилӣ аст. Аз лиҳози мавзӯӣ ин пажӯҳиш дар ҳавзаи ҳисобдории мудирият мебошад ва имкони иҷрои арзёбии мутавозинро дар Ширкати миллии нафтхези Ҷануб мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар ин пажӯҳиш барои таҷзия ва таҳлили иттилооти бадастомада аз равишҳои омории тавсифӣ ва иттилоотӣ истифода мешавад. Ба манзури таҳлили кайфии иттилооти умумии бадастомада аз пурсишнома аз равишҳои омори тавсифӣ аз қабили тавзеи фаровонӣ, миёнгини миёна ва мад истифода шудааст. Барои озмуни фарзияҳои пурсиш аз озмунҳои нопараметрии Qp (озмуни миёна), озмуни U - манвитней ва озмуни H - Крускал - Валлис истифода шудааст.

**Озмуни фарзиёт.** Ҳамон гуна, ки дар фасли севум ишора шуд, саволҳои матраҳшуда бо гузинаҳои аслан кам, мутавассит, зиёд ва бисёр зиёд, ироа ва ба тартиб бо рутбаҳои 1,2,3,4 ва 5 арзишгузорӣ шудаанд. Аз он ҷое, ки дар як суол метавонад як мутағаййири тасодуфӣ талаққӣ гардад, равишҳои омории мавриди назар дар ду бахши омори тавсифӣ ва омори истинботӣ бо нигориши маънидод будан ва дастёбӣ ба аҳдофи таҳқиқ дар ростои таъйид ва ё ради фарзияҳо интихоб шудааст. Ҳамон гуна, ки дар фасли севум низ гуфта шуд, озмунҳои нопараметрии Qp бо қарор додани P=0,5 (озмуни миёна), озмуни U - Манн - Витней, озмуни H - Крускал - Валлис ва озмуни Фредман ҷиҳати таҷзия ва таҳлили додаҳо ба кор гирифта шудаанд.

Пурсишнома бо баҳрагирӣ аз барномаи SPSS, EXCEL мавриди таҷзия ва таҳлили оморӣ қарор гирифтааст.

**Озмуни марбут ба фарзияи аслии таҳқиқ.** Барои озмуни фарзияи аслии таҳқиқ ибтидо пурсишҳои 1 то 60 таҳқиқ ба унвони «Имконсанҷии иҷрои арзёбии мутавозин» баррасӣ мегардад ва пас аз ин пурсишҳои 1 то 24 ба унвони «Пешниёзҳои фикрӣ ва иҷрои лозим барои иҷрои арзёбии мутавозин» мавриди муболиға ва озмун қарор мегирад.

Дар ҷадвали зер натоиҷи марбут ба пурсишҳои фарзияи аслии таҳқиқ (суолоти 1 то 60) мушаххас гардидааст.

**Ҷадвали 4.4. Иттилооти тавсифии марбут ба озмуни фарзияи аслӣ**

| Теъдод | Миёнгин | Миёна | Мад |
|---|---|---|---|
| 151 | 3/71 | 3/78 | 4/36 |

**Ҷадвали 5.4. Натоиҷи озмуни марбут ба фарзияи аслӣ**

| P-Value | Р-и озмун | Р-и мушоҳидашуда (%) | Теъдод | Табақа |
|---|---|---|---|---|
| 0,004 | 0,5 | 0,26 | 66 | Кӯчактар ё мусовии миёна |
| | | 0,74 | 85 | Бузургтар аз миёна |
| | | 1,00 | 151 | Кул |

Ҳамон гуна, ки мулоҳиза мешавад, дар 45 маврид аз 151 маврид (74%) бузургтар аз миёна воқеъ шудаанд. Бинобар ин интизор меравад, ки фарзи сифр рад шавад. Бо таваҷҷуҳ ба Р-и миқдорест, ки ба 0,004 баробар мебошад. Пас, дар сатҳи 0,01 ҳамон гуна, ки интизор мерафт, фарзияи аслӣ (суолоти 1 то 60) тағйир мешавад.

Иҷрои озмуни фарз бар асоси пурсишҳои 1 то 24-и таҳқиқ.

**Ҷадвали 6.4. Иттилооти тавсифии марбут ба озмуни фарзияи аслӣ (пешниёзҳо)**

| Теъдод | Миёнгин | Миёна | Мад |
|---|---|---|---|
| 151 | 3/71 | 3/78 | 4/36 |

**Ҷадвали 7.4. Натоиҷи озмуни марбут ба озмуни фарзияи аслӣ (пешниёзҳо)**

| P-Value | Р-и озмун | Р-и мушоҳидашуда (%) | Теъдод | Табақа |
|---|---|---|---|---|
| 0,002 | 0,5 | 0,68 | 104 | Кӯчактар ё мусовии миёна |
| | | 0,34 | 47 | Бузургтар аз миёна |
| | | 1,00 | 151 | Кул |

Ҳамон гуна, ки мулоҳиза мешавад, дар 132 маврид аз 151 маврид (68%) кӯчактар ё мусовии миёна аз миёна воқеъ шудаанд ва дар 19 маврид бузургтар аз миёна мебошанд. Бинобар ин интизор меравад, ки фарзи сифр рад шавад. Бо таваҷҷуҳ ба Р-миқдорест, ки баробари 0,002 мебошад. Дар сатҳи 0,05 фарзи 0 рад мешавад. Бинобар ин фарзияи аслӣ (суолоти 1 то 60) дар сатҳи 0/05 таъйид мешавад.

Бинобар ин бо таваҷҷуҳ ба натиҷаи 2 озмуни анҷомгирифта дар иртибот бо фарзияи аслии таҳқиқ метавонем ин гуна натиҷагирӣ кунем, ки имкони иҷрои арзёбии мутавозин дар Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 9.4. Натоиҷи озмуни марбут ба фарзияи фаръии аввал**

| P-Value | Р-и озмун | Р-и мушоҳидашуда (%) | Теъдод | Табақа |
|---|---|---|---|---|
| 0,001 | 0,5 | 0,30 | 47 | Кӯчактар ё мусовии миёна |
| | | 0,70 | 104 | Бузургтар аз миёна |
| | | 1,00 | 151 | Кул |

Бинобар ин бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи озмун метавонем ин гуна натиҷагирӣ кунем, ки имкони шохиссозӣ аз манзари молӣ дар Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 11.4. Натоиҷи озмуни марбут ба озмуни фарзияи фаръии дуюм**

| P-Value | Р-и озмун | Р-и мушоҳидашуда (%) | Теъдод | Табақа |
|---|---|---|---|---|
| 0,000 | 0,5 | 0,37 | 56 | Кӯчактар ё мусовии миёна |
| | | 0,63 | 95 | Бузургтар аз миёна |
| | | 1,00 | 151 | Кулл |

Бинобар ин бо таваҷҷуҳ бо натоиҷи озмун метавонем ин гуна натиҷагирӣ кунем, ки имкони шохиссозӣ аз назари муштарӣ дар Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 13.4. Натоиҷи озмуни марбут ба озмуни фарзияи фаръии сеюм**

| P-Value | P-и озмун | P-и мушоҳидашуда (%) | Теъдод | Табақа |
|---|---|---|---|---|
| 0,000 | 0,5 | 0,31 | 47 | Кӯчактар ё мусовии миёна |
| | | 0,69 | 104 | Бузургтар аз миёна |
| | | 1,00 | 151 | Кул |

Бинобар ин бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи озмун метавонем ин гуна натиҷагирӣ кунем, ки имкони шохиссозӣ аз манзари фароиндҳои дохилӣ дар Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 15.4. Натоиҷи марбут ба озмуни фарзияи фаръии чаҳорум**

| P-Value | P-и озмун | P-и мушоҳидашуда (%) | Теъдод | Табақа |
|---|---|---|---|---|
| 0,017 | 0,5 | 0,32 | 52 | Кӯчактар ё мусовии миёна |
| | | 0,68 | 99 | Бузургтар аз миёна |
| | | 1,00 | 151 | Кул |

Бинобар ин бо таваҷҷуҳ ба озмун метавонем ин гуна натиҷагирӣ кунем, ки имкони шохиссозӣ аз манзари ёдгирӣ ва рушд дар ширкатҳои петрухимиявӣ вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 16.4. Натоиҷи озмуни муқоисаи миёнгини рутбаи фарзиёт бо истифодаи озмуни Фредман**

| Авомили муқоисавӣ | Миёнгини рутба |
|---|---|
| Фарзияи дуюм | 3,79 |
| Фарзияи сеюм | 3,31 |
| Фарзияи аввал | 2,99 |
| Фарзияи чаҳорум | 2,54 |

**Ҷадвали 17.4. Омораи озмун ва миқдори сатҳи маънидории озмуни Фредман барои муқоисаи рутбаи фарзиёт**

| Теъдод | Миқдори омор | Дараҷаи озодӣ | Сатҳи маънидорӣ |
|---|---|---|---|
| 151 | 55,633 | 4 | 0,000 |

Аз он ҷо ки P-миқдор баробари сифр ба даст омадааст ва ин миқдор аз 0,01 кӯчактар аст, лизо фарзи сифр метавон натиҷа гирифт, ки дар сатҳи итминон 99% Но рад мегардад. Бад-ин тартиб ҳамон гуна, ки мушоҳида мешавад, Но-и радшуда, яъне миёнгини рутбаҳои фарзияҳо яксон нест.

Бо истифода аз ин озмун метавон имкони анҷоми фарзияҳои мухталиф (масалан, имкони шохиссозӣ аз манзарҳои мухталифро муқоиса ва фарзияе, ки имкони анҷоми бештареро дорад пайдо кард)-ро таъйин намуд. Бо таваҷҷуҳ ба ин пажӯҳиш ва бар асоси озмуни Фредман мушоҳида шуд, ки имкони шохиссозӣ аз манзари муштарӣ бештар аст.

**Натиҷагирӣ.** Ҳамон гуна ки қаблан низ гуфта шуд, таҳқиқи анҷомшуда дорои як фарзияи аслӣ ва чаҳор фарзияи фаръӣ аст, ки ҳар панҷ фарзия мавриди озмуни оморӣ қарор гирифтаанд. Теъдоди 176 пурсишнома байни мудирон, муовинон ва ҳамчунин сарпарастони шомили ширкат тавзеъ шуд, ки аз ин теъдод танҳо 151 пурсишнома барои таҷзия ва таҳлил қобили истифода буд. Сипас, озмунҳои омории муносиб бо навъи намуна рӯйи онҳо анҷом гардид. Фарзияҳо дар қолаби озмунҳои нопараметрии Qp (озмуни миёна), озмуни U - Манн - Витней ва озмуни H - Крускал - Валлис гардиданд. Дар поён низ аз озмуни Фредман ҷиҳати рутбабандӣ (дараҷабандӣ)-и фарзиёт нисбат ба якдигар истифода шудааст.

**Ҷадвали 1.5. Хулосаи натоиҷи пажӯҳиш**

| Фарзия | Шарҳ | Натоиҷи озмуни фарзия |
|---|---|---|
| Фарзияи аслӣ | Имконсанҷии пиёдасозии арзёбии мутавозин дар ширкатҳои петрохимиявӣ | таъйид шуд |
| Фарзияи фаръии аввал | Имкони шохиссозӣ дар манзари миллии арзёбии мутавозин дар ширкатҳои петрохимиявӣ | таъйид шуд |
| Фарзияи фаръии | Имкони шохиссозӣ дар манзари муштарии арзёбии | таъйид шуд |

| | | |
|---|---|---|
| дуюм | мутавозин дар ширкатҳои петрохимиявӣ | |
| Фарзияи фаръии сеюм | Имкони шохиссозӣ дар манзари фарояндҳои дохилии арзёбии мутавозин дар ширкатҳои петрохимиявӣ | таъйид шуд |
| Фарзияи фаръии чаҳорум | Имкони шохиссозӣ дар манзари ёдгирӣ ва рушди арзёбии мутавозин дар ширкатҳои петрохимиявӣ | таъйид шуд |

Бинобар ин имкони пиёдасозии арзёбии мутавозин дар Ширкати миллии «Нафтхез»-и Ҷануб вуҷуд дорад.

**Пешниҳодҳо барои пажӯҳишҳои отӣ (оянда)**

- арзёбии мутавозинро дар яке аз ширкатҳои мавриди баррасӣ пиёдасозӣ кунанд ва натоиҷи онро бо қабл аз иҷрои ин техника муқоиса кунанд;
- дар мавриди илати камтаваҷҷуҳӣ ба манзари ёдгирӣ ва рушду роҳкорҳои муносиб ҷиҳати ҳалли ин мушкил роҳи ҳал ироа кунанд;
- бо таваҷҷуҳ ба вуҷуди нармафзорҳои арзёбии мутавозин дар хориҷ аз кишвар, сайъ бар тавлиди ин гуна нармафзорҳо мутаносиб бо муҳит ва шароити гузоришдеҳе дар Ирон таҳия кунанд;
- дар таҳқиқоти ҷудогонаи шохиссозии ҳар як аз манзарҳои арзёбии мутавозин ва тадвини нақшаи стратегӣ дар ширкат ё соири созмонҳо анҷом диҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Озар Одил. Омор ва корбурди он дар мудирият / Озар Одил, Мӯъминӣ Мансур. -Теҳрон: Самт, 1378. -Ҷ.1.
2. Алҳиёрӣ Абҳарӣ Ҳамид. Баррасии корбурди техникаи арзёбии мутавозин дар санҷиши амалкарди ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон. Поённомаи коршиносии Аршад / Алҳиёрӣ Абҳарӣ Ҳамид. Донишгоҳи Шероз, 1386.
3. Хокӣ Ғуломризо. Равиши таҳқиқ бо рӯйкардӣ ба поённоманависӣ / Хокӣ Ғуломризо. -Теҳрон: Бозтоб, 1384.
4. Хоҷӯӣ Шукруллоҳ. Судмандии таҷзия ва таҳлили силсиламаротибӣ дар техникаҳои навини арзёбии амалкард / Хоҷӯӣ Шукруллоҳ, Амин Нозимӣ Ҳисобдор, 1386. -№185. -С. 81-88.
5. Сармад Зӯҳра Бозаргон Аббос. Равиши таҳқиқ дар умуми рафторӣ / Сармад Зӯҳра Бозаргон Аббос, Ҳиҷозӣ Илоҳаи. –Теҳрон: Огоҳ, 1383.
6. Намозӣ Абдулхалил Рошид. Пажӯҳишҳои тазаррубӣ дар ҳисобдорӣ / Намозӣ Абдулхалил Рошид // Дидгоҳи равоншинохтӣ. –Шероз: Донишгоҳи Шероз, 1379.
7. Фаххориён Абдулқосим. Арзёбии мутавозин-абзори пешбурди стратегӣ / Фаххориён Абдулқосим // Ҳисобдор, 1382. -№154.
8. Каплан Роберт Нортон. Созмони стратегимеҳвар / Каплан Роберт Нортон; тарҷумаи Бахтиёрӣ Парвиз. –Теҳрон: Мудирияти санъатӣ, 1386.
9. Намозӣ Муҳаммад. Арзёбии мутавозин дар ҳисобдории мудирият/ Намозӣ Муҳаммад, Рамазонӣ Амир Ризо // Мақолаи улуми иҷтимоӣ ва инсонӣ. Донишгоҳи Шероз. Давраи нуздаҳум, 1382. -№10.


## ПРИМЕНЕНИЕ СБАЛАСИРОВАННОЙ СИСТЕМЫ ПОКАЗАТЕЛЕЙ В НАЦИОНАЛЬНОЙ НЕФТЯНОЙ КОМПАНИИ «НАФТХЕЗ»НА ЮГЕ ИРАНА


Это исследование направлено на изучение целесообразности применения «Сбалансированной системы показателей в измерении производительности нефти в национальной нефтяной компании «Нафтхез» Исламской Республики Иран. Основная идея сбалансированной системы показателей (ССП) – это смещение вектора внимания руководства при оценке успешности компании с чисто финансовых показателей. Согласно данной концепции руководство предприятия должно отслеживать не только выручку и прибыль, но и другие критерии, связанные с взаимоотношениями с клиентами, совершенствованием внутренних бизнес-процессов и т. д.



**Ключевые слова:** система показателей, финансовые критерии, технологическое оборудование, методы учета управления, статистический анализ, система показателей в нефтяной промышленности.


## APPLICATION OF SBALASIROVANNOJ SCORECARD IN NATIONAL OIL COMPANY "NAFTHEZ" IN THE SOUTH OF IRAN


***Shahrokh bozorgmehrian***

***Department of Accounting, Masjed Soleyman Branch, Islamic Azad University, Masjed Soleyman, Iran***



This study aims at investigating the feasibility of the application of “Balanced Scorecard”, in performance measurement of Petroleum. Balanced Scorecard is one of the management accounting techniques. This technique organized in four distinct prospective: financial, customer, internal processes and learning and growth.This technique changes the organization vision and strategy to goals and criteria which are organized in four prospective: financial, customer, internal processes and learning and growth. Four prospective related to balanced scorecard were analyzed based on one main hypothesis and four subsidiaries. The gained results of Statistical analysis showed that indicating in all prospective of Balanced Scorecard in Petroleum is possible, but yet prerequired and needed thought to implementing this technique in Petroleum Company is not done well. I found out through more surveys that customer prospective was the most noticeable prospective and internal processes, financial and learning and growth prospective were ranked respectively.



**Key words:** benchmarking, financial criteria, processing equipment, accounting management, statistical analysis, system of indicators in the petroleum industry.

**Сведения об авторах:** ***Исмоил Хамид*** – преподаватель Свободного исламского университета Масджиди Сулайман, Иран
***Шохрухи Бузургмехриён*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ.
E-mail: **sharokh2076@yahoo.com**

# БАРРАСИИИ РАВИШҲОИ НАВИН ДАР МУДИРИЯТИ АРЗИШИ ҲОСИЛА ДАР БАРНОМАИ МУДИРИЯТ

***Наими Неъмоӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барномаи мудирият бешак яке аз муҳимтарин ва пуристифодатарин шохаҳои мудирият тайи чанд даҳаи охир аст. Бо бузург, печида ва ҳассос шудани барномаҳо, мутахассисони барномаи мудирият низ ҳамвора дар пайи ёфтани абзор ва роҳи ҳалҳои беҳтару асарбахштаре барои барномаҳои мудирият будаанд. Ба ҳамин далел, то кунун абзор ва равишҳои бисёр гуногуне барои барномаҳои мудирият ба вуҷуд омаддаст, ки ҳар як ба наҳве саъй дар кӯмак ба тасҳилу тасреҳи мароҳили фароянди барномаи мудирият доштааст.

Система ва ё стандарти «мудирияти арзиши касбшуда», ки дарбардорандаи мушаххасаҳои як системаи барномаи мудирияти коро ва асарбахш аст. Тайи 100 соли гузашта дастхуши тағйироти гуногуне шуда ва дар ҳоли ҳозир ба сурати стандарти барномаи мудирият дар кишварҳои монанди Амрико ва Англия ба дунёи барномаҳо муаррифӣ шудааст.

**Барномаи мудирият.** Тедд Калстрон муътақид аст, қисмати барномаҳои мудирият бидуни таваҷҷуҳ ба дониши барномаи мудирият, ба ҳадди ақали 4500 сол пеш бармегардад. Созандагони аҳроми Миср ва маобиди Моё дар Амрикои Марказӣ, ағлаб ба унвони аввалин мудирони барномаи дунё маҳсуб мешаванд.

Дар китоби Али Воҳидӣ Диз, барномаи мудирият ба сурати зер таъриф мешавад: «Фароянди барномарезӣ, замонбандӣ ва назорати фаъолиятҳои барнома ба манзури дастёбӣ ба аҳдофи замонӣ, ҳазинавӣ ва амалкарде (кайфӣ)-и барнома дар маҳдудакорӣ таъриф шуда ва истифодаи кори ӯ асарбахш аз манобеъ».

Бо таваҷҷуҳ ба раванди рӯ ба рушди барномаҳо ва лузуми мудирият ба барномаҳо, анҷумани мудирияти барномаи Амрико дар соли 1969 таъсис шуд. Дар соли 1976, ин анҷуман тасмим ба мустанадсозии назарот ва дониши омӯхтаҳои мудирони барнома намуд, ки дар натиҷаи ин фаъолият, маҷмӯае таҳти унвони «Пайкараи дониши мудирияти барнома» дар соли 1987 ба чоп расид. Аз нигоҳи муассисаи барномаи мудирияти Амрико: 1-Барномаи мудирияти якпорчагӣ; 2-Мудирият;

Мудириятро метавон, ба 9 дониш тақсим кард. Ин донишҳо иборатанд, аз (PMI) 3-маҳудудаи барнома; 4- ҳазинаи барномаи мудирият; 5- сифати барномаи мудирият; 6- мудирияти манобеи инсонӣ; 7- мудирияти иртиботи барнома; 8- мудирияти риск; 9- мудирияти тадорукот.

**Мудирияти арзиши касбшуда (EVM)**. Маншаи арзиши касбшударо ба сурати зер баён медорад (EVM): маҳдудуаи машоӣ, маншаи мудирияти арзиши касбшуда аз меъёрҳои системаи контрол замонбандӣ ва ҳазина нашъат гирифта аст, ки ба ихтисор EVM мудирияти арзиши касбшуда дар (DOD) ҳовӣ 35 меъёр буд, ки барои аввалин бор тавассути вазорати дифои Амрико C/SCSC намоиш медиҳанд C/SCSC сурати соли 1967-и мелодӣ ба унвони равишҳои қобили қабул ҷиҳати мудирияти ҳазинаи мавриди истифода қарор гирифтанд.

Мафҳуми «арзиши касбшуда» барои аввалин бор тавассути муҳандисини саноат, ки дар аввалин корхонаҳои Амрикоӣ кор мекарданд, роиҷ гардид. Пажӯҳишгароне, чун Фридрик Доблю, Тейлор, Фронкаф, Лейлон Гилберт ва дигарон дар тӯли се даҳаи охир дониши барномаи мудирият бо суръати чашмгире рушд намудааст, иттилоот ва дониши мавҷуд ба таври касбӣ ҷамъоварӣ шудааст. Имрӯз донише, ки дар барномаи мудирият бар он иҷмоъ доранд, дар маҷмӯае таҳти унвони «Пайкараи дониши барномаи мудирият» ҷамъоварӣ шудааст. Дар ин стандарт, арзиши касбшуда дар се фасли муҳим ва калидии он, яъне барномаи якпорчагии мудирият, барномаи ҳазинаи мудирият ва барномаи замони мудирият ташреҳ шудааст.

**Нишондиҳандаҳои арзишҳои касбшуда**. Арзиши касбшуда бар асоси муҳосибаи параметрҳои зер шакл мегирад. Буҷаи тамоми фаъолиятҳое, ки мутобиқи барнома то баррасӣ сарф шуданд. (BCWS);

Буҷаи кори барномарезишуда иборатанд, аз ҳазинаҳои бо меъёри аввалия барои кори воқеии анҷомшуда (BCWP);

Ҳазинаҳои барномаҳои кори анҷомшуда иборатанд, аз ҳазинаҳои воқеии пардохтшуда барои кори анҷомшуда (ACWP);

Ҳазинаҳои воқеии кори анҷомшуда;

Мизони инҳирофи барнома аз назари замонбандӣ равшан мекунад BCWP; ва BCWS муқоисаи SV= BCWP- BCWS.

Мизони инҳироф аз барномаро аз назари молӣ мушаххас мекунад BCWP ва ACWP муқоиса CV= BCWP- ACWP.

Анде Родмон замонбандиро нишон медиҳад. Миқдори хурдтарин аз 1 нишони мизон ақибмондагии замонӣ BCWS ба BCWP нисбати барнома аст.

SPI= BCWP/BCWS

Рондмони ҳазинаро мушаххас мекунад. Миқдори камтар аз 1 нишондиҳанда ин аст, ки буҷаи барномаи боздеҳӣ ACWP ба BCWP нисбати лозимро надорад.

Нишондиҳандаи тахмини ҳазина ва замони поёнии барнома ироа шудааст, ки аз байни онҳо танҳо се (EAC) тайи солҳои мутамодӣ, формулаҳои зиёде барои тахмини ҳазинаҳои поёнии барномаро ба сурати зер баён мекунанд. Формулаҳои маъруф ва пур корбурдро интихоб карда ва ташреҳ хоҳем кард. Формулаи кулли миқдори буҷаи мавриди ниёз барои такмили барнома+ миқдори ҳазинаи масрафшуда дар барнома

EAC=Actual +ETC

Бештар баҳсҳо ва формулаҳои мавҷуд ба хотири ихтилофи назар дар равиши тахмини буҷаи мавриди ниёз барои корҳои ETC дар тахминро метавон ба сурати зайл нишон дод ETC. Ба таври куллӣ (ETC) боқимондаи

ETC=BCWP/PF=(BAC-BCWR)/PF

Кулли буҷаи мусавваби BAC= арзиши буҷаи мавриди ниёз барои корҳои боқимонда BCWP= ки дар он барнома зариби амалкарди барнома PF= арзиши касбшуда BCWP = се ҳолати зер дар назар гирифта мешавад PF= бошад, ҷое ки замон барои корҳои боқимондаи мутобиқи шохис SPI= PF бошад

SCI=SPI*CPI

ҷое ки замон барои корҳои боқимондаи мутобиқи шохиси SCI.

**Баррасии роҳҳои ҳалли матраҳшуда барои мушкилоти мавҷуд дар равиши арзиши ҳосила**. Аз соли 2003 таваҷҷуҳи хосе барои ҳалли мушкилоти мавҷуд дар равиши арзиши ҳосила ба вуҷуд омад, ки ин роҳи ҳалҳо иборатанд аз: равиши замонбандии ҳосила тавассути «Липа», арзиши барномарезӣ тавассути «Анборӣ» ва замони ба даст омада тавассути Ҷейкоб. Ҳамчунин, дар соли 2006 ва 2007 Вондарвурд тахти ду мақола маҷзо ин се равишро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин мақолот равишҳо дар қисати баъд шарҳ дода мешавад.

**Тақсимбандии мутолеоти анҷомшуда**. Бо мутолеа ва баррасии мақолот ва конфронсҳои илмии баргузоршуда, метавон навъҳо ва гуногунии зиёде дар ҳавзаи мудирияти арзиши касбшуда мушоҳида кард. Чандин соли охир анвои конфронсҳо ва симпозиумҳо дар заминаи мудирияти арзиши касбшуда баргузор шудааст, ки дар натиҷаи ин ҳавза аз дониши мудирияти барнома бисёр мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифта аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин мақолот метавон ҳавзаҳои аслӣ дар мудирияти арзиши касбшударо ба сурати зер тақсим кард:

1.Шохисҳо ва моделҳои ҷадид дар пешбинии ҳазина;
2. Изофа кардани шохисҳо ва ё моделҳои ҷадид;
3. Ироаи барномаи компютерӣ;
4. Корбурди равиши арзиши касбшуда дар мавридҳои хос;
5. Ҳамафзоии мудирияти арзиши касбшуда ва мудирияти хатар;
6. Истифода аз равишҳои фозӣ;
7. Шохисҳо ва моделҳои ҷадид дар пешбинии замон;

Ҳамон тавр ки дар боло мушоҳида мешавад, мақолоти ироашуда дар заминаи мудирияти арзиши касбшударо метавон ба 7 ҳавзаи аслӣ тақсим кард. Дар идома ҳар яке аз ин ҳавзаҳоро шарҳ дода ва мақолоти марбути онро баён мекунем. Бо таваҷҷуҳ ба матолиби ироашуда дар бахши ин мақола, равиши арзиши касбшуда дар мубоҳисаи шохисҳои замонӣ бо мушкилоте рӯ ба рӯ аст, ки дар натиҷа муҳаққиқин ба ироаи роҳкорҳое барои ҳалли ин мушкилот пардохтаанд.

**Шохисҳо ва моделҳои ҷадид дар пешбинии ҳазина**. Ин ҳавза аз ибтидои мудирияти арзиши касбшуда, то соли 2000 мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқин қарор гирифтааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки шохисҳои ироашуда дар арзиши касбшуда, зуддории мақбулияти матлубӣ мебошанд. Ба шарҳи як мақолае ки ба баррасии се модел ва ироаи як модели ҷадид мепардозад, басанда мекунем.

Кристанас дар соли 1993 мақолае таҳти унвони «Пешбинӣ барои комил шудани масъала, як бознигарӣ дар се мутолеа»-ро дар маҷаллаи «Мудирияти барнома» ироа кард. Кристанас дар ин мақола ибтидо ба таҳлилу таҷзияи се мақолаи пеш аз худ мепардозад, ки ин мақолот ҳар кадом шохисҳои ҷадидеро барои пешбинии ҳазинаҳои барнома ироа медиҳанд. Сипас, вай бо баёни айб ва имтиёзи ҳар як аз ин шохисҳо, шохиси ҷадидро барои пешбинии ҳазинаи барнома пешниҳод менамояд.

**Изофа кардани шохисҳо ва ё моделҳои ҷадид.** Бо таваҷҷуҳ ба баррасиҳои анҷомшуда метавон натиҷа гирифт, шохисҳои ироашуда дар равиши арзиши ҳосила кофӣ набуда ва барои барномарезии назорати барнома мебояд шохисҳои бештар ва муассиртаре таррохӣ гардад. Дар натиҷа дар ин ҳавза муҳаққиқин бо баррасии шохисҳои равиши арзиши касбшуда, шохисҳои ҷадидеро барои такмили ин равиш ироа додаанд.

Лу ва ҳамкорон дар соли 2007 дар мақола таҳти унвони «Тадқиқоте барои назорати қобилияти итминони барнома бар асоси чаҳор ҳадаф», ки дар маҷаллаи «Касиён» ба чоп расидааст, ба ироаи модели ҷиҳати назорати итминони барнома бар асоси чаҳор меъёри сифат, ҳазина, фароянд ва амният мепардозад. Шоёни зикр аст, ки эшон бо ворид кардани меъёрҳои фозӣ дар муҳосиботи худ, модели худро аз ҳолати қатъӣ хориҷ карда ва муҳосиботи худро ба сурати фозӣ баён медорад.

Ванг дар соли 2006 дар мақолае таҳти унвони «Таҷрибаҳои судманд барои андозагирии ҳазина ва замонбандӣ аз тариқи мудирияти арзиши ҳосила ва контроли фаросндҳои оморӣ» ки дар маҷаллаи «Дониши компютер» ба чоп расидааст, моделеро ироа менамояд, ки бо таваҷҷуҳ ба он метавон контроли ҳазина ва замони барнома ва гузоришоти марбути онро бо итифода аз таҳлилҳои оморӣ ба даст овард. Аз равишҳои оморӣ истифода намудааст.

Кайфӣ дар соли 2006 дар мақолае таҳти унвони «Тарроҳии мудирияти барнома: як нишонагузорӣ ва беҳбуди муҳосиботи арзиши касбшуда» ки дар маҷаллаи байналмилалии «Барномаи мудирият» ба чоп расидааст, дар ибтидо шохисҳои ироашуда барои равиши арзиши касбшударо баррасӣ карда ва сипас шохисҳои ҷадидро бо мафҳуми равшантар ва инътиофпазирӣ бештар баён медорад.

Гарри дар соли 2005 дар мақолае таҳти унвони «Трофики додаҳо ба унвони шохисе барои муҳосибаи фоизи пешрафти барнома», ки дар маҷаллаи «VDA Brighit» ба чоп расидааст. Вай моделеро ироа менамояд, ки барои муҳосибаи сад фисадаи пешрафти барнома аз равиши трофики дода истифода менамяод ва сипас бо муқоисаи ин модел бо моделҳои ироашудаи қаблӣ бартарии модели худро баён медорад.

Нисор дар соли 2005 дар мақолае таҳти унвони «Ба кор бурдани таҳлилу таҷзияи Вейбол барои арзёбии кориии замонбандӣ ва ҳазина», ки дар маҷаллаи «Муҳандисӣ ва мудирияти сохт» ба чоп расидааст, моделеро ироа менамояд, ки барои муҳосибаи кориии замонбандии барнома аз равиши Вейбол истифода менамояд.

**Ироаи барномаи компютерӣ**. Бо таваҷҷуҳ ба истифода рӯзафзун аз компютер ва ҳамчунин доштани суръати фаровон дар истифода аз барномаҳои компютерӣ, муҳаққиқин низ саъй ба тарроҳии нармафзорҳое барои пиёдасозии ҳар чӣ беҳтари равиши арзиши касбшуда таррохӣ намудаанд. Ва ё дастае аз муҳаққиқин нармафзорҳоеро пиёдасози равиши архиши касбшуда дар як даста аз барномаҳои як созмон таррохӣ намудаанд. Ҳамчунин дар ин ҳавза мақолоте дар заминаи чигунагии муҳосиботи арзиши касбшуда дар нармафзориҳои мудирияти барнома низ ёфт мешавад.

Қонам ва ҳамкоронаш соли 2006 дар мақолае таҳти унвони «Як чаҳорчӯбе барои замони воқеи барномаҳои сохтмонӣ ва радгирии 100 фисадаи пешрафт», ки дар конфронси «Муҳандисӣ, сохт ва иқдомот дар муҳитҳои чолишангез» ба чоп расидааст, барномаи компютериро ироа менамояд, ки барои муҳосибаи равиши арзиши ҳосила дар барномаҳои сохтмонӣ корбурд дорад. Ин барнома бо Скуб барномаҳои сохтмонӣ таҳия шуда ва анвои дастабандӣ барои заминабандии барномаҳои сохтмониро доро мебошад.

**Корбурди арзиши касбшуда дар мавриди хос**. Равиши арзиши касбшуда барои тамоми барномаҳое дар ҳоли иҷро корбурд дорад. Вале барномаҳо дорои моҳиятҳои мутафовут мебошанд. Баъзе аз барномаҳо дорои замони бисёр кӯтоҳ ва бисёр дароз мебошанд ва бо ин ки баъзе аз барномаҳо дорои ҳазинаи бисёр зиёд мебошанд. Дар натиҷа теъдоде аз шохисҳои равиши арзиши касбшуда барои баъзе аз барномаҳои дорои аҳамияти болотаре мебошад. Дар ин ҳавза аз равиши арзиши касбшуда муҳаққиқин ба ироаи корбурди равиши арзиши касбшуда дар мавридҳои хос аз қабили созмонҳои фазоии Амрико, саноати гуногун, сохт ва анбордорӣ ва ғайра мепардозанд. Ин ҳавза дорои имтиёзи бисёр муҳиме, яъне корбурдӣ будани ин тадқиқот мебошад.

Гавон ва ҳамкорон дар соли 2006 дар мақолае таҳти унвони «Корбурди арзишҳои ҳосила дар барномаҳои анбордорӣ» ки дар маҷаллаи «Иттилооти мудирият ва дониши компютерӣ» ба чоп расидааст; Ибтидо ба шарҳ додани барномаи анбордорӣ пардохта ва сипас корбурди равиши арзиши ҳосиларо дар барномаҳои анбордорӣ баён медорад.

Ким ва ҳамкорон дар соли 2003 дар мақолае таҳти унвони «Як модел барои короии муассири равиши мудирияти арзиши ҳосила», ки дар маҷаллаи байналмилалии «Барномаи мудирият» ба чоп расидааст, равиши арзиши касбшудаи моделро пешниҳод мекунад, ки барои иҷрои беҳтарини равиши барномаи тадқиқотӣ корбурд дорад.

**Ҳамафзоии мудирияти касбшуда ва мудирияти риск**. Аз он ҷо ки дар муддати замони анҷоми барнома имкони ба вуҷуд омадни омилҳои ғайримутарақибаи зиёде ҳамчун сел, зилзила, шароитҷӯйи ва ғайра вуҷуд дорад, дар натиҷа дар пешбинии муддати замон ва ҳазинаи аввалияи барномаи адами қатъият вуҷуд дорад, ки ба кор бурдани равиши арзиши касбшуда бо мудирияти риск тавъам бо ҳам, метавонад тасвири воқеитаре аз вазъияти барномаро муҷараёни барнома нишон диҳад. Бинобар ин ҳавзаи бисёр мавриди таваҷҷуҳи муҳаққақин буда ва роҳкорҳои зиёде барои истифодаи ин ду равиш бо якдигар ироа гардидааст.

Гроҳам дар соли 2007 дар мақолае таҳти унвони «Истифода аз таҳлили ҳазина-риск барои пешбинии ҳазина ва мудирияти арзиши ҳосила», ки дар конфронси «Аэросипос» ба чоп расидааст, моделеро ироа менамояд, ки барои пешбинии ҳазина ва ҳамчунин муҳосибаи шохисҳои мудирияти арзиши касбшуда аз таҳиле таҳти унвони ҳазина-риск истифода менамояд.

**Арзёбӣ ва муқоисаи се равиши мавҷуд**. Вондарвуд ва ҳамкоронаш таҳти мақолае дар солҳои 2006 ва 2007 бо унвони «Як муқоиса байни равишҳои пешбинии муддатзамони барнома» бо истифода аз равиши арзиши касбшуда ва ҳамчунин мақолае «Як шабеҳсозӣ ва арзёбии равиши арзиши касбшуда» ибтидо ин се равишро мавриди баррасӣ қарор дода ва шохисҳои мавриди истифода дар ин равишро баён медоранд. Сипас бо таърифи шохисе се равишро бо якдигар муқоиса карда ва равише ки дорои камтарин хато мебошадро муаррифӣ менамояд.

Вондарвуд ибтидо ба шарҳи мушкилоти мавҷуд дар равиши арзиши касбшуда барои муҳосибаи шохисҳои замонӣ мепардозад. Аз он ҷо ки равиши дорои коройӣ ва умумияти бештаре мебошад, шарҳи комиле аз ин равишро ироа дода ва сипас шохисҳои замонбандии ҳосилаи зикршуда дар ин се равиш баён мекунад ва ин шохисҳоро бо якдигар муқоиса менамояд. Вондарвуд барои муқоисаи ин се равиш, ибтидо 9 санориюро мутобиқи шакли (1) таъриф менамояд:

9 санориюи шабеҳсозӣ шуда барои муқоисаи тестҳо:

Санорию: 1 Мо андозагирӣ кардаем, ки пружа пештар аз барнома аст ва ин андозагирӣ дуруст аст.

Санорию: 2 Мо андозагирӣ кардаем, ки пружа пештар аз барнома аст ва ин андозагирӣ дуруст аст.

Санорию: 3 Мо андозагирӣ кардаем, ки пружа ақибтар аз барнома аст, аммо пружа пештар аз барнома мебошад.

Санорию: 4 Мо андозагирӣ кардаем, ки пружа пештар аз барнома аст, аммо пружа таҳти барнома мебошад.

Санорию: 5 Ҳама чиз таҳти барнома мебошад.

Санорию: 6 Мо андозагирӣ кардаем, ки пружа ақибтар аз барнома аст, аммо пружа таҳти барнома мебошад.

Санорию: 7 Мо андозагирӣ кардаем, ки пружа пештар аз барнома аст, аммо пружа ақибатар аз барнома аст.

Санорию: 8 Мо андозагирӣ кардаем, ки пружа аќибтар аз барнома аст ва ин андозагирӣ дуруст аст.

Санорию: 9 Мо андозагирӣ кардаем, ки пружа аќибтар аз барнома аст ва ин андозагирӣ дуруст аст.

Ишон бо кӯмаки нармафзоре тахти 9 санорию, ки дар боло зикр шуд 3100 барнома бо 30 фаъолият ба таври тасодуфӣ эҷод карда ва ба унвони фазои намуна барои муқоиса байни ин се равиш ба кор мебарад. Вондарвуд барои муқоисаи ин равишҳо, ду шохис ба сурати зер истифода мекунад:

1. Миёнгини 100% -и хато;
2. Миёнгини мутобиқи 100%-и хато.

Дар ин мақола мо ба баррасии равишҳои навин дар мудирияти арзиши касбшуда, алалхусус ба шарҳи равиши замонбандии ҳосила пардохтаем. Дар ибтидо пайкараи дониши мудирияти барнома ва равиши арзиши касбшуда ташреҳ шуда ва сипас анвои тадқиқоти моделҳои равиши арзиши касбшударо зикр намудаем.

Равиши арзиши касбшуда назари мудиронро ба барномаҳое, ки ниёзманди таваҷҷуҳи бештар ҳастанд, ҷалб менамояд. Ҳамчунин дар авлавият банди барномаҳо ба мудирон кӯмак мекунад, то барномаҳоро дар даруни сабаде аз барномаҳо қарор дода ва мудирияти онҳоро беҳбуд мебахшад. Ин равиш ба мудирони пружа ва созмонҳо аломатҳои ҳушдордиҳандае медиҳанд, то бо мавқеъ дар қаболи амалкарди заифи пружа анҷом дода ва фурсатҳои такмили мавқеиятомези барномаҳоро афзоиш диҳад.

Дар ин мақола баррасии комил бар равиши мудирияти арзиши касбшуда ва шохисҳои мавриди истифода дар ин равиш ва наҳваи рафтори онҳо дар мақтаъҳои замонии мухталифи барнома сурат гирифтааст. Бар асоси он чӣ баён шуд, шохисҳои ҳазинавии равиши арзиши касбшуда дар кулли гардиши умри барнома ба хубӣ амал менамоянд ва қобилияти болоии итминон доранд. Вале шохисҳои замонӣ дар 1/3 интиҳои барнома натоиҷи нодурусте ва ғайривоқеиро ироа медиҳанд. Ҳамчунин ин шохисҳо, бар асоси ҳазинаҳо баён мегарданд, ки ҳамин амр тафсир ва тавҷеҳи вазъияти замонбандии барномаҳоро барои мудирон мушкил месозад. Дар натиҷа дар равиши ҷадиди арзиши касбшуда аз техникаи замонбандии ҳосила истифода мегардад. Тафсири ин шохис содатар мебошад, зеро бар асоси замон муҳосиба мешавад ва ҳамчунин миқдорҳои ин меъёр дар кулияи мақотеи замонии барнома мӯътабар мебошад. Ба далели қобилияти итминони болоӣ ин шохисҳо метавон онҳоро ба роҳатӣ ҷиҳати пешбинии замони такмили пружа ба кор бурд.

Аз мудирияти арзиши касбшуда дар пардохт ба паймонкорон низ метавон истифода намуд, ба тавре ки пардохтҳо бобати корҳои қарордодӣ ва паймонкорӣ бар асоси арзиши касбшуда анҷом гардад. Чун дар қарордодҳо тааҳҳудоти молӣ ва қонунӣ вуҷуд дорад, лозим аст, то равиши муносибе барои арзёбии пешрафт мушаххас гардад. Интихоби равиши муҳосибаи пешрафт, бояд бодиққати кофӣ анҷом гирад ва муҳите одилонаву мутасовӣ барои эҷоди ангеза ҷиҳати мавқеиятомези корҳои қарордодӣ ва паймонкорӣ эҷод гардад.

Равиши мудирияти арзиши касбшударо дар барномаҳое бо андоза ва анвои мухталиф, хусусӣ ва ҳамчунин дар сутуҳи мухталиф ва аҷзои мухталифи ҳазина монанди нерӯи инсонӣ, мавод ва пайкорон низ метавон ба кор бурд. Содасозии муҳосиботи равиши арзиши касбшуда, ба коргирии абзорҳои графикӣ барои дарки беҳтари равандҳои барнома ва ҳамчунин корбурдҳои мавқеиятомез дар саноат, факторҳои муҳим барои рушду ба коргирии муассири ин равиш дар мудирияти барнома мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Сабзапарвар Маҷид. Назорати барнома / Сабзапарвар Маҷид. -Теҳрон: Тарма, 1385.
2. Авазхоҳ Ҳусайн. Мурoҷиати комили барномарезӣ ва назорати пружа бо паримоваро / Авазхоҳ Ҳусайн. -Теҳрон: Ноқус, 1384.
3. Фаррух Машоӣ Муҳаммадризо. Мудирияти арзиши касбшуда / Фаррух Машоӣ Муҳаммадризо. – Теҳрон: Расо, 1385.
4. Фархиён Фотима. Баррасии шохисҳои арзёбии амалкарди пружа дар равиши мудирияти арзиши ҳосила ва корбурдҳои он / Фархиён Фотима, Татяна Шево // Сеюмин конфронси байналмилалии мудирияти пружа. –Теҳрон, 1385.
5. Шафеӣ Аҳмад. Ҳамафзоиши мудирияти арзиши касбшуда ва мудирияти риск ҷиҳати афзоиши асарбахшии мудирияти барномаҳо / Шафеӣ Аҳмад, Шафеӣ Муҳаммад // Сеюмин конфронси байналмилалии Мудирияти барнома. –Теҳрон, 1385.

6. Шодрухи Шаҳром. Методологияи мудирияти арзиши касбшуда бо рӯйкардҳои фозӣ / Шодрухи Шаҳром, Мусалламӣ Лайло // Сеюмин конфронси байналмилалии Мудирияти барнома. –Техрон, 1385.
7. Vandevoorde S. A comparison of different project duration forecasting methods using earned value metrics / S. Vandevoorde and Vanhoucke Mario // International Journal of Project Management, 2006.
8. Lu N. Reaserch on unit project realibility control based on four targets / N. Lu // Journal of “Xi an”, 2007.
9. Nassar K.M. Using Weibull analysis for evaluation of cost and schedule performance / K.M. Nassar and H.G. Gunnarsson // Journal of Construction Engineering and Management, 2005. -P. 1257-1262.
10. Graham D.R. Using cost –risk to connect cost estimating and Earned Value Management / D.R. Graham // IEEE Aerospace Conference Proceedings, 2007. -№3121. -727.
11. Christensen D.S. The estimate at completion problem: A riew of three studies / D.R. Graham // Project Management, 1993. -P. 37-42.

**ИССЛЕДОВАНИЕ НОВЕЙШИХ МЕТОДОВ В УПРАВЛЕНИИ СТОИМОСТНОЙ ОЦЕНКИ В ПРОГРАММЕ УПРАВЛЕНИЯ КОМПАНИИ**

Данная статья посвящена изучению новейших методов в управлении стоимостной оценки в программе управления компанией. Стоимость компании зависит от отдачи инвестированного капитала, которая превышает затраты на привлечение капитала и ее налаженное управление направлено на максимизацию своей стоимости, принятие управленческих решений на ключевых факторах стоимости. При хорошо отлаженном управлении планирования и оценки результатов деятельности обеспечивается дальнейшее развитие компании. Управление стоимостью поддерживает разумное равновесие между долгосрочными и краткосрочными целями деятельности. Если управление стоимостью внедрено и организовано должным образом, компания получает огромные выгоды.

**Ключевые слова:** управление, стоимостная оценка, рост экономической эффективности, управление стоимостью, система планирования, принятие решений, стоимостные показатели.

**STUDY OF INNOVATIVE PRACTICES IN THE MANAGEMENT OF THE VALUATION IN THE COMPANY**

This article is devoted to the study of innovative practices in the management of the valuation of the company management. Company's value depends on the value of invested capital, which exceeds the cost of raising capital and its established governance aims at maximizing its value, management decisions on the key factors of value. In well-functioning management planning and performance measurement is the further development of the company. Cost management supports a reasonable balance between long-and short-term goals. If cost management implemented and organized properly, the company gets tremendous benefits.

**Key words:** management, valuation, increasing economic efficiency, cost management, planning, decision-making, values.

**Сведения об авторе:** ***Наими Неъмои*** – соискатель Таджикского национального университета

# ҶУБРОНПУЛӢ ДАР ЭРОН АЗ ДИРӮЗ ТО ИМРӮЗ

***Фарибурзи Муҳсинӣ***
**Пажӯҳишгоҳии иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Тафаккури вуруди ҷубронпулӣ ба буҷаи давлатӣ пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дар Эрон шакл гирифт. Бо аз байн рафтани зерсохтҳои иқтисодӣ ва дар натиҷаи заъфи шадиди тавлид (тарафи арза) ва аз сӯйи дигар ҷамъияти зиёд ва дар натиҷа, афзоиши шадиди тақозои иқтисодӣ ҷаҳонӣ шоҳиди таварруми лаҷомгусехтае гардид, ки дар асари он масрафкунандагон тавони таҳияи маоши рӯзмарраро надоштанд ва дар натиҷа, давлатҳо ҷиҳати таъмини ниёзҳои мардум аз як сӯ ба фурӯши тавлидоти воҳидҳои тавлидӣ аз сӯйи дигар, ба фикри пардохти бахше аз баҳои тамомшудаи тавлид ба тавлидкунандагон пардохтанд, ки онро ҷубронпулӣ номиданд. Дар ин росто кишвари мо низ истисно набуда, то бад-он ҷо ки дар ҳар давра бахши қобили мулоҳизае аз буҷаи давлат ба ҷубронпулиҳо ихтисос ёфта, рафта-рафта ба далели истифодаи яксон ва ноодилонаи ақшори мухталифи мардум, аз ин ҷубронпулиҳо фикри ҳадафмандии он эҷод ва дар ниҳоят дар соли 1389 иҷро гардид.

Акнун назар ба гузашта қариби як сол иҷрои қонуни ҳадафманд кардани ҷубронпулиҳо таҳқиқи зер таҳти унвони (ҷубронпули дар Эрон аз дирӯз то имрӯз) дар се бахши аслӣ гирдоварӣ шудааст:

Бахши аввал, ба чигунагии пайдоиши тафаккури ҷубронпулӣ дар иқтисоди Эрон пардохт.

Бахши дуюм, ҷойгоҳи ҷубронпулӣ дар низоми барномарезӣ ва буҷабандии Эрон дида мешавад.

Бахши сеюм, бо таваҷҷуҳ ба гузаштаи наздик ба як сол аз иҷрои қонуни ҳадфманд кардани ҷубронпулиҳо ба чигунагии шаклгирии ин қонун ва комёбиҳо ва адами комёбиҳои он мепардозад.

Пас аз вуқӯи ҷанги вайронгари дуюми ҷаҳонӣ ва ба иллати вайронии зерсохтори иқтисодӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон сатҳи тавлидот дар муқоиса бо тақозо ба шиддат поин омад ва муҷиби таварруми шадиди қиматҳо аз як тараф ва аз тарфи дигар ба далели нобудии корхонаҷот мунҷар ба бекории густарда гардид. Мавридҳои фавқ лузуми ҳимоят аз масрафкунандагонро беш аз пеш намоён сохт.

Дар ин росто ва аз аввалҳои даҳаи 40 баҳси ҷубронпулиҳо вориди иқтисоди Эрон гардид ва ба тадриҷ дар буҷаҳои солона раванди суудӣ ёфт. Аз тарафе бо таваҷҷуҳ ба тафовути ошкори масрафи ақшори мухталиф аз колаҳои ҷубронпулӣ ҳамвора баҳси ҳадафманд кардани ҷубронпулиҳо дар иқтисоди Эрон мартаҳ буда, ки дар ниҳоят ва аз охирҳои соли 1389 ба мавқеи иҷро гузорида шуд, ки дар ин таҳқиқ ба комёбиҳо ва адами комёбиҳои он ишора хоҳад шуд.

**Ҷубронпулӣ аз дирӯз то имрӯз** Шояд битавон аввалин фикри шаклгирифта дар хусуси пардохти ҷубронпулиро ба даврони Сафавия нисбат дод, ки дар он ба ҷиҳати ҳифзи қудрати хариди мардум аз тахфифи молиётӣ истифода гардид. Пас аз он бо ҳимоят аз кишоварзон аз тариқи эҳдои ройгони ниҳодҳои кишоварзӣ, ҷубронпулӣ вориди бахши тавлид гардид. Дар солҳои баъд ва мушаххасан дар солҳои даҳаи 20 бо сохти аввалин анбори захирасозии гандум амалан сиёсати хариди тазминии гандум аз сӯйи давлат ба иҷро даромад. Аз як сӯ давлат гандумиро бо қимати болотар аз нархи бозор аз кишоварзон харидорӣ ва аз сӯйи дигар, ҷиҳати дастёбии ақшори камдаромад нонро бо қимати поинтар аз он ки тамом мешуд, дар ихтиёри масрафкунандагон қарор дода, амалан аввалин ҷубронпулӣ бар рӯйи нон пардохт шуд.

**Таъсири ҷангҳои ҷаҳонии аввал ва дувум бар низоми ҷубронпулиҳо дар Эрон.** Бо шӯълавар шудани оташи ҷангҳои ҷаҳонии аввал ва дувум ва ҷиҳати таъмини маоши мавриди ниёзи мардум давлатҳои вақт талоши худро бар назорат ва пардохти ҷубронпулӣ ҷиҳати поин нигоҳ доштани қимати гандум ва гушт масраф доштанд. Аз сӯйи дигар ва бо таваҷҷуҳ ба такяи чашмгири даромади давлат ба нефт бо афзоиши қимати нефт ҳаҷми ҷубронпулиҳо низ дар буҷаи давлат афзоиш меёфт. То ба он ҷо ки ҳаҷми ҷубронпулӣ дар соли 1315 нисбат ба соли 1354 тақрибан 2% буд. Иллати умдаи он такони нефти бузурги солҳои 1353-1354 буд.

Ҳамзамон бо такони қимати нефт дар ин солҳо мизони даромади нефти Эрон аз ҳудуди 160 млр. риёл дар соли 1350 ба ҳудуди 1250 млр. риёл дар соли 1354 расид. Дар ин росто ба далели адами таносуби зерсохтҳои иқтисодӣ, бандарҳои киштиронӣ, роҳҳои асфалтӣ ва оҳан, саноеи модар ва ғайраҳо кишвар ба далели вуҷуди даромади боло ба сӯйи воридоти беравия рӯй оварда, барои аввалин бор (бемории Голандӣ) дар иқтисоди Эрон ошкор шуд. Дар ин росто, бо афзоиши шадиди сатҳи қиматҳо дар соли 1353 давлат барои ҳимоят аз масрафкунандагон дар муқобили ин таварруми шадид иқдом ба таъсиси сандуқи ҳимоят аз масрафкунандагон намуд, ки яке аз ҳадафҳои он эҷоди таърифи хос барои пардохти ҷубронпулӣ буд ва дар ниҳоят, соли 1356 вазифаҳои он ба созмони ҳимоят аз тавлидкунандагон ва масрафкунандагон вогузор шуд.

**Вуқӯи инқилоби исломӣ, ҷанг ва таъсири он бар низоми ҷубронпулиҳо.** Бо пирӯзии инқилоби исломӣ ва ба далели барҳам хӯрдани созу кори бисёре аз идорот, вазифаҳои созмони фавқ ба ситоди басиҷи иқтисодӣ вогузор гардид, ки ба далели адами анҷоми бемавқеъ ва саҳеҳи вазифаҳо дар ин солҳо рушди қобили мулоҳизаи қиматҳо рӯ ба рӯ будем. Бо вуқӯи ҷанг дар соли 1359 ва бурузи мушкилоти иқтисодӣ ноши аз он, аз қабили вайронии зерсохтор ва саноеи модар ва низ таҳлилҳои навасони шадиде дар тавлиду арзаи колаҳо рӯй дод, ки дар натиҷа, муҷаддадан вазифаи танзими бозор ба созмони ҳимоят аз масрафкунандагон ва тавлидкунандагон вогузор гардид. Дар ин солҳо бо иттихози ҳамзамони сиёсати саҳмиябандии колаҳо ва пардохти ҷубронпулӣ рӯйи онҳо то ҳадде қобили мулоҳизае аз афзоиши қиматҳо ва камбуди колаҳо пешгирӣ гардид. Лекин дар солҳои 1365 то 1367 ва бо эҷоди низоми чанднархии арз қимати ақломи тавлиди дохил бо ҳам то 3 баробар афзоиш ёфт.

**Поёни ҷанг ва шурӯи барномаҳои иқтисодӣ** Аввалин барномаи тавсеаи фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Эрон бо поёни ҷанг ва дар солҳои 1368-72 ба мавқеи эҷод даромад, ки дар он ба далели садамаҳои зиёди расида бар мардум аз ноҳияи ҷанг пардохти ҷубронпулиҳо ба тав ри ҷиддӣ дар буҷаи давлат қарор гирифт.

Дар хилоли ин солҳо ҷубронпулиҳои пардохтии давлат солона қариби 25% рушд карда, ба наҳве, ки дар поёни барномаи аввал бар ҳасби қиматҳои исмӣ, ҷубронпулиҳои пардохти тақрибан 100% афзоиш ёфт.

Дар барномаи дуюм ва бо таваҷҷуҳ ба пешниҳодоти сандуқи байналмилалии пул мабни бар анҷоми сиёсатҳои таъдили иқтисодӣ дар Эрон, рушди ҷубронпулиҳо дар буҷаи давлат шитоби камтаре ёфт, то бад-он ҷо ки дар хилоли барномаи дуюм ба солона 9% расид. Гуфтани нукта холӣ аз лутф намебошад, ки алорағми коҳиши шитоби афзоиши ҷубронпулиҳо дар тӯли барномаи дуюм саҳми колаҳои масрафӣ аз ҷубронпулиҳо дар ин барнома беш аз барномаи аввал, валекин саҳми ҷубронпулиҳои тавлид камтар аз барномаи аввал мебошад.

**Тағйири нигариш аз ҳазфи ҷубронпулӣ ба ҳадафмандсозии он** Бо оғози барномаи сеюм (1379-83) нигоҳи коҳиш ё ҳазфи ҷубронпулиҳо ҷойи худро ба сиёсати ҳадафмандсозии ҷубронпулиҳо дод. Дар ин барнома ва бо тасвиби моводи 36, 46, 47, 196 ва 197 ва бандҳои ислоҳии 46 ва 47 қонуни ҷубронпулиҳо рангу рӯйи тозае гирифт. Ба унвони мисол, дар моддаи 47 лоиҳаи давлат ба маҷлис, механизми шиносоии хонаводаҳои камдаромад бо даромади мутавассит ва пурдаромад ҷиҳати чигунагии баҳрамандӣ аз ҷубронпулиҳои мутафовит пешбини гардида буд. Лекин ин пешниҳод дар саҳни ошкори маҷлис рад ва маҷлис бар пардохти ҷубронпулиҳо ба шеваи барномаи дуюм ва бар ақломи зарурӣ ҳам монанди гандум, биринҷ, равғани наботӣ, қанду шакар, панир, дору ва шири хушк таъкид намуд.

Албатта, дар мурдоди (августи) соли 1380 маҷлис давлатро мукаллаф ба баррасӣ ва мутолиаи коршиносишуда перомуни ҳадафмандсозии ҷубронпулиҳои колаҳои асосӣ ва ҳомилҳои энергӣ ҷиҳати таҳаққуқи ҳадафҳои зер намуд:

1. Таъйини қимати одилона ва мантиқии колаҳо ва энергия ҷиҳати пешгирӣ аз қочоқи онҳо;
2. Барҳам задани низоми баҳрамандии мусовӣ аз ҷубронпулиҳо ба нафъи хонаводаҳои камдаромад;
3. Ҳимоят аз тавлиди дохилии колаҳои ҷубронпулӣ;
4. Тақвияту густариши низоми рифоҳи иҷтимоӣ ба ҷойи пардохти нақдии ҷубронпулиҳо;
5. Сармоягузориҳои зербиноӣ ва маҳрумиятзудоӣ аз кишвар ҷиҳати эҷоди иштиғол;
6. Тавсеаи саноеи иштиғолзо аз маҳалли даромадҳои ҳосил, аз иҷрои ин қонун бо пардохти воми камбаҳра.

Ҳарчанд ки давлат дар солҳои барномаи севум ба далели адами дастёбӣ ба оморҳои дақиқ дар хусуси даҳаҳои даромадӣ муваффақ ба тадвини тарҳи ҳадафманд кардани ҷубронпулиҳо нагардид, лекин дар хилоли ин солҳо бо иқдомот ба шарҳи зер талошҳои қобили таваҷҷуҳеро ҷиҳати баҳрамандии бештари ақшори осебпазир аз ҷубронпулиҳо ба иҷро даровард:

1. Таъйини саҳмияи хос аз ақломи асосӣ барои аввалин бор ва дар соли 1382 ҷиҳати мададҷӯёни комитети имдоди Имом, созмони беҳзистӣ, иттиҳодияи коргарӣ, кормандӣ ва нерӯҳои мусаллаҳ;
2. Афзоиши 100% саҳмияи шири хонаводаҳо;
3. Афзоиши саҳми ақшори осебпазир аз тариқи афзоиши ҷамъияти машмул аз 10 000000 нафар ба 15 0000000 нафар.

**Ҷубронпулиҳо дар барномаи чаҳорум.** Дар ин барнома ҷиҳати истиқрори адолат ва суботи иҷтимоӣ ва коҳиши фақр ва тавонмандсозии фақирон аз тариқи тахсиси коромад ва ҳадафмандии манобеи таъмини иҷтимоӣ моддаи 95 пешбинӣ ва анҷоми ин муҳим ба вазорати рифоҳ ва таъмини иҷтимоӣ вогузор гардид.

**Мизони ҷубронпулӣ дар буҷаи солҳои гузашта.** Дар тӯли солҳои барномаи севуми тавсеа рушди арқоми пардохти ҷубронпулиҳо идома ёфта, аз ҳудуди 8500 млн риёл дар соли 1379 ба беш аз 29 000 млр риёл афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин саҳми ҷубронпулиҳо аз буҷаи умумии давлат тайи 4 соли аввали барномаи севуми тавсеа аз ҳудуди 6% дар соли 1379 ба 8% дар соли 1382 расид.

Дар солҳои 1383, 1384 ва 1385 низ арқоми ҷубрнопулиҳо марбут ба тартиб 39,6; 40,2 ва 57,8 ҳазор млр риёл мебошад, ки рушдҳои чашмгиреро нисбат ба солҳои қабл нишон медиҳад.

Ҳамчунин ҷамъи ҷубронпулиҳое дар қонуни буҷа соли 1386 қариби 120 000 млр. риёл мебошад, ки ин мизон дар лоиҳаи буҷаи соли 1387 ба ҳудуди 123 000 млр риёл афзоиш ёфтааст.

Бояд таваҷҷуҳ намуд, ки бештари мизони ҷубрнопулиҳо марбут ба ҷубронпулиҳои колаҳои асосӣ ва воридоти бензин, нефт ва газ мебошад. Ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба омор мушоҳида мешавад, ки ҷубронпулиҳои воридоти бензин, нефт ва газ дар соли 1386 қариби 34 000 млр риёл будааст, ки ин мизон дар буҷаи соли 1387, 30 000 млр риёл шудааст. Ҷубронпулиҳои колаҳои асосӣ низ, аз ҷумла ҷубронпулиҳое аст, ки ҳазинаи болоеро ба давлат таҳмил мекунанд. Ҳаҷми ин ҷубронпулиҳо дар соли 1386 ҳудуди 45 000 млр риёл будааст ва дар соли 1387 ба ҳудуди 40 000 млр риёл коҳиш ёфтааст.

**Шурӯи иҷрои қонуни ҳадафманд кардани ҷубронпулиҳо** Дар соли 1388 ва пас аз баҳсҳои фаровон, қонуни ҳадафманд кардани ҷубронпулиҳои тасвиб, ки бар асоси он муқаррар гардид, даромад ҳосил аз афзоиши қиматҳо аз ин маҳал ба хазина ворис ва бад-ин шарҳ тавзеъ гардад:

1. 50% ба сурати мустақим ва пардохти нақдӣ ба хонаводаҳо;
2. 30% ба тавлидкунандагон;
3. 20% ҷиҳати умури зербиноӣ дар ихтиёри давлат.

Пас аз кашмакашиҳои зиёд оқибат дар озари (декабри) соли 1389 ҳадафмандии ҷубронпулиҳо ба боризи 455 000 риёл ба ҳисоби ҳар нафар аз гурӯҳҳои ҳадаф оғоз ва баъд аз он ҷубронпулиҳои энергӣ аам аз бензин, нефт ва газ, газоил, нефти курра, барқ ва ҷуброни обу орд ҳазф гардид.

Комёбиҳо ва адами комёбиҳо:

1. Комёбиҳо

- бо вуруди маблағҳои фавқ ба ҳисоби хонаводаҳо зариби ҷинӣ дар Эрон рӯ ба беҳбуд буда, лизо, иҷрои ин қонун метавонад дар сурати иҷрои саҳеҳ таъсири мусбат ба тавзеҳи одилонаи даромад дошта бошад;
- бо таваҷҷуҳ ба оморҳои мавҷуд масрафи энергия, бахусус, бензин ва газ дар кишвар ба наҳви қобили мулоҳизае коҳиш ёфт, ки дар натиҷа коҳиши воридоти ин колоҳо ба кишвар ва пешгирӣ аз хуруҷи арз аз кишварро дар пай доштааст;
- дар натиҷаи иҷрои ин қонун мунҳании тақозои кул ба самти рост ҳаракат карда, дар сурати ҳимояти ҳамзамон аз тарафи тавлид зимни афзоиши тавлиди нохолиси миллӣ метавонем шоҳиди афзоиши иштиғол ва рушди мулоими қиматҳо бошем.

2. Адами комёбиҳо

- то кунун ҳеҷ гуна ҷубронпулие ба бахши тавлид пардохт нагардида, лизо, назар ба афзоиши баҳои тамомшудаи тавлидот ба далели афзоиши баҳои ниҳодаҳо имкони таътилии бисёре аз воҳидҳои тавлидӣ ва дар натиҷа бекории хеле азиме аз нерӯҳои кор, қобили пешбинӣ аст;
- адами таҳаққуқи банди фавқ мунҷар ба коҳиши шадиди арза нисбат ба тақозо ва дар натиҷа афзоиши шадиди қиматҳо мегардад, ки дар натиҷаи он ва ба сурати ғайримустақим ҷубронпулиҳои пардохтӣ ба хонаводаҳо дар қолаби таварруми молиётии ношӣ аз афзоиши қиматҳо аз эшон пас гирифта мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Гузоришҳои маркази пажуҳишҳои маҷлиси шӯрои исломӣ, 1389.
2. Каҷбоф. Таърихчаи ҷубронпулӣ дар Эрон ва ҷаҳон / Каҷбоф // Идораи кулли омӯзиш ва парвариш. Муовинати сиёсӣ, 29.3-1387.
3. Арбоб Ҳамидризо. Иқтисоди хурд / Арбоб Ҳамидризо. Ҷубронпулиҳо. Най, 1378.
4. Салвадор Доманик. Иқтисоди хурд / Салвадор Доманик. –Теҳрон: Най, 1982.
5. Ҳусайнӣ Саидшамсиддини. Арзишёбии ҷубронпулиҳо дар иқтисоди Эрон / Ҳусайнӣ Саидшамсиддини // Конференсияи сиёсатҳои пулӣ ва молӣ, 1390.
6. Пажӯён Ҷамшед. Иқтисоди бахши умумии ду давлат ва ҷубронпулиҳо / Пажӯён Ҷамшед. Най, 1385.


## КОМПЕНСАЦИОННЫЕ ВЫПЛАТЫ В ИРАНЕ: ВЧЕРА И СЕГОДНЯ


В данной статье автор рассматривает право граждан Исламской Республики Иран на получение компенсационных выплат, который был введен в данной стране после Второй Мировой войны. Также рассматривается функционирование данной сферы в прошлом и в современный период. Социальное обеспечение как особый социальный институт государства является гарантией достойного развития каждого гражданина в общества и сохранения источника средств к существованию при наступлении различных жизненных ситуаций. Компенсационные выплаты являются одним из денежных выплат которые могут поспособствовать в поддержке гражданам в различных жизненных ситуациях.



**Ключевые слова:** компенсации, денежные выплаты, социальная поддержка населения, социальное обеспечение, денежные выплаты, права граждан Ирана на социальное обеспечение.

**COMPENSATION PAYMENTS IN IRAN: YESTERDAY AND TODAY**

In this paper the author examines the right of citizens of the Islamic Republic of Iran to receive compensation payments, which was introduced in the country after the Second World war. Also discusses the functioning of this sphere in the past and in modern times. Social security as a social Institute of the state is to guarantee a decent development of each citizen in society and maintain a source of livelihood upon the occurrence of different life situations. Compensation payments are one of the cash payments that can contribute to the support of citizens in different situations.

**Key words:** compensation, remuneration, social support of the population, social security, remuneration, rights of Iranian citizens to social security.

**Сведения об авторе:** ***Фарибурзи Мухсини*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ

# ТАҲЛИЛИ КОРБУРДИ ХАТАР, НАВЪҲОИ ХАТАР ВА ШЕВАҲОИ НАЗОРАТИ ОН

***Саидмуҳаммад Каримӣ, Саидмуҷтабоҳ Каримӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мизони хатари созмонҳои молӣ нисбат ба гузашта бисёр афзоиш ёфтааст. Бисёре аз хатарҳо ҷанбаи суннатӣ доранд, мисли хатари сӯхт шудани асл ва фаръи сармоя, хатари нархи баҳра ва хатари нақдинагӣ. Вале бисёре аз хатарҳо тоза ба вуҷуд омадаанд, мисли хатари муқаррарот, хатари нархи арз ва хатари манобеи инсонӣ.

Мудирияти хатар, ки ҳамвора фоизи ба ҳадди аксар расонидани даромад ва ба ҳадди ақал расонидани ҳазинаҳои амалиётӣ аст, дар марказҳо ва конуни ҳаракат ё фароянде қарор мегирад, ки бояд амалкардҳои бартарро таъйин намояд. Тафовут дар фалсафаи хатар равишеро ба кор мегирад, ки метавонад муҷиби равнақ ёфтанд, заиф шудан ё шикасти ширкат гардад. Дар созмонҳои молии кунунӣ ҳеҷ мудири аршаде наметавонад бидуни дарки густардаи абъоди хатар ва роҳҳо ё абзорҳои мухталиф ҷиҳати идора ва назорати он, вазифаи худро ба наҳви аҳсан анҷом диҳад.

Бархе аз мудирон дар баробари ин кори хатир ақибнишинӣ кардаанд ва кӯшидаанд худро аз падидаи хатар ба дур нигоҳ доранд. Онҳо кӯшидаанд, то даст ба амалиёте, ки хатарҳои муҳим доранд (мисли додани вомҳои баландмуддат то нархи баҳраи собит) назананд, ё ин ки хатарро ба дигарон мунтақил намоянд. Агарчи дар фароянди мудирияти хатар ин равишҳо аз ҷойгоҳи муҳиме бархурдор аст, вале мудир аз тариқи иҷтиноб ё парҳез аз хатарҳои сангин метавонад арзиши созмонро аз бозандагон ба ин гуна тафкик (ҷудо) намояд.

**Таърифи хатар.** Мудирияти хатар фароянди шинохт, авлавиятдиҳӣ, коҳиши асари пешомадҳои ғайримунтазир (маъмулан матнӣ) аст. Ба ибораи дигар, метавон онро ба сурати эҷоди барномае барои пешгирӣ аз мувоҷеҳа бо шароити душвор ё омода шудан барои онҳо ба тавре ки натиҷаҳои матлуб коҳиш пайдо кунанд таъриф кард.

Мудирияти хатар маъмулан ба бухронитарин хатарҳо аз миёни анбӯҳи азими он таваҷҷуҳ дорад ва аз он ҷо ки хатарҳои бузург таҳдиде барои истимрори тиҷорат маҳсуб мешаванд, муносиб аст. Агар ба онҳо таваҷҷуҳ шавад ва ҳазинае ба он ихтисос дода шавад, манфиати бузургтар аз ҳазинаи анҷомшуда насиб менамояд.

**Таърихи хатар.** Дар тӯли даҳаи гузашта ҳадафҳои баландмуддати мудирияти хатар дар созмонҳои молӣ ба мизони зиёде мавриди таҷдиди назар қарор гирифт. Бисёре аз мудирон ба мақомҳои иҷроии созмонҳои молӣ, замонеро ба ёд меоваранд, ки мудирияти хатар аз аҳамияти болое бархурдор набуд ва мутахассисони радаи миёнии созмон масъулияти ба ҳадди ақал расонидани зиёнҳои воридаро ба уҳда доштанд. Аз дидгоҳи созмонӣ, масъулияти мудирияти хатар ба афроди мутахассис (нерӯҳои ситодӣ) вогузор мегардид. Ба нудрат имкон дошт, ки ҳатто беҳтарин ширкатҳо ҳам хатари кулли ширкатро аз дидгоҳи мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳанд. Бештари ширкатҳо аз равиши мушобеҳе (дар мудирияти хатар) истифода мекарданд. Доираи эътиборот ва сиёсатҳои эътиборӣ танҳо ба як хатари марбут ба сӯхт шудани асл ва баҳраи вом ё бадеҳӣ таваҷҷуҳ мекард. Ҳисобрасон ба хатарҳои амалиётӣ таваҷҷуҳ мекарданд ва масоили марбут ба хатар ба воҳиди бима муҳаввал мешуд. Мудирияти аршади иҷроӣ пас аз ҳосили итминон аз ин ки доираҳо аз назари буҷа ва нерӯ таъмин шудаанд, таваҷҷуҳи бештаре ба ҷанбаҳои стратегии мудирияти хатар

наменамуд. Ба баёни содатар, аз назари бисёре аз ширкатҳо хатар яке аз падидаҳое буд, ки бояд онро ба ҳадди ақал расонид ё аз он парҳез кард.

Дар даҳаи 1980 ва солҳои нахустини даҳаи 1990 ширкатҳо дар бисёре аз мавридҳо, дидгоҳи худро нисбат ба хатар тағйир доданд. Фаротар ин ки бисёре аз рӯйдодҳои ин сол боис шуд, ки ҳадафҳои баландмуддати мудирияти хатар барои ҳамеша тағйир кунад. Мудироне, ки аз ин бобат ноогоҳ ва беэътино буданд, дучори мушкилоти бузурге шуданд ва ҳазинаҳои сангинеро пардохт намуданд. Мизони варшикастагии бонкҳо ба сатҳе расид, ки аз даҳаи 1930 то он замон бесобиқа буд. Ҳатто ширкатҳое, ки тавонистанд ҷони худро наҷот диҳанд, танҳо ба афзоиши арзиши бисёр андак ва рушди ночизе иктифо карданд.

Хатарҳои ҷадиде, ки созмони молӣ бо он рӯ ба рӯ шуд, аз назари моҳият ҷадид буда, ҳеҷ шабоҳате бо хатарҳои суннатӣ надошт. Нархи баҳра тағйир кард (дар гузашта ин навъ хатарро ба ҳисоби хатари эътиборӣ намегузоштанд) ва арзиши дороиҳо коҳиш ёфт. Зуҳури ширкатҳои байналмилалӣ ва густарише, ки дар ин замина мушоҳида шуд, боис гардид, ки ширкатҳо мутаҳаммили зиёнҳои сангине бишаванд (ва бояд гуфт, ки ин ширкатҳо ба чунин хатарҳо одат надоштанд). Системаҳои компютерӣ ҷойгузини системаҳои дастӣ шуд, кори ҳисобрасии амалиёт бисёр печидатар гардид. Тағйироте, ки дар қонунҳо ва муқаррарот ба вуҷуд омад, боис шуд, ки судоварии созмонҳои хадамотӣ аз шуъбаҳои вобаста тағйироти зиёде бинамояд. Бисёре аз созмонҳои молӣ, ки дар гузашта ҳамвора шоҳиди муваффақиятҳои чашмгир буданд, ояндаи худро мубҳам медиданд. Дар бисёре аз ширкатҳо фалсафаи мудирияти хатар ба гунае даромада буд, ки бояд як бори дигар дар бораи он ба андешид ва таҷдиди сохтор кард.

Саранҷом дар даҳаи 1980 ва 1990 мудирияти хатар мавриди таваҷҷуҳи мақомоти аршад ва иҷрои ширкатҳо қарор гирифт. Дар он солҳо мудирияти хатар метавонист ҳаммонанди ҳар муътабари дигаре бар суди ширкат асар бигузорад.

**Мафҳуми хатар**




Имрӯз дар саҳнаи рақобат, дарки мудирият ва стратегияи хатар ба сурати яке аз мазоёи умда ва муҳим даромадааст. Афзоиши арзиши саҳом ва судоварии баландмуддати ширкат ба шиддат дар гарави идораи умур ва ҳалли масоили хатар аст. Саранҷом, дар дунёи рақобатӣ, созмонҳои молӣ бояд аз назари ҳамла ва дифоъ, ҳамвора ба мудирияти хатар таваҷҷуҳ намоянд. Ширкатҳое, ки битавонанд масоили марбут ба хатарро ба хубӣ идора намоянд, метавонанд бар омилҳои муҳитӣ тасаллут

ёбанд. Вале ҳамон гуна ки дар саҳифаҳои баъд таъкид мекунем, мудирияти хатар ба маънии аз байн бурдани хатар нахоҳад буд.




**Назарияи эҳтимолот ва қонуни ададҳои бузург**



Дар мудирияти хатар ҳамвора таваҷҷуҳ мегардад, ки мизони *x* коҳиш ёбад ва мизони *y* афзоиш ёбад, то бо таваҷҷуҳ ба анвои иттилоот ва фарояндҳои мавҷуд дар нуқтае ба матлубият бирасанд. Нуқтаи матлубият бо таваҷҷуҳ ба сохторҳои мудирияти хатари кул аз шиносоии хатар, интиқоли хатар ва ғайра, ҳамчунин мизони тавони санъат дар ҳар кишваре мутафовит аст ва усулан дорои стандартҳои ҷаҳонӣ аст.

**Анвои хатар.** Хатари лоиҳа аз замоне, ки як лоиҳа тасвиб мешавад, омилҳо ё ба ибораи дигар, хатарҳои зиёде вуҷуд доранд, ки мумкин аст боис шаванд лоиҳа бо камбудии буҷа мувоҷеҳ шавад, ё ба таъхир омода шавад ва ё номуваффақ бошад. Ба унвони як мудири лоиҳа шумо ниёз доред, то ба сурати доим ба фикри хатароте бошед, ки мумкин аст лоиҳаро таҳдид кунад.

**Хатари эътиборӣ.** Ширкатҳо миқдорҳои зиёде аз эътибори худро ҳамвора ба хатар меандозанд ва ин эътибор ба роҳатӣ метавонад осеб бубинад.

Ба унвони як мудир шумо ниёз доред, ки хатарҳоеро, ки эътибори ширкати шуморо таҳдид мекунад ва мумкин аст ношӣ аз тасмимоти шумо бошанд, дар назар бигиред.

**Хатари муштарӣ.** Муштариҳо чи дохилӣ ва чи хориҷӣ дарвоқеъ хуни ҷорӣ дар рагҳои як созмон ҳастанд. Агар онҳо маҳсулот, хадамот ё иттилооти шуморо нахоҳанд, тиҷорати шумо ба поён расидааст. Бинобар ин, шумо ба муваффақияти муштарии худ вобастаед ва лозим аст аз хатарҳое, ки муштариён бо онҳо мувоҷеҳанд, огоҳ бошед. Ин ба он маънӣ аст, ки набояд фақат он чиро ки тақозо шудааст омода кунед, балки бояд фаъолона ба унвони соири равишҳои эҷод ва арзиш барои маҳсулот бошед.




**Хатари бозори маҳсул.** Хатари бозори маҳсул вобастагӣ дорад ба тасмимоти амалиётӣ ва стратегияи мудирон бар даромадҳо ва ҳазинаҳои ширкат асар мегузоранд.

**Стратегияи тиҷорӣ.** Бетаваҷҷуҳӣ ба ин навъ хатар боис мешавад, ки ширкат дар саҳнаи рақобат шикаст бихӯранд, ё маҳсулоте, ки мансух ва қадими шудааст, ироа бинамоянд. Намунаи он дар авроқи қарзӣ бо хатари поин буд, ки ҷойгузини вомҳои бонкӣ гардидааст. Ба ибораи дигар, бо роиҷ шудани авроқои тиҷорӣ он даста аз бонкҳо, ки ба ширкатҳои бузург вом медоданд, мувоҷеҳ бо зиёни коҳиши тақозои вом шудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ҳазинаи собити болое, ки доштанд, мувоҷеҳ бо зиёни ваҳшатнок дар даҳаи 1980 гардиданд.

Намунаи дигаре аз хатари стратегӣ замоне мушоҳида мешавад, ки бонк омода набошад дар навъи фаъолияти навпо бо арзаи маҳсули ҷадид рақобат кунад. Бонкҳое, ки ба истилоҳ «саҳархез» буданд ва тавонистанд бамавқеъ даст ба чунин иқдомоти ҷадид бизананд, аз мазоёи рақобатӣ баҳра бурданд. Ҳамин амр тавҷеҳкунандаи аҳамияти фазояндае аст, ки созмонҳои молӣ, дар саросари ҷаҳон барои барномарезиҳои стратегӣ қоил мешаванд.

**Хатари муқарарот.** Муассисаҳои молӣ дар ҷаҳони пур аз муқаррарот ба сар мебаранд. Бинобар ин, хатари муқаррарот миқдори бештар аз он аст, ки соири созмонҳо мутаҳаммил мегарданд. Бештари муассисаҳои молӣ бо гирифтани ҷавоз фаъолияти худро шурӯъ мекунанд. Ин ҷавоз (ҳуҷҷат) бо иҷозаи кор ҳамвора ду хатари умда дар бар доранд: имкон дорад ин ҷавоз тамдид нашавад, ки дар натиҷа сармоягузор маҷбур аст маблағҳои зиёде аз сармоягузориҳои худ (сохтмону таъсисот)-ро аз даст бидиҳад.

**Хатарҳои амалиётӣ.** Ин навъ хатар мавқее матраҳ мешавад, ки муассиса ба хубӣ амалиёти худро анҷом намедиҳад. Дар натиҷа муассиса бо зиён ва коҳиши арзиши дороиҳо мувоҷеҳ мегардад.

**Хатари маҳсулот.** Қимати маҳсулотҳо метавонад дар бонкҳо ва соири созмонҳои молӣ, ки дар заминаи додани вом фаъол ҳастанд, асар бигузоранд. Барои мисол, дар даҳаи 1970 қимтаи нефт афзоиш ёфт ва дар охири даҳаи 1980 коҳиш ёфт. Нахустин иқдом тавонист асароти манфӣ бар кулли системаи иқтисодӣ бигузорад.

**Хатари манобеи инсонӣ.** Шояд ҳеҷ хатаре ба андозаи хатари марбут ба сиёатҳои персоналӣ печида набошад. Ин сиёсатҳо иборатанд аз ҷазби нерӯи кор, омӯзиш додан, эҷоди ангеза дар онҳо ва ҳифзу нигоҳдории чунин афроде дар созмон. Хатари марбут ба арзиши дороиҳои молӣ як мавзӯи пазируфташуда аст. Вале хатари марбут ба арзиши дороиҳои ғайримолӣ, ки ба василаи нерӯи кор мушаххас мешавад, дорои ҷанбаи бисёр зарифе аз хатар мебошад.

**Хатари ҳуқуқ.** Ин хатаре аст, ки муҷиби салби ҳуқуқи моликияти саҳмодорон мешавад. Хатарҳои ҳуқуқӣ ба шаклҳои мухталифанд:

1.Аз байн рафтани мутолиботи созмони вомдиҳанда, ҳангоме ки бадеҳкорон муддаӣ мешаванд, ки варшикастагии онон ба он сабаби тааҳҳуди бонк буд.

2.Таҳти ҳимояи қонунӣ қарор гирифтани муассиса дар робита бо масъалаи зоеот ба сабаби тамаллуки амлоки вомгиранда.

3.Хисоротҳои ворида ба муштарӣ ба сабаби адами анҷоми вазифаи амонтадорӣ тавассути бонк.

**Хатари маҳсулот** як хатари умдаи дигар ҳам барои созмонҳои молӣ мебошад, зеро имкон дорад, ки маҳсулоти онҳо мансух ё қадимӣ шавад ё системаи механизми бонкӣ, ки афрод метавонад ба василаи дастгоҳҳо пулҳоеро дарёфт, ё пардохт кунанд, намунае аз ин хатар аст.

**Хатари бозори сармоя.** Бозори сармоя ва хатарҳои марбута, бар арзиши ҳамаи ширкатҳо асар мегузоранд. Бахусус дар мавриди созмонҳои молӣ ин асар бештар қобили ламс аст ва аҳамияти бештаре дорад, зеро маҳсулоти ин созмонҳо дар бозорҳои сармоя хариду фурӯш мешаванд. Бинобар ин, хатари нархи баҳра метавонад ба хатари тиҷорӣ табдил шавад, ки худ гунае аз хатари бозори сармоя аст.

**Хатари нархи баҳра.** Дар вазъи ғайриодӣ, навасоноти нархи баҳра метавонад буҳрони нақдинагӣ ба бор оварад. Вале мавзӯи хатари нархи баҳра миқдори густардатар ва пурдоманатар аз мавзӯи нақдинагӣ аст. Навасони қимати дороиҳои молӣ, ки ба сабаби тағйир дар нархи баҳра рӯй медиҳад, ба андозаи зиёд муҷиб мешавад, ки хатари савқшуда ба сурати бузургтарин омили таҳдидкунанда барои идомаи ҳаёти созмонҳои молӣ дарояд. Тағйир дар арзиши дороиҳо, ки ба далели навасоноти нархи баҳра ба вуҷуд меояд, тобеи мизон ё доманаи тағйири нархи баҳра ва саррасиди дороиҳои муассиса аст.

**Хатари нақдинагӣ.** Барои мутахассисони созмонҳои молӣ муҳимтарин хатари бозори сармоя марбут ба надоштани нақдинагии лозим ҷиҳати пардохти бамавқеи тааҳҳудот аст. Ошкортарин шакли ин хатар марбут ба нотавонии муассисаи молӣ дар пардохти вуҷӯҳи мавриди тақозо аст. Супурдагузорон пас аз мувоҷеҳа бо чунин вазъ эҳсоси ноумедӣ мекунанд.

**Хатари тасвияи ҳисоб.** Хатари тасвияи ҳисоб шакли хосе аз хатари нотавонии анҷоми тааҳҳудот аст, ки домангири созмонҳои рақиби бонк мешавад. Ҳар рӯз миллиардҳо доллар пул дар бонкҳои дохил ва байналмилал мубодила мешавад. Ин пулҳо барои пардохти бадеҳиҳое аст, ки аз тариқи нақлу интиқоли пул, паёпай кардани чек, бозпардохти вом ва мубодилаи пул дар системаи пулӣ байни бонкҳо аст.

